Для архитектуры этого периода характерна орнаментовка лотосом, тюльпаном, мимозой, солярными кругами солнца и луны.

Искусство резьбы по гачу (алебастр) относится к тем декоративным материалам, которые в течение тысячелетий применялись в художественном убранстве интерьера и экстерьера жилых домов, дворцовых, культовых и монументальных построек Средней Азии. Оформление дворцовых построек во многих городах Средней Азии свидетельствует о совершенстве владения техникой обработки гача местными художниками. Гач позволял мастерам создавать плоские и рельефные рисунки.

Замечательными представителями искусства резьбы по гачу являются гиссарцы братья Асадовы и Аловиддиновы. Ими украшены интерьер и экстерьер ряда современных архитектурных построек в городах Душанбе, Каратаг, Гиссар и ворота парка Рудаки, дворец Нации и другие.[13] С. Нуриддинов – резчик по гачу, являясь знатоком традиционного таджикского орнамента, в содружестве с художниками и архитекторами принял активное участие в убранстве интерьера чайханы «Фарогат», Центрального ботанического парка культуры и отдыха города Душанбе. В его резных ганчевых панно и резных клонах, консолях и фризах прослеживаются народные традиции архитектурно-декоративного искусства таджиков. Такие мастера имеются в Гиссаре, Каратаге, районе Рудаки, Душанбе, Вахдате и в ряде других районов республики.[14]

К другому виду таджикского декоративного и прикладного искусства относится резьба по камню. Природа щедро наградила таджиков разнообразными видами камня, пригодными как для строительных целей, так и для декоративных поделок. Резьба по камню во все времена была употребительна в творчестве таджикских художников.

Сочетание скульптуры с акантом встречалось в искусстве I-II веков н.э.[15] Две каменные капители кушанского времени обнаружены в кишлаке Навабад (район Шахринав, Гиссарская долина). В Кушанском царстве на территории нынешней Гиссарской долины резчики по камню прекрасно владели искусством художественной отделки колонн и капитолиев. Мотивами для украшений были акантовые листья, крылатые грифоны, угловые валюты, изображения мужчин и женщин.

От культуры кушанского периода (I в. до н.э.-IV в. н. э.) до нас дошло множество памятников искусства чеканки. В наше время в организованных артелях и на комбинатах чеканщики городов Душанбе и Турсунзаде продолжают славные традиции этого художественного промысла. В их орнаментации органично сочетаются традиционные и современные мотивы: серп и молот, коробочки хлопка, тюльпаны и т.д.

Таджики, особенно гиссарцы, издавна занимались производством хлопчатобумажных и шерстяных тканей. Это доказано археологическими раскопками в Теппаи Гозиён, недалеко от Гиссарской крепости.

Археологи обнаружили отпечатки ткани на кувшинах, найденных в могильниках, которым около 3 тыс. лет.[16]

Многочисленные находки говорят о высокоразвитом шелководстве. Внедрение шёлка в ткачество таджиков, по мнению ученых, произошло в IV-V веках и стало существенным моментом в торговой и экономической жизни края. Через главные города Согдианы и древний Шуман (Хисор) проходил знаменитый «Шелковый путь» из Китая в Иран.

Письменные источники IV-VI веков, дошедшие до нас, и памятники искусства подтверждают, что текстильное производство в Средней Азии занимало ведущее место среди других ремесел. К этому

времени определяются ценители текстильного ремесла со своими устойчивыми традициями, происходит разделение ткачей на специалистов по выделке отдельных видов тканей.

В Гиссарском шелковом производстве преобладали в основном бархат, шелк, парча и многие виды хлопчатобумажных тканей, карбос различного состава фута (фата), идущие на кушаки и чалмы, «чит» (мягкая ткань светлого тона с набивным рисунком) разных расцветок.

Шелковые изделия, особенно атлас, выпускаемые гиссарскими мастерами, покупались только для придворных эмира Бухары. Народные мастера по тканям владели искусством окрашивания. Всю цветовую гамму красок различных оттенков, обладающих большой гармоничностью, яркостью и прочностью, они получали из местных растений, а именно из их корней, листьев и стеблей. Среди таких красителей известны «руян» (марена), «испарак» (живокость желтая), «пусти анор» (гранатная корка), «тухмак» (бутоны цветов сафры японской), «гули хайри» (мальва) и т.д. Огромной популярностью пользовались суконные, хлопчатобумажные и шелковые ткани, производимые ткачами Гиссарской долины (в Гиссаре и Каратаге).

После установления Советской власти в Таджикистане текстильное производство сотрудничало главным образом, с артелями промысловой кооперации, производившими шелковые национальные и хлопчатобумажные ткани. Такая форма производства еще сохранялась кое-где вплоть до 60-х годов. Современное текстильное производство республики почти полностью переведено на фабричную основу. Ведущими предприятиями этого профиля в Гиссарской долине является Душанбинская шелкоткацкая фабрика №1 с филиалом в Шахринау, Душанбинский текстильный комбинат.

В старину ткани с амбровыми рисунками делали специальные мастера – абробанды, которые передавали свое искусство из поколения в поколение. В настоящее время абробанды обучают мастерству непосредственно на производстве.

Помимо широкого производства всевозможных тканей в республике получила развитие ковровоя промышленность. В Таджикистане налажено производство безворсовых ковров – паласов, имеющее давние традиции. Центром изготовления паласов является Каратаг, Гиссар и некоторые другие регионы республики.

Развивая национальные традиции, осваивая богатый опыт старинного профессионального мастерства, деятели искусства Таджикистана вместе с мастерами Гиссарской долины добились значительных успехов во всех сферах искусства.. Интерпретация современного исторического процесса совершенно необходима в период возрождения художественных традиций прошлого, бурных и духовных поисков, происходящих в нашем обществе. Значение искусства и культуры в целом следует рассматривать как серьёзный барьер рациональному мышлению, иссушающему душу, вторгшемуся в жизнь таджикского народа, в том числе в жизнь Гиссарской долины – центра республики.

Наш народ особенно молодое поколение на современном этапе нуждается в культурном воспитании. Огромный вклад в духовное воспитание народа могут внести различные виды искусства. Именно искусство формирует для каждого здравомыслящего человека основу для гуманистических деяний и постижения вечных идеалов.. В связи с чем молодежи республики и долины желательно побольше организовывать рабочие места и привлечь их в изготовление изделий прикладного искусства. От этого общество и государство получат большую экономическую выгоду.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** декоративно-прикладное искусство, Гиссарская долина, культурное воспитание, развитие декоративно-прикладного искусства в Гиссарской долине, мастера Гиссарской долины, духовное воспитание, виды искусства.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Ҳисори Шодмон. Душанбе. 1992. с. 8.
2. Ҳафтаномаи «Точикистон» 10 июня 1992.
3. Таърихи мухтасари Ҳисор. Душанбе, с. 21.
4. Девонакулов.А. Асрори номҳои кишвар. Душанбе. Ирфон. 1989,с. 18.
5. Древности Таджикистана. Душанбе, 1985, с. 7.
6. Собиров Ш. Асрори теппаҳои Ҳисори қадим, журнал «Фарҳанг ва ҳунар», № 1, 2008, с. 14-22.
7. Гафуров Б. История таджикского народа. 1949, с. 468.
8. Набиева Р., Зикриёев Ф. Таърихи халқи точик, Душанбе, 2001, с. 21.
9. Муродов М. Ёди айёме, Душанбе, 2004, с. 210.
10. Искандарова М. Ҳунарҳои халқии водии Ҳисор, Душанбе, 2005, с. 61.
11. Собиров Ш. Краткий исторический очерк Гиссара, 2006 г., с. 85.
12. Собиров Ш. Мусаввири мумтоз. Журнал «Фарҳанг ва Ҳунар» № 1. с. 2009. сах 34-36.
13. Набиева Р., Зикриеева Ф. Таърихи халқи точик, с. 89.
14. Пулотов Р. Родмардони Шаҳринав, Душанбе, 2005 г., с.8-11.
15. Мухторов А. Страницы истории Гиссара, 1969, с. 3.

## ИНКИШОФИ САНЪАТИ ОРОИШӢ-АМАЛӢ ДАР ВОДИИ ҲИСОР

Водии Ҳисор бо табиати бою рангини худ кишвари аз ҳама гулгулшукуфони осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф инкишофи санъати оороишӣ-амалӣ дар водии Ҳисор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

## ARTS AND CRAFTS DEVELOPMENT IN GISARSKY VALLEY

Gisarsky valley thanks to the wonderful nature in all временна was considered as the most blossoming edge in Central Asia. In given article the author investigates arts and crafts development in the Gisarsky valley.

# ЗИКРИ ЭРОН ДАР САФАРНОМАҲО

***Беҳрӯзи Тоҳириё***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

«Камтар кишваре (монанди Эрон) то ин андоза кам мусофир дошта, (ва) ин ҳама зиёд китоб ва осор роҷеъ ба он тасниф шудааст».[1] Аввалин сафарномае, ки перомуни Эрон навишта шуда, марбут ба Бенёмин Делодел[2] аст. Ӯ дар қарни XII–и мелодӣ ба Эрон омад ва аз яҳудиёни муқими Шуш дидан кард. Сипас, аз он ҷо ба Курдистон рафт ва пас аз роҳи Басра ба Адан мусофират менамояд.[3] Ҳамон тавр, ки қаблан тавзеҳ дода шуд, мусофирати илмии аврупоиён ба Эрон аз қарни XVIII-ум оғоз мешавад ва дар солҳои 1700-1701 як гиёҳшиноси фаронсавӣ бо номи Питон Дотернефер[4] аз тарафи муассисаи кишоварзии давлатии полис ба Эрон омад ва таҳқиқоте анҷом дод.[5]

Аз замоне, ки Эрон таваҷҷӯҳи сайёҳони хориҷиро ҷалб намуда, даҳҳо ҷилд китоб навишта шудааст, ки баъзе аз онҳо ба муносибати тасаллути зиёди нависанда ба навиштан ва иттилои ӯ ба ҷузъиёти зиндагии мардуми Эрон, арзиши хосе дорад.[6] Шордан мегӯяд: «Дар тамоми ҷаҳон кишваре монанди Эрон барои сайёҳат ва ҷаҳонгардӣ вуҷуд надорад. Хоҳ аз лиҳози иллати хатарот, аз лиҳози амнияти роҳҳо, ки мувозинати дақиқе дар ин маврид ба амал меояд ва хоҳ аз ҷиҳати камии махориҷ, ки маълум касрати теъдоди иморати умумии махсуси мусофирин дар сар то сари импературӣ дар сарзаминҳо ва биёбонҳост. Дар ин иморатҳо ба ройгон сукунат ихтиёр мекунанд. Ба илова, дар нуқоти душворгузар пулҳо ва ҷоддаҳои мусаттахе вуҷуд дорад, ки барои корвонҳо ва куллии касоне, ки барои касби нафъи худ дар ҳаракаташон таъбия шудааст».[7] Бархе аз мусофирони хориҷӣ, ки аз Эрон дидор карданд, нохудо, бозаргон ва ё ҳодисаҷӯёнеро ба кишвари мо кашонида буд. Ин ашхос барои сафарҳои аз ин даст ҳеҷ омодагии қаблӣ надоштанд ва ё омӯзиши махсусе надида буданд ва ба илова кунҷковии эшон низ бисёр андак буд. Онҳо ба умеди нафъи моддӣ ва ё касби шӯҳрат буда, ки рӯй ба ин роҳ мениҳоданд ва манзури аксари онон ҷустуҷӯи бозори фурӯши хуб ва тиҷорати пурфоида буд. Аммо чун тавaққуфи эшон дар бандарҳо кӯтоҳ буд, фурсати кофӣ надоштанд, ки ба мардуми бумӣ наздик шаванд ва аз зиндагӣ ва русуми эшон муталеъ гарданд. Ва ба далели ин ки забони маҳалро намедонистанд, аз ҷоҳинон, ки он ҳам аз дур ба чашми эшон мехӯрд, қазоват ва натиҷагирӣ мекарданд. Сафарномаҳои ин ашхос пур аз мулоҳизоти нодуруст ва натиҷагириҳои сатҳӣ аст. Аз сӯи дигар, қазоваташон таъсири куллӣ дошт ва ӯро аз дигарон мутамоиз мехонд.

Мавзӯи ахир иллати асосии вуҷуди матолиби зидду нақиз дар сафарномаҳои пеш аз қарни XVII мелодӣ мебошад. Илова бар инҳо, ба назар мерасад, ки дар бештари маворид нависанда ба ҳангоми шарҳи чигунагии оморҳои хеш аз мухотироти гуногун худро маҷбур ба ихтирои достонҳое медид, ки ба корҳои хайёлии ӯ ҷанбаи қаҳрамонии бештаре медод. Ба ин тартиб, дар осори нахустини мусофирони хориҷӣ, ки ба кишвари мо роҳ ёфтаанд, матолиби ғайривоқеӣ ва нодурусти мутааддид ёфт мешавад, ки бештар ба афсона шабеҳ аст.[8]

Гертру Дебел мегӯяд: «Дар фазои Эрон ҷодуи хосе аст, ки ба ҳамаи касоне, ки аз он дидор мекунанд шеър ва афсона илҳом мекунад ва тавзеҳи ин амр кори осоне нест. Зеро ки Эрон кишваре аст, ки имрӯз осори бисёр каме аз ҷалолу шукӯҳи гузаштаи худро ба хотири мусофир таҷассум кунад».[9] Аммо онон, ки баъдҳо, яъне дар қарни XVII-уми мелодӣ ва ба хусус, дар нимаи дуввуми он қарн ба Эрон мусофират карданд, барои ин кор омодагӣ доштанд ва парвариши лозимро ёфта буданд.

Онон аз арзиши мушоҳидот, мулоҳизот, баррасиҳо ва гувоҳиҳои худ комилан огоҳ буданд ва мехостанд, ки дар гузоришҳо то сарҳади имкон аз муболиға парҳез кунанд. Ҳадафашон бар хилофи гузаштагон саргарм сохтани хонанда набуд, балки интишори иттилоотӣ ба манзури боло бурдани сатҳи маълумоти мардумӣ буд, ки ташнаи донистани Шарқ буданд ва ба хотири ин буд, ки

ҷаҳонгардони хориҷии қарни XVII-уми мелодӣ кунҷковӣ нишон медоданд, то бидонанд зиндагии эрониён чи гуна мегузарад? Ҳамон гуна ки дар қарни XVII-уми мелодӣ ба пеш меравем, гузоришҳои ҷаҳонгардон комилтар ва пурарзиштар мешавад. Маълумоти дақиқе нест дар бораи шаклу шамоил, ороиши сар ва риш, тарзи ғизо хӯрдан ва ё либос пӯшидани эшон, ҳамроҳ ба тасвире, ки нависанда ба манзури таъйиди матолиби матн замима сохта аст, ба даст меояд.

Бо вуҷуди ин, ба хотири далоили фаровон, дар сафарномаҳои ин қарн низ мулоҳизоти зидду нақизи бисёр, ки нишондиҳандаи беиттилоӣ ва ё камдонишии нависандагон аст, дида мешавад. Илова бар инҳо, аксарашон забони кишвари моро намедонистанд ва бинобар ин аз ӯҳдаи дарки комили он чи шуниданд ё хондаанд бар намеомаданд. Муддати иқомати теъдоде аз онон кофӣ набуд, то маълумоти саҳеҳ ва дақиқе ба даст оваранд. Шароити дидор аз Эрон ҳам барои ҳама яксон набуд. Зеро дар давраҳои мухталиф вазъи кишвари мо тағйир меёфт. Масалан, касоне, ки Эронро дар авохири қарни XVII-уми мелодӣ ва аввоили қарни XVIII-уми мелодӣ дида буданд, табъан наметавонистанд нисбат ба беназмии ба вуҷудомада ба хотири заъфи шоҳ Султон Ҳусейн 1694-1722, охирин подшоҳи сафавӣ бетафовут бимонанд ва дар он маврид чизе наменависанд. Аз сӯи дигар, ҳар яке аз ин ҷаҳонгардон парвариши хос ёфта буданд ва назари шахсӣ ва муҳити рушди онон мӯҷиб мегардид, то ҳар чизро аз зовияи диди махсуси худ бубинанд ва танҳо аз чизҳое сӯҳбат кунанд, ки мавриди алоқаашон мебошад.

Бад-ин сабаб, ҷаҳонгарде, ки дар корҳои худ тавфиқ ёфта буд ва ё дасти тасодуф барои ӯ ҳаводиси хуше дар Эрон пеш оварда буд, нисбат ба Эрон ва эрониён назари муҳаббатомез меёфт ва дар саросари навиштаҳои худ мудом ба мадҳу ситоиши эшон мепардохт. Аз он ҷумла, бояд аз хонуме Гертру Дебел ва ё Се Перси Сойке ва Эдворд Браун ном бурд. Аммо ҷаҳонгарди дигаре, ки бар хилофи аввалӣ дар корҳое шикастхӯрда ва ё дар Эрон бо рафтори хуше, ки интизор дошт, бархӯрд накарда буд, дар китоби худ ба эрониён ҳамла мекард ва ба эшон носазо мегуфт,[10] ки аз он ҷумла, бояд аз Роберт Геронт Ватсон ва Губино ном бурд. Ҳар яке аз ин сайёҳон иттилооте дар мавриди Эрон доданд, ки барои мо бисёр муфид аст. Тановвӯи ин қабил иттилоот ба мо иҷоза медиҳад, ки онҳоро бо ҳам муқоиса кунем ва ҷойҳои торик аз гузаштаро равшан созад. Вале ба ҳар ҳол маҷмӯи навиштаҳои мусофирин дар Эрон яке аз ғанитарин ва дилпазиртарин навиштаҳои навъи худ мебошад. Дар китоби тамаддуни эронӣ ба нукоти қолиби дигаре бар мехӯрем, ки зикри он холӣ аз фоида нест. Муаллифи китоб мегӯяд: «Ахиран яке аз донишмандони ҷавони эронӣ, оқои Баҳромӣ[11] дар рисолаи худ роҷеъ ба равобити кишвараш (Эрон) бо Аврупои ғарбӣ дар замони сафавие аз худ суол кардааст, ки ба чӣ иллат аврупоиён ба шинохтани Эрон алоқа пайдо карданд?»

Ӯ худ ба ин пурсиш посух медиҳад, ки иллати муҳими ин амр вазъияти хос ва муҳими халиҷи Форс, ки дар дасти португалиҳо будааст, мебошад. Шоҳ Аббос (1578-1629) пас аз аҳди қарордодӣ бо инглисҳо онро аз дасти португалиҳо берун овард. Ва низ аҳамияти тиҷорати Эрон бо Ҳиндустон, аз як тараф ва бо Аврупо, аз тарафи дигар, хотирнишон мекунад. Вале дар ин сурат, фақат муаллифи ин рисола (оқои Баҳромӣ)[12] ҷанбаи моддии мавзӯъро дар назар гирифтааст, зеро Эрон дар қарни XI-и ҳиҷрӣ дар Аврупо ба сурати кишваре муаррифӣ шуда буд, ки на танҳо қаҳрамонони достони «Ҳазору як шаб» дар он маскан доштанд, балки иҷтимоии он кушодатар ва меҳмоннавозтар аз сойири мамолики Машриқзамин буд ва ба ҳамин иллат наздиктар аз мамолики дигар ба Аврупо ба ҳисоб меомад. Як англисии аҳди салтанати Елизобетта ва як фаронсавии ошно ба дарбори Версал ва як румӣ худро дар дарбори шоҳ Аббоси бузург ғариб ҳис намекарданд. Ба илова, дар замоне ки улуми дақиқ ҳанӯз ба ҳадди аксари пешрафти худ нарасида буд, як тарзи зиндагии муштарак байни Аврупо ва Машриқзамин вуҷуд дошт ва имкони эҷоди равобит ва мубодилот мавҷуд буд.

Ба ин тариқ, санъату ҳунари Аврупо дар санъату ҳунари Эрон таъсир кард. Ва ин омил ба дасти шарқиҳо анҷом гирифт, ки комилан метавонистанд онро бипсананд ва бо ҳунари худ мутобиқ кунанд.[13] Вале бояд гуфт, ки таъсири Шарқ аз Ғарб ва Ғарб аз Шарқ як мубодилаи дуҷониба будааст. Ба ҳамин хотир, ба таъсири Эрон дар Аврупо аз он чи дар бораи нуфузи Эрон дар Рум ва саҳми Эрон дар тамаддуни исломӣ ва сирояти он тамаддун ба Аврупо гуфта шуда, метавон то андозае пай бурд. Таъсири эрониён дар ақоиди мазҳабии Аврупо низ зиёд будааст. Ба таври хулоса лоақал то соли 1700 мелодӣ Ховарзамин барои Аврупо манбаи файз ва равобити фарҳангии Шарқ бо Ғарб, тақрибан ба таври комил яктарафа будааст (яъне аз Шарқ ба Ғарб). Оқои доктор Тақии Наср аз қавли Мурис Зеникин яке аз муҳаққиқони шарқшинос мегӯяд: «Таъсири Машриқ дар Мағриб бидуни шак то 1700 мелодӣ дар Машриқ будааст (баъд аз Искандар)».[14]

Омаду рафти мусофирон байни Аврупо ва Эрон дар авохири қуруни вусто ва дар давраи Руми шарқӣ сабаб шуд, ки ҳар ду ноҳия бештар бо якдигар ошно шаванд. Ҳамон тавр, ки чанд нафар аз аврупоиён ба дарбори сафавия омаданд, чанд нафар аз санъатгарони эронӣ низ дар

садаҳои XV-XVI-уми мелодӣ ба Италиё рафта ва дар шаҳри Вениз иқомат гузидаанд. Аз ҷумла, шахсе бо номи Маҳмудалкурдӣ аст. Ӯ бонии мактаби Эрони венетоӣ буд. Мактабе, ки дар ҳунармандони дигар нуфуз карда ва осори он аз «Венетсия ба ҷойҳои дигари Аврупо ҳатто ба Инглистон расида ва дар кори санъаткорон замони малика Елизобетта низ ба чашм мехӯрад. Пас аз он ки аврупоиён ба Халиҷи форс ба нимҷазираи Ҳиндустон расиданд, бештар таҳти таъсири фарҳангу ҳунари Эрон қарор гирифтанд. Масалан, дар Лисабон пойтахти Португалия ба осонӣ метавон таъсири меъмории Эрон дар дарҳо ва панҷараҳо ва кошиҳо ва гаҷбуриҳои ҷануби Эронро дид. Дар шаҳри Бразилия бар рӯи деворҳои мармари сафеди сарсараш бисёр бузурги Вазорати хориҷӣ сангтарошиҳое шуда, ки оғои доктор Тақии Наср нигорандаи китоби абадияти Эрон аз дидаи ховаршиносон яқин дорад, ки тарроҳи он аз радифҳои сарбозони кохи тахти Ҷамшед илҳом гирифтааст. Ва низ муаллиф аз қавми Орберӣ-яке дигар аз муҳаққиқон мегӯяд: «Осори завқ ва тарбият ва тамаддуни Эрон худ сазовори он буд, ки яксара ба дилҳои аҳли Аврупо роҳ ёбад, вале афсӯс, ки ба воситаи дилбастагии Мағрибзамин ба моддиёт чуз аз роҳи суд ва тиҷорат наметавон ба қалби мардуми фарҳангӣ роҳ ёфт».[15]

Ҳатто аз таъсири забон ва адабиёти форсӣ бар аврупоиён набояд ба содагӣ гузашт. Забони дарбории подшоҳони муғули Ҳиндустон форсӣ буд. Бинобар ин, коргузорони инглисӣ ҳам, ки дар компанияи Ҳинди шарқӣ хидмат мекарданд, сайъ доштанд, то забони форсиро биёмӯзанд ва дар натиҷа, ғайримустақим бо адабиёти Саъдию Хайём ошно шаванд.

Дар садаҳои XVII-XVIII-уми мелодӣ голандиҳо ва англисҳо ва фаронсавиҳо ва олмониҳо ва дигар мардуми бохтарзамин шуморае аз китобҳои худро тарҷума карданд.[16] Дар қарни XIX-ум тарҷума ва тафсири навиштаи эрониён ва алоқа ба ҷамъоварии осори ҳунарии Эрон дар Аврупо бештар ва нуфузи афкор ва адабиёти Эрон дар кори бисёре аз бузургони дониш ва ҳунари Аврупо қавитар шуд.[17] Ин корҳо ҷуз бо тавсияи иртиботи миллатҳо ва ҷомеаҳои мухталиф бо якдигар, ки намуди он дар сафарномаҳо мутаҷаллӣ аст, мумкин набуд ва ба роҳатӣ метавон аз миёни онҳо ин иртибот ва нуқоти муштаракро истинтоҷ намуда ва шинохти ҷавомеъро аз якдигар ба ҳадди камоли худ расонид. Ҳол бояд дид, ки мавонеи мавҷуд бар сари роҳи шинохти Эрон тавассути дигар миллатҳо ба истилоҳи сайёҳони қарни XVII-уми мелодӣ чи чизе метавонад бошад? Ба таври қатъ, муҳимтарин омиле, ки дар он аҳд монеи шинохти комили Эрон буда, ҳамон вазъ ва муҳимияти ҷуғрофиёи кишвари шаҳриёроти сафавӣ аст. Акнун дигар давроне, ки шоҳаншоҳи Эрон мустаъмироте дар Осиёи Сағир дошт, сипарӣ шудааст. Эрони қарни XVII-уми мелодӣ аз ҷаҳони ҳавзаи Бахри Миёназамин дур гардида ва дигар иртиботи мустақил бо он надорад. Эрон, ба иллати вуҷуди давлатҳои импературии усмонӣ ва мамолик, ки таҳти фармони арбоби мисрӣ мебошанд, аз ин ҳавза ҷудо шудааст. Ва ба-ин ҷиҳат хатти сайрҳои сафар ба Эрон тӯлонӣ ва мушкилоти ин сафар бисёр аст.[18] Дар садаҳои баъд ҳам муҳимияти ҷуғрофиёӣ, моҳияти истибдодии ҳукуматҳоро метавон адами шинохти Эронзамин донист. Бо ин ҳол, набояд тасаввур кард, ки ин мавонеъ боис шудааст, ки сайёҳон аз сафар ба Эрон мунсариф шаванд. Ин гуфтаро феҳристи номи касоне, ки аз солҳои 1600 то 1800 мелодӣ ба Эрон сафар кардаанд ва номашон дар китоби Лорд Крузон омадааст, барои мо ба хубӣ равшан месозад. Ба иборате, нигоҳе ба ассомӣ ва миллиятҳои мухталиф ва тааддуди сайёҳон аҳамияти Эронро назди бегонагон ба намоиш мегузорад.[19]

**КАЛИДВОЖАҲО:** сафарномаҳо, зикри Эрон дар сафарномаҳо, мушоҳидот, баррасиҳо, гувоҳиҳо, гузоришҳо, далоили фаровон, сайёҳон, ҷаҳонгардӣ, тааддуди сайёҳон.

## АДАБИЁТ


1. Ҷорҷ Нун Корзон. Эрон ва қазияи Эрон. Тарҷумаи Ваҳиди Мозандаронӣ. ҷ.2. Теҳрон: тарҷумаву нашри китоб, 1349 ҳиҷрии шамсӣ.
2. Benjamin Delude.
3. Жон Увен. Мусофирони аврупоӣ дар Эрон. Тарҷумаи Сайфулло Ваҳидниё. Шоҳномаи Ваҳид. Теҳрон: Урдубиҳишти 1343 – шамсӣ. Соли аввал шумораи 5. с. 293.
4. Pitton de Tounefort.
5. Ҷорҷ Нун Корзон. Пешин. с. 366.
6. Алексис Султиков. Мусофират ба Эрон. Тарҷумаи доктор Муҳсини Сабо. Теҳрон. Интишороти бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб. – 1336 ҳ.ш. с. 11.
7. Жон Шордан. Сайёҳатномаи Шордан. Тарҷумаи Муҳаммади Аббосӣ. ҷ.4. Теҳрон. Амиркабир, 1336 ҳ.ш. с.171.
8. Муҳаммад Қурурӣ. Ёде аз ҷаҳонгардоне ба номи хориҷӣ ва сафарномаҳои эшон то авоили қарни XVIII мелодӣ. Нашрияи донишкадаи адабиёти улуми инсонии Табрез. Соли 23-юми интишор, 1350 ш. чопхонаи шафақи Табрез. с. 317-318.
9. Гертру Дебел. Тасвирҳое аз Эрон. Тарҷумаи Бузургмеҳри Риёӣ. Теҳрон. Хоразмӣ, 1363 ш. с.6.

10. Муҳаммад Қурурӣ. Пешин. с.319-320.
11. Ба номи гуфтаи оғои доктор Исо Беҳном мутарҷими китоби Тамаддуни Эронӣ манзур ба доктор Хонбобо баёне будааст, ки тавассуби муаллиф иштибоҳан Баҳромӣ зикр шудааст. Тамаддуни эрон. с. 318.
12. Муаллиф унвони рисолаи оқои Баҳромӣ Хонбобо Баёниро зикр накардааст.
13. Чанд тан аз ховаршиносони фаронсавӣ. Тамаддуни Эронӣ. Тарҷумаи Исо Беҳном. Теҳрон. Интишороти тарҷума ва нашри китоб. – 1364 ҳ.ш. с.318-323.
14. Сейед Тағии Наср. Абадияти Эрон аз дидаи ховаршиносон. Теҳрон. Чопхонаи кайҳон. 1350 ҳ.ш., чопи дуввум. с. 412.
15. Ҳамон манбаъ. с. 413.
16. Р.К. Насруллоҳ Некбин. Мунтахабе аз зеботарин шоҳкориҳои назм ва наср аз адабиёти Олмон. Теҳрон. 1350., с. 431-434.
17. Р.К. Доктор Забеҳуллои Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон. Теҳрон: Амиркабир, 1369- с. 225-227.
18. Жон Шейбонӣ. Сафари Аврупоиён ба Эрон. Тарҷумаи Сейед Зиёуддини Даҳшерӣ. Теҳрон. Тарҷума ва нашри китоб., 1353, с. 19.
19. Ҷорҷ Нун Корзон. Эрон ва қазияи Эрон. с. 39-48.

**ИРАН В ИСТОЧНИКАХ О ПУТЕШЕСТВИЯХ**

Один из важных и ценных источников отображения истории - это дневники, пишет автор статьи. Если тщательно рассмотреть их, то можно черпнуть много хорошего и полезного о дорогах, обычаях и народах, которых можно встретить в пути.

**THE MOST FAMOUS AND IMPORTANT SOURCE FOR HISTORY ANALYZING ARE DIARYS**

These diarys are writed by travelers with different propouses and motivations. If we considerate then without malice, then get us good information about roads, custom and even mentality's nation. So we have decided to collect some database about them an help the experts to use then simplier.

# АХБОРИҲО ДАР ТАЪРИХИ ЭРОН

***Фарибо Саодатифар***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳаммад Амин Астарабадӣ аз уламои бузурги ахборӣ ва эҳёкунандаи он дар фиқҳи шиъа ба ҳисоб меояд, ки аз ҷиргаи муҷтаҳидон буд, аммо пас аз муддате бар зидди онҳо бархост. Вай китоби «Алфавоид алмадина»-ро навишт, ки ба шиддат мавриди таваҷҷӯҳи уламои имомия қарор гирифт.

Гироиши Ахборӣ дар баъзе шаҳрҳо ва марказҳои илмии Байнаннаҳрайн нуфуз пайдо кард ва фиқҳои зиёдеро ба худ ҷазб сохт ва аз даҳаҳои нахустини асри XII бар ҳамаи марокази илмии шиъа дар Ирон ва дар Ироқ ғалаба пайдо кард.

Дар фиқҳи мутаохири имомӣ гурӯҳе, ки ба пайравӣ аз ахборӣ ва аҳодис эътиқод доранд ва равишҳои иҷтиҳодӣ ва усули фиқҳро намепасанданд, бо унвони «Ахбориин» маъруфанд ва дар муқобили онҳо фиқҳои ҳаводори иҷтиҳод қарор мегиранд, ки ба унвони «Усулиин» шинохта мешаванд. Бидуни дар назар гирафтани унвонҳои «Ахборӣ» ва «Усулӣ» тақобули ин ду гуна нигариш ба фиқҳи имомӣ дар садаҳои аввалини исломӣ реша дорад.[1]

Дар китоби фарқ ва мазоҳиби каломӣ, дар ин бора чунин омадааст: «Дар ҷаҳони тасаннун равиши аҳли ҳадис ва ҳанобула пайрави аз завоҳири китоб ва суннат ва радди ҳар гуна баҳси ақлӣ ва тафаккур будааст. Ва ин равиш аз оғоз то кунун дар миёни онон пайравоне доштааст ва дар ҷаҳони ташаюъ низ иддае ба номи «Ахбория» ё «Ахборион» падид омаданд, ки равиши ҳаммонанди онҳо доранд».[2]

Корбурди истилоҳи Ахборӣ барои пайравони мутуни равоёт ва ахбор нахустин бор дар нимаи нахусти садаи VI қамарӣ (асри XII милодӣ) дар милале ва наҳли шаҳристоне ба чашм меояд ва ба дунболи он дар китоби «Нағз» Абдулҷалили Қазвини Розӣ Имомат садаи VI қамарӣ ду истилоҳи Ахборӣ ва усулӣ дар баробари якдигар қарор гирифтаанд.[3] Бархе мӯътақиданд, ки Ибн Аби Ҷумҳури Аҳсоӣ ҳамасри муҳаққиқ Куркӣ (м. 940) аввалин касе аст, ки базри ахборигариро афшондааст, зеро ӯ дар таълифоти худ аз ҷумла, «Аволи Алоили» ин роҳ ва равишро баргузидааст.[4]

Мактаби фиқҳони аҳли ҳадис, ки дар авохири садаи 4 ва нахусти садои 5 ҳ.қ. бо кӯшиши фиқҳони усулгаро заиф гардид, вуҷуди маҳдуди худро дар маҷомеъи фиқҳи имомия ҳифз намуд, то он ки дар авоили садаи 11 қ. (17 милодӣ), бори дигар ба василаи Муҳаммад Амини Астарободӣ дар

қолибе нав матраҳ шуд ва лабаи тези ҳамалоти худро мутаваҷеҳи пайравони гироиши ғолиб дар фиқҳи имоми яне ҷинохи усулгароён сохт.[5]

Бо таваҷҷӯҳ ба пешинаи таърихии ахборгарӣ, дар воқеъ равоҷ ва итлоқи унвони Ахборӣ бар гурӯҳе хос ва истилоҳи мушаххаси имрӯзӣ аз садаи 11 қ. ва бо зуҳури пешвои ҳаракати навини Ахборӣ, яъне Муҳаммад Амини Астарободӣ оғоз шудааст. Дар бораи вай ба унвони муассиси мактаби Ахборӣ дар миёни шиаёни мутаохир гуфтаанд, ки ӯ нахустин касе буд, ки боби маътан бар муҷтаҳиддонро кушуд ва имомияро ба ду бахши Ахбориён ва муҷтаҳиддон (усулиён) мунқасим гардонид.[6]

Дар ин мақола саъй карда шудааст, ки ҳар чанд ба таври иҷмолӣ, ба нақши Астарободӣ дар зуҳури муҷаддади ахборигарӣ пардохта шавад.

**Астарободӣ ва зуҳури муҷаддади ахборигарӣ:** Муҳаммад Аминӣ фарзанди Муҳаммад Шариф, фақиҳ ва муҳаддиси шиа ва аз уламои бузурги мактаби Ахборӣ ва муҷаддади он дар фиқҳи шиъа аст. Вай дар ҷавони ба Атаббот рафт ва дар хидмати устодони бузурги шиа аз ҷумла, Мирзо Муҳаммад ибни Алӣ шогирдӣ кард ва аз Ҳасан ибни Зайнуддин (вафоташ 1011 қ.) соҳиби маолим ва Муҳаммад ибни Алӣ Мусо (мутавафии 1009 қ.) соҳиби мадорик иҷозаи иштиҳод гирифт. (Доиратулмуорифи ташайёъ, дар зери вожаи Астарободӣ) ва дар авохири умр муҷовири Макка ва Мадина буд ва саранҷом дар Макка даргузашт.

Астарободӣ (мутавафии 1033 ё 1036 қ.), ки аз ҷургаи муҷтаҳидон буд, аммо муддате нагузашт, ки бар зидди онҳо бархост ва ба шиддат бар усули фақиҳ ва фақиҳиён тохт ва ҳаҷаияти ақлро дар истинботи аҳкоми ақлӣ инкор кард. Бархе иллати ин амрро дар таъсиргузории устоди вай – Мирзо Муҳаммад Астарободӣ медонанд. (ҳамон; Собирӣ: Таърихи фарқи исломӣ, ҷилди 2, с. 209).

Алломаи марҳум сайид Муҳаммад Боқир Хонсорӣ дар заминаи Ахборӣ шудани Муҳаммад Амини Астарободӣ чунин баён мекунад:

«Навбат ба аъламулуламо Мирзо Муҳаммади Астарободӣ расид. Пас аз он ки улуми мутаориф ва аҳодисро ба ман таълим дод, иҳёи роҳ ва равиш ва шиваи ахборигари ро ба ман тавсия кард… Солҳо дар Мадинаи Мунаввара дар ин замина ба фикр ва андеша фуру рафтам ва ба даргоҳи Худо тазаррӯъ ва зорӣ кардам, то он ки тавсияи лозимулитоаро имтисол намуда ва китоби «Алфавоид алмадина»-ро таълиф кардам. Баъд аз такмил, онро ҷаҳти мутолиаи шарифи эшон ба ҳузураш мушарраф сохтам ва мӯаззамуллаҳ маро тасҳин намуд». («Равзат алҷаноф фи аҳвол альуламо ва алсодот», ҷилди аввал, с. 197).

Дар ҳар ҳол Астарободӣ иҷтиҳодро бидъат дар дин медонист ва мегуфт, ки иддиои иштиҳод мухолифи шаръ аст ва касе ҳақ надорад дар шариате, ки аз пайғамбар (с) ва аиммаи атҳор баҷо монда, ақидае изҳор кунад ва ягона дастури мардум ахбори аст, ки ба онҳо расидааст. Вай ҳамаи мардумро муқаллиди маъсумин (а) медонист ва тақлиди мардум аз мардумро раво намедонист. (Доират улмаорифи ташайюъ: дар зери вожаи Астарободӣ)

Ҳамон гуна, ки баён шуд, Астарободӣ китоби «Алфавоид алмадина филрад алалқоил боло иҷтиҳод ва алтақлид фи алаҳком алилоҳия» ро дар Мадинаи мунаввара таълиф кард. Дар он замон ҳарамин шоҳиди эҳёи мактаби нақлӣ ва ашъаригарӣ буд. Аз ин рӯ, нигориши «Фавоид алмадина» дар шаҳри Мадинаи мунаввара мубайини таъсирпазирии вай аз ҷави илмии мактаби нақлгирост. Ин китоб, ки таълифи он дар соли 1031 қ. ба поён расидааст, муҳимтарин ва ҷомеътарин, ва дар Айни ҳол, мустадилтарин китоби ахбори аст. (р.ш. ба Ол Сайид Қафур: ҷойгоҳи сиёсии олами динӣ дар ду мактаби Ахборӣ ва Усулӣ, с. 63).

Алломаи Бӯҳронӣ, ки аз бузургони мӯътадили мактаби Ахборӣ дар фиқҳи имомия шинохта мешавад, дар китоби «Ҳадоиқ алнозира» бо лаҳне тунди Астарободӣ дар китоби «Фавоид алмадина» нисбат ба муҷтаҳидин навиштааст:

«Муҳаммад Амин Астарободӣ нахустин касе аст, ки ахборигариро ба унвони як мазҳаб матраҳ кардааст ва миёни суфуфи уламои ислом ҷудоӣ афканд ва тундравиҳо оғоз нашуд, магар аз ҷониби соҳиби «Фавоид алмадина», зеро, ки ӯ тундравӣ карда ва нисбат ба касоне, ки шеваи ӯро намепасанданд, тассуб варзида, таассубе, ки аз шахсе чун ӯ сазовор набуд (ҳамон, с. 64, ба нақл аз Бӯҳронӣ: «Ҳадоиқ алназзора», с.21)

Ба ҳар ҳол, китоби «Фавоид алмадина» мавриди таваҷҷӯҳи уламои имомия қарор гирифт ва гироиши Ахбори ру ба афзоиш наҳода аз даҳаи чоруми асри ёздаҳум дар чанд шаҳр ва марокизи илмии Байнаннаҳрайн нуфуз кард ва ба суръат фиқҳои бисёре аз он байъат карданд.

Дар Эрон низ аз миёнаи қарни ёздаҳум, ҳаводороне ёфт шуд ва бисёре аз фиқҳо дар шаҳрҳои мухталиф аз он ҷонибдорӣ карданд. Зайнобидин Алӣ ибни Сулаймон бин Дарвеш бин Ҳотам Қадамии Бӯҳронӣ (мутавафии 1064 қ.) ин гироишро аз Эрон ба Баҳрайн бурд. Дар он давраи кор ин гироиши ҳанӯз ба ифрот нарасида буд. Ва бо ин ҳама даргирӣ миёни Ахбориён ва Усулиён аз авохири ҳамин қарн падидор гардид. Ахборигарӣ аз даҳаҳои нахусти қарни 12 бар ҳамаи марокизи

илмии шиа дар Эрон ва Ироқ ғалаба пайдо кард. (мударриси Таботабоӣ: Замин дар фиқҳи исломӣ, ч. 1, с. 70).

Аз замони вуруди китоби «Фавоид алмадина» ба Ҳинд (Дакан) тавассути уламои Ахборӣ ва кашмакаши байни Ахбориюн ва Усулиюн ва тафаввуқи Усулиюн дар Ҳинд низ иттилооте дар даст ҳаст. (Разавӣ: Кашмакаши Ахбориюн ва Усулиюн дар Ҳинд ва Покистон, пирӯзии Усулиюн ва нуфузи шайхулаъзами Ансорӣ, с. 24).

**Муҳимтарин осори Астарободӣ:**

1. «Фавоид алмадина» ба забони арабӣ дар радди мунтақидон ба иштиҳод ва тақлид дар аҳкоми илоҳӣ бар як муқаддама ва 10 фасл ва як хотима.
2. «Донишномаи шоҳӣ» ба забони форсӣ дар масоили мутафаррика аз илми калом ва... дар чил фоидае, ки Астарободӣ дар Макка навишт.
3. «Рассола фи таҳҳора алхумр ва наҷосатуҳо»: ба забони арабӣ дар Макка навишта ва ба номи шоҳ Сафии Сафавӣ кардааст.
4. «Шарҳ алистибсор».
5. «Рассола фи албадоъ», (Доират улмаорифи ташайюъ: дар зери вожаи Астарободӣ).
6. «Шарҳи усули кофӣ».
7. «Шарҳи раҳзиби алаҳком».
8. «Фавоиди дақоиқ алулум ва ҳақоиқҳо - ҳошия ала шарҳ улмадорик». (Ҷанотӣ: адвори иҷтиҳод аз дидгоҳи мазоҳиби исломӣ, с.371).

Ҳамон тавр, ки баррасӣ шуд, андешаи мактаби Қум ва Рай (Ахбории қадим) бо густариш ва фаъолияти рӯзафзуни мактаби ақлонии Бақдод дар қарни 3 ва 4 рӯ ба хомӯшӣ гароид. Мактаби Қум ба парчамдории фиқҳои номдоре чун Калинӣ ва Шайхи Судуқ бо сабқа ва равиши нақлгироӣ ва тақаддуми нақл бар ақл дар муқобили мактаби Бағдод бо раҳбарии Шайхи Муфед бо равиши ва меҳварияти «Ақл» қабули шикаст кард, аммо ин қабули шикаст ҳаргиз ба маънои холӣ гузоштани майдон ба сурати комил ва мутлақ ба нуфузи рақиб набуд. Мактаби дар инзивои Ахборигарӣ пас аз солҳо интизор, саранҷоми худро дар қарни 11 ҳиҷри боз ёфта ва пас аз созмондеҳӣ ба мубориза бо мактаби Ақлӣ пардохт.

Ҳар чанд Астарободӣ раҳбарӣ ва зиомати мактаби Ахборӣ дар қарни 11-ро ба ӯҳда гирифт ва онро ба сурати ҷиллӣ матраҳ кард, аммо ба эътиқоди Мударриси Таботабоӣ заминаи густариши тафаккури Ахборигарӣ пас аз як қарн ба тадриҷ оғоз шуд.

Вай дар ин замина менависад: «Заминаи густариши ин тафаккур аз як қарн пештар ба тадриҷ оғоз шуда буд. Шогирди шаҳиди дуввум Ҳасан ибни Абдулсамад Омилӣ рисолае нигошт, ки дар он иддао шуда буд, иҷтиҳод танҳо роҳи кашфи аҳком нест. Пас аз ӯ Абд алнабӣ ибни Саъди Ҷазоирӣ дар китоби худ ба номи «алиқтисод фи шарҳ алиршод» равиши мактаби усул ро мавриди интиқод қарор дод. Муқаддасии Ардабилӣ дар мавориде, ки назариёти фиқҳои пешин бо ривоёт мухолифат дошт, дар радди назари онон тардид намекард. Сайид Муҳаммади Омилии Соҳиби Мадорик низ аз ҳамин равиш пайравӣ кард. Ҳасан ибни Зайниддини Омилии Соҳиби Маъолим низ бо таълифоте монанди «Мунтақи алҷамон ва таҳрири товусӣ» ба ин эҳё кӯмак кард. Дар ҳамин замон китобҳои бисёре дар илми ҳадис ва улуми вобаста ба он навишта шуд. Мавзӯоте аз қабили ҳаҷҷияти хабари воҳид дар усули мавриди баҳс воқеъ шуд ва мубориза бо мантиқ ва фалсафа ва куллан таҳлилҳои ақлӣ, ки бисёре аз масоил ба он вобаста буд, шиддат гирифт». (Гурҷӣ, Абулқосим: таърихи фиқҳ ва фиқҳо, с. 245, ба нақл аз Ҳусейни Мударриси Таботабоӣ: Муқаддимае бар фиқҳи шиъа. с. 57).

**Иллати зуҳури муҷаддати Ахборигарӣ:** Ҷаннатӣ дар китоби худ чунин овардааст: «мактаби ҳисгароӣ ё фалсафа ба василаи Ҷон Лак (1704 м.) ва Дейвид Ҳиюм (1776 м.) дар маҳофили фалсафии Европа роҳ ёфт ва сабаб шуд, ки гуруҳе аз донишмандон ва фалосифа ҳаҷҷият ва иътибори ақлро дар масоили илмии афкор инкор кунанд ва таҷрубаро танҳо роҳи қобили эътимод барои кашф ва ҳалли масоили илмӣ ва воқеиятҳои ҳастӣ бишносанд. Бонии мактаби Ахборигарӣ ... Аллома Мирзо Амини Астарободӣ ...бо Фернисес Бикан (мутавафии 1626), ки донишмандон ӯро заминасози фалсафаи ҳиссии Европа меноманд, ҳамаср будааст.

Ба ақидаи бархе аз бузургон, пайдоиши Ахборигарӣ дар олами ислом бозтоб ва инъикосе аз пайдоиши фалсафаи ҳиссӣ дар Европа будааст. Зеро бозгашт ва мунтаҳои ҳар ду мактаб – Ахборигарӣ ва фалсафаи ҳиссӣ - дар як чиз аст ва он мулҳо кардан ва ботил шинохтани ҳамаи аҳкоми ақлӣ ғайри мустанад ба ҳис аст ва низ натиҷае, ки аз ин ду мактаб ҳосил шуд, наздик ба ҳам аст, зеро ҳаракати Астарободӣ алайҳи дарёфтҳои ақлӣ ва шинохтҳое, ки ҳис ва таҷруба наметавонад онҳоро собит кунад, сабаб гардид. Ӯ дар ниҳоят адалаи ақлии тавҳид ва исботи сонеъро беэътибор шуморад ва мунокиша ва муориза бо он адала бипардозад» (адвори иҷтиҳод аз

…,с.308 ва 309; Теҳронӣ, Шайх оғо Бузург): иҷтиҳод ва мазоҳиби исломӣ, тарҷумаи Маҳмуд Ифтихорзода, с.78).

Дар ҳамин робита, шаҳид Мутаҳҳарӣ менависад: дар соли 1322 дар назди Оятулло Бруҷерди. Сухан аз ҳамин фикри Ахбориин шуд. Эшон дар зимни интиқоди ин фикр, фармуданд: «пайдоиши ин фикр дар миёни Ахбориин асари мавҷи фалсафаи ҳиссӣ буд, ки аз Европа пайдо шуд (даҳ гуфтор, с. 85)

Аммо Ҷаннатӣ дар ҷои дигар назари воқеии худро ба гунае дигар матраҳ мекунад:

«Омили аслии пайдоиши Ахборигарӣ ва ҳаракати зиддиақлӣ, ифротгариҳои ақлгароён (мӯътазала ва пайравони онон) ва зидди он, яъне ашоара ва ҷангҳои бидуни ҳисоби миёни онҳо будааст. Ба таъбири дигар, ахборигарӣ бозтоб ва аксуламали ақлгароии хушк ва безобатаи мӯътазала ва зидди ақли ашоира ва иллати дигар тадвини беш аз андозаи Мулло Муҳаммад Амини Астарободӣ будааст, ки гумон мекард тарафдории зиёди пайравони мӯътазала аз ақл боиси канор гузоштани аносири хосса (аҳодис) шинохти аҳкоми шаръии воқиеа мешавад, ҳол он ки чунин набудааст, пас ба назари мо фалсафаи ҳиссӣ ва таҷруби Европа, ки дар улум, ҳаҷҷияти ақлро мункир шуд, ҳеҷ гуна нақше дар падидор шудани Ахборигарӣ надоштааст» (адвори иҷтиҳод аз …,с.309).

Баъзеҳо мӯътақиданд, аз ҷумла, умуре, ки заминасози равоҷ ва густариши мактаби Ахборӣ дар Эрон шуд, ҳимояти сиёсии ҳуккамиСафавӣ, бо таваҷҷӯҳ ба аҳдофи идеологӣ ва сиёсӣ аз Ахбориён буд. Нависандаи мақолаи «Ахбория» дар «Доиратулмуорифи ташайюъ» дар ин бора мӯътақид аст: «дар ду асри 11 ва 12 ҳиҷрӣ, ки давлати мустақили Сафавӣ, ғолибан илова бар Эрон бар қисматҳои умдае аз Афғонистон ва Санад ва Балуҷистон ва Ироқ ва Осиёи Миёна низ тасаллут дошт, ҳифзи мақоми замондорӣ ва истиқлоли кишвар эҷоб мекард, ки шииён ҳисоби худро комилан аз сунниён ҷудо кунанд ва аз омма ҷудоӣ ҷӯянд ва мазҳаби Усноашари монанди кишвари шиа ҳувият ва истиқлоли худро ҳифз кунад, ба хусус, ки ҷангҳои Эрон ва Усмонӣ ҷараён дошт ва ирониён барои ҳифзи ваҳдати миллӣ ва шӯру ҳамосаҳои ақидатӣ ба «идеология» ва ҳадаф ниёз доштанд ва ин ҳадафро чизе беҳтар аз муҳаббати Алӣ ва авлоди ӯ ва итоати маҳз аз «каломи маъсум», ки ба василаи уламои дин иблоқ ва тафсир мешавад, таъмин намекард ва фидокорӣ дар роҳи раҳбар ва муршиди комил, ки шоҳи Сафавӣ буд, ба ҷуз аз ин тариқа таъмин намегардид. Аз ин рӯ, табъан мушриби Ахборӣ бар мушриби Усулӣ ғалаба кард ва уламои бузурги он давра ба маслаки Ахборӣ иқбол намуданд». («Доиратулмуорифи ташайюъ»: дар зери вожаи Ахбория).

Шаҳид Мутаҳҳарӣ дар ин хусус таваҷҷӯҳи қишри азиме аз мардум ба тарзи фикри Ахборӣ, чунин баён мекунад:

Як чизе, ки боиси рушд ва нуфузи фикри Ахборӣ дар миёни мардуми авом мешавад, он ҷанбаи ҳақ ба ҷониби оммаписанд аст, ки дорад, зеро сурати ҳарф ин аст, ки мегӯянд: «мо аз худамон ҳарфе надорем, аҳли таъаббуд ва таслим ҳастем, **мо ба ҷуз қол ал Боқир (а) ва қол ал Содиқ (а), сухане надорем. Аз худамон ҳарф намезанем, ҳарфи маъсум ро мегуем»** (Даҳ гуфтор, с. 87).

Муҳимтарин осоре, ки дар ин даврон дар партави мушарраби Ахборӣ падид омад, иборат аст аз: Баҳор алнавор таълифи Аллома шайх Муҳаммад Боқири Омели (мутавафии 1110 ҳ. қ.); китоби Васоил алшиъа, асари шайх Муҳаммад ибни Хасан Ҳурри Омели (мутавафии 1104 ҳ. қ.); китоби Вофи таълифи Мавло Муҳсини Файхи Кошонӣ (мутивафии 1091ҳ. қ.) ва Тафсир албурҳон таълифи Сайид Ҳошими Буҳронӣ (мутавафии 1107 ҳ. қ.). (Ҷаннати: Адвор ва иҷтиҳод аз … с. 350 ва 351).

Пас аз ин гурӯҳ, афроди дигаре, ки ба гурӯҳи Ахборигарӣ пайваста ва боби иҷтиҳод ва тақлидро масдуд карданд, ба Шайх Абдулло ибни Солиҳи Само Ҳоҷии Бӯҳронӣ (мутавафии 1135 ҳ. қ.) ва Мирзо Муҳаммади Ахборӣ (мутавафии 1233 ҳ. қ.) метавон ишора кард.

Дар миёни касоне, ки шеваи Муҳаммад Амини Астарободиро писандиданд, ва ба Ахборигарӣ гироиш пайдо карданд, Фақеҳони бузургеро метавон ёфт, ки дар айни эътиқод доштан ба мактаби Ахборӣ, дар раъй - эътидол ва миёнарав буданд ва аз шиддати лаҳн ва ситезаҷӯии Ахбориёни тундрав парҳез мекарданд, ки аз ҷумла, Шайх Юсуфи Бӯҳронӣ (мутавафии 1168 ҳ. қ., 1772 м.) шоистаи зикр аст. Ӯ ба сабаби таълифи китоби «Алҳадоиқ алназора» ба Соҳиби ҳадоиқ шӯҳрат ёфт.

Аз дигар Ахбориёни миёнарав Сайид Неъматулло Ҷазоири Шуштарӣ (мутавафии 1112 ҳ. қ., 1700 м.); Мулло Муҳсини Файхи Кошонӣ (мутавафии 1091 ҳ. қ., 1680 м.); Муҳаммад Тақи Маҷлисӣ (мутавафии 1070 ҳ. қ., 1660 м.); Мулло Халил ибни Ғозии Қазвинӣ (мутавафии 1089 ҳ. қ., 1678 м.); Муҳаммад Тоҳири Қумӣ (мутивафии 1097 ҳ. қ., 1678 м.); Шайх Ҳурри Омелӣ (мутивафии 1104 ҳ. қ., 1693 м.) ро метавон ном бурд (р.ш. ба Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, зери вожаи Ахбориён).

**КАЛИДВОЖАҲО:** Астарободӣ, ахборӣ, Фавоид алмадина, бӯҳронӣ, ашоира, мӯътазила, гурӯҳи ахборигарӣ, фақеҳон.

## АДАБИЁТ

1. Мусавӣ Буручирди, Сайид Козим: Доират алмаорифи бузурги исломи, Муассисаи фарҳангии интишороти Ҳаён, чопи аввал, соли 1375ҳ.
2. Раббони Гулпойгани, Али: Фарқ ва мазоҳиби каломи, нашри дафтари таҳқиқот ва тадвини кутуби дарси, чопи аввал, 1377, с. 142
3. Қазвинӣ рози, Абдуҷаоил, Алнағз бо муқаддима ва … тасҳеҳи Сайид Ҷаводи Ҳусейни Армави маъруф ба Муҳаддис 1331 ҳ. ш. с. 265 ва с. 301 ва р. ш. ба Доират ул муорифи бузурги исломи,ҷилди 7 зери вожаи Ахбориён.
4. Ҷанотӣ, муҳаммад иброҳим: Адвори иҷтиҳод аз дидгоҳи мазоҳиби исломи, созмони нашриёти бузурги Кайҳон, чопи аввал 1372, с. 371.
5. Доират ул муорифи бузурги исломи,ҷилди 7 зери вожаи Ахбориён.
6. Р. ш. ба Машкур, Моҳаммад ҷавод: Фарҳанги фарқи исломи – Бунёди пажуҳишҳои исломии Остони Қудси Разави, чопи 3, 1375, с. 40, зери вожаи Ахбория.
7. Ол Сайид Ғафур. Ҷойгоҳи сиёсии олами динӣ дар ду мактаби Ахборӣ ва Усулӣ, дафтари таълиқоти исломӣ. 1384.
8. Теҳронӣ Муҳаммад Муҳсин (Шайх Оғо Бузург). Иҷтиҳод ва мазоҳиби исломӣ. –Теҳрон: Созмони нашри Ҳур, Қум, Би то, 1376.
9. Ҷаннатӣ Муҳаммад Иброҳим. Адвори иҷтиҳод аз дидгоҳи мазоҳиби исломӣ. Созмони нашриёти бузурги Кайҳон, чопи аввал 1372.
10. Хонсорӣ Исфаҳонӣ Муҳаммад Боқир. Равзатулҷаноф фи аҳвол алуламо ваалсодот. Теҳрон: Китобфурушии исломӣ, 1377.
11. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, зери назари Сайид Козим Мусавӣ Буручирди, Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ. Теҳрон, 1377.
12. Доират ул маорифи ташайюъ: Зери назари Аҳмад Садр Хоҷ Сайид ҷаводи ва … нашри Шаҳид Саиди Муҳибби. чопи 3, Теҳрон, 1375.
13. Раббонӣ Гулпойганӣ Алӣ. Фарқ ва мазоҳиби каломи, нашри дафтари таҳқиқот ва тадвини кутуби дарсӣ. Чопи аввал, 1377.
14. Разавӣ Аббос. Кашмакаши ахбориюн ва усулиюн дар Ҳинд ва Покистон, пирузии Усулиюн ва нуфузи шайхулаъзами Ансорӣ. Ношир дабирхонаи конгресси бузургдошти 200 солигии солгарди милоди Шайх Ансорӣ, муассисаи Алҳоди Қум, чопи аввал, 1373.
15. Собири Ҳусуйн.Таърихи фарқи исломӣ ҷилди 2 Созмони мутолиъа ва тадвини кутуби улуми ирсонии донишгоҳҳо, чопи аввал 1383.
16. Қазвинӣ Розӣ Абдуҷалил. Алнағз (бо муқаддима ва … тасҳеҳи Сайид Ҷаводи Ҳусейни Армави маъруф ба Муҳаддис). 1383.
17. Гурҷи Абулқосим. Таърихи фиқҳ ва фиқҳҳо, интишороти Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми ирфонии донишгоҳҳо, (Симат) чопи саввум 1379.
18. Мударриси Таботабоӣ. Замин дар фиқҳи исломӣ. Дафтари нашри фарҳнги исломи, 1362.
19. Машкур Моҳаммад Ҷавод. Фарҳанги фарқи исломӣ. Бунёди пажӯҳишҳои исломии Остони Қудси Разавӣ, чопи 3, 1375.
20. Шаҳид Мутаххарӣ. Даҳ гуфтор, интишороти Садро, Қум, Бито, 1376.



### АХБАРИ В ИСТОРИИ ИРАНА

Автор статьи пишет, что Мухаммад Амин Астарабади считается основателем и выдающимся ученым науки о фикхе шиитов. Он также являлся лидером нового течения «Ахбори» и автором книги “Алфавоид алмадина”, который резко обсуждался со стороны духовенства того времени.



### AKHBARIDS IN HISTORY OF IRAN

The author of the article has written that Muhammad Amin Astarabadi is considered by founder and giving scientist in fiche Shiites. He has written the book "Alfavoid almadina" which was sharply discussed on the part of imamates.


## МАҚОМ ВА НАҚШИ ОСОРХОНАҲО ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИЮ БАШАРДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН


*С.Қ. Тағоев*

**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**


Дар шароити имрӯзаи пешравӣ таъсири технологияи информатсионӣ, ки боиси ҷаҳонишавии масъалаҳои муосири тамаддун мегардад, суолеро ба миён меорад, ки инсони давраи муосир бояд дорои фикррониии глобалӣ бо таълимоти босифату васеъ буда, омодаи қабули плюрализми маданӣ ва арзишҳои умумибашарӣ низ бошад. Бешубҳа, дар ин ҷода баланд

бардоштани таълиму тарбия ва ҳисси масъулиятшиносии насли наврас нақши омӯзиши таърихи пурғановату рангини ниёгон, бархӯрдорӣ аз таърихи халқияту миллатҳои гуногун ва умуман тамаддуни умумибашарӣ бағоят бузург аст. Аз ин рӯ, осорхонаҳо низ дар тарбияи насли наврас ва умуман шаҳрвандони ҷомеа нақши калон мебозанд. Дар ин бора бе ягон дудилагӣ ва бо боварии том гуфтан мумкин, ки барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, бедор намудани шавқу рағбат ба омӯзиши таърих ва муносибати таҳаммулпазирию ҳамгироӣ бо халқу миллатҳои гуногун дар ҳар як шахс осорхона метавонад нақши назаррасу муассире дошта бошад.

Исботи ин гуфтаҳоро мо метавонем дар эҷодиёти файласуфи асри XIX-и рус, Федоров Н.Ф дарёбем: «Осорхона маъбади гузаштагон аст, ки ба воситаи нигораҳои он ҳаёту маданияти пешгузаштагон аз нав эҳё карда мешавад. Дар асри пешрафти илму техника, дар давроне, ки манфиатҳои лаҳзаина арзишманд ҳисобида мешаванд, хатари аз байн рафтани таваҷҷӯҳ ба гузаштаро ба дӯш дорад. Осорхона ба воситаи шавоҳиди маҳфуздоштаи худ бавуҷудоварандаи иртиботу эҳтиром байни гузаштагону имрӯзиён аст, ки агар ин эҳтирому иртибот аз байн равад, инсон ҳамчун мавҷудоти дорои одобу ахлоқ рисолати худро аз даст медиҳад ва ҳамчун бут бетавовут боқӣ мемонад». [1]

Аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадани Эмомалӣ Раҳмон низ баҳри амалӣ гардонидани омӯзиши таърихи ниёгон таълимоти ҳамгироию таҳаммулпазириро таъкид мекунанд. Чунончи, дар мулоқоти хеш бо омӯзгорони ҷумҳурӣ 28-уми августи соли 1995 қайд намудаанд: «… дар мазмуну мундариҷаи маълумот даровардани дигаргуниҳои ҷиддӣ ва дар навбати аввал дар шаҳрванд тарбия намудани маънавиётеро, ки ба арзишҳои баланди миллӣ, умумибашарӣ ва таърих такя мекунад, талаб менамояд»[2]. Дар баробари омӯзиши фанҳои дақиқ ва дастовардҳои пешрафтаи илмӣ, махсусан техникаю технологияи муосир, инчунин омӯзиши таъриху тамаддун ва фаҳанги гузашта боиси пурра гардидани донишу малака ва ҷаҳонбинии васеи насли наврасу ояндасоз мегардад. Яъне, ба таври ҷиддӣ ва ҳамаҷониба ба роҳ мондани таълими дастовардҳои маънавии инсоният ва бо ин васила мустаҳкам намудани рӯҳияи насли наврас, таъмини маънавиёти онҳо, ба вуҷуд овардани ҳисси масъулиятшиносии ҳар фард дар назди халқу Ватан, ҷомеаи инсонӣ, арҷгузории урфу одатҳою арзишҳои чи миллӣ ва чи умумибашарӣ аз вазифаи асосии инсоният мебошад.

Айни замон аз ҷониби осорхонаҳо ҳамчун ииститути маданию таълимӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ба маърази тамошо гузоштан, ё ин ки ба оммаи мардум расонидани мероси моддию маънавӣ, дастовардҳои фарҳангию илмии гузаштагонамон корҳои зиёде карда шуда истодааст. Махсусан, баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (с 2004) самтҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо дар замони муосир муайян шуда, мақом ва нақши онҳо дар тарғибу ташвиқи мероси ниёгон ҳамчун институтҳои иҷтимоии тарғибгару ҳифзкунанда, таҳқиқгару ташвиққунандаи арзишҳои миллию умумиинсонӣ ва дар ин асно ҳамчун яке аз ташаккулдиҳандаи идеологияи миллии замони муосир, ҷалби насли наврасу ҷавонон ба худшиносию ватандӯстӣ, бедор намудани ҳисси кунҷкобию донишандӯзии онҳо мусоидат намуд. Бешубҳа, дар ин ҷода нақши дигар муассисаҳои таълимию фарҳангӣ ва дастгоҳҳои дахлдори давлатӣ низ зиёд аст, лек мақом ва таъсири осорхона, ҳамчун муассисаи беназиру ивазнашавандаи таълимӣ-фарҳангӣ, илмӣ-оммавӣ, дар кишварҳои пешрафта кайҳо боз муайян шудааст.

Нақши осорхонаро дар таълиму тарбияи оммаи халқ дар конфронси умумиросиягии 11-17-уми феврали соли 1917 дар Петроград вазири маорифи ҳукумати муваққатии Россия А.В. Луначарский дар суханронии хеш ба таври возеҳу равшан қайд кардааст: «Осорхона, пеш аз ҳама, такягоҳи асосӣ ва нуқтаи истиноди кори бузурги маорифи халқ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоист; осорхона ин ҷои нигоҳдории арзишҳои бадеӣ ва сутуни мустаҳками илм аст.»[3] Инчунин, зарурияти истифодаи осорхона дар раванди таълиму тарбияро мо аз гузориши директории Нигористони мусавараҳои Гамбург А. Лихтварк, ки дар конфронси соли 1913 дар Манҳейм (Олмон) зери унвони «Осорхона ҳамчун муасисаи таълимию тарбиявӣ» медонем, ки гуфта буд: «…Агар асрҳои миёна донишгоҳҳоро ба вуҷуд оварда бошад, дар солҳои ҳокимияти мутлақ академияҳо арзи ҳастӣ кардаанд ва дар садаи XIX осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои нави таълимию тарбиявии олӣ ба онҳо ҳамроҳ шуданд.» [4] Ба фикри банда, дар чунин сатҳи баланд гузоштани осорхона аз ҷониби А. Лихтварк дар замони муосир низ актуалӣ буда, баҳри омӯзиши таърихи гузашта ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию инсондӯстии насли наврасу ҷавонон ва аҳли ҷомеа яке аз василаҳои хубе мебошад.

Албатта, масъалаи зарурияти омӯзиши таъриху таҷрибаи гузаштагони ҳар як халқу миллат ва кули башарро дар эҷодиёти бузургони гузаштаю муосири халқамон дарёфт намудан чандон душвор нест, вале арзи ҳастӣ кардани осорхона ҳамчун муассисаи маданӣ-маърифатӣ ва таълимӣ-

фароғатӣ, ба таърихи халқи тоҷик алоқаи на зиёда аз 80-сола дорад, ки ин рақам дар назди таърихи бостонии тоҷикон он қадар деринагӣ надорад. Аз ин рӯ, мо то имрӯз ба осорхона ҳамчун муассисаи таълимию тарбиявӣ баҳои зарурӣ надодаем. Айни ҳол, вақти он расидааст, ки яке аз роҳҳои муҳиму асосии омӯзиши таърих будани осорхонаро дарк намоем. Танҳо осорхона метавонад ба воситаи нигораҳо, дар шакли аёнӣ ва алоқамандию пайдарҳамӣ тамоми бурду бохт ва рангорангии таърихро ба бинанда расонад, ки бо ин васила, омӯзиши таърих барои андӯхтани таҷриба ва истифодаи бевоситаи он дар рафти кору фаъолият натиҷаҳои дилхоҳ, ҳам ба нафъи шахс дар алоҳидагӣ ва ҳам ба нафъи халқу Ватан, ба даст меояд. Чи гунае ки лашкаркаши бузурги рус А Суворов гуфтааст: «Дипломатия ва сиёсат бе рушноии таърих ҳеҷ аст».

Албатта, дар ин ҷо мақсади асосии мо баён намудани нақш ва мақоми осорхона дар раванди таълиму тарбияи шахси ташаккулёфта, ба тамоми маънояш, мебошад. Ёдовар шудан бо маврид аст, ки осорхона ба мо тоҷикон аз тамаддуни ғарб ба воситаи маданияту фарҳанги русҳо омад. Аввалин осорхона дар ҶТ соли 1931 дар шаҳри бостонии Хуҷанд кушода шуд. [5] Осорхонаи сатҳи ҷумҳуриявӣ бошад дар шаҳри Душанбе (Сталинобод) соли 1934 ба кори худ оғоз кард. [6] Лекин, мутаассифона, ин осорхонаҳои номбаршуда аллакай таъсири режиму идеологияи коммунистиро чашида буд. Аз ин рӯ, он то охири солҳои 80-уми асри ХХ дар кишвари паҳновари Шуравӣ ҳамчун муассисаи сирф ташвиқотию тарғиботӣ буду танҳо аз нигоҳи идеологияи давлатӣ ва дар чаҳорчӯбаи қарору қонунҳои замона амал мекард.

Тасдиқи тобеънамоии фаъолияти осорхонаҳоро мо дар мисоли Олмон, баъди ба сари ҳокимият омадани ҳизби фашистӣ вомехӯрем, ки аз ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ сурат гирифт. Чунин вазъият дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ амалӣ карда шуд. Чуноне ки дар китоби «Музеология»-и олими рус С.И. Сотникова қайд шудааст: «Дар он солҳо (солҳои 30-юм. С.Т.) осорхонаҳо на ҳамчун институти иҷтимоӣ-маданӣ, дорои барномаи густурдаи маорифпарварӣ, балки ҳамчун маркази давлатии сиёсӣ доир ба тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи таълимоти идеологии давлати пролетарӣ иҷборан тағйири касб кард».[7] Дар чунин ҳолат қарор доштани осорхона ба мунҷамид гаштани фаъолияти он фаъолияти он оварда расонд, ки ин боиси қафомонии осорхона ҳамчун инисититути таълимию маданнӣ ва таҳқиқотӣ гардид. Тамоми сатҳҳои фаъолияти осорхона дар чунин шароит аз ҷониби муассисаҳои дахлдор назорат бурда шуда, баҳри ташвиқу тарғиби идеологияи давлатии утопиявӣ ва зиддидинӣ равона шуда буд.

В качестве особого гражданско-правового вреда можно назвать т.н. экологический вред. Вред, причиненный нарушением экологического законодательства, состоит, в частности, в ухудшении качества окружающей среды, (изменении радиоактивного фона до опасного уровня), уничтожении отдельных объектов (животных, растений), деградации земель и выражается в затратах на восстановление нарушенного состояния окружающей среды и упущенной выгоде.

Согласно ст.ст. 71, 82 Закона РТ «Об охране природы» граждане Республики Таджикистан имеют право предъявлять в суде иски к предприятиям, учреждениям, организациям и гражданам о возмещении вреда, причиненного их здоровью и имуществу в результате неблагоприятного воздействия на окружающую природную среду, а предприятия, учреждения, организации и граждане, причинившие вред здоровью и имуществу граждан, народному хозяйству и природе загрязнением окружающей среды, порчей, уничтожением, повреждением, нерациональным использованием природных ресурсов, разрушением естественных экологических систем и другими нарушениями природоохранительного законодательства, обязаны возместить его в соответствии с действующим законодательством.

Более детально этот вопрос освещен в ст. 85 («Возмещение ущерба, причиненного гражданам неблагоприятным воздействием окружающей природной среды»):

Ущерб, причиненный гражданам в результате неблагоприятного воздействия окружающей природной среды, вызванного деятельностью предприятий, учреждений, организаций или отдельных граждан, подлежит возмещению в полном объеме с учетом степени потери трудоспособности потерпевшего, затрат на лечение, восстановление здоровья, ухода за больными, иных расходов, а также назначенных пенсий или пособия.

Возмещение вреда производится на основании решения суда по иску потерпевшего, членов его семьи, прокурора, уполномоченного на то органа государственного управления, общественной организации (объединения) в интересах потерпевшего.

Сумма денежных средств за причиненный вред здоровью граждан взыскивается с причинителя вреда, а при невозможности ее взыскания – за счет средств государственных фондов охраны природы.

Возмещение ущерба гражданам, причиненного в результате крупных аварий и катастроф, а также стихийных бедствий, производится в соответствии с действующим законодательством.

В литературе, ещё недостаточно изучена гражданско-правовая проблема возмещения ущерба окружающей среде[10].

При этом указывается на его междисциплинарный характер, т.е. возмещение вреда осуществляется на основании гл. 55 ГК и природоохранного законодательства[11].

Понятие «экологический ущерб» возникло не так давно, данный термин стал использоваться в зарубежной юридической литературе с начала 1980-х гг., и до сих пор обсуждается и вызывает множество споров[12].

Традиционно «экологический ущерб» определяется как повреждение природной среды.

«Под экологическим ущербом, наносимым окружающей среде, понимаются выраженные в стоимостной форме фактические и возможные убытки, причиняемые народному хозяйству загрязнением окружающей среды, или дополнительные затраты на компенсацию этих убытков», - пишет В.Ф.Протасов[13]. При этом экономический ущерб равняется сокращению доходов общества из-за ухудшения природного ресурса или вредного влияния на него загрязнения.

Е.Р.Разумова под экологическом вредом понимает любое ухудшение состояния окружающей среды, происшедшее в результате нарушения правовых экологических требований. В качестве составных частей экологического вреда она называет ущерб, упущенная выгода и моральный вред. Экологический ущерб проявляется прежде всего в загрязнении окружающей среды, уничтожении и порче природных ресурсов, разрушении экосистем, вследствие чего происходят изменения в демографической сфере. Моральный вред может быть обусловлен потерей здоровья и, как следствие, - потерей работ и связанными с ними нравственными страданиями человека. Так как природа удовлетворяет и моральные потребности, уничтожение в городах зеленых насаждений может рассматриваться как фактор морального вреда[14].

В учебнике по экономике под эколого-экономическим ущербом понимается денежная оценка негативных изменений в окружающей среде в результате ее загрязнения, в качестве и количестве природных ресурсов, а также последствий таких изменений. Экологический ущерб и его последствия могут проявляться в самых различных видах и областях: ухудшения здоровья человека, снижения урожайности, уменьшения срока службы оборудования и т.д.[15]

Весьма интересен подход Р.С.Маковика к этой проблеме. Он выделяет две формы вреда окружающей среде: ущерб – реальные (или предполагаемые) потери количества (или качества) природной среды («экологический вред») и убытки – экономически невыгодные для природопользователя последствия («экономический вред»). Экологический ущерб определяется экологическим правом, экономические убытки – нормами других отраслей права, в том числе гражданским правом. Вред окружающей среде выступает в форме а) расходов на восстановление прежнего состояния природной среды, лесных, водных, рыбных запасов и пр.; б) прямых потерь товарной продукции (имущества) и прямо связанных с ними дополнительных расходов; в) упущенной выгоды, недополученных доходов, неиспользования затрат; морального ущерба. Когда речь идет об «экономических убытках» вред возмещается в полном объеме (вред нанесённый жизни и здоровью граждан, имуществу граждан и иных лиц), а «экологический ущерб» в объеме, доступном для исчисления[16].

М.Т.Раупова понимает под экологическим вредом любое ухудшение состояния окружающей среды, произошедшее вследствие нарушения правовых экологических требований, и связанное с ним любое умаление охраняемого законом материального и нематериального блага[17].

В литературе наблюдаются и другие принципиально не отличающиеся определения[18].

Мы склонны к тому, что экологический вред должен пониматься в самом широком смысле. Многие авторы указывают на правонарушения как определяющий признак понятия экологического вреда, с чем мы не согласны. Правонарушения являются одним из способов нанесения экологического вреда. На вопрос А.Л. Ивановой о том, что негативное воздействие может оказываться и на физические, и на химические, и на биологические характеристики природной среды – будет ли такое воздействие считаться в любом случае «экологическим вредом»[19], мы отвечаем положительно. Действительно, нанесенный, скажем, почве ущерб в первую очередь будет именно вред, причиненный конкретному объекту, но в итоге пострадает природа. Поэтому мы отрицательно относимся и в существовании т.н. «природоресурсной» ответственности (термин предложен автором).

Представляется, что именно внешнее воздействие вредоносных факторов отличает вред от других явлений, также приводящих к прекращению жизни или к ухудшению состояния здоровья. Поэтому целесообразно признать этот признак одной из важных черт понятия «вред». Известно, что прекращение жизни может быть результатом естественного старения организма или даже заболевания; в обоих случаях принято говорить о естественной смерти. Такими же причинами может быть обусловлено и ухудшение состояния здоровья. В подобных случаях не принято говорить о наличии вреда, хотя понятно, что ухудшение здоровья и последующая смерть могут быть вызваны не только естественным изнашиванием организма, но также целым рядом вредоносных факторов, оказывающих длительное и сложное воздействие на организм. Такими факторами могут быть социальное или психическое неблагополучие (чаще всего эти факторы взаимодействуют), а также состояние окружающей среды. В этом последнем случае можно говорить о причинении вреда жизни или здоровью лишь в том случае, если вредоносные факторы оказали через окружающую среду не сопутствующее, а прямое влияние на жизнь и здоровье человека, что чаще всего бывает очень трудно установить. Важно иметь в виду, что эти блага оказались ущемленными именно вследствие причинения вреда: до воздействия вредоносных факторов человек был жив, хотя бы относительно здоров, а имущество находилось в таком состоянии, при котором оно могло использоваться по его прямому назначению наиболее эффективным способом.

В литературе высказывалась точка зрения о том, что в отличие от отношений гражданско-правового типа в отношениях по возмещению вреда, причиненного нарушением законодательства об охране окружающей среды, потерпевшая сторона четко не обозначена, ибо практически вред причиняется не только собственнику, но и обществу в целом. В этой связи А.Ю. Винокуров отмечает: «Нами скептически оценивается правовая состоятельность предоставленного гражданам права требовать в судебном порядке

возмещения вреда, причиненного окружающей среде, поскольку по сложившимся в гражданском судопроизводстве правилам физическое лицо может выступать только в своем интересе, а вред, наносимый окружающей среде, выходит далеко за рамки нарушения прав одного субъекта»[20]. Тем не менее в литературе уже используется термин «массовый деликт», что является более убедительным. Несмотря на это, сложившаяся экологическая ситуация требует коренного пересмотра некоторых моментов гражданско-правовой ответственности. Уже наступил момент четкого гражданско-правового определения таких понятий, как «экологический вред», «возмещение вреда природной среде», «вред, причиненный человеку состоянием природной среды», «такса» и т.д.

Таким образом, сложная юридическая природа объекта причинения вреда при совершении экологического правонарушения предопределяет общественный интерес к возмещению вреда, причиненного окружающей среде или природным объектам, а также жизни, здоровью и имуществу, и это, в свою очередь, иногда провоцирует смещение правового регулирования отношений, возникающих вследствие причинения вреда окружающей среде, в сферу публичного права. Данная тенденция проявляется в субсидиарном применении норм гражданского права при отсутствии специального правового регулирования. Иными словами, если иное не установлено экологическим, земельным законодательством, законодательством об охране и использовании лесов, вод, недр и животного мира, к регулированию отношений возмещения вреда, причиненного экологическими правонарушениями, применяется гражданское законодательство. Такой механизм правового регулирования обусловлен спецификой объекта экологического правонарушения, своеобразием условий причинения вреда окружающей среде и, главным образом, качественной и количественной характеристикой такого вреда.

В качестве морального вреда, причиненного нарушением права на благоприятную окружающую среду, в литературе рассматриваются нравственные страдания, связанные с рождением больного ребенка, если болезнь явилась следствием загрязнения окружающей среды, невозможность иметь детей при наличии заболеваний, вызванных неблагоприятными факторами окружающей среды, переживания по поводу объективного риска рождения детей с врожденной патологией и т.п. Конечно, нынешняя реальность далека от этого. Поэтому сегодня уже нельзя ограничиваться положением ч.5 ст. 1 ГК РТ, где предусмотрено, что отношения, связанные с осуществлением и защитой неотчуждаемых прав и свобод человека и других нематериальных благ (личные неимущественные отношения, не связанные с имущественными), регулируются гражданским законодательством, поскольку иное не вытекает из существа этих отношений. Исторические условия требуют конкретных и действенных механизмов гражданско-правовой охраны окружающей среды[21].

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ответственность, гражданско-правовая ответственность, экологическая ответственность, вред, экологический вред, моральный вред, возмещение экологического вреда

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1994год, №2, с.36; Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1996 год, №3, с. 48; 1997 год, №23-24, с. 333; 2002год, №4, ч-1, с. 245; 2002 год, №11, с. 708; 2004год, №7, с. 465; 2007 год, №6, с. 440.
2. Гражданское право: В 2 т. Том II. Полутом 2: Учебник/ Под ред. Е.А.Суханова. М., 2000. с.371.
3. Тихомиров Л.В., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия/ Под ред.М.Ю.Тихомирова. М., 2008. с.157.
4. Тихомиров Л.В., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия/ Под ред. М.Ю.Тихомирова. с.1003.
5. Новый юридический словарь/ Под ред. А.Н.Азрилияна. М., 2008. с.80.
6. Новый юридический словарь/ Под ред. А.Н.Азрилияна. с.1099.
7. Донцов С.Е., Глянцев В.В. Возмещение вреда по советскому законодательству. М., 1990. с. 160.
8. Если взять таджикский текст Конституции РТ и ГК РТ, то термины «зарар» и «зиён» практически не разграничиваются. В процессе последнего изменения и дополнения в ГК РТ делались попытки разграничить их, но в результате ситуация еще осложнилась. Теперь такая терминологическая путаница внутри ГК, противоречит и Конституции РТ.
9. Малеина М.Н. Обязательства вследствие причинения вреда/ Гражданское право. Часть вторая: Учебник/ Отв.ред. В.П.Мозолин. М., 2004. с.837-838.
10. Васильева М.И. Судебная защита экологических прав. Правовые вопросы возмещения и предупреждения экологического вреда. М., 1996; Новикова Е.В. Частное право и экологическое законодательство: влияние и соотношение. М., 1999 и т.д.
11. Иванова А.Л. Возмещение вреда окружающей среде/ Применение ответственности за экологические правонарушения: Учебно-методическое пособие для практических работников/ Отв.ред. О.Л.Дубовик. М., 2007. с..507.
12. Применение ответственности за экологические правонарушения: Учебно-методическое пособие для практических работников/ Отв.ред. докт.юрид.наук, проф. О.Л.Дубовик. с..522.

13. Протасов В.Ф. Экология, здоровье и охрана окружающей среды в России: Учебное и справочное пособие. М., 2000. с.264.
14. Разумова Е.Р. Методическое пособие по дисциплине «Экологическое право». М., 2006. с..69.
15. Гирусов Э.В. и др. Экология и экономика природопользования: Учебник для вузов/ Под ред. проф.Э.В.Гирусова. М., 1998. с.194.
16. Маковик Р.С. Экологическое право России (основные понятия, комментарии, схемы)/ Р.С.Маковик. М., 2008. с..95-96, 106.
17. Раупова М.Т. Гражданско-правовая охрана окружающей среды в Республике Таджикистан. Учебное пособие. М., 2007. с.49.
18. Бринчук М.М. Экологическое право (право окружающей среды): Учебник для высших юридических учебных заведений. М., 1998. С.494-510; Петров В.В. Экологическое право России. Учебник для вузов. М, 1995. с..331-336 и др.
19. Иванова А.Л. Возмещения вреда окружающей среде// Применение ответственности за экологические правонарушения: Учебно-методическое пособие для практических работников/ Отв.ред. докт.юрид.наук, проф. О.Л.Дубовик. с.523.
20. Экологическое право: курс лекций и практикум/ под ред. Ю.Е.Винокурова. М., 2005. с.46-47.
21. Бадалов Ш.К. Гражданское законодательство Республики Таджикистан и охрана окружающей среды// 10—лет Гражданскому кодексу Республики Таджикистан, Душанбе, 2010. с. 304-334.

**НЕКОТОРЫЕ ДИСКУССИОННЫЕ МОМЕНТЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ВРЕДА И ЕГО ВОЗМЕЩЕНИЯ**

В условиях масштабного экологического кризиса охрана окружающей природной среды становится одной из наиболее актуальных проблем современности. Сложная юридическая природа объекта причинения вреда при совершении экологического правонарушения иногда провоцирует смещение правового регулирования отношений, возникающих вследствие причинения вреда окружающей среде. Данная тенденция проявляется в субсидиарном применении норм гражданского права при отсутствии специального правового регулирования. Исторические условия требуют конкретных и действенных механизмов гражданско-правовой охраны окружающей среды.

**SOME DEBATABLE MOMENTS OF DEFINITION OF ECOLOGICAL HARM AND ITS COMPENSATION**

In the conditions of scale ecological crisis protection of a surrounding environment becomes one of the most actual problems of the present. The difficult legal nature of object of a trespass at fulfillment of an ecological offence sometimes provokes displacement of legal regulation of the relations arising owing to a trespass to environment. The given tendency is shown in субсидиарном application of norms of civil law in the absence of special legal regulation. Historical conditions demand concrete and effective mechanisms of civil-law preservation of the environment.

# АҚИДАҲОИ ДАВЛАТИВУ ҲУҚУҚИИ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ ОИДИ ИМОМ АБӮҲАНИФА

***Ф.М. Шоев***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар бораи Имом Абӯҳанифа бисёр мутафаккирону олимон чӣ дар масири таърих ва чӣ дар даврони муосир ақидаву таълимоти худро бахшида, нисбаташ тадқиқотҳои илмиро ба анҷом расонида, ҷавҳари таълимоти ин шахсияти маъруфро, ки дар ҷаҳони ислом корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст, пешкаши хонандагон кардаанд [1, 6, 8-12, 14, 16]. Яке аз мутафаккирони барҷастаи асримиёнагии Шарқ Муҳаммади Ғаззолӣ [2, 17, 20] андешаи хешро нисбати шахсият ва таълимоти асосгузори мактаби ҳуқуқии ҳанафия [15, 18, 19] ва олими шинохтаи илми фиқҳ Имом Абӯҳанифа низ баён доштаанд [3, 5]. Аз нигоҳи Муҳаммади Ғаззолӣ Имом Абӯҳанифа бисёр шахси ботақво, зоҳид, ориф ва худотарс буд, ки мақсади бо донишҳои худ дар роҳи Оллоҳ хизмат карданро дошт [3, 5].

Мутафаккир ақидаҳои давлатии хешро оиди рад кардани хизмати давлатӣ ва инъомҳои шахсони мансабдори давлатӣ аз ҷониби Имом Абӯҳанифа бахшидааст. Муҳаммади Ғаззолӣ аз суханҳои Робеъ ибни Осим чунин ҳикояте меорад: «Язид ибни Умар ибни Ҳубайра маро бо супорише назди Имом Абӯҳанифа фиристод ва ман бо Имом Абӯҳанифа ҳамроҳ ба назди ӯ омадем. Язид мехост, ки Имом Абӯҳанифа мудири хазина (байт-ул-мол) шавад, вале ӯ ин мансаби давлатиро рад намуд ва ба ҷазои зарбаи бист тозиёна гирифтор шуд» [3, 5]. Оиди ин воқеа инчунин Ҳакам ибни Ҳишшоми Сақафӣ мегӯяд, ки дар Шом (Сурия) ба ман ҳикоят намуданд, ки Имом Абӯҳанифа яке аз шахсони бисёр росткор буда, султон ба ӯ фармуд, ки ӯ ё мудири хазинаи вай мешавад ё ҷазои тозиёнаро қабул менамояд ва Имом Абӯҳанифа ба худ ҷазои Оллоҳро аз ҷазои рӯизаминӣ болотар дониста, онро қабул накард [3, 5]. Муҳаммади Ғаззолӣ мегӯяд, ки бинед Имом Абӯҳанифа чи хел аз соҳиб шудан ба мансаби давлатӣ ва дар даст гирифтани ҳокимияти давлатӣ худдорӣ менамояд [3, 5]. Мутафаккир дар ҷои дигар оиди рад кардани мансаби қозигӣ аз ҷониби Имом Абӯҳанифа маълумотҳо овардааст. Ривоят мекунанд, ки ба Имом Абӯҳанифа мансаби қозии

калони Бағдодро пешниҳод карданд ва ӯ гуфт, ки ман ба ин мансаб мувофиқ намеоям. Ӯро пурсиданд, ки барои чӣ? Ӯ ҷавоб дод, ки агар ман дар мувофиқ наомаданам ҳақ бошам, пас ба ин мансаб мувофиқ нестам ва агар мувофиқ наомаданам дуруғ бошад, пас дуруғгӯй ҳуқуқ надорад адолати судиро ба амал барорад [3, 5]. Мутафаккир мегӯяд, ки аз суханҳои Муҳаммад ибни Шуҷо яке аз ҳамсафони Имом Абӯҳанифа ривояте аст, ки мувофиқи он ба Имом Абӯҳанифа гуфтанд, ки ҳокими муъминон Халиф Абуҷаъфари Мансур фармуд, ки ба шумо ба сифати мукофот даҳ ҳазор дирҳам диҳем. Имом Абӯҳанифа ба гирифтани он розигӣ надод. Дар рӯзи овардани инъом Имом Абӯҳанифа саҳар намоз хонда ба сараш ҷома кашида сӯҳбаткуниро қатъ кард. Ҳасан ибни Каҳтаба намояндаи Халиф бо пулҳо ба назди Имом Абӯҳанифа омад, ки ӯ бо вай гап назад. Яке аз ҳозирбудагон ба Ҳасан ибни Каҳтаба гуфт, ки ӯ бо мо низ бо калимаҳои алоҳида гап мезанад, яъне одати ӯ чинин аст. Ҳасан ибни Каҳтаба супориш дод, ки пулҳоро дар халтачае гузошта дар кунҷи хона гузоранд. Баъди ин воқеа Имом Абӯҳанифа моликияти худро ба мерос гузошта, ба писари худ гуфт, ки вақте ки ман аз дунё мегузарам баъди дафн карданам ин ҳамёнро гирифта ба назди Ҳасан ибни Каҳтаба рав ва ба ӯ гӯй, ки пулҳои дар нигоҳдории Имом Абӯҳанифа гузоштаашро гирад. Писараш гуфт, ки сипас ман ҳамон тавр рафтор кардам. Ҳасан ибни Каҳтаба гуфт, ки худо дар раҳматаш падари туро нигоҳ дорад, ки ӯ дар динни худ бисёр аниқ буданд [3, 5]. Мувофиқи ривояти дигар дар бораи Имом Абӯҳанифа дар назди Ибни Муборак суханҳои на он қадар хуб гӯфтанд ва ӯ ба эшон гуфт, ки шумо шахсе, ки ба ӯ тамоми нозу неъмати дунёро пешниҳод карданд ва ӯ онҳоро қабул накард, боло бардоред [3, 5]. Мақсад аз рад кардани мансабҳои давлатӣ ва хизматчии давлатӣ шудан дар он буд, ки Имом Абӯҳанифа ҳаёт ва фаъолияти худро пурра ба инкишоф додани ҳуқуқи мусулмонӣ бахшидан мехост [7] ва ин ҳамон тавр ҳам шуд.

Муҳаммади Ғаззолӣ ақидаҳои ҳуқуқии худро дар бораи саҳми Имом Абӯҳанифа дар инкишоф додани ҳуқуқи мусулмонӣ бахшидааст [3, 4, 5]. Бояд қайд кард, ки аз чор се ҳиссаи илми муосири фиқҳ аз ҷониби Имом Абуҳанифа таълиф гардида, як ҳиссаи боқимондаи он низ дар асоси асарҳои ӯ коркард шудааст [13]. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда таълимоти ақлиро дар ҳалли масоили фиқҳӣ инкишоф додаст [19]. Ба ақидаи Муҳаммади Ғаззолӣ Имом Абӯҳанифа шахсе буд, ки ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғул гардида, дар таҳияи сарчашмаҳои дуюминдараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ камар бастааст [3, 5]. Алалхусус, аввал ба эҷоди иҷмаву қиёс ва баъдан ба иҷтиҳоду фатво. Аз таълимоти Имом Абуҳанифа сар карда тамоми уламоҳои ҳанафӣ ба замми сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ – Қуръон ва Сунна инчунин Иҷма ва Қиёсро расман пазируфтанд [19]. Муҳаммади Ғаззолӣ мегӯяд, ки Имом Абӯҳанифа инчунин дар амалигардонии сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ низ иштирок намуда, саҳми худро гузоштааст. Хусусан, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Имом Абӯҳанифа дар коркарди усулҳои амалигардонии сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ – Қуръон ва Сунна бағоят калон аст [3, 5]. Дар такя бо ақл ҳанафиён бо сарварии Имом Абӯҳанифа дар татбиқи сарчашмаҳои дуюминдараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ низ васеъ машғул гардиданд [19]. Муҳаммади Ғаззолӣ доир ба фаъолияти фиқҳии Имом Абуҳанифа ривоятҳои хеле зиёд овардааст [3, 5]. Беҳуда нест, ки мутафаккир ақидаҳои ҳуқуқии худро оиди Имом Абӯҳанифа дар зери суханҳои зерин ҷамъбаст намудааст: «Ин ҳама нишонае аз доштани донишҳои ғайбӣ, шуғлдорӣ ба корҳои асосию зарурии динии Имом Абӯҳанифа шаҳодат медиҳанд, чунки ба касе ки хомӯши ва парҳезкориро Худованд ато кардааст, ба ӯ низ тамоми донишҳоро додааст» [3, 5].

Баъди омӯзишу тадқиқи мавзӯи мазкур ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Имом Абӯҳанифа ба рушди ҳуқуқи мусулмонӣ машғул гардида, мактаби ҳуқуқии ҳанафияро дар Ислом асос гузошта, дар ҳалли проблемаҳои давлативу ҳуқуқии замони худ хизмати бузург кардааст.
2. Омӯхтан ва дар амал татбиқ намудани таълимоти олими шинохтаи илми фиқҳ Имом Абӯҳанифа, ки он саршори меъёрҳои ахлоқӣ, диннӣ ва ҳуқуқист, аз аҳамият холи нест.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ақидаҳои давлативу ҳуқуқии Муҳаммади Ғаззолӣ оиди Имом Абӯҳанифа, рад кардани хизмати давлатӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, инкишоф додани ҳуқуқи мусулмонӣ.

## АДАБИЁТ

1. Абдуллои Абдукарим. Мазҳаби Имоми Аъзам./Таҳрири Абдуллои Абдунабӣ. – Душанбе: «Суннатулло», 2008. – 96с.
2. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали. Опровержение философов. / Пер. с араб., вст. ст. и ком. М. Диноршоева и З.М. Диноршоевой. – Душанбе: «Дониш», 2008. – с. 3-110.
3. Абу Хамид Мухаммад аль-Газали ат-Туси. «Ихйа улум ад-дин» Возрождение религиозных наук. Том I. Первая четверть о видах поклонения. Часть I. / Пер. с араб. Насыров И.Р., Ацаев А.С. – М.: «Нуруль Иршад», 2007. – с. 149-151.
4. Абу Ханифа – Википедия. // ru.wikipedia.org/wiki/ - сохраненная копия еще с сайта.

5. Абӯҳанифа раҳматуллоҳи ъалайҳ аз нигоҳи Имом Ғаззолӣ раҳматуллоҳи ъалайҳ. // Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. – Д.: «Сафват», 2008. – с. 79-82.
6. Бегиҷон Рустамзода. Имоми Аъзам (Абӯ Ҳанифа) кист? – Душанбе, 1999. – 48с.
7. Имам Агзам Абу Ханифа (698-767). // Газета «Вера», № 3 (Казань, 1995). // Исламская цивилизация. Абу Ханифа. // www.kcn.ru/. . ./islam/civilization /khanifa.htm сохраненная копия еще с сайта.
8. Мавлоно муфтӣ Муҳаммадошиқи Илоҳӣ. Васиятҳои Имом Абӯҳанифа. / Мутарҷим: Абдуллоҳи Ҳайдарӣ. Баргардон: Акбаралии Азиз. – Душанбе: «Сафват», 2009. – 32с.
9. Мирзозода. Маърифати Имом Абӯҳанифа. – Душанбе: «Паёми ошно», 2009. – 48с.
10. Муҳаммад Амини Ҳусейнпур. Зиндагонии Имом Абӯҳанифа (р). Таҳия ва тадвини Довудхони Абдухон. – Душанбе: «Сафват», 2009. – 64с.
11. Муҳаммадазими Ҳусайнбар: Нури ҳақиқат (зиндагиномаи Имоми Аъзам Абӯҳанифа раҳматуллои алайҳӣ, тақлид ва масоили пеpомуни он). – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 136с.
12. Муҳаммадшариф Ҳимматзода. Ақидаи Имом Абуҳанифа. – Душанбе: «Мотуридиён», 2008. – 236с.
13. Основатели 4-х мазхабов – опора ислама. Мухтасар ильмихал. // muhta-sar.narod.ru/102.html сохраненная копия.
14. Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. – Душанбе: «Сафват», 2008. – 140с.
15. Рустам Батыр. Абу-Ханифа. Жизнь и наследие. Часть 1. Серия: Ханафитское наследие. – М.: «Медина», 2007. – 288с.
16. Самарқандӣ, Васлӣ. Таърихи Имоми Аъзам (Алкалому-л-афҳам фи маноқиби Имоми Аъзам). / Тарҷумон: Фарҳод Ҳасанов. – Душанбе: «Кишоварз», 2001. – 40с.
17. Солеҳ Аҳмад аш-Шомӣ. Дар маҳзари Ғаззолӣ. / Баргардонӣ ва таҳияву тадвини Обидов О. ва Рустамов Ҷ. – Душанбе: «Суннатулло», 2009. – с. 8-29.
18. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри XIX). Қисми 1. – Душанбе: Матбуот, 2002. – с. 104-105.
19. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ: васоити таълимӣ. – Душанбе: «Ҷиёнхон», 2003. – с. 138-148.
20. Шоев Ф.М. Муҳаммади Ғаззолӣ ва таълимоти давлатию ҳуқуқии он. // Олимони ҷавон ва илми муосир. Бориши 4. Маводи конфронси IV –уми илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДДМТ. – Душанбе: «Ҳумо», 2004. – с. 98-103.

**ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ ВЗГЛЯДЫ МУХАММАДА ГАЗЗАЛИ ОБ ИМАМЕ АБУХАНИФЫ**

Один из величайших средневековых мыслителей Востока Мухаммад Газали также посвящал свои взгляды об основоположнике ханафитской правовой школы и выдающийся ученного правовой науки Имама Абуханифы. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газзали об Имаме Абуханифы можно разделить на следующие части: а) государственные взгляды Мухаммада Газзали об Имаме Абуханифы; б) правовые взгляды Мухаммада Газзали об Имаме Абуханифы. Изучение и применение в жизнь учение Имама Абуханифы, который богато моральными, религиозными и правовыми нормами имеет большое значение.

**STATE-LEGAL THOUGHTS OF MUHAMMAD GAZALI ABOUT ABU HANIFA**

One of the great middle ages thinkers of East Muhammad Gazali devoted his thoughts on founder of hanifa legal school and outstanding scientist of legal science Abu Hanifa. From the point of view of Muhammad Gazali Abu Hanifa was very afraid of the God and was eager to serve for the God`s sake. State-legal thoughts of Muhammad Gazali about Imam Abu Hanifa may be devided into the following parts: a). state thoughts of Muhammad Gazali on Imam Abu Hanifa; b). lawful thoughts of Muhammad Gazali on Imam Abu Hanifa. Learning and use of study of Abu Hanifa in the life, which rich with moral, religious and legal rules has great significance.

# ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

***Саидислом Абдуҷаборзода***
**Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон**

Чи хеле ки аз суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, амнияти иқтисодӣ, фарҳанги ва муҳити зист дар кишвар мустақиман ба фаъолияти мақомоти гумрук вобастагии зич дорад. Дар шароити ҷаҳонишавии иттилооти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва минтақабандии он, ки шаклҳои бештари ҳушдордиҳандаи таъсири иттилоотиро касб мекунад, зарурати нигаҳдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, таъмини амнияти иқтисодӣ ба миён омадааст.

Таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ, бахусус таҷрибаи рушди мамолики рӯ ба инкишоф собит намудаанд, ки дар раванди фаъолияти иқтисодиёти бозоргонӣ дар мамолике, ки иқтисоди давлату давлатдориро мол ва бозор муайян месозад, назорати воридоту содирот ва барасмиятдарории гумрукии моли интиқолёфта мақоми хосаеро ишғол менамояд. Ин муносибатҳо бе мукаммал

сохтани сохторҳои марбутаи мақомоти гумрук ва пурзӯр намудани мақоми назорати гумрукию барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт ба амал бароварда намешавад. Баҳисобгирии дақиқу мӯътамади моли интиқолнамуда ва дуруст муайян кардани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт рукнҳои асосии таъмини бехатарии иқтисодӣ ва мустақилияти иқтисодии мамлакат мебошанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзу усулҳои ҷадиди ҳоҷагидорӣ бунёд гардида дар ин замина муносибатҳои нави соҳибкорони ҳуқуқию инфиродӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар фазои ягонаи муносибатҳои тиҷоратӣ, таҳти ҳимояи давлат фаъолиятҳои соҳибкорӣ зимни рақобати озод рушд намуда, дар солимгардонии ҳаёти ҷомеа саҳми босазои худро гузошт. Гузаштан ба шаклҳои нави ҳоҷагидорӣ барои тавлид гаштани намудҳои нави моликият мусоидат намуда, ба боло рафтани саҳми корхонаҳои хусусӣ дар бозори истеъмолии мамлакат кӯмак расонид.

Чунонки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 бармеояд, вазъи имрӯзаи иқтисодии ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳаи нақлиёт ва алоқа аз механизмҳои муосир самаранок истифода барем ва дар ин замина аз соҳибкорон ва ҳар фарди бо нангу номуси миллат тақозо мегардад, ки дар шароити бӯҳрони ҷоҳонии молиявию иқтисодӣ ба истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат, воридоти технологияҳои муосири истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин вобаста ба пардохти саривақтии андоз ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои худро бо эҳсоси масъулияти баланд дар назди давлат ва ҷомеа таъмин намоянд.

Бӯҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ ҳар як фарди солимфикри ҷомеаро водор месозад, ки дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии миллати тоҷик саҳми босазову назаррасро баҳри рушду нумӯи он бигузорад. Сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии ҳориҷӣ ва дохилии мамлакат доираи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатиро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд. Дар сиёсати давлатии иттилоотӣ барои ҳар як давлати пешрафта рушди муназзаму устувори иқтисодӣ ва афзалиятноки манфиатҳои давлатию амнияти миллӣ мақоми хосаеро доро мебошад.

Иттилоот яке аз нерӯҳои истеҳсолии асосӣ ва манбаи ҳаётан муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии ҳар як ҷомеаи пешрафта ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ҳар як ҷомеаи тамаддунсоз бо истифода ва савияи донишу малакаҳои кадрӣ захираю низомҳои иттилоотии худиро барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ва эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёд истифода мебарад. Дар ҷумҳурӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт коммуникатсия бо суръати баланд рушд ёфта истодааст.То нимаи дуюми солҳои 90-уми асри сипаригашта дар бозори хизматрасониҳои алоқавии Ҷумҳурии Тоҷикистон оператори ягонаи алоқа ҶСШК «Тоҷиктелеком» фаъолият мекард ва мутобиқи моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи алоқа тарофаҳои ҶСШК «Тоҷиктелеком» аз ҷониби Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хизматрасониҳои мобилӣ аз охирҳои соли 1996 шурӯъ гардидааст. Барои созмон додани шабакаи аввалини мобилӣ дар ҷумҳурӣ аз давлати Исроил ба тариқи лизинг дастгоҳи анологии истифодакардашударо бо нархи хеле гарон 4.5 миллион доллари ИМА, ки диапазонаш ҳудуди 400 мегагерцро (қаламрави шаҳри Душанбе ва атрофии он) ташкил медод, ворид намуданд. Созмондиҳандаи аввалияи он бо саҳмияи нисбатан ками ҶСК «Телерадиоком» ва шаҳрванди Исроил Миллер Семон ҳамчун саҳмгузори асосӣ ва директори генералии корхонаи навтаъсисёфтаи бо ном «Тоҷиктел» муаррифӣ гардида буд. Дастгоҳе, ки ба василаи он хизматрасониҳои мобилӣ сурат гирифтааст, то охирҳои солҳои 1999 мавриди истифода қарор гирифт. Он бо пайдошавии хизматрасониҳои мобилии рақамӣ иқтидори амалии худро гум кардааст. Бо сабабҳои номаълум соли 1999-ум «Тоҷиктел» ба «Тоҷфон» мубаддал гашта, дар ин замина фаъолиятҳои худро идома додаст.

Дар бозори хизматрасониҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсисёбии ширкатҳои хусусии алоқаҳои мобилӣ барои соҳибкорони хусусӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла, аз ҷониби собиқ Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷойгирнамоии онҳо дар иншоотҳои давлатии алоқа ва пайвастшавӣ ба василаи шабакаи ҶСШК «Тоҷиктелеком» ва тасдиқ намудани тарофаҳои арзони истифодабарии каналҳои алоқа, тарофаҳои байнишабакавӣ бо истифодабарии зарибаи камшаванда кӯмак расонида шуд. Дар натиҷа, фаъолияти оператори мобилии миллӣ - ҶСШК «Тоҷиктелеком» зери шиори ҳимояи рушду такомули соҳибкорони хусусӣ, барои ширкати давлатӣ вазъи нобаробари рақобатро дар бозори хизматрасониҳои алоқа ба миён овард. Ин дастгирии давлатӣ ба манфиати операторони хусусии алоқа ва рушди босуръати иқтисодии онҳо анҷом пазируфта шуд. Яъне, ҳамаи ширкатҳои хусусии соҳаи алоқа заминаҳои

техникии ҶСШК «Тоҷиктелеком»-ро истифода намуда, вазъияти молиявии худро мустаҳкам карда, сармояи оинномавиашонро зиёд гардониданд.

Агар вазъи бозори хизматрасониҳои алоқаи ҷумҳури дар соли 2005-ум таҳлил карда шавад, аз рӯи хизматрасониҳои дастраси умум ҳиссаи ҶСШК «Тоҷиктелеком» аз 35 фисад кам гардида, манфиати операторони навтаъсисёфтаи алоқаҳои мобилӣ зиёда аз 65 фисадро ташкил медиҳад.

Мутобиқ ба маълумоти Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва иттилоот имрӯз дар ҷумҳурӣ 34 ширкати хусусии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хадамоти телематики фаъолият менамоянд. Ин дар ҳолест, ки ҳамаи ширкатҳои номбурда заминаҳои моддию техникии худро мустаҳкам намуда, технологияи пешрафтаи замони муосирро истифода мебаранд.

30-юми апрели соли 2008 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 451 Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. Дар самтҳои стратегии сиёсати давлатии иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои иттилоотию таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ ва амалиёти дигар ва бартарафсозии онҳо интишор ёфтааст. Инчунин, ба ташкил ва таъсиси системаи мушоҳидаи (мониторинги) вазъ ва фаъолияти инфраструктураи иттилоотию коммуникатсионии давлатӣ диққати хоса дода шудааст.

Бо иҷозатномаи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва иттилоот ҳоло 34 ширкати хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва хадамоти телематикии хизматҳои алоқаи кандуии мутаҳаррики истифодаи умум, бо ҷудонамоӣ аз рӯи ҳар як стандартро пеш бурда истодаанд. Мутобиқи нишондиҳандаҳои оморӣ то 1-уми июли соли 2009 шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ 4 281783 нафар ва шумораи муштариёни хадамоти телематикӣ бошад, ба 24667 нафар расидааст. Аз ҷониби муштариён ба ширкатҳои алоқаи мобилӣ тайи нимсолаи аввали соли 2008-ум 323 989 761 сомонӣ ҳаки хизматрасонии гуфтугӯи телефонӣ пардохт карда шудааст.

Мутобиқ ба моддаи 16 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва бобби 58-и Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақами 172, аз 3-юми апрели соли 2007-ум ба тасвиб расидааст, барои баррасии ариза ва додани иҷозатнома ҷиҳати фаъолият намудан дар соҳаи алоқаи барқӣ 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳақ пардохта мешавад. Инчунин, шахси воқеи ва ҳуқуқие, ки соҳиби иҷозатномаи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ мегардад, ҳар семоҳа ба андозаи 2,5 фоиз аз даромадаш ҳақ пардохт менамояд, ки он барои нигоҳдории мақоми иҷозатномадиҳанда ва таҷҳизонидан бо техникаи ҳозиразамони ченкунӣ ва асбобҳо истифода мегардад. Ҳарчанд иҷозатнома дар соҳаи алоқаи барқӣ метавонад дар асоси озмун, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шавад, аммо ин таҷриба то ҳол дар амал татбиқ карда нашудааст.

Таҷрибаи давлатҳои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ собит менамояд, ки дар Ҷумҳурии Молдова иҷозатномаҳо барои пешниҳоди хизматрасонии байнишаҳрӣ, байнимиллалӣ ва маҳаллӣ ба ғайр аз пардохтҳои иҷозатномавӣ ширкати мобилӣ 2 млн. доллари ИМА пардохт намуданаш лозим аст. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, барои гирифтани иҷозатнома дар соҳаи алоқаи барқӣ на камтар аз 1 млн. доллари ИМА боҷи давлатӣ пардохта мешавад. Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ барои додани иҷозатнома озмун эълон карда мешавад, ки мувофиқи шартҳои он на камтар аз 3 довталаб бояд иштирок намоянд. Дар Қирғизистон иҷозатнома дар асоси озмун дода шуда, маблағи он аз 40 млн. соми қирғизӣ оғоз мешавад. Дар Украина бошад, барои дар як минтақа гирифтани иҷозатнома барои алоқаи мобилӣ 64 ҳазор доллари ИМА муайян гардида аст. Дар Федератсияи Русия бошад, барои пешниҳод намудани хизматрасонии байнишаҳрӣ ва байналмилали 1 млн. рубли русӣ пардохт намудан лозим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолият намудан дар ин ҷода мутобиқи санадҳои меъёрии амалкунандаи соҳа имтиёзҳои зиёде барои шахсони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст. Онҳо метавонанд дар ин сарзамин ба осонӣ ва бо харҷи кам ширкатҳои гуногуни хусусии худро созмон дода, ба тариқи ройгон дар бонкҳо суратҳисоб кушоянд. Яъне, бепул барои фаъолият намудан литсензия гирифта, аз сабаби гуфтугӯҳои шабакавӣ таҳти назорати давлат қарор надоштан (то ҳол насб накардани ҳисобкунакҳои алоқавӣ) ба пули бедардимиён соҳиб шаванд.

Аз ҳамин лиҳоз, мамлакате, ки зиёда аз 7 миллион аҳолӣ дорад ва қариб 1 миллион қувваи солими он дар хориҷи кишвар, дар ҷабҳаҳои мухталиф кор карда истодааст, фаъолият намудани 34 ширкати хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва хадамоти телематикӣ магар аз меъёр зиёд нест? Омӯзиши маводҳои ҷамъовардашуда собит менамоянд, ки соҳибкорони алоҳидаи сармоядори хориҷи кишвар аз ин имтиёзҳо истифода намуда, ба бозори алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бе мамоният ворид гардида, онро ғасб намуда гирифтаанд. Чунончи, дар ҳоли ҳозир шумораи муштариёни ҶСП «Индиго Тоҷикистон» аз 1 миллион зиёд буда, ба ширкати «Сентрал Ажиан Телекоммуникейшнз Девелолмент Б.В.» тааллуқ дорад, ки суроғаи ҳуқуқии он кӯчаи Дренстраати

шаҳри Амстердами шоҳигарии Нидерландия мебошад. Фақат дар нимсолаи аввали соли 2009-ум 97677 297 сомонӣ аз ҳисоби гуфтугӯи телефонии муштариёен ва дигар хизматрасониҳо ба суратҳисоби ширкат ворид гардидааст.

Шумораи муштариёни алоқаҳои мобилии ҶСП «ТК-Мобайл» бошад то 1-уми июли соли 2009-ум ба 481 623 ва шумораи муштариёни хадамоти телематикиаш ба 2277 нафар расидааст, ки пурра ба Корпоратсияи ZTE ва ЗАО «Сител»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой тааллуқ дорад. Сармояи оинномавии ҶСП «ТК-Мобайл» 12 миллиону 160 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. То 1-уми июли соли 2009-ум 17 285 919 сомонӣ ҳамчун хизматрасониҳои мобилӣ ба корхонаи мазкур ворид гардидааст. Дар дастгоҳи марказии корхонаи мазкур 90 фисади роҳбарияти асосии онро шаҳрвандони Ҷумҳурии халқии Хитой ташкил медиҳанд.

Шумораи муштариёни алоқаҳои мобилии ҶММ «Таком» ба 1021568 нафар, ашхоси ба хадамоти телематикӣ машғулбуда ба 10004 нафар расидааст. Сармояи оинномавии ҷамъияти мазкур 13 505 900 сомониро ташкил дода, 80 фисади он ба иштирокчии ҷамъият «Вымгел-Ком», ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қонунгузории ҷазираҳои Британияи Виргин тасдиқ ва ба қайд гирифта шудааст, таалуқ дошта, боқимонда 20 фисади ками онро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибӣ менамоянд. Дар нимсолаи аввали соли 2009-ум гардиши пули хизматрасонии ҶММ «Таком» 56 611 873 сомониро ташкил додаст.

27-уми августи соли 2001-ум бо қарори якҷояи саҳмиягузорони ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «ТТ-Мобайл» созмон дода шудааст. Мутобиқи Оинномааш 75 фисади саҳмияҳо ба корхонаи Федератсияи Русия тааллуқ дошта фақат 25 фисади саҳмияҳо аз они ҶСК «Тоҷиктелеком» мебошад. Шумораи муштариёни «ТТ-Мобайл» 227316 нафарро ташкил намуда, то 1-уми июни соли 2009-ум ба хазинаи корхона 25 288 891 сомонӣ аз ҳисоби хизматрасониҳояшон пардохтпулӣ ворид карда шудааст.

Дар заминаи корхонаи «Aliaian iwesinei LLC» ва ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Вавилон-Т» 25-уми июни соли 2004 бо сармояи Оинномавии 25 903 156 сомонӣ ҷамъияти саҳомии ҶСП «Вавилон-Мобайл» созмон дода шудааст. Мувофиқи тақсимот 75 фоизи саҳмияҳо ба шаҳрванди хориҷӣ тааллуқ дошта, фақат 25 фисади онро шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ мекунад. Дар ҳоле, ки шумораи муштариёни корхонаи мазкур ба 1 200 000 адад расида, гардиши воридоти маблағҳои хизматрасонӣ бошад, ба 124 001 722 сомонӣ расидааст.

Номгӯи чунин корхонаҳоро давом додан мумкин аст, аммо барои қазоват кардани хонанда ва аз рӯи инсоф баҳо додан ба фаъолияти ин намуди соҳибкорӣ мисолҳои дар боло овардашуда басанда мебошад. Гарчанде аз қабули Қонун дар бораи забони давлатӣ 20 сол сипарӣ гашта бошад ҳам, ин талаботи санади меъёрӣ дар корҳонаҳои мобилӣ ва телематикӣ умуман риоя карда намешавад. Онҳо нону намаки мардуми ин сарзаминро хӯрда, соҳиби миллионҳои бедардимиён гашта бошанд ҳам, дар ширкатҳои мобилӣ на забон, на муносибат, на ашхоси дар ин ширкатҳо фаъолияткунанда ва на дилсӯзӣ ба ҳамин марзу бум, хулоса карда бигӯем, умуман муҳити фаъолият дар ин корхонаҳо тоҷикона нест.

Оре, фақат роҳ бояд ҷуст ва фазилати тоҷиконаро хирадмандона бояд кор фармуд, то луқмаи тайёри даҳонамонро ройгон аз мо набаранд. Ҳатто ба воситаи шабакаҳои ширкатҳои мобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Даъвати таъҷилии телефонӣ», аз қабили хизмати ёрии тиббӣ, гурӯҳҳои оташнишонӣ ва амсоли онҳоро бе пардохти маблағ занг задан ғайри имкон аст.

Имрӯз барои воридоти трафики байналмилалӣ барои ҳар як дақиқаи гуфтугӯи телефонӣ аз ширкатҳои мобилии хориҷӣ тақрибан 6-8.5 сент ситонида мешавад. Дар сурате ки шаҳрвандон ва дигар корафтодагони мо аз Федератсияи Русия барои 1 дақиқа 77 сент Ҷумҳурии Молдова 55 сент ва Аморати Муттаҳидаи Араб 3.7 дирҳам (аз 1 доллар зиёд), Давлати Исломии Покистон 25 сент, Давлати Исломии Эрон 33 сент, Ҷумҳурии Қирғизистон бо қурби 90 дирами тоҷикӣ ва Ҷумҳурии халкии Хитой 30 сент ҳаққи хизматрасонии гуфтугӯи телефонӣ пардохта мешавад. Барои ба дилхоҳ шаҳру навоҳии Давлати исломии Афғонистон телефон кардан аз ҶСШК «Тоҷиктелеком» ҳаққи 1 дақиқаи гуфтугӯи телефонӣ 25 сент ҳисоби карда мешавад.

Дар аксар мамолики дунё барои нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ ҳатто ҳисоби маблғи воридшудаи телефони мобилӣ ба асъори миллӣ нишон дода мешавад. Ба хоса дар Федератсияи Росия. Қариб як даҳсола сипарӣ мешавад, ки дар фазои алоқаи кишвари соҳибистиқлоли мо ширкатҳои мобилӣ фаъолият мекунанд, вале ин иқдом ҳанӯз аз ҷониби эшон амалӣ намешавад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ягона ширкате, ки ин хизматрасониҳоро бо нархи бисёр арзон ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида истодааст. ҶСШП «Телеком Технолоҷӣ» мебошад. Ширкати мазкур ба хизматрасонии алоқаи радиусӣ ва хизмати телематикӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ машғул мебошад. Онҳо барои 1 дақиқаи гуфтугӯи телефонӣ ҳаққи хизматрасониро 2 дирам муайян

намудаанд. Ҳаққи хизмати хадамоти телематикии ин корхона нисбат ба хизматрасониҳои дигар ширкатҳои мобилӣ хеле арзон мебошад.

Дар ҷомеа созмон ёфтани ширкатҳои хусусии мобилӣ ва рақобати ноодилона вазъияти молиявии ҶСК «Тоҷиктелеком»-ро, ки 95 фоизи саҳмияҳояш дар ихтиёри давлат мебошад ва ҳамчун оператори миллӣ муаррифӣ мегардад, қариб ба дараҷаи муфлисшавӣ оварда расонидааст. ҶСК «Тоҷиктелеком» ягона оператори миллие мебошад, ки сиёсати давлатиро дар ин ҷода пеш бурда, тамоми намуди фаъолияти соҳаи алоқаро дар ҷумҳурӣ, хусусан ба монанди таъмини тамоми хизматҳои алоқаи гуфтугӯи, аудио, видео, алоқа ва таъвили маълумот, алоқаи мобилӣ, алоқаи мобилии собити маҳаллӣ тавассути радио, дастрасии технологияи СДМА хат ва каналҳои алоқа барои истифодаи доимӣ, хидматҳои иловагии телекоммуникатсиони, хидматҳои алоқаи телеграфӣ, шабакаи интернет, хидматҳои алоқаи фардӣ, хидматҳои маълумотӣ, истифодаи спектори мавҷи зимнӣ моҳвораи алоқа ва айраро ба роҳ мемонад. Вазъияти ногуворе, ки бояд дар зери шиори «бонги хатар» ифода карда шавад, ин то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани маркази ягонаи коммуникатсионии алоқаи барқӣ мебошад. Мақсади асосии таъсис додани марказ ин ба ҳисобгирии ахбори воридшавандаю ирсолшавандаи трафики байнимилалӣ ва назорат аз болои он бахри таъмини амнияти фазои иттилоотонии кишвар ва пуштибонӣ аз манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии давлат мебошад.

Барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда, яъне созмон додани Маркази ягонаи коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии содироту воридот ва транзити алоқаи байналмилалӣ ва дар ин замина аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷаи давлат, ки миллионҳо сомониро ташкил медиҳад лозим аст, ки хароҷоти калони молиявӣ масраф карда шаванд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки то дарёфт ва ҷудо намудани маблағи муайян роҳи осони ислоҳ намудани ин камбудӣ дар зери назорати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва иттилоотони ҳамаи ширкатҳои хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва хадамоти телематикӣ вазифадор карда шаванд, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ дар системаҳои ҳисобкунии автоматикӣ (биллингҳо) корхонаҳои худ дастгоҳҳои ҳисобкунии гуфтугӯи телефониро (сервер трафик) созмон диҳанд. Ин дастгоҳҳо дар муродифи ҳисобкунакҳои барқӣ ё газӣ аз тарафи шахсони масъули Хадамоти назорат ва танзим дар соҳаи алоқа ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як даҳ рӯз ба ҳисоб гирифта, мӯҳргузорӣ карда шавад. Зарур аст, ки дар ин ҷода қотеона қадамҳои нахустин гузорем ва ҳарчи зудтар ба дастовардҳои назаррас ноил гардем, ва барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ аз ҳеҷ гуна монеаҳо наҳаросем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** фазои иттилоотӣ, бехатарии иқтисодӣ, соҳаи алоқа, бозори истеъмолии мамлакат, соҳаи коммуникатсия, иншоотҳои давлатии алоқа, хизматрасониҳои мобилӣ, тарофаҳои арзон, маркази ягонаи коммуникатсионӣ

## АДАБИЁТ

1. Оймаҳмадов М. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 1998.
2. Ҷураев Х. Масъалаҳои назариявии таъминоти бехатарии иқтисодӣ дар марҳилаи гузариш. Душанбе. 2007.
3. Бобоев Ф.Б. Хадамоти гумрук ҳамчун низоми иҷтимоӣ. Маҷмӯаи осори илмии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон. Душанбе .2010.
4. Ноздрачев А.Ф. Фаъолияти гумрукӣ. Москва. 2007.
5. Кочергина Т.Е. Амнияти иқтисодӣ. Ростов дар лаби Дон,. .2007.
6. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе. 2005.

## ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО И ЭКОНОМИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ

Государственная информационная политика Республики Таджикистан как составная часть государственной внешней и внутренней политики страны определяет круг деятельности органов власти и государственных учреждений в информационной сфере. Информация является одним из основных производственных сил и жизненно важным источником социально-экономического и духовного развития каждого цивилизованного общества. В нашей Республике по сравнению с другими сферами экономики очень сильно развивается сфера коммуникации. Статья посвящена изучению данной темы.

## INFORMATION FIELD AND ECONOMIC SAFETY

The state information policy of republic Tajikistan as a component state external and country internal policy will define a sphere of authorities and official body in information sphere. The information is one of the basic industrial forces and the vital source of social and economic and moral development of each civilised society. In our republic in comparison with other spheres of economy the communications sphere very strongly develops. Article is devoted studying of the given theme.

# ҶОМЕАШИНОСӢ

## ДИАЛЕКТИКА ЧАСТИ И ЦЕЛОГО В ПОЗНАНИИ ТАДЖИКСКОГО ЭТНОСА

*М.М. Акилова*
**Худжандский государственный университет им.Б. Гафурова**
**E-mail: Akilovamatluba@mail.ru**

Методологическое значение диалектики категорий части и целого в том, что в одних аспектах таджики являются целым этносом, но в ином аспекте разделенным народом, разбросанным в соседних государствах Центральной Азии и Афганистана. Целым они являются в отношении языка и не в полной мере в отношении идентичности, которую определенные силы стремятся растворить в идентичности других народов.

Следует отметить, что философская позиция Авиценны имеет методологическое значение для исследования истории и современности таджиков,так как целостность таджиков в разных условиях выражается по-разному. Например, в наши дни, в эпоху государственной независимости в полной мере проявляется диалектика части и целого, когда государственность, представляя часть социума, в тоже время является и воплощением этнической целостности. Именно потому, что государственность вырвала из политического небытия таджиков в начале XX века, именно возникшая усеченная государственность советского типа стала генетической основой появления в этом и следующих веках такого этнонационального феномена, как таджики. Мир, человечество узнали о существовании этого этноса как одного из множества ведущих цивилизаций на планете. То есть усеченная государственность являлась источником самостоятельной историко-политической идентичности народа. В этом смысле часть – государственность – суть целое как генетический источник, основа признания этноса как этноса полнокровного в условиях, ущемляющих его существование. Возникновение усеченной таджикской государственности в 20-е годы XX века было превращением народа в себе в народ для себя и для всех, для всего человечества. Это было открытием народа для человечества, выходом его из многовековой тихой цивилизации с ярким его проявлением в самосознании человечества. Это была историческая экспрессия этноса-интроверта.

Трагическая история таджикского народа побуждает нас к введению в научный оборот понятий этноса-интроверта и этноса-экстраверта. Советский исследователь истории таджикской цивилизации в 1977 году писал следующее. «Народ, - подчеркивал И.С. Брагинский, - уже в глубокой древности создавший высокую культуру, а затем застывший в оцепенении, у едва тлевших огней родной цивилизации, мог считаться сошедшим с арены истории накануне Великого Октября. Но вот свершилась Великая Октябрьская социалистическая революция, и произошло поистине чудесное воскрешение целого народа – древний таджикский народ возродился к новой жизни и развернул огромные творческие силы, дремавшие в глубинах его души».[1]

После гибели государства Саманидов таджики в политическом аспекте стали народом-интровертом, народом в себе. Теперь уже его гений проявлялся в продолжение созидания великой культуры, начатой эпохой Средне-Восточного Возрождения, которое также называют Иранским Возрождением. Начало Средне-Восточному Возрождению положила эпоха государства Саманидов. После государства Саманидов, охватывавшего Великий Хорасан, таджикский народ стал разделенным на части, будучи включенный в раздробленные средневековые среднеазиатские государства, лишившись важнейшего фактора, стимулирующего развитие – государственности. Но на протяжении многих веков при отсутствии собственной государственности таджики принимали самое активное участие в государственном управлении, осваивая такие ниши, как право и религия, медицина и науки, литературу и поэзию, архитектуру и искусство.

2. Мартин Ҷ. Ошнои бо Нитсше. Тарҷумаи Деҳайми. Х. Теҳрон. Интишороти Кайҳон.1379.с.12-11.
3. Томас Д.В. Мочароҳои ҷовидон дар фалсафа. Тарҷумаи Шажо. Теҳрон. Интишороти Қақнус.1372. с. 375.
4. Китобе аст ба иборат «занонагии ҷовидона» дар андешаи Гуте.
5. Нитсше Фридрих Фаросуи нек ва бад с. 109 ва 207.
6. Дурант Вайл. Таърихи фалсафа.
7. Нитсше Ф. Таборшиносии ахлоқӣ.Тарҷумаи Дориюсии Ошурӣ. Теҳрон нашри Огаҳӣ,1377. с.129.
8. Нитсше Ф. «Чунин гуфт Зардушт» с. 78.
9. Нитсше Ф. Фаросуи нек ва бад. с. 212.
10. Ҳамон ҷо с.117.
11. Нитше Ф. Таборшиносии ахлоқ. с. 354.
12. Нитше Ф. Чунин гуфт Зартушт. с.78.
13. Нитше Ф. Фаросуи нек ва бад. с. 122.
14. Уқайим ва Нозо.
15. Нитше Ф. Фаросуи нек ва бад. с. 125.
16. Нитше Ф. Таборшиносии ахлоқ. с. 302.
17. Нитше Ф. Чунин гуфт Зартушт. с.119-120.
18. Дуронт Вайл. Торихи Фалсафа с. 287.
19. Нитше Ф. Фаросуи нек ва бад с.125.
20. Нитше ф. Таборшиносии ахлоқ. с. 352.
21. Нитше Ф. Таборшиносии ахлоқ с. 47.
22. Ҷолиби тавозӯҳ ин аст, ки Нитсше тарҷумаи Гулистон Саъдиро хондааст.
23. Нитше Ф. Фаросуи нек ва бад. с. 21.


## МЕСТО ЖЕНЩИНЫ В ВОЗЗРЕНИЯХ Ф. НИЦШЕ

Женщина занимает особое место в воззрениях Ницше. Анализ его взглядов относительно проблемы женщины трудоёмкое дело. В большинстве своих сочинениях Ницше относится к женщинам с отрицательной стороны и с ненавистью. Причиной такого отношения к женщинам многие исследователи считают два фактора: 1) Неудачная любовь к Люсолуме и её провал в 1882 году и 2) Женская обстановка в его семье и вредный характер его сестры Элизабет.

## THE PLACE OF WOMEN AT THE SIGHT OF F. NITCHE

One of the most important matter, wich is more acceptable and wonderfu by Nitshe's ideas is " woman". It is rather difficult to discrie Nitshe's poinions about "woman". Among most of his legacy, he evoluate women in negative cases. Most of the wise men think that, there are two

reasons due to that he evaluate woman from negative side: his feeling love to Lusoluome and fall it in 1882 and the behavior of the women of his family, also his sister's bad actions.Accoding to Nitshe, women has only trickely, swindly nature and the women never able to know the reality, because their duty is only to give birth a baby.

# МАНОБЕИ РАСМИИ ТАСМИМГИРӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Муҳаммади Шарифӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳар низоми сиёсӣ, бахусус, низомҳои сиёсӣ ва ҳукуматии муқтадир, амри сиёсатгузории хориҷӣ аз назари тасмимгирӣ дорои маҷори мунҳасир аст, яъне ин ки фақат мақомоти мушаххас ва бузургони таъйиншуда метавонанд дар амри сиёсати хориҷӣ ба тасмимгирӣ бипардозанд. Ба ҳамин далел, мақомот ва давлатҳои бегона ва хориҷӣ низ вокунишҳои худро бар ҳасби мақоми баёнкунандаи назар дар сиёсати хориҷии кишварҳо танзим мекунанд.

Дар ташкилоти ҳукумати Ҷумҳурии исломии Эрон бар тибқи Қонуни асосӣ, мақомоти расмӣ ва дорои ҳақ ба изҳори назар ва тасмимгирӣ дар сиёсати хориҷӣ иборатанд аз:
1. Қонуни асосӣ.
2. Мақоми раҳбарӣ.
3. Маҷлиси Шӯрои исломӣ.
4. Давлат ба маънои муҷрия.
5. Вазорати умури хориҷа.

**1. Қонуни асосӣ:** Дар куллияи низомҳои сиёсӣ ва ҳукуматии ҷаҳон Қонуни асосӣ болотарин санад ва манбаи сиёсии расмии низом аст. Куллиёт ва ҳудуди сиёсати хориҷии ҳар кишвар дар ҳамин санад мушаххас ва муайян мегардад. Дар низоми Ҷумҳурии исломии Эрон низ Қонуни асосӣ дорои беҳтарин эътибор дар амри сиёсати хориҷӣ мебошад. Дар муқаддимаи Қонуни асосӣ бар ташкили уммати воҳидаи исломӣ ва ҳаракат ба сӯйи Худо ва наҷоти мардуми маҳрум ва берӯзии заифон бар импириёлистҳо ба унвони орзу ва аҳдоф матраҳ шудааст. Дар Қонуни асосӣ, дар фасли даҳум ва дар усули дуввум 15 то 155 мафоҳими асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эронро равшан кардааст.

Асли яксаду панҷоҳу дуввум: «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон бар асоси нафйи ҳар гуна саломаҷӯйӣ ва саломапазирӣ, ҳифзи истиқлоли ҳамаҷониба ва тамомияти арзии кишвар, дифоъ аз ҳуқуқи ҳамаи мусалмонон ва адами тааҳҳуд дар баробари қудратҳои султагар дар равобити сулҳомези мутақобил бо давлатҳои сулҳталаб устувор аст».

Асли яксаду панҷоҳу саввум: «Ҳар гуна қарордод, ки мӯҷиби султаи бегона бар манобеи табиӣ ва иқтисодӣ, фарҳанг ва артиши кишвар гардад, мамнӯъ аст».

Асли яксаду панҷоҳу чаҳорум: «Ҷумҳурии исломии Эрон саодати инсон дар кулли ҷомеаи башариро ормони худ медонад ва истиқлолу озодӣ ва ҳукумати ҳақ ва адлро ҳаққи ҳамаи мардуми ҷаҳон мешиносад. Бинобар ин, дар айни худдории комил аз ҳар гуна дахолат дар умури дохилии миллатҳои дигар аз муборизаи ҳақталабонаи мустазъифин дар баробари мустакбирин дар ҳар нуқтаи ҷаҳон ҳимоят мекунад».

Асли яксаду панҷоҳу панҷум: «Давлати Ҷумҳурии исломии Эрон метавонад ба касоне, ки паноҳандагии сиёсӣ бихоҳанд, паноҳ диҳад, магар ин ки бар тибқи қавонини Эрон хоин ва табаҳкор шинохта шаванд».

Он чи ки аз ин усул беш аз соири мафоҳими қобили истифода ва истинбот аст, моҳият ва ҷавҳараи ҷаҳоншумул ва бурунмарзӣ ва фаромиллатӣ ва исломватании ормонҳои баёншуда дар он аст, ки, ҳатто, саодати инсон дар кулли ҷомеаи башариро ба унвони ҳадафе барои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон таъйин намудааст.

**2. Мақоми раҳбарӣ:** Дар ин воқеият, ки болотарин мақом барои ахзи тасмимоти калон дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон Мақоми раҳбарӣ аст, баҳсе нест. Таҷриба низ амалан ин воқеиятро ба шакли равияе исбот намудааст. Нақши Раҳбарӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми Ҷумҳурии исломии Эрон баргирифта аз андешаи вилояти фақеҳ, ки аз улуми назарии марбут ба ҳукумати исломӣ мебошад ва онро идомаи вилоят дар ҳукумати исломӣ медонад.

Бар асоси ин андеша, валии фақеҳ идомаи баҳси имомат(дувоздаҳ имоми маъсум, ки аз ҳазрати Алӣ(а) оғоз мегардад) мебошад, ки бар тибқи он ҷаҳон ҳеҷ гоҳ холӣ аз сарпараст ва ноиби имоми дувоздаҳуми шииён, ки ғоиб мебошад, намебошад.

Дар андешаи имом Хумайнӣ (раҳбари фақиҳи Инқилоби исломии Эрон), вилоят як амри мутлақ аст ва онро ҳамонанди амри қаим нисбат ба сағир медонад. Бо ин истидлол, наметавон ҳитаи иқтидори Раҳбариро, ки валии фақеҳ аст, ба Қонуни асосӣ маҳдуд кард. Ва маънои ин сухан ин аст, ки агар рӯзе валии фақеҳ ташхис диҳад, ки ниёзе ба иҷро ва пайравӣ аз Қонуни асосӣ нест ё ҳазфи аслӣ аз усули Қонуни асосиро салоҳ бидонад, метавонад бо як эъломи назари сода онро соқит намояд.

Ҳитаи иқтидор ва масъулиятҳои Раҳбарӣ дар сиёсати хориҷӣ бар асоси асли яксаду даҳуми Қонуни асосӣ иборатанд аз:

1. Таъйини сиёсатҳои куллии низоми Ҷумҳурии исломии Эрон пас аз машварат бо Маҷмаи ташхиси маслиҳати низом.
2. Назорат бар ҳусни иҷрои сиёсатҳои куллии низом.
3. Фармони ҳамапурсӣ.

**3. Маҷлиси Шӯрои исломӣ:** Табиӣ аст, ки Маҷлис аз тариқи фаъолияти хориҷӣ ва мутаорифи худ, ҳамон гуна ки мурочеъ ба масоили дохилӣ, мавзӯоти иқтисодӣ, тиҷорӣ, амниятӣ ва ҳифозатӣ ва ғайра даст ба иттихози тасмим мезанад ва дар хусуси масоили сиёсати хориҷӣ низ иқдоми қонунгузорӣ ба амал меоварад.

Илова бар салоҳияти оми Маҷлис дар амри қонунгузорӣ, дар умуми масоил ва ҳаққи таҳқиқ ва тафаҳҳус дар тамоми амри кишвар, Маҷлис салоҳиятҳои хос дар сиёсати хориҷӣ низ дорад. Бар асоси асли ҳафтоду ҳафтуми Қонуни асосӣ, ӯҳданомаҳо, муқоваланомаҳо, қарордодҳо ва мувофиқатномаҳои байналмилалӣ бояд ба тасвиби Маҷлиси Шӯрои исломӣ бирасад.

Ва дар асли ҳафтодум ҳикоят шудааст, ки гирифтан ва додани вом ё кӯмакҳои бидуни ивази дохилӣ ва хориҷӣ аз тарафи давлат бояд бо тасвиби Маҷлиси Шӯрои исломӣ бошад.

Аз иқдомоти иҷрои Маҷлис дар амри сиёсати хориҷӣ, гирифтани тасмимоти мақтаӣ ва мавзеӣ дар иртибот бо вақоеи ҷаҳон дар заминаи сиёсати хориҷӣ мебошад ва аз ҳамин қарор аст, ки баёнияҳо ва иттилоияҳои расмӣ дар иртибот бо созмонҳои байналмилалӣ ва ё кишварҳо содир мегардад ва дар мавоқеи эъломи назари Маҷлис як навъи эъломи расмии кишвари Эрон маҳсуб мегардад. Аз тарафи дигар, намояндагони Маҷлис чи дар сурати инфиродӣ ва чи дар сурати дастаҷамъӣ дар қолиби кумисиюнҳои тахассусии Маҷлис иқдом ба анҷоми сафарҳои расмӣ ва нимарасмӣ ба хориҷ аз кишвар менамоянд, ки ин равобити порлумонӣ ба унвони бахше аз фаъолиятҳои сиёсати хориҷии Маҷлис маҳсуб мегардад.

Кумисиюни сиёсати хориҷии Маҷлис низ воҳидворагонӣ аст, ки ба наҳви мустамар, сиёсати ҷаҳон ва равобити Ҷумҳурии исломии Эрон бо соири дувал ва милалро таҳти назар ва баррасӣ қарор дода, дар ҳангоми зарурат роҷеъ ба ҳар ҳаракат, ки дар ҳитаи қувваи муқаннана анҷом мегирад, метавонад ба наҳве муассир дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Эрон талаққӣ гардад, ки ҳамон нақши ташкилоти қонунгузории кишвар дар амри сиёсати хориҷӣ аст.

**4. Давлат ба маънои Қувваи муҷрия:** Қувваи муҷрияи Ҷумҳурии исломии Эронро аз ҳайси амали тасмимгирӣ дар сиёсати хориҷӣ метавон ба се бахш тақсим кард:

а) **Раёсати ҷумҳурӣ.** Бар асоси асли яксаду сендзаҳуми Қонуни асосӣ, пас аз Мақоми раҳбарӣ Раиси ҷумҳур олитарин мақоми расмии кишвар аст ва масъулияти иҷрои Қонуни асосӣ ва раёсати Қувваи муҷрияро ҷуз дар умуре, ки мустақиман ба раҳбарӣ марбут мешавад, бар ӯҳда дорад. Аммо, Раиси ҷумҳур бар асоси асли бисту дуввуми Қонуни асосӣ дар баробари миллат ва Раҳбар ва Маҷлис масъул мебошад. Қонуни асосӣ порае вазоифро дар робита бо сиёсати хориҷии кишвар барои раёсати ҷумҳурӣ пешбинӣ намудааст, ки иддае аз онҳо ташрифотӣ ва порае моҳиятӣ ё иҷроӣ аст.

Асли яксаду бисту панҷи Қонуни асосӣ дар имзои қарордодҳо ва муқоваланомаҳо ва… амале муштарак байни Маҷлиси Шӯрои исломӣ ва Раёсати ҷумҳуриро пешбинӣ намудааст, ки дар ин ҳаракат Маҷлис тасмими аслиро иттихоз ва иқдоми моҳиятиро маъмул хоҳад дошт; лекин имзои қарордодҳо бо Раёсати ҷумҳурӣ аст.

Асли яксаду бисту ҳафтуми Қонуни асосӣ эълом менамояд, ки «сафирон ба пешниҳоди вазири умури хориҷа ва тасвиби Раиси ҷумҳур таъсис мешаванд. Раиси ҷумҳур устуворномаи сафиронро имзо мекунад ва устуворномаи сафирони кишварҳои дигарро мепазирад.»

б) **Кобина ё ҳайати вазирон.** Ҳайати давлати Ҷумҳурии исломии Эрон таҳти таъсири назарияҳо ва иқтидори Раёсати ҷумҳурӣ мебошад. Аммо, ин ташкилот ба унвони як шахсияти ҳуқуқӣ метавонад дар амри сиёсати хориҷӣ тасмимгирӣ намоянд.

Ҳайати вазирон дар қолиби баёнияҳо, тасмимоти мутаҳҳида дар нишастҳо ва иблоғи он ба вазорати умури хориҷа ҷиҳати иҷро ва мусаввабаҳои ҳайати вазирон ва танзими лавоеҳ ҷиҳати тақдим ба Маҷлиси Шӯрои исломӣ, назари худро дар сиёсати хориҷӣ эъмол карда ва бад-ин шакл дар амри сиёсатгузорӣ ва умури хориҷӣ таъсир мегузорад.

в) **Шӯрои амнияти миллӣ**. Ин Шӯро аз ниҳодҳо ва таъсисоти ҷадиди Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон мебошад, ки дар бознигарии Қонуни асосӣ ба он илҳоқ гардидааст. Ин Шӯро маншаъ ва нохудо бар бисёре аз ҳаракатҳо ва мавзеъгириҳои сиёсати хориҷӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон аст.

Дар асли яксаду ҳафтоду шашум омадааст, ки «ба манзури таъмини манофеи миллӣ ва посдорӣ аз Инқилоби исломӣ ва тамомияти арзӣ ва ҳокимияти миллӣ, Шӯрои амнияти миллӣ ба раёсати Раиси ҷумҳур бо вазоифи зер ташкил мегардад:

1) таъйини сиёсатҳои дифоӣ- амниятии кишвар дар маҳдудаи сиёсатҳои куллии таъйиншуда аз тарафи Мақоми раҳбарӣ;

2) ҳамоҳанг намудани фаъолиятҳои сиёсӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар иртибот бо тадобири куллии дифоӣ- амниятӣ;

3) баҳрагирӣ аз имконоти моддӣ ва маънавии кишвар барои муқобала бо таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ».

Аъзои Шӯро иборатанд аз:

_ руасои қуввои сегона;

_ раиси ситод фармондеҳи куллии нирӯҳои мусаллаҳ;

_ масъули умури барнома ва будҷа;

_ ду намоянда бо интихоби Мақоми раҳбарӣ;

_ вузарои умури хориҷа, кишвар ва иттилоот;

_ ҳасби мавриди вазири марбут ва олитарин мақоми артиш ва сипоҳ.

Шӯрои амнияти миллӣ маъмури таъмини манофеи миллӣ мебошад. Баробари андешаи клосик дар диплумосӣ(дипломатия), вожаҳои тамомияти арзӣ, ҳокимияти миллӣ, истиқлол, сарвати миллӣ, рифоҳи иҷтимоӣ, парастиши байналмилалӣ, ваҳдати миллӣ вабаҳрагирӣ аз қидмати таърихӣ ва собиқаи тамаддуни кишвар аз аҷзо ва зермаҷмӯаҳои манофеи миллӣ мебошанд.

**4. Вазорати умури хориҷа:** Вазорати умури хориҷа дар низомҳои ҳукуматҳои клоссики ҷаҳон ташкилоти диплумосии кишвар номида мешавад. Дарвоқеъ, Вазорати умури хориҷа муҷрии сиёсатҳои иттихозшуда аст. Пас аз таъйини хатти маш тавассути манобеи чаҳоргонаи қабл, яъне Қонуни асосӣ, Мақоми раҳбарӣ, Маҷлис ва давлат, дар поён ва пас аз он иттихози тасмим, мавзӯъ ба Вазорати умури хориҷа муҳаввал мегардад, то иҷро шавад. Аммо, Вазорати умури хориҷаро наметавон сирфан муҷрӣ донист, балки вуҷӯҳи хаттгузорона ва тасмимгириҳое инз дар хилоли фаъолияти он дида мешавад, ки ба мӯҷиби он, илова бар иҷро, тасмимотеро дар заминаи сиёсати хориҷӣ иттихоз менамояд, ба шарҳи зайл:

Аввал, дар раъси Вазорати умури хориҷа як вазир қарор дорад, ки хаттгузор ва сиёсатгузор мебошад. Дуввум, сафирон мақомоте ҳастанд, ки аз тарафи раёсати ҷумҳурӣ мансуб мегарданд ва сафир мақоме аст, ки дорои вазоифи раёсати Қувваи муҷрия ва муҷрии Қонуни асосӣ аст. Бинобар ин, иқтидоре, ки дар сафир ҷамъ аст, беш аз як муҷрии сода аст ва метавонад тасимгирӣ кунад. Саввум, амри ҷамъоварии хабар ва таҳлилу назари коршиносӣ бо Вазорати умури хориҷа аст. Ва сиёсатмадорони кишвар барои сиёсатгузорӣ ва гирифтани тасмим ниёзманд ба назари коршиносии Вазорати умури хориҷа ҳастанд. Бар ҳамин асос аст, ки тамомии мақомот ва кормандон ва коршиносони Вазорати умури хориҷа аз мутахассисин ва таҳсилкардагони илми сиёсат ва фанни диплумосӣ ва равобити байналмилалӣ мебошанд. Ва онҳо, бо таваҷҷӯҳ ба тахассуси худ ва таҳлили вижа ва мутолиоти ҷорӣ ва пайгире, ки аз вақоеи сиёсии ҷаҳон доранд, тавсияҳои лозимро дар заминаи сиёсати диплумосии кишвар ва ҷаҳон ба сиёсатгузорон ва тасмимгирандагони сиёсати хориҷӣ менамоянд. Чаҳорум, иқдомоти Вазорати умури хориҷа дар масоили ҷузъӣ ва мақтаӣ метавонад ҷанбаи тасмимгирӣ ва хаттгузорӣ дошта бошад. Дар амал бисёре аз тасмимоти фаврӣ ва зарурӣ бо таваҷҷӯҳ ба хатти машйи куллии сиёсати хориҷии кишвар тавассути Вазорати умури хориҷа ё сафиронаш дар хориҷ аз кишвар ахз мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: тасмимгирӣ, сиёсати хориҷии Эрон, Қонуни асосӣ, мақоми роҳбарӣ, низомҳои сиёсӣ ва ҳукуматии ҷаҳон.

## АДАБИЁТ

1. Сикандари Амонулоҳӣ. Ҷомеашиносии ҳуввият дар Эрон. 2005. с.23.

## ОФИЦИАЛЬНЫЕ ИСТОЧНИКИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН

В статье отмечается, что в каждой политической системе, в особенности в политической системе могучих государств, отношения во внешней политике возлагаются на специальные управления, которые решают как поступить в той или иной ситуации.

Иностранные государства и управления в своей деятельности также возлагаются на силы, которые ответственны за внешнюю политику страны. В данной статье речь идёт об официальных источниках во внешней политике Исламской Республики Иран.

**OFFICIAL SOURCES IN EXTERNAL POLITICIANS OF ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**

In article is noted that in each political system especially political system powerful state, attitude in external politician is entrusted on special management, which solve, what enters. Foreign states and management also entrust on power, which responsible in these deal.

# МУШОРИКАТИ СИЁСИИ ЗАНОН ДАР ҚОНУНИ АСОСИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Фарзона Аждарӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барпоии низоми Ҷумҳурии исломии Эрон бар асоси андешаҳои равшан ва мутараққии ҳазрати имом Ҳумайнӣ бистари беҳамтоеро барои эҳёи ҷойгоҳи воқеии занон ва ба даст овардани ҳуқуқу ҷойгоҳи худододии онон эҷод кардааст. Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон, ки ништотгирифта аз Ислом ва Қуръон аст, мубини ҳама ниҳодҳои фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи Эрон мебошад.

Қонуни асосӣ дар мулоҳизоти худ нисбат ба ҳар амре мавозини исломиро дар назар қарор дода, дар риояти он пойбанд аст. Яке аз ин усул, риояти мушорикати сиёсии иҷтимоии занон дар ҳама умур аст, ҷое, ки аз назари дин ва Қонуни асосӣ муҷоз шумурда намешавад.

Назарияҳои мухталиф марбут ба мушорикати сиёсии занон эзъон медорад, ки дар тамоми ҷавомеъ занон дертар аз мардон (дар зоҳири амр) тавонистанд, ҳаққи мушорикати сиёсии худро дар роъй додан, ба унвони камтарин ҳадди мушорикат ба даст оваранд. Зеро ки нигариши манфӣ ба фаъолияти сиёсии занон ҳамвора вуҷуд доштааст.

Масалан, Арасту, ки инсонро ҳайвони сиёсие медонад, эътиқод дорад, ки занон фаротар аз мардон ҳастанд. Ӯ мегӯяд: “Бо маҳзи ин, ки занон ҳукуматро ба даст гиранд, давлат дучори мухотира мегардад, зеро занон аъмоли худро ба ҳукми ақоидаи дилхоҳона танзим мекунанд”.

Ба далоили зиёде таърихи мушорикати сиёсии занон маҳдуд аст. Дар Амрико танҳо дар соли 1920 ва дар Инглистон дар соли 1928 занон ҳаққи раъй ба даст оварданд.

Аммо дар Ислом, аз садри Ислом, занон ба унвони инсонҳои комил, озод, мухтор ва дорои раъю назари мустақил будаанд ва ин дар ҳоле будааст, ки дар он замон дар дунё занро ҷузъи амволи мард ва монанди ҳайвон маҳсуб медонистанд ва фурӯхтаву ба ирс мерасиданд.

Дар садри Ислом дар, замони байъат бо Паёмбари Ислом, занон ба таври мустақил аз падар, бародар ва ҳамсарони худ бо Паёмбар байъат карданд. Дар ҷангҳо занон гурӯҳи хосе барои мудовои беморон ва ҳатто гурӯҳи ҳафозат аз паёмбарро дар ҷанг ба даст доштанд. Ва дар ҷараёнҳои сиёсии дигар низ заноне монанди духтари паёмбар, ҳазрати Фотимаи Заҳро (с) ва ҳазрати Зайнабу бисёре дигарон, дар ҷараёнҳои сиёсӣ фаъол ва муассир буданд. Низоми Ҷумҳурии исломӣ низ, ки мубтанӣ бар Қонуни асосӣ аст, аз ҳамин ҳақиқат пайравӣ дорад ва дар Қонуни асосӣ ва қавонини маданӣ, ҷазоӣ ва ғайра ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсии занон ба таври васеъ madди назари қонунгузорон будааст. Ва агар дар амал ашкол ва костӣ дар адами ҳузури занон дида мешуд, ин матлаб ба далели камтаваҷҷӯҳии коргузорон ва мудирони сиёсиву ҳукуматии кишвар ва низ аз кӯтоҳии занон дар касби тавоноиҳо ва эърози постҳои сиёсӣ аст.

Агар мушорикати сиёсӣ дар сутӯҳи мухталифе дар назар гирифта шавад, ки аз раъй додан ва алоқамандӣ ба умури сиёсӣ оғоз ва ба алоқамандӣ дар касби постҳои сиёсӣ, иҷроӣ, мудириятӣ хатм шавад, дар сади болое аз ҷомеаи занонро метавон дар сутӯҳи оғозини сиёсӣ мушоҳида кард. Вале ба далоили адида, ки аксар онро метавонанд, дарунӣ ва марбут ба сохтори физикӣ, ахлоқӣ ва тарбиятии худи занон бошад ба дастёбӣ ва касби сутӯҳи болотари бисёр боэҳтиёт ва тардид нигариста мешавад. Зану мард, ҳар ду дар қиболи хушбахтии худ, хонавода, кишвар ва ҳатто ҷаҳон масъулият доранд.

Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон аз Ислом ва суннати Паёмбар (с) барои ҳузури иҷтимоӣ, сиёсии занон нақш ва саҳми воқеӣ пешбинӣ кардааст. Ва ҳеҷ монеае барои ҳузури муассири занон дар мудирияти сиёсии кишвар вуҷуд надорад. Вале амалан дар зуҳури расондан ва дарунисозии ин нақшҳо камбудиҳову костиҳое вуҷуд дорад, ки бархоста аз дидгоҳи масъулин ва чигунагии иҷрои он қавонин аст, ки бархоста аз дидгоҳи масъулин ва тасмимгирандагон нишот мегирад. Дар андешаи Имом дин ва сиёсат як маҷмӯаи ба ҳам пайваста ва ғайри қобили тафкик аст.

Бинобар ин, далолат дар амри сиёсат барои мусалмонон аам аз зану мард на танҳо зарурати дин, балки таклиф аст. Табақаи Имом мефармояд: "Умури сиёсӣ махсуси мардон нест, занҳо ҳам бояд дахолат кунанд ва ҷомеаро ҳифз кунанд, занҳо ҳам бояд дар фаъолиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҳамдӯши мардҳо бошанд".

Таърихчаи мушорикати сиёсии занон дар Эрон.

Занон ҳеҷ гоҳ бо сиёсат бегона набудаанд ва ҳамвора ба таври мустақим ва ғайримустақим дар сиёсат дахолат доштаанд. Нақши занони дар пушти саҳифаҳои сиёсатро ба унвон ҳамсарону модаронро наметавон дар тӯли таърих нодида гирифтаву инкор кард. Дар баррасии таърихчаи мушорикати сиёсии занон дар Эрон ин нукта қобили фикр аст, ки чунин машрутият ва ҳатто қабл аз он, то ҳудуде занонро ба таври мустақим ворди арсаи сиёсат кард ва ин андак тағйир дар нигариши занон нест, ба тавоноиҳои худ ва низ қабули ин матлаб, ки занон агар худро бовар дошта бошанд, метавонанд, ҳамсарон, хонавода, ҷомеаву кишварро мутаҳаввил созанд ва онро ба вуҷуд оваранд. Ҳаракати занон дар ҷунбиши машрутият бо далели нигариши онон аз дин ба мадхалияти сиёсат бувад.

Дар даврони паҳлавӣ, ба баҳона ба саҳна овардани занон, бидуни дар назар доштани тавоноӣ ва адами рушди огоҳии сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳаракати занон ба инҳироф кашида шуд, ки авҷи он дар масъалаи кашфи ҳиҷоб ва буҳронҳое аст, ки ба дунболи он рух намуд ва занон ба баҳонаи ширкат додан дар таҳаввулоти ҷомеа, малъабаи сиёсат ва сиёсатмадорон қарор гирифта ва танҳо бозори сармояро гарм карданд.

Аммо пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ, фазои инқилоб ва аз он муҳимтар, фазои дин, боварии ҳоким бар кишвар боис шуд, ки тамоми масоил ва дағдағаҳои занон, ки дар давраҳои пеш ба шакли хос матраҳ буд, ба шкли асосӣ матраҳ шавад ва занон бо таваҷҷӯҳ ба рушди шукуфоии фикр ва огоҳӣ, ки касб карда буданд, матолиботи ҷадидеро дархост намоянд. Бо ҳузур дар арсаҳои мухталиф ҳам аз сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба зарурати ҳамоҳангии шароит бо тавонмандиҳои худ таъкид варзиданд.

Ҳузури ҳамаҷонибаи занон дар ҷараёни пирӯзии инқилоб ва даврони пас аз пирӯзӣ, нишон аз эътирози эшон ба вазъи гузашта ва ҳузури ғайримуносиби занон дар ҷомеа буд.

Эшон бо пазириши нигариши дин меҳвари инқилоб ва раҳнамудҳои роҳбари инқилоб, ки бархоста аз дину машрӯияти Ислом буд, худро барои ҳаракати нав пӯё ва огоҳона омода сохтаанд.

Мафҳуми мушорикат дар "Қуръон". Вожаи мушорикат ба маънои саҳим шудани ду ё чандҷониба дар анҷоми як масъулият, дар партави таовул ва мушорикат аст, ки нерӯҳо дар як ҷиҳат ҳаракат мекунанд ва дар ростои таъмини як ҳадаф басиҷ мешаванд. Ба ин тартиб, "Қуръон" мушорикатро ба мафҳуми таовун ва ҳамёрӣ медонад, ки дар сурати вуҷуди таовун ҷиҳати корҳо дар як росто шуда, аз атлофи нерӯ ҷилавгирӣ мешавад. Чунончи, дар "Қуръон" таъкид бар асли мушорикат ва таовун ба унвони як асли урфӣ ва мақбул бо ироаи меъёри асили ҳавзаву қаламрави он тавсиа дода, ба он ҷанбаи илоҳии инсонӣ додааст.

Он чи дар ин оя дар заминаи таовун (мушорикат) омадааст, як асли куллии исломӣ аст ва ибъоди гуногуни масоили иҷтимоӣ, (ҳуқуқӣ ахлоқӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ)-ро дар ду ҳавзаи дохил ва байналмилалии он шомил мешавад.

Луғати мушорикат ба маънои имрӯзӣ ва тахассусии он пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум вориди адабиёти марбут ба тавсеаи илм гардид. Фарҳанги англисии Оксфорд мушорикатро чунин таъриф мекунад. "Мушорикат вокуниш ё воқеияти ширкат доштан, саҳм доштан аст, ки метавонад мақтае маътуф ба ҳадафҳои хос ва ё бахше аз ҳаёти иҷтимоӣ бошад".

Мумкин аст ин иштирок ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ будаву мубтанӣ бар аҳдофи мусбат ва ё манфӣ бошад. Мумкин аст таҳмилӣ ё довталабона ва озод бошад. Албатта, бояд эзъон дошт, ки таоруз миёни дидгоҳҳои амалгароёна ва корбурдии дидгоҳҳои умдатан назарӣ ва фалсафӣ аз мушорикат боис шудааст, ки мафҳуми мушорикат дорои вуҷӯҳ ва ибъоди дигаргунӣ шуда бошад. Ба наҳве, ки иддае онро навъи куниши ҳадафманд медонанд, ки дар фароиндҳои таомул миёни кунишгар ва муҳити иҷтимоӣ ва дар ҷиҳати майл ба аҳдофи муайян пайдо мекунад. Бархе дигар, мушорикатро фароиндии огоҳона барои тақсими қудрату манобеи комёб ва фароҳамсозии фурсат барои радаҳои пойини ҷамъиятӣ, ҷиҳати беҳбуди шароити зиндагии онҳо унвон кардаанд. Ба таври хулоса, ба мушорикат чун мубтанӣ бар иродаву хости фардост, навъе аз фаъолияти довталабона ва иродӣ мебошад. Мушорикати сиёсӣ низ ба навъе фаъолияти сиёсии довталабона дар робита бо интихоб кардан ва ё интихоб шудан барои дастёбӣ ба аҳдофи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст.

Хориҷ аз маънои мушорикат, фаъолияти бахшҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба ҳадде ба ҳам мамзуҷ гардида, ки ҷудо кардан ва маҳдуд сохтани онҳо дар таърифи хос ба сахтӣ имконпазир аст. Замоне ки қасди таърифи саҳеҳ ва таъйини шохисҳои муштараки сиёсӣ мавриди назар бошад, ба таври қатъ дар маҳдудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ..... низ ворид мегардад,

зеро дар саҳнаҳои сиёсӣ замоне барои истиқрор дар ҷойгоҳе аст, ки нафъи моддӣ ё маънавӣ ба дунбол дорад. Гоҳе ҳам кӯшиш ва тамоил ба ҳузур дар иҷтимоъҳои бузургтар ангезаи мушорикати сиёсӣ мешавад.

Шохиси мушорикати сиёсии занон ба маънои ҳузури эшон дар фаъолиятҳои сиёсии иҷтимоӣ, ки ба навъе пайкараи сиёсии ҳар кишварро ташкил медиҳад, дар ду бахши омму хос мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Мушорикати сиёсии омми занон замоне аст, ки эшон ба унвони ниме аз ҷамъияти ҳар кишваре, ба унвони инсонҳои озод, мухтор ва мустақил матраҳ шуда, худро дар сарнавишти худ, ҷомеаи кишвари дунё саҳим ва муассир бидонанд. Дар ҷараёнҳои сарнавиштсоз, ҳамроҳи дигар ақшори ҷомеа вориди маъракаи сиёсӣ шаванд, ки ин ҳаракати сиёсии занонро дар Эрон қабл аз инқилоб ва дар ҷараёни инқилоби исломӣ ва пирӯзии он ва сипас дар марҳилаи тасбити ин Ҷумҳурии исломӣ мебинем.

Дар ҷараёни 8 соли дифоъ аз кишвар ва низом низ боз фаъолияти оммаи занон дар масоили сиёсӣ ба хубӣ дида мешавад.

Занон таҳти таъсири омӯзаҳои диниву сиёсии Имом, ки мубтанӣ бар Ислом аст, бо ангезаи динӣ ва сиёсӣ вориди саҳнаи сиёсии ҷомеа шуданд ва дар ин ҳаракат хонавода ва ҳамсарони худро низ ба ҳаракат оварданд.

Дар андешаи сиёсии Имом Ҳумайнӣ, дину сиёсат як маҷмӯаи ба ҳам пайваста ва ғайри қобили тафкик аст. Бинобар ин, дахолат дар сиёсат барои мусалмонон зарурати динӣ шумурда мешавад. Ҳузури сиёсии умумии занон дар масоили сиёсӣ ба таъкиди Имом Ҳумайнӣ оғоз мешавад: “Умури сиёсии махсус як табақае нест. Занҳо ҳам бояд дахолат кунанд ва ҷомеаро ҳифз кунанд, занҳо ҳам дар фаъолиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ҳамдӯши мардон бошанд”

Имом дар бахши мушорикати ом барои занон масъулият ва таклифи назоратӣ низ муқаррар кардаанд ва фармудаанд: “Бояд ҳамаи занҳо ва ҳамаи мардҳо дар масоили иҷтимоӣ, дар масоили сиёсӣ ворид бошанд ва нозир бошанд. Ҳам ба маҷлис нозир бошанд ва ҳам ба корҳои давлат нозир бошанд, изҳори назар бикунанд”.

Дар бахши мушорикати сиёсии занон, ширкат дар интихобот ва рой додан дар раъси ҳамаи фаъолияти сиёсии онон қарор дошта ва дорад. Занон ба таври васеъ дар ҷараёни ройгирӣ аз рой додан ба тасбити Ҷумҳурии исломӣ, ба давраҳои мухталифи баъдӣ ҳар куҷо, ки лозим медиданд, бар асоси дарки сиёсии худ, ҳар куҷо, ки эҳсоси ниёз мекарданд ва ба пайравӣ аз таъкидоти Имом Ҳумайнӣ бо қувват ва ҷиддияти тамом нозир ва ҳозир буданд.

Ва лизо, Имом таклифи занону мардонро ба ин ҷо маҳдуд накарда ва нақши назоративу иршодиву ислоҳӣ, низ барои марду занро дар назар гирифтанд. Занон бо табаийят аз роҳбарони мазҳабӣ ва сиёсӣ, дар ҷараён қарор гирифта ва бо эҳсоси таклиф дар канори фарзандон ва ҳамсарону хонаводаи худ дар арсаи сиёсӣ ворид шуданд. Сатҳи саводи акодемик, мизони даромад, сатҳи табақотӣ, шоғил будан ё набудан, шаҳрӣ ё рустоӣ будан, пир ё ҷавон будан, ҳеҷ кадом дар ҳузури сиёсии оммаи занон муассир набуданд, балки дарки амиқи сиёсӣ, боиси ҳузури пурранги занон дар он марҳила аз зиндагии инқилоб гардид.

Устод Мутаҳҳарӣ мегӯяд: “Вақте аз Имом хостанд, ки ба занҳо бигӯянд, ки дар хона бимонанд ва дар тазоҳурот ва даргириҳои шурӯи инқилоб ширкат накунанд, эшон фармуданд, дар соли 42 занҳо набуданд, шикаст хӯрдем”.

Бо ин ҷумлаи Имом ба назар мерасад, ки инқилоб ва занон ҳар ду марҳуни ҳузури якдигаранд. Агар инқилоб набуд, ҳувият ва шахсияти занони мусалмон, шакл намегирифт ва агар занони мусалмон набуданд, инқилоб ва ҳувияти исломии он шакл намегирифт. “Хонумҳо ҳақ доранд дар сиёсат дахолат бикунанд, таклифашон аст..... дини ислом як дини сиёсӣ аст..... ки ҳамаи чизаш сиёсат аст, ҳатто ибодаташ”.

Мушорикати сиёсии хос ба маънои мизони мушорикате аст, ки қавонини кишвар барои ҳузури занон бо шароит ва завобити хос дар назар гирифтаву мудавван ва расмӣ кардаанд.

Қонунгузорон ин ҷойгоҳро бар мабнои ислом ва бар асоси “Қуръон” ва суннату аҳодису сайраи паёмбар дар садри Ислом мушаххас кардаанд.

Ба таври куллӣ қавонини Ҷумҳурии исломии Эрон, ки баргирифта аз Ислом аст, барои занон дар қавонин ҷойгоҳи баланде дар назар гирифтааст. Фаҳми саҳеҳ аз масоили печидаи сиёсии кишвар ва мушкилоте, ки тавассути душманон ба низоми Ҷумҳурии исломӣ таҳмил шудааст ва мешавад. Ошноии комил ба вазъияти сиёсии дохилӣ ва минтақаӣ ва байналмилалӣ ва низ омехтагии ин биниш, бо иртифои сатҳи дониши динӣ аз муҳимтарин вижагиҳои ҷомеаи занони Ҷумҳурии исломии Эрон аст, ки ҳамвора Имом онро тасдиқ карда ва мефармоянд:

......... “Биҳамдуллоҳ, машғули фаъолияти динӣ ҳастед ва биниши сиёсӣ ҳам дар байни шумоҳо ҳаст ва дар байни бонувони Эрон ҳам биниши динӣ ҳаст ва ҳам биниши сиёсӣ”.

Қавонини Эрон, ки муҳимтарини онон Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон аст, бо такя бар ҷаҳонбинии тавҳидӣ ва ҳузури пурранги дин дар ҳамаи арсаҳои зиндагии сиёсиву иҷтимоӣ тадвин гардидааст. Дар усуле аз Қонуни асосӣ бар асоси каромати инсонӣ ва ҳаққи касби фазоили ахлоқӣ ва дастёбӣ ба мақомоти маънавӣ, ҳуқуқи баробар ва мусовии миллат (зану мард) мавриди таъкид қарор гирифтааст.

Аммо тафовутҳои ғайри қобили инкор миёни зану мард дар фиқҳ ва ба табаи он дар қавонини оддӣ ( маданӣ ва кайфурӣ) вуҷуд дорад, ки ба ҳангоми тадвини усули Қонуни асосӣ мавриди таваҷҷӯҳи қонунгузор қарор гирифта ва бо афзудани қайди (бори ояти мавозини исломӣ) таваҳҳуми тасовии мусталеҳ нафи гардидааст.

Дар муқаддимаи Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон таъкид шудааст, ки Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон мубини ниҳодҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсиву иқтисодии ҷомеаи Эрон бар асоси усулу завобити исломӣ аст, ки инъикоси қалбии умати исломӣ мебошад.

”Бо ин дидгоҳ, Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон, чунонки мусаллам аст, дар мулоҳизоти худ нисбат ба ҳар амре мувозини исломиро мадди назар қарор дода, зан низ аз ин аслу қоид мустасно нест”. Ҳамон тавр ки зикр шуд, Қонуни асосӣ бо нафи истифода абзоре аз зан ва нақши муассари вай дар ибъоди мухталиф пардохта ва дар ҳар марҳила вазоиферо ба таносуб барои вай пешбинӣ намудааст:

1. Зан ба лиҳози “зан будан” - истифои ҳуқуқи занон.
2. Зан ба лиҳози “ҳамсар будан”, зан рукни аслии конуни хонавода - хонавода конуни аслии рушду таъолои ҷомеа.
3. Зан ба лиҳози “модар будан” - пешгомии зан дар парвариш ва тарбияти фарзанд нисбат ба мард.
4. Зан ба лиҳози “ҳузур дар арсаҳои фаъоли зиндагӣ” ҳамгом бо мард .... пазироии масъулияти хаттиртар, бархӯрдор аз арзиши волотар.

“Бо таваҷҷӯҳ ба Қонуни асосии Ҷумҳурии исломӣ ва наҳваи тақсимбандии кулли ин Қонун мушорикати сиёсии занонро низ дар як дастабандии куллӣ дар се меҳвар метавон арзёбӣ кард.

Алиф-Мушорикати сиёсӣ дар қувваи муҷрия.

1. Роҳбарӣ. Баробари асли 107-и Қонуни асосӣ таъйини роҳбарӣ бар ӯҳдаи роҳбар аст. Онон дар бораи ҳамаи фиқҳҳои воҳиди шароити мазкур дар усули панҷум ва 109-и Қонуни асосӣ баррасиву машварат мекунанд. Бар асоси асли панҷум “вилояти амр ва имомати уммат бар ӯҳдаи фақиҳи одилу ботақво, огоҳ ба замон, шуҷоъ, мудиру мудаббир” аст. Асли 109 низ шароиту сифоти роҳбариро ин гуна шумурдааст:

“Салоҳияти илмии лозим барои эфто (фатво додан) дар абвоби мухталиф”.

Адолат ва тақвои лозим барои роҳбарии уммати ислом. Биниши саҳеҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ, тадбир, шуҷоат, мудирият ва қудрати кофӣ барои роҳбарӣ.

2. Раёсати Ҷумҳурӣ. Тибқи асли 115 Қонуни асосӣ Раиси Ҷумҳур бояд аз миёни риҷоли мазҳабӣ, сиёсӣ, ки воҳиди шароити зер бошанд, интихоб гардад: Ирониюласл, тобеъи Эрон, мудир ва мудаббир, дорои ҳусни собиқа, амонат ва тақво, мӯъмин ва мӯътақид ба мабонии Ҷумҳурии исломии Эрон ва мазҳаби расмии кишвар.

Раиси Ҷумҳурӣ тибқи Қонуни асосӣ, олитарин мақоми расмии кишвар пас аз мақоми роҳбарӣ аст ва масъулияти иҷрои Қонуни асосӣ ва раёсати қувваи муҷрияро ҷуз дар умуре, ки мустақиман ба роҳбарӣ марбут мешавад, бар ӯҳда дорад. Вазоифи раёсати чумҳурӣ дар Қонуни асосӣ батафсил таъриф шудааст.

Аз назари қонунӣ, ба зоҳир манъ барои занон дар касби ин пости сиёсӣ вуҷуд надорад. Вале сарфи назар аз ихтилофи назароти гуногун вусъати амалкард ва ихтиёроти Раиси Ҷумҳур ин асли куллиро мерасонад, ки то замоне, ки мардон метавонанд ин вазифаро ба ӯҳда нигаранд, барои занон ба доштани рӯҳияи мутафовут аз мардон, қудрати физикӣ ва масъулияти хоси модарӣ ба ӯҳда гирифтани ин вазифа бисёр мушкил аст.

3. Вазорат. Вазорати занон аз рӯи Қонуни асосӣ ҳеҷ маънӣ надорад. Дар асли 133-иҚонуни асосӣ теъдоди вазирон ва ҳудуду ихтиёроти онҳоро бар ӯҳдаи қонун оддӣ гузоштааст. Бар асоси асли 133, вузаро тавассути Раиси Ҷумҳур таъин ва барои гирифтани ройи эътимод ба маҷлис муаррифӣ мешаванд.

Теъдоди вазирон ва ҳудуди ихтиёроти ҳар як аз ононро қонун таъин мекунад.

Б) Мушорикати сиёсӣ дар қувваи муқаннана

б) -1. Маҷлиси шӯрои исломӣ.

Табалвури иродаи мардум дар маҷлиси шӯрои исломӣ буруз ва зуҳур дорад. Ҷойгоҳи қонунгузорӣ ва назоратии маҷлис, ҳудуди ихтиёрот ва иқтидори ин ниҳод онро дар раъси се қувва қарор додааст.

Дар асли 62 Қонуни асосии Ҷумҳурииии Исломии Эрон сароҳат дорад, ки “Маҷлиси шӯрои исломӣ аз намояндагони миллат, ки ба таври мустақим ва бо ройи махфӣ интихоб мешаванд, ташкил мегардад”.

Аз назари Қонуни асосӣ на танҳо ҳузури занон дар қувваи муқаннана манъ нашудааст, балки як амри пазируфташуда буда, ҳеҷ маҳдудияте дар теъдоди намояндагони зан вуҷуд надорад.

2. Шӯрои нигаҳбон. Шӯрои нигаҳбони Қонуни асосӣ, ки вазифаи тафсир, ҳифз ва ҳаросат аз Қонуни асосиву мутобиқат додан ва ҳамоҳангии мусаваботи маҷлиси шӯрои исломӣ яке аз вазоифи он мебошад, яке аз ҷойгоҳҳои асосӣ аст, ки занон барои вуруд ба он манъи қонунӣ ва шаръӣ надоранд.

Бар асоси асли 91-и Қонуни асосӣ ин шӯро аз шаш фиқҳ, ба интихоби мақоми роҳбарӣ ва шаш ҳуқуқдон бо ройи маҷлис пас аз муаррифии раиси қувваи муқаннана ташкил мешавад.

ҷ) Мушорикат дар қувваи қазоия.

Бо таваҷҷӯҳ ба шароити мундариҷ дар асли 107-и Қонуни асосӣ раёсати қувваи қазоия унвон ва пости қазоӣ нест, балки муҷтаҳиди воҳиди шароит, яъне “муҷтаҳиди одил ва огоҳ ба умури қазоӣ ва мудири мудаббир” аст, ки сӯи мақоми роҳбарӣ ба ин самт мансуб мешавад.

Дар вазоифи раёсати қувваи қазоия тибқи он чи дар Қонуни асосӣ омадааст, судури ҳукм қайд нашудааст, балки “эҷоди ташкилоти лозим дар додгустарӣ, таҳияи лавоиҳи қазоӣ ва истихдоми қузоти одилу шоиста, насаби онҳо, анҷоми умури идорӣ ва аз ин қабил” мебошад.

Ин ҷойгоҳ бо таваҷҷӯҳ ба шароити мундариҷ дар Қонуни асосӣ барои вуруди занон маънӣ надорад.

1. Шӯрои бознигарии Қонуни асосӣ.

Ин шӯро дар асли 177-и Қонуни асосӣ пешбинӣ шудааст, аъзои ташкилдиҳандаи ин шӯро 9 гурӯҳ аз аъзои постҳои гуногуни сиёсии кишвар ҳастанд, ки дар байни ин гурӯҳҳо низ барои занон манъи ҷиҳати мушорикат ва ҳузури фаъол дида намешавад.

Бознигарӣ дар Қонуни асосӣ дар сурати зарурат, тавассути мақоми роҳбарӣ пешбинӣ шудааст, ки дар ҳар кадом на танҳо монеае барои ҳузури занон нест, балки ба назар зарурӣ ҳам мебошад.

Ғайр аз мавориди зикршуда дар боло, ки пешбинии вазоиф ва ҷойгоҳи мудирияти сиёсии кишварро мушаххас мекунад, мавориде аз қабили шӯрои олии амнияти миллӣ, мудирияти садову симои Ҷумҳурии исломӣ, шӯроҳои шаҳру русто, ҳамагӣ бо таваҷҷӯҳ ба адами мавонеи қонунӣ ва шаръӣ, метавон маҳалли бурузу зуҳури мудирияти сиёсии иҷтимоии занонро фароҳам созад.

Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Эрон ба сароҳат қайд мекунад: “Ҳар кас ҳақ дорад, шуғлеро, ки ба-дон моил аст, мухолифи исломи умумӣ ва ҳуқуқи дигарон нест ва мухолифи исломи умумӣ нестро баргузида ва давлат мувазаф аст, бо риояти ниёзи ҷомеа ба машоғили гуногун, барои ҳама афрод, имкони иштиғол ба кор ва шароити мусовира барои эҳрози шуғл эҷод намояд”. Бар хилофи он чи тасаввур мешавад, ки шароит ва ҳудуди ислом ё қавонини Ҷумҳурии Исломӣ муҷиби коҳиши ҳузури занон ва ё ҳазфи онон аз саҳнаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ шудааст. Қавонини Ҷумҳурии исломии Эрон, бахусус Қонуни асосӣ, ки мубтанӣ бар ислом аст, ҳеҷ гуна мухолифате бо ҳузури занон дар чаҳорчӯби риояти масоили шаръиро надорад. Ин бо асли ҳузури зан дар ҳар навъ масъулияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мухолифате надорад.

Мушорикати занон дар тамоми ниҳодҳои сиёсии кишвар, ба ҷуз ниҳоди роҳбарӣ ва раёсати ҷумҳурӣ мавриди пазириши Қонуни асосии Ҷумхурии исломии Эрон аст. Агар костӣ ва кӯтоҳие сурат гирифта, бархе аз тарафи худи занон ва адами гироиши эшон ба ҳузури васеътар ва ҷиддитар дар саҳнаҳои сиёсӣ ва мудирияти тасмимгирии кишвар аст. Ва бархе дигар шояд кӯтоҳӣ аз тарафи мудирони иҷроӣ ва коргузорони низом буда, ки бо диққати бештар дар интихоб ва гузиниши занони шоиста дар постҳои давлатӣ, аам аз шӯрои нигаҳбон ва маҷмаи ташхиси маслиҳати низом, вазорат, намояндагӣ, маҷлис ва кароматy ҳурмату арзиши занонро ба мансаҳи зуҳур дароваранд.

Қонуни асосӣ ба унвони Қонуни усулгаро ҳуқуқи занонро дар ҳама ибъоди иҷтимоиву сиёсӣ ва ... дар чаҳорчӯби мувозини шаръ мӯҳтарам шумурда ва бо парҳез аз нигоҳи обзорӣ ба зан ва мард, дар бархӯрд бо мушобеҳсозиҳои бемантиқ ҳуқуқи миёни зану мард аз тафовутҳои ин ду ҷинси мукаммал ғафлат наварзидааст.

Дар ҳамин росто, аз тавсияҳои муҳими мақоми роҳбарии имрӯзи Эрон (Оятуллоҳ Хоманаӣ) истифода мекунем.

“Барои ҳалли масъалаи зан ва мард бояд қавонин ва муқарароти лозим тадвин ва тасвиб шавад.

Сатҳи хирадмандӣ ва андешамандии занон аз тариқи фаъолияти гуногуни фикрӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, адабиву фарҳангӣ, афзоиш бояд ва сатҳи фикрии ҷомеа низ ба таври ом рушд пайдо

кунад, зеро дар ҷомеае, ки ҳама аз ҳушу андешаи ҳукумат бархӯрдор бошанд, ҳеҷ кас мавриди таъарузи дигаре қарор нахоҳад гирифт”

**КАЛИДВОЖАҲО:** мушорикати сиёсӣ, мушокирати сиёсии занони Эрон, хос, ом, Қонуни асосӣ, масъалаи зан.

### АДАБИЁТ

1. Ҳуҷҷатӣ Сайиди Маҳдӣ. Зан зеботарин гули офариниш, Чопи аввал, Қум, нашри бахшоиш-1380.
2. Ҳуҷҷатӣ Ашрафи Ғуломризо. Маҷмӯаи Қавонини асосии маданӣ-Теҳрон, интишороти ганҷи дониш-1385.
3. Хоманаӣ Сайид Алӣ. Оинаи зан. Теҳрон-1380.
4. Хумайнӣ Руҳуллоҳ. Саҳифаи нур-Маҷмӯаи суханони Имом Хумайнӣ-Теҳрон, интишороти бунёди нашри осори Имом Хумайнӣ.
5. Маҷаллаи паёми зан-дафтари якум-моҳонаи фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳунарӣ; Қум. Соли 13 шумораи 11, баҳмани 1383.

### ПОЛИТИЧЕСКИЙ КОНЦОРЦИУМ ЖЕНЩИН В ОСНОВНОМ ЗАКОНЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН

Статья посвящена изучению и исследованию роли и участия женщин Ирана в политическом концорциуме страны.

### POLITICIANS’ COOPERATION OF WOMEN IN MAIN LAW ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN

In article says that reconstruction system Islamic Republic of Iran in base great thinker Imama Humeyni, has revived the present an achievement rights of the women and their liberty.

## МАСЪАЛАҲОИ АКТУАЛИИ АРЗИШШИНОСӢ

***Алишери Муҳаммадӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ**

Муҳимтарин омили танзимкунандаи рафтору муносибати одамон арзиш ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои асосии танзими моддиёту маънавиёт, ки дар дохили тамаддуни муайян ва дар маданияти умумибашарӣ бошад системаи арзишҳо дониста шудааст.

Агарчи доири арзишҳо ва таснифоти онҳо дар таълимоти мутафаккирони аҳди қадим ва асрҳои миёна ишораҳо ба чашм мерасанд, аммо танҳо дар нимаи дуюми асри XIX аз тарафи иқтисодчии олмонӣ - А. Вагнер, усули аз нуқтаи назари арзишшиносӣ ё аксиологӣ омӯхтани падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пешниҳод карда шуд.

**Аксиология** аз калимаҳои юнонии ***αξια – арзиш*** ва ***λόγος –мафҳум*** ё ***таълимот*** сохта шудааст. Ин соҳаи илм дар асри XX инкишоф ёфта, ҳамчун як шохаи фалсафа ба омӯзиши назарияи арзишҳо машғул аст.[1]

Аксиология ба масоили гуногуни марбут ба арзишҳо дахл намуда, аҳамият, мавқеъ, алоқаи байниҳамдигарии арзишҳо, инчунин муносибати онҳоро бо дигар падидаю омилҳои ҷамъиятию фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Бо гузашти қариб як аср ҳанӯз ҳам мухолифати забони мушоҳида ва забони назария, инчунин мухолифати воқеияти амалӣ ва тавсифи назариявии фанни аксиология вуҷуд дорад.

Намояндагони сотсиализм Макс Вебер, Флориан Знанетский, Толкотт Парсонс, Уилям Томас ва дигарон бар ин ақидаанд, ки арзиш ҳамчун асоси муносибати ҷамъиятии субъект хизмат менамояд, яъне он воситаи муайян намудани робитаҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти институтҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.[2]

Лосский Н.О. бошад ҳар як элементи ҳастиро арзиш дониста, онҳоро ба 6 гурӯҳ ҷудо мекунад: ***арзиши мутлақ, нисбӣ, субъективӣ, умумӣ, мусбӣ ва манфӣ***.[3]

Дар адабиёти илмии имрӯза арзишҳоро ба ҷисмонӣ (витальный), ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ ва оилавӣ ҷудо мекунанд.

Ба ақидаи Леонтев Д.А. армонҳои иҷтимоӣ нахустин ва муҳимтарин шакли арзишҳо ба ҳисоб мераванд.[4]

Олимони зиёде ба қаробати маъноии мафҳумҳои арзиш, қимат ва нарх ишора карда, арзишро натанҳо фоида, балки даромади мақсаднок медонанд.

Аксари мутафаккироне, ки дар мавриди арзиш нуқтаи назари худро иброз намудаанд, ба алоқаи ногусастании арзишҳо бо майлу хоҳиши шахс ё гурӯҳи ашхос ишора кардаанд. Аз ҷумла, Перрӣ мегӯяд: «Арзиш фаъолияти муайяни шуур аст, ки бо истилоҳи «хоҳиш» ифода карда

мешавад. Ҳама гуна объект дар сурати нисбати он пайдо шудани майлу хоҳиш, метавонад ба арзиш табдил ёбад».[5]

Баҳодиҳӣ аз нуқтаи назари арзишнокӣ дар ҷудо намудани чизҳои аҳамиятнок ва муҳим аз чизҳои беаҳамият ва нолозим хизмат менамояд, арзишҳои эътирофгардида бошанд, дар танзими ахлоқи мардум ва пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон аз қабили корҳои тадқиқотӣ, талошҳои сиёсӣ ва кӯшишҳои эҷодии ҳунармандону санъаткорон нақши мушаххаси таърихӣ доранд.

Мӯҳтавои асосии арзишҳо ё ҳастии арзишии ашёҳоро эмону эътиқоди қавӣ, дилбастагии амиқ, муносибат ба қонуну қоида ва меъёрҳои муқарраргардида, инчунин тасаввури некию бадӣ аз тарафи шахси алоҳида ташкил менамояд. Арзишҳои аз тарафи як нафар ё гурӯҳе эътирофгардида метавонанд барои каси дигар ё ҷамъияти дигар беаҳамият ва камарзиш ба ҳисоб раванд. Аммо бояд зикр намуд, ки дар ҷомеаи инсонӣ арзишҳои моддию маънавие бо унвони «арзишҳои умумибашарӣ» маълуманд, ки дар тамоми давраҳо ва барои ҳамаи халқҳо аҳамияти якхела доранд.

Арзиш на худи ашё, балки аҳамиятнокии он барои инсон аст, ки онро берун аз доираи ҳастии табиӣ ҳосил мекунад. Ва то замоне, ки талаботи инсон ба ашёи мушаххас вуҷуд дорад, он хусусияти арзишии худро нигаҳ медорад.

О.Г. Дробницкий ақида дорад, ки «Ашё барои он ба арзиш табдил меёбад, ки дар он ҳанӯз талаботи қонеъношуда мавҷуд аст».[6]

Арзишҳое вуҷуд доранд, ки аз тарафи аксари мардум мавриди эътироф ва эҳтиром қарор гирифта, ба шакли система даромадаанд. Маҳз ҳамин системаи арзишҳо барои нигоҳдории низоми ҷомеа равона гардидааст.

Муносибати ҳар як фард бо ҷамъият дар асоси омӯзиши бошуурона ва қабули дурусти ягон системаи арзишҳо амалӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки муносибати бошууронаи инсонро ба олам муносибати арзишӣ медонанд.[7]

Аз нуқтаи назари арзишшиносӣ, танҳо ҳамон ҷомеае солим ва соҳиби маданияти асил дониста мешавад, ки дар он муносибатҳои инсонӣ ҳам дар олами фарҳангу маънавият ва ҳам дар олами хоҷагидорию иқтисодиёт бар офариниши арзишҳо равона гардида бошад.

Агар фанҳои дақиқ бевосита ба омӯзиши хусусияти ашё, ҳодисаву воқеа ва таҳаввулоти дар табиат бавуҷудоянда машғул бошанд, пас, объекти омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на табиат, балки маданият, яъне маҷмӯи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшуда мебошад. Падидаҳои табиӣ метавонанд новобаста аз арзишҳо тасаввур карда шаванд, аммо падидаҳои фарҳангӣ таҷассумгари арзишҳое мебошанд, ки аз тарафи мардум эътироф шуда, аз ибтидо ҳамчун асоси ин падидаҳо шинохта шудаанд.[8]

Асоси ҳар як тамаддунро арзишҳои аз тарафи аксари мардум эътирофгардида ташкил медиҳанд ва аз нав дида баромадани он арзишҳо, ба шакли дигар маънидод кардан, тобиши дигари маъноӣ бахшидан ба онҳо ва ё аз баҳри онҳо гузаштан боиси пайдоиши тамаддуни нав мегардад.

Ҳар як маданият ба арзишҳо муносибати махсус зоҳир менамояд, ки баъзан ин муносибатҳо барои ҷомеаи инсонӣ метавонанд фоҷиабор бошанд. Барои мисол, метавон гуфт, ки маданияти омиёна (масскултура) дар системаи арзишҳои худ шодии алоқаи шаҳвониро аз хушбахтии модаршавӣ баландтар мегузорад. Ва маҳз ҳамин шиор ва ё даъват боис гардидааст, ки имрӯз дар Ғарб ва Аврупо сатҳи пасти таваллуди фарзанд ба як масъалаи нигаронкунанда табдил ёбад.

Системаи тоталитарии коммунистӣ, ки кӯшиши ҷорӣ намудани итоати бечунучароро ҳадаф дошт, муносибаташро ба арзишҳои пешин бо нобуд сохтани арзишҳои фарҳангӣ, аз қабили масҷиду мадрасаҳо, асарҳои динӣ, тасвири худоҳо, китобхонаҳо, маъбаду дайрҳо ва ёдгориҳои меъморӣ изҳор намуд.

Арзишҳоро вобаста ба аҳамият, мақому дараҷаи истифода ва дигар хусусиятҳошон гуногун тасниф мекунанд, аммо дар маҷмӯъ арзишҳоро ба моддӣ ва маънавӣ (ё аҳдофӣ) ҷудо мекунанд, ки дар ин боб аксари донишмандон иттифоқ доранд.

Дар баробари эътироф намудани арзишҳои моддӣ, ки барои пешрафти иқтисодии ҷомеа нақши муҳим доранд, зарур аст, ки ба арзишҳои маънавӣ эътибори бештар дода шавад. Зеро беэътиноӣ нисбати арзишҳои маънавӣ дар баробари арзишҳои моддӣ боиси вайрон гардидани инкишофи мутаносиби ҳаёти инсон мегардад.

То асри XVI ҷомеаи инсонӣ асосан бар арзишҳои маънавӣ такя намуда, онҳоро воситаи асосии инкишоф ва устувории ҷомеа медонист. Аз тарафи нерӯҳои ақлонӣ танҳо фарҳанг ва маънавиёт ҳамчун муҳити инкишофи шуури инсонӣ шинохта шуда буд. Диққати асосӣ бештар ба маърифати иҷтимоӣ-гуманитарӣ – азхудкунӣ ва таҷдиди маъноию арзишии дунёи инсон равона карда мешуд. Воситаи асосии ба даст овардани ҳақиқати зиндагӣ бошад, илмҳои гуманитарӣ ба шумор мерафтанд. Аммо аввалин инқилоби илмӣ, ки дар асри XVII ба вуҷуд омад, боиси пайдо

гардидани навъи махсуси тафаккур – тафаккури илмӣ, гардид. Дар натиҷаи он илмҳои классикии Аврупо, пеш аз ҳама, механика ва баъдтар физика ба вуҷуд омаданд. Аксари олимони Аврупо зери таъсири тафаккурӣ илмӣ қарор гирифта, аз метафизика даст кашиданд ва дар натиҷа тақсимшавии ҳастишиносӣ ба динӣ ва илмӣ ба амал омад.

Инкишофи босуръати илм дар асри XX кӯшиши илмро ҳамчун арзиши баландтарини тамаддуни инсонӣ шинохтанро ба вуҷуд овард. Муносибати арзишӣ бо илм ба майдони баҳс табдил ёфт, зеро муҳаққиқони зиёде даъво пеш гузоштанд, ки илм ба воқеият такя дорад ва он наметавонад бо ченаки арзишии «хубу бад» андоза карда шавад. Дар натиҷа, мубоҳисаву мунозира ва кӯшишу даъвоҳо боиси ба ду гурӯҳ (лагер)-и калон ҷудо гардидани олимону мутафаккирон гардид. Дар илм бошад, ҷараёнҳои илмгароӣ (саентизм) ва зидди илмгароӣ (антисаентизм) ба вуҷуд омаданд.

Намояндагони саентизм (аз калимаи лот. scienta – илм, дониш) –илмро намунаи ҷаҳоншиносии фарҳангӣ дониста, иддао доранд, ки бояд тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон дар тадқиқоти худ ба методҳои фанҳои дақиқ ва техникӣ такя намоянд ва категорияҳои илмӣ дар тамоми самтҳои ҷаҳоншиносӣ, намудҳои гуногуни дониш, аз ҷумла муносибатҳои байни инсонҳо татбиқ карда шаванд.[9]

Намояндагони ҷараёни антисаентизм бошад, ин даъвоҳоро беасос дониста, категорияҳои илмиро хоси фақат илм медонанд. Онҳо аз натиҷаҳои манфии инқилоби илмӣ-техникӣ ёдовар шуда, дастоварду кашфиётҳои илмиро, ки барои инсон ва умуман ҳаёт дар рӯйи замин мушкилот эҷод мекунанд, чунин баррасӣ менамоянд:

- Новобаста ба ҳамаи дастовардҳои илмӣ, хушбахтии инсоният афзун нагаштааст;

- Илм дар соҳаи этика наметавонад кашфиёте анҷом диҳад ё рафтору ахлоқӣ инсонро дигар намояд;

- Роҳ ёфтани илм дар тамоми самтҳои ҳаёти инсон чеҳраи воқеии зиндагиро барҳам зада, онро берӯҳ ва беҳисс мегардонад;

- Нобудшавии ҷангалзорҳо, ифлосшавии атмосфера, камшавии захираи оксиген дар атмосфера, гармшавии табиат, вайроншавии қабати озон, камчинии оби нӯшиданӣ, ки аз инкишофи босуръати техника сарчашма мегиранд, ба фалокати ҷаҳонӣ бурда мерасонанд;

- Усулҳои гуногуни тағйир додани сурати инсон, иваз намудани аъзоҳои зарардида, ҷобаҷокунӣ ё ҷойивазкунии генҳо, таъсири фаъол расонидан ба раванди пиршавӣ боиси он мегардад, ки дигар натиҷаи дастовардҳои илмӣ-техникиро касе пешгӯйӣ карда наметавонад;

- Генно-инженерия ба рамзҳо (кодҳо)-и гени инсон таъсир расонида, онҳоро тағйир медиҳад, ки касе аз оқибатҳои дуру наздики ин таҷрибаҳо огоҳ нест;

- Технологияи нусхасозӣ (клонирование) метавонад боиси ба вуҷуд омадани шаклҳои маслуқу бадафти мавҷуди зинда гардида, инчунин барои инкишофи муносибатҳои маҳрамонаи берун аз ақл (гомосексуализми мардона ва занона) мусоидат намояд. Билохира, нусхасозӣ метавонад боиси тағйир додани маънавиёти динии башарӣ гардад;

- Инкишофи техника, ки аз мақсадҳои инсонпарварӣ дур буда, бар арзишҳои маънавии умумибашарӣ асос наёфтааст, боиси ба вуҷуд овардани омилҳои барҳамзанандаи олами инсонӣ мегардад.

- Дар ҷамъиятҳои техногенӣ арзишҳои асосӣ на қонун ва меъёрҳо, балки навоварӣ ва ҳавасмандӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ тамаддуни техногенӣ метавонад боиси фанои бисёре аз анъанаҳои фарҳангӣ гардад.

- Аз он ҷиҳат, ки ба технологияи компютерӣ махфият, бетарафӣ, беэҳсосӣ ва беаҳамиятӣ хос аст, саноати бозиҳои компютерӣ метавонад арзишҳои аҳамияти умумидоштаро аз байн барад.

Шахсиятҳои маъруфи ҷаҳонӣ ва ҷомеашиносони варзидаро оқибатҳои инкишофи босуръати илмҳои техникӣ ба нигаронӣ рӯбарӯ намуда, маҷбур сохтааст, ки андешаҳои худро перомуни илмгароӣ баён намоянд. Аз ҷумла, дорандаи ҷоизаи Нобел (1950) Бертран Россел инкишофи аз ҳад зиёди илмро боиси барҳам хӯрдани арзишҳо ва ормонҳои башарӣ медонист. Э. Агатсӣ бошад вазифаи шахсони бомаърифатро дар тарафдорӣ намудани илм ва ҳамзамон бо илмгароӣ мубориза бурдан медонад. Н. Бердяев илмро арзиши барои инсоният муҳим дониста, ҳамзамон ба арзишнокӣ ва зарурияти илмият (научность) шубҳа дорад. Ӯ илмиятро ба дигар соҳаҳои ҳаёт бор кардани маҳаку меъёрҳои илм дониста, истифодаи усулҳои илмиро дар равоншиносӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ номумкин меҳисобад. Ҷомеашиноси рус Л. Шестов ақида дорад, ки: Ахлоқ (одоб) ва илм ду хоҳари ҳамхунанд, ки дер ё зуд ба ҳам оштӣ мешаванд. Макс Вебер бар ин ақида аст, ки: Илм имкон надорад фарогири ҳама чиз бошад ва ҳам наметавонад қудрати комил бошад. Он сарҳадҳои муайяни худро дорад. Илм дар танҳоӣ наметавонад мушкилоти тамоми ҷанбаҳои ҳаётро ҳал намояд. Дар баъзе ҳолатҳо масъулияти бартараф кардани

мушкилоти ҷомеаро нерӯҳои дигар: одоб (маънавиёт), дин, фалсафа, санъат ва ғайра ба зимма мегиранд.[10]

А. Койре бар ин ақида аст, ки: Аз илм ҳамаи муҳокимaрониҳо доири арзишҳо, тавозун (гармония), маъно, мақсад… дур карда мешаванд.[11]

Мартин Хайдеггер ва Карл Ясперс дар бобати сохтор (низом)-и муайян надоштани навовариҳои техникӣ сухан гуфта, даъво намудаанд, ки техника маънавиёти инсонро барҳам зада, инсонро ғулом мегардонад ва боиси аз байн рафтани тамаддунҳо мегардад.[12]

Инкишофи техника ва мошинаҳои гуногун сабаби ба вуҷуд омадани маданияти нав ва унсурҳои тозаи он гардиданд. Агар дар маданиятҳои асримиёнагӣ симоҳое ба монанди деҳқон, косиб ва савдогарон нақш мегузоштанд, пас, бо пайдо шудани техника ва мошинаҳои гуногун симоҳои наве арзи ҳастӣ намуданд, ки соҳибкор, муҳандис ва коргари заводу фабрика аз он зумраанд.

Шакли техногении инкишоф, яъне тағйироти босуръати муҳити табиӣ боиси тағйироти фаъоли муносибатҳои иҷтимоии одамон гардид.

Мавзӯи дигаре, ки имрӯз диққати файласуфон, сиёсатмадорон, ҷамеашиносон ва умуман аҳли ҷомеаро бештар аз ҳама ба худ ҷалб намудааст, ин масъалаи арзишҳои хонаводагӣ ба ҳисоб меравад, ки дар мисоли муносибатҳои занушавҳарӣ, эҳтироми якдигарии аъзоёни оила, эътироф ва бузургдошти ҳуқуқ ва имтиёзҳои калонсолону хурдсолон, нигоҳдории робитаи мустаҳкам бо хешу табори наздик ба назар мерасанд.

Алтернативаҳои наве, ки дар баробари оилаи маъмулӣ пайдо гардидаанд ва тағйироти шакливу маъноии сохтори оила сабаб гардидааст, ки мутафаккирон сари масъалаи ояндаи оила ва таъсири он ба низоми ҷомеа сари андеша нишинанд.

Бепарвоӣ нисбати арзишҳои хонаводагӣ боис гаштааст, ки рӯз то рӯз ҷомеа хушоҳангӣ ва низоми мураттаби зиндагиро аз даст дода, ба бӯҳрони маънавию рӯҳонӣ ғӯтавар гардад.

Акнун ки ҷомеаи башарӣ ба масъалаҳои ба қавле нисбатан муҳимтар аз қабили тасхири кайҳон, кашфи дунёи биологии инсон ва кашфи захираҳои зеризаминию зериобӣ машғул аст, дигар барои ӯ сухан гуфтан дар атрофи масоили оила ва оиладорӣ беҳудагузаронии вақтро мемонад. Аммо ин бепарвоӣ нисбати арзишҳои маънавӣ ҷомеаро ногузир аз аслу бунёд дигар намуда, маънии зиндагии инсонро, ки эҳтиром ва ғамхорӣ нисбати якдигар аст, аз байн мебарад.

Имрӯзҳо фосилаи рӯҳонию маънавии одамон аз якдигар ва аз арзишу дастовардҳои дар тӯли қарнҳо ба вуҷудовардаи инсоният баръало ҳис карда мешавад. Ҳатто, байни соҳибони як маданият дар дарки масъалаҳои муҳими ҳаётӣ андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд ва ин гуногунандешиҳо садди устуворе гардидаанд, дар роҳи ба даст овардани армонҳои миллию умумибашарӣ.

Дар доираи арзишшиносӣ солҳои охир нисбатан бештар доири мавзӯи ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа сухан гуфта мешавад. Дар бобати бегонашавии қишрҳои ҷомеа ва умуман дурии рӯҳии инсонҳо ва бепарвоӣ нисбати маънавияту рӯҳоният асару мақолаҳои зиёде ба табъ мерасанд. Аммо то ҳол кӯшишҳо дар самти аз парешонӣ ва бенизомии ахлоқию рӯҳӣ ба маҷрои пешин баргардонидани афкори ҷомеа натиҷаи дилхоҳ надода истодаанд. Аллакай механизме ба фаъолият пардохтааст, ки манъ намудан ва ба ҷониби зарурӣ раҳнамун сохтани он корест басе душвор. Ва чуноне Освалд Шпенглер дар оғози асри XX таъкид намуда буд: «Имрӯз ҳар қадар дар боби аз нав дида баромадани арзишҳо сухан гуфта шавад, ҳар қадар бошандагони шаҳрҳои калон ба динҳои буддоию католикӣ аз нав рӯй оранд ва анархистон дар бобати этикаи фардӣ ва сотсиалистон доири этикаи ҷамъиятӣ сухан гӯянд, аммо ҳар кас пайи кору андеша ва эҳсоси худ хоҳад рафт».[13]

Шояд яке аз сабабҳои асосии ба як низоми муайян ва дилхоҳ наомадани ҷомеа дар он бошад, ки сохтору ташкилотҳо ва шахсони алоҳидае ҳастанд, ки аз рӯйи нақшаҳои муайян ва пешакӣ тарҳрезишуда фаъолият намуда, ба бесарусомонӣ ва парокандагии ҷомеа ҳавасманд ҳастанд. Чунонки Патрик Дж. Бюкенен дар асари худ – «Фанои Ғарб» овардааст: «... Усули Лукач баъдан унвони «терроризми фарҳангӣ»-ро касб кард. Яке аз қисматҳои ин «терроризм» дар барномаҳои мактабӣ ҷорӣ намудани бахш (курс)-и тарбияи муносибатҳои маҳрамона (сексуальное воспитаные) ба ҳисоб меравад. Тарғиботи Лукач ба бадахлоқӣ ва ба ин восита, аз байн бурдани оила – асоси маданияти масеҳӣ ва ғарбӣ нигаронида шудааст».[14]

Имрӯз мутафаккирони Ғарб ва донишмандони Шарқ дарк намудаанд, ки аҳли башар дар вартаи бӯҳрони маънавию рӯҳоние гирифтор аст, ки то ҳанӯз инсоният назирашро ёд надорад. Ва бепарвоию саҳлангорӣ дар нисбати бадахлоқии саросарӣ метавонад боиси оқибатҳои тасаввурнопазир ва нигаронӣ аз ояндаи башарият гардад. Аз ин рӯ, системаи меъёр ва арзишҳои нави фаъолияти инсонӣ тартиб дода шуда, барои дар амал татбиқ гаштан пешниҳод гардида истодаанд. Имрӯзҳо аксари донишмандон дар бобати дар остонаи инқилоби методӣ қарор

доштани маърифати иҷтимоӣ сухан гуфта, андеша доранд, ки вақти он расидааст, то маърифати иҷтимоӣ захираи методии худро таҷдид намояд.

Бархе донишмандон даъво доранд, ки бояд системаи нави меъёру арзишҳои умумиинсонӣ дар асоси принсипи «зиндагонии безӯроварӣ» ё «ҷаҳони бехушунат» мураттаб сохта шавад. Иддаи дигар рӯй овардан ба арзишҳои динию рӯҳониро асоси наҷоти инсоният медонанд.

Имрӯзҳо, ки раванди ҷаҳонишавию муттаҳидсозии самтҳои гуногуни ҳаёти инсон, аз қабили иқтисодиёт, муносибатҳои бозорӣ ва ҳатто якҷоясозии нерӯҳои ҳарбӣ идома дорад, набояд, ки масъалаи фарҳанги ҷаҳонӣ ва арзишҳои умумибашарӣ аз мадди назар дур карда шавад. Имрӯз, ки муносибатҳои гуногунҷабҳаи мардумони қитъаҳои мухталифи сайёра инкишоф ёфта, равобити мардумон нисбатан наздиктар шудааст, зарур аст, ки барои пешгирӣ аз бархӯрдҳои идеологӣ ва динию мазҳабӣ системаи ягонаи арзишҳои умумибашарӣ муқаррар карда шавад. Ин система бояд дар асоси армонҳои умумиинсоние, ки новобаста ба тааллуқоти динию мазҳабӣ ва миллию нажодӣ вуҷуд доранд, тартиб дода шавад. Ин гуна системаи арзишҳо танҳо дар сурате боиси қабул ва эҳтиром қарор мегирад, ки дар асоси таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми якдигарии намояндагони нажоду миллатҳо ва дину оинҳо тартиб дода шавад.

Албатта, кӯшишҳо дар роҳи ба даст овардани чунин мувофиқа ва тартиб додани ситемаи ягонаи арзишу меъёрҳои умумибашарӣ собиқаи зиёд дорад. Аммо гумон меравад омӯзиши нокомил ва нодурусти фарҳангу маданиятҳо боис гардидааст, ки то кунун арзишҳои ягона ва умумӣ муайян карда нашудаанд. Имрӯз бошад, пешрафти техника, дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни маълумоту донишҳо ва имкониятҳои фаровони тадқиқотӣ метавонанд барои пешниҳод намудан ва муаррифӣ кардани арзишҳои маданиятҳои гуногун кӯмак намоянд.

Дар ҷаҳони муосир, пештар аз он ки дар мавриди арзишҳои динию мазҳабӣ ва хусусиятҳои халқу миллате сухан гуфта шавад, арзишҳои ду маданияти бо ҳам дар рақобат қарордошта - маданияти Шарқ ва маданияти Ғарб пеши назар дошта мешаванд. Яъне, арзишҳои дину мазҳаб, равияву ҷараёнҳо, ҳизбу созмонҳои зиёде, ки дар миқёси ҷаҳон хеле зиёд ба назар мерасанд, ба воситаи ин ду маданияти бузург – маданияти Шарқ ва Ғарб муаррифӣ карда мешаванд.

Ҳангоми омӯзиши мукаммал ва беғаразона дарк кардан мумкин аст, ки ин ду маданияте, ки гӯё дар мухолифати оштинопазир қарор доранд, умумиятҳои зиёди бунёдӣ доранд. Аммо таҳлилу тафсири нодуруст ва ғаразомез боис гашта, ки намояндагони ин ду маданият торафт аз ҳам дур мешаванд. Сабаби дигари шиддат ёфтани мухолифати ин ду маданияти бузург дар солҳои охир пайдоиши равияву ҷараёнҳо ва таълимоту андешаҳои беасос аст, ки аз номи ин маданиятҳо баромад мекунанд. Чуноне ки терроризм ва экстремизми охири садаи гузашта ва оғози қарни навин ба симои аслии маданияти Шарқ ва махсусан ба дини мубораки Ислом вобастагие надоранд. Ҳамчунин, ҷаҳонбинии манфиатхоҳонаи Макс Вебер, феминизми солҳои 60-ум, ҷараёнҳои гомосексуализм, «террори фарҳангӣ»-и Дерд Лукач ва ғайраро, ки дар тани маданияти Ғарб ҳамчун марази мӯҳлик пайдо шудаанд, ҳаргиз самари пешбинишудаи ин маданият донистан раво нест.

Омӯзиши беғаразонаю мақсаднок, муқоисаи дурусти арзишҳои бунёдии маданиятҳои Шарқу Ғарб, мавриди эҳтиром қарор додани меъёрҳои арзишманди маънавӣ ва мазаммати меъёрҳои нодаркори ин ду маданият ва ба ин восита ба ифоқа овардан ва таъмин намудани ваҳдати башарият яке аз вазифаҳои асосии фанни аксиология ба ҳисоб меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: аксиология, террори фарҳангӣ, ҷаҳони бехушунат, ҷаҳонбинии манфиатхоҳона, бӯҳрони маънавию рӯҳонӣ, ҷамъиятҳои техногенӣ, генно-инженерия, технологияи нусхасозӣ, саентизм, антисаентизм.

## АДАБИЁТ

1. http://ru.wikipedia.org/wiki/ Аксиология.
2. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 98.
3. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 92-93.
4. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 118.
5. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 95-97.
6. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 112.
7. Максимов А.Н. Философия ценностей. – Москва: «Высшая школа», 1997, с. 58.
8. Основы философии науки: учебное пособие для аспирантов /В.П. Кохановский и др.- Растов на Дону: Феникс, 2007, с. 489-490.
9. Краткий словарь по философии /Под общей редакцией И.В. Блауберга и И.К. Пантина. – Москва: «Политиздат», 1982. с. 335-336.
10. Основы философии науки: учебное пособие для аспирантов /В.П. Кохановский и др.- Растов на Дону: Феникс, 2007, с. 465-467.

11. Основы философии науки: учебное пособие для аспирантов /В.П. Кохановский и др.- Растов на Дону: Феникс, 2007, с.387.
12. Основы философии науки: учебное пособие для аспирантов /В.П. Кохановский и др.-Растов на Дону: Феникс, 2007, с.573.
13. Шпенглер Освальд. Закат Европы. /Том первый: Образ и действительность. Перевод И.И. Маханкова. - Москва: «Айрис Пресс», 2004. с. 401.
14. Патрик Дж. Бюкенен. Смерть Запада /Перевод с анг. А. Башкирова.-Москва: ООО «Издательство АСТ», 2004, с. 110.

**АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ АКСИОЛОГИИ**

В статье говориться об актуальных и теоретических проблемах аксиологии - одной из наиболее новых течений в философии, которая появилась во втором половине XIX века. Также в нём рассматривается определение объект изучения аксиологии, описание ценности, термин и категории аксиологии. Рассуждаются глобальные проблемы как духовное и нравственное отдаление людей, отношение мыслителей к сциентизму и антисциентизму и столкновение цивилизаций и культур Востока и Запада.

**ACTUAL PROBLEMS OF ACSIOLOGY**

In this article tells about relevant and theoretical problems acsiology – one of most and young tendency of philosophy, which founded in XIX century. Also in it rate attribution object analysis acsiology, description value, and term and acsiology categories. Discussed global problems as spiritual and moral removal people, attitude thinkers to scientism and anti-scientism and impact civilization and culture East and West.

# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ РАВАНДИ ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ФОРСИИ-ТОҶИКӢ

*Абулфазли Лутфизода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забони форсӣ аз нахустин замони пайдоиш то имрӯз марҳилаҳои мухталиф ва душворро дар ҳавзаҳои ҷуғрофӣ ва қаламрави забониаш сипарӣ намуда, борҳо ва қарнҳо афтодаву бархоста, аз ҳувият ва асолати зебоию фарҳангӣ таърихиаш дифоъ кардааст.

Он чиро, ки хонандагон ва пажӯҳишгарон дар ин мақола ба хониш мегиранд, сарнавишти пурфарозу фуруди фарҳанг ва забони форсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки чи гуна ин забон аз печу хами гарданаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҷафо ва тақсимбандии қудратҳои ҷаҳонӣ гузар карда, то имрӯз ба ёрии абармардон ва фидокори ин диёр ба ҳаёти хеш идома додааст.

Лозим медонам қабл аз баҳси фарҳангу забон дар як садаи ахир, як нигоҳи фишурда ба мароҳили таърихӣ ва ҷуғрофии ин кишвар дошта бошам.

Мавқеияти ҷуғрофӣ

Тоҷикистон бо 143100 километри мурабаъ масоҳат (минтақаи худмухтори Бадахшон низ шомил мешавад) ва 6995469 нафар ҷамъият аҳолӣ яке аз 5 ҷумҳурии Осиёи Марказӣ мебошад. Пойтахти он шаҳри Душанбе аст. Кишварест кӯҳистонӣ, дар ҷанубу шарқии Осёи марказӣ ва ҳамсоягонаш иборатанд аз: дар шимол, Қирғизистон ва Ӯзбакистон, дар ғарб Ӯзбакистон, дар шарқ Чин ва дар ҷануб Афғонистон. Марзи муштараки Тоҷикистон бо Қирғизистон 870 километр, бо Ӯзбакистон 1161 километр, бо Чин 414 километр ва бо Афғонистон 1206 километр мебошад. Тоҷикистон дар миёни ду риштаи кӯҳ Тияншон, ки то Чин идома пайдо мекунад ва Помир, ки то Афғонистон идома дорад, воқеъ шудааст. Тоҷикистон дорои се вилоят ба номҳои Суғд, Хатлон ва вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 44 ноҳия аст. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шарқи Тоҷикистон, дар иртифооти Помир воқеъ шудааст ва масоҳати он 64 000 километри мурабаъ мебошад ва 44 дар сади хоки Тоҷикистонро дар бар мегирад ва маркази он шаҳри Хоруғ аст. Дараи ҳосилхези Фарғона дар шимол ва дараи Вахш дар ғарби он воқеъ ҳастанд.[1]

Собиқаи таърихии ташкили ҷамъият

Тоҷикистон дар садаи шашуми қабл аз мелоди Масеҳ бахше аз императории Ҳахоманишӣ ба ҳисоб мерафт. Дар садаи чаҳори қабл аз мелод Искандари Мақдунӣ онро фатҳ мекунад (соли 334-1қ.м.). Пас аз марги Искандар ва тақсими императории вай миёни сардоронаш, ин қавми орёинажод ҷузъи давлати Юнонии Бохтар мешавад. Дар садаи охири қабл аз мелод, ақвоми орёгии биёбонгард ё сакоиҳо ин минтақаро мавриди тохтутози худ қарор дода, худ тавассути Юичаи бузург ё тахорҳо ба самти Бохтар ронда мешаванд. Тахориҳо тамоми сарзамини Бохтарро, ки аз ин пас Тахористон ном мегирад, ба тасарруфи худ даровcomponentsрданд. Фарде аз хонадони тахорҳо, ки раҳбарии онҳоро дошт, ба номи Куи Шанг шолудаи императории кушониёнро рехт ва аз садаи аввал то севвуми баъд аз мелод, яъне 200 сол қудрати фоиқаи минтақа буд. Императории Кушон

дар авохири садаи севвум рӯ ба уфул ниҳод ва ҳавнҳо (ҳайталиҳо) дар соли 425 охирин ҳукмрони кушонро аз Бохтар берун ронданд. Дар авосити садаи ҳафтум арабхо Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистонро фатҳ карданд ва дини мардумони орёии ин сарзамин аз ин баъд Ислом шуд ва номи Мовароуннаҳр ё Варорӯд бар он ниҳоданд. Дар садаи шашуми баъд аз мелод туркони саҳрогард ба тадриҷ дар навоҳии саҳроии Мовароуннаҳр, ки муносиб барои наҳваи зиндагии онҳо буд, сукно гузиданд ва сипас, дар садаи нӯҳуми баъд аз мелод хонадони эронии Сомониён бар Мовароуннаҳр ба салтанат расид ва бар тамоми Мовароуннаҳр ва қисмате аз Эрон ҳукумат карданд. Дар садаи даҳуми мелодӣ туркҳои қарахонӣ, дар садаи ёздаҳум туркҳои салҷуқӣ ин сарзаминро фатҳ карданд. Дар қарни XII мелодӣ муғулҳо ба Мовароуннаҳр ҳамла карданд ва дар қарни чаҳордаҳуми баъд аз мелод ҷузви урдуи зерин буд. Баъд аз муғулҳо, темуриҳо тамоми минтақаро тахти тасарруфи худ дармеоварад. Аз қарни XV ба баъд ӯзбакон ба тохту тоз дар Мовароуннаҳр пардохтанд ва минтақаро тахти ҳукумати худ даровარданд. Ба ҷуз мақотеҳи кӯтоҳе дар замони Нодиршоҳи Афшор ва Шоҳ Абос, ки минтақа тахти нуфузи эрониён даромад ва ӯзбакон то тасаллути русҳо бар минтақа дар қарни XIX қудратро дар даст доштанд. Дар авосити қарни XIX, ки ба тадриҷ қаламрави Русия дар ҷиҳати ҷануб ба тарафи Афғонистон густариш меёфт, марокизи аслии тоҷикӣ монанди Уротеппа ва Хуҷанд ба Русия замима шуд. Дуруст, дар ҳамин замон амирнишини Бухоро ба густариши қаламрави худ пардохт ва дар соли 1877-78 муваффақ шуд Каротегин ва Дарвозро тасарруф кунад. Ба ин тартиб, охирҳои қарни XIX қисматҳои шимоли Тоҷикистон дар қаламрави ҳукумати Русия ва ҷануби он зери фармони амири Бухоро даромад, ки хоноти Бухоро худ таҳтулҳимояи Русия буд. Саранҷом, баъд аз инқилоби балшевикӣ, пас аз як давраи кӯтоҳи муддати истиқлол, соли 1921 тахти ситраи ҳукумати болшевикӣ даромад ва дар марзбандии сиёсӣ соли 1924 ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон-ҷузъи Ӯзбакистон гардид. Дар 16 октябри саннаи соли 1929 ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ба сатҳи ҷумҳурии алоҳида иртиқо ёфт ва арозии Хуҷандро низ, ки қабл аз ин таърих ҷузъи Ӯзбакистон буд, ба моликияти худ даровард ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиолистии Тоҷикистон по ба арсаи вуҷуд гузошт. Ин ҷумҳурӣ то 9 сентябри соли 1991, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба унвони як воҳиди сиёсии мустақил эъломи истиқлол кард ва ба мувозоти соири ҷумҳуриҳо бо ба расмият ёфтани узвияти онҳо дар Созмони милал ба унвони як кишвари мустақил ба кишварҳои мустақили ҷаҳон пайваст.[2]

Имрӯз баҳси фарҳангу забони миллии тоҷикон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баргашт ба ҳувияти поринаи фарҳангиашон аз ҷумлаи масоили муҳиму ҳаётӣ барои донишмандон ва қаламбадастони ин диёр аст. Тақрибан бештари адибон ва шоирон ва муҳаққиқони ин кишвар дар ин арса ибрози назар ва қаламфарсоию талош намудаанд.

Барои дарку дарёфти ин баҳс осори чанд тан аз муҳаққиқон ва адибонро дар ин замина мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳам. Аз ҷумлаи ин шахсиятҳо, ки дар боби забону фарҳанги тоҷикӣ осори сӯдманду арзишмандеро нигоштаанд, устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, устод Муҳаммадҷон Шукурии Бухороӣ, Мирзо Шукурзода, Абдуннабӣ Сатторзода, Раҳим Мусулмониён, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигаронро метавон ном бурд.

Сарнавишти форсӣ-тоҷикӣ

Муддатҳо аст, ки забоншиносон форсии навро, ки пешинаи он асосан аз аҳди Сомониён ба унвони забони адабии ғанӣ ва меъёрӣ ташкил ёфта буд ва ҳадди ақал як ҳазору дувист сол умр дорад, мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Давраҳои гуногуни таҳаввули забони форсӣ дар тамоми каламравҳои густариши он, каму беш таҳқиқ шуда, дар манотиқе, ки аҳёнан ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, бетардид мавриди пажӯҳиши доманадор қарор хоҳанд гирифт. Дар ин навишта кӯшиш шудааст, фарояндҳое, ки дар забони форсии тоҷикии Варорӯд дар садаи бистум ба таври дақиқтар аз даҳаи 20 садаи бистуми мелодӣ то оғози садаи бисту якум вуҷуд доштааст, аз назар гузаронда мешавад.

Шаке нест, ки садаи бисти мелодӣ давраи дигаргуниҳои асосӣ дар забони форсии тоҷикӣ будааст ва имрӯз бисёр зарурӣ менамояд, то моҳияти ин дигаргуниҳоро арзёбӣ кунем. Ба ақидаи мо, рушди минбаъди забони тоҷикии фарорӯд вобаста ба он хоҳад буд, ки моҳияти равандҳои забонии қарни бистумро ҳамаҷониба ва дуруст ва албатта, дар ҳадди мумкин баррасӣ кунем.

Имрӯзу фардои мо вобаста ба дирӯзҳо аст. Агар ба дурустӣ ба рӯйдодҳои гузашта таваҷҷӯҳ кунем, таъйини роҳу равиши имрӯз ва фардо нисбатан осонтар ва имконпазир хоҳад буд ва ин коре аст, ки нигорандаи ин сутур қасд дорад дар заминаи забони форсии фарорӯд анҷом диҳад.

Аз он ҷо, ки Тоҷикистон дар охирин даҳҳаи қарни бистум (соли 1991) ба истиқлол расид, таъйини роҳу равиши мо дар устувор кардани истиқлоли фарҳангии миллат, истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодии кишвар зарур аст. Мо бар ин боварем, ки дар ин миён, масоили сарнавишти забони миллӣ, ки рукни асосии давлати миллӣ аст, аҳамияти вижа дорад.[3]

Саргузашти фоҷиабори забони форсӣ, бахусус дар замони Иттиҳоди Шуравӣ на танҳо донишмандони тоҷикро ба вокуниш водор кард, балки муҳаққиқон ва соҳибназарони Ирон ҳам бо ин фарёдҳои адолатхоҳӣ ҳамнаво шуда, дар ин масир қалам задаву қадам задаанд. Чун Абулқосим Лоҳутӣ, доктор Алии Равоқӣ, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Қаҳрамон Сулаймонӣ ва дигарон.

Ба унвони мисол, метавон аз муқаддимаи Қаҳрамон Сулаймонӣ дар китоби «Сарнавишти форсии тоҷикии Вароруд дар садаи бист» ёдрас шуд. «Забони форсӣ дар Вароруд танҳо василаи иртибот ва абзори интиқоли огоҳию маърифат нест, балки бахши зинда ва ҷиддӣ аз мушоҷарот ва мунозиоти як сад соли ахир ва ҷунбиши истиқлолталабию озодихоҳӣ ва ҳувиятҷӯии мардуми ин сарзамин бар ӯҳдаи ин забон аст. Ба дигар сухан, ин забон дар садаи гузашта коркарде сиёсӣ ва фарҳангӣ пайдо кардааст. Аз ҳамин рӯст, ки дар ин қаламрав бунёндгузорони фарҳанги нав, сиёсатмадорони фарҳангӣ будаанд. Алалхусус, дар Тоҷикистон ин амр ба равшанӣ ҳувайдо аст. Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Турсунзода ва… танҳо адибон ва пажӯҳишгарони ин сарзамин набудаанд, балки бунёнгузорони низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳам ба ҳисоб меомаданд.

Доманаи ин коркарди забон то имрӯз ҳам кашида шудааст. Дар тақсимоти Осиёи Марказӣ, нажод, ҷуғрофиё, забон… авомили ташкилдиҳандаи ҳувияти миллӣ маҳсуб мешаванд ва тоҷикон дар ин миёна холиқони фарҳанг ва тавзеъкунандагони он дар минтақа будаанд ва бештар ба эътибори забон таъриф мешаванд. Тақсими мустабидонаи ин сарзаминҳо ва ҷафои таърихӣ, ки бар тоҷикон раво дошта шуда, масъалаи забонро ба сурати яке аз мавзуоти баҳсангез ва ҷиддӣ дар миёни равшанфикрон, мудирони иҷтимоӣ ва сиёсатмадорон кардааст. Се бор тағйири хат дар Осиёи Марказӣ, фоҷиае буд, чанд наслро дар барзахи фарҳангӣ қарор додааст ва забонҳои минтақа бар фарохури зарфиятҳои фарҳангии худ, ҳар як аз ин масъала дидаанд ва тоҷикон ба эътибори фарҳанги устувор ва ғании худ дар ин миён бештарин зиёнҳоро дидаанд ва кор ба ҷое расида, ки миллате, ки фарҳанг ва забони худро ба ҳамсоягони хеш ҳадя мекардааст, имрӯз дар тардиди интихоби забон ва хат аст ва чӣ фоҷиае аз ин болотар.»[4]

Яке аз муҳаққиқони тоҷик Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, ки чанд солро дар Ҷумҳурии Исломии Ирон сипарӣ намуда, бо навиштани осор ва мақолаҳои судманд дар боби таъриху фарҳанги тоҷикон ва шиносоии он барои эрониён хадамоти арзандае анҷом додаст, дар яке аз мақолоташ таҳти унвони «Адабиёти муқовимати тоҷик» то андозае сиёсати ҳукуматҳои истибдодии қаблӣ ва болшевикҳои русро бо равшанфикрон ва шахсиятҳои тоҷик ба нашр расонда, ки мутолиа ва дарёфти сиёсати он замони шуравӣ холӣ аз фоида ва бардошт нахоҳад буд.

Адабиёти муқовимати тоҷик

Тоҷикон кӯҳантарин сокинони Вароруд ҳастанд ва қавме эронинтабор ва форсигӯй мебошанд. Ин қавм дар қуруни височ, дар зери зулми амирони ҷоҳили бодиянишини Аштархонӣ ва Шайбонӣ ва Манғитӣ қарор дошт ва аммо дар садаи ҷорӣ бо зулме бештар ва шадидтар рӯёрӯ омад аз пойтахташ Бухорои Шариф ва шаҳрҳои фарҳангӣ ва таърихии хеш, ҳамчун Самарқанду Кеш ва Насафу Фарғона ва Термиз ва ғ. маҳрум гашт. Болшевикон, ки мухолифи фарҳанги миллӣ буданд, тавонистанд русум, одот, дин, ҳатто забони моро ба нестӣ бирасонанд.

Аммо ин низ пӯшида намебошад, ки ин қавми мутадайин ва озода дар баробари зулм хомуш набудааст, дар пеши золим зону назадааст. Бавижа, шоирони фарзона ва фарзандони сар ба дори ӯ ҳамаро, ҳатто ҳастии хешро дар доду ростӣ ва нафъи мардум ба гарав гузоштаанд.

Зиндагии мардуми Варорудро дар оғози садаи бистуми меладӣ бо иборахои фасоди табақаи ҳукмрон, таассуббахшӣ аз аҳли дину бенавоии оммаи заҳматкаш метавон тавсиф кард. Чунин вазъи ноҳинҷори равшанфикрон тоби бардошт надоштанд ва барои густариши маърифат ва бедории миллӣ камар бастанд. Амир Олимхони манғит (1910-1920) ба зишттарин амали худ даст зад: дар ҳамкорӣ бо қисми мутаассиби муллоён равшанфикронро бо исми «ҷадид» бадном кард. Баъдтар, дар замони шуравӣ бештари шахсиятҳои миллӣ ва мазҳабии тоҷик террор шуда, аз байн бурда шуданд. Он замон дар Бухоро Мирзо Назруллоҳ (1917), Мирзо Файёз (1917), Мирзо Аҳмад (1917) Ҳоҷӣ Абдуссатор (1917), Хоҷа Сироҷуддин (1917), Аҳмадхоҷаи Меҳрӣ (1918) шаҳодат ёфтанд; Мирзо Ҳабиби Саҳбо дар Қубодиён сангсор карда шуд (1918), Маҳмудхоҷаи Беҳбуӣ дар Насаф ба қатл расид (1918), Сайидҷон Махдуми Назмӣ дар зиндони Балҷувон ба дор кашида шуд.

Дар чунин рӯзгори фоҷиабор аз Русия болшевикҳо бо шиорҳои пуштибонӣ аз бенавоён ва равшанфикрон ва доду ростӣ омаданд ва табиӣ аст, ки то андозае пазироӣ ҳам диданд…[5]

Дар ин ҷо нигоҳи муҳаққиқи мӯҳтарам Раҳим Мусулмониён бештар ба тасфияҳои хунини замони Сталин аст, ки аз он ба унвони як давраи хунину ваҳшатнок дар инқилоби Октябр ёдоварӣ шуда, дар он тирождии инсонӣ на танҳо шахсиятҳои миллӣ ва пурнуфузи тоҷик, балки соири ҷумҳуриятҳои шӯравии собиқ ба чунин сарнавишт дучор омаданд.

Аз нимаи солҳои сиюми мелодӣ моҳияти аслии сиёсати болшевикҳо комилан ошкоро мегардад. Дар сафи миллионҳо инсони поку бегуноҳи шӯравӣ садҳо равшанфикрон ва омӯзгорони тоҷик низ ё ба шаҳодат расиданд ва ё озори зиндон ва табъидро кашидаанд. Адибоне ба монанди Рашид Абдуллоҳ, Саъдуллоҳ Рабеъӣ, Алии Хуш, Обиди Исматӣ, Бахриддин Азизӣ, Абдурraуфи Фитрат (Мучмир), Назруллоҳи Бектош (Ҳайдарзода), Саидризо Ализода, Рауфи Тоҳирӣ ва ғ. дар зиндонҳои болшевикҳо ҷони худро аз даст доданд. Гурӯҳи бузурге, аз ҷумла Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Холиқ Мирзозода, Баҳром Сирус, Муҳиддин Аминзода ва… ҳафтаҳову моҳҳо дар боздошт буданд ва мавриди истинтоқ қарор гирифтанд. Ғанӣ Абдуллоҳ, Раҳим Ҳошим, Туракул Зеҳнӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Нодир Шанбезода, Вадуд Маҳмудӣ ва… солҳои дароз аз умри гаронмояи худро дар зиндонҳои Сибир супурдаанд. Тавре, ки оқои Ҳикматуллоҳ Насриддинов овардааст, шоирон Сомеъ Одиназода ва Мирзо Латиф танҳо ба ҳамин «гуноҳ», ки дар маҳфили бедилхонӣ ҳузур доштаанд, 25 солӣ аз умри худро дар табъид ба сар бурдаанд…[6]

Сарнавишти фарҳанг ва забони форсиро дар замони ҳукумати Шӯравӣ аз чашмандозҳои мухталиф баррасӣ ва мутолиа намуда, дарёфт шуд, ки сиёсатгузорӣ ва идеологияи табақаи болои ҳукумат чунин буд, ки на танҳо ин миллатҳоро аз решаи таърихии фарҳангӣ ва забониашон ҷудо намуда, балки кӯшишҳое сурат гирифт, ки фарҳангу забони русиро ба унвони фарҳанг ва таърихи адабиёти советӣ ҳамчун фарҳанги ҳоким бар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳмил намуд. Аз ҷонибе кӯшишҳое сурат гирифт, ки нишон дода шавад, ки тоҷикон бо мардумони ҳамкеш ва ҳамзабони хеш Ирону Афғонистон чандон иртибот ва пайванди ягона надоранд, яъне ҳамеша равобити фарҳангӣ ва ҳунарии ин мардумон аз боло муайян ва контрол мешуд.

Яке аз муҳаққиқони тоҷик Қаҳор Расулиён дар боби равобити сиёсӣ ва фарҳангии Ирон чунин фармудааст: «Дар замони ҳокимияти Шуравӣ миёни Тоҷикистон ва Ирон ҳеҷ гуна равобити мустақим вуҷуд надошт ва танҳо баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ ва истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни ин ду кишвари бародар равобити сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ барқарор гардид.

Ҷумҳурии Исломии Ирон яке аз нахустин кишварҳои ҷаҳон буд, ки истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва рӯзи 21 январи соли 1992 сафорати худро дар шаҳри Душанбе ба таври расмӣ ифтитоҳ намуд. Ба ин муносибат, як ҳайати баландпояи сиёсӣ ва фарҳангии Эрон ба раёсати намояндаи вижаи раиси Ҷумҳурии Исломии Ирон Аббос Маликӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар кард. Аз ҳамон давраи табодули ҳайатҳои баландпояи байни ду кишвар ва имзои тавофуқномаҳои мутааддид, муҷиби густариши ҳарҷӣ бештари равобити миёни Эрону Тоҷикистон гардид.»[7]

Ягонагӣ ва ҷудоии ҳамзабонон

А.Сатторзода-адабиётшиноси варзидаи тоҷик ин мавзӯъро дар мақолаи олимонаашон ба таври ҷиддию илмӣ ва дилсӯзона баррасӣ ва таҳлил намудааст: «Ҷои масарат аст, ки солҳои ҳаштодум бар асари дигаргуниҳои муборакe, ки дар авзои дунё ва минтақа ба амал омад, қавмҳои эронинажод пас аз ҷудоӣ ва парешонии чандинасра ва чандинсола дубора мисли қатраҳои оби аз ҳам пошхӯрда боз ба ҳам омада, дубора ба дидори якдигар расиданд. Ду-се асри пеш аз ин хонадонҳо, гурӯҳҳо ва ашхосе пайдо шуда буданд, ки ба хотири баровардани ғаразҳои сиёсӣ, мазҳабиву қавмии хеш қавми пурнуфуз ва ягонаи моро, сарзамини бузург ва ягонаи моро пора-пора намуда, миёни он пораҳо марзҳои таҳмили сиёсӣ, мазҳабӣ ва қавмӣ гузоштанд. Онҳо дар ин кор ба дараҷае тавфиқ ёфтанд, ки дар ниҳоят пас аз мурури якчанд сола мо ҳама қариб буд ба он бовар бикунем, ки аз азал аз ҳам бегона ҳастем ва ҳеҷ гуна иртиботи қавмӣ миёнӣ мо вуҷуд надорад. Иронинажодоне, ки дар Афғонистон ҳастанд, афғон ва онҳое, ки дар Ирон буданд, эронӣ ва онҳое, ки дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна мебошанд, тоҷиканд. Забони ҳар як аз ин қавм дигар аст: яке дарӣ, дигаре форсӣ ва севвум тоҷикӣ. Мусиқиашон низ дигар аст: мусиқии афғонӣ, мусиқии эронӣ ва мусиқии тоҷикӣ ва ғайра.[8]

Ин тарзи диду нигоҳи илмӣ ва мантиқие, ки аз ҷониби ин донишманди нуктасанҷ матраҳ шуда, бояд гуфт, ба иловаи ин ки шабакаҳои хосе дар масири ҷудоии ин ҳавзаҳои муштараки фарҳангӣ, адабӣ ва таърихӣ кору кӯшиш менамуданд, мутаассифона, адами огоҳии аксари табақоти поёнии ҷомеа аз ягонагии ин ҳавзаҳо то андозае таҳти таъсири ин навъ таблиғоти ғаразолуд қарор мегирифт.

Дар Тоҷикистон то ба ҳамин наздикиҳо метарсиданд, бигӯянд, ки дар хоки Афғонистони имрӯза қавме ба номи тоҷик будубош дорад. Имрӯз ҳам дар Тоҷикистон ба ном донишмандони забоншинос ва адабиётшиносе ҳастанд, ки бо як пофишории ифротгароёна исбот карданӣ мешаванд, ки забони дарӣ дигар аст, забони форсӣ дигар аст ва забони тоҷикӣ дигар аст. Адабиёти Афғонистон дигар аст ва адабиёти Ирон дигар аст ва адабиёти Тоҷикистон дигар аст. Ҳамчунин, фарҳанги онҳо, мусиқии онҳо ва ғайра. Ин гуна иштибоҳот миёни донишмандони афғонистонӣ ва Иронӣ низ ҷой дорад.

Мо, ки қазияи ягонагии забон ва адаби дарӣ, тоҷикӣ, таърих, фарҳанг ва мусиқии Афғонистон, Ирон ва Тоҷикистонро аз оғоз то ба имрӯз матраҳ менамоем, манзурамон забони сараи дарӣ, форсӣ ва тоҷикӣ, таърихи фарҳанг ва мусиқии асили ин кишварҳост. Вагарна, дар воқеъ, он забони ноби тоҷикӣ, ки миёни гурӯҳи бузурги шахсони мактабдида ва ба истилоҳ босавод, аз он ҷумла, миёни аҳли илму адаби Тоҷикистон маъмул аст, хеле иртиботе бо забони форсии сара дорад. Вай аслан як забони илму адаб аст, ки дар он сарфу наҳви суннатӣ, аз қолабу сохторҳои пешина каме коста шудаанд. Аксари навиштаҷоте, ки ба номи «адабиёт» дар Тоҷикистони имрӯз ҳам пешкаш мешавад, бо адабиёти асил ва шеъру насри форсӣ наздикии қавӣ доранд. Ҳамчунин, дар мусиқӣ ва фарҳанги он ва ғайра. Намунаҳои тасануии шеъру достон, мусиқии кӯчабозории форсии шикаста, пур аз лакнату сакта дар Ирону Афғонистон ҳам кам нест.

Мутаассифона, онҳое, ки ба истиқлоли мутлақи забон, адабиёт, илм, фарҳанг, мусиқӣ ва ғайра дар қаламрави қавмҳои эронинажод сухан меронанд, маҳз дар заминаи ҳамин гуна забони сохта, адабиёт, фарҳангу мусиқии ғайриасил қазоват кардаанд.[9]

Он чи боиси таҳаммул ва тақдир аст, коркард ва талоши адибон ва муҳаққиқон ва шахсиятҳои миллии фарҳангии тоҷик аст, ки як теъдод ба мисли Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратуллоҳ Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов... барои исботи ҷуғрофиёи таърихи Тоҷикистон кору пайкор намуда, ин кишварро ҳамчун ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба исбот расониданд. Ва шахсиятҳои дигаре чун Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров бо навиштани осори арзишмандашон ба мисли «Намунаи адабиёти тоҷик» ва китоби «Тоҷикон» хидмати шоиста ва мондагорро анҷом додаанд. Ду асари номбурда то имрӯз мавриди истинод ва истифодаи муҳаққиқон ва шарқшиносон қарор дошта, аз аҳамият ва эътибори баланд бархӯрдор аст.

Китоби «Тоҷикон» на танҳо дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ, балки дар хориҷ аз он низ касби шӯҳрат намуда, аз сӯи муаррихон ва ховаршиносони мамолики Шарқу Ғарб бо самимият истиқбол шуд ва мавриди арзёбии олӣ қарор гирифт. Дар соли 1977 тоҷикон ба забони ҷопонӣ ва дар соли 1978 дар Варшава ба забони Лаҳистонӣ ба табъ расид. Дар соли 1984 Ҷалолуддин Сиддиқӣ, донишманди маъруфи Афғонистон ҷилди авали китоби Тоҷиконро дар Кобул мунташир сохт.[10]

Пурсише пеш меояд, ки чаро маҳз масъалаи забон ва адабиёт барои муайян шудани сарнавишти тоҷикон чунин аҳмияти фавқулода пайдо кард?

Масъалаи ислоҳи забони матбуот ва адабиёт аз ҷумлаи нукоти арзишманде буд, ки устод Айнӣ ва шогирдонаш дар он замон таваҷҷӯҳи хешро дар ин замина маътуф дошта, кӯшишҳоеро ба харҷ додаанд. Ҷо дорад дар шароити имрӯз чунин ҳадафҳои шоиста барои ислоҳ ва ороиши забони форсӣ дар кишварҳои форсизабон, ба вижа дар расонаҳои савтӣ ва тасвирӣ ва матбуот ба таври ҷиддӣ пайгирӣ шавад.

Ин аст, ки дар нимаи қарни бист ин бовари ҷонгудоз, ки забони тоҷикӣ рӯ ба сӯи заъф дорад, қувват меёфт. Вале устод Айнӣ гӯи чунин ақидае надоштааст. Инро аз он ҷо метавон пай бурд, ки худаш ҳамеша дар роҳи забон талош мекард ва дигаронро низ дар ин талош рӯҳияи баланд мебахшид. Аз ҷумла, чун соли 1953 нахустин мақолаи банда дар бораи айбҳои забони радиои Тоҷикистон чоп шуд. Устод Айнӣ онро бо вуҷуди норасоиҳояш маъқул донист ва лозим донист, ки минбаъд чунин мақолаҳо бинвисам...[11]

Аз охирҳои даҳҳаи панҷоҳи асри XX мубориза дар роҳи полоиши забон аз нуқсону норасоиҳо вусъат гирифт. Аз шогирдони Айнӣ касоне чун Раҳим Ҳошим ва Туроқул Зеҳнӣ, ки аз табъиди Сибиру Қазоқистон баргашта буданд, бо ин мубориза ҳамроҳ шуданд ва бо Ҷалол Икромӣ ва Абдуссалом Деҳотӣ ва Ҳабиб Аҳрорӣ ва Эмануел Мулоқандов ва дигар нависандагон амал карданд.

Хулоса ва натиҷагирӣ

Ин навиштаро бо сухани донишманд ва муҳаққиқи гаронмояи тоҷик устод Муҳаммадҷон Шукурӣ ҳусни анҷом бахшида, бо умеди он, ки донишмандон ва муҳаққиқон ва адибону шоирони дилсӯзи тоҷик ва соири форсизабонони ҷаҳон ҳамгом бо муҳаққиқони мунсиф ва бовиҷдон гомҳои мусбат ва пурсамареро дар роҳи рушди болandaгии забону фарҳанги форсӣ бардоранд ва бигзоранд, ки ин фарҳангу забон ҳамчун гузашта нақши мусбату мондагори хешро дар роҳи қудрат ва халлоқияти ҳунарӣ, ҳамчун гузашта барои сулҳу ваҳдати қалбҳо ва қаламҳои башарият ифо намояд. Ҳамзамон, раванди инкишоф ва ташаккулёбии забони форси-тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни фарҳангиро дар бар гирифта, дар тӯли таърих ба монеаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Новобаста ба ин, дар раванди забонсозии минтақавӣ дар се ҳудуди ҷуғрофӣ ин забон ба дигаргун ва таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, хусусиятҳои хоси хешро гум накардааст. Аммо сохти ҷумласозӣ, калимасозӣ сарфу наҳви он ба таври ҷиддӣ тағир ёфтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** маҳалли ҷуғрофӣ, сарнавишти форсии тоҷикӣ, адабиёти муқовимат, ягонагӣ ва ҷудогии ҳамзабонон.

## АДАБИЁТ


1. Тоҷикистон: Мабоҳиси кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ. Вазорати корҳои хориҷаи Ҷумҳурии исломии Эрон, Рӯъё Муназзамӣ, Теҳрон 1374, с. 3.
2. Тоҷикистон: мабоҳиси кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ. Вазорати корҳои хориҷаи Ҷумҳурии исломии Эрон, Рӯё Муназзамӣ, Теҳрон 1374, с. 8.
3. Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бисти мелодӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, с. 5.
4. Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бисти мелодӣ Муҳаммадҷон Шакурӣ, Муқаддима аз Қаҳрамон Сулаймонӣ. с. 3.
5. Маҷалаи Ошно, шумораи 31 соли шашум, 1378. 26.
6. Ҳамон ҷо. с. 27.
7. Равобити фарҳангии Эрону Тоҷикистон, Қаҳор Расулиён, Душанбе, 1382.
8. Куҳна ва нав, Абдуннабӣ Сатторзода, Душанбе 1384 с. 211.
9. Куҳна ва нав, Абдуннабӣ Сатторзода, Душанбе 1384 с. 213.
10. Тоҷикон: муқаддима аз Аҳрор Мухторов, Теҳрон, Созмони чоп ва интишорот, 1377.
11. Хуросон аст ин ҷо, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Душанбе 1996, с.287.
12. Намунаи адабиёти тоҷик, Садрддин Айни, ба кӯшиши Алии Равоқӣ, Теҳрон, 1385.
13. Тоҷикон, Бобоҷон Ғафуров , Душанбе 1997.
14. Хуросон аст ин ҷо, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Душанбе 1996.
15. Тоҷикон дар масири таърих, Мирзо Шукурзода, Теҳрон 1384.
16. Маҷаллаи Оянда, шумораи 1-3, Теҳрон 1372.
17. Форсии бостон, Додхудо Саймудинов. Душанбе 1386.
18. Заминаҳои рушди забони форсии дарӣ то асри сомонӣ, доктор Муҳиддин Маҳдӣ. Душанбе 1999м.


### НЕКТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА

Автор в данной статье приводит историю развития персидско-таджикского языка. Он отмечает, что персидский язык со времени своего возникновения до настоящего времени преодолел различные и трудные этапы в географических бассейнах и языковых территориях, но с помощью великих людей Таджикистана сохранил свою прекрасную историческую и культурную менталность.

### SOME OF SPEACIALITY PROGRESS OF CULTURE OF TAJIK PERSIAN LANGUAGE

The author of this article have analyzed the history of persian language he said that persian language from its subsurtial up to now acrosse different and difficult stages in its geografical basin and language territory, but by the aim of greate mans of Tajikistan seveol its beatiful history and caltural mentality.

# НАҚШИ ОМИЛҲОИ БА ҲАМ НАЗДИКШАВИИ РОБИТАҲОИ ИРОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Аҳмади Раисӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Осиёи Марказӣ дар ҷуғрофияи кунунии ҷаҳон дар нуқтаи пайвастшавии Осиё ва Аврупо қарор гирифта ва аз мавқеияти ҷуғрофӣ бисёр муҳиме бархурдор аст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ аз Шимол ва Ғарб бо Русия ва дарёи Хазар аз ҷануб бо Эрон ва Афғонистон ва аз шарқ бо Чин ҳамсоя ҳаст. Вусъати Осиёи Марказӣ 3 993 900 км мурабаъ ва ҷамъияти он болиғ ба 50 млн нафар аст, ки беш аз чаҳоруми он мусулмон ва суннимазҳаб ҳастанд.

Ин минтақа таърихи хеле кӯҳан дорад. Дар қарни 19 уми ин минтақа арсаи рақобатҳои густурдаи Англис ва Рус гардид. Бархе аз нависандагони қарни 19 аз ин рӯёрӯи ба номи «Бозии бузург» ёд кардаанд. Осиёи Марказӣ дар тули қарни 20-ум бахше аз ҷамоҳири Шӯравӣ буд, ки пас аз пош хӯрдани Шӯравӣ бо шакли кунунӣ ва дар қолиби панҷ кишвар – Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон боқӣ монд..

Минтақаи Осиёи Маркази пас аз барҳам хӯрдани Шӯравӣ бо таваҷҷӯҳ ба ин ки маҳалли мувоҷиҳа пайвастшавии қудратҳои минтақаҳо ва фароминтақаҳо ва манбаи азими энержӣ, ба вижа нафту гази ҳавзаи Хазар ва маъдани зеризаминӣ ва потенсиали фарҳангӣ ва динӣ озод шуда, ки бар асоси назрияи бархурди тамаддунҳои Ҳонтингтон метавонад бистари муносибе барои бархостани

ҳаракоти исломгароёна бошад, дорои аҳамияти рӯзафзун дар низоми байналмиллалӣ аст, ба гунае, ки бароянди ин таҳвилро бояд муҷиби шаклгирии як «як бозии бузурги ҷадид» донист, ки ҷойгузини «бозии бузург»-и қаблӣ, ки дар чаҳорчӯби рақобатҳои қарни 19 мелодӣрух дод, гардидааст.

Дар чунин шароит сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо чолиш ва фурсатҳое рӯ ба ӯ аст, ки шинохти саҳеҳи онҳо метавонад заминасози оғоз ва пайгирии як сиёсати хориҷии воқеъгаро поёӣ ва мутобиқи мунофеи миллии Эрон бошад.

1. **Ҳавзаи сиёсӣ.** Дар даврони Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба унвони бахше аз Иттиҳоди шӯравии фоқид иртиботи мустақим бо низоми байналмиллалӣ буданд: пош хӯрдани ногаҳонии Шӯравӣ пас аз тавофиқи сарони Русия, Украина ва Белорусия дар Минск таърихи 8 декабри соли 1991 ва истеъфои иҷбории Гарбачов дар 25 декабр ҳамон сол, ки сарони ҷумҳуриҳои дигар, ба вижа Осиёи Марказӣ дахолат дар он надоштанд. Истиқлоли нохоста ва нобаҳангомро барои ҷумҳуриҳои мазкур дар пай дошт ба гунае, ки адами омодагии сиёсии ин ҷумҳуриҳо барои мувоҷеҳ шудан бо шароити сиёсии ҷадид дар абъоди дохилӣ ва байналмиллалӣ таъсири зиёде барҷо гузошт. Аммо бо гузашти замон ва бозёбии худ ва дарки воқеиятҳои робитаи байналмиллал ин кишварҳо дар нуздаҳ соли гузашта бо ҳаракати рӯ ба тараққӣ ва ташкили иттиҳодияҳо ва созмонҳои минтақаҳо талошҳои ҳамгароёнаеро оғоз намуданд.

Нуктаи муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ тадбиқи ниёзи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ЭКО шудани сиёсати минтақаи Эрон пас аз поёни ҷанги таҳмилии Ироқ ва оғози давраҳо аз амалгароӣ дар сиёсати хориҷӣ аст, ки ин ниёзи мутақобили мунҷир ба густариши созмони ЭКО аз се кишвар – Эрон, Туркия ва Покистон ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо пешниҳоди Эрон буд. Ҳарчанд ЭКО натавонистааст ба унвони як созмони иқтисодӣ нақши таъин шудаи худро ифо намояд, аммо ба унвони оғози як ҳаракат ва таҷрибаи ҷадид қобили таваҷҷӯҳ аст.

Дар тули 19 соли гузашта он чи аҳамият дорад, баҳси минтақагароӣ дар сиёсати хориҷии Эрон аз назари абъод ва дар бар гирифтани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳоҷӯби созмонҳои монанди ЭКО ва созмони ҳамкории Шанхай намудор шудааст. Бар ин асос муҳимтарин нуқтаи ҳамгароиро ниёзи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои ёфтани роҳҳое илова бар масири Русия ва истиқлол амали бештар дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои минтақа донист. Аз ин рӯ, давлатҳои Осиёи Марказӣ, кишварҳои чун Эрон, Покистон ва Ҳиндро дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақаҳое монанди Эко, Шанхай ба унвони «мувозинагар» барои таодили бахше ба раванди сиёсии мавҷуд ва сохтори силсилаи маротибе дар минтақа ва костан аз нақши боло ба поин бозмонда аз давраи иттиҳоди Шӯравӣ менигаранд.

Ин умур фурсате аст, ки дастгоҳи дипломатии Эрон битавонад барои афзоиш зариби нуфузи сиёсии худ аз он баҳрагирӣ, ки ниёзманди таъриф модели хос аст, ки дар он шароит кишварҳои минтақа, Эрон ва ниёзҳои он дар як вазъият қарор гирад.

2. **Ҳавзаи амниятӣ.** Қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ва транзити он аз минтақаи Осиёи Марказӣ, бесуботӣ ва ноамнӣ дар Афғонистон, тақвияти муҷадид ҷойгоҳи толибон ва нуфузи он дар Осиёи Марказӣ, густариши бунёдгароӣ ва терроризм дар минтақа ва аз ҷумла таҳдидоти муштарак минтақае аст, ки метавонад бистари муносибе барои ҳамгароии Эрон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бошад ва фойиқи омадан бар таҳдидот гуфта шуда ҷуз аз тариқи густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа , аз ҷумла Эрон мумкин нахоҳад буд.

Ҳамкории Эрон бо кишварҳои ҳавзаи Осиёи Марказиро метавон дар ду сатҳи дуҷониба ва минтақаҳо мавриди баррасӣ ва таваҷҷӯҳ қарор дод.

Дар сутуҳи дуҷонибаи Эрон бо таваҷҷӯҳ ба заруратҳо ва ниёзҳои муштараки амниятӣ иқдом ба мувофиқати номаи амниятии дуҷониба бо кишварҳои минтақа намуд.

Дар чаҳорчӯби ин тавфиқ номаҳои Эрон талош намуд масоили монанди муҳоҷирати ғайриқонунии транзити маводи мухадир ва қочоқи колоро, ки таваҷҷӯҳ ба камқудрат пеш омада дар минтақа, ба вижа дар таи даҳаи 90 мелодӣ шиддат ёфта буд, мудирият ва контрол намояд.

Аммо пас аз узвият Эрон ба унвони узви нозир дар созмони ҳамкории Шанхай дар соли 2004 ҳамкории Эрон бо кишварҳои минтақа аз сатҳи дуиҷониба ба чандҷониба ва минтақаҳо иртиқое пайдо кард.

Бад ин тартиб кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки пеш аз он дар чаҳорчӯби созмони амнияти дастаҷамъӣ, ҳамкориҳои амниятиро дар сатҳи кишварҳои мустақили муштаракулманофеъ менамуданд, дар чаҳорчӯби ин созмони навбунёд, минтақаи васеътареро дар

ҳавзаи амнияти пешрӯи худ, ки ҳузури Эрон дар он фасли навине барои тарафҳо дар ин ҳамкорӣ буд.

Ташкили созмони ҳамкории Шанхай дар оғози ҳазораи савумро метавон посухи кишварҳои минтақа ба таҳдидот ва нигаронихоиҳои муштарак донист.

Ин созмон, ки бо ҳадафи эътимодсозии байни кишварҳои минтақа, мубориза бо терроризм ва афрогароии мазҳабӣ, ҷудоиталабӣ ва дар сатҳи калон ба манзури муқобалаи ҷӯё бо фазои як ҷонибгароии Амрико бо узвияти кишварҳои Русия, Чин, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва узвияти нозири Эрон, Ҳинд, Покистон ва Муғулистон ташкил гардид, ки бо аҳдофи амниятӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар сатҳи минтақаҳо ва ҳам дар сатҳи стратегия ҳамкориҳои зиёде дорад.

Дар сатҳи стратегия Ҷумҳурии Исломии Эрон сиёсатҳои якҷонибагароёнаи Амрикоро дар мухолифи мунофеъ ва амнияти миллии худ арзёбӣ карда ва сиёсати нигоҳ ба шарқро яке аз роҳҳои мувозинаи бахшидан ба ҳузури Амрико медонад. Аз ин рӯ, паймони Шанхай барои Эрон аз матлубияти стратегӣ бархурдор аст.

Маҳдуд шудани ҳавзаи нуфузи неруҳои амрикоӣ ба вижа дар паи баста шудани пойгоҳи ҳавоии Амрико дар Хонободи Ӯзбекистон ва таътили эҳтимолии пойгоҳи ҳавоии Манас дар Қирғизистон, ки таҳавулоти охири Қирғизистон низ ба он суръат мебахшад. Аз осори ҳамгароии минтақаҳо бо шинохти саҳеҳи роҳкорҳои он аст.

Илова ба аҳдофи калон ва сегонаи созмони ҳамкории Шанхай, яъне мубориза бо терроризм, ифротгароии динӣ ва маводи мухадир, мубориза бо ҷудоиталабӣ низ аз аҳдофи ҳаётии сиёсати хориҷии минтақаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ба шумор меравад.

Дар ҳақиқат таркиби ҷамъияти Эрон ва вуҷуди ақвоми мухталиф дар дохил ва чаҳорсӯи кишвар ҳузури неруҳои афротӣ чун толибон дар минтақа ва таҳдидоти ношӣ аз транзити маводи мухадир ва ба вижа пайвандёбии он бо афротгароӣ: терроризм ва неруҳои фароминтақаӣ, истеъдоди қобили мулоҳизаеро барои шаклгирии ноамнӣ дар манотиқи перомуни Эрон фарҳам менамояд. Ҳамчунин ҳар гуна бесуботӣ дар минтақа метавонад ба вогароии миёни кишварҳои минтақа ва ташвиқи ҳузури бегона ё баҳонае барои таваҷҷӯҳи ҳузури бегона дар минтақа бошад, ки бо амнияти миллии Эрон ва низ минтақа муғойират дорад.

Бинобар ин, ҳамкориҳои Эрон ва кишварҳои минтақа чи ба сурати дуҷониба ва ё чандҷониба чун созмони ҳамкории Шанхай метаваонад ҳалқаи пайвастшавии Эронро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тангтар ва заминасози тавсияи ҳамкориҳои амниятӣ бошад ва замиани муносибе барои таҳқиқи аҳдофи сиёсии хорҷи Эрон ва минтақаи Осиёи Марказиро дар ҳавзаи амниятӣ фароҳам намояд.

3.**Ҳавзаи иқтисодӣ.** Ҳавзаи иқтисодӣ аз дигар ҳавзаҳои ҳамгарои Эрон ва Осиёи Марказӣ аст. Эрон бо дарки аҳамият ва таваҷҷӯҳ ба собиқаҳои муштарак ва низ манобеи ғании иқтисодӣ ва бозорҳои муносиби тиҷорӣ сайъ кардааст бо имзоан қарордодҳое дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, тиҷорӣ, имронӣ ва фаннӣ аз ҷумла мувофиқати номаҳои баландмуддати бозаргонӣ, ҳимоят ва ташвиқ аз сармоягузории кишварҳои минтақа, ҳамлу нақли заминӣ, роҳи оҳан, дарёӣ, ҳавоӣ ва имзоан тавофиқномаҳое чун иҷтиноб аз дарёфти молиёти мазоиф, мувофиқатномаҳои бонкӣ ва баргузории ихлоси муназзами комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ, заминаҳои лозимро барои густариши мубодилоти тиҷорӣ ва тавсияи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳарик аз ҷумҳуриҳоро фароҳам овардааст.

Аммо мубодилоти бозаргони Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз истиқлол то кунун раванди рӯ ба афзоиш ҳаҷми мубодилоти тиҷорӣ бо ин кишварҳо мебошад. Ҳамчунин аҳдоси пружаҳое чун роҳи оҳани Таҷани Сарахс – хатти қубури интиқоли гази Туркманистон ба Эрон, тарҳи мубодилаи нафту гази Туркистон ва Қазоқистон ба сурати таҳвил дар поёнаҳои халиҷи Форс, беҳбуди роҳҳои мунтаҳӣ ба марзҳои Туркманистон ва Афғонистон, ҷиҳати тасҳил дар ҳамлу нақди ҷодае ба минтақа, тавсияи бозорҳои марзӣ, тавсияи хутути ҳавоӣ, аҳодиси нерӯгоҳи обӣ ва мавориди дигар аз иқдомоти мутақобили Эрон ва минтақа ба манзури тавсияи равобити иқтисодӣ аст.

4. **Ҳавзаи ҷуғрофӣ.** Осиёи Марказӣ дар минтақа маҳсур дар хушкӣ аст. Дарёи Хазар, ки амалан як дарёи бузург аст, ҷиҳати бозаргони байналмилалӣ таъсиргузори ҷиддӣ надорад. Ба ҳамини далел бандарҳои бузурге дар он шакл гирифтааст. Танҳо роҳҳои замини роҳи оҳан ба Маскав ва ҳавзаи шӯравии собиқ хатм мегардад.

Барои кишварҳои минтақа зарурат дорад роҳҳои мувозӣ ва ё ҷойгузин барои тиҷорат ва иртибот бо дунёи озод бибояд, аммо роҳи Афғонистон ва Покистон ба иллати нобасомониҳои Афғонистон ва адами вуҷуди зерсохтҳои лузум ва хазинаи зиёди аҳдоси роҳ аз сарзамин бисёр

ноҳамвор ва кӯҳистони Афғонистон ва шимоли Покистон манфиате надорад, пас гузинаи омода ва кутоҳ ва камҳазина ва дорои амният аз Эрон аст.

Эрон бо доро будан зерсохтҳои лузум ва кӯтоҳмасир ва амнияти комил барои мубодилоти тиҷорӣ ва масофири беҳтарин гузина аст ва ин низ заминаи дигари ҳамгароии Эрон ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аст. Ҳарчанд пружаҳои асосӣ ва ҳаётӣ барои бархе кишварҳои минтақа чун хатти интиқоли нафти Қазоқистон аз масири Туркманистон ба Эрон ва таҳвил дар дарёи Амони алорақми музокирот, тарроҳӣ ва имконсанҷии иҷроӣ бо таъкид бар хазина бисёр кам ва масири кӯтоҳи дастраси ба бозорҳои ҷаҳонӣ комилан таваҷҷӯҳпазир аст, ки ба иллати мухолифати Амрико ва таъсирпазирӣ аз он амалӣ нагардидааст, аммо ин матлаб аз арзиши масири пешниҳоди Эрон кам намекунад ва нигаранда бар он бовар аст, ки ин умур сарфан мазияти истифода аз онро барои Эрон ва кишварҳои минтақа ба таъхир меандозад.

**5.Ҳавзаи фарҳангӣ-таърихӣ.** Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муҳиммеро дар ҷуғрофияи таърихӣ, тамаддуни Эрон ба ба худ ихтисос дода аст. Бахши аъзамҳои ин минтақа ҷузъе аз императорҳои пеш аз исломии Эрон буда аст. Деринагӣ ва абъодфарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ бо аҳд ва фармонравоёни хахоманишӣ ва ҳатто пеш аз он мерасад. Дороюш дар нақши Рустам дар канори дигар сарзаминҳои вобаста ба императори худ аз сарзаминҳои Балх, Суғд ва Хоразм ба унвони шаҳрҳои ободи Эрон ёд мекунад. Ин равобит дар аҳди Ашконӣ ва Сосонӣ тангтар шуда аст. Ҷолиб Айнӣ гуфта мешавад, ки Сосониён дар ҳавзаи сарзамини Тоҷикистони имрӯза дар рустои ба номи «Сосон Худот» будааст ва ё минтақаи Осиёи Марказӣ ба вижа ҳавзаи сарзамини Тоҷикистони маҳалли Иқомат ва убури Ориёниҳо будааст. Иборати ҳавзаи сарзамини Тоҷикистон барои ин ба кор меравад, ки бахши қобили таваҷҷӯҳ аз ин ҳавза хориҷ аз Тоҷикистони имрӯза воқеъ гардидааст. Дар баъд аз ислом авҷи равобити фарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ пайдои донишмандон ва фалсафаи олиқадре чун Абӯалӣ Сино, Форобӣ, Абурайҳон Берунӣ ва шоироне чун Фирдавсӣ, Рӯдакӣ ва Балхӣ аст. Бо худ андешед, ки чаро масири кӯчи ин донишмандон аз ҳавзаи суннатии ҷуғрофии бузурги Эрон ва Ориё хориҷ шудааст?!

Зеро ба фарзи обод донистани ҳамаи он сарзаминҳои дигар, ваҷҳи иштироки фарҳангӣ надоштааст! Аммо дар қарни бистум низоми фикрӣ ва арзиши мардуми Осиёи Марказӣ таи таҳаввулоти ношӣ аз ҳокимияти низоми комунистӣ чолишҳои мухталифе ба худ дида аст. Ҳарчанд тавониста асли худро ҳифз кунад ,аммо фаромӯшии хатти ниёгон боиси ҷудоӣ аз гузаштаи худ шудааст. Пош хӯрдани шӯравӣ ва роҳҳое аз мадори ҳукумати комунистӣ Иттиҳоди Шӯравӣ фурсате падид омад то таъомулоти фарҳангии кишварҳо ва миллатҳои Осиёи Миёна бо гузаштаи таърихии худ шакл гирифт. Эрон аз ҳамон рӯзҳои оғозини истиқлоли ин кишварҳо тавсияи равобити фарҳангии минтақаро бо дастуре кори худ қарор дод. Ва аз авалин кишварҳое буд, ки итиқлоли кишварҳои Осиёи Марказиро ба расмият шинохт ва иқдом ба таъсиси намояндагии фарҳангӣ дар панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ. Ба унвони намуна дар Эрон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки сафоратхонаи худро дар ҷумҳурии Тоҷикистон доир кард. Ин нишондиҳанда нигариши мубтанӣ бар хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, нажодӣ ва таърихист.

Ҳавзаи фарҳанг худ қобили баррасӣ дар бахшҳои мустақил аст, Ки ҷойгоҳи худро мехоҳад, вале ба феҳрести он ишора мекунем, нажоди муштарак, забони муштарак, оини муштарак, ҷуғрофияи муштарак, фарҳанг ва таърихи муштарак ва далелҳои дигар аз авомили муассир ҳамгароии Эрон ва кишварҳои минтақа аст. Ҳарчанд бо бархе аз кишварҳои минтақа иштирокоти фаровонтар ва бо бархе камтар вуҷуд дорад, вале бо нигоҳи иҷмолӣ ба ин минтақа метавон вуҷуди иштирокоти динӣ бо мардуми мусалмон, иштирокоти забони бо зермаҷмӯи гӯишҳои забони форсӣ ба вижа дар Тоҷикистон ва водии Фарғона, Самарқанд ва Бухоро аз ин иштирокоти фарҳангист.

Ин авомил муҷиби ҳамгироӣ байни Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳавзаи фарҳангӣ гардидааст ва мӯҷиб шуда то тафоҳум ва байни ин миллатҳо ва Эрон рӯ ба густариш водор менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: потенсали фарҳангӣ, ҳавзаи сиёсӣ, ҳавзаи амниятӣ, ҳавзаи иқтисодӣ, ҳавзаи ҷуғрофӣ, ҳавзаи фарҳангӣ.

## АДАБИЁТ

1. Абулҳасан Шерозӣ Ҳ. Такрори бозии бузург дар Осиёи Марказӣ. – Теҳрон, Фаслномаи тахассусии улуми сиёсӣ. Баҳори 2007, №2.
2. Воизӣ Маҳмуд. Миёнҷигарӣ дар Осиёи Миёна ва Қафқоз. – Теҳрон, дафтари мутолиот.2008.
3. Воизӣ Маҳмуд. Жеополитикаи бӯҳрон дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. –Теҳрон. Дафтари мутолиоти сиёсӣ, 2005.
4. Дафтари мутолиоти сиёсӣ. Гурӯҳи баррасӣ. Созмони ҳамкории Шанхай. – Теҳрон, 2005.
5. Кулоӣ Илоҳӣ. Бозии бузурги ҷадид. - Теҳрон. Дафтари мутолиот, 1998.
6. Муаззами Гударзӣ Парвин. Маҷмӯаи мақолоти ёздаҳумин конфронси Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. – Теҳрон, Вазорати хориҷӣ, 2005.

7. Понфилуво А. Робитаи Амрико ва Русия дар Тоҷикистон. – Теҳрон, Маҷаллаи электронии Ирос, 2009.
8. Тақавӣ Асл Ато. Жеополитики ҷадиди Эрон аз Қазоқистон то Тоҷикистон. – Теҳрон, 2007.
9. Шарабиёнӣ Қавон. Амнияти Эрон ва рӯйкарди НАТО дар Осиёи Марказӣ – Теҳрон, дафтари мутолиоти сиёсӣ, 2008.

**РОЛЬ ОБЪЕДИНЯЮЩИХ ФАКТОРОВ В РАЗВИТИИ ОТНОШЕНИЙ ИРАНА СО СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**

Автор в данной статье рассматривая роль объединяющих факторов в развитии отношений Ирана со странами Центральной Азии, анализирует различные социально-политические стороны общественной жизни данного региона.

**ROLE OF THE UNITING FACTORS IN THE DEVELOPMENT OF THE RELATIONS OF IRAN WITH THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA**

The author, in this article examining the role of uniting factors in the development of Iran's relations with Central Asia, examines the various socio-political aspects of social life in the region.

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН АҲДОФИ МУШТАРАКИ РУСИЯ ВА ЭРОН

***Муртазо Маҳмудӣ***
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар даврони ҷанги сард амният бар пояи омили муассири низомӣ ва масоили ҳоди сиёсӣ матраҳ мешуд. Аммо ахиран амният аз авомиле ҳамчун технология, натсионализм (миллатгароӣ), идеологӣ, вобастагии мутақобил, созмонҳои байналмилалӣ, муҳити зист ва ғайра сарчашма гирифта ва дорои абъоди мухталифи иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ шудааст. Бӯъди сиёсӣ, иҷтимоӣ, адами тавони воҳидҳои сиёсӣ дар посухгӯ будан ба хостаҳои мардум худ сабаби беэътимодӣ ба роҳбарон ва бенизомӣ дар ҷомеа мешавад. Чунончӣ хорӣ ва тавони низомҳои сиёсӣ дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ, илмию низомӣ боло бошад, амнияти ҷомеа низ таъмин хоҳад шуд.[1]

Собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ чанд ҳамсояи **обӣ** ва **хокӣ** барои Эрон ба ҷо гузошт, ки ҳар як дорои мушкилоти мутааддиде буда ва аз ин ҷиҳат, бар амнияти Эрон таъсир мегузоранд. Аз ин сабаб ,таъмини амнияти ҳар чи бештар барои Эрон аз тариқи барқарории сулҳ ва амният дар манотиқи Шимол ва Ҷануби кишвар, яъне Осиёи Марказӣ ва Қафқозу Халиҷи Форс муяссар хоҳад шуд. Бад-ин лиҳоз, барои расидан ба ин муҳим Эрон ногузир аз дарки воқеиёт ва таваҷҷӯҳ ба ҷойгоҳи Русия дар минтақа аст. Таърих гувоҳ аст, ки Русия дар сурати эҳсоси хатар дар марзҳои ҷанубии худ ба суҳулат мутавасил ба таҳоҷуми низомӣ мешавад. Дар ин сурат Эронро мебояд ҳассосияти вижаӣ нисбат ба кишварҳои мустақили шимолӣ дошта бошад.[2]

Таъмини сулҳ ва амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намунае аз иштироки дидгоҳ ва яке аз вуҷӯҳи манофеи стратегии Эрон ва Русия дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки ба далелҳои овардашуда ва ҳамчунин ба далели ҳамзабону ҳамфарҳанг будан бо Эрон мебоист дар робита бо таҳдидоти дохилӣ ва хориҷии худ мавриди таваҷҷӯҳи вижаи Эрон қарор гирад. Муҳимтарин мавзӯи муртабит бо амнияти Тоҷикистон ва соири кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи бунёдгароии исломӣ ва исломи сиёсӣ аст. Қудратҳои бузурги минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ бо бузургнамоӣ масъалаи бунёдгароии исломӣ ва доман задан ба таблиғоти манфӣ алайҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар садади махшуш кардани чеҳраи Эрон дар минтақа бо ҳадафи суст кардан ва қатъи пайвандҳои Эрон бо кишварҳои минтақа мебошанд.

Лекин сиёсатҳои маъқулона ва сулҳталабонаи Эрон боис шуд то тақрибан дар як иҷмои байналмилалӣ рафтори Эрон масъулона ва содиқона қаламдод шавад.[3] Фаъолияти густурдаи Эрон дар барқарории сулҳи Тоҷикистон гувоҳи ин муддао аст. Нақши Эрон дар сулҳу субботи минтақа барои ҳама кишварҳо муфид аст. Бад-ин ҷиҳат, мақомоти эронӣ дар садад буданд, то амнияти Халиҷи Форсро ба амнияти дарёи Хазар пайванд диҳанд, зеро мӯътақиданд, ки ин ду нуқта барои дунё бисёр муҳим аст ва чархи иқтисоди дунё то ҳудуди зиёде дар ин минтақа мечархаду дар ин ду марказ ҳассостарин нуқот дасти Эрон аст».[4]

Коршиносон бар ин боваранд, ки барқарории суббот дар минтақа, дар хиттаи қудрати Эрон ва Русия аст. Авлавиятҳое, ки заминаи ҳамкории Эрон ва Русия дар ин росторо ташкил медиҳад, иборат аст аз:

1. тақвияти заминаҳои иқтисодии минтақа ба ду тариқ: дастёбии кишварҳои маҳсур дар хушкӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ, густариши тиҷорати минтақавӣ ва мубодилаи саноеи технологӣ ва саноеи энержӣ;

2. ташвиқ, сабр ва созгорӣ дар бархӯрд бо масоили минтақа ва маҳори ташаннуҷ;

3. савқ додани минтақа ба иттиҳодияҳое ҳамчун Созмони ҳамкории кишварҳои соҳили Хазар ва тақвияти иттиҳодияҳои мавҷуд, бо таваҷҷӯҳ ба решаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва низомӣ, ки Русия дар минтақа дорад ва ҳамин тавр, бо таваҷҷӯҳ ба қаробати фарҳангии ин кишварҳо бо Эрон ва омодагии комили Эрон барои ҳамкорӣ метавон ба мақсадҳои боло дар чаҳорчӯби ҳамкории Эрону Русия дар минтақа расид.

Бинобар ин, дар навиштор мавзӯъҳои зер мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт:

- Таъмини суботи минтақа то чӣ ҳад бар амнияти Эрон таъсиргузор хоҳад буд?

- Оё амният аз алоқаҳои стратегии Эрон ва Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад?

- Русия ва Эрон дар Осиёи Марказӣ дорои чӣ манфиатҳои муштараке ҳастанд?

**Манофеъ ва аҳдофи Русия дар Осиёи Марказӣ:** Дар санади мафҳуми сиёсати хориҷии Федератсияи Русия, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар охирҳои соли 1992 ба тасвиб расид, ду меҳвари «Хориҷи наздик» ва «Хориҷи дур» зикр шудааст. Осиёи Марказӣ дар ин санад бахше аз хориҷи наздик буда ва барои таъмини манфиатҳои Русия дар он роҳкорҳои зер ироа шудааст:

1. таъмиқи ҳамкории сиёсӣ – низомӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои минтақа дар чаҳорчӯби сохтори (CIS)[5] кишварҳои мустақили муштаракулманофеъ;

2. тавсеа ва тақвияти сохтори кишварҳои мустақили муштаракулманофеъ;

3. дифоъ аз ҳуқуқи ақаллиятҳои рус дар ҳар як аз кишварҳои тозаистиқлолёфта;

4. ҳимоят ва ҳаросати дастаҷамъӣ аз марзҳои ҷомеаи мустақили муштаракулманофеъ;

5. ташкили нерӯҳои ҳофизи сулҳ аз кишварҳои фавқ[6] .

**Ғарбгароён (Антлантикгароён):** Гароиши ғарбгароёна дар таърихи Русия падидае бособиқа аст. Аз даврони Пётри Кабир ин гароиш бо ташвиқ наздикии фазоянда ва ҳамаҷониба ба Ғарб дар Русия вуҷуд доштааст. Пас аз фурӯпошии шӯравӣ ва истиқлоли Русия чеҳраи аслии ин гароиш Андрей Козеров буд, ки хостори таааҳҳуди Русия ба ҳинҷорҳои Созмони Милал, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ва ҳамчунин, пазириши Русия дар гурӯҳи 7 ва табдили он ба гурӯҳи 8 гардид.[7]

Талошҳои А.Козеров ва тарафдоронаш барои ҳамоҳангӣ бо Ғарб ба воситаи пирӯзии ҳизби миллигарои ифротӣ - либерал - демократ бо роҳбарии В.Жириновский ба шикаст рӯ ба рӯ шуд. Ба дунболи он дар гузориши шӯрои сиёсати хориҷӣ ва дифои Русия бо ҳушдор нисбат ба аз байн рафтани ҳайсияти сиёсӣ, шарофат ва эътимод ба нафси Русия, иттиҳоди стратегӣ бо Ғарб мардуд талаққӣ шудаю бар лузуми тавсеаи равобит бо кишварҳои минтақа, Ховари Миёна ва Ҳинду Покистон таъкид шудааст.[8]

**Исловгароён (милигароёни фаромиллӣ):** Исловгароён аз даврони Пётри Кабир суфуфи худро мустаҳкам карданд. Онҳо дар қарни XIX ҳувияти мутамоизе барои Русия, ҷудо аз Шарқ ва Ғарби олам ва дар айни ҳол пуле миёни он ду дар назар гирифтанд.

Исловгароёни кунунии Русия хостори таҳаввул дар сиёсати хориҷии ғарбгароии А.Козеров шуданд. Онҳо иҷрои барномаи ислоҳоти ғарбӣ ва ҳамкории низомӣ бо Ғарбро сабаби тазъифи Русия ва рахнаи Ғарб ба Русия ва нобудии кишвар донистанд. Дар натиҷаи фишори исловгароён дар Дума Б.Елтсин тағйиротеро дар сиёсатҳои ғарбгароёнаи худ ҷорӣ карду ба ҷойи тақобул бо исловгароён ба ҳамкорӣ бо онон рӯй овард.[9]

**Авруосиёгарон (миллигароёни муҳофизакор):** Дидгоҳи ин гурӯҳ таваҷҷӯҳ ба зарфиятҳои геополитикӣ ва мероси таърихии Русия аст. Авруосиёгарон зимни таъкид бар нақши Русия ба унвони пуле миёни Шарқ ва Ғарби олам ба мероси таърихии Русия ба сурати барҷаста таваҷҷӯҳ доранд.

Ба таври авруосиёгароён, Русия модели либерал-демократии ғарбиро набояд дар иқтисод ва сиёсати худ ба кор гирад, чаро ки ин модел барои Русия забонбоз мебошад.

Зарурати ҳифзи манфиатҳои қавми рус ва русҳои сокин дар хориҷи наздик (ҳудудан 25 миллион нафар) дар ин дидгоҳ мавриди таъкид қарор дорад. Пас аз пирӯзии коммунистҳо дар интихоботи Дума дар соли 1995 Елтсин бо иҷрои тағйироте бархе аз чеҳраҳои ғарбгароро канор зад, ки муҳимтарин онҳо Андрей Козеров-вазири хориҷа ва ҷойгузини Евгений Примаков ба ҷойи ӯ дар Вазорати хориҷа буд.

**Аҳдоф ва манфиатҳои Русия дар Осиёи Марказӣ:** Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати Русия дар хусуси Осиёи Марказӣ ду марҳаларо тай кардааст: Марҳалаи аввал, зимомдории

Б.Елтсин: Давраи ҳукмронии Б.Елтсин бар Русияро метавон ба чаҳор давра тақсимбандӣ кард: Давраи аввал (1991-1992), сардаргумии ношӣ аз фурӯпошӣ, монеи танзими сиёсати воҳиде дар қиболи минтақа шуда буд. Бим аз даргирӣ ва задухӯрд байни ҷумҳуриҳои тозаистиқлолёфт[10] сабаби тадвини доктринаи низомии русҳо дар 1992 шуд. Русҳо аз қудратгирии исломгароён дар Тоҷикистон ва эҳтимоли иттиҳоди онон бо давлати Раббонӣ ва ҳамчунин аз ташкили ҳукумати исломӣ аз марзҳои Покистон то Туркия эҳсоси хатар карданд. Ончунон ки гуфта мешуд, агар чунон воқеа рух медод, Русия дигар қодир ба назорати Осиёи Марказӣ набуд ва ин амр хатари ҷиддӣ барои амнияти миллӣ ва тамомияти арзии Русия маҳсуб мегардид.[11]

Бинобар ин, русҳо мусаммам ба мамоният аз вуруди бозигарони исломӣ ба минтақа шуданду роҳбарони Осиёи Марказӣ низ дар ин замина аз Русия кӯмак хостанд.[12] Ба унвони мисол метавон ба дархости Аскар Акаев-раиси ҷумҳури пешини Қирғизистон аз Русия барои ифои нақши фаъол ишора кард.[13] Аз сӯи дигар, ноамниҳои ҳодисшуда боиси кӯчи русҳои сокин дар минтақа ба Русия ва бархӯрд бо мушкилоте чун истихдом ва маскан дар Русия шуда буд.

Дувумин давра аз соли 1993 – 1995 мебошад, ки Русия бо нигаронӣ аз коҳиши нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ ба сиёсати таваҷҷӯҳ ба хориҷи наздик рӯй овард. Ончунон ки Козеров низ бо ҳимоят аз назарияи хориҷӣ наздик ба 5 далел онро муҳим донист:

1. Ҳимояти тамомияти арзии Русия ва мамониат аз даргирӣ дар ин минтақа, ки таҳдиде барои Русия аст.
2. Ҳадафи Русия ташкили камарбанде дифоӣ атрофи хатҳои марзии ҳамсоягони ҷанубӣ аст.
3. Маскав худро кафили машруи давлатҳои мустақил дониста ва зомини суботи сиёсӣ ва низомии онҳост.
4. Дифоъ аз ҳуқуқи ақаллиятҳои рус дар Осиёи Марказӣ.
5. Талоши Русия барои инсиҷоми бештари CIS ба манзури таъмини бештари манфиатҳои Русия.[14]

Давраи савум, аз соли 1996 ва бо интихоби Евгений Примаков ба Вазорати хориҷа шурӯъ мешавад. Дар ин давра гароиш ба самти ҳамкорӣ ва таваҷҷӯҳ ба кишварҳои минтақа тақвият гардид.

Давраи чаҳорум, сиёсати хориҷии Русия нисбат ба минтақа дар ҳамон соли 1996-ро бояд ғалабаи дидгоҳи жеоэкономикӣ бар сиёсати хориҷии Русия донист.

Русҳо ба ин натиҷа расиданд, ки давраи иттиҳодҳои чандҷониба сипарӣ шуда ва барои нуфуз дар минтақа ва рақобат бо Ғарб лозим аст, дар фаъолияти иқтисодӣ ширкат кунанд. Бинобар ин, Русия барои рақобати иқтисодӣ дар минтақа аз аҳрами муҳими худ, яъне контроли хатҳои интиқоли қувваи барқи минтақа истифода намуд. Албатта, дар ин давра хуруҷи Узбакистон аз паймони дастаҷамъӣ нигаронии Русияро афзоиш дод.

**Марҳилаи ҳукмронии Путин:** Аз соли 2000 раёсати В.Путин бар Русия сиёсати хориҷии Русия талфике аз ду дидгоҳ Атлантикгароён (либералҳо) ва миллигароёни ифротӣ шуд. Русия дар ин давра хостори таомул бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва тақвияти нақши Созмони Милали Муттаҳид ва коромад намудани ҳуқуқи байналмилал шуд. Дар робита бо масоили амнияти Осиёи Марказӣ, ки баҳонаи ҳузур ва нуфузи Русия дар минтақа шуда буд, масъалаи терроризм ва мубориза бо он буд. Дар ин росто, як силсила ҷаласаҳо ва ҳамоиш бо иштироки сарони кишварҳои мустақили муштаракулманофеи минтақа тартиб дода шуд. Ҳамлаи 11 сентябр низ таъсироти муҳиме бар сиёсатҳои Русия дар ин даврон ва дар тақвияти манзури боло бар ҷо гузошт.

В.Путин бо ибрози ҳамдардӣ ва таъйиди ҳақи Амрико мабно бар муҷозоти «Алқоида» ва режими Толибон ҳамкории худро бо Амрико дар ин замина эълом кард, аммо ин ҳамкории низомӣ набуд ва В.Путин фақат ҳақи истифодаи имдодӣ ва иттилоотӣ аз пойгоҳҳо ва хатҳои иртиботии кишварҳои CIS-ро ба расмият шинохт, ки, албатта, Амрико ин маҳдудиятҳоро риоят накард.

Амрико ҳеҷ ҷойгоҳеро дар мубориза бо Толибон барои Русия ва аъзои ҷомеаи кишварҳои мустақили муштаракулманофеъ қоил нашуд ва аз ин ҷиҳат русҳо, ки ба Амрико ва нақше, ки Амрико ба Русия хоҳад дод, умед баста буданд, сархӯрда ва маъюс шуданд. Русия, ҳамчунин ҳузури Амрико дар Осиёи Марказиро нигаронкунанда надонист, вале Амрико дар Гурҷистонро ғайри қобили қабул эълом кард.[15]

Таомули Русия бо Амрико дар минтақаро низ метавон ба шарҳи зер хулоса кард:

1. тасвияи ҳисоби Русия бо Толибон ва рафъи таҳдиде, ки аз ҷониби Афғонистон мутаваҷҷеҳи амнияти Русия аст ва ҳамчунин сокити мубориозони чечен ва истифода аз ҳимояти ҷаҳонӣ барои мубориза исломгароӣ дар дохил ва хориҷи Русия ва ҳимоят аз рустаборон;

2. замонбандии муҷаддад муваиди бозпардохт ва ҳатто бахшиши қарзҳое, ки Русия аз муассисаҳои эътибори байналмилалӣ гирифта буд ва бозсозии иқтисодии кишвар;

3. ҳифзи роҳбари Русия бар CIS ва ба таъвиқ андохтани узвияти аъзои ҷомеаи мустақили муштаракулманофеъ дар НАТО;

4. Русия мўътақид аст, ки воқеиёти ҳоким бар минтақа, Америкоро ногузир аз қабули ҷойгоҳи Русия дар минтақа хоҳад кард ва ба ин тартиб ғарбиҳо ҳузури худро кам хоҳанд кард.

Филип Ру дар мақолае мегўяд: «Русҳо муваффақтар аз рақибони худ дар минтақа ҳастанд, чаро ки Русия моил ва қодир ба кўмаки низомӣ ва молӣ барои ҳифзи режимҳои Осиёи Марказӣ аст ва камтар аз кишварҳои фароминтақавии дигар нигарони ранггазириҳои ахлоқӣ ва идеологии ҳукуматҳои ҷонишин аст».[20]

Ба таври куллӣ ҳадафҳои Русия дар Осиёи Марказӣ иборатанд аз:

Бозгардонидани ҷумҳуриҳои собиқ ба қаламрави геополитикии худ ва ҳифзи нақши қаблии онон ба унвони таъминкунандаи маводи хом барои Русия, контроли марзҳои хориҷӣ дар минтақа, тазъифи раванди сармоягузории хориҷӣ дар минтақа ва коҳиши нуфузи соири давлатҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои исломӣ дар Осиёи Марказӣ.[21]

**Манфиатҳои амнияти Русия дар Тоҷикистон:** Пас аз фурўпошӣ Русия сиёсати мушаххасе дар қиболи Тоҷикистон надошт.[22] Ин амр сабаби истифодаи давлатҳои исломӣ аз халои геополитикии Русия дар Тоҷикистон шуд.[23] Дар ин шароит Русия аз эҳтимоли ташкили як ҳукумати исломӣ дар Тоҷикистон эҳсоси хатар намуд.[24] Тамомияти арзии худро мавриди таҳдиди тавсеаталабии исломӣ донист. Аз ин рў, шитобзада ҳамгом бо Ғарб ва Америко Эронро муттаҳам ба кўмак ба бунёдгароии исломӣ намуд.

Русҳо ҳастаи аввал таҳдиди исломиро ба ду сурати дохилӣ ва хориҷӣ унвон мекарданд. Ҳастаи дохилӣ таҳдиди Ислом аз назари касоне чун Молошенко, ба ҳастаи хориҷӣ мутассил буд, ки аз тариқи Эрон, Афғонистон ва Покистон ҳимоят мешавад. [25]Аз ин рў, ҳифз ва контроли марзҳои ҷанубӣ барои Русия бисёр муҳим ҷилва намуд.[26] Бахши дигаре аз манфиатҳои Русия дар Тоҷикистон марбут ба 300 ҳазор рустабори сокин дар Тоҷикистон буд, ки ба далели ноамнӣ даста-даста Тоҷикистонро ба мақсади Русия тарк карданду дар Русия бо мушкилоти маскан ва истихдом рў ба рў мешуданд. Ин масъала ва мамониат аз густариши ноамнӣ ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Русияро водор сохт, то таваҷҷўҳи вижае ба минтақа, хусусан Тоҷикистон маъгуф дорад.

**Ҳадафҳои фарогири амниятии Русия:** Ба таври хулоса ҳадафҳои амниятии Русия дар ин марҳила ба қарори зер аст:

1. Ҳимоят аз суббот дар минтақаҳои наздики Русия.
2. Ҳамкорӣ дар чорчўби кишварҳои мустақили муштакулманофеъ барои ҳаллу фасли масъалаҳои дифоӣ ва амниятӣ.
3. Дифоъ аз манфиатҳои ҳаётии Русия ва кишварҳои муттаҳид.
4. Пешгирӣ аз поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои атбои Русия дар хориҷ.
5. Пешгирӣ аз таҷҳиз, тадорук ва ташкили воҳидҳои мусаллаҳ ба манзури гусели онҳо ба хоки Русия ва муттаҳидин.

Русия бо амалҳои мудирият дар ҷанги дохилии Тоҷикистон ба нафъи Эмомалӣ Раҳмон, тавонист нуфузи худро пас аз мувофиқатномаи сулҳ дар июни соли 1997 ҳифз намояд ва бо ин санад мухолифони исломгарои Русия ба муттаҳидони ин кишвар табдил шуданд.[27] Ҳамчунин, ҳузур дар Тоҷикистон аз ин ҷиҳатҳо барои давлати Русия муҳим аст.

Агар Русия Тоҷикистонро тарк намояд, бояд марзҳои ҷадиди худро мушаххас кунад ва мусаламан ҳаросат аз марзи Тоҷикистон бисёр камҳазинатар аз ҳаросат нисбати марзҳои Қазоқистон, Ўзбакистон, Қирғизистон хоҳад буд.

Ҳамчунин, вуҷуди манфиатҳои қобили таваҷҷўҳи ураниум дар Тоҷикистон ва мушкилоти иқтисодии ин кишвр боис хоҳад шуд, то Тоҷикистон урани худро ба мамлакатҳои Осиёӣ хостори тавсеаи ҳастаӣ бифурўшад, ки ин амр Русияро аз густариши силоҳҳои атомӣ нигарон мекунад.[28]

Ҳадафҳои амниятии Эрон бо фурўпошии Шўравӣ бархе таҳлилгарон буданд, ки қудрати чоназанӣ ва нуфузу ҷойгоҳи Эрон ба мизони зиёде мутазалзал шудааст. Аммо бо зуҳури Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ва ба рўз таорузот ва масъалаҳои сиёсию амниятӣ ва ҳамчунин манбаъҳои ғании қувваи барқ ин минтақа боис шуд, то Эрон ба унвони кишваре жеоэкономик таваҷҷўҳи ҷаҳониро ба худ ҷалб намояд. Эрон бо қарор гирифтан байни ду минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқозу Халиҷи Форс аз мавқеияти беҳамто бархўрдор аст.[29]

Адами дастрасии кишварҳои минтақа ба дарёи озод ва ниёзи мубрами он мамлакатҳо ба як конун мувосилоте саҳлулвусул ва қобили дастрасӣ ҷиҳати воридоти коло ва интиқоли нафту газ ба бозорҳои масрафи ҷаҳонӣ, марказияти Эрон дар назми геополитикии минтақавӣ дар ҳол зуҳурро барҷастагии бештаре мебахшид.

Дар ҳамин росто, Ҷумҳурии Исломии Эрон ба манзури таҳким ва ифои муассири нақши худ дар минтақа даст ба фаъолиятҳое зад, аз ҷумла тақвият ва густариши шабакаҳои иртиботии

байналмилалӣ аз тариқи аҳдоси як силсила хатҳои оҳани ҷадид ба гунае, ки Осиёи Марказиро ба Халиҷи Форс васл намояд. Инчунин, ҳузури муассир ва созанда дар ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофҳои дохилӣ ва минтақавӣ, ки аз ҷониби сарони бисёре аз давлатҳои Осиёи Марказӣ ва мақомоти байналмилалӣ бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Аз сӯи дигар, пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ва халои идеологӣ дар минтақа, таблиғоти сӯъғарб алайҳи радикализми исломӣ Русияро шадидан ба нигаронӣ андохт, ба тавре ки Русия ба Эрону Афғонистон ва Покистон ба унвони таҳдид нигоҳ карда ва барои дифоъ аз марзҳои ҷанубӣ дар муқобили таҳдиди исломӣ ба Тоҷикистон нерӯ эъзом кард.

Пас аз барқарории суббот дар минтақа ва сулҳ дар Тоҷикистон, авруосиёгароён тавсеа карданд, ки Ислом набояд ба таври куллӣ мавриди мухолифат қарор бигарад ва бояд ҳифзу идора кардашуда ва дар сурати имкон аз нуфузаш коста шавад.

Аз сӯи дигар, атлантикгароён бо эътиқод ба ҳамгунии манфиатҳои Русия ва Ғарб ин назарро матраҳ мекарданд, ки Ғарб ба Русия қудрат хоҳад дод, то таҳдиди исломро ба намояндагӣ аз ҷаҳони Ғарб маҳдуд кунад. Бинобар ин, Русия ба дунболи он аст, ки таҳдиди ба истилоҳ исломиро ба унвони заминаи машруият ҷиҳати мудохила дар нуфузи қаблии худ, таҳти унвони доктринаи ҷадид ба кор барад. Ҳол он ки усулан кишварҳои ғарбӣ дар садади эҷоди шикоф миёни Русия ва кишварҳои минтақа ҳастанд, ки умуман ниҳон мебошанд.

Равобити Эрон ва Русия пас аз фурӯпошии коммунизм ба ду давра тақсим мешавад:

Давраи аввал. Аз соли 1993 - бо рӯи кор омадани ғарбгароён ва интисоби А.Козеров ба Вазорати умури хориҷа. Равобити Русия бо Эрон ба далели дидгоҳи ғарбгароёнаи давлати Русия ва нигоҳ кардан ба Эрон ба унвони таҳдиди исломӣ, сард буд.

Русҳо бо бим аз судури инқилоби исломии Эрон ба ҷомеаи мусулмонони Русия ва мамлакатҳои исломии ҷануби Русия, ҳар гуна катҳои Эронро зери заррабин гирифтаю дунбол мекарданд, аммо ин бадбиниҳо ба тадриҷ ба воситаи сиёсати ихтилофзудоӣ ва масъулонаи Эрон дар минтақа ва кӯмак ба сулҳу суботи Осиёи Марказӣ табдил ёфт.

Давраи дувум. Ин давра бо канор рафтани андешаҳои ғарбгаро ва фаъол шудани гароишоти миллигароёна ва авруосиёгароёна дар Русия оғоз гардид. Гузори сиёсати хориҷии Русия аз ғарбгароӣ ба авруосиёгароӣ сабаби тағйири нигоҳи роҳбарони Русия нисбати Эрон шуд.

Интисоби Е.Примаков ба самти вазири корҳои хориҷа, ки мутахассиси масъалаҳои Ховари Миёна ва давлатҳои исломӣ, аз ҷумла Эрон буд, сабаби беҳтар шудани робитаҳои миёни Эрон ва Русия шуд, чаро ки Е.Примаков таваҷҷӯҳи хоса ба густариши робитаҳо бо кишварҳои исломӣ, аз ҷумла Эрон дошт. Дар ин миён ҳукумати зиддиамрикоии Эрон барои Русия монанди аҳрамфишорӣ талаққӣ гардид. Русҳо бар ин бовар буданд, ки ҳар чи Русия ба мамлакатҳои зиддиамрикоӣ ва усулгаро монанди Эрон наздиктар шавад, Амрико ҳазинаи бештареро мутаҳамил хоҳад шуд.

Бинобар ин, Русия ва Эрон то кунун талошҳои муттаҳиде барои маҳдуд кардани таъсироти Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои ҳампаймони ӯ дар Осиёи Марказӣ ва барои пешгирӣ аз тавсеаи дидгоҳҳои Толибон ва тундравиҳои он доштаанд.[30] Ба ивази фурӯши ракетаҳои ҳастаӣ ба Эрон кӯмаки шоёне ба маҷмӯаи санъати Русия буд.

Иртиботи Эрон бо Русия, ҷоҳталабиҳои Маскав барои бозӣ кардани нақши як қудрати бузургтар дар Ховари Миёнаро барои ӯ тасҳил мекард. Дар муқобил дӯстии Эрон бо Русия роҳро барои Эрон дар ҷиҳати як тавсеаи пойдор дар ҳамбастагиҳои тиҷорӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бо Осиёи Марказӣ осон месозад. Ба илова, чун Эрон пеш аз истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ мантиқаро барои мушорикатҳои фарҳангӣ ва тиҷорӣ бисёр бузург ёфт, дар натиҷа, бо таваҷҷӯҳ ба рақибони мутааддид ба танҳоӣ наметавонист ин халалро пур кунад. Бинобар ин, Эрон ҳузури Русияро бо унвони омили таодул дар муқобила бо як ҳарҷу марҷи билқувва дар минтақа иртиқоъ дод ва бо Маскав равобити дӯстона баркард. Ҳамин робитаҳо роҳро барои итмоми ҷанги панҷсолаи Тоҷикистон дар соли 1997 омода сохт.[31]

Талошҳои муштараки Эрон ва Русия барои барқарории сулҳу суббот дар минтақа ва нақши мусбату миёнҷигароёнаи Эрон дар муноқишаи Қаробоғ ва ҷанги дохилии Тоҷикистон сабаб шуд, то равобити сиёсии Эрон дар минтақа беҳбуд ёбад.

**Манфиатҳои амниятии Эрон дар Тоҷикистон:** Эрон нигарон аст, ки амнияташ аз ин ноҳия мавриди таҳдид воқеъ шавад. Вуҷуди ақаллиятҳои туркман ва озарӣ дар Эрон сабаб шуд, то беш аз пеш ба ҳифзи суббот дар марзҳои шимолии худ алоқаманд бошад, чаро ки ҳар гуна ошӯб дар марзҳои шимолии Эрон метавонад ба дохил сироят кунад, монанди ҷанги Арманистон ва Озарбойҷон, ки то наздикии марзи Эрон кашида шуду басиҷи нерӯҳои Эронро мӯҷиб гашт. Лизо, Эрон ба суботи минтақа алоқаманд аст. Эрон аз расидани таслиҳоти ҳастаӣ ба дасти гурӯҳҳои чирикӣ дар минтақа эҳсоси хатар мекунад.[32]

Эрон ба далели талошҳои худ барои эҷоди сулҳ дар минтақа тавонист таблиғоти манфии Ғарб дар робита бо хотири бунёдгароии исломӣ ва ҳимояти Эрон аз он хушӣ кунад ба тавре, ки Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар дидори худ аз Теҳрон ва Кеш, таблиғоти манфӣ алайҳи Эронро нодуруст донист. Барои намуна, Эрон ва Русия дидгоҳи муштараке дар робита бо Тоҷикистон доранд ва дар паи густариши субот дар ин кишвар мебошанд. Дар музокироти мутааддиде, ки миёни гурӯҳҳои тоҷик сурат мегирифт, Эрон ва Русия ҳамвора фаъолона ҳузур дошта ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳусни нияти ду тараф ва аҳдоф ва манофеи муштараки стратегии Эрон ва Русия дар қиболи Тоҷикистон сулҳу амният дар Тоҷикистон шакл гирифта ва то кунун побарҷо мондааст.

Эрон аз қабили гомҳои баландеро дар тавсиаи равобит бо давлат таҳти ҳимояти Маскав дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар мавриди ҳамкориҳои амниятӣ бардоштааст. Русия ва Эрон солҳои пеш аз бурузи ҷанги дохилии Тоҷикистон равобити қобили таваҷҷӯҳеро мобайни худ барқарор карда буданд. Ва дар ҷиҳоти мухталиф ҳамкорӣ мекарданд. Барои намуна, Русия аз соли 1989, аз ҷумла манобеи муҳим ва шояд аслӣ барои Эрон ба манзури бозсозии нерӯҳои низомии худ дар назар гирифта буд, зеро пас аз ҷанги 8-сола 1980-1988 Эрон ва Ироқ ниёз ба чунон кӯмакҳое эҳсоси ниёз мекард.

Зеро таҳрими ҷаҳонии аслиҳа, ҳам дар замони ҷанг бо Ироқ ва ҳам пас аз он системаи низомии Эронро озор медод, ҷоҳталабии қудратҳои ғарбӣ ва вобастагони онон дар минтақа ба рағми поён гирифтани ҷанг дар соли 1988 ҳанӯз низоми Ҷумҳурии Исломӣ дар Эронро таҳдид мекард. Миёни ин дархости Эрон барои як тавоноии низомӣ қобили қабул ба манзури дифоъ аз худ ва минтақаи хеш дар баробари таҳоҷумоти эҳтимолӣ комилан маъқул ва табиӣ менамуд.

Барои бартараф намудани ин ниёзҳо Эрон ба ночор мебоистӣ силоҳҳои пешрафта ва ҳатто баъзе аз технологияи низомиро ба кишвар ворид намояд ва пояи санъати низомии худро тақвият кунад. Аз ҷониби дигар, рафтори сиёсӣ ва мувозеи усулӣ ва сулҳомези Эрон беш аз пеш тақвияти эътимоди фурӯшандагони аслиҳа, бавижа Русия гардид ва ин эътимоди тарафайнӣ боиси касби манофеи дуҷониба ва ҳатто чандҷониба дар минтақа гардид.

Эрон ба Маскав дар модерн кардани ҷангафзорҳои маъмулияш кӯмак кард. Зеро Эрон ниёз ба хариди ҷангафзорҳои модерн, аз қабили абзори партобкунандаи тӯп ва абзори баданаии химиёвӣ дошт. Ҳамчунин, Русия ба Ҷумҳурии Исломии Эрон барои густариши тавлиди силоҳҳои хонагӣ аз тариқи кӯмак барои сохти пояи санъатӣ – низомии он кӯмак кард. Зеро талош барои такя бар худ аз тариқи ҷиҳоти худкифоӣ аз стратегияи инқилоби исломии Эрон нашъат мегирад.

Ончунон ки вазири дифои вақти Эрон Алии Шамхонӣ – онро «ҷавҳари худкифоии Имом Хумайнӣ» дар замони вазорати худ муаррифӣ мекард ва яке аз муҳимтарин вазоифи вазири дифои кишварро иртиқои худкифоӣ медонист.

Бинобар ин, дар соли 1991 Русия ба Эрон дар сохт ва тавлиди танки ҷангии TV2S ва васоили нақлу интиқоли BMP-2 ва низ фурӯши BMP-9 ва сухӯи 24 кӯмак намуд. Аз ҷониби дигар, Русия низ тавонист саноеи низомии худро аз тариқи ҳамкориҳои мобайни худ ва Эрон ва касби даҳҳо миллиард доллар тақвият намояд.[33]

Эрон ва Русия аз ҳолати баҳси рӯ дар рӯ дар бораи вазъияти қонунии дарёи Хазар ва тақсими манобеи энержӣ ва масирҳои обӣ дар дастрасӣ ба ҳам бо тардид нигоҳ мекарданд. Зеро гумон мерафт, ин масъала метавонад боиси ҷилавгирӣ аз тавсиаи равобити ду кишвар шавад. Нозирони сиёсӣ чунин таҳлил мекарданд, ки чунончӣ миёни ин ду шарик дар масоили ҷуғрофиёӣ ихтилофе буруз намояд, метавонад як манбаи билқувва барои кашмакаш бошад. Аммо сафари В.Путин ба Теҳрон ҷиҳати ширкат дар дувумин иҷлоси сарони кишварҳои соҳили Хазар ва музокироти Аҳмадинажод ва В.Путин, илова бар он ки боиси рафъи ибҳомоти собиқ гардид ва низ ғайр аз натоиҷи муфиди қобили қабули он, аз сӯи аглаби нозирони сиёсии ҷаҳон як пирӯзии дипломатӣ барои Эрон талаққӣ шуд. Баргузории иҷлосияи дуввуми сарони кишварҳои соҳили дарёи Хазар дар 24-и меҳрмоҳи соли 1386 дар Теҳрон ғайр аз барояндаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, аз қабили ҳамгароӣ ва ҳампаймонии 5 кишвари узви иҷлос, дар умури мазкур, тавофуқоте, ки дар хусуси дарёи Хазар ба амал омад, ба далели шаффоф будани музокирот нисбат ба иҷлосияи аввали сарон дар урдубиҳишти 1381 дар Ашқобод бисёр чашмгиртар нишон медод. Зеро масъалаи истифода аз манобеи бистар ва зербистари ин дарё солҳои зиёде ҳамчунон мубҳам монда буд, ки дар ин иҷлосия шаффофсозӣ гардид ва заминаҳои муносибе барои иҷлосияҳо ва музокироту тавофуқоти ниҳоӣ дар мавриди он ба вуҷуд омад.

Сиёсатҳои ақлонӣ ва сулҳҷӯёнаи Эрон бо таваҷҷӯҳ ба фаъолияти Эрон дар сулҳи Тоҷикистон ба унвони рафтори сиёсии Эрон дар минтақа боиси ҷалби эътимоди кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Эрон шуда ва тақрибан дар як иҷмои умумӣ барои онон ин фикр ҳосил шуда, ки сиёсатҳои Эрон масъулона натиҷагирӣ ва бо манофеи умумии минтақа аст.

Пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ибтидо сиёсати Русия ғарбгароёна, вале чанд сол баъд ӯ авруосиёгарона шуд. Русия пас аз фурӯпошии Шӯравӣ бо таниш дар миёни ҳамсояҳои ҷанубии худ мувоҷеҳ шуд, ки мушкилоти зиёде, аз ҷумла муҳоҷирати русҳои минтақа ба Русия, набуди маскан ва истихдом барои онон ро барои Русия ба вуҷуд меоварад. Лизо, барои рафъи таҳдид аз ҷониби ҷануб Русия вориди минтақа шуд.

Русия пас аз 11 сентябр ва вуруди Америко ба Осиёи марказӣ мутаваҷҷеҳ шуд, ки агар хостори ифои нақш дар масоили амниятии Осиёи Марказӣ аст, бояд барои кишварҳои минтақа муфид ҷилва кунад. Терроризм баҳонае барои ҳузур ва ҳамгароии амниятии Русия дар Осиёи Марказӣ шуд. Русия ҳамчунин мухолифи ҳузури давлатҳои исломӣ дар минтақа ва ташкили ҳукумати исломӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, зеро исломгароиро барои тамомияти арзии худ қаламдод мекунад. Ин масъала боиси иштироки манофеи Русия ва Америко алайҳи исломгароӣ ва кишварҳои исломӣ, аз ҷумла Эрон, аст. Аммо ин ҳамкории Русия ва Ғарб ва сиёсатҳои шитобзада алайҳи Эрон ба тадриҷ аз байн рафт, чаро ки гузашти замон ва муҳаққақ нашудани ваъдаҳои Америко, бо таваҷҷӯҳ ба интизороти беш аз ҳадди Русия дар мавриди кӯмак ба иқтисоди Русияро нишон доду сиёсатҳои сулҳҷӯёнаи Эрон, бавижа дар Тоҷикистон низ таблиғоти манфии Америкоро хушӣ кард.

Зуҳури Осиёи Марказӣ ғанӣ аз манобеи энержӣ, ба Эрон ҷойгоҳи мумтози геоэкономик ва мавосилоте дод, чаро ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ба дарёи озод роҳ надошта ва Эрон пули иртиботии онҳо мебошад. Ҳамчунин, бо рӯи кор омадани миллигароён дар Русия фосила миёни сиёсатҳои он кишвар ва Ғарб афзоиш ёфт ва дар арзи ҳукумати зиддиғарбии Теҳрон ба унвони як эҳроми фишор, конуни таваҷҷӯҳи Русия воқеъ шуд.

Дар ниҳоят, меҳварӣ будани амният ва ҳифзи субот дар минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон барои кишвари Эрон ва Русия ва аҳамияти он барои амнияти дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Теҳрон – Маскавро ба ҳамкориҳои наздик дар ҷиҳати таҳқиқи манофеи муштарак дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз сӯъ дод, ки ин ҳамкории Эрон ва Русия сабаби пойдор будани сулҳ дар Тоҷикистон шуд ва садоқати Эронро барои эҷоди сулҳ дар минтақа барои Русия ва соири кишварҳои минтақа ба исбот расонд ва низ мӯҷиб шуд, то дар охирин иҷлосияи сарони кишварҳои соҳили дарёи Хазар илова бар тафоҳумоти муносиб барои ҳалли истифода аз ин дарё ба василаи кишварҳои соҳилӣ, бисёре аз ибҳомот дар равобит ва таомулоти байни кишварҳои мазкур, бавижа миёни Эрон ва Русия шаффофсозӣ шавад.

Умед аст, Русия монанди Эрон ҳамчунон таҳким ва пойдории сулҳу субот дар минтақаро дар авлавияти сиёсатҳои худ қарор дода ва сиёсатҳои минтақаи худро, ки аз авомили субот ва дилгармии кишварҳои минтақаи монандро ба фаромӯшӣ наспорад. Зеро ифрот дар гароиш ва ҳамроҳӣ бо кишварҳои ғарбӣ, бавижа Америко ба назар мерасад, бо иноят ба собиқаи амалкарди ғарбиҳо метавонад сиёсатҳои васфшудаи пешин, аз ҷумла сиёсати хориҷи наздикро тазъиф намояд, ки дар сурати чунин вазъияте Русия ба манфиатҳои чандоне нахоҳад расид. Ва бо таваҷҷӯҳ ба пайванди мутақобил ҳама кишварҳои минтақа, ҳамагон ба нисбат дучори мушкили манофеи сиёсӣ ва иқтисодӣ хоҳанд шуд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Осиёи Марказӣ, Русия, Эрон, Тоҷикистон, аҳдофи муштарак, равобити Эрон ва Русия, бехатарӣ.

## АДАБИЁТ


1. Дарвешӣ Фарҳод, Таҳдидоти амнияти миллӣ, Маҷаллаи сиёсати дифоӣ, шумораи 2 ва 3, баҳор ва тобистони 1374, с.151.
2. Мӯҳсинин Меҳрдод, Манотиқи геополитикии Эрон дар дунболи муосир, Фаслномаи ховари Миёна, соли аввал, шумораи 13, зимистони 1373, с.66.
3. Ҳерзик Эдмонд, Эрон ва ҳавзаи ҷанубии шӯравии собиқ», тарҷумаи Комилё Эҳтишомӣ, Теҳрон, Дафтари мутолеоти сиёсӣ ва байналмилалии Вазорати умури хориҷа, 1375, с.37.
4. Уфуқӣ Меҳрдод, Ҳамкории Эрон ва Русия дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз», Фаслномаи мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, Теҳрон, Зимистони 1384, с.99.
5. CIS = Commonwealth of Independent States.
6. Robert O. freedmon, Russia and Iran: Tactical Allianced SAIS Review, (summer – fall 1997).
7. Braithwaite R., Russian ralities and western policy, survival, vol 36, №3, 1994.
8. Ҳерзик Эдмонд, ҳамон ҷо, с.265.
9. Freedman, ҳамон ҷо.
10. Rumer B., The potential for political instability and regional conflicts (Indian plis, Indian University, 1994).
11. Marley W. and Amin Saikal, Russian insearch of its future, New York, Cambridge University, 1995, с.142.
12. Brown B., Tajikistan the fail of Nabiev, RFE/RL Reaserch riPort, 25 september 1992, с.14.
13. Интерфакс, 26 сентябри 2001.
14. Fireman W. Soviet central: The failed transformation, Boulder westview, 1991.

15. Ёнис Лано, Русия ва Осиёи Марказӣ баъд аз 11 сентябр, Фаслномаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, шумораи 41, баҳори 1384, с.83.
16. Давид Лик ва Патрик Демургон, Низоми минтақавӣ, тарҷумаи Сайидҷалоли Деҳқонӣ, Пажӯҳишгоҳи мутолиоти роҳбурдӣ, Теҳрон, 1381, с.23.
17. Каснов Умарбек, Осиёи Марказӣ дар остонаи қарни 21, Фаслномаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, соли 6, №19, пойизи 1376, с.70.
18. Saikal Amin, Russian and central Asia, New York, Cambridge University, 1995, с.142.
19. Rumer, 1994, ҳамон, с.89.
20. Saikal, 1995, ҳамон, с.13.
21. Maleshenko Alexei, Russia and islam:22 february 1992,Transl. in FBIS-USA,2april 1992, с.37-92.
22. Brusstar J. Russian H. Vital interestand western security, orbis, vot 38, №4, 1994.
23. Олисун Рой, Амният дар Осиёи Марказӣ, чорҷӯби навини байналмилалӣ, тарҷумаи Муҳаммадризо Дабирӣ, Теҳрон, Интишороти Вазорати умури хориҷа, 1382, с. 138-185.
24. Кулоӣ Илоҳа, Пайвандҳои амниятии Афғонистону Тоҷикистон, Фаслномаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, №38, 1381, с.97.
25. Муҷтаҳидзода Пирӯз, Манотиқи геополикии Эрон дар дунёи муосир, Фаслномаи Ховари Миёна соли аввал, шумораи 13, зимистони 1373, с.661.
26. Newslime USA, 13 february 2001, internet.
27. Islamic Republic News Agency (Iran), Tehran in farsi, 9 march 2001.
28. Ҳерзиг Эдмонд, ҳамон, с. 174.
29. Newslime USA – 2001. – ҳамон ҷо.

**ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА, ДВУСТОРОННЯЯ ЦЕЛЬ РОССИИ И ИРАНА**

После независимости стран Центральной Азии и Кавказа центральная власть Ирана на основе важности взгляда и геополитики, а также на основе экономических, политических и военных симпатий и зависимостей этих стран от России, выступает за продление этих связей и является противником всякой политики направленной на ослабление сотрудничества этих стран с Россией. Сама Россия также постепенно активизировала свой внешнеполитический курс в отношениях со странами ближнего зарубежья, особенно в плане их военной безопасности. Иран как и Россия был заинтересован в сохранении стабильности в странах Центральной Азии и всячески противостоял попытке дестабилизировать регион со стороны некоторых стран дальнего зарубежья. Особенно стремление Ирана с целью достижения мира в Таджикистане стало причиной того, что Россия и страны Центральной Азии приблизились по стратегическим соображениям. Именно эта положительная стратегия стала поводом для сближения Ирана и России, а также в целом и стран Центральной Азии.

**THE CENTRAL ASIA AND SAFETY OF TAJISTAN, THE BILATERAL PURPORSE OF RUSSIA AND IRAN**

After independence of the countries Central Asia and Caucasus Government of Iran on the basis of importance glance and geopolitics and also on the basis of economic, political both military linking and dependences of these countries on Russia, supports prolongations of these communications and of the opponent of any policy is directed on easings cooperation of these countries with Russia. After the independence of Central Asian and Caucasian Countries Government of Iran on the basis of the important glance and geopolitics and communications fact and economical, political and military relations of these countries applied to continue the communication and relations in policy which the relation of Russia weaking those countries and they are opposed it. Russia also gradually made active its foreign policy course in relations with the countries, especially in respect of their military safety. Iran as well as Russia was interested in preservation of stabilities in the countries of the Central Asia and in every possible way resisted attempt in destabilizing the region by outside countries of the far abroad. Especially aspiration of Iran for the purpose of an attainment of peace in Tajikistan became the reason that Russia and countries of the Central Asia came nearer for strategic reasons. It is positive strategy became an occasion to rapprochement of Iran and Russia and also as a whole in the countries of the Central Asia.

# БОННСКАЯ МИРНАЯ КОНФЕРЕНЦИЯ И СОЗДАНИЕ ВРЕМЕННОЙ АДМИНИСТРАЦИИ В АФГАНИСТАНЕ

*Залмай Хпалвок*
**Институт востоковедения и письменного наследия АН РТ**

После свержения режима талибов, мировое сообщество начало работу по созданию новых властных структур в Афганистане. Конечно, переход столицы под контроль «Объединенного фронта» не отвечал интересам Пакистана, американцы, также с трудом мирились с такой ситуацией, но все же надеялись, что

лидеры фронта склонны к компромиссу, поскольку в течение некоторого времени американские разведчики находились в Панджшире и были осведомлены о настроениях лидеров фронта.

Среди лидеров фронта не было единства по поводу вхождения войск в Кабул – Фахим был сторонником захвата столицы, а Абдулла выступал против ввода войск, поскольку Абдулла более тесно поддерживал отношения с США, другими странами и ООН и лучше понимал их цели[1].

Андешманд со слов Хафиза Мансура пишет, что на встрече, проходившей в Панджшире с участием Фахима, доктора Абдулло, Кануни, Сарвари и других лидеров северян, во время обсуждения вопроса о будущем лидере и правительстве были названы имена вероятных кандидатов главы будущего правительства – экс-короля, его сыновей и внуков, Самада Хамида, Азизулла Лудина и других. Доктор Абдулло назвал самым вероятным и достойным кандидатом главы будущего правительства Хамида Карзая[2]. Вероятно доктор Абдулло знал не только о «серьезных намерениях американцев», но и заранее о Карзае, как кандидате американцев на должность главы будущего правительства Афганистана.

Как известно, еще раньше США поддерживали связи с экс-королем Афганистана и после падения власти Наджибуллы были намерены привести его к власти. В последние годы американцы активно вели переговоры с Захир-шахом, и по плану США именно Римская мирная группа должна была стать ядром будущего правительства. В мае 2000 года США официально заявили о намерении осуществить мирный план по Афганистану в рамках плана Захир-шах.

Мирный план Захир-шаха подразумевал проведение чрезвычайной Лойя Джирги. Для претворения в жизнь этого плана в Бонне и Риме проходили ряд совещаний, представители Захир-шаха посещали Душанбе, где встречались с Раббани и Масудом. После 11 сентября американцы все активнее предпринимали шаги в этом направлении, в начале октября 2001 года, на проходившей встрече в Риме был создан «Совет национального единства», в составе 100 человек, которые в будущем должны были составить основу будущей власти в Афганистане.

22 октября 2001 года в Душанбе состоялась встреча президентов Афганистана, Таджикистана и России, в которой лидеры стран обменялись мнениями о будущем правительстве Афганистана, поддержали позиции ИГА как «единственной законной власти» и было подтверждено, что «создание любых политических механизмов в будущем должно происходить на основе этого государства и укрепления ее основ»[3]. Несмотря на то, что стороны заявили о необходимости «создания широкого национального правительства с участием представителей всех народов и племен страны», они понимали, что американцы и Пакистан не были заинтересованы в укреплении основ правительства Раббани, и ее ключевой роли в политической структуре будущего Афганистана.

Вместе с тем политическая власть и военная сила находились в руках «Объединенного фронта», вооруженные формирования фронта были единственной организованной военной силой в Афганистане и американцы понимали, что без учета этого фактора будущее правительство не могло быть действенным. Даже когда США и Пакистан не допускали перехода столицы под контроль военных формирований северян, они понимали, что в Афганистане не было других сил способных освободить Кабул от талибов и поддержать порядок. В противном случае возникший вакуум безвластия мог иметь непредсказуемые последствия.

После установления власти Раббани в Кабул, США взяли курс на создание Временной администрации. 14 ноября 2001 года Совет Безопасности ООН приняло резолюцию о создании Временной администрации Афганистана, которая предполагала проведение межафганской мирной конференции. Было принято решение о проведении этой мирной конференции в Бонне. Раббани и лидеры «Объединенного фронта» настаивали на проведении мирной конференции в Кабуле, но были вынуждены уступить под усиливающимся давлением американцев и стран Европы.

Как было выше подчеркнуто, внутри «Объединенного фронта» не было единства. В последние месяцы жизни Масуда, лидеры военно-политических группировок, входящих во Фронт, приняли решение в целях организации вооруженного сопротивления против талибов, отказаться от своих групповых интересов, но даже после падения власти талибов им не удалось достичь этой цели. В условиях, когда появилась возможность решения накопившихся годами проблем, усилились противоречия между лидерами фронта. Входившие в состав делегации «Объединенного фронта» представляли различные течения, движения и военно-политические формирования: НИДА, партия А.Р. Саяфа, ПИЕА, различные течения ИОА и т.д.

Делегацию «Объединенного фронта» в Бонне возглавлял Мухаммад Юнус Кануни, перед которым Раббани и Сайяф поставили задачу не допустить передачу переходной власти в руки экс-короля Захир-шаха, которого Саяф назвал «гурге пир» («старый волк»)[4]. В Боннской мирной конференции царила другая атмосфера, все находилось под контролем американцев, которые не обращали внимание на пожелания Раббани.

В таких условиях 27 ноября 2001 года в Бонне афганские делегации начали переговоры по вопросу создания временной администрации. В конференции принимали участие делегации «Объединенного фронта», Римской мирной группы во главе с Абдулсаттаром Сиратом, мирной группы из Пакистана, возглавляемой Сейид Ахмадом Гилани и Кипрской мирной группы под руководством Хумаюна Джарира. В работе конференции принимали участие специальный представитель Генерального секретаря ООН Лахдар Брахими, представитель ЕС, делегация США, послы России, Ирана, Индии, Пакистана и других стран.

Перед конференцией американцы достигли договоренности с экс-королем о том, что главой государства станет Захир-шах, а премьер-министром Самад Хамид. «Объединенный фронт» выступил категорически против такой схемы будущего политического устройства страны, после которой начались продолжительные дискуссии по вопросу формирования правительства.

Участники конференции приняли решение представить свои предложения о персональном составе правительства. Военно-политические группировки «Объединенного фронта» каждая в отдельности представила свои предложения, но по утверждению Кануни, глава государства Раббани отказался поддержать кандидатуры фронта. Раббани считал, что вопрос о назначении или выборе главы будущего правительства, должен быть решен в Бонне, но вопрос о составе правительства должен решаться в Кабуле, поскольку Раббани считал, что в Бонне делегации находятся под сильным давлением. Другие лидеры «Объединенного фронта» как Фахим и Абдулло не поддержали Раббани, они были сторонниками решения всех вопросов о будущем правительстве в ходе Боннской конференции.

Американцам удалось внести раскол в ряды сторонников Масуда, среди которых существовали серьезные разногласия по многим вопросам, внесенных на повестку дня Боннской мирной конференции. Тесные связи с американцами поддерживал доктор Абдулло. По словам Кануни «… они поддерживали постоянную связь с Кабулом, вели переговоры с доктором Абдулло. Однажды Халилзад[5]сказал, что если вам не удастся достичь компромисса, мы приведем доктора Абдулло. Доктор Абдулло вел себя так, как будто был преемником Масуда»[6].

В результате продолжительных дискуссий американцы и монархисты были вынуждены внести изменения в свои планы, и было достигнуто решение, создать сроком на шесть месяцев временную администрацию, в структуре которой не была предусмотрена должность главы государства и премьер-министра. На должность главы Временной администрации были выдвинуты кандидатуры монархиста Абдулсаттара Сирата[7] и Хамида Карзая. В выборах Сират получил 12 голосов, а Карзай 2 голоса, несмотря на это, председателем Временной администрации стал Х. Карзай, поскольку его поддерживали США, особенно международный нефтяной консорциум «Юнокал». Ю. Кануни утверждает, что «наши сторонники в Кабуле согласились и даже требовали, чтобы председателем стал Карзай, а не Сират».

Определяющую роль в избрании Карзая главой Временной администрации играло его этническое происхождение, он выходец из племени попалзай, родился в 1958 году под Кандагаром. Его отец Абдулахад Карзай в свое время был вождем племени, депутатом парламента 12 и 13 созывов (1965-1972 и 1969-1972гг.) был заместителем председателя парламента. В 1999 году Карзай старший был убит в пакистанском городе Кветта, в убийстве которого подозревали талибов.

Карзай получил степень магистра международных отношений в Индии, в годы сопротивления был активистом НФОА С. Моджадади, а после прихода к власти моджахедов в 1992-1994 годах был заместителем министра иностранных дел. В 1994 году после совместного выступления Дустума и Хекматьяра против Раббани перебрался в Пакистан. С первых дней возникновения движения «Талибан» был в числе основателей движения, по рекомендации лидера движения Мулла Умара был назначен постоянным представителем при ООН. После убийства отца отошел из движения, и постепенно стал одним из активных противников талибов.

В период правления талибов Х. Карзай искал поддержку западных стран, в первую очередь США для организации вооруженного сопротивления талибам, многократно встречался с послом США в Пакистане и представителями ЦРУ. Тогда у США не было серьезных разногласий с движением талибов, и с другой стороны в Афганистане еще не созрели условия для массового выступления против талибов.

Близкие родственники Карзая, его братья – Абдул Ахмад, Каюм и Махмуд занимались предпринимательской деятельностью в США. По приезду в США, Х. Карзай сотрудничал с американской нефтяной компанией «Юнокал», и по мере осложнения отношений американского правительства с талибами укреплялись отношения Карзая с Белым домом. После событий 11 сентября, американцы начали проводить политику международной изоляции режима талибов как главных пособников международного терроризма. Одной из главных задач США в борьбе против движения талибов была организация широкого движения против талибов в самом Афганистане, для чего в Афганистан были направлены Карзай и Абдулхак. После смерти Абдулхака под Кабулом Карзай остался единственным представителем пуштунов, которого знали американцы и сотрудничали с ним.

С требованием поддержать кандидатуру Карзая оказывал сильное давление на участников Боннской конференции Залмай Халилзад. Находящиеся в Кабуле лидеры «Объединенного фронта» также поддерживали кандидатуру Карзая. Таким образом, американцы с помощью Залмая Халилзада привели Хамида Карзая на должность главы Временной администрации Афганистана.

После «избрания» Карзая, другие посты во временной администрации были распределены среди участвующих в конференции сторон. Под давлением организаторов конференции Раббани также был вынужден отправить предложения «Объединенного фронта» по составу администрации. В представленном списке кандидатур не было Ю. Кануни, но в Бонне по инициативе американцев все ключевые посты Временной администрации (обороны, внутренних и иностранных дел, безопасности) были оставлены за сторонниками Масуда. Было демонстрировано, что мировое сообщество достойно оценило вклад Масуда и его соратников в борьбе против терроризма, но на самом деле, как показали последующие события, это был задуманный американцами, особенно Халилзадом план. Во-первых, они понимали, что без поддержки «Объединенного фронта», вооруженные отряды которого контролировали столицу, администрация Карзая не сможет успешно работать. Нужно было решить сложные задачи – собрать оружие и подавить противников. Во-вторых, американцы таким путем хотели сеять семена вражды и недоверия и расколоть «Объединенный фронт», вызвать гнев пуштунов Афганистана, усилить их недовольство, показать таджиков «узурпаторами власти», и последовательно ослабить их роль в политической жизни страны.

Интересно то, что последователи Масуда не поняли «игру» американцев и Халилзада, они верой и правдой служили Карзаю ради претворения в жизнь американских планов. По истечении времени стало ясно, что лидеры политических партий, представители других этнических групп, особенно пуштуны крайне были озабочены и выразили свое недовольство сосредоточением ключевых постов Временной администрации в руках сторонников А. Масуда.

Следует отметить, что, несмотря на наличие серьезных разногласий по персональному составу будущей администрации, все лидеры политических партий и военно-политических формирований во имя достижения мира и согласия в Афганистане приняли решения Боннской конференции. Конечно, были и недовольные этими соглашениями. Так, например, лидер узбекской общины Афганистана Абдур Рашид Дустум еще в первые дни после окончания работы конференции, заявил, что не признает новую администрацию, поскольку посты в новом правительстве были распределены несправедливо. Но, после визита министра обороны США Д. Рамсфельда в Ташкент и его встречи с И. Каримовым, Дустум выразил свое согласие занять должность замминистра обороны.

5 декабря 2001 года в Бонне лидеры сторон, участвующих в работе мирной конференции, подписали важный документ – «Рамочное соглашение о Временной администрации в Афганистане до создания постоянно действующих государственных органов». В документе определялись задачи и функции Временной администрации, представляющей страну на международной арене, ООН и других международных организациях[8], отмечалось, что временная администрация будет функционировать до созыва Чрезвычайной Лойя джирги, на которой будет избрано сроком на два года Переходное правительство. Главная задача Переходного правительства заключалась в подготовке и проведении всеобщих свободных выборов президента и парламента страны.

В пункте 6 этого документа говорилось: «… в течение 18 месяцев после создания переходного правительства, созывается Лойя джирга для обсуждения и утверждения Основного закона Афганистана»[9]. До разработки и утверждения новой Конституции, отмечалось в документе, в стране будут действовать нормы и положения Конституции 1964 года, за исключением норм глав, касающихся института монархии, исполнительной и законодательной власти.

Составной частью достигнутых в Бонне договоренностей было обращение участников конференции к ООН, в которой стороны просили ООН и мировое сообщество выступить гарантом территориальной целостности и единства Афганистана, невмешательства иностранных государств во внутренние дела страны, принятия мер по восстановлению разрушенной войной экономики страны, проведения всеобщей переписи населения, репатриации моджахедов в состав сил безопасности и вооруженных сил страны, оказания помощи семьям погибших, борьбе против терроризма и предотвращения распространения наркотиков.

22 декабря в Кабуле состоялась торжественная церемония передачи власти из рук профессора Б. Раббани главе Временной администрации Хамиду Карзаю. В истории Афганистана это было первым примером мирной передачи власти новому руководителю страны, за исключением непродолжительного правления С. Моджадади и передачи власти Б.Раббани.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Боннская мирная конференция, мировое сообщество, режим талибов, «Объединенный фронт», Временная администрация Афганистана, События в Афганистане.

**Л И Т Е Р А Т У Р А**

1. Андешманд М.И. Амрико дар Афгонистон. Кабул «Майванд»,2007.- с..93.
2. Андешманд М.И. Амрико дар Афгонистон. – с..94.
3. «Хамбастаги», 22.10.2001.
4. Андешманд М.И. Амрико дар Афгонистон.- с..95.
5. Андешманд М.И. Амрико дар Афгонистон.- с..95.
6. Залмай Халилзад, американец афганского происхождения, в составе делегации США участвовал в работе Боннской конференции, затем специальный посланник президента и посол США в Афганистане, постоянный представитель США в ООН.
7. Абдулсаттар Сират родился в 1937 году в городке Айбак, административном центре провинции Саманган, по некоторым данным - узбек. Учился в медресе Абу Ханифа, затем на теологическом факультете Кабульского университета, в США и академии «Аль- Азхар» в Египте. Работал преподавателем и деканом теологического факультета КУ. В период правления Захир-шаха был министром юстиции(1969-1971), к которому впоследствии примкнул в составе Римской мирной группы.
8. «Чахорчуби идора-е мувaккат дар Афгонистон то замоне тосиси муджададе муассисое доими-е давлат»// «Механ», 2001. №19-24. с.77.
9. Там же.

**БОННСКАЯ МИРНАЯ КОНФЕРЕНЦИЯ И СОЗДАНИЕ ВРЕМЕННОЙ АДМИНИСТРАЦИИ В АФГАНИСТАНЕ**

В данной статье освещены вопросы, связанные с созданием Временной администрации Афганистана в ходе Боннской конференции в ноябре 2001 года. Автор на основе использования множества материалов сумел показать факторы, которые привели к созданию Временной администрации. По мнению автора, в процессе принятия решения на Боннской конференции важную роль сыграли внешние факторы, особенно давление представителей США на членов делегации. В статье обращается внимание на несогласованность действий членов делегации от «Объединенного фронта».

**BONN CONFERENCE AND ACTING ADMINISTRATION CREATION IN AFGHANISTAN**

In given article is taken up the questions connected with creation of the Acting administration of Afghanistan during Bonn conference in November, 2001. The author on a basis use of set of materials. Has managed to show factors which have led to Acting administration creation. According to the author in process decision-making at Bonn conference external factors, especially pressure of representatives of the USA upon members of delegation have played the important role. In article the attention to inconsistency of actions of members of delegation from "Incorporated front" is paid.

## НАҚШИ НАФТ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***Муҳаммади Шарифӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баррасии дақиқи санъати байналмилалии нафт аз аввали қарни бистум нишонгари ин воқеият аст, ки нафт аз дидгоҳи наҳва ва мизони тавлид, тавзеъ, полоиш ва мубодилоти байналмилалӣ як падидаи ғарбӣ мебошад. Баррасии муқоисаи нақши нафт дар сиёсати хориҷии Эрон дар қабл ва баъд аз Инқилоби Исломӣ панҷ омилро ба унвони авомили асосӣ дар тадвини сиёсати нафтии Эрон мушаххас мекунад.

Ин авомил иборатанд аз :

1. Ҷаҳонбинии давлатмардони кишвар.
2. Нақшу ҷойгоҳи Эрон дар равобити байналмилалӣ.
3. Боварҳои мардум аз ҷойгоҳ ва нақши нафт дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар.
4. Нақш ва ҷойгоҳи нафт дар тавсеаи иқтисодии кишвар.
5. Масоили фании санъати кишвар.

Нафт як моли ғарбӣ дар кулли равобит ва муҳосиботи стратегии минтақа ва байналмилалӣ маҳсуб мешавад ва метавон аз он истифода кард (барои пайдо кардани ҷойгоҳи муносиби назми навини ҷаҳонӣ).

Таърихи муосири Эрон баёнгари ин воқеият мебошад, ки нафти хом, нақши таъинкунанда дар ҷиҳатгириҳо ва роҳбурдҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии кишвар доштааст. Дар паи афзоиши вобастагии кишварҳои Эрон дар поёни Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм густариш ва тавсеаи санъати нафти кишвар амри илзомӣ шуд ва ин амр мӯҷиб шуд, ки нафт дар канори аҳамияти иқтисодияш бори сиёсӣ низ пайдо кунад. Ба ҳамин далел, дар тасмимгириҳо ва сиёсатгузориҳои равобити хориҷии Эрон бо кишварҳои санъатӣ ва қудратманд, нафт табдил ба унсури муҳим дар байни аносири дигар

шуд. Бо густариш ва тавсеаи санъати нафт, тавлиди нафт, афзоиш ва даромадҳои арзии кишвар афзоиш ёфт ва аҳамияти иқтисодии нафт дар масоили стратегии кишвар мавриди таваҷҷӯҳи сиёсатгузорон қарор гирифт.

Бо поёни Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм ва пирӯзии Арико ба дигар рақибон, улгуҳои масрафи энергии ҷаҳони санъатӣ аз ангиштсанг ба нафти хом тағйир карда ва нафт ҷойгоҳи вижаеро дар арсаи рақобатҳои қудратҳои бузург ба худ ихтисос дод. Дар натиҷа, нафт дар равобити байналмилалӣ ва бахусус дар равобити хориҷии Эрон дорои бууди амниятӣ шуд.

Сиёсатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятии Эрон чи аз назари дохилӣ ва чи ба лиҳози хориҷӣ чархиши ҷадидеро оғоз кард. Ҳар рӯз аҳамияти стратегии нафт афзуда шуд. Албатта, кишвар шоҳиди тағйироти зиёде дар тадвини сиёсатҳои нафтӣ доштааст. Чунки замоне иттико бо нафти Эрон худро мудофиаи манфиати кишварҳои санъатии ғарбӣ, дар раъси онҳо Амрико дар пеш мегирад (баъд аз инқилоб), вале нуктаи қобили таъмил дар ин ҷиҳатгириҳои мутафовут собит будани афзоиши вобастагӣ ба даромадҳои нафтӣ мебошад, ки ҳанӯз ҳам идома дорад.

Ин вобастагӣ боиси ба вуҷуд омадани чолишҳои мутааддид барои давлатмадорон ва инъкоси он бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсии чанд даҳаи охир мебошад.

Бинобар ин, бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият, бояд авомиле, ки таъинкунанда ҳастанд, дар сиёсати хориҷии Эрон (бахусус нафт ба унвони мавриди мутолеа дар ин мақолла) шинохта шаванд.

**Нақши нафт дар сиёсатгузории миллии Эрон.** Тамоми кишварҳо дар саҳнаи байналмилалӣ аз паи ҳадафҳое ҳастанд, ки ба истилоҳ манфиати миллӣ номида мешавад. Барои расидан ба ҳадафҳо бояд дарки саҳеҳу мантиқӣ аз равобити байналмилалӣ дошт. Яъне, ин таърифи манофеъ бояд мантиқӣ ва асоси тавоноиҳои мавҷуд бошад.

Аксар кишварҳои ҷаҳон аҳдофи худро дар қолаби се аносири амният, рифоҳ ва қудрат матраҳ мекунанд. Аммо барои расидан ба онҳо аз абзор ва равишҳои мутафовут истифода мекунанд, ки ҳамин мӯҷиби тамоиз байни онҳо мешавад.(1)

Бинобар ин, кишварҳое муваффақ хоҳанд буд ва ба аҳдофи худ хоҳанд расид, ки бо таваҷҷӯҳ ба манбаъ ва тавоноиҳои воқеии худ, беҳтарин роҳу шеваро барои баҳрагирӣ аз он манобеъ иттихоз мекунад. Бадеҳист, ки бо тағйироти камӣ ва кайфӣ дар манобеъ ва тавоноиҳо, ҳамчунин тағйир дар вазъияти низоми байналмилал бояд сиёсатҳо ва роҳбурдҳо низ тағйир кунад. Дар ин росто ва ҳамоҳангӣ бо тағйирот, метавон аз Ҷопони қабл ва баъд аз Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм ном бурд.

Дар ростои усули ҳадафҳои миллӣ, нафт ҷойгоҳи вижаеро дар миёни тамоми аносири дигар дар чорчӯби стратегии миллӣ ва байналмилалии Эрон ба худ ихтисос додааст. Аз даҳаи 1970 даромадҳои нафтӣ ба таври мутавассит беш аз 80 дар сад даромадҳои арзии кишварро ташкил медодааст. (2)

Вале ин даромадҳои арзӣ, ба далели ин ки дар Эрон зерсохтҳои тавсеа ва санъатӣ фароҳам нашудааст, сарфи таъмини рифоҳи иқтисодии ҷомеа мешавад.

Аз тарафи дигар, ба лиҳози ин ки нафт нақши стратегиро дар идомаи тавсеаи иқтисодии кишварҳои санъатӣ ифо мекунад, вуҷуди захираи азими нафт ва тавони тавлидии Эрон аҳамияти амниятӣ ва сиёсии кишварро ба маротиб печидатар кардааст.

Лизо, тадвини сиёсати нафтии кишвар унсури аслии таъини стратегии миллии Эрон дар равобити байналмилал ва дар чорчӯби сиёсатҳои дохилӣ аст.[3]

Дар маҷмӯъ, ба кишварҳое, ки масрафкунандагони аслӣ ва умдаи нафти хом ва полоишшудаи ҷаҳон ҳастанд, буки Ғарб гуфта мешавад, ки кишварҳои санъатии пешрафтаи ҷаҳон мебошанд.

Кишварҳои санъатии Ғарб комилан ба нафт дар ростои тавсеаи иқтисодӣ ва санъатии худ вобаста ҳастанд. Ба ҳамин далел, нафти хоми ҷаҳон аз сӯи ширкатҳои нафтии кишварҳои санъатии Ғарб ба таври мустақим ё ғайримустақими тавлид, тавзеъ ва полоиш мешавад. Умдаи муомилоти нафтӣ дар сатҳи ҷаҳон дар миёни кишварҳои урдӯгоҳи Ғарб сурат мегирад, бар ин асос метавон истидлол кард, ки нафт яке аз молҳои ғарбӣ дар кулли равобит ва муҳосиботи стратегии минтақа ва байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Беш аз 80 дар сад нафти хом ва маводи нафт ҷаҳонро кишварҳои ғарбӣ ва ширкатҳои вобаста ба онҳо анҷом медиҳанд. [5]

**Нақши нафт дар сиёсати хориҷии Эрон қабл аз инқилоб.** Бо густариши вобастагии кишварҳои санъатии ҷаҳон ба нафти хом ва тадовуми рақобати ҷаҳонӣ байни онҳо барои афзоиши қудрати иқтисодӣ ва сиёсии худ, сиёсатгузорони Эрон бар он шуданд, ки сиёсати хориҷии худро дар иртибот бо нафт ва масоили марбут ба он дар ростои таҳаввулоти байналмилал пойгузорӣ кунанд ва дар ин роҳбурд, мавзеъгириҳоеро анҷом диҳанд. Яъне, ин ки як робитаи мустақиме байни нафт ва сиёсати хориҷии Эрон дар равобити байналмилал ба вуҷуд омад. Қабл аз Инқилоби Исломии, Эрон дар чорчӯби ҷанги сард, як рақобати идеологии байни ду абарқудрати низомӣ дар система ва низоми дуқутбӣ (Амрико ва Шӯравӣ) ҷойгоҳи вижае ба даст овард. Дар муҳосиботи стратегии

Ғарб ба Эрон нақше фаъол дар ҷиҳати муқобила ва муҳори коммунизм дар ҳошияи ҷунуби шӯравӣ дода шуд. [6]

Ин нақши ҳамсӯии комил бо дидгоҳи давлати Эрон дошт. Эрон дар доктрини Никсон-Кесенҷер нақши муҳиме аз лиҳози иқтисодии амниятӣ ва сиёсӣ дар рақобати байни ду бук, дар ҷиҳати манофеи Ғарб бозӣ мекард ва шоҳ ҳам бақо ва давоми ҳукумати худро дар ин ҳамроҳии стратегӣ медонист. Барои намуна, агарчӣ аз лиҳози сиёсати дохилӣ ҳимояти аланӣ аз ҳукумати Исроил (ба унвони кишвари ғосиб дар афкори умумии мардуми Эрон ва мусалмонони ҷаҳон) Африқои Ҷанӯбӣ (ки дорои режими Опортоид буд) коре нобихрадона ва ғайри қобили қабул маҳсуб мешуд, вале ба лиҳози манфиати урдӯгоҳи Ғарб, таъмини ниёзҳои нафтии ин ду кишвар аз сӯи Эрон ҳаракате стратегӣ барои шоҳ буд. [7]

Судури нафт ба ин ду кишвар дақиқан дар ростои боварҳои ҷаҳонии ҳукумати шоҳ буд ва ҳеҷ гуна танқисие бо стратегияи байналмилалии он ҳукумат пайдо намекард.Шоҳ дар ҷиҳати тақвияти мусалласи Эрон, Исроил ва Африқои Ҷанӯбӣ ба унвони хатти муқаддами ҷабҳаи муқобила бо нерӯҳои зиддиамрикоӣ ва ғарбӣ дар минтақаи Ховармиёна ва Африқо бо муваффақият бо нафт баҳра ҷӯст.[8]

Ҳамроҳ бо стратегияи шоҳ бо сиёсатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ Амрико танҳо омили умдае дар табиини сиёсати хориҷии Эрон қабл аз инқилоб набуд. Ниёзҳо ва илзомоти иқтисодии даҳаи охири даврони ҳукумати шоҳ афзоиши даромадҳои арзиро талаб мекард, ки дар муддати кӯтоҳ фақат аз тариқи афзоиши тавлиди қимати нафти хом дар бозорҳои ҷаҳонӣ муяссар буд. [9]

Иҷрои тағйири улгӯи тавлид ва масрафи Эрон дар гарави сармоягузориҳои азим дар тарҳҳои иқтисодӣ-санъатӣ буд, ки даромадҳои арзии даҳаи 1340 такофӯи онро намекард. Ҳамзамон бо ин таҳаввул, тадовум дар рушди тавлидоти санъатӣ дар кишварҳои ғарбӣ тақозо барои нафтро дар сатҳи ҷаҳонӣ афзоиш дода буд. [10]

Ин афзоиши тавлид мебоист, тавассути икишварҳои тарафдори Ғарб, яъне Эрон ва Арабистони Саудӣ сурат мепазируфт. Бинобар ин, аз дидгоҳи иқтисодӣ, иқтизо мекард, ки сиёсат ва стратегияи ҳукумати шоҳ бо ҳадафҳои иқтисодии кишварҳои ғарбӣ ва дар раъси онҳо Амрико ҳамоҳангӣ ба вуҷуд ояд.

Таҷрибаи равобити байналмилал дар даҳаҳои гузашта ин нуктаро ёдоварӣ мекунад, ки ҳеҷ кишваре дониши фанӣ ва технологии худро дар ихтиёри дигар кишварҳо қарор намедиҳад, магар ин ки дар ростои манофеи иқтисодии он кишвар ва дар ҷиҳати сиёсати байналмилалии он кишвар бошад. Ба ҳамин далел аст, ки шоҳ ба ҳамроҳии стратегияи Ғарб тавонист ба таври нисбӣ аз дониш ва таҷҳизоти фаннии Амрико баҳра гирад ва тавлиди худро ба марзи 6 млн бушка ба рӯз бирасонад.[11]

**Нақши нафт дар сиёсати хориҷии Эрон пас аз инқилоб.** Ҳамроҳии шоҳ бо стратегияи минтақа ва Амрико як амри иҷтинобнопазир буд ва ин ба далели моҳияти ҳукумати паҳлавӣ буд, ки худро ҳамроҳи ба ҳимояти Ғарб медонист ва таваҷҷӯҳ ба ин асли мусаллами таърих надошт, ки тадовум ва бақои машрутияти як ҳукумат баргирифта аз ҳимояти мардум хоҳад буд.

Баъзе аз назарияпардозони равобити байналмилал иллати умдаи инқилобҳои дар ҷомеаи башариро аз ҳадди фосилаи байни боварҳои ҳокимон ва мардум медонанд.

Мардуми Эрон бовар доштанд, ки шоҳ бо торочи сарвати кишвари Эрон барои Амрико ва Ғарб хуш хидмат мекунад. [12]

Дар ҷараёни инқилоб, нахва ва мизони арзаи нафти Эрон дар бозорҳои ҷаҳон ба унвони ҳадафе муҳим ва стартегӣ пазируфта шуд. Нерӯҳои мухолифи шоҳ дар шиорҳои инқилобии худ ба хубӣ аз ин боварҳо баҳра ҷӯстанд. [13]

Пас аз инқилоб, давлатмадорони Эрон, бо таваҷҷӯҳ ба ҷаҳонбинии инқилоб, ки дар таоруз бо Амрико ва Ғарб буд, мо шоҳиди тағйири 180 дараҷаӣ дар иртибот бо нафт дар сиёсати хориҷӣ ҳастем. Ба ин маъно, ки судури нафт ба кишварҳои Исроил ва Африқои Ҷанӯбӣ қатъ шуд ва арзаи нафти хом ба кишварҳое, ки дар таоруз бо Ғарб буданд, монанди Сурия ва Кореяи Шимолӣ оғоз гардид ва афзоиш ёфт. Аз нафт ба унвони василае муаассир барои расидан ба ҳадафҳои минтақа ва байналмилал (сиёсӣ ва амниятӣ) истифода гардид. Дар ин росто, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон бар асоси коҳиши тавлиди нафти хом ва маҳдудияти арза ва болобурдани қимати ҷаҳон пояреэӣ мешуд.

Нафт аз оғози тиҷорӣ шуданаш колои сиёсӣ будааст ва кишварҳои санъатии Ғарб аз мавоҳиби сиёсии он баҳра меҷӯстанд. [14]

Дар даҳаи 1970, ба дунболи яксарии таҳаввулоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи кишварҳои умдаи тавлидкунандаи нафти ҷаҳон, кишварҳои нафтхез имкони баҳрагирии сиёсӣ аз сарвати миллиро пайдо карданд. [15]

Сиёсӣ шудани нафт барои кишварҳои тавлидкунанда дар аввали даҳаи 70 ва дар натиҷаи афзоиши қимати ҷаҳонии нафт ва афзоиши вобастагии кишварҳои санъатӣ ба нафти арзони кишварҳое, ки дорои суботи сиёсии қобили барномарезӣ набуданд, ширкатҳои нафтӣ ва кишварҳои дигарро во дошт, то барои афзоиши тавлидоти нафт дар кишварҳо ва манотиқи ғайри ОПЕК сармоягузорӣ кунанд. [16]

Натиҷаи ин таҳаввул он буд, ки саҳми нафти ироашуда аз сӯи кишварҳои ОПЕК дар бозорҳои ҷаҳонӣ коҳиш ёфт. Ба дунболи он, қудрати сиёсии кишварҳои ОПЕК дар равобити байналмилалӣ низ таҳлил рафт. [17]

Вазъияти инқилобии Эрон, аз як сӯ ва таҷовузи ҳамаҷонибаи ни зомии Ироқ ба Эрон, аз сӯи дигар, сатҳи тавлиди нафти хомро ба шиддат коҳиш дода буд.

Дар солҳои аввали пас аз инқилоб коҳиши тавлиди нафт чандон таъсири манфӣ ба даромадҳои арзии кишвар нагузошт ва иллати он афзоиш қимати нафт дар бозорҳои ҷаҳон ба иллати вуқӯи инқилоб дар Эрон ва таҷовузи Ироқ ба Эрон буд. [18]

Баррасии даромадҳои арзии Эрон дар ду мақтаи 5 соли қабл ва баъд аз Инқилоби Исломӣ, бидуни эҳтисоб 1357, муиди ин воқеият аст, ки поин омадани тавлиди нафти хоми кишвар аз марзи 6 млн бушка дар рӯз ба ҳудуди 2 млн, таъсири зиёде барои даромадҳои арзии Эрон нагузошта буд. Маҷмӯи даромадҳои арзии Эрон байни 1352-1356 ҳудуди 99 млрд доллар ва байни 1357-1362 наздик ба 93 млрд доллар муҳосиба шудааст. [19]

Ба ин тартиб, пайравӣ аз усули идеологии давлатмадорони кишвар ва афкори умумии инқилоби мардум, аворизи манфии иқтисодӣ ба мафҳуме, ки дар муддати кӯтоҳ бӯҳронзо бошад, дар пай надошт.

Аммо ин дидгоҳ, ки бар асоси муқобила бо тавсеаталабии ғарб, бахусус Амрико бино шуда буд, дар миёнмуддат таъсири мутафовутеро бар тадвини сиёсати нафтии кишвар бар ҷой гузошт. Идома ёфтани ҷанги таҳмилӣ ва пирӯзии нерӯҳои Эронӣ дар ҷабҳаҳо авомили хориҷиро, ки тавони таъсиргузорӣ бар сиёсати нафтии кишварро доштанд, беш аз ҳар замони дигар алайҳи Эрон басиҷ кард. Нокомии фишорҳои сиёсӣ ва низомии Ғарб ва Ироқ барои тағйири равиши давлати Эрон дар минтақа ва дар ҷанг, Амрикоро водошт, то тадбире дар ҷиҳати ба вуҷуд овардани бӯҳрони иқтисодӣ барои Эрон иттихоз кунад. [20]

Бо ҳамроҳии Арабистони Саудӣ ва дигар кишварҳои нафтхези араб, Халиҷи Форс дар ҷиҳати афзоиши тавлиди нафти ОПЕК, ширкатҳои нафтии Ғарб тавлиди нафти хоми кишварҳои ғайри ОПЕКро низ афзоиш доданд ва лизо, қимати ҷаҳонии нафт ба шиддат коҳиш пайдо кард. [21]

Сирри нузули қимати нафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ то охири 1986 идома ёфт. [22]

Дар ҳоле ки фишори ҷанг ва афзоиши тааҳҳудоти дохилии давлат, даромадҳои арзии бештареро талаб мекард, даромади арзии кишвар ба суръат коҳиш пайдо кард ва замина барои тағйир дар сиёсати нафтии Эрон фароҳам шуд. Лозим ба зикр аст, ки даромадҳои арзии Эрон байни солҳои 1362-1366 то марзи 60 млрд доллар коҳиш пайдо кард. [23]

Гарчи коҳиши даромадҳои арзӣ мушкилоти бешумори иқтисодӣ ва ҳатто низомиро бар давлати Эрон таҳмил кард, аммо ба лиҳози равонӣ, худ омиле дар ҷиҳати таҳкими пояҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон шуд. Давлати Эрон ба хубӣ байни коҳиши даромадҳои арзии нош аз фурӯши нафти хом ва машруияти худ ба унвони як ҳукумати инқилобии мухолифи Ғарб, бахусус Амрико, робита барқарор кард. Дар натиҷа, тавонист, аз ҳимояти мардумӣ дар идомаи ҷанг ва мухолифат бо Амрико баҳра гирад.

Лозим ба зикр аст, ки то охири даҳаи 1360, ба далоили фаннӣ тавони Эрон барои афзоиши тавлиди нафти хом худ бисёр андак буд.Таҳрими иқтисодӣ ва технологии Амрико, мушкилоти идорӣ ва молии санъати нафти кишвар, имкони афзоиши тавлиди нафти хомро аз Ҷумҳурии Исломии Эрон гирифта буд ва дар зимни ҷанг ва масоили он имкони нигаҳдорӣ ва тавсеаи нафтии мавҷудро аз вазорати нафт салб кард. [24]

Рӯйдодҳои замони инқилоб ва ҷанги таҳмилӣ фурсати тавсеаи иқтисодиро аз давлат гирифта буд. Табиӣ буд, ки дар он шароит тавсеаи иқтисодӣ дар авлавият қарор надошта бошад, бо барқарории оташбас давраи ҷадиде оғоз шуд, ки ниёз ба тарсим ва бозсозии кишвар ва тавсеаи иқтисодиро дар тақдим қарор дод. Ва ин амри мусталзам дастёбӣ ба даромадҳои боло ё ҳадди ақал қобили пешбинии арзӣ буд. Лизо, боло бурдани қимати нафт ва тасбияти қимати ҷаҳонии он ҳадафи стратегии тавсеаи иқтисодии Эрон маҳсуб мегардид.

Аз ин ҷо, ки нафт моҳиятӣ ғарбӣ ба худ гирифтааст ва ба далели ин ки умдаи харидорони нафти хом дар бозорҳои ҷаҳонӣ кишварҳои санъатии ғарб ҳастанд, Эрон тасмим гирифт, сиёсати фурӯши нақдии нафти хомро дар пеш бигирад. (Дар замони ҷанг Эрон ҳозир ба фурӯши нафт ба шакли паёпай шуда буд.) [25]

Дар ин росто, кишварҳои харидоре, ки дорои арзӣ қавӣ ҳастанд, дар тақдими Вазорати нафти Эрон қарор гирифтанд. Ба илова, Эрон дар ҷиҳати боло бурдани тавони тавлиди нафти хом шурӯъ ба сармоягузориҳои ҷадид кард ва буҷаи нигаҳдорӣ ва миёдини нафти мавҷудро афзоиш дод. [26]

Албатта, бадеҳист, ки афзоиши тавлиди нафт ва натиҷаи афзоиши содирот барои беҳбуди даромадҳои арзӣ боиси коҳиши қимати нафт дар бозорҳои ҷаҳон хоҳад шуд.

Бинобар ин, ду роҳкор метавонад Эронро аз ин вазъият наҷот диҳад: Аввалин, тағйир дар улгӯи масрафи дохилии барқӣ аст, ки метавонад василае барои афзоиши даромадҳои арзии кишвар маҳсуб шавд.

Ва ин амри давлат маҷбур ба саҳмиябандии бензин ва боло бурдани қимати моводи нафтӣ гардид ва ин сиёсат ҳанӯз ҳам идома дошта ва афзоиши бештари қимати бензин ба зудӣ иттифоқ хоҳад афтод. Ин сиёсат масрафҷӯӣ дар масрафи моводи нафтӣ замоне метавонад муваффақ шавад, ки фарҳанги дурусти масраф карданро ба вуҷуд оварем. Фароҳам кардани василаи ҳамлу нақли ҷадид монанди трамвай (қаттораи шаҳрӣ), таблиғ ва тарвиҷи фарҳанг, дучархасаворӣ дар тамоми синин, дар канори масъалаи таблиғотӣ дар мавридӣ ҳавои пок, набудани трафик, пешгирӣ аз олудагиҳои савт ва равонӣ ва… метавонад дар ин роҳ мусаммар бошад.

Дувумин роҳкор, доштани як барномаи сиёсии мушаххас мебошад, дар иртибот бо фурӯши нафт ба кишварҳои ғарбӣ, ки ба ҳамроҳи он битавон технологияи марбутаро низ ба даст овард ва ин амр мусталзами рафъи танишҳо мебошад бо дунёи Ғарб.

Дар ин росто, метавон аз содироти гази Эрон ба Аврупо истифода кард ва манофеи дарозмуддате аз насби кишвар кард. Тавсеаи ҳамкорӣ бо кишвари Туркия, ки метавон аз он ба унвони коридоре барои содироти газ ба Аврупо истифода кард ва ё тавсеаи муносибат бо кишвари Озарбойҷон дар ҳамин росто метвонад ба унвони як стратегия дар давлати даҳум пайгирӣ шавад.

Эрон метавонад бо таваҷҷӯҳ ба мавқеияти геополитикии худ, бо доштани манобеи нафтӣ ва газ қобили таваҷҷӯҳ ва истифода аз тафовутҳо ва ихтилофи кишварҳои санъатии Ғарб ба беҳтарин ваҷҳ баҳра гирад ва ҳатто бо истифода аз ин абзор, ҷойгаҳи муҳимеро дар низоми байналмилал ба даст оварад.

Ба ҳар ҳол, он чи, ки қобили таваҷҷӯҳи сиёсатмадорон ва сиёсатгузорони кишвар бояд бошад, ин аст, ки сиёсат ва иқтисоди хориҷии Эрон аз унсури нафт тафкикнопазир буда ва сиёсатҳои нафт ва хориҷ таъсири мутақобила ба якдигар доранд. Дар охир метавон ба панҷ омили асосӣ дар тадвини сиёсати нафтии Эрон ишора кард:

1. Ҷаҳонбинии давлатмадорони кишвар.
2. Нақш ва ҷойгоҳи Эрон дар равобити байналмилал.
3. Боварҳои мардум аз ҷойгоҳ ва нақши нафт дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар.
4. Нақш ва ҷойгоҳи нафт дар тавсеаи иқтисодии кишвар.
5. Масоили фаннии санъати нафти кишвар.

**КАЛИДВОЖАҲО**: нафт, сиёсати хориҷӣ, идеологӣ, тавсеаи иқтисодӣ, санъати нафти Эрон, равобити байналмилалии Эрон.

## АДАБИЁТ

1. Ken net W. Thompson and Roy c. Macridis, The comparative study of foreing policy, clondon:publusher,1986. p.5-6.
2. Саид Соиб. Авомили муассири таъинкунанда дар тадвини сиёсати нафтии Эрон. 1374, с. 117.
3. Соиб ҳамон ҷо.
4. Давид Питнер. Нафти байналмилал ва амнияти миллӣ. Тарҷумаи Ҳумони Шоҳмирӣ.
5. Соиб ҳамон ҷо.
6. Питнер ҳамон ҷо.
7. Shaul Bakhash, The politics of oil and Revelution in Iran, WashingtonD.C.
8. Соиб ҳамон ҷо.
9. Ҳушанг Амир Аҳмадӣ. Иқтисоди сиёсӣ ва нафт. Тарҷумаи Алиризоии Тиб.
10. Эраҷи Завқӣ. Масоили сиёс-иқтисодии нафти Эрон. Теҳрон, 1372, с.24.
11. Питнер ҳамон ҷо.
12. Bakhash, op. cit, p.4.
13. Ibid,p.4-8.
14. Соиб ҳамон ҷо.
15. Gyrus Bina. The Economics of the oil crisis, New York, 1985,p.27-29.
16. Jihn Dunning, International production and the multinational enterprise, Londjo, 1981, p.35.
17. Муҳаммад Сарир ва Муртазои Ҳошимӣ. ОПЕК ва дидгоҳҳои оянда.
18. Noan Chomsky, The victors Part I, 1990. p.15-18.
19. Oil and Gas Journal.
20. Oil and Gas Journal (Nov. 12, 1989) p. 163-169.

21. Oil and Gas Journal (March 26, 1993) p. 56-67.

## РОЛЬ НЕФТИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН

Изучение сравнения роли нефти во внешней политике Исламской республики Ирана до и после Исламской революции определило пять факторов, которые стали основными в формировании нефтяной политики Ирана и основными из них являются мировоззрение государственных служителей, роль и место Ирана в международном сотрудничестве и роли и расположение в экономическом развитии государства. Статья посвящена изучению данной темы.

## THE ROLE OF OIL IRAN’S FOREIGN POLICY

This article begins with an emphases on the significant role of oil policy within Iran’s national security, economic and foreign relations strategy. This status has been studied in a his topical context off both the pre-and post –revolution of 1979. The out her introduces five basic elements which in deferent circumstances, have played an essential role in determining the substance and directories of Iran’s oil polices in the past fore decades. These elements consist of. A state –governing ideology, 2. The country’s position in international relation; 3. The peoples perception of the role of oil in domestic and international politics; 4. Dependency on oil revenue for national economic development, and; 5. The technical aspects of the oil industry.

# ФИЛОЛОГИЯ

## КОРБУРДИ ФЕЪЛҲОИ ПЕШВАНДӢ БО ПЕШВАНДҲОИ bār-, bāz-, vā-, farā(z)- ВА furō(d) ДАР «ШОҲНОМА»- И ФИРДАВСӢ

*Р. Шодиев*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташкили феълҳо тавассути пешвандҳо яке аз равишҳои усулӣ дар вожасозии забонҳои эронии бостон буда, ин равиш дар забони форсии миёна ва форсии нав дар қолаби пешванд +феъл (бо истифодаи феълҳои содда) идома ёфтааст. Дар таърихи ташаккули вожасозии феъл бо пешвандҳо чанд марҳилаи шаклгирии пешвандҳои феълӣ аз эронии бостон то ба эронии миёна ва нав дар мисоли форсии бостон, форсии миёна ва форсии нав бар асоси таҳаввулоти таърихии овоӣ сурат пазируфтааст, ки инро аз осори ҳар як давраи таърихии рушди забони форсӣ- тоҷикӣ ба хубӣ метавон мушоҳида ва муқоиса кард. Манбаи пайдоиши пешвандҳои феълӣ дар забони форсии миёна асосан зарфҳо ва пешояндҳо буда, манбаи дигар пешвандҳои таърихии эронии бостон (форсии бостон) аз роҳи дигаргуниҳои овоӣ дар форсии миёна маҳсуб мешавад.

Пас аз мансух гардидани пешвандҳои таърихии феълӣ дар форсии миёна барои ташкили феълҳои пешвандӣ манбаи асосӣ пешвандҳои дар заминаи зарфҳо ва пешояндҳо шаклгирифта маҳсуб мегарданд. Аз ин рӯ, ҳам дар забони форсии миёна ва баъдан дар забони форсии нав ин равиш дар вожасозии феъл яке аз манбаъҳои муҳими ташкили феълҳои пешвандӣ бо истифода аз феълҳои соддаи бунёдии эронӣ (форсии миёна ва форсии нав) гардидааст.

Қолаби феълҳои пешвандӣ дар шаклгирии феълҳои содда барои баён ва дарҷи маъниҳои тоза нақши муҳим дошта, ба воситаи ин қолаб дар забони форсии дарӣ, ба вижа осори даврахои аввали он феълҳои фаровоне сохта шудаанд, ки онҳо танҳо махсуси ҳамин давраи рушди забон ва осори адабии он мебошанд. Ҳамчунон ки Л.С.Пейсиков бо истинод ба хулоса ва ё натиҷагирии З. Телегдӣ дар иртибот ба ин мавзӯъ тазаккур медиҳад, нақши вожасозии феъл тавассути пешвандҳо дар забони форсии дарӣ аз марҳилаи кунунии ин забон ба маротиб бештар будааст [Пейсиков 1975, 79]. Дурустии нуқтаи мазкурро маводи осор ва фарҳангномаи классикӣ, ки бар асоси манобеи даврахои гуногуни забони форсии дарӣ таҳия шудаанд, таъйид менамояд.

Пешванди bar- дар маънои «боло, забар, фароз, муқобили фуруд, рӯй (< ф.м. abar, навишти паҳлавӣ apar, ав. upairi, ф.б upariy, эр.б. * upairi) ба кор меравад. [ Henning 1933, 230; Пейсиков 1973, 190-191; Nyberg 1974, 22; Расторгуева, Молчанова 1981, 132]. Ин пешванд дар форсии миёна бо гурӯҳе аз феълҳо омада, равиши амал ва ё ҳаракатро ба фароз ва боло, ҳамчунин наздик шуданро ба чизе ё ба ҷое ифода мекунад. Ба таври намуна: abar āmadan «баромадан», abar dāštan «бардоштан», abar nihādan «барниҳодан», abar rasīdan «наздик шудан» ва ғайра [Nyberg 1974, 22; Расторгуева, Молчанова 1981, 132; Саймиддинов 2001, 153-154].

Пешванди феълии bar- дар забони форсии дарӣ, бо ҳифзи маънои бунёдӣ ва ё аслӣ дорои чандин маъниҳои дигар низ гардидааст: аз ҷумла маънои зид ё хилоф: čīdan «чидан» - bar čīdan «барчидан, ҷамъ кардан, гирд кардан» , gaštan «гаштан» - bar gaštan«бозгаштан»; ба маънои bā: … tā ba Mişr haštād rōz rāh ast bar uštur (Ҳудуд ул-олам); (Дар мавриди маъниҳои дигари bar- ва корбурди он дар осори форсии дарӣ ниг.: «Луғатнома»-и Деҳхудо, ҷ.3; дар иртибот ба пешванди bar- дар осори давраи аввали форсии нав ниг.: Bahār 1375; Lazard 1963, 409-412, 415,419; Ефимов, Расторгуева, Шарова 1982, 144).

Пешванди bar- яке аз пешвандҳои мустаъмал дар форсии дарӣ буда, дар «Шоҳнома» дар қолаби вожасозӣ бо ин феълҳо ба кор рафтааст: bar ārāstan «оростан», bar āsūdan «осоиш ёфтан, ором гирифтан», bar āšuftan «дигаргун шудан, ба ошӯб омадан», bar āγālīdan «барангехтан», bar āmadan «баромадан, боло рафтан», bar āmēxtan «омехтан, дарҳам кардан, махлут кардан», bar āvardan «бардоштан, баланд кардан», bar āvēxtan «овехтан, овезон кардан, ба ҳам печидан», bar āhēxtan «баркашидан, раҳо шудан», bar uftādan «афтодан, дур афтодан, нобуд шудан, бартараф шудан», bar afrāštan «баланд кардан», bar afrōxtan «равшан кардан; шод кардан», bar afzōdan «афзоиш додан, зиёд кардан», bar afšāndan «пошидан, парокандан», bar afkandan «барандохтан, дур кардан; равона кардан», bar andāxtan «афкандан, андохтан, боло кардан, ба боло афкандан», bar andūdan «андудан, молидан», bar andēšīdan «андешидан, фикр кардан», bar angēxtan «ба шитоб рондан, бо тундӣ ба ҳаракат даровардан, тохтан, ангехтан», bar bārīdan «рондан, фурӯ овардан», bar baxšudan «бахшидан, афв кардан», bar bastan «бастан», bar bēxtan (аз pēxtan) «печидан», bar parākandan «парокандан, пахш кардан», bar tāxtan «тохтан, равон шудан, давондан», bar tāftan «тофтан, печидан; бардоштан», bar tapīdan «ҷастан», bar jastan «ҷастан, боло рафтан, боло ҷастан,

баланд шудан», bar čakīdan «чакидан, рехтан», bar xārīdan «хоридан», bar xāstan «баланд шудан, бархостан», bar xurōšīdan «фарёд кардан, ба хурӯш омодан», bar xandīdan «хандидан», bar xᵛandīdan «хондан, баён кардан», bar xᵛārdan «баҳраманд шудан», bar dādan «додан», bar dāštan «баланд кардан; баҳра бурдан», bar darīdan «пора кардан», bar damīdan «ҷӯшидан, зуҳур кардан, бархостан», bar dōxtan «ба ҳам бастан», bar davīdan «боло давидан», bar đīdan «дидан, нигоҳ кардан»,bar rabūdan «рабудан, гирифтан», bar rustan «рустан, бузург шудан», bar raftan «боло рафтан», bar rēxtan «рехтан», bar zadan «задан», bar sāxtan «омода шудан, омода кардан», bar sūdan «судан, дубора нарм кардан», bar sigālīdan «андешидан», bar šitāftan «шитоб кардан», bar šudan «боло рафтан, бархостан», bar šikāftan «шикофтан, чок задан», bar  šikastan «шикастан, барҳам хӯрдан, ҳамла кардан», bar šukuftan «боз шудан, шодон шудан», bar šumurdan «бар шумурдан, ҳисоб кардан», bar šikanjīdan «шиканҷа кардан, ранҷ додан», bar farāxtan «бар афрохтан, баланд кардан», bar furōxtan «бар фурӯзидан, равшан кардан», bar fuzōdan «афзудан, зиёд кардан», bar fišāndan «рехтан, нисор кардан», bar kāstan «кам кардан, коҳиш додан», bar kardan «боло бурдан, афроштан, баланд кардан», bar kuštan «куштан», bar kašidan «боло кашидан, хориҷ кардан, баровардан», bar kandan «ҷудо кардан, аз бех кандан», bar  kōftan «вайрон кардан», bar gāštan «бар гардонидан», bar guδāštan «бар афрохтан», bar guδaštan «сипарӣ шудан», bar garāyistan = bar garāyīdan «озмудан, имтиҳон кардан», bar giriftan «бар гузидан, санҷидан», bar giristan «гиря кардан, нолидан», bar guzīdan «пазируфтан, интихоб кардан», bar gusastan «ҷудо кардан», bar gušādan «боз кардан», bar gaštan «боз гаштан, бар гаштан», bar guftan «бозгӯ кардан, гуфтан, шарҳ додан», bar gumāštan «таъин кардан, барқарор кардан», bar mālīdan «молидан», bar nišastan «савор шудан, боло нишастан», bar nigaristan «нигоҳ кардан», bar navaštan «печидан (аз navardidan), тай кардан», bar nihādan «гузоштан, насб кардан», bar yāxtan «бар ёзидан, даст дароз кардан».

Ҳамчунон ки аз осори форсии дарӣ ва «Шоҳнома» - Фирдавсӣ бар меояд, пешванди bar- ба феълҳо маъниҳо ва тобишҳои гуногунро замима менамояд, ки инро метавон дар мисоли чанде аз феълҳои мутароиҷ баён кард:

**bar āmadan – баромадан**

- боло рафтан, боло омадан, баланд шудан, боло гирифтан, бар шуданд, бар баландӣ рафтан, ба ҳаво рафтан:

بیالا برای یکی مرغزار،
ببینی بکردار خرم بهار.

- баромадани овоз ва бонгу наво:

فکندند گویی بمیدان شاه،
برآمد خروش دلیران بماه.

- бархостан ва бедор шудан аз хоб:

سپیده چو سر زد ز دریای آب،
سر شاه ایران برآمد ز خواب.

- баромадани гард ва ба ҳаво баланд шудани он:

همی ساختند آن دو لشکر نبرد،
همی تا برآمد بخورشید گرد.

- тулӯъ кардан, баромадани офтоб, дамидан:

براید پس تیره شب آفتاب،
چنین تا برامد سپیده دمان.

- рӯидан, рустан, сабз шудан, боло гирифтан, тараққӣ ёфтан:

کنون زآن درختی که دشمن بکند،
برومند شاخی برامد بلند.

- бархӯрдан, расидан, тасодуф кардан:

برامد بسنگ گران سنگ خرد،
همین و همان سنگ بشکست خرد.

- муқовимат кардан, баробарӣ карда тавонистан:

بگنج و بتاج و بتخت و هنر ،
برایم ابا تو مگر سر بسر .

- берун омадан, хориҷ шудан:

چنان دید روشن روانم بخواب،
که رخشنده شمعی برامد ز آب.

- баромадани ҷон аз тан, берун шудани равон, мурдан:

بگفت این و جانش برامد ز تن،
شد آن نامور شاه لشکر شکن.

- комёб шудан, ба орзӯи худ расидан:

برآید بیخت تو این کار زود،
سخنهای بهرام باید شنود.

-гузаштани замон, сипарӣ шудан:

چنین تا برامد براین سال پنج،
نبودند آگه ز درد و رنج.

**barāvardan – баровордан:**

- бардоштан, баланд кардан, боло бурдан:

در آید از آن پشت اسبش بزیر،
بگیرد درفش و برارد دلیر.

- бонг задан, фарёд кардан, наъра кашидан, хурӯшидан:

خروشی براورد گرگین چو شیر،
بدو گفت کای نامدار دلیر.

- суруд хондан, бо овози баланд суруд хондан (баровардани садо) :

زننده دگرگون بیاراست رود،
براورد ناگاه دیگر سرود.

- берун кардан, берун овардан:

خدنگی که پیگان او ده ستیر،
ز تیر کش برآورد گرد دلیر.

- афроштан, барафрохтан:

چو خورشید تابان برارد درفش،
چو زر آب گردد زمین بنفش.

- ниҳодан:

نگه گرد هومان بدید از کران،
بگردن برآورد گرز گران.

- бароварда сохтани орзу ва умед:

فرشید نزدیک ما نامشان،
براریم از آن آرزو کامشان.

**barandāxtan – барандохтан:**

- андохтан, афкандан, боло кардан, ба боло афкандан:

بخندید بهرام از داوری،
وزان پس بر انداخت انگشتری.

- рондан, тохтан:

چو باد جهنده بر انداخت اسب،
ببالا برامد چو آذر گشسب.

- дур кардан, решакан кардан, нобуд кардан:

بسی تخت شاهان بر انداختی،
سرت را بگردون بر افراختی.

**barangēxtan- барангехтан:**

- ба шитоб рондан, ба тундӣ ба ҳаракат даровардан, тохтан:

به هر سو که باره بر انگیختی،
همان خاک با خون بر آمیختی.

- шӯр дарафкандан, ошӯб ба по кардан, растохез:

من و این سواران و شمشیر تیز،
برانگیزم اندر جهان رستخیز.

- бархезондан:

بر انگیختم ز جای نشست،
همی تاختند ی مرا بسته دست.

- барангехтани гарду ғубор:

سپاه از دو سو اندر آویختند،
یکی گرد تیره بر انگیختند.

**bar afkandan – барафкандан.** Ин феъл тавассути пешванди bar- дар осори назму насри форсии дарӣ дар баёни маъниҳои фаровоне ба кор рафтааст. Аз ҷумла: барандохтан; густурдан; дур кардан; хароб кардан; рехтан; пӯшондан; ворид кардан; гиреҳ задан; сохтан; тавлид кардан; боло задан; бардоштан; поин афкандан; гусел кардан; сухан рондан; андохтан; равона кардан; рондан ва чанд маънову тобишҳои дигар.

Дар «Шоҳнома» ин маъниҳои феъли bar afkandan ба мушоҳида мерасад:

- пӯшондан, афкандан бар чизе:

برافکند خلعت چنان چون سزید،
کسی را که خلعت سزاوار دید.

- равона кардан, назар кардан:

زدر چون به بیژن بر افکند و رفت،
بیر بر ستان روی بنهاد تفت.

- дур кардан:

فرستاده باره برافکند و رفت ،
بیر برستان روی بنهاد تفت.

- ба шитоб фиристодан:

به هر سو که رستم برافکند رخش،
سران را سر از تن همی کرد پخش.

**bar damīdan – бардамидан**. Дар осор ин феъл бад-ин маъниҳо зикр мешавад: рӯидан; пӯсти тоза дар овардан; обила задан; барҷаста шудани бадан; ҷушидан; сар бар задан; зуҳур кардан; таваллуд шудан; бархостан; лоф задан; ҳамла кардан; вазидан; тапидан; сухан гуфтан; хашмгин шудан; тулӯъ кардан (дар мавриди офтоб).

Дар «Шоҳнома» :

- ҷӯшидан:

زمین شد بزیر اندرش ناپدید،
یکی چشمه خون از و بر دمید.

- бархостан:

یکی تیره گرد از میان بر دمید،
بر انسان که خورشید شد ناپدید.

- ҳамла кардан, ба тундӣ сӯи чизе равон шудан:

سیاوش بدشت اندرون گور دید،
چو باد از میان سپه بر دمید.

- бар дамидани дил, яъне бар тапидани дил:

چو آن نامه نزدیک نرسی رسید،
زشادی دل نامور بر دمید.

- баромадан ва ё тулӯи офтоб:

زدریای جوشان چو خور بر دمید،
شد آن چادر قیرگون ناپدید.

Ҳамчунин дар «Шоҳнома» феълҳои пешвандии мустаъмали дигар аз қабили bartāftan, bardāštan, barbastan, barjastan, barčīdan, barxᵛāstan, barxᵛardan, barrasīdan, barzadan, barsāxtan, baršikastan, barguδaštan, bargirīftan, bargušādan, bargaštan ва ғайра бар асоси меъёри корбурди луғоти забони форсии дарӣ мавриди истифода қарор дошта, ҳар кадоме аз ин гуна афъол дар осор дорои вижагиҳои луғавӣ ва маъноӣ мебошанд.

Аз баррасии фарҳангномаҳо корбурди афъолро бо пешванди bar- дар осори форсии дарӣ, ба вижа дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ метавон ба таври дақиқ ташхис кард. Ҳамчунон ки мушоҳида мешавад, чанд феъл бо пешванди bar- танҳо дар «Шоҳнома» зикр шуда, аз истифодаи онҳо дар осор ва ё ашъори нависандагони дигар шоҳид оварда нашудааст. Он феълҳо, ки дар шарҳи онҳо танҳо ба «Шоҳнома» истинод мешавад, инҳо мебошанд: barxārīdan- хоридан, barrabudan – рабудан, baršikanjīdan – шиканҷа кардан, barkāstan- кам кардан, bargusistan – ҷудо кардан.

Бархе аз феълҳо танҳо аз ҷониби Фирдавсӣ ва як ё ду муаллифи дигар истифода шуда, бо ҳамин манобеъ маҳдуд мемонанд. Барои намуна: bar baxšudan – бахшидан, афв кардан (Фирдавсӣ, Низомӣ), barparākandan- бахш кардан, парокандан (Фирдавсӣ, Фарҳангномаи Қуръонӣ), bartapīdan- ҷастан (Фирдавсӣ, Саъдӣ), barčakīdan- чакидан, рехтан (Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ), bardīdan- дидан (Фирдавсӣ, Тоҷулмасодир), baryāxtan- даст дароз кардан (Фирдавсӣ, Тарҷумаи Қуръони Сурободӣ), barkuštan- куштан (Фирдавсӣ, Фарҳангномаи Қуръонӣ), bargiristan - гиристан, нолидан (Фирдавсӣ, Низомӣ).

Гунаи овоии пешванди bar- пешванди var- (<avar-) низ дар осори форсии нав бо гурӯҳе аз феълҳо ба кор рафтааст [Bahār 1375, 337]. Ин пешванд дар осоре чун Фарҳангномаи Қуръонӣ, Тоҷулмасодир, Фиҳи-мо-фиҳ, Кашф-ул-асрор дар вожасозии чанде аз феълҳо ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла: varāvardan- баланд кардан, кандан ва гирифтан, varōftādan- аз бех канда шудан, аз байн рафтан, varistādan – бархостан, бар пой истодан, varafrūxtan- барафрӯхтан, равшан гардонидан, varangēxtan- бар ангехтан, таҳрик кардан, varafšāndan – парокандан, varafkandan- барафкандан ва ғайра. Пешванди var- дар Фарҳангномаи Қуръонӣ корбурди бештар дошта ва он ба гӯишҳои маҳаллӣ мансуб аст ва дар гӯишҳои форсӣ то ба имрӯз мутадовил мебошад. Истифодаи

var- бар ивази bar- дар бархе аз осори давраи аввал, ки дар онҳо таъсири гӯишҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллии манотиқи густариши забони форсӣ ҷой дорад, ба мушоҳида мерасад.

Ҳамчунон ки аз мутолиа ва мушоҳидаи чигунагии корбурди bar- дар «Шоҳнома» ва осори дигари форсии дарии давраи аввал бар меояд, ин пешванди феълӣ дар сохтани афъоли пешвандии гуногун дар қолаби вожасозии феъл яке аз пешвандҳои мутадовил дар сохтани феълҳои пешвандӣ маҳсуб мешавад. Тавассути ин пешванд дар осори назму насри форсии дарӣ феълҳои фаровоне бо вижагиҳо ва тобишҳои маъноӣ сохта шуда, ки ҳар кадом дар луғати феъли давраи нави ташаккули забон нақш ва мақоми махсус дорад.

Пешванди bāz- (vā-) < ф. м. abāz навишти паҳлавии ашконӣ арāč < эр.б.*араča, ф.б. арā, ав. ара ба маънои «вопас, бори дигар» [Henning 1933, 231; Lazard 1963, 413-414; Nyberg 1974, 20; Расторгуева, Молчанова 1981, 132].

Пешванди bāz – дар забони форсии нав дар қолаби вожасозии феъл мисли забони форсии миёна равиши амал ва самти ҳаракати амалро ба ақиб, ҳамчунин такрори амалро вобаста ба маънои феъл ифода мекунад. Ин пешванд дар осори забони форсии нав бо феълҳои мутароиҷ ва ё маъмул омада, маънои феълро дақиқ менамояд. Пешванди bāz- дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ва осори дигари ин давраи таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ бо феълҳои соддаи фаровоне ба кор рафта, дар вожасозии феъл яке аз пешвандҳои мустаъмал маҳсуб мешавад. Намунаи корбурди пешванди bāz- бо феълҳо дар «Шоҳнома» чунин аст:

bāz āmadan – баргаштан, боз гаштан, дубора омадан; bāz āvardan – баргардонидан, пас додан, гирифтан, ахз кардан, таҷдид кардан; bāz baxšīdan- бахшидан, ҳадя кардан; bāz burdan – бурдан, вопас бурдан, гардондан; bāz pardāxtan – ба анҷом расонидан, дубора пардохтани сухан, фориғ шудан, осуда шудан аз коре; bāz pušīdan – дубора пӯшидан, нуҳуфтан, пинҳон кардан; bāz pēčīdan – баргардондан, боз гардондан, хам кардан; bāz justan – таҳқиқ кардан, пажӯҳидан; bāz čidan – бардоштан, дубора чидан, гирд овардан; bāz xarīdan – озод кардан, харидан, раҳонидан, наҷот додан; bāz x$^{v}$āstan – боз пурсидан, дубора талаб кардан; bāz x$^{v}$āndan – номидан, мубошират кардан; bāz x$^{v}$ardan – хӯрдан, дубора хӯрдан, рӯ ба рӯ шудан, пайвастан ба чизе; bāz dādan – супурдан, баргардондан; bāz dāštan – манъ кардан, парҳез кардан; bāz dānistan- шинохтан, фарқ гузоштан; bāz dīdan – дубора дидан; bāz rāndan – дур кардан, баён кардан, ёд кардан; bāz rasīdan- тафтиш кардан, огоҳӣ ёфтан; bāz raftan- истиқбол кардан, пазиро шудан, ба сӯи ҷой ва ё маконе рафтан; bāz sitadan (bāz sitāndan) – пас гирифтан, гирифтан; bāz šitāftan – шитоб кардан; bāz šudan- кӯшоиш ёфтан, зидди баста шудан, ҷудо шудан; bāz šināxtan – шинохтан, фарқ гузоштан, огоҳӣ доштан; bāz firistādan- пас фиристодан; bāz kardan- кушодан, ҷудо кардан, густардан, раҳо кардан (шудан); bāz kašīdan- худдорӣ кардан, парҳез кардан, таваққуф кардан; bāz giriftan- нигаҳ доштан, боздошт кардан; bāz gustardan- густурдан, паҳн кардан; bāz gusastan- ҷудо кардан, раҳо кардан; bāz gaštan- пас гаштан, руҷӯъ кардан, таваҷҷӯҳ кардан, баргаштан; bāz gušudan (bāz gušādan) – боз кардан, раҳо кардан, ифтитоҳ кардан, озод кардан; bāz guftan- баён кардан, шарҳ додан, такрор кардани сухан , ҳикоят (ривоят) кардан; bāz māndan – ба ҷой мондан, боқӣ мондан, ақиб мондан; bāz nišastan- барканор шудан, канор рафтан, гӯша гирифтан, ҳабс кардан; bāz navištan- сабт кардан, таҳрир кардан, нақл кардан; bāz nihādan- ном ниҳодан, қарор додан; bāz nihuftan- пинҳон кардан, ошкор накардан; bāz hištan- раҳо кардан, қарор додан; bāz yāftan- ба даст овардан, ба осонӣ даст ёфтан, дарк кардан, дубора пайдо кардан, пайдо кардан.

Истифодаи пешванди bāz – бо дигар вижагиҳои маъноии он дар «Шоҳнома» дар мисоли теъдоде аз феълҳо:

**<u>bāz āmadan</u>**

- баргаштан:

زمین را ببخشید بر مهتران،
چو باز آمد از شهر مازندران.

Дар фарҳангномаҳои классикӣ бо овардани шоҳид аз осори дигар маъниҳои маҷозии феъли āmadan бо ин пешванд таъйид шудааст [ниг.: Луғатнома ч.3].

bāz pardāxtan- осуда шудан аз коре:

زکاوس کی با پرداختم،
کنو رزم گردنکشان ساختم.

bāz pūšīdan- дубора ба тан кардан, аз нав пӯшидан:

ستایش چو کرد آن یل سرفراز،
بتن باز پوشید هر گونه ساز.

bāz x$^{v}$ardan- рӯ ба рӯ шудан, муқобил шудан, бархӯрд кардан:

بیامد که جوید ز گوردان نبرد،
نگهبان لشکر بدو باز خورد.

bāz dāštan- манъ кардан:

سپه را ز راه بدی باز داشت،
که با پاک یزدان بدل راز داشت.

- дареғ доштан:

نه هرگز گشاید سر گنج خویش،
نه زو باز دارد همی رنج خویش.

- даст кашидан, даст боз доштан, раҳо кардан:

زواره از او دست را باز داشت،
پس آنگاه چشمش بر او بر گماشت.

bāz čīdan – гирд овардан, ҷамъ кардан:

زهر سو سپه باز چید اردشیر،
پس پشت او بد یکی آبگیر.

bāz kašīdan – худдорӣ кардан:

روانت مرنجان مگذار تن،
زخون ریختن باز کش خویشتن.

- боз гардонидан ва ё боз кашидани сипоҳ:

تو در جنگ باشی سپه در گریز،
مکن با تن خویش چندان ستیز.

Дар фарҳангномаҳо чандин маъниҳои дигари ин феъли пешвандӣ бо истифода аз осор ёд шудааст.

Феълҳои мустаъмалмаъно бо фаро гирифтани маънӣ ва оҳанги бештари аслӣ ва маҷозӣ дар «Шоҳнома» ва осори дигари форсии дарӣ бо пешванди bāz- инҳо маҳсуб мешаванд: bāz āmadan, bāz āvardan, bāz afkandan, bāz čīdan, bāz xarīdan, bāz $x^{v}$āstan, bāz $x^{v}$ardan, bāz dādan, bāz dāštan, bāz dānistan, bāz dīdan, bāz rāndan, bāz raftan, bāz zadan, bāz šināxtan, bāz kardan, bāz giriftan, bāz gaštan, bāz gušudan, bāz guftan, bāz māndan, bāz nišastan, bāz yāftan ва ғайра.

Ин афъол бо пешванди bāz- аз панҷ то даҳ маънӣ ва феълҳои šudan ва kardan аз дувоздаҳ то бист маъниҳои аслӣ ва маҷозиро дар назму насри форсии дарӣ дар худ фаро гирифтаанд.

Пешванди vā- ҳамчун гунаи овоии пешванди bāz- дар забони форсии нав аз роҳи ихтисори z дар анҷоми ин вожа пас аз садоноки ā ба гунаи vā- тағйир кардааст. Пешванди мазкур дар бархе аз осори кӯҳани форсии дарӣ бар ивази шакли bāz- дар ташкили теъдоде аз феълҳои пешвандӣ истифода гардидааст [Lazard 1963, 413]. Корбурди пешванди vā- бо афъол дар муқоиса бо шакли bāz- чунин аст:

vā- bāz-

vā āmadan = bāz āmadan - баргаштан
vā āmōxtan = bāz āmōxtan – боз омӯхтан
vā āvardan = bāz āvardan - баргардонидан
vā uftādan = bāz uftādan – пас мондан
vā afkandan= bāz afkandan – ба дур андохтан
vā andāxtan = bāz andāxtan – боз афкандан
vā baxšīdan = bāz baxšīdan – бахшидан, ҳадя кардан
vā burdan = bāz burdan – бурдан, пас бурдан
vā burīdan = bāz burīdan – боз буридан
vā bastan = bāz bastan – дубора бастан
vā paδīruftan = bāz paδīruftan – дубора пазируфтан
vā pardāxtan = bāz pardāxtan – боз пардохтан
vā pursīdan = bāz pursīdan – боз пурсидан
vā pūšīdan = bāz pūšīdan – пинҳон кардан
vā pēčidan = bāz pēčīdan - баргардонидан
vā tavānistan = bāz tavānistan – боз тавонистан
vā justan = bāz justan – боз ҷӯстан
vā časbīdan = bāz časbīdan – дубора часпидан
vā čidan = bāz čidan – боз чидан, ҷамъ кардан
vā xarīdan = bāz xarīdan – боз харидан, раҳонидан
vā xazīdan = bāz xazīdan - хазидан
vā $x^{v}$āndan = bāz $x^{v}$āndan – боз хондан, номидан
vā xušīdan = bāz xušīdan – хушк шудан
vā dādan = bāz dādan – боз додан, супурдан
vā dūxtan = bāz dūxtan – боз дӯхтан

vā dūšīdan = bāz dūšīdan – часпонидан
vā rāndan = bāz rāndan – дур кардан
vā ramīdan = bāz ramīdan – рамидан, гурехтан
vā sipardan = bāz sipardan – рад кардан
vā mānistan = bāz mānistan – шабеҳ будан, монанд будан
vā yāftan = bāz yāftan – боз ёфтан, пайдо кардан

Аз муқоисаи беш аз 80 чунин феълҳои бо пешванди vā- шаклгирифта, ки аз осор дар фарҳангномаҳо зикр гардидаанд, ба истиснои чанд феъл, ҳама ба таври муштарак бо пешванди vā- ва bāz- сохта шудаанд. Аммо дар раванди ташаккули забон ин феълҳо баъдан дар забони меъёр бо пешванди bāz – ба кор рафта, феълҳои бо vā- сохташуда танҳо дар мисоли як теъдоди муайян маҳфуз мондаанд. Бештари феълҳои пешвандӣ бо пешванди vā- махсуси луғати феъли тарҷумаҳо ва тафсирҳои Қуръон ва дастнависҳои кӯҳани осор мебошанд.

Дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ бо пешванди vā- феълҳои vā pursīdan – «боз пурсидан, тафтиш кардан, дубора пурсидан» ва vā rastan – «раҳо шудан, вораҳондан, озод шудан, наҷот ёфтан» истифода шудааст. Аммо ин ҳарду феъл дар «Шоҳнома» бо пешванди bāz- мавриди корбурд қарор надоранд.

Дар бархе аз мутун истифодаи ду шакли дигари гӯишии пешванди bāz-, яъне fā(z)- ва vā(z)- низ аз ҷониби муҳаққиқони осор зикр шудааст [ниг.: Lazard 1963, 93, 112, 139, 141, 160, 413, 421, 424, 428, 431; Xānlarī 1377, 334-335]. Ҳама гунаҳои овоии пешванди bāz- бар пояи гӯишҳои маҳаллӣ ба марҳилаи аввали ташаккули забони дарӣ дар манотиқи гуногуни густариши он иртибот доранд.

**Пешванди farā(z)-**, ф.м.frāz , навишти паҳлавӣ fr’č< ав. fraka- < эр.б.* frača– ҳамчун зарф ба маънои «фароз» ва ё «пеш». Ин пешванд дар забони форсии нав ҳамчун идомаи форсии миёна бо ҳифзи маънои бунёдӣ, яъне «фароз» ва ё «пеш» дар маъниҳои дигар низ бо феълҳои гуногун истифода мешавад [Дар мавриди таърихи farāz- ниг.: Bartyholomae 1904, 1024; Nyberg 1974, 74; Расторгуева, Молчанова 1981, 133; Саймиддинов 2001, 154-155]. Пешванди farāz- дар фарҳангномаҳои форсии дарӣ бар асоси истифодаи он дар осори назму насри классикии форсӣ-тоҷикӣ дар қолабҳо ва таркибҳои гуногун бо шарҳи маъно зикр гардидааст. Аз ҷумла, дар маъниҳои «забар, боло, пеш ва зуҳур», дар таркибҳо бо феълҳои омадан, рафтан, овардан, шудан (farāz āmadan, farāz raftan, farāz āvardan, farāz šudan), ҳамчунин дар маъниҳои «паҳншуда ва пахш гардида» маҷозан «саркаш, нофармон» (аз ҷумлаи мардум ва асп); «ҷамъ омадан» (дар ин маъно бештар бо феълҳои омадан, овардан, шудан ва гардидан ба кор меравад); «боз кардан ва кушодан» (ниг.: «Бурҳони Қотеъ», «Луғатнома» - и Деҳхудо, ч.11).

Ин вожа ҳамчун зарф, яъне «фароз» дар муқобили «нишеб» ва ё «поён» дар таркиби мухолифмаънои «фарозу нишеб» дар «Шоҳнома» чун дигар осори форсии дарӣ корбурди фаровон дорад:

که هر کس که بیدآن دوال و رکیب،
نچیدند اندر فراز و نشیب.

Пешванди farāz- дар осори форсии нав бо ин феълҳо таркиббандӣ шудааст: farāz āmadan, farāz āvardan, farāz burdan, farāz xᵛāndan, farāz dāštan, farāz rasīdan, farāz raftan, farāz šudan, farāz kašidan, farāz gardīdan, farāz giriftan, farāz gaštan (farāz gardīdan).

Аммо дар «Шоҳнома» ин қолаб бо пешванди farāz – маҳдуд буда, танҳо бо ин чанд феъл ба кор рафтааст:

**farāz āvardan:**

- фароҳам овардан, омода кардан:

به روم اندرون هر چه بودش ز گنج،
فراز آوریده ر هر سو به رنج.

- гирд кардан, ҷамъ кардан:

بر او لشکر آور ز هر سو فراز،
نباید که این کار گردد دراز.

- кашонидан чизеро ба ҷое ва ё сӯе:

من او را به دامت فراز آورم،
سخنهای چرب و دراز آورم.

- пеш овардан:

به ایشان رسی هیچ تندی مکن،
نخستین فراز آر شیرین سخن.

Пешванди farāz – бо феъли dāštan дар таркиби farāz dāštan ба маънои «пеш овардан» муродифи farāz āvardan аст.

farāz burdan – наздик бурдан, пеш бурдан:

به‌شیر آنکسی را که بودی نیاز ،
به‌ان خواسته دست بردی فراز.

Дар осори форсии нав дар бархе маврид қолабҳои farāz āvardan, farāz rasidan, farāz šudan, farāz kardan ба маънои «пеш овардан, наздик кардан» муродифи ҳамдигар мебошанд, ки инро аз шарҳи фарҳангномаҳои кӯҳани форсии дарӣ метавон дарёфт.

Пешванди феълии farā- ҳамчун гунаи овоии farāz, ки дар забони форсии дарӣ бо ихтисори овози z дар анҷоми ин вожа шакл гирифтааст, дар осори давраи аввал ва осори давраҳои баъдии ин забон дар баробари шакли farāz ба таври муштарак мавриди истифода қарор доштааст. Аммо ин пешванд дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ба кор нарафтааст. Фирдавсӣ аз пешванди farāz- танҳо дар чанд феъл истифода карда, аз гунаи овоӣ ва ё ихтисории он истифода накардааст. Ҳол он ки farā- дар осори назму насри он даврон мисли ашъори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фаррухӣ, осори Байҳақӣ, Калила ва Димна, Тафсири муфрадоти Қуръонӣ, Тоҷул-масодир ва манобеи дигари адабӣ дар баробари farāz- корбурди фаровон дорад.

Дар осор ташкили муштараки феълҳои пешвандӣ бо farāz- ва farā- дар мисоли бархе аз афъол чунин аст:

| farāz-: | farā-: |
|---|---|
| farāz āmadan | farā āmadan |
| farāz āvardan | farā āvardan |
| farāz burdan | farā burdan |
| farāz x$^{v}$āndan | farā x$^{v}$āndan |
| farāz dāštan | farā dāštan |
| farāz rasīdan | farā rasīdan |
| farāz raftan | farā raftan |
| farāz šudan | farā šudan |
| farāz kardan | farā kardan |
| farāz kašīdan | farā kašīdan |
| farāz giruftan | farā kašīdan |
| farāz gaštan | farā gaštan |

Ташкили ин афъол бо пешванди farāz- ва гунаи овоии он – farā- далели чигунагии корбурди баробарии ду шакли афъоли пешвандӣ дар меъёри як давраи ташаккули забон мебошад.

Пешванди furō(d), форсии миёна frōd< зарфи эр.б.* fravata «фурӯ, поён, нишеб» [Henning 1933, 232; Nyberg 1974, 79; Расторгуева, Молчанова 1981, 133]. Дар мавриди корбурди пешванди мазкур бо феълҳо дар форсии миёна ниг.: Саймиддинов 2001, 155.

Ин пешванди феълӣ дар форсии нав ба маънои нишеб, зер ва поин ба кор меравад ва дар муқобили забар ва фароз қарор дорад. Бинобар нигоштаи Баҳор дар Сабкшиносӣ « furō- гоҳе барои таъкиди феъл низ омадааст. Чун борон фурӯ истод, дарахт фурӯ хушкид. Ва гоҳе мисли farā- ҷиҳати феълро мушаххас месозад. Чун борон фурӯ борид, барг фурӯ рехт..» [Bahār 1375, 340].

Дар осори форсии дарӣ тавассути пешванди furō(d)- феълҳои фаровон сохта шудааст, ки теъдоде аз онҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ бар асоси меъёри роиҷ дар луғати феъл ба кор рафтаанд. Аз ҷумла: furōd āmadan- ба зер омадан, поин омадан, ба зер афтодан, фурӯ афтодан, пиёда шудан, ба ҷое ё макони ворид шудан; furōd āvardan- ба зер овардан, поин овардан (муқобили баровардан), furō dāštan- хам кардан, фурӯ овардан, раҳо кардан, монеи ҳаракат шудан; furō ārāmīdan- оҳиста ба хоб рафт, ором гирифтан, оромиш ёфтан, сокит шудан; furō burdan- ба зер бурдан, поин бурдан, чизеро даруни чизи дигар ҷой додан, фурӯ бурдани луқма; furō bastan- бастан, банд омадан, сарфи назар кардан, чашмпӯшӣ кардан; furō pažmurdan- пажмурдан, сарнагун шудан; furō jastan- ба зер ҷастан, поин ҷастан; furō x$^{v}$āndan- оҳиста хондан, қироат кардан; furō dāštan- таваққуф кардан, монеи ҳаракат шудан, фурӯ овардан; furō dōxtan- фурӯ кардан, пайкон ва ё тиру найза задан, чашм фурӯ дӯхтан, чашм пӯшидан; furō raftan- ба зер рафтан, поин рафтан, сокит шудан; furō rēxtan- ба зер афтодан, ба поин рехтан, ба зер андохтан; furō kardan- ба дарун ва миёни чизе дохил кардан, поин овардан, густурдан; furō kandan- кандан, дарун рафтан, рехтан; furō kōftan- кӯфтан, задан рӯи чизе; furō gāštan- поин омадан, боз нишастан; furō māndan- дармондан, оҷиз мондан, бар ҷой мондан, дар шигифт шудан; furō hištan- фурӯ ҳиштан, фурӯ ниҳодан, ба зер гузоштан, фурӯ гузоштан (= furō hilīdan).

Намунаҳо аз корбурди пешванди furō(d)- бо феълҳо дар «Шоҳнома»:

**furōd āmadan**

-фурӯ омадан, ба зер омадан:

همی بر شد ابرو فرود آمد آب ،
همی گشت گرد سپهر آفتاب.

- пиёда шудан, фаромадан аз асп:

فرود آمد از باره آن نامدار ،
بسی آفرین خواند بر شهریار .

-ворид шудан ба ҷое:

به لشکر گه خود فرود آمدند ،
به پیروز گشتن تیره زدند .

**furōd āvardan**
- ба зер овардан:

ز تختی که هستی فرود آرمت ،
از این پس به کس نیز نشمارمت.

- ворид кардан, манзил ё ҷой додан ба касе:

به رسمی که بودش فرود آورید ،
جهاندار پیش سپهبد چمید.

**furō dāštan**
- раҳо кардан, даст кашидан:

فرو داشت دست ار کمر بند اوی ،
شگفتی فرو ماند از بند اوی .

-таваққуф кардан, монеи ҳаракат шудан:

به دروازه برشان فرو داشتند ،
سوی شهرشان هیچ نگذاشتند .

furō pažmurdan- пажмурда шудан, хомӯш шудан:

مگر این بلاها ز من بگذرد ،
که ترسم روانم فرو پژمرد .

furō kōftan- кӯфтан, задан рӯи чизе:

فرو کوفت بر پیل رویینه خم ،
دمیدند شیپو با گاو دم .

furō gāštan- поин омадан:

از کوه غلطان فرو گاشتند ،
مر آن خفته را کشته پنداشتند.

furō māndan- оҷиз мондан, дар шигифт шудан:

سیاوش فرو ماند و پاسخ نداد ،
چنین آمدش بر دل پاک یاد .

Ташкили феълҳои пешвандӣ бо пешванди furōd- ва гунаи овоии он furō- :

| furōd | furō |
|---|---|
| furōd āmadan | furō āmadan |
| furōd āvardan | furō āvardan |
| furōd aftādan | furō aftādan |
| furōd afšārdan | furō afšārdan |
| furōd afkandan | furō afkandan |

Истифодаи муштараки ин пешванд бо шакли баъдии он- furō- дар мисоли як теъдоди муайяни феълҳои пешвандӣ ба мушоҳида мерасад. Аммо бар асоси маводи фарҳангномаҳо дар осори форсии дарӣ ва «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ шакли furō- аз furōd- корбурди бештар дорад ва ин равиш дар забони муосири форсӣ ва тоҷикӣ низ идома ёфтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: «Шоҳнома»-Фирдавсӣ, пешванд, пешвандҳои таърихии феълӣ, феълҳои пешвандӣ, осори форси дарӣ.

## АДАБИЁТ

1. Ефимов В.А., Расторгуева В.С., Шарова Е.Н. Персидский, таджикский, дари //ОИЯ –М., 1982, с.144-146.
2. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка – М., 1973.
3. Расторгуева В.С., Молчанова Е.К. Среднеперсидский язык// ОИЯ –М., 1981
4. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. 2001, с. 152-159.
5. Bartholomae Chr. Altiranisches Worterbuch. – Strassburg, 1904.
6. Henning W.B Das Verbum des Mittelpersischen der Turfanfregmente // ZII, 1933, Bd9, - H.2/ - S. 158-253.
7. Lazard G. La langue des plus anciensmonuments de la prose persane. – Paris, 1963.
8. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt.II
9. Glossary – Wiesbaden, 1974.

10. بهار محمدتقی. سبک شناسی جلد 2-1 . تهران ، 1375
دهخدا علی اکبر. لغت نامه . جلد 3 . تهران، 1377

خانلری پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی. جلد سوم. تهران 1377.
خلیلی کامیاب. فرهنگ مشتقات مصادر فارسی. جلد یازدهم. تهران 1379.

**УПОТРЕБЛЕНИЕ ПРЕФИКСАЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ С ПРЕФИКСАМИ BĀR-, BĀZ-, VĀ-, FARĀ(Z)- И FURŌ(D) В «ШАХНАМЕ» А.ФИРДОУСИ**

В статье на примере «Шахнаме» Фирдоуси с использованием широкого лексического материала из других памятников раннего классическо персидского языка дается анализ одного из продуктивных моделей глаголной словообразовании при помощи префиксов.

В настоящей статье затрагивается также лексико семантический и структурный анализ составных глаголов с превербами bār-, bāz-, vā-, farā(z)- и furō(d).

**USE PREFIX VERB WITH PREFIX BAR-, BAZ-, VA-, FARA(Z)- AND FURA(D) IN "SHOHNOMA" A.FIRDOUSI**

In article on example "Shohnoma" Firdousi with use the broad lexical material from the other monument of the early classical Persian language is given analysis of one of the productive models verb word-building at prefix. In persisting article is touched also lexical semantic and structured analysis component verb with preventives bar-, baz-, va-, fara(z)- and fura(d).

## ПАЙДОИШИ ҚИТЪА ВА МАФҲУМИ ИСТИЛОҲИИ ОН

***Ш. Ёрмуҳаммадов***
**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асри X ва нимаи аввали асри XI давраи таҳаввул ва ташаккули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин давра абёти фаровон ва исми шоирони бузургро дар даст дорем, ки аз ривоҷи шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва анвои он шаҳодат медиҳад. Дар асри X ва нимаи аввали асри XI забони дарӣ ва адабиёти он такмил ёфта, шоирон дар навъҳои гуногун қувваозмоӣ кардаанд. Аз осори боқимонда равшан аст, ки онҳо маснавӣ, қасида, ғазал, мусаммат, тарҷеъбанд, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа сурудаанд. Аз ин миён, пайдоиш ва мафҳуми истилоҳии қитъаро, ки мавриди баҳси мо қарор дорад, аз назар мегузаронем.

Намунаҳои қитъа дар осори шоирони пеш аз қарни X ҳам дида мешавад. Ба мо порчаҳое аз сурудаҳои Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ, Фирӯзии Машриқӣ, Абӯсалики Гургонӣ расидааст.(3) Таърихнависони адабиёти форс-тоҷик дар омади сухан зимни зикри ашъори шоирони асри X-XII ва асрҳои минбаъда аз қитъа ёдовар шудаанд.(8) Дар адабиёти имрӯзаи мо ба омӯзиши қитъа олимон С. Имронов дар рисолаи «Ибни Ямини Фарюмадӣ», Расул Ҳодизода дар сарсухани «Девони Анварӣ», М. Бақоев дар мақолаи «Рӯдакӣ ва қитъасароӣ» арзи ақида кардаанд. Барои равшан шудани мафҳуми истилоҳи қитъа ба луғатҳо менигарем.

Муаллифи «Кашфуллуғот» Абдураҳим ибни Аҳмади Сур қитъаро ин тавр маънидод мекунад: «Қитъа чанд байтҳо, ки дар он матлаъ набошад ва байте, ки аз ғазал ва ё аз шеър бурида оварда бошанд».(1;144)

Мураттибони «Шамсуллуғот» менависанд: «Қитъа пораи чизе ва дар истилоҳ ду байт ё зиёда, ки матлаъ набошад».(17;135) Дар «Ғиёсуллуғот» қитъа чунин шарҳ дода шудааст: «Порае аз ҳар чиз ва дар истилоҳи шуаро ду байт ё зиёда, матлаъ дорад, ё надорад, гӯё ки он аз ғазал, ё қасида бурида шудааст».(7;139) Дар аксари луғатҳои гузашта, ба ғайр аз «Ҳафт қулзум», ҳамин маънӣ такрор мешавад. Муаллифи «Ҳафт қулзум» Ғозилуддин Бодшоҳи Ғозӣ масъаларо васеътар шарҳ медиҳад. Ӯ дар руди чоруми баҳри саввуми қулзуми ҳафтум чунин меорад: «Бидон, ки қитъа дар луғат пораест аз чизе ва дар истилоҳ абёте чанд, ки муттаҳид бошад дар вазн ва қофия ва матлаъ надорад, зеро ки агар матлаъ бошад, то нуздаҳ байт ғазал ва зиёда аз ин қасида аст ва ақали қитъа ду байт ва аксарашро ҳадди муайян нест».(10;46) Шарқшиноси англис Эдуард Браун дар ҷилди дуввуми «Таърихи адабиёти форс» қайд мекунад, ки қитъа пораест аз қасида ё худ шеъри ҷудогонаи нотамомест, ё шеъри тамомшуда аст, ки шоир қасди давом додани он надорад. Дар бисёр мавридҳо услуб ва мундариҷаи қитъа гувоҳӣ медиҳад, ки он аз аввал барои шеъри ҷудогонаи мустақил таъин шудааст.(5;34)

Фикри муаллифи «Ал-мӯъҷам» дар бораи қитъа чунин аст: «...бидон, ки чун абёт мутакаррир шуд ва аз понздаҳ даргузашт, онро қасида хонанд ва ҳарчи камтар бувад, онро қитъа гӯянд. Ва дар қасоиди порсӣ лозим аст, ки байти матлаъ мусарраъ бошад, яъне қофияи ҳар ду мисраъ дар ҳуруф ва ҳаракот яке бошанд ва илло онро қитъа хонанд, ҳарчанд аз бист байт даргузарад».(18;165)

«Фарҳанги форсии Амид» миқдори мисраъҳоро дар қитъа ба эътибор мегирад: «Қитъаи шеър он аст, ки аз ҳафт байт камтар бошад».(15 )

Он чи ки ба назар пурра ва возеҳтар мерасад, шарҳи қитъа дар «Луғатнома»-и Деҳхудост: «Қитъа – пора аз чизе. Пора ва ҳисса аз чизе. Тикаи чизе. Қитъа дар истилоҳи шуаро абёти мусалсал дар маънӣ ва муттаҳид дар вазн ва қофия бидуни матлаъ. Ақали абёти қитъа ду шеър аст ва барои аксар ҳадде нест, аммо ба дувист намерасад. Гоҳе қитъаи душеърӣ ё бештар дар зимни ғазал, ё қасида ҳам меояд. Ва ба фатҳаи аввал ғалати машҳур аст(Фарҳанги Низом).

Қитъа шеъри ҳафт байт ва камтар ё даҳ байт аст. Ду байт ё зиёда матлаъ дорад, ё надорад, гӯё ки он пора аз ғазал, ё қасида бурида шудааст. Ва бо ин маънӣ бо фатҳа хатост».(11)

Акнун менигарем ба фарҳангу луғоти муосири тоҷик, ки дар хусуси қитъа чи гуфтаанд: Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» қитъа чунин шарҳ дода шудааст: «Қитъа – 1. Тика, пора, порча, қисме аз чизе. 2. Шакли шеъриест, ки мисраи дуюми ҳамаи байтҳо ҳамқофия меоянд».(16) Дар «Энсклопедияи Советии тоҷик» ва «Энсклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (Муаллифи ҳарду мақола ҳам С. Имронов) шакли қофиябандии қитъа: аб, вб, гб ва ғайра ёдрас мешавад. Дар ин мақолаҳо ишорае ба пайдоиши қитъа ҳам ҳаст: «Қитъа ҳамчун шакли мустақили шеър дар асрҳои VIII-IX дар заминаи эҷодиёти даҳанакии халқ ташаккул ёфтааст».(19;454)

Таҳқиқи жанри қитъа дар адабиётшиносии тоҷик аз мақолаи М. Бақоев «Рӯдакӣ ва қитъасароӣ» оғоз мешавад. М. Бақоев гуфтаҳои «Кашфуллуғот»-и Абдураҳим ибни Аҳмади Сур, «Шамсуллуғот», «Ғиёсуллуғот», «Ҳафт қулзум»-и Қабул Муҳаммад, «Маҷмаъуссаноеъ»-и Низомиддин Аҳмади Содиқиро дар бораи мафҳуми қитъа мисол меорад, ки аз он чи мо қаблан зикр кардем, тафовуте надоранд. Хулосаи муаллиф дар хусуси қитъа чунин аст: «Қитъа дар истилоҳ, ҳамон навъе, ки дар сарчашмаҳои адабӣ дида мешавад, яке аз шаклҳои назм мебошад, ки ҳаҷми он ду байт ва ё зиёда аз он буда, аксаран матлаъ надорад ва дар он шоир, асосан, афкори тарбиявӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ-фалсафӣ ва гоҳҳо масъалаҳои ишқу ошиқиро ифода менамояд».(4;147)

Аз луғатҳо ва фарҳангҳои ба мо расида равшан мешавад, ки дар хусуси қитъа ду фикр аст: Аввал, пораи шеърие, ки аз қасида ё ғазал, ё шеъри дигаре ҷудо шудааст; фикри дуввум, шеъри мустақил аст. Дар баъзе луғатҳо матлаъ надорад ё дорад, гуфтаанд, ки дар ин хусус мо баъдтар баҳс мекунем.

Заруp мешуморем, ки пайдоиши жанри қитъаро дар адабиёти араб аз назар гузаронем. Мутахассисони шеъри араб пайдоиши қитъаро дар адабиёти қабл аз исломии он медонанд. И.М. Филштинский менависад: «Сохтори ду шакли назми асосии араб, алакай, пеш аз давраи ислом худ аз худ ба вуҷуд омада буданд: шеърҳои ҳаҷман на он қадар калон то 10-12 мисраъ-қитъа, ё ин ки мутақаа (таҳтуллафзӣ: тика, порча) ва достонҳои на он қадар калон ба андозаи 50-100 мисраъ – қасида. Қитъа – шеъри на он қадар калонест, ки як мавзӯъ ва шакли сода дорад – асари мустақил аст, ё ин ки порае аз достонҳои ҳаҷман калон».(14;46-47)

Арабшиносон И. Голдсидер, М. Годфруа – Демобин, И.М. Филштинский пайдоиши қитъаро ба ашъори ҳаҷвии тоисломӣ нисбат додаанд. Шоирон қудрати тавонои ҳаҷвгӯӣ доштаанд, ки пеш аз шурӯи ҷанг душманро бо суханони тези обдор таҳқир карда, лаънат мехондаанд. Таъсири ин суханҳо аз шамшер ҳам бурротар будааст. Бештар дар ин гуна шеърҳо тарсуии душман, зихнагии ӯ, фиребгарӣ ва бевафоияш инъикос меёфтаанд. Қитъаҳои ҳаҷвии суруда ва сӯи душман ироа кардаи шоирон солҳо дар ёди одамон мемондаанд.(14;47) Тавассути қитъаи ҳаҷвӣ танқид кардани душман, ҳангоми рӯ ба рӯ омадан, расми ҷанг будааст. Ғолибият дар сухани мавзун ва ҳаҷви тез ва нешдор ҳам пирӯзӣ ба ҳисоб мерафтааст. Ҳатто М. Годфруа – Демомбин суханони пайғамбари ислом Муҳаммад Салаллоҳи вассаламро қабл аз оғози ҷанги Бадр, ки мушти хоке гирифта, сӯи Қурайшиҳо мепошад ва мегӯяд: «Рӯҳҳои шумо дигаргун бод!» ба танз нисбат додааст».(14;47)

И.М. Филштинский менависад, ки шоирони ҳиҷогӯ, яъне қитъасаро эътибори калон доштанд. Дар лашкаркашиҳо онҳоро ҳамроҳ мегирифтанд, аз ғаниматҳои ба дастоварда онҳоро медоданд. Ҳатто пайғамбар Муҳаммад (с), ки аз шоирони давраи ҷоҳилият ҳамеша эҳтиёт мекард, ду тан аз маддоҳон – Каъб ибни Зуҳайр ва Ҳасан ибни Собитро дар ҳузури хеш нигоҳ медошт. Ин ба хотири он буд, ки онҳо ҳиҷо ҳам мегуфтанд.(14)

Ҳиҷо, дар шакли қитъа дар давраи хилофати араб ҳам жанри дӯстдошта ба ҳисоб мерафт. Ин навъи шеър дар эҷодиёти шоири маддоҳи дарбори уммавиён Алахтал бисёр аст, ки ба муқобили душманони сулола равона карда шудаанд. Шоири ҳиҷосаро дар танқди душманон озод буд. Ҳақиқат ба эътибор гирифта намешуд, муҳим он буд, ки бо қобилият ва камоли устодӣ шоир ҳаҷв гӯяд, то душман шарманда шавад ва дар хотирҳо монад. Бисёр шеърҳои Алахтал дар шакли нақоид иншо шудаанд, ки ҳаҷвӣ буда, ба қитъа монанданд.(14;165)

Вақте ки ҳол дар назми араб чунин аст, дар шеъри тоҷикӣ ҳам сарчашмаи пайдоиши қитъаро бояд аз эҷодиёти халқ ҷустуҷӯ кунем. Истиллоҳи қитъа арабист. Ба назми мо аз адабиёти араб гузаштааст. Он чӣ дар луғатҳо маънидод шудааст, аз он берун нест. Аммо пораҳои шеърие, ки қабл аз Ислом иншо шудаанд ва имрӯз ба мо расидаанд, амсоли «Суруди оташкадаи Каркуй», шеъри

ҳаҷвии «Аз Хуталон омадия», «Самарқанди қандманд»-и Абулянбағӣ, «Суруди мардуми Бухоро»,(3;13-16) ё чанд пораи шеъри дигар, ки Забеҳулло Сафо таҳти унвони «Шеър дар лаҳаҷоти маҳаллӣ» дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» меорад ва худ он пораҳоро чунин натиҷагирӣ мекунад: «Назми ҳиҷоҳо ва такяҳо ва буришҳо дар ин манзумаи шашҳиҷоии қофиядор (Суруди оташкадаи Каркуи Сиистон дар назар аст. Ш.Ё.) наздикии шадиди онро ба авзони арӯз нишон медиҳад ва яке аз далоили хуб барои наздик донистани шеъри ҳиҷоии авохири аҳди Сосонӣ ва авоили даврони исломӣ ба вазнҳои арӯзист. Ғайр аз ин, суруди дилпазир ва қобили таваҷҷӯҳ қитъаоти дигаре аз шеърҳои ҳиҷоии маҳаллӣ дар нахустин садаҳои ҳиҷрӣ дар даст дорем, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо лозим ба назар намерасад, магар ин қитъа бо бандҳои шашҳиҷоии қофиядори мансуб ба Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон, ки таассуф бар харобии Самарқанд сохта ва Ибни Хурдодбеҳ онро дар «Китобул-масолик-ва-л-мамолик» нақл кардааст:

Самарқанди қандманд,
Боз-инат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хеҳӣ».((8;37)

Албатта, он чи Забеҳулло Сафо таҳти унвони қитъаот, қитъа номбар мекунад, набояд ба мафҳуми қитъаи имрӯза фаҳмид. Мақсад аз қитъа ин ҷо пораи шеър аст. Ин намунаҳои пурарзиш шоҳиди гузариш аз шеъри дарии тоисломӣ ба назми арӯзӣ шудаанд. Чуноне ки дар адабиёти араб дидем, дар шеъри дарӣ ҳам аввалин пораҳои адабиро, ки ба пайдоиши қитъа асос гузоштаанд, дар эҷодиёти халқ («Аз Хуталон омадия») ва ҳиҷою нақоид мебинем. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки пайдоиши қитъа дар адабиёти дарӣ омилҳои хоси худро дорад. Адабиёти тоисломии мардуми сарзамини форс дар замони Сомониён хеле ҳам такомул ёфта буд. Ба ин пораҳои ба мо расидаи манзуми «Авесто» «Дарахти асурик», «Ёдгории зарирон», андарзномаҳо, пандномаҳо, адабиёти монавӣ шаҳодат медиҳанд. Мардуме, ки дорои чунин ганҷинаи бебаҳо будаанд, равшан аст, ки адабиёти шифоҳияшон ҳам дар он замонҳои аз мо дур ривоҷ ёфта буд. Қитъа дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз се сарчашма об хурдааст: аввалан, адабиёти шифоҳӣ; дуввум, адабиёти китобатӣ; саввум адабиёти араб. Дар ибтидои давраи исломӣ адабиёти арабизабони тоҷик ҳам ба вуҷуд омад, ки ба унвони адабиёти шуубия машҳур аст.(19;72-73) Ин шоирон зулисонайн буданд: ба забони арабӣ ва дарӣ шеър мегуфтанд. Минбаъд дар зери таъсири фарҳанги исломӣ ва шеъри араб, қитъа дар адабиёти тоҷик ҳамчун жанри мустақил, на пораҳои алоҳидаи шеърӣ, ташаккул ёфт, ки намунаҳои онро мо дар эҷодиёти ҳамасрони устод Рӯдакӣ ва ашъори Рӯдакӣ мебинем. Қитъа мазмуну мундариҷаро аз адабиёти шифоҳӣ ва хаттии форсӣ-тоҷикӣ гирифта, шакли шеърии он, қофия, вазн дар зери таъсири шеъри араб таҳаввул ёфтааст. Чунончи аз ҷараёни адабиёти тоҷик маълум мешавад, қитъа дар эҷодиёти шоирони қарнҳои минбаъда мақоми муҳим мебозад. Аз ҷумла, Анварӣ, Ибни Ямин, Саъдӣ.

Намунаи қитъаро мо дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ҳам мебинем:

Ҳар куҷо мегузарию ҳамаро мечаққӣ,
Ростӣ, ба саги девонаи дайду монӣ,
Гоҳ ба фирқаи суннӣ занӣ лофи ёрӣ,
Гоҳ бо зумраи шиӣ кунӣ думҷунбонӣ.
Лек бо суннию бо шиӣ надорӣ ёрӣ,
Ту зи бединию бадъаҳдию бадпаймонӣ.
Туӣ он бехираду ҳуш, надонистаӣ ҳеҷ,
Мазҳаби суннӣ, ки қоидаи эронӣ.
Ба ҳалолию ҳаромии ту ман шак надорам,
Шуд яқин, ин ки ба пасхӯрдаи хар мемонӣ.
Ман нагӯям ба ризо ҳаҷви касеро, лекин
Ин ҷазоест бар он ҳаҷв, ки худ медонӣ.(2;165)

Қитъа ҳамчун шакли шеърӣ дар эҷодиёти давраи пеш аз инқилобии устод Садриддин Айнӣ ва баъдазинқилобии он мавқеи муҳим дорад. Ин навъи адабӣ дар эҷодиёти аксари шоирони замони шӯравӣ ва имрӯзаи тоҷик роиҷ аст. Аммо одат шудааст, ки ба қитъа ном мегузоранд, ё онро таҳти унвони шеър меоранд. Чорпораҳои Бозор Собир ҳам намунае аз қитъаанд. Агар ба истилоҳи дигар гӯем, имрӯз қитъа таҳти унвони шеър меояд, ки дар мавзӯъҳои ҳаҷвӣ, танқидӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ, фалсафӣ навишта мешаванд.

Он чи то имрӯз таҳти унвони пора ё қитъа аз адабиёти то асри X ба мо расидааст, намунаи хеле кам аст. Баъзеи онҳо, эҳтимол меравад, порае аз достонҳо, ё сурудҳо, ё манзумаҳо бошанд, бархе шеъри мустақил.

Дар китоби бисёр ҳам арзишманд «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Душанбе, «Адиб», 2007) таҳти унвони «Аввалин шеърҳо дар лаҳҷаҳои форсӣ» бобе ҷудо карда шудааст. Дар ин ҷо «Суруди оташкадаи Каркуй», порае аз ашъори Язид ибни Муфарраға «Об асту набид аст», шеъри Балхиён «Аз хуталон омадия», ду байти Абулянбағӣ «Самарқанди қандманд», «Суруди мардуми Бухоро»:

Кӯри хамир омад,
Хотун дурӯғ канда.

оварда шудааст. Ин пораҳо, чуноне аз оҳангу мазмунашон маълум аст, қисме шифоҳӣ буда, иддае, аз ҷониби шоирон гуфта шудаанд. Чуноне ки дар қисмати пайдоиши қитъа ва мафҳуми истилоҳии он қайд кардем, баъзе аз онҳо мазмуни ҳаҷвӣ ва танқидӣ доранд. Ба ин гурӯҳ пораи манзуми Язид ибни Муфарраға:

Об асту набид аст,
Асороти забиб аст,
Сумийа рӯсабиз аст.

қитъаи:

Аз Хуталон омазия,
Бо рӯ табоҳ омазия.
Овора боз омазия,
Бедил фароз омазия-ро дохил кардан мумкин аст.

Қитъаи шоир Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон, ки дар афсӯси харобаҳои шаҳри Самарқанд гуфтааст, оҳанги танқидӣ дорад:

Самарқанди қандманд,
Боз – инат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хеҳӣ.

«Суруди оташкадаи Каркуй»:

Фрухта бодо руш,
Хуниза Гаршосп хуш.
Ҳаме бирафш аз ҷӯш,
Анӯш кун, май нӯш.
Дӯст базогӯш,
Ба офарин ниҳода гӯш.
Ҳамеша некӣ кӯш,
(ки) дӣ гузашту дӯш.
Шоҳо, худойгоно,
Ба офарин шоҳӣ.

Ин пора ба қитъа кам шабоҳат дорад. Вале иқрор бояд шуд, ки ҳамин пораҳои шеърӣ дар оянда ба рӯшди қитъа ва дигар навъҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ замина гузоштаанд. Ғолиб он аст, ки пораҳои манзуме аз осори адибони қарнҳои пеш аз асри X ба мо расида, хусусияти иҷтимоӣ доранд. Пораи «Об асту набид аст» ишораест ба воқеаи ҳамроҳи хуку гурба баста, дар кӯчаҳои шаҳри Басра гардондани шоир Язид ибни Муфарраға, ки яке аз ашрофзодагонро ҳаҷв карда буд. Қитъаи «Аз Хуталон омадия», ки ҳоло ҳам дар байни мардум машҳур аст, ҳаҷви хеле тезу тунд аст нисбати истилогарони араб. Ин қитъа ба ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ нисбат дода мешавад, ки соли 108 ҳиҷрӣ (726-729) ба ҷанг алайҳи амири Хатлон ва Хоқони турк рафта, баъди шикаст хӯрдан ба Балх баргашта буд.

Қитъаи Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон «Самарқанди қандманд» пеши назари хонанда манзараи ҳузнангези Самарқанди харобаро меорад. Ин рӯҳияро баъдҳо мо дар қасидаи «Харобаҳои Мадоин»-и Хоқонӣ мебинем.

«Суруди мардуми Бухоро», ки як байти он ба мо расидааст:

Кӯри хамир омад,
Хотун дурӯғ канда,

ки бо луғоту оҳанги ҷолиб иншо шудааст, намунае аз ашъори ҳаҷвии пеш аз қарни X аст. Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ишора ба «Таърихи Бухоро» гуфта мешавад, ки: «Саъд ибни Усмон аз малика Хингхотун 30 тан аз бузургзодагони Бухороро гаравгон гирифта, онҳоро бозпас надод ва дар Макка дар нахлистон кор мефармуд. Боре Саъд ибни Усмон ба дидани кори ҷавонони гаравгон ба нахлистон омад ва дар ҳамон ҷо ҷавонони бухороӣ ӯро бо захми ханҷар куштанд».(3;16)

Баҳром Сирус дар китоби «Арӯзи тоҷикӣ» ба тақвияти ҳамин фикр менависад: «Аксари муаллифоне, ки қавоиди арӯзи моро бе ҳеҷ гуна қайде ба арабҳо иснод додаанд, дар айни ҳол вазн

ва оҳанги онҳоро низ ба арабҳо махсус донистаанд. Ба фикри онҳо аз 15 баҳри аслие, ки Халил ибни Аҳмад нишон додаст, баъдҳо қабилаҳои эронӣ 10-торо қабул карда, вазни онҳоро муштаракан ба арабҳо дар ашъори худ кор фармудаанд. Ва гӯё то омадани арабҳо ба Эрон ва Осиёи Миёна халқҳои бечораи форсу тоҷик шеъре ё суруде надоштаанд, ки дорои ягон вазн ва оҳанге бошад. Ҳол он ки мо дар китоби «Ал-ағонӣ», ки яке аз қадимтарин манбаъҳост ва дар он оид ба суруд ва мусиқӣ сухан ронда мешавад, акси чунин баёнотро мебинем. Дар китоби мазкур қайд карда шудааст, ки шоирони араб ба сурудхонии меъмórони эронӣ, ки Муовия ибни Абусуфиён барои сохтани қасри худ аз Эрон талаб карда оварда буд, гӯш дода ва баъд онҳо низ дар ҳамон оҳанг шеъҳо месохтанд, ки ба тадриҷ дар байни арабҳо ривоҷ ёфта, маъмул мегардид. Ғайр аз ин, баъзе асирони эронӣ, ки дар шаҳри Мадинаи Арабистон муқимӣ шуда монда буданд, аз қабили Соиби Хосир ва дигарон дар тахти оҳанги уд суруди сақили эронӣ суруда, шунавандагонро маҳзуз мегардонд».(13;12)

Арабшинос И.М. Филштинский ҳам таъсири фарҳангу назми мардуми форсу тоҷикро дар шеъри ибтидои асрҳои миёнаи араб мебинад: «Назми араб шаклу навъҳои анъанавии худро асосан нигоҳ дошта бошад ҳам, аммо аз таъсири фарҳанги бегона, пеш аз ҳама Эрон, баъдтар Византия хориҷ набуд. Ҳаёти дарбори Умавиён ба ҳаёти сарони қабилаҳои араб шабоҳат надошт, бештар ба зиндагии пойтахти замони Сосониёни Эрон монанд буд. Вале, афсӯс, ки мушкил аст таъсири фарҳанги Эронро ба шеъри араб ҷузъ ба ҷузъ муайян кард. Сарчашмаҳои адабии замони Сосониёнро хеле кам дар даст дорем. Вале дар бораи ин, таъсири бавоситаи он, ки қариб ҳамаи хунёгарони дарбор, ки ашъори шоирони арабро бо мусиқӣ иҷро мекарданд ва барои онҳо оҳангҳои нав эҷод мекарданд, эронӣ буданд, тасаввур кардан мумкин аст».(14;159-160)

Аз ин рӯ, «Суруди мардуми Бухоро», ки порае аз он ба мо расидааст ва дигар ашъоре, ки зикри онҳо қаблан гузашт, дар таҳаввули жанри қитъа минбаъда таъсир расондаанд. Қитъаи форсӣ-тоҷикӣ, чи тавре устод Садриддин Айнӣ дар мактубашон ба Мирзо Турсунзода мегӯянд: «Тоҷикон дар вазни шеър аз араб фақат терминҳо ва сангу тарозуро «афоил»-ро гирифтаанд», аз адабиёти араб дар ибтидо, эҳтимол меравад, шаклу қофиябандиро гирифта бошад.(13;9)

Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», ки ба назари мо комилтарин маҷмӯъаест, ки дар он намунаҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар аввалин лаҳҷаҳои форсӣ ва шеъри нахустин шоирони порсигӯй ва шоирони ҳамасри Рӯдакӣ ҷамъоварӣ шудаанд, мо дар эҷодиёти нахустин шоирони порсигӯй ба намунаи қитъа, чуноне ки қаблан зикр шуд, дучор мешавем.

Адабиётшиносон ривоҷи шеъри форсӣ-тоҷикиро, ки қитъа дар оғози он меистад, вобаста ба мустақилият ва ниммустақилияти давлатҳои Тоҳирӣ, Саффориву Сомонӣ ва Бӯйӣ донистаанд. Таърихшинос Бобоҷон Ғафуров маълумоти «Таърихи Сиистон»-ро дар боби ҳуҷуми Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ ба Ҳирот оварда: «… Шуаро ба шарафи ӯ шеърҳои арабӣ гуфтанд: «Оллоҳ шаҳриён ва рустоиёнро бо салтанати Яъқуби қобил ва қодир шарафёб гардонид…» Чун ин қабил шеър бихонданд, Яъқуб, ки марди нохондае буд, аз маънӣ огоҳ нашуд. Муҳаммад бинни Восиф ҳузур дошт. Ӯ дабири девони сафир буд ва шахси муаддаб. Он вақт номаи порсӣ набуд. Яъқуб бигуфт: «Чаро он гуфт, ки ман намефаҳмам?» Пас Муҳаммад бинни Восиф шеъри порсӣ гуфтан гирифт ва аввалин касе аз Аҷам буд, ки шеъри порсӣ гуфт…» Дар ин маълумот сабабҳои аз шеъри арабӣ ба шеъргӯии форсӣ гузаштани шоирони маҳаллӣ ҷолиби диққат аст: ба намояндаи ҳукмрони маҳаллӣ Яъқуб ибни Лайс шеъри ба арабӣ гуфташуда бегона ва нофаҳмост».(6;505)

Аввалин қитъаи шеърирo дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Муҳаммад ибни Восиф ё шоири дигаре гуфтааст, дақиқ набошад ҳам, ҷараёни инкишофи таърихи адабиёт ва шароити иҷтимоию фарҳангие, ки пас аз озодихоҳии Тоҳириён дар Хуросону Мовароуннаҳр ба вуҷуд омад, ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва инкишофи шаклу мазмуни он замина гузошт. Аз эҷодиёти нахустин шоирони порсигӯй намунае аз шеъри Баҳроми Гӯр, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ, Абӯсулайки Гургонӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ ба мо расидааст. Аммо ин пораҳои шеърӣ идае ба қитъа монанд бошанд, қисми дигаре пораҳои ба мо расидаи ғазал, қасида, суруд мебошанд. Шеъри Баҳроми Гӯр аз нигоҳи қофия ҷавобгӯи қитъа нест. Дар асоси ҳиҷоҳо офарида шудааст. Вале мазмуни он қитъаро ба хотир меорад, ки ҷанговарон ҳангоми бо ҳариф рӯ ба рӯ шудан изҳор мекунанд:

Манам он шери гала,
Манам он пили яла.
Номи ман Баҳроми Гӯр,
Кунияtам Бӯҷабала.(3;19)

Дар ин шеър Баҳроми Гӯр худро ба шери гала ва пили яла ташбеҳ дода, дар қалби ҳариф ё шунаванда тарсу ҳарос ба вуҷуд меорад, сипас ном ва насабашро мегӯяд, ки ин одати мардони ҷангӣ пеш аз муҳориба буд, то бидонанд бо ки сару кор доранд.

Аз Ҳанзалаи Бодғисӣ ду қитъа ба мо расидааст:

Ёрам сипанд агарчи бар оташ ҳамефиганд,
Аз бахри чашм, то нарасад мар варо газанд.
Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор
Бо рӯи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.(3;??)

Дигаре:

Меҳтарӣ гар ба коми шер – дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй!
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.(3;20)

Адабиётшиноси тоҷик Мирзо Муллоаҳмадов шеъри аввалро дар китоби «Суннатҳои пойдории даврони пурбори адабиёт» қитъаи ошиқона гуфтааст:

«Дар ҳамон қитъаи машҳури ошиқонаи Ҳанзалаи Бодғисӣ, ки аз қадимтарин намунаҳои шеъри форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ишорае ба расми қадимии ба оташ афкандани сипанд барои пешгирӣ аз расидани чашми бад ба назар мерасад».(12;27)

М. Занд дар хусуси ашъори боқимондаи Ҳанзалаи Бодғисӣ менависад: «Дар шеърҳои ӯ мо аввалин бор вазни арӯзро дучор мекунем. Аз афти кор арӯз маҳз аз ҳамин давраҳо дар назми тоҷик ҷорӣ мегардад, зеро ки ҳамаи ёдгориҳои назми асри IX тоҷик дар вазнҳои гуногуни он гуфта шудаанд. Инчунин, қайд намудан лозим аст, ки нисбат ба шеърҳои Абулянбағӣ шеърҳои Ҳанзала ба забони равон, фасеҳ ва сода гуфта шудаанд. Шеъри зерини дар таърифу тавсифи маҳбуба гуфташудаи шоир, ки дар он аз рӯи ақидаҳои қадим ҳазориспанд ба оташ партофта, аз чашми бад худро муҳофиза кардани ӯ тасвир карда мешавад, чи қадар нафис, сода мебошад».(9;8) Ин пораи шеърро, ки аз нигоҳи қофия аз қитъа дида, ба рубоӣ, ё ин ки фаҳлавиёт бештар монанд аст, адабиётшинос С. Имронов ҳам қитъа номидааст.(19;454)

Порчаи шеърии чормисрагии дуввум, ки аз Ҳанзалаи Бодғисӣ ба мо расидааст, бешубҳа қитъа аст. Аз нигоҳи мазмун ва қофиябандӣ ба талаботи жанр ҷавоб мегӯяд. М. Занд ба ин қитъа чунин баҳо медиҳад: «Агар дар шеъри боло Ҳанзала ҳамчун шоири халқии ғазалсаро зоҳир шуда бошад, дар дигар қитъа худ ӯ чун як нафар шоири мубориз баромад карда, ба мардию нотарсӣ ва собитқадамӣ дар роҳи ба даст овардани мақсад даъват мекунад».(9;8)

Аз Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ ҳам чор мисраъ дар даст дорем, ки бо сабки Ҳанзалаи Бодғисӣ навишта шудааст:

Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам,
Гаронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.
Гирифтастам ба каф домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.(3;21)

Ин порча ба фаҳлавиёт монанд аст. Аз рӯи мазмуну мундариҷа ва шакл ҳам ба қитъа монанд нест.

Аз эҷодиёти Абӯсулайки Гургонӣ 12 байт ба мо расидааст, дар ин миён пораи зайлро қитъа хондан мумкин аст:

Ба мижа дил зи ман бидуздидӣ,
Эй ба лаб қозию ба мижгон дузд.
Музд хоҳӣ, ки дил зи ман бибарӣ,
Ин шигифт кӣ дид, дузд ба музд.(3;22)

Албатта, дар ин пора ҳам матлаби ишқӣ ба миён гузошта шудааст, вале чунин ба назар мерасад, ки ин абёт порае аз ғазал нест, мустақим аст ва дорои як мақсад мебошад. Шеър сода, равон ва фаҳмост. Маъшуқа бо мижгони зебояш дили ошиқро дуздидааст. Ошиқ хитоб мекунад, ки ба лаб қозӣ аст. Ҳар ҳукме барорад, равост. Маъшуқа талабе дорад, ошиқ изҳор мекунад, ки дилашро рабудааст, ин чӣ аҷобат аст, ки дузд боз аз соҳиби дил талабе дорад, ё ин ки музде мехоҳад? Ин пораро ба қитъаҳои ишқӣ-иҷтимоӣ метавонем дохил кунем.

Аз ашъори нахустин шоирони порсигӯй боз се пораи шеърие аз Фирӯзи Машриқӣ, се қитъа аз Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, панҷ байт аз Бассоми Курд, се байт аз Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ ба мо расидаанд, ки бештар порае аз асарҳои калонҳаҷмро ба хотир меоранд. Аз нигоҳи шакл ҳам ба талаботи қитъа ҷавоб намедиҳанд.(3;24-30)

Он чи ки мо мухтасаран дар ин қисмати мақолаамон аз назар гузарондем, гувоҳи онанд, ки пас аз истилои араб, то асри Х дар миёни мардум суруду таронаҳои халқӣ буданд. Ҳеҷ инсоне, ё халқе наметавонад ғаму шодияшро бе суруд, ё оҳанге гузаронад. Чун ба порсӣ-тоҷикӣ дар ибтидои зуҳури Ислом ба Осиёи Миёна шеър гуфтан манъ буд, ашхосе, ки ба Ислом пайвастанд ва забону илму адаби арабӣ омӯхтанд, аввалан дар дарбори ҳокимон ба забони арабӣ шеър мегуфтанд. Вақте

ҳаракатҳои озодихоҳӣ оғоз шуд, худшиносии мардуми азияткашидаи форсу тоҷик боло гирифт, забони дарӣ оҳиста-оҳиста мавқеъ пайдо кард ва бо ин забон аввалин шоирон шеър ва пораҳои шеърӣ гуфтаанд. Дар таҳаввули жанри қитъа, ки минбаъд дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мақоми бузурге бозидааст, эҷодиёти шоирони форсигӯй мақоми арзанда бозидааст. Шоирони нахустин аз анъанаи гузашта, яъне давраи Сосониён пайравӣ карда, дар қитъа мазмунҳои ахлоқӣ ва панду ҳикматро ворид кардаанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар ибтидо шаклҳо, яъне жанрҳо мустаҳкам набуда ва тақсимоти мавзӯъҳо ҳам сахт риоя намешудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** забони дарӣ, шоирони порсигӯй, қитъа, мафҳуми истилоҳии қитъа, таҳаввули жанри қитъа,мазмуни ахлоқӣ.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмон ибни Амади Сур.Кашф-ул-луғот.Ҷилди 2.Лакнав: 1879.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Душанбе: Ирфон, 1981.
3. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Душанбе: Адиб, 2007.
4. Бақоев М. Рӯдакӣ ва қитъасароӣ.Маҷмӯаи Рӯдакӣ ва замони ӯ.Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958.
5. E. Browne, A. Literati Histori of Persia. Vol.II. Combridge. 1928.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Душанбе: Ирфон, 1989.
7. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2. Душанбе: Адиб, 1988.
8. Забеҳулло С. Таърихи адабиёти Эрон. Душанбе: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 2001.
9. Занд М. Соҳибқирони шоирӣ-устод Рӯдакӣ. Сталинобод:Нашрдавлтоҷик, 1957.
10. Қабул Муҳаммад. Ҳафт қулзум.Ҷилди 7,
11. Луғатнома. Таълифи Деххудо. Зери назорати дуктур Муҳаммад Муъин.Теҳрон 1339.
12. Муллоаҳмад М.Суннатҳои пойдории даврони пурбори адабиёт.Душанбе: Дониш, 2008.
13. Сирус Б. Арӯзи тоҷикӣ. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963.
14. Филштинский И.М. Арабская литература в среднее века. М:, Наша наука, 1977.
15. Фарҳанги Амид. Теҳрон, 1342.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. М:, Нашр. Советская Энциклопедия.Ҷилди 11, 1969.
17. Шамс-ул-луғот. Ҷилди 11, Бомбай 1277.
18. Шамс Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам.Душанбе: Адиб, 1991.
19. Энсиклопедияи советии тоҷик.Ҷилди 8, Душанбе: 1988.
20. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3, Душанбе: 2004.


### ВОЗНИКНОВЕНИЕ КИТЪА И ЕГО ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКОЕ ПОНЯТИЕ

Автор статьи отмечает, что X век и первая половина X1-го века считается периодом развития и формирования персидско - таджикской литературы. Этот период известен именами великих поэтов и богатым литературным наследием. X век и первая половина X1-го века являются периодом рассвета языка дари и литературы на языке дари. В данной статье исследуется возникновение и терминологическое понятие литературного жанра китъа

### OCCURRENCE OF PROSE (KITA) ITS TERMINOLOGICAL CONCEPT

The author of the article notes that X century and the first half of XI century is considered period base Persian - Tajik literature. From these periods there is enough literature and names great poets, which prove above said. In X century and the first half of XI century language Dari, and its literature developed, and poets wrote in different genres.

## ГУЗАРЕ БА РӮЗГОР ВА ОСОРИ ИБНИ ҲИСОМИ ХУСФӢ

***Фарибо Ато Шайбонӣ***

**Академияи илмҳои ҶТ, Донишгоҳи паёми нури Табаси Эрон**

Номи ӯ Муҳаммад, падараш Ҳисомиддин ва ҷаддаш Шамсиддин Муҳаммад аст, ки бо тахаллусҳои Муҳаммад ибни Ҳисом ва ё Ибни Ҳисом шӯҳрат ёфтааст. Тахаллуси шеърии ӯ Ибни Ҳисом аст, ки ҳама ҷо дар ашъори худ зикр кардааст. Ӯ дар абёте, ки дар наъти ҳазрати Муҳаммад (с) сурудааст, ба исмҳои худ ва бобояш ишора карда мегӯяд:

*Номе, ки чуз ба номи ту номе намешавад,*
*Номи Муҳаммад ибни Ҳисом Муҳаммад аст.*

Дар ҷойи дигар падарашро чунин ёдоварӣ намудааст:

*Муҳаммад ибни Ҳисому Муҳаммад ибни Ҳасан,*
*Ки ҳаст хоки Қӯҳистон туро мақому ватан.*

Дар абёте низ ба аҷдоди худ ишора карда ва аз қавли падараш нақл мекунад, ки ҳамаи эшон аҳли фазл, илм ва иршод будаанд:

*Падарам гуфт: қурби сесад сол*
*Рафту аз рафтагон маро ёд аст.*
*То ба нӯҳ пушти мо, ки аҷдоданд,*
*Ҳамаро фазлу илму иршод аст.*
*Писарон ҳам зи даст магзоред,*
*Он чи мероси бобу аҷдод аст…*

(Девони Ибни Ҳисом,1366, саҳ. 2).

Донишманди маъруфи эронӣ Алинақии Мунзавӣ дар мақолаи «Фарҳангномаҳои арабӣ ба форсӣ» роҷеъ ба хонадони Ибни Ҳисоми Хусфӣ менависад: «Аз садаи ҳаштум ва шояд ҳафтум то рӯзгори Саффавиён ин хонадон (яъне хонадони Муҳаммад ибни Ҳисоми Хусфӣ) дар Қаҳистон дар шеъру адаб ва дар айни ҳол ба воизӣ ва пешвоӣ шӯҳрат доштаанд» *(ниг. Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 12).*

Зодгоҳи Ибни Ҳисом шаҳри Хусф аст, ки дар 25 километрии ҷанубу ғарбии шаҳри Берҷанди Эрон воқеъ шуда ва ҳоло маркази бахши Хусф мебошад, ки ба рӯйи ҳам болиғ бар 290 ободӣ аст. Хусф аз қадимтарин ободиҳои Хуросони Ҷанубӣ, яъне Қаҳистон ба шумор меояд. Номи Хусф ба тарзи мухталиф: Хусб, Хусф, Чусп, Чусф ва дар сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофиёӣ ва адабӣ зикр гардидааст *(ниг. ҳамон ҷо, саҳ. 13).*

Муаллифи **«Худудулолам»**, ки асари худро дар қарни чаҳоруми хиҷрӣ *(мутобиқ ба қарни даҳуми милодӣ)* таълиф кардааст, ин шаҳракро бад - ин сурат ёд карда: «Хур ва Хусб ду шаҳр аст, бар каронаи биёбон ва оби эшон аз корез аст ва хостаи мардумони ин шаҳр бештарӣ чорпо аст» *(ниг. «Худудулолам минал машриқи илал мағриб», саҳ. 91).*

Таваллуди Ибни Ҳисом дар соли 782/783 ҳиҷрии қамарӣ иттифоқ афтодааст. Худи вай дар поёни қасидае мегӯяд:

*Ин қасида бар синни сиву чаҳор,*
*Назм кардам чу лӯълӯи шаҳвор.*
*Баъди ҳаштсад ба соли ашар,*
*Дар ривоёти шаҳи динпарвар.*

Дар ҷойи дигар дар ин бора чунин ишора дорад:

*Чу аз ҳиҷрат дар ин таърихи маъдуд,*
*Чилу нӯҳ сол бар ҳаштсад биафзуд.*
*Зи умри ман гузашта шасту шаш сол,*
*Ҷавонӣ баргузар пирӣ ба дунбол.*

Дар асоси ин мисолҳо метавон гуфт, ки Ибни Ҳисом соли 783 ҳиҷрии қамарӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст *(ниг. Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 12).*

Бештари тазкиранависон ва таърихнигорон Ибни Ҳисомро ба сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз қабили тақводорӣ, ворастагӣ, хирадмандӣ, зоҳидӣ, канорагирӣ аз дарборҳо ва аҳли зару зӯр тавсиф кардаанд. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи рӯзгор ва осори Ибни Ҳисоми Хусфӣ чунин менигорад: «Маликулкалом Мавлоно Муҳаммад ибни Ҳисомиддин, алмашҳур ба Ибни Ҳисом раҳматуллоҳи алайҳӣ, ба ғоят хушгӯст ва бо вуҷуди шоири соҳибфазл будан, қаноату инқитот аз халқ дошта. Аз Хусф аст, мин аъмоли Қаҳистон ва аз деҳқонат *(аз касби деҳқонӣ)* нони ҳалол ҳосил кардиву гов бастӣ ва сабоҳ, ки ба саҳро рафтӣ, то шом ашъори худро бар дастаи бел навиштӣ ва баъзе ӯро валии Ҳақ шумурдаанд ва дар манқабатгӯйӣ дар аҳди худ назир надошт ва қасоиди ғарро дорад...» *(ниг. «Тазкиратушшуъаро», саҳ. 438).*

Шайх Муҳаммадҳусайни Оятӣ дар таҳқиқоти худ қайд кардааст, ки Ибни Ҳисом танҳо аз қитъазамине, ки дар ноҳияи Хусф дошта, зиндагонии худро мегузаронидааст ва он дар кӯҳпояи Ручи наздикии Хусф, дар доманаи кӯҳи Боғрон воқеъ будааст. Бояд гуфт, ки шакли қадимаи калимаи **боғрон - бағран** аст ва **баг** («бог») ба маънои **«Худо»** ва **«ран»** ба маънои кӯҳ аст, пас, номи ин ноҳияро **Кӯҳи Худо** метавон гуфт. Шояд дар замонҳои қадими қаблазисломӣ дар ин кӯҳ маъбади оташпарастӣ воқеъ гардида будааст, аз ин рӯ, ин мавзеъ бо ин ном мусаммо гардида будааст. Ибни Ҳисом дар ин мавзеъ токзори хурде доштааст, ки аз ҳосили он кӯмаке ба зиндагонии вай мерасидааст, аммо он низ бар асари тангдастӣ ба гарав меравад *(ниг. Муҳаммадҳусайни Оятӣ. «Баҳористон», 1327, саҳ. 238).*

Ибни Ҳисом соҳиби хонавода ва се фарзанд будааст, ки нахустини он Мавлоно Ибод, ки саромади обидону зоҳидон буд ва дар қарияи Саричоҳи Амморӣ зиндагӣ карда, дар ҳамон ҷо реҳлат намудааст. Дигаре, Мавлоно Яҳё машҳур ба Шамсиддин Воъиз, ки аз шогирдони Мавлоно

Бадриддини Табарсӣ будааст. Сеюмин фарзанди вай Мавлоно Абулҳасан аст, ки ба Хоҷа Ҳофиз шӯҳрат дошта ва дар вилояти Систон ва Нимрӯз муқим будааст ва он ҷо даргузаштааст.

Чуноне таърихнигорон ва тазкиранависон дар осори хеш тазаккур додаанд, Ибни Ҳисоми Хусфӣ умри дарозе дидааст. Дар ин бора худи шоир дар ашъораш низ ишорае дорад:

*Дорам тамаъ, ки паси ҳаштод солу панҷ,*
*Бинмояд аз иноят хешам лиқо Алӣ.*
(«Баҳористон», саҳ. 256)

Доктор Забеҳуллоҳи Сафо таърихи вафоти Ибни Ҳисомро соли 875 ҳиҷрии қамарӣ донистааст *(ниг.: «Ганҷи Сухан», 1369, ҷ. 2, саҳ. 377)*, дар ҳоле ки Хондамир соли даргузашти вайро соли 893 ҳиҷрии қамарӣ зикр кардааст *(ниг.: «Ҳабибуссияр», ҷ. 4, саҳ. 336)*.

Муҳаммад ибни Ҳисоми Хусфӣ пас аз наваду ду соли умр, тавъам бо талаби илму фазилат ва кору талоши фаровону касби рӯзии ҳалол чашм аз ҷаҳон фурӯ баст ва ба раҳмати Худованди мутаъол пайваст ва дар зодгоҳи худ - Хусф ба рӯйи теппаи санги маъруф ба Пойтахт, ки мушарраф ба боғҳои он аст, ба хок супурда шуд *(ниг.: Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 47)*.

**Осори адабии Ибни Ҳисоми Хусфӣ**

а) «**Девони ашъор**» Шомили қасоид, ғазалиёт, тарҷеъбанду таркиббандҳо, қитъаҳо, луғзу чистонҳо, маснавиҳо, ашъори арабӣ, муламмаот ва рубоиёт аст, ки маҷмӯи ашъори девони вай наздик ба 5500 байт мебошад ва василаи устод Аҳмад Аҳмадии Берҷандӣ тасҳеҳ гардидааст ва дар мавзӯи ҳамду ситоиши Худованди мутаъол, наъти Паёмбари акрам (с) ва маноқиби Алӣ ибни Абутолиб ва авлоди ӯ ва қасоиде дар баёни мусибати Карболо, ворисони Имом Ҳусайн ва ситоиши ҳазрати Маҳдии Соҳибзамон ва чанд қасидаи тӯлонӣ дар баёни мӯъҷизоти ҳазрати Алии Муртазо ва қасидаи дигаре дар баёни уқубати Ибни Мӯлҷам ва амсоли он аст ва ҳамагӣ ҳикоят аз эътиқодоти шоир нисбат ба пешвоён ва имомони шиъаи исноъашарӣ, ҳусни ақидат, сафои ботин ва самимияти қотеи вай дар ин маврид мекунад. Ҳамчунин, ашъори дигар дар заминаи ҳикмату насиҳат, панду андарз ва низ дар боби вазъи афлок ва чигунагии хазон, тулӯъ ва ғуруби хуршед низ дорад *(ниг.: Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 46-47)*.

б) «**Насруллаолӣ**» - манзумаест дар қолиби маснавӣ ва шомили тарҷумаи калимоти қисори ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб ба сабки манзумаи **«Матлуб кулли толиб мин каломи Алӣ ибни Абутолиб»** маъруф ба **«Сад калима»**-и шоири маъруфи форсу тоҷик Рашидаддини Ватвот, шоири қарни шашум аст, ки ноқис аст ва бахше аз он, ки чилу ҳашт калима аст, мавҷуд мебошад *(ниг.: ҳамон манбаъ)*.

в) **«Ховароннома»** - аз қадимтарин манзумаҳои ҳамосӣ ва диниву адабии форсӣ аст. Ин китоб дар баҳри мутақориб ва дар пайравии **«Шоҳнома»**-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ суруда шудааст. Абёти он ҳудуди 22500 мебошад. Мавзӯи он ҷангу корнамоҳои ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб ва ёрони он ҳазрат, чун Молики Аштар, Абулмеҳҷан, Амр ибни Маъдикарб ва Амр ибни Умайя бо Қубод - шоҳи Ховарон ва умарои бутпарасти дигар барои тавсиъа ва густариши дини мубини Ислом ва барандохтани куфр дар Ховарзамин аст *(ниг.: ҳамон манбаъ)*.

Маълум аст, ки ҳеҷ падидаи ҳунарӣ, аз ҷумла, шеър ва адабиёт дар ҷойи холӣ ва бе замина ба вуҷуд намеояд, балки ҳосили таъсироти ҳунарманд: нависанда, шоир, наққош, рассом, суратгар аст, ки аз хориҷ ва омилҳои берунӣ, ки бар шахсияти вай таъсир мерасонанд ва тасаввуроти онҳо ба тарзи адабии хосе ҳосил мешавад. Ҳарчанд гуфтаанд, ки шоир офаридгори шеъри худ аст, аммо мояҳои илҳом реша дар замон ва макони зиндагонии суханвару адиб ва эҷодкор дорад. Аз ин рӯ, иртибот ва пайванди асари адабӣ бо ҷомеа адабиётро ба пеш мебарад. Агар бипазирем, ки ҳар як осори адабӣ ҷилваҳоеро аз зиндагӣ ба намоиш дармеоварад ва зиндагӣ худ як воқеияти иҷтимоӣ аст ва шоир низ яке аз аъзои ҷомеа ба ҳисоб меояд, ки манзалати хос дорад, он гоҳ бовар мекунем, ки яке аз беҳтарин сарчашмаҳои табиӣ дар таҳқиқу пажӯҳиши адабӣ, таҳлил ва таъбири осори адабӣ аз ҳамин роҳ аст. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар ин мақола ба қадри тавон кӯшиш ба харҷ додаем, ки бо баррасии ашъори Ибни Ҳисом вижагиҳои шахсияти суханварии ӯро табйин ва таъйин намоем.

Бояд гуфт, ки азбаски муҳити маънавии зодгоҳаш барои шахсияти фарҳангиву мазҳабӣ ва мутафаккири исломӣ – Ибни Ҳисом созгору мувофиқ набуд, бинобар ин, дар ин ҷо ранҷу азоб мекашид ва зиндагии сахт ба сар мебурд. Аз ин рӯ, шоир аз Хусф ва сарзамини Қӯҳистон безорӣ ҷуста ва онро дар ашъори худ мавриди накӯҳиш ва мазаммат қарор додаст:

*Ҳар замон гӯяд хирад, к-Ибни Ҳисом,*
*Ин чунин хору парешон то ба кай?*

*Гар ба сахтӣ санги хоро нестӣ,*
*Зиндагонӣ дар Қӯҳистон то ба кай?*

*Пой дар домони ҳасрат то ба чанд?*
*Сар зи фикрат дар гиребон то ба кай?*
(Девон, саҳ. 136, байти 2000 ба баъд).

Сахтии рӯзгор, ранҷу азоб ва зулму ситам ба ҳадде расида, ки ӯ бо фиғон Хусфро барои худ дӯзах шуморида менависад:

*Дӯзахи ман Хусф шуд, к-ин ҷо маро,*
*Аз ҳар анвое азоби дигар аст.*
*Ҳамчунон пиндор, к-ин шӯридаҳол,*
*З-ин хароба дар харобе дигар аст.*
(Девон, саҳ. 553, байти 10176 ва 10177)

*Ҳаст корам дар ин хароба хароб,*
*Хусф чун дӯзах асту ман ба азоб.*
*Зи оташи зулм хона сӯхта шуд,*
*Ҳар матое, ки буд, фурӯхта шуд.*
(Девон, саҳ. 471, байти 7428 ва 7429)

**Қаноат ва ворастагии Ибни Ҳисом**

Дар девони Ибни Ҳисом абёте мушоҳида мешавад, ки моро ба сифати қаноат ва ворастагии шоир ошно менамояд. Ӯ, ки борҳо аз нодориву тангдастӣ ва сахтдастии ҳолу рӯзгори фақиронаву нобасомони худ шикоят карда, дар айни ҳол аз араҳи ҷабин ва бо обилаи каф дар пайи касби ризқу рӯзӣ буданаш ифтихор намуда, хидмати дарбори шоҳонро накӯҳиш ва интиқод намудааст. Дар ҳақиқат, чуноне таърихнигорон ва тазкиранависон тазаккур додаанд, Ибни Ҳисом шахси қаноатпеша, фиқир, тақводор, вораста ва орифпеша будааст. Чуноне дар боло қайд кардем, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ дар ин бора чунин фармудааст: - «Маликулкалом, Мавлоно Муҳаммад Ҳисомиддин, алмашҳур ба Ибни Ҳисом, раҳматуллоҳи алайҳ, бағоят хушгӯст ва бо вуҷуди шоири соҳибфазл буда ва қаноату инқитоъе аз халқ дошта, аз Хусф аст ва аз деҳқонат (аз рӯйи касби деҳқонӣ) нон ҳосил кардиву гов бастӣ ва субҳ, ки ба саҳро рафтӣ, то шом ашъори худро бар дастаи бел навиштӣ ва баъзе ӯро валии Ҳақ донистаанд» *(ниг. «Тазкиратушшуъаро», 1366, 330).*

Худи суханвари соҳибдил ва озодманиш – Ибни Ҳисоми Хусфӣ дар бораи бо араҳи ҷабин ва обилаи кафи даст ҳосил намудани ризқу рӯзии ҳалолаш чунин менависад:

*Офарин бод бар кафи дастам,*
*Ки аз ӯ мерасад маро идрор.*
*Дасти ман обила аз кади ямин,*
*Гар таносон шавам, шавад душвор.*
(Девон, саҳ. 37, байти 3399-3400)

Шоири вораста ва ҷавонмардпеша камари хидмат дар пеши сифласимоён бастан ва аз дунҳимматон атову бахшишҳо хостанро ба худ ор медонад ва талқин месозад, ки қаноатпешагӣ қадру манзалати инсонро баланд мебардорад ва наҷобату фазилати ӯро меафзояд:

*Атои сифласимоён бад-он зиллат намеарзад,*
*Ки пеши ӯ камар як дам ба хидмат бар миён бандӣ.*

*Ба қурси ҷав қаноат кун, ки дахлу харҷи гардунро,*
*Зи ҳангоми саҳар то шаб мукаррар буду нон бинӣ.*
(Девон, саҳ. 265, байти 4655)

Чунонки дар боло ишора кардем, Ибни Ҳисом дар зодгоҳаш - Хусф қитъаи замине дошт, ки аз кишти он маоши зиндагии худро таъмин мекардааст ва ҳамчунин дар кӯҳпояи Руч, ки мавзеи сарсабз ва хушобу ҳавое будааст, дар ҳаждаҳкилометрии шарқи Хусф токзори хурд доштааст, ки аз ҳосили он кӯмаке ба вай мерасидааст, аммо мутаассифона, он низ ба асари тангдастиву нодорӣ ба гарав рафтааст *(Аҳмадӣ,» Солик», 1366, 16).*

*Разаке доштам ба кӯҳпоя,*
*З-ӯ маро буд сozу пероя.*
*Аз ҷафоҳои чархи кажрафтор.*
*Дар гарав карда шуд ба сад динор.*
(Девон, саҳ. 471, байти 8430 ва 8431)

Ибни Ҳисом дигаронро низ ба қаноатпешагӣ даъват намуда, ба мардум чунин панду андарз медиҳад:

*Ҷаҳону ҳарчи дар ӯ як дирам намеарзад,*
*Чӣ як дирам, ки ба як ҳибба ҳам намеарзад.*
*Гарад ва силаи асбоб шодмонӣ нест,*
*Ғами замона маҳӯр, ки он ба ғам намеарзад.*

(Девон, саҳ. 253, байти 4445 ва 4446)

*Бирав, ба оби қаноат бишӯй дасту даҳон,*
*Мабош, дар пайи саг, ба ҳар косаи сагбоҷ.*

(Девон, саҳ. 139, байти 2246)

Шоир дар ҷойи дигар аз бевафоии дунёи дун ва кажрафтор чунин шикоят кардааст:

*Ин ҷаҳони пурҷафо ба кас вафодорӣ накард,*
*Бо вафодорони олам ҷуз ҷафокорӣ накард.*

*Панҷ рӯзе офтоб аз бурҷи давлат, ки битофт,*
*К-охир ӯро рӯзи равшан чун шаби торе накард.*

*Чашми ибрат боз кун то ҳеҷ касро осмон,*
*Атласе бахшид, к-ӯро оқибат оре накард.*

(Девон, саҳ. 403, байти 7246 ва баъд)

Ибни Ҳисом пайваста аз даргоҳи Худованди мутаъол орзуманд аст, ки ба вай қаноатпешагӣ кароматкунад ва сабр ва бурдборӣ:

*Маро ба ганҷи қаноат чунон тавонгар кунӣ,*
*Ки эҳтиёҷ набошад ба хоҷаву мирам.*
*Иномни ман зи кафи деви оз берун кун,*
*Ки ози хомтамаъ кард бар гунаҳ ҷирам.*

(Девон, саҳ. 30, байти 433-434)

Ин пора шеър аз байти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба хотир меорад:

*Дар ин бозор агар судест ё дарвеш хурсанд аст,*
*Худоё, мунъимам гардон ба дарвешию хурсандӣ.*

(*Девони* Ҳофиз, 1358, 256)

Аммо саранҷом пириву нодорӣ гиребонгири ин суханвари сахткӯш ва озода мешавад, кораш чунон ба душворӣ мувоҷеҳ мешавад, ки барои як даста коғаз дасти ниёз пеши бузургони Берҷанд дароз мекунад ва барои як миқдори ғалла аз мардуми Хусф имдоду кӯмак мепурсад:

*Ҷоҳу ҷалолу давлату иқболи мардумӣ,*
*То гетӣ ҳаст, лозимаи Берҷанд бод!*

*З-он ҷо, ки арҷманд бувад мардуми шариф,*
*Ашрофи Берҷанд ҳама арҷманд бод!*

*Дар равзае, ки сунбулу райҳон кунанд бахш,*
*Дасти каримашон ба каромат баланд бод!*

*Як даста коғаз аз раҳи эҳсону мардумӣ,*
*Аз дасташон расида ба ин мустаманд бод!*

(«Ойина», 1371, 13 ва 14).

*Аз муқимони Хусф хосаву ом,*
*Бандаи камтаринам Ибни Ҳисом.*

*Менамояд ба барат алтоф,*
*Илтимос аз акобиру ашроф.*

*Умрам акнун ба дарду ранҷ расид,*
*К-он ба ҳафтод солу панҷ расид.*

*Гар иноят кунад машоҳирам,*
*Вар ҳимоят кунад ҷамоҳирам.*

*Дар се хирвор ғалла аз пайи қут,*
*Гар ба ҳиммат оядам ба сабру сукут.*
(Девон, саҳ. 461, байти 8216 ва баъд).

**Сабки суханварии Ибни Ҳисом**

Ибни Ҳисоми Хусфӣ дорои сабк ва шеваи мустақил дар шеър набуда ва бештар пайрави устодони бузурги қабл аз худ мебошад. Ба таври куллӣ сабки ашъори вай дар қасида бештар хуросонӣ ва дар ғазал ироқӣ аст.

Қасоид:

1. Мадҳу маноқиби Расули акрам (с) ва дигар пешвоёни мазҳабӣ.
2. Баҳра бурдан аз суннатҳои адабии шеър ва сабки сухан ва фунуни суханварии устоди гузаштаи шеъри форсӣ, амсоли Заҳири Форёбӣ, Хоқонии Шервонӣ, Анварии Абевардӣ, Саноии Ғазнавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Салмони Соваҷӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳасани Кошӣ ва Котибии Нишопурӣ ва дигарон мебошад *(ниг. Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 18 ба баъд).*
3. Қудрат ва маҳорати суханварӣ дар пайравӣ ва тазмини ашъор ба ашъори устодони адабиёти форсӣ.
4. Маҳорату истеъдоди суханварӣ дар тавсиф ва тасвири шоиронаи манзараҳои зебои табиат ва маҳфилу базмҳо нишонгар ва баёнгари он аст. Ибни Ҳисоми Хусфӣ бештар шоири базмӣ аст, то суханвари размӣ ва ҳамосӣ. Намунаи он:

*Чу машшота шаб баромад ба бом,*
*Зи анбар сияҳ кард гесӯйи шом.*

*Парипайкарон ромише сохтанд,*
*Зи бегона хиргаҳ бипардохтанд.*

*Чу густох гаштанд шамшоду сарв,*
*Ба ҳам ром гаштанд бозу тазарв.*

*Зи рух пардаи шарм бардоштанд,*
*Ки дар парда кори дигар доштанд.*

*Чу сарв андар омад ба торочи боғ,*
*Рухи лолагун дид ҳамчун чароғ.*

*Лаби нӯшлаб, чашмаи нӯш дид,*
*Барашро сазовори огӯш дид...*
(«Ховароннома», саҳ. 248, нусхаи музейи Британиё)

5. Ибни Ҳисом мамдӯҳи худро, чунонки мавриди эътиқоди ӯст, бар мегузинад, вале дар сурудани ашъор дар вазну қофия, радиф ва корбурди саноеи шеърӣ ба дигар суханварони бузурги адабиёти форсӣ пайравӣ мекунад, чуноне қасидае дар мадҳи амирулмӯъминин Алӣ ибни Абутолиб бо радифи барф дар пайравии Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ аст. Матлаъи қасидаи мазкур чунин аст:

*Ҳаргиз касе надод бад - ин сон нишони барф,*
*Гӯё, ки луқмаест замин дар даҳони барф.*
*Абр омад аз ҳаво, ки бувад мизбони барф,*
*Аз Қоф то ба Қоф бигустурд хони барф.*

6. Ибни Ҳисоми Хусфӣ барои нишон додани маҳорат ва истеъдоди суханварӣ ба ҷавобгӯйиҳое, ки маъмули шоирони қарни шашуми ҳиҷрӣ буда, низ даст задааст ва дар ин ҷода низ табъи равони худро санҷидааст. Масалан, илтизоми ду калима **шутур** ва **ҳуҷра**, ки Мавлоно Котибӣ дар қасидае овардааст ва пеш аз вай Хоҷӯйи Кирмонӣ табъозмоӣ намудааст ва билохира Ибни Ҳисоми Хусфӣ чунин мегӯяд:

*Шутурсавор қазо мерасад ба ҳуҷраи ман,*
*Ки бар шутур бинихад рахти ҷон зи ҳуҷраи тан.*

7. Овардани радифҳои мухталифу мушкил, монанди наргис, бунафша, шукуфа ва ғайра.

*Бас, ки шӯх асту фиребандаву раъно наргис,*
*Гӯиё чашми ту дорад назаре бо наргис.*
*****

*Намунаест зи хатти узори ёр бунафша,*
*Чу хуб медиҳад аз тарафи ҷӯйбор бунафша.*

8. Дарҷи оёти Қуръони маҷиду аҳодиси набавӣ ва талмеҳоти ширин ва ба мавқеъ дар ашъори ӯ дида мешавад:.

*Эй бар сарири кунта набиян ниҳода пой,*
*В-Одам ҳанӯз буда мухаммар ба мову тин.*

*(Ишора ба ҳадиси маъруфи набавӣ: кундту набиян ва Одам байнал моъи ва тини).*

9. Ишораҳо ба хатту хаттотӣ, ки нишонгари хушнависии вай ва огоҳии комил ба истилоҳоти ин ришта аст:

*Хатти ғубор, ки таълиқи сулси оразн туст,*
*Муҳаққиқаш битавон насхи хатти райҳон гуфт.*

10. Ишора ба матолиби нуҷумӣ, сарфу наҳв, мусиқӣ ва ғайра:

*Ба ҳар қавоми мулк ба шаш рӯз ҳафт фарш,*
*Дар зери макри гулшани хазро ниҳодаӣ.*

*(Ишора ба хилқати ҳафт табақаи замин дар шаш рӯз)*

*Чу касра зер нишин, то забар фарози фатҳ,*
*Ки ҷарру нафъи ҷамон рафъу зам намеарзад.*
*(Ба сарфу наҳв ишора дорад)*

11. Дар ғазал пайрави Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аст ва ба ӯ назар дорад, дар нахустин ғазали худ ба матлаи:

*Ба умеде, ки бикшояд зи лаъли ёр мушкилҳо,*
*Хаёли он лаби майгун чи хун афканд дар дилҳо.*

Ибни Ҳисом мисраъҳое аз Хоҷа Ҳофизро тазмин кардааст:

*Зи ҳад бигзашт муштоқӣ ба ҷоми бодаи соқӣ,*
*«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».*

Ба кор бурдани санъатҳои бадеии фаровон, аз ҷумла, ташбеҳу истиора, лузуми молоялзам, анвои ҷинос, ирсолулмасал, лаффу нашр, тарсеъ, тавшеҳ ба иллати ба дарозо кашидани матлаб *(ниг. Девони Ибни Ҳисом, саҳ. 37, 38, 39).*

12. Баҳрагирӣ аз асотир. Ибни Ҳисоми Хусфӣ дар девони ашъори хеш аз устураҳои мухталиф баҳраҳои фаровоне гирифтааст. Рассом бо қалами нақшофарин ва шоиру нависанда бо офаридани мазмунҳои баланд ва калимоти хушоҳанг ва ғайра саҳнаҳое меофарад, ки хонанда ва бинандаро ба офарин ва таҳсин вомедорад ва ӯро ба дунёе аз илму андеша фаро мехонад. Вақте Ибни Ҳисом мегӯяд:

*Лола дар пойи сарв чун Мансур,*
*Маст дар пойи дор механдад*

ин фақат як талмеҳ нест, ҳатто як истиораи макнияи танҳо низ нест, балки тавассути он достонеро баён мекунад, ки амиқии сохти ин тасвири бадеиро нишон медиҳад ва дарки ин матлаб ошноӣ ба зиндагии Мансури Ҳаллоҷро тақозо дорад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Хусфӣ, рӯзгор, осор, Девони Ибни Ҳисом, Ховароннома, сабки суханварӣ, девони ашъор,

## АДАБИЁТ

1. Девони Ибни Ҳисом. Муҳаммад бинни Ҳисомиддини Хусфӣ, ба кӯшиш ва эҳтимоми Аҳмад Аҳмадии Бирҷандӣ ва Муҳаммаднақии Солик, интишороти «Созмони ҳаҷ ва авқофи Хуросон», 1366.
2. Ибни Ҳисом, Ховароннома, нусхаи музейи Британия, бо тавзеҳ ва кӯшиши Ҳамидуллоҳи Муродӣ, Донишгоҳи Машҳад: - 1377.
3. Оятӣ, Шайх Муҳаммадҳусайн. Баҳористон, интишороти саҳҳомӣ, Теҳрон:- 1377.
4. Ҳудуду-л-олам минал машриқи илал мағриб, муаллифи номаълум, бо муқаддимаи Б.В. Бартольд, таълиқоти В. Минорский, тарҷумаи Мир Ҳасаншоҳ, тавзеҳ ва ҳавошии доктор Мир Аҳмадӣ, маркази интишороти «Паёми нав», чопи аввал, Теҳрон:- 1372.
5. Хондамир. Ҳабибуссияр.
6. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкиратуш-шуъаро, бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Аббосӣ, Теҳрон:- 1377.

7. Сафо, Забеҳуллоҳ. Ганҷи сухан, ҷилди 2, Теҳрон: - 1369.
8. Шерозӣ, Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад. Девони Ҳофиз, бо кӯшиш ва эҳтимоми Сайид Абулҳасан, муассисаи интишороти «Ҷовидон», чопи сеюм, Теҳрон: - 1357.

### ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ПОЭТИЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ ИБН ХИСОМА ХУСФИ

Статья посвящена изучению жизни и творческого наследия великого персидского поэта Ибн Хисома Хусфи. Его литературное наследие состоит из «Девони ашъор»(сборника стихов), «Насруллаъоли», «Ховаринома». «Ховаринома» написана в подрожание великой книге «Шахнаме» Хакима Абулкасыма Фирдоуси.

### A LOOK AT THE LIFE AND CREATIVE WORKS OF IBNI HISOMI KHUSFI

Muhammad was Hesomiddin's son and his grandfather was Shamsiddin Muhammad. He soon becomes well known with the name Muhammad ibni Hisom or just ibni Hisom. He was born in 682/783 C.E. His works are Devoni Ashor, Khovaronnoma, Nasrullaoli. Khovaronnoma is considered to be not only an ancient epic but also one of the religious and Persian literatures. His work Khovaronnoma was created following the Shohnoma of Hakim Abulqosim Firdavsi.

## НАЗАРЕ БА РАВОБИТИ АДАБИИ ЭРОНУ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Зоҳирӣ Маҳнози Муҳаммадалӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мардуми тоҷик, ки ба забони мардуми аксар нукоти Эрон, ба вижа, Хуросон ва Теҳрон сухан мегӯянд, дар саросари Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Афғонистон, пароканда шуданд, бо эрониён решаҳои қадимаи фарҳангӣ доранд. Чун дар гузашта ин халқиятҳо зиндагии муштарак доштаанд. Табиист, ки тамаддунашон, хоса фаҳангу адабашон як хел ташаккул ва инкишоф меёфт. Ба ин маънӣ, тамаддуни гузашта ва адабиёти бою ғании собиқаи ин халқҳо имрӯз барои ҳар кадомашон баробар тааллуқ дорад. Зиндагии муштарак ва фарҳанги воҳиди ин халқҳо баъд аз асри ХУ11 халалдор ва бо тақсимоти ҳудудии ибтидои қарни ХХ, ки бо шарофати инқилоби уктабр сурат гирифта буд, гусаста гардид, балки бо шеваи хос ҷараён гирифт.

Аммо эронӣ ва тоҷик ҳарду шохаҳое аз дарахти тановаре ҳастанд, ки ҳеҷ як сиёсате ва қуввае онҳоро аз ҳам ҷудо карда наметавонанд, зеро ин дарахт решаҳои сахту маҳкам доштааст.

Аз рӯзҳои аввали дигаргуниҳои дар Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ пайваста, тамоми кишварҳои минтақа ва дигар кишварҳои ҷаҳон кӯшиш намуданд, то бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда бо ин ҷамоҳир бо роҳҳои гуногун иртибот барқарор намоянд. Ҷумҳурии исломии Эрон низ бо дар назар гирифтани манофеи миллии худ дар соҳаи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ бо ин кишварҳо, хоса Тоҷикистон, иртибот барқарор намуд. Дар барқарор намудани робита бо Тоҷикистон Ҷумҳурии исломии Эрон нисбат ба дигар мамолик имтиёз ва бартарӣ дошт. Имтиёзи вижаи Эрон дар доштани фарҳанги танготанг ва бисёр пурбор бо Тоҷикистон буд, ки боиси ба масъалаи фарҳанги иртиботӣ аз бахшҳои дигар бештар таваҷҷӯҳ додан гардидааст. Ба қавли Шодӣ Шокирзода, «Тоҷикистон ва форсизабонҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва Чинро рудҳои бузург ва даштҳои фаррох аз якдигар ҷудо кунад ҳам, онҳо ҳанӯз узвҳои як тани воҳиди маънавиянд ва ҳазорон пули рӯҳониву равонӣ, таъриху сарнавишти муштарак, забону адабиёти ягона аз нигоҳи дилу ҷон онҳоро ба ҳам васл мекунад» (1,6).

Ба ин маънӣ, яке аз дастовардҳои бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар муносиботи байналхалқӣ барқарор намудани робитаҳои фарҳангии ин кишварҳо, хоса бо Эрон аст, ки дар таи чанд даҳсолаи қарни гузашта ба иллати дастҷӯши ҳаводис ва рӯйдодҳои гуногун аз рушд осеб дида буд. Аз ҳамон нахустин рӯзҳое, ки имконияти барқарории иртибот миёни мардуми Тоҷикистон ва Эрон ба вуҷуд омад, эрониён кӯшиш менамуданд, то ба дили мардуми тоҷик роҳ ёбанд.

Иртиботи фарҳангии дуҷонибаи кишварҳои мавриди назар асосан аз соли 1989 ба баъд инкишоф меёбад. Мубодилаи китоб, фестиволҳои филм, баргузории намоишномаҳо, шаби шеър, семинорҳои забони форсӣ, ташкили ҳафтаи фарҳангӣ, мубодилаи донишҷӯён, тарбияи кадрҳои дипломатик, омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат аз ҷумлаи чорабиниҳое мебошанд, ки дар ин бахш ба роҳ монда шудаанд.

Дар таърихи 18.10.1380 ба муносибати кушодани сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон ҳайати бузурге ба ин кишвар сафар доштанд. Ба ин ҳайат теъдоде аз чеҳраҳои фарҳангии Эрон низ шомил буданд, ки мақсадашон густариши муносибатҳои фарҳангӣ миёни ду кишвар буд. Дар ҳамин сафар бо пешниҳоди раиси ҷумҳури ҳамонвақтаи Эрон Ҳошими

Рафсанҷонӣ қарор шуд, ки интишороти «Алҳудо» дар Душанбе як нуқтаи китобфурӯшӣ доир намояд. Дар як муддати кӯтоҳ интишороти байналмилалии «Алхудо» дар ҳамкорӣ бо ширкати интишороти «Тоҷиккитоб» дар маркази хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе нуктаи фурӯши китобро доир намуд. Дар ин ҷо китобҳои форсӣ ба алоқамандонаш пешниҳод мегарданд.

Баъд аз сафари ҳайати воломақоми Ҷумҳурии исломии Эрон ба Тоҷикистон мубодилаи баландпоя миёни ду кишвар бо имзои тавофуқномаҳои зиёд рӯ ба густариш ниҳод ва баҳри инкишофи равобити фарҳангии ин кишварҳо шароиту имконият фароҳам шуд.

Сафари ҳайати баландпояи Тоҷикистон ба Эрон бо раёсати оқои Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 1992 сурат гирифт, ба инкишофи равобит, хоса иртиботи фарҳангии миёни ин ду кишвар нерӯи тоза бахшид. Дар ин сафар 5 санади муҳим миёни Эрон ва Тоҷикистон ба имзо расид, ки мувофиқатнома дар бораи ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангӣ миёни ду кишвар яке аз ин 5 санади муҳим буд.

Дар соли 1995 бо сафари расмии оқои Эмомалӣ Раҳмон ба Эрон сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Теҳрон ифтитоҳ гардид ва миёни ин кишварҳо тавофуқномаҳои дигаре ба имзо расид.

Дар соли 1996 муовини аввали раиси Ҷумҳурии исломии Эрон ба Тоҷикистон сафар намуда, 11 тавофуқнома, аз ҷумла, дар заминаҳои омӯзишҳои фарҳангӣ миёни ин кишварҳо ба имзо расонид. Дар заминаи ин ва дигар қарордод ҳамкориҳои илмиву таълимӣ миёни пажӯҳишгоҳу Донишгоҳҳои кишварҳои мавриди назар қувват гирифта, рӯ ба инкишоф ниҳод. Имрӯз донишҷӯёни зиёди тоҷик дар Донишгоҳҳои Эрон таҳсил мекунанд. Ҳамчунин муҳассилини зиёди Эронӣ дар макотиби олии Тоҷикистон ба таҳсилу пажӯҳиш машғуланд.

Солҳои охир муҳаққиқони зиёди Эрон рисолаҳои илмии худро маҳз дар шӯроҳои илмии Тоҷикистон ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмӣ мешаванд. Китобҳои адибону олимони тоҷик дар Ҷумҳурии исломии Эрон ва асарҳои шоирону фозилони эронӣ дар Тоҷикистон ба сифати баланд чоп мешаванд. Чунин ҳамкориҳо имкон медиҳад, ки додугирифти фарҳангии ду ҷониб бештар гардад. Зеро «яке аз сарчашмаҳои муҳими ташаккул ва инкишофи ҳар адабиёти миллӣ, омӯзишу баҳрабардорӣ аз адабиёти халқҳои дигар ва додугирифти байниҳамдигарии адабиётҳо ба шумор меояд» (2,6).

Мавриди зикр аст, ки иртибот ва ҳамкориҳои эҷодӣ миёни адибони тоҷику эронӣ хеле барвақттар шурӯъ гардида будааст. Аз оғози барқарори муносибатҳои фарҳангӣ миёни Эрон ва Тоҷикистон шоирону нависандагони ҳарду кишвар ба инъикосу муаррифии осори ҳамдигар дар матбуоти даврӣ пардохтанд.

Нашрияи «Ҷаҳони китоб» дар шумораи 182–и хурдодмоҳи соли 1383 асари маъруфи Садриддин Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-ро муаррифӣ намудааст (3).

Маҷаллаи «Оянда» дар шумораи 5-7 соли 1991-и худ намунае аз ашъори Обид Раҷабӣ, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ, Гулназар Келдӣ, Раҳмат Назрӣ ва дар шумораҳои 7-12, соли 1992 шеърҳои Лоиқ Шералиро интишор намудааст. Ҳамин тавр, ин нашрия, ки аз мӯътабартарину қадимтарин маҷаллаи адабии Эрон аст, шеърҳоеро аз ашъори Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Кором, Камол Насрулло ва дигарон ба чоп расонид.

Дигар нашрияҳои адабӣ ва ҳунарии Эрон чун маҷаллаҳои «Ховарон», «Килк», «Ошно», «Шеър», «Кайҳони фарҳангӣ», «Одина», «Дунёи сухан» ва рӯзномаҳои «Офариниш», «Иттилоот» пайваста осори шоиру нависандагони тоҷикро интишор менамоянд.

Дар Тоҷикистон низ барои муаррифии фарҳангу адаби Эрон корҳои зиёде ба анҷом расида, идома доранд. Нашрияи «Адабиёт ва санъат» пайваста як саҳифаи худро ба тарғиби адабиёти Эрон мебахшад. Бо кӯмаки сафоратхонаи Эрон муассисае бо номи «Дафтари нашри фарҳанги ниёкон» ва чопхонае бо номи «Пайванд» таъсис шудаанд, ки ба нашри китобу рӯзномаҳо ва маҷаллоти тоҷикӣ, ҳамчунин эронӣ мапардозанд. Оқои Вилоятӣ китобхонае бо ҳазор нусха китоб дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ кардаанд. Бо талоши сафоратхонаи Ҷумҳурии исломии Эрон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ, Конибодом, Панҷакент, Уротеппа ва ғайра китобхонаҳо таъсис ёфтанд, ки бешубҳа, дар густариши робитаҳои фарҳангии ин кишварҳо таъсири нек доранд.

Ройзании фарҳангии Эрон аз соли 2000–ум маҷаллаеро бо номи «Рӯдакӣ» интишор менамояд, ки дар он масъалаҳои адабиву фарҳангии марбут ба ин кишварҳо пайваста инъикосу баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, бо кӯмаки ин ройзанӣ даҳҳо китобҳои аҳли адаби тоҷик интишор гардида, дастраси ҳаводорони тоҷику эронӣ гардидаанд. Умуман, Тоҷикистон ва Эрон гаҳвораи тамаддуни як фарҳанг ҳастанд. Аз ин рӯ, андешамандону мутафаккирони ҳар ду кишварро мебояд, то дар шинохти дурусти ин фарҳанг биқӯшанд, дар густариши минбаъдаи он, дар шинохти ҷаҳониён ба дастовардҳои бузурги ин фарҳанги беназир саҳм гузоранд.

КАЛИДВОЖАҲО: фарҳанг, иртибот, муносибат, ҳамкорӣ, решаҳои қадимаи фарҳангӣ, гавҳораи тамаддуни як фарҳанг, фарҳанги иртибототӣ, иртибототи фарҳангии дучонибаи Эрон ва Тоҷикистон.

## АДАБИЁТ


2. Шокирзода Ш. Сафар ба кишвари нур.- Душанбе: Ирфон, 2008.
3. Одинаев Н. Робитаҳои адабӣ: таҷрибаи амалии эҷодӣ ва пажуҳиши илмӣ. Душанбе: Ирфон, 2004.
4. Ҷаҳони китоб, 1383, шумораи 182.
5. Оянда, 1383, шумораҳои 5-7.


## ВЗГЛЯД НА ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ ТАДЖИКИСТАНА И ИРАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье речь идёт о развитии литературных связей между Таджикистаном и Ираном в современных условиях. Автор статьи исследует характерные особенности литературных связей между двумя странами в условиях независимости Таджикистана.

## THE SIGHT IN THE LITERARY CONNECTION OF TAJIKISTAN AND IRAN IN THE MODERN CONDITIONS

The zrticle is devoted about the development literary connection between Tajikistan and Iran in the modern conditions. The author researches characteristic peculiarty of literary connection between two countries in condition of independence of Tajikistan.

# САРЧАШМҲОИ ҲИКМАТ ДАР ШОҲНОМАИ ФИРДАВСӢ

***Фарҳоди Назарӣ***
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Гарчи барои пешрафти илм ва фалсафа дар ҳар таммадуни сароғозеро наметавон таъйин кард валекин метавон гуфт, ки дар таммадуни исломи аз ибтидои вуруди ақвоми ғайри-араб ва ба вижа Ирониён дар Ислом тағйироти дар чигунагии фаҳмиши матни динни ба вуҷуд омада ва сабаб шудааст, ки мафоҳими қуръонӣ ба гунаи ҷадиди тафсир гардад. Мусулмонон, ки вориси марокизи фарҳангӣ Осиёи шуда буданд, аз донишҳои ибтидои истифода кардаанд ва ҳақро ҳамеша мавриди назари худ қарор додаанд.

Тарҷумаи китобҳои фалсафӣ ва ҳикмат ба улуми юнонӣ ва ҳамчунин, китобҳои ҳикмати остонии Ирон ва Ҳинд ба наҳзати фикрии ва ақли, ки мусулмонон ба вуҷуд овардаанд кумаки зиёде кардааст. Қарни IV ҳиҷрӣ, ки Фирдавсӣ дар он зиндагӣ мекард, шоҳиди авҷи такомули ҳикмат ва фалсафӣ ва улум дар таммадуни исломӣ будааст. Дар ин қарн беҳтарин китобҳо дар улум ва фунун ва ҳикмат навишта шудааст, ки барои қарнҳои баъдӣ то ба имрӯз решаи тафаккур ва тамаддуни исломӣ ба шумор мерафтааст.Майлҳои ҷадиди фикрӣ дар адабиёти он замон ва ба вижа, дар шеър таъсири бисёре дошта ва шоирон аз фарҳанги замон ва рӯзгори худ ва дигаргуниҳои фикри истифода бурда ва дар шеъри худ нишон додаанд.

Албатта, ҳадаф ин нест, ки собит шавад, ки Фирдавсӣ файласуф аст. Аммо бинобар гуфтаи доктор Салмон Албадур сухани низомии Арӯзиро, ки мегӯяд: «Фирдавсӣ шиъа ва мӯътазилӣ аст, ба ин маънӣ таъбир кард, ки Ҳаким Фирдавсӣ будааст».

«Шиъа ва мӯътазилӣ будан далел бар он намешавад, ки Ҳаким Фирдавсӣ буда валекин боз ҳам шиъа ва мӯътазилӣ будан далеле аст бар ҳаким будани ӯ. Ҳаким он касс аст, ки як назаргоҳи ҳамагир нисбат ба ҷаҳони ҳастӣ дорад ва бо ин ки наметавон гуфт, ки ӯ назариёти худро ибдоъ карда, ё як мактаби ҷадиди фалсафӣ ба вуҷуд оварда бошад. Валекин метавон гуфт, ки ӯ ҷанбаҳои аз ҳикмат ва фалсафаи давраи худро, ки муносиби сиришти фикриаш буда, қабул кард ва дар шеъри худ овардааст».[1]

Шоҳномаи Фирдавсӣ китоби фалсафӣ ба маънии роиҷи фалсафӣ нест. Балки Фирдавсии ҳаким масъалаи печидаи ҳикмӣ ва фалсафиро бо зарофат ва диққати хосе дар матни достонҳояш овардааст. Доктор Маҳмуди Ибодиён низ дар пажӯҳиши худ ин масъаларо дуруст донигта ва мегӯяд: «Табиӣ аст, «Шоҳнома» майдони тарҳи ин андешаҳо ба сурати аслҳои танҳои фалсафӣ нест, балки дар он ин аст, ки он чи дар замон падид ояд, дар замон низ аз миён меравад. Пайваста бо сарнавишти шахсиятҳо ва ё бори отифӣ ва эҳсосӣ байён мешавад».[2]

Ҳаким будани Фирдавсӣ дар бархи аз маврид ба болоттарин андозаи худ мерасад. Инсон пай мебарад, ки фарде метавонад, ки чунин суханони ҳакимонаеро баён кунад, ки дорои ҳикмат

буда ва дорои як назаргоҳи ҳамагир нисбат ба ҷаҳон ҳастӣ ва умури марбут ба он дорад. Яке аз намунаҳое, ки Фирдавсӣ ба унвони баҳси фалсафӣ байён мекунад, ҷангӣ Рустам ва Исфандиёр аст.

«Фирдавсӣ дар ҷойҳое ба авҷ мерасад, ки пои Рустам даркор аст ва ҷанги Рустам ва Исфандиёр аз тариқи ин авҷ аст. Ҳам барои он ки фалсафитарин достонҳои ӯст, ки дар он забонҳо ва равонҳо бештар аз моҳичаҳо ба кор меафтанд. Ҳам, барои он ки дар ин ҷо пойи ду ҷаҳонпаҳлавон дар кор аст ва моҷаро вазни бештаре меёбад. Ин ҷо танҳо ҷое аст, ки Рустам бо паҳлавони бо худ баробар рӯ ба рӯ аст. Сароянда бояд дар баробари онҳо монанди бандбозест, ки бояд бо ресомнӣ борике бигузарад ва наафтад».[3]

Ин ҷост, ки ҳаким будани Фирдавсӣ ошкор мешавад ва бояд аз ҳикмати ӯ баҳра бурд, зеро агар тарафдории ӯ ба нафъи ҳар кадом аз ду ҷаҳонпаҳлавон бошад, ҳикмати ӯ ишкол пайдо мекунад.

Сарчашмаи андешаи Фирдавсиро бояд шинохт. Ҳамон гунна, ки «Шоҳнома» бо оғози ҳастӣ шакл мегирад, бояд ҷустуҷӯ кард, ки андеша ва ҳикмати Фирдавсӣ аз куҷо буда ва дар кадом ҷо ҷараён ёфтааст.

Ҳикмати Фирдавсӣ на танҳо зери таъсири адабиёти паҳлавӣ ва андешаҳои фалсафии давраи сосониён буда, балки муассир аз Қуръони карим аст.

Ҳаким Фирдавсӣ медонад, ва барои асаргузории бештар байни хонандагон ва расидан ба аҳдофи худ ҳикмати диниро аз Қуръон ва аҳодис мегирад ва чунин менамояд, ки вай тасаллути кофи ба Қуръони карим доштааст, ки намунаҳое дар зер оварда мешавад:

1. Фалянзурил инсону мима хулиқ, хулиқа миммоин дофиқ.[4] (Маънӣ: Пас, инсон бояд бингарад, аз чи чизе офарида шуда. Аз обӣ ҷаҳанда ва ночиз), ки мафҳуми ин оят ба сурати бисёр хуб ва содда барои мардум баён шудааст:

***Аз оғоз бояд, ки донӣ дуруст,***
***Ки яздон зи ночиз чиз офарид,***

2. Фамо ҷазоъ маняфъал золика минкум илло хизюн филҳаёт атдунё ва явмал қиёма[5] (Маънӣ: Подоши касе аз шумо, ки чунин кори бадро анҷом диҳад, ҷуз хорӣ дар зиндагии дунё ва рӯзи қиёмат нест).

Фирдавсии ҳаким ин ояро дар шакли як байт шеър мерезад, ки ҳар кас онро мехонад, бифҳмад ва дарк куна два чунин доду сухан сар медиҳад:

***Мукофоти ин бад ба ҳар ду сарой,***
***Биёбед аз додгар як худой.[6]***

Ҳамон гуна ки дида мешавад, яке аз сарчашмаҳои маънавии ҳикмати Фирдавсиро бояд дар ояти Қуръони маҷид ва ба қавли Ҳанри Курбани Фаронсавӣ аз суханони имомон ва бузургони дин донист. Аз он ҷо ки Фирдавсӣ як шоири шиимазҳаб буда ба гуфтаҳои ӯ мутаассир аз бузургони мазҳаби ташайюъ аст, лизо, Ҳонри Курбан - файласуфӣ Фронсавӣ мегӯяд: «Асоситарин ҳикмати шии» афзун бар он чи аз Имоми аввал ривоят шуда, бар меҳвари омӯзаҳои имомони чаҳорум, панҷум ва шашум тадвин шудааст.[7]

3. Алайсаллоҳу биаҳкамил ҳокимин[8] (Маънӣ: Оё, Худованд, ҳукмкунандатарини ҳукмкунандагон нест).

Ва Ҳаким Фирдавсӣ низ дар сурудааш Худовандро довари доварон медонад ва бузургии Парвардигорро дар худ ситоиши инсон надониста ва бар ин бовар аст, ки ақли инсон маҳдуд ва Худованд номаҳдуд аст:

*Ҷаҳондор бар доварон довар аст,*
*Зи андешаи ҳар касе бартар аст.[9]*

4. Ваъизо ародалоҳ би қавми суъ фало марадалаҳу би мо лаҳом минвол.[10] маънии (Пас, чун бихоҳад Худо ба ҷамъе азоберо, баргардонидан набошад онро ва набошад марг эшонро аз ғайри Худо ҳеҷ мададгоре)

Ҳакими Тус бо фаҳми ин оёт, мафҳуми онро ва бо забардастии хосе дар абёти зер меоварад:

*Кас аз доди Яздон наёбад гуреғ,*
*В-агар чи бипаррад бароянд ба меғ.*
*Синон гар ба дандон бихоянд далер,*
*Бидаррад з-овози ӯ чарми шер.*
*Гирифтори фармони Яздон бувад,*
*В-агарчанд дандонаш сандон бувад.[11].*

Аз ин даст оёт, ки ҳаким Фирдавсӣ аз онҳо бахра бурда, бисёр зиёд аст, ки дар ин ҷо маҷоли бештаре барои баёни ин мавзӯъ вуҷуд надорад.

Ин мавзӯъ (сарчашмахои «Шоҳнома») он қадар аҳамият дорад, ки ховаршиноси шаҳири арманӣ Истепон Назариён фарзанди Исо, ки бештар бо номи Назариёнтс машҳур аст, (китоби дуввуми худ бо номи Абулқосими Фирдавсии тусиро асосан роҷеъ ба сарчашмаҳои «Шоҳнома», баён медорад).[12]

Асоси ҳикмати Фирдавсӣ дар муборизаи хайр ва шар ба муроқибати хайёлангез саъй ва кӯшиш ва диловарӣ ва паҳлавонии инсон дар зери фишор ва таъсири маҳибе тақдир ва сарнавишт ба нопойдории ум рва давлат ва тахт ва бесаранҷомии умумри ҷаҳон хулоса мешавад.[13]

Ҳаким Фирдавсӣ масоили фалсафӣ ва адабии паҳлавиро онҷунон устодона ва ба забони содда дар байни ашъор ва достонҳои хамосиаш байён намудааст, ки бархе аз пажӯҳишгарон иддао мекунанд, ки бардоштҳо ва сарчашмаҳои ҳакимӣ ва фалсафӣ дар «Шоҳнома» мабдае ҷуз адабиёти паҳлавӣ надорад

«Бардоштҳои фалсафӣ ва адабӣ «Шоҳнома» маншаъ ва мабдае надоранд, ҷуз адабиёти паҳлавӣ ва бо диққати бештар ҳатто сояи иборот ва ҷумлабандиҳои асли паҳавиро низ метавон дар тамоми «Шоҳнома» дид ва ба ин нукта пай бурд, ки Фирдавсӣ бахши бузурге аз фалсафа ва улуми ақлии давраи Сосониро бо маҳорат ва устодии хоси худаш ба қолиби шеър рехта ва ба мо расонидааст. Дар ин ҷост, ки мегӯем: ин донишманди бузурги Ironӣ на танҳо омили аслии тарҷума ва интиқоли ривоёти ва сунатҳои таърихии паҳлавӣ ба форсӣ будааст, балки омили муҳими интиқоли тафаккуроти фалсафии давраи Сосонӣ ва давраи исломӣ дар таърихи Ирон низ будааст».[14]

Фирдавсии арҷманд, рӯҳ ва ҷавҳари миллигарои дорад ва бо андешаи ҳакимона, дар паси достонсароии худ ҳикмати Ориёи ва асири Иронӣ бисёр зебо ва зиракона баён медорад, ки ин мавзӯъро бо пажӯҳиш дар абиёти асари гаронсанги вай метавон дарёфт.

Оғои Маҳдии Қаравӣ дар бахше аз пажӯҳишҳои худ ба ин матлаб ишора мекунад, ки ба ҷуз давраи Сомонӣ яке дигар аз сарчашмаҳои ҳикмат дар «Шоҳнома», ҳикмати Иронии бостон медонад ва бо таъбири зебо Фирдавсиро ходими самимӣ барои он давра муаррифи мекунад.

«Фирдавсӣ дар китоби худ ҳикмат ва фалсафаи сосониёнро низ каму беш муаррифи ва таҳлил мекунад. Ба назари ман, дар ин кори илмӣ ва адаби низ Фирдавсӣ манбаъ ва ё манобее доштааст, к ибо кӯмаки ин манобеъ вай бо назми ширин ва матбӯъ, расо ва қотеъ ин мафоҳимро баён кард. Дар ҳақиқат ҳикмати Иронии бостон ходими самимие монанди Фирдавсӣ ёфт ва тавонист, к ибо ироа шудан ба забони миллии ҷадиди Ирониён ба зиндагии худ идома диҳад».[15]

Оғои Историков, ки сарчашмаи аслии бахшҳои панд ва андари ҳакимона дар «Шоҳнома»-ро манобеи паҳлавӣ медонад, бар ин бовар аст, ки бахшҳои панд ва андарз ва ҳикмати «Шоҳнома»-ро ҷудо ва ба дастаҳои гуногун таҷзия кардан мушки ласт. Вале усулан байни онҳо бояд ҳам аз лиҳози мафод ва ҳам аз ҳайси мавориди зоҳири ва расмӣ тафовут қоил шуд. Усулан, қисматҳои панд ва андарзии ҳакимона дар манбаи аслӣ ва қаблии паҳлавӣ  Фирдавсӣ тибқи расм ва суннат будааст.

Панд ва андарзи ҳакимона дар пахлавии Сосонӣ ба андозаи фаровон будааст. Бахшҳои ҳакимона вижаи панд ва андарзӣ буда ва ё гоҳе ҳам бо онҳо ҳамроҳ мешавад, вале дар ҳар сурат, ҳам аз лиҳози таркиб ва ҳам аз лиҳози мафод тафовут дорад. Дар ин қитъаҳо баёни эҳсосот ва матолиби шахсӣ бештар аз изофоти хоси панд ва андарзӣ аст, вале агар таъкид кунем, ки қитъаоти ҳакимона комилан мутаалиқ ба худи нависанда ва манзумаи Фирдавсӣ аст, роҳи ифрот паймудаем.[16]

Албатта, ин нақд бар навиштаи Оғои Историков ворид аст, ки чун бисёре аз бузургон, шуаро ва нависандагон Фирдавсии бузургро на фақат ба ин хотир, ки аз манобеи ҳикми ва фалсафӣ истифода кардааст, ҳаким мехонанд, балки маъдуд шуарое будаанд, ки ба ин лақаб номбурдоранд. Зеро Фирдавсӣ як ҳаким аст ва дар гузашта низ Фирдавсиро ҳаким медонистанд. Гузаштагони мо ин лақабро беҳуда ба касе намедоданд ва  Фирдавсӣ шоистаи ин лақаб буд.

«Ирон маҳали пайванди ҳикмат ва фалсафа аст ва бар асоси чунин рӯйкарде аст, ки шеър ва ҳикмат дар Ирон ошкор шудааст. Ашъори Фирдавсӣ мистоқи фармоиши Паёмбари акрам(с) аст, ки мефармояд: «Чи ба со ашъор, ҳоқӣ аст». Фирдавсӣ эҳёкунундаи ҳикмати Иронии бостон аст ва аз ин ҷиҳат қобили қиёс бо Сӯҳравардӣ аст. Дар воқеъ, кори Фирдавсӣ ва Сӯҳравардӣ мукамали якдигар аст».[17]

Аз тарафи дигар, Фирдавсӣ низ худро ҳаким медонад ва хитоб ба худ месарояд, ки:

Ҳакимо чу касс нест, гуфтан чӣ суд,
Аз ин пас бигӯ, к-офариниш кӣ буд.[18]

Бо таваҷҷуҳ ба асл ва маншаи назарот ва мӯшикофӣ дар бораи сарчашмаи боварҳо ва маркази илҳоми Фирдавсӣ метавон гуфт, ки «Вай ба эҳтимоли бисёр, китоби «Минои хирад» ё «Диноuи Минои хирад»-ро[19] дар дастраси худдошта ва онро мешинохтааст. Гузашта аз ин миён,

гуфтаҳои Фирдавсӣ ва мӯҳтавои китоби «Додистони диник»[20] ва китоби «Шиканди гамониквичор» низ тавофуқ ва мушобиҳати бисёр вуҷуд дорад».[21]

Сухани поёнӣ ин, ки шабоҳатҳо ва иштирокоти бисёре байни омӯзаҳои ҳикмии давраҳои пеш ва пас аз ислом вуҷуд дошта ва ҳатто шиорҳои асосии ҳазрати Озартушт, ки ба кирдори нек, пиндори нек ва гуфтори нек супориш мекунад ва Ҳаким Фирдавсӣ ин маворидроончунон бо ҳикматҳои давраи худ, ки муносиби сиришти фикриаш буда пазируфта ва дар ашъори худ овардааст. Дар дуорустии ин матолиб, марҳум профессор Ҳофизи Маҳмудхони Шеронӣ (октябри 1880м. – 15.02.1946 м.) мегӯяд:

«Шоҳнома» саросар панд ва ҳикмат аст аммо ҳамаи онҳо дар чаҳор нукта хулоса мешавад ва ҳамин чаҳор чиз асоси фалсафӣ ё ҳикмати ӯст:

1. Худоро парастиш кунед.
2. Маргро ҳамвора ба ёд дошта бошед.
3. Некӣ кунед.
4. Ҳеҷ касро озор нарасонед.

Ӯ роҳи наҷоти инсонро дар ҳамин чаҳор амал медонад, чунон ки мегӯяд:

Зи рӯзе гӯзар кардан андеша кун,
Парастидани додгар пеша кун.
Ба некӣ гарою маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас».[22]

**КАЛИДВОЖАҲО**: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, сарчашмаҳои ҳикмат, мафоҳими қуръонӣ, бардоштҳои фалсафӣ ва адабии «Шоҳнома», маркази илҳоми Фирдавсӣ, чаҳор амал..

## АДАБИЁТ


1. Салмон Албадур, Ҷанбаҳои аз ҳикмат ва фалсафа дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маҷаллаи Донишкадаи адабиёти Теҳрон, 1371, соли 30, шумораи 1-4.-с.67.
2. Маҳмуди Ибодиён, дар перомуни «Шоҳнома», Интишорти ҷаводи Донишгоҳи, Донишгоҳи Теҳрон, Тирамоҳи соли 1369.-с.17.
3. Муҳаммадалии Исломии Надушан, Достони достонҳо, интишороти Тус, Теҳрон, 2536.-с 252.
4. Қуръони маҷид, Сураи торик, оёти 5 ва 6.
5. Қуръони маҷид, Сураи бақара, ояи 79.
6. Ҳамон чо, ч.1.-с.259.
7. Ҳонри Курбан. Таърихи фалсафаи исломӣ,тарҷумаи Ҷаводи Таботабоӣ. Интишороти Кабир, Теҳрон, 1373.-с.50
8. Қуръони маҷид, Сураи Тин, ояи 80.
9. Ҳамон чоп, ч.8.-с.55.
10. Қуръони маҷид, Сураи Раъд, ояи 12.
11. Ҳамон чоп, ч.1 с. 178.
12. Валисамад ва Виктуриё Орокулво, бозгашт ба Эроншаҳр, чопи Иравон, 2003, с. 21-22.
13. Манучеҳри Муртазавӣ, Фидавсӣ ва «Шоҳнома», чопи аввал, интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, Теҳрон, 1369, с. 22.
14. Маҳдии Қаравӣ, Пажӯҳиш дар «Шоҳнома», Маҷаллаи Ҳунар ва мардум.
15. Ҳамон, шумораи 167.-с. 16.Оғои Историков.
16. А.А. Историков, Фирдавсӣ ва «Шоҳнома», Маҷаллаи Пайёми навин, соли севвум, 1339, шумораи 1.-с.59-60.
17. Ғуломризо Аъвонӣ. Суханронӣ дар ҳамоиши ҳикмати Фирдавсӣ, анҷумани ҳикмат ва фалсафаи Ирон, сешанбе 25.02.1386.
18. «Шоҳнома»-и Жул Мул. Интишороти илми ва фарҳангӣ, ч.1, Теҳрон, 1374.-с.4.
19. «Минои хирад»: шомили як муқаддима ва 62 пурсиш аст, нависандаи он номаълум аст, шояд дар асри Анӯшервони Сосонӣ навишта шуда бошад. Нигоҳ кунед ба пешгуфтори «Минуи Хирад» аз Аҳмади тафаззули чопи Бунёди Фарҳанги Ирон ва тарҷумаи «Минуи хирад». Аз ҳамин донишманд чопи Бунёди фарҳанги Ирон.
20. «Додистон (Дотистон) диник» (паҳлавӣ = ақоиди динӣ) ба забонӣ паҳлавӣ дар боби 92 мавзӯъ шомили 28 600 калима, навиштаи Манучеҳр мӯъбади бузурги Порс ва Кирмон дар қарни IX ин китоб, дар соли 1882 милодӣ ба забони инглисӣ тарҷума шуд ва ҷузъӣ силсилаи китобҳои муқаддаси шарқ ба чоп расид.
21. Маҳдии Қаравӣ, Пажӯҳиш дар «Шоҳнома» Шумораи 187.-с. 16.
22. Ҳофизи Маҳмудхонӣ Шеронӣ, дар шинохти Фирдавсӣ, тарҷумаи доктор Шоҳиди Чуҳдарӣ, чопи аввал, Теҳрон, Интишорот ва омӯзиши инқилоби исломӣ. Соли 1369.-с.311.


## ИСТОЧНИКИ ФИЛОСОФИИ В ШАХНАМЕ ФИРДОУСИ

Шахнаме полон мудрых мыслей, которые Фирдоуси почерпнул в научно-философских произведениях своего времени, и которые соответствовали Корану, хадисам и его собственным идеям. В то же время он использовал и доисламские

философские книги, такие как « Минавии хорд» периода Сасанидов и «Дадистан-е диник» и «Шеканд каманик», а также другие произведения периода пехлеви, включив также в Шахнаме и «Амузехае Азарташта».

**THE SOURCES OF PHILOSOPHY IN "SHAHNAME" FIRDAWSI**

"Shahname" is full of wise thoughts, which have been found by Firdawsi in the sources of philosophy and other sciences of his epoch. They were corresponded to Koran, hadithes and his own ideas. At the same time he used some pre-Islamic philosophical works such as Minavii khurd dated from the period of asanids and "Dadistan-I v j Jpjulg and "Shekand kamanik" and other from te period of Pahiavi as well as "Amuzhoi Azartasht".

# АБУЛҚОСИМИ ҲОЛАТ

*Алӣ Шаҳсаворӣ*
**Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ**

Устод Абулқосими Ҳолат шоир, мутарҷим ва муҳаққиқи тавонои муосир дар соли 1298-и ҳиҷрии шамсӣ дар Теҳрон ба дунё омад. Вай пас аз таҳсилоти муқаддамотӣ ва мутаввасита ба истиҳдоми ширкати нафт даромад ва то замони бознишастагӣ дар хидмати ин созмон буд.

Абулқосими Ҳолат дар ҷавонӣ ба фарогирии забонҳои арабӣ, англисӣ ва фаронсавӣ пардохт ва аз соли 1314-и ҳиҷрии қамарӣ ба шеъру шоирӣ рӯй овард ва ба сароиши шеър дар қолаби кӯҳан ва тазкиранависӣ ҳиммат гумошт. Номи дигари Абулқосими Ҳолат Абдуллои Фард аст.

Устод Ҳолат дар шарҳи зиндагонии худ менависад: «Номам Абулқосим ва номи хонаводагӣ ва тахаллуси шеъриям Ҳолат аст. Таърихи таваллуди ман дар шиносномa соли 1292-и шамсӣ навишта шуда, вале ба иллале, ки шарҳаш дар ин ҷо лозимӣ надорад, ин таърих иштибоҳ аст ва соли 1298 ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Мушаввақи авалияи вай марҳуми Муҳаммад Ҳошими Мирзоафсар- раиси анҷумани адабӣ Эрон буд.

Ҳолат дар соли 1317 ҳамкорӣ бо ҳафтаномаи тавфиқро, ки пас аз 17 сол интишор ба шеваи адабии тоза ба қолаб танзу факкоҳӣ даромада буд, шурӯъ кард. Ва ин ҳамкорӣ то охирин шумораи он маҷалла, яъне тобистони 1350-и шамсӣ идома дошт».[1]

Баҳри тавилҳои Ҳолат бо имзои Ҳудҳуд Мирзо ва ашъорашро бо асомии мустаъор Хурус Лорӣ, шӯх, Фозили Маоб ва Абулайнак ва Анта Алҳамор ба чоп мерасонад. Ҳолат дар соли 1352 аз ширкати нафт бознишаста шуд.

Ҳолат ба масоили динӣ алоқа дошт ва ҳамин сабаб шуд, ки аз соли 1323 ҳар ҳафта чанд рубоии ҷиддӣ, ки тарҷумае аз каламоти қассори ҳазрати Алӣ алаҳиссалом буд, дар маҷаллаи «Оини Ислом» чоп кунад.

Ҳолат дар таронасароӣ низ дасти тавоно дошт ва умуман ин таронаҳо қолаби факкоҳӣ ва интиқодӣ алайҳи вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии он замон буд. Ҳолат дар он солҳо нашриёти «Умед», «Теҳрони мусаввар» ва «Паёми Эрон» низ ҳамкорӣ дошт ва Малик-уш-шуарои Баҳор ӯро ба кунгураи нависандагони Эрон даъват намуд.

Ҳолат дар заминаи мусиқии асили эронӣ низ фаъолият дошт ва сароядаи нахустин суруди Ҷумҳурии Исломӣ буд. Вай пас аз Инқилоби Исломӣ низ алорағми куҳуллатӣ муддати замоне нисбатан тӯлонӣ бо маҷаллаи «Гулоқо» ҳамкорӣ намуд.

Аз устод Абулқосими Ҳолат осори адабиву фарҳангии фаровоне дар заминаҳои танз, шеър, адабиёт ва тарҷума боқӣ мондааст.Девони Ҳолат муштаммал бар қитъаоти адабӣ, маснавиҳо, қасоид, ғазалиёт ва рӯбоёт аст.Устод Ҳолат дар сеюми обони соли 1371 бар асари сактаи дил, аз олам даргузашт.[2]

Осор ва маҷмӯаи ашъори Ҳолат:

1- «Фуккоҳиёт»-и Ҳолат.
2- «Девони Ҳолат».
3- «Девони шӯх».
4- «Гулзори ханда».
5- «Девони ашъор» (ашъори рӯбоиёт).
6- «Парвона ва шабнам» (қасоиди ахлоқӣ ва ирфонии Саъдӣ ва тазкирашоҳони шоир).

Тарҷумаҳо:

1- «Таърихи футуҳот» (Ҷ.Ҷ Сандрс)
2- «Таърихи тиҷорат» (Эрик, Н.Симунас)

3- «Ноилиюн дар табъид» (хотироти генерал Бартрон)
4- «Зиндагии манн» (Марк Твен)
5- «Зиндагӣ бар рӯйи Мисисипӣ» (Марк Твен)
6- «Баҳори зиндагӣ» (Клармис Ҳостӣ Карл)
7- «Ҷодугари шаҳри зумрад» (Франк Боум)
8- «Шабаҳ дар шаҳри Миклонҷ»
9- «Фурӯғи биниш»
10- «Роҳи ростгор»
11- «Маҷмӯаи таърихи комили Ибн Асир» (ҷилди 23).

Ҳолат дар охири соли 1325 бо даъвати Ургрин Пикчер ҳамроҳи ду тан аз ҳазлпешагони эронӣ барои дубляжи чанд филми форсӣ ба Ҳиндустон рафт ва дар он ҷо ҳангоми фароғат аз кор ба такмили забони англисӣ пардохт ва пас аз 20 моҳи истиқомат дар шаҳри Бомбей ба Эрон баргашт. Ҳолат дар соли 1329 бо духтари доии худ издивоҷ кард ва самараи он ду писар ба номҳои Моҳӯр ва Монӣ аст.

Ҳолат дар соли 1327 мудирияти маҷаллаи «Саноати нафт»-ро ба ӯҳда гирифт ва дар айни ҳол ҳамкории худро бо матбуот ҳифз кард.[3]

Ҳолат шоири қудратманду тавон ва доннишманди муҳаққиқ ва мутарҷими забардаст буд ва дар танзи табиӣ авон дорад ва дар аксар ашъораш намаки танз дида мешавад. Ва дар хеле аз ашъораш нуки тези қаламаш ба сӯи ситамгорон аст.

«Ситамгар ва ситамкаш»

Бе ҷиҳат дар ин ҷаҳон кохи ситам барпо нашуд,
Бе сабаб дар ҷаври даст ҷавркашон во нашуд.
Бе ҷиҳат дастури озори касе содир нагашт,
Бе сабаб фармони эъдои касе имзо нашуд.
То нагардид ошкор аҷузмӯш андар масоф,
Гӯрбаеро дар сӯрохи ӯ маъво нашуд.
То нашуд Искандар аз аҳволи Доро бохабар,
Хостори обу хоки кишвари Доро нашуд.
Шерро бо рағми мову шумо нашкаста пушт,
З-он ки аз аввал чу хар, роми шумову мо нашуд.

«Зан ва дарё»

Дар пеши ҳам ниҳодаму санҷидам,
Табъи зану табиати дарёро.
Чун ҳардуро ба чашми хурд дидам,
Кам ёфтам тафовути онҳоро.
Дарё зи чашм каф бар лаб оварда,
Чун дег чашми зан, ки ба ҷӯш ояд.
В-он зан, ки рӯй дар ғазаб оварда,
Дарёст гар ғазаб ба хурӯш оварда.
Дарё ва зан манзарае зебо,
Аз дур ҳардуянд тамошое.
Наздиктар чу пеш гузорӣ по,
Гӯйи куҷост он ҳама зебоӣ?[4]

Абулқосими Ҳолат дасти кам ду шеър бо қолаби нав дорад, қолабе, ки дар шеъри «Чи кунам бо дили хеш» ба кор рафта, аслиҳае аз як мустазод аст, ки дар он назм ду бист нахустин ҳифз шуда,

Оҳ аз дили манн,
Ки аз ӯ нест ба чуз хуни ҷигар ҳосили манн.
З-он ки ҳардам фиканад ҷон маро дар ташвиш,
Чӣ кунам бо дили хеш?[5]

Дар қисмате аз васиятномаи устод Абулқосими Ҳолат, танзнависи маъруфи маҷаллаҳои «Тавфиқ» ва «Гулоқо» мехонем:

Баъди маргам на ба худ заҳмати бисёр диҳед,
На ба ман бар сар гӯру кафан озор диҳед.
На пайи гӯркану қориву ғасол равед,
На пайи санги лаҳад пул ба ҳаҷъор диҳед.
Балки ҳар узви маро аз паси маргам ба касе,
Ки бад-он узв бувад ҳоҷати бисёр, диҳед.

Ин ду чашмони қуриро ба фалон чашм чарон,
Ки дигар хуб ду чашмаш накунад кор диҳед.
В-ин забонро, ки худованди забонбозе буд,
Ба фалон ҳаввачӣ ринд аз пайи гуфтор диҳед.
Калаамро, ки ҳама умр пур аз гач будааст,
Рост таҳвил ало асғари гачкор диҳед.
Кулияамро ба фалон ринди арақхор, ки шуд,
Аз арақ кулияи ӯ пок лату ёр диҳед.
Ҷигарамро ба фалон бечигари беғайрат,
Камарамро ба фалон мардаки занбоз диҳед.
Чонаамро ба фалон зан, ки пайи варочист,
Меъдаамро ба фалон марди шикамхор диҳед.
То магар банд ба чизе шуда бошад дасташ,
Лоақал тухми маро ҳам ба талабкор диҳед.[6]

Бо ин ки Абулқосим Ҳолати Фардӣ мазҳабӣ ва мӯътақид ба қиёмат аст ва шоир ҳарчанд шӯхтабъ бошад, талош мекунад, ки дар авохири умр сухане бигӯяд, то барои охираташ ба кор ояд, аммо дар шеъри васиятномаи Ҳолат боз мебинем, ки ҳамон шӯхиҳои ҷавониро ба кор мебарад ва бо неш танзи худ афроди муфтхӯру чашмчарон, занбозу ринду арақхӯр ва беғайратро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад ва дар охир ҳам як ҷавоби тунд бар даҳани талабкораш мезанад ва дар муқоиса ин шеъри охари умраш бо шеъри «Ситамгар ва ситамкаш» ва «Зан ва дарё» дар меёбем, ки суханаш дар охир тунду тез шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Абулқосим Ҳолат, донишманди муҳаққиқ, мутарҷими забардаст, шеъри васиятномаи Ҳолат.

## АДАБИЁТ

1. Ҳафтаномаи «Гулоқо» ба мудирияти Каюмарси Собирӣ. Соли аввал, шумораи дуюм, с. 8-9.
2. Танзимпардозони муосир (Абулқосими Ҳолат) Рито Асғарпур, интишороти Гулоқо, Теҳрон соли 1372.
3. Саидмуҳаммади Барқаъӣ, Суханварони муосири Эронӣ, ҷилди дуюм,нашри Хуррам,Теҳрон соли 1373, с.1057.
4. Саидмуҳаммади Барқаъӣ, Суханварони муосири Эронӣ, ҷилди дуюм, нашри Хуррам, Теҳрон соли 1373, с. 1054.
5. Доктор Миннат Раҳмон-Тарҷумаи Ёқуби Ожанд, Шеъри давраи машрута,нашри Рӯзгор, Теҳрон соли 1378, с. 110.
6. Танзсароёни Эрогӣ аз машрута то инқилоб,Муртазо Фарҷиён ва Муҳаммад Боқарначафзода Борфурӯш, нашри Сино, Теҳрон соли 1370 шамсӣ.

**АБУЛКАСИМ ХОЛАТ**

Статья посвящена изучению жизни и творческого наследия поэта, переводчика и современного исследователя Ирана Абулкасима Холата , который оставил богатое литературное наследие в виде стихов, переводов.

**ABULKASIM HOLAT**

The author of the article writes Abukasim Holat - poet, translator, taught, was born in Teheran. After graduating study he worked in Oil Company. The Arabic, English and French languages studied in his childhood.

# ЧЕҲРАИ СУДХӮР ДАР АСАРИ СОДИҚ ҲИДОЯТ «ҲОҶӢ ОҚО» ВА САДРИДДИН АЙНӢ «МАРГИ СУДХӮР»

***Марҷон Маданӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи судхӯрӣ яке аз масоили хеле ҳассос дар сохтори иҷтимоиву иқтисодии мамолики Шарқу Ғарб будааст. Судхӯрӣ аз замони пайдоиши ҷомеаи инсонӣ зуҳур карда ва яке аз ҳаводиси манфии зиндагии иҷтимоиву ахлоқии инсоният ба шумор омадааст. Уламои иқтисоддон аз фасоди он суханони бисёре гуфтаанд. Аҳли мазҳабу дин судхӯрӣ, яъне рибоъро, ҳаром ҳукм намудаанд. Аҳли адаби форсизабон дар тамоми таърихи ҳазорсола лаб ба мазаммати ин ҳодисаи ногувор кушудаанд ва дар шеъру достонҳои мутааддаде аз бадиҳои ин падидаи зиёновар сухан гуфтаанд.

Мавзӯи судхӯрӣ дар замони мо низ, ки олам ба роҳи рушду нумӯи тозае ворид шудааст, ҳамеша мавриди гуфтугӯ ва таҳлилҳои ҷиддӣ қарор гирифтаст, зеро он як монеаи бузурге барои ривоҷи табиии иқтисод ва сиҳатии ахлоқии ҷомеа дониста шудааст. Адабиёт низ дар ин мавзӯъ хеле

ҳассос будааст ва аҳли адаб чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ кӯшиданд, то ки симои манфур ва чеҳраи фалокатбори афроди судхӯрро бо қувваи қалами худ таҷассум ва ифшо намоянд.

Аз ин нуктаи назар, асари нависандаи тавонои эронӣ Содиқ Ҳидоят «Ҳоҷӣ оқо» ва адиби бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» хеле ҷолиби диққат буда, барои рӯшан кардани масъалаи мазкур ва шабоҳатҳои ҳунарии адабиёти тоҷику эронӣ дар тасвири бадеии судхӯрӣ ва симои судхӯр маводи ҷолибе метавонад дошта бошад.

Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳ ба асари Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» ҳамзамон бо ба арсаи матбуот ва ба табъ расидани нашри аввали он оғоз мегардад. Устод Айнӣ таълифи асари мазкурро соли 1936 анҷом дода, дар саҳифаҳои матбуот, аз ҷумла маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1937, № 3-4; № 5; № 6) ва рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (1937, моҳи июл) чоп намудааст. Нашри аввали он соли 1939 дар шакли китоби ҷудогона сурат гирифтааст.[1][

Устод Айнӣ баъдҳо дақиқан дар оғози солҳои 50 қарни гузашта, асарро аз нав таҳрир ва ба он бахшҳои тозаеро изофа менамояд. Тибқи шаҳодати адабиётшиносони тоҷик, ин таҳрирҳои нависанда иборат аст аз фаъолияти судхӯрии шахси аввали асар – Қорӣ-ишкамба дар деҳот. Устод Айнӣ ин мавориди изофашударо низ дар матбуот (аз ҷумла сафаҳоти маҷаллаи «Шарқи сурх», 1952, № 9, № 10) мунташир намудааст. Шакли мукаммали ин достон (повест) соли 1955 бо сарсухани муаллиф ба чоп расидааст.[2] Пас аз як сол асари мазкур бо ҳуруфи арабӣ мавриди назари хонандагони бурунмарзӣ низ мегардад.[3]

Дар бораи асари Айнӣ хеле мақолоту пажӯҳишҳои зиёде анҷом шудааст, ки аз бисёр ҷиҳот ҷолиби диққат мебошанд. Бояд гуфт, ки достони «Марги судхӯр» асари воқеъгароёнаи иҷтимоиву ҳаҷвӣ ва равоншиносист. Умуман, ҳаҷву интиқод дар осори пешинаи Айнӣ низ дида мешавад. Бинобар ин, чун сухан аз достони «Марги судхӯр» меравад, ки доираи пажӯҳиш танҳо бо таҳлил кардани он маҳдуд намешавад, балки лузуми он ин аст, ки дар бораи ҳунари ҳаҷвнигории нависанда ба таври куллӣ сухан ба миён оварда бошем. Аммо ин баҳси мавриди дигар аст. Ҳоло мо мутаваҷҷеҳи масъалаи дигар аз хасоиси ин асар, яъне шабоҳатҳои ӯ бо достони нависандаи тавонои эронӣ Содиқ Ҳидоят (1903-1951) ҳастем.

Мақсади мо иборат аст аз нақди татбиқии ду шоҳасари адабиёти муосири форси тоҷикӣ: «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ ва «Ҳоҷӣ оқо»-и Содиқ Ҳидоят. Муқоисаи адабиётҳо ва намунаҳои осоре, ки суннати якдаст доранд ва бахусус ҳамзабон мебошанд, вале бар асари тафриқаҳои иҷборӣ як замони тӯлонӣ аз ҳамдигар дур монда буданд, низ барои илм, хоса илми адабиётшиносӣ ва нақди адабии эронӣ ва тоҷикӣ бисёр муҳим ба назар мерасад. Ва дар ин мавриди татбиқи мундариҷа, дарунмоя, шахсиятҳои асосӣ ва воситаҳои баёну сабки тасвир дар асари Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» ва Содиқ Ҳидоят «Ҳоҷи оқо» маводи ҷолиберо ба мо нишон медиҳад.

Шояд суоле пайдо шавад, ки оё дар мавриди таълифи ин ду асар, ки аз ҳайси мавзӯъ – тасвири судхӯрӣ ва марди судхӯр – умумият доранд, муаллифон аз кори ҳамдигар огоҳӣ доштаанд ё на? Ҷавоби мусбат ба ин пурсиш ҳам акнун муҳол аст. Аммо зуҳури чунин саволе табиист. Зеро, чунонки баён шуд, асари Айнӣ, бахусус бахши аввали он соли 1936 навишта шуда ва соли 1939 аз чоп баромадааст. Аммо «Ҳоҷӣ оқо»-и Содиқ Ҳидоят дар соли 1324/1945 таълиф шудааст. Албатта, тафриқаи зиёд дар муддати таълифи достонҳои мазкур, агар имкони дастрасӣ бошад, метавонист барои таваҷҷӯҳи дуҷониба сабаб гардад. Вале ҳеҷ далел ва иттилое дар хусуси вуруди ин асар то соли 1945 ба Эрон ба даст наёмадааст. Ҳамзамон баъди нашри «Ҳоҷӣ оқо» Содиқ Ҳидоят бо ҳайати илмӣ ва адабии Эрон ба собиқ Шӯравии собиқ, ба Ҷумҳурии Ӯзбакистон сафар карда ва шаҳрҳои Тошканд ва Самарқандро дидааст ва бо Садриддин Айнӣ низ сӯҳбат дошта. Аммо дар мавриди баҳрабардорӣ ва огоҳӣ аз осори якдигар ҳеҷ як аз нависандагони мазкур ва шоҳидони ҳодиса ва ҳатто аҳли таҳқиқ низ ҳеч андешае иброз надоштаанд.[4] Аз таҳқиқоти китобшиносӣ низ рӯшан аст, ки нусхаи арабиасоси достони «Марги судхӯр» соли 1956 ба табъ расидааст. Бинобар ин, бо бовари комил метавон гуфт, ки Содиқи Ҳидоят ҳангоми таълифи «Ҳоҷӣ оғо» аз достони (қиссаи) Садриддин Айнӣ огоҳӣ надоштааст.

Дар осори таҳқиқоти адабиётшиносӣ дар бораи масъалаи мазкур сухан бисёр камранг ба миён омада ва дар Эрон дар бораи «Ҳоҷӣ оқо» кори зиёде анҷом надодаанд ва нақди татбиқӣ нисбат ба он аслан ба кор гирифта нашудааст. Аммо дар бораи шабоҳатҳои Қорӣ Ишкамба ба дигар навъҳои адабии ҳамсонаш дар адабиёти ҷаҳонӣ уламои собиқ шӯравӣ ва тоҷикӣ баҳсҳои зиёде ба миён овардаанд. Аз ҷумла, яке аз муҳаққиқони эҷодиёти Садриддин Айнӣ, ки солҳои тӯлонӣ ба пажӯҳиши осори ӯ машғул гардидааст, И. С. Брагинский дар мавриди шабоҳати шахси аввали қиссаи Айнӣ бо ҳамсонҳои ӯ дар дигар адабиётҳо чунин ибрози ақида кардааст:

«Дар образи Қорӣ Ишкамба хислати ба ҳар гуна майда-чуйдаҳо хасисӣ кардани Плюшкин ва разолати ӯ бо мунофиқию риёкории головёвона (яъне Иудушка Головлев аз китоби С. Щедрин «Ҷанобони Головлевҳо» – М.М.) якҷоя шуда, ӯро дар тамоми ҳаракату тазоҳуроташ манфуру

хандасор мекунад».[5] Бештар аз он, муаллифи мазкур изҳор медорад, ки Айнӣ тавассути ҳаҷви иҷтимоӣ имкон ёфтааст, ки «образи умумиятдодашудаи хасису пулпараст»-ро ба вуҷуд оварад, ки ӯ «дар қатори силсилаи образҳои мумсикҳо ва хасису пулпарастоне, ки адабиёти умумиҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст, ҷои сазовореро ишғол менамояд».[6] Ва муҳаққиқ чеҳраи Қорӣ Ишкамбаро бо Гобсек – шахси аввали асари ҳамноми нависандаи Фаронсавӣ Балзак муқоиса намуда, ба натиҷае мерасад, ки ҳарчанд ки ин ду чеҳра (образ) аз ҷиҳати моҳият ба ҳамдигар шабеҳ мебошанд, вале вобаста ба шароити фаъолият ва бархурдашон ба пулу хислатҳои шахсӣ аз ҳам тафовут доранд. Намунаи Гобсек бо ҳамаи манфурӣ ва қабоҳат ба одамон ваҳшат илқо менамояд. Вай «подшоҳи тилло ва пул аст»[7], аммо Қорӣ Ишкамба низ мисли ӯ қабеҳу манфур аст, ба кас на ваҳшат илқо мекунад, балки ҳисси нафрат ба вуҷуд меоварад: Натиҷагирии И.С. Брагинский дар бораи симои Қорӣ Ишкамба чунин аст: «Ин подшоҳи тиллову пул набуда, балки ғуломи он аст».[8] Ва ин низ ҷолиби диққат мебошад, ки Гобсек ба марги табиӣ (чун хеле пир шудааст, илоҷи дигар нест) мемирад, аммо Қорӣ Ишкамба аз хавфу хабари аз даст рафтани пулҳояш якбора дилпора (дилкаф) шуда мемирад[9]…

Аммо И.С. Брагинский дар мавриди шабоҳати Қорӣ Ишкамба ва Ҳоҷӣ оқо чизе намегӯяд.

Қазияи мазкур нахустин бор аз ҷониби шарқшиноси машҳур Д.С. Комиссаров ба миён гузошта мешавад. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид намуд, ки донишманди мазкур дар яке аз пажӯҳишҳои нахустини худ дар бораи Содиқ Ҳидоят, ки соли 1967 ба забони русӣ интишор ёфтааст,[10] ҳанӯз мутаваҷҷеҳи масъалаи мазкур нашуда буд. Аммо ӯ аз аввалин пажӯҳишгароне ба шумор меояд, ки ин қазияро ба таври мушаххас мавриди баррасиҳои илмӣ қарор дода, мақолаҳо навишт»[11] ва дар бораи робитаҳои адабии Эрону Тоҷикистон сухан ба миён овард.

Аз ҷумла, вай таъкид мекунад, ки ҳарчанд дар як муддати муайян роҳҳои рушду тараққии ин ду адабиёти ҳамзод ба ҷиҳатҳои гуногун ҷараён доштанд, вале онҳоро суннатҳои умумии пешқадам ва «равияҳои прогрессивии муосир» ба ҳам мепайвандад. Дар адабиёти муосири Эрон чеҳраи рушани ин ҷараён Содиқ Ҳидоят аст. Ба гуфти Д. Комиссаров «Вай бо ҳунармандии тамом беҳтарин дастовардҳои адабиёти миллӣ ва ҷаҳониро дар эҷодиёти худ пайванд дода, бо ҷасорати навоварона, ки методи (усули) воқеъгароёнаро ғанӣ мегардонад, ду адабиёти аз ҳайси хасоис мутафовутро ба ҳам наздик овард. Дар ин маврид муқоисаи баъзе аз асарҳои С. Ҳидоят ва С. Айнӣ, бахусус «Марги судхӯр» ва «Ҳоҷӣ оқо» натиҷаҳои ҷолибе метавон дод».[12]

Дар ин маврид нуктаи муҳим он аст, ки агар дар навиштаҳои Иржи Бечка умумияти мавзӯи судхӯрӣ ва таваҷҷӯҳ ба намунаи судхӯрро дар Шарқ ва адабиётҳои ин минтақа ба ҳаммонандии зиндагӣ ва суннати адабӣ, ягонагии ҳаёти иқтисодӣ вобаста тавзеҳ шуда бошад, пас Д. Комиссаров шабоҳатҳои осори Содиқ Ҳидоят ва Садриддин Айниро дар эътиқоди онҳо ба тасвири реалистӣ (воқеъгароӣ) ва дар ин замина такмил додани адабиёти миллӣ аз ҷониби ин ду нависандаи тавоно медонад. Дарвоқеъ, ҳарчанд ба таври куллист, вале дар навиштаи мазкур Д. Комиссаров хеле аз нуктаҳои шабеҳи «Марги судхӯр» ва «Ҳоҷӣ оқо»-ро бо нозукии тамом нишон медиҳад, ки барои баррасиҳои муфассале имконият фароҳам меоварад.

Яке дигар аз уламои эроншинос, донишманди тоҷик Олим Хӯҷамуродов низ дар ҳамин равиш сухан ба миён оварда ва хеле аз нуктаҳои устод Д. С. Комиссаровро бо намунаҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор додааст. Мақолаи эшон бо номи «Мушобиҳоти ду симо» дар мавзӯи мазкур баҳс мекунад[13] ва бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад.

Дар баробари ин ҳама пажӯҳишҳои илмии муҳиму арзанда, ҳамин нукта лозим ба таъкид аст, ки онҳо барои баррасии мукаммали масъала роҳ мекушоянд. Дар замоне, ки робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Эрон рӯз ба рӯз тавсиа меёбад, мавриди пажӯҳиш қарор додани масоил ва лаҳзаҳои шабеҳ, муқоисаи онҳо барои рушан кардани ягонагии афкори адабии форсизабонон, умуман ва хоса мардуми тоҷику эронӣ имконият фароҳам меоварад. Илова бар он, иртибототи адабии кунунӣ дар заминаи таҷрибаи гузашта ва эҷодиёти намояндагони тавонои адабиёти мардумони мо бунёд ёфта, самарааш низ ҷолиб хоҳад шуд. Ниҳоят, ин ҳама авомил роҳе барои ба миён омадани адабиёти форсизабонони садаи XX шароит фароҳам хоҳад овард.

Дар ин мақола мо кӯшиш мекунем, ки дар навбати аввал ба таври мухтасар аз омилҳоие, ки боиси халқи асарҳои С. Айнӣ ва Содиқ Ҳидоят шудаанд, масъала ба миён гузорем.

Аввалан, аз тарҷумаи ҳоли нависандагони мазкур маълум аст, ки онҳо аз ҳаёти иқтисодиву сиёсии чи Осиёи Марказӣ ва чи Эрони шоҳӣ ба хубӣ огоҳ будаанд. Ҳам Айнӣ ва ҳам Ҳидоят бевосита ва ё бавосита бо соҳибони пулу мол, кор дар банк ё муҳосиботи молӣ сару кор доштаанд. Масалан, Садриддин Айнӣ муддате дар корхонаи пунба кор карда, аз ҳуққабозиҳо ва фиребкориҳои соҳиби он огоҳӣ доштр[14] ва ё баъд аз шиносоӣ бо баққоли хасис аз «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар ҷустуҷӯи чунин фарде дар рӯзгорони худаш афтод[15].

Содиқ Ҳидоят низ чанд муддат дар бонк ифои вазифа кардааст ва ба дунёи суду зиёни пулу мол ошноӣ дошт.[16]

Сонияи, метавон ҳадс зад, ки дар баробари ин ҳама, омили асосии эҷоди асарҳои мазкур бояд дониш ва огоҳии эшон аз зиндагии кишвари худ ва дарки хавфу хатари судхӯрӣ бар ҷомеа ва кишварҳояшон буда бошад. Яъне, ин ду нависандаи воқеъбин хеле амиқ пай бурда буданд, ки яке аз авомили муҳиме, ки бунёди иқтисоди кишварҳоро хароб ва гирифтор ба фасод месозад ва мардуми одиро ба хонахаробӣ во медорад, зуҳури судхӯрӣ барин ҳодисаи ногувори иҷтимоӣ буд. Судхӯрӣ дар ҳамаи мамолики Шарқ ба як сурат амал кардааст, ки чи аз ҳайси қонуниятҳои иқтисодӣ ва чи қавонини динӣ мавриди таъйид набудааст. Адабиётшиноси чех Иржи Бечка заминаҳои суннатии зуҳури судхӯрӣ ва тасвири онро дар ҳаёти маънавию мазҳабӣ ва фарҳангию адабии тоҷикон ба таҳқиқ гирифтааст, ки онро метавон бо андаке истисноҳо ба авзоъ ва шароити ҷомеаи Эрони шоҳӣ нисбат дод.Ҳамин тавр, дар ин замина метавон иллати эҷоди асарҳои мазкурро рушан кард ва ҳам омилҳои монандӣ ва шабоҳати байни онҳоро тавзеҳ намуд. Ҳам Қорӣ Ишкамба ва ҳам Ҳоҷӣ-оқо дар муҳити зисти худ камол ёфтаанд. Мақоми иҷтимоӣ ва хислатҳои эшонро зиндагии даврони амирии Бухоро (охири асри XIX ибтидои асри XX) ва даврони шоҳии Эрон дар солҳои 30-40 асри гузашта муайян кардаанд.

Аз ҷумла, Қорӣ Ишкамба, ки исми асосиаш Исматулло мебошад, дар бачагӣ мактаб рафт, аммо пас аз баровардани саводи андак падараш ӯро ба қорихона дод ва пас аз ҳифзи Қуръон «Қорӣ Исмат» ном гирифт. Пас аз марги падар ба ӯ «як ҳавличаи хурд ва ду ҳуҷрае аз мадрасаҳои серваққфи Бухоро ба мерос монд».[17] Қорӣ пулҳои аз вақф ва хатми Қуръон ба даст омадаро «ба одамони камбағали гузараш ва майдадӯкондорҳо бо фоида ба қарз медод»[18]. Ҳамин тавр, ӯ лаззати пули муфтро чашида, ба ҷустуҷӯи роҳҳои пурсуди дигар афтод: бачагони маҳаллаашро ба қиморбозӣ ташвиқ намуд ва онҳо бо пул бозӣ мекарданд. Қорӣ ба онҳо буҷул ва қартаро гарон мефурӯхт ва ин пулҳоро «яке бар ду…ба фоида мемонд»… Аммо ӯ дар баробари ба даст овардани таҷрибаи кофӣ «майдафоидахӯрии сарикӯчагиро… як тараф гузошта, бо дӯкондорони калон ва савдогарон муомила сар кард» ва аз ҳисоби қарзҳои ба онҳо дода фоидаи бисёр мегирифт ва ҳатто ду занашро низ дар ивази қарз аз сарватмандони варшикасташуда муфт ба чанг оварда буд.[19]

Дар айни замон, Қорӣ аз даромадҳои худ барои хӯрок ҳеҷ чизе харҷ намекард. Вай як мумсики ифротӣ буд, ки шикамашро аз ҳисоби ҳуҷранишинон ва сарватмандони бадеҳкор сер мекард. Ба сабаби пурхӯрии зиёд шикамаш бузург ва мардум ба вай лақаби «Қорӣ Исмати Ишкамба» ва мухтасаран «Қорӣ Ишкамба»-ро муносиб донистанд. Ин судхӯри мумсик дар аввали кор соҳиби «панҷсад ҳазор танга, яъне ҳафтоду панҷ ҳазор суми тилло» шуда буд.[20] Илова ба он, Қорӣ пули зиёди худро дар бонкҳо мегузошт ва аз он ҷо суд ба даст меовард. Аммо ҳирси дарёфти суди пулҳо ӯро ором намегузошт ба назараш суди солонаи бонк ва дарсади (фоизи) сарватмандони шаҳрӣ ночиз намуд. Акнун вай рӯ ба деҳот ниҳод ва ба деҳқонони бечораи аз дасти судхӯрони худашон ба танг омада, бо меҳрубонии рӯбоҳона пул қарз медод ва барои ҳар моҳ, масалан аз сад танга ҳар моҳе то даҳ танга фоида мехост ба даст оварад. Вай дар ғорат кардани деҳқонон аз «вексел» ном ҳуҷҷати бонки Русия истифода карда, фоидаи яксоларо дар ҳар замоне ки хост, ба даст меовард… Ва дар поёни кор сармояи ӯ ба 2 миллион рубли русӣ расида буд.

Қорӣ бо ин ҳама дороӣ як марди мумсике буд, ки пулашро на ба касе медод (аз ҷумла, сармояааш аз занҳояш ҷудо буд ва на хизматгору на фарзанд дошт) ва на барои худаш харҷ мекард. Чунонки гуфтаанд:

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар ба мисол:

«Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад».[21]

Барои Қорӣ пул ҳама чиз буд, балки зиёдтар аз он: Вай гуфтааст: «Охир пул ҷон нест, ки одам дар ҳар куҷо ва ба ҳар чиз фидо кардан гирад»[22]. Айнӣ ҷараёни боло гирифтани ҳирси судхӯрӣ ва тарси аз даст додани сармояро дар андешаи қаҳрамонаш аз назари равонӣ ба сурати ҳаҷву фоҷиа хеле муфассалу боэътимод мавриди таҳлилу тасвир қарор медиҳад. Дар бисёр мавридҳо Қорӣ изҳор доштааст, ки пул барои ӯ аз ҷон ҳам ширинтар аст. Масалан, ҳангоме ки як қисм аз сармояи ӯро хазинадор Мулло Абдулло бо фиреб аз худ кард ва Қорӣ аз баргардонидани он ноумед гашт, балки ӯро дурӯғгӯй ҳисобида, аз мирзохона ронданд, вай ба фарёд омадаву мегуфт:

«-Ҷони ман ин ҷо монд, ман чӣ гуна меравам, магар тани беҷон роҳ рафта метавонад?!»[23] С. Айнӣ вобаста ба тағйири вазъи сиёсии давр тағйир ёфтани рӯҳияи Қориро муфассал таҳлил намуда, инкишофи мантиқии ҳирсу ҳароси ӯро бо эътимод нишон медиҳад. Ва дар ниҳоят Қорӣ Ишкамба бо шунидани хабари аз даст рафтани пулаш (дар натиҷаи инқилоби болшевикӣ) ҷон ба ҷонофарин таслим кард, ки табиӣ ва мантиқист.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ дуруст қайд намудааст: «Повести «Марги судхӯр» маҳсули мушоҳидаҳои бисёрсолаи ҳаётӣ, натиҷаи фикру мулоҳизаҳо ва

таҷрибаҳои нави эҷодии С. Айнӣ»[24] мебошад ва «Қорӣ Ишкамба – образи бисёр моҳирона умумкардашудаи судхӯри хасису мумсик, қаллобу риёкор, танпарвар ва худбин, беҳаё ва савдоӣ мебошад. Тамоми хислатҳои бади дунёи феодалӣ, хусусан охири асри XIX ва аввали асри XX, дар образи Қорӣ Ишкамба… пурра ва ҳамаҷониба таҷассум ёфтааст».[25]

Ҷамол Мирсодиқӣ, адиб ва муҳаққиқи эронӣ, «Ҳоҷӣ оқо»-ро ба гурӯҳи асарҳои Содиқ Ҳидоят, ки «ба иллати нафрат аз режими фосид ва золим ва таваҷҷӯҳ ба зиндагии маҳрумону тиҳидастон ва беадолатиҳо навиштааст», ворид мекунад. Ба қавли вай, Ҳидоят дар ин асарҳо кӯшидааст, то ки «ниқоб аз чеҳраи риёкориҳо ва авомфиребиҳо бардорад». Бештари достонҳои Ҳидоят дар ин даста қарор мегиранд, мисли достонҳои баланди «Ҳоҷи оқо» ва «Алавияхонум»…».[26] Ва аз ҳамин ҷиҳат, симои Ҳоҷӣ оқои Содиқ Ҳидоят бо рӯзгори Қорӣ Ишкамба монандиҳои зиёде дорад. Донишманди тоҷик О. Хуҷамуродов дуруст қайд кардааст: «Қорӣ Ишкамба низ мисли Ҳоҷӣ пулро аз ҷони худ зиёдтар дӯст медошт. Аз назари ӯ, ҳаёт иборат аз пул буд, ҳаёт ва лаззатҳои он бе пул ба чизе намеарзанд»[27]

Дарвоқеъ, Ҳоҷӣ-оқо низ аз падараш мероси «пурарзише» гирифтааст. Падараш Машдии Файзуллоҳ аз харидани арзону гарон фурӯхтани танбоку доро шуд, вале дар 93 солагӣ «аз шиддати хиссат ва лиомат мурд», чаро ки барои давои худ «дору нахарид» ва «аз давои молидание, ки дар хона буд, хӯрду мурд»[28] ва тамоми ирсаш ба писари ягонааш Ҳоҷӣ Абутуроб расид.

Ҳамин тавр, Абутуроб ҳаҷ нарафта «ҳоҷӣ ба дунё омада буд», вале «дар хиссат ва чашмтангӣ аз падараш дасти каме надошт», «сари даҳ шоҳӣ аламшанге ба по мекард», ба илова «саводи дуруст надошт».[29] Аммо соҳиби молу сарвати фаровоне буд. Нависанда таъкид мекунад:

«Бо вуҷуди даромади ҳангуфт, ки аз амлок ва мустағеллот ва дӯкону ҳаммом ва хонаи иҷораву муомилоти бозор ва корхонаи кафшбофӣ ва порчабофии Исфаҳон ва корчоққуниҳои калон дошт ва ҳатто бо суфарои Эрон дар хориҷа марбут буд ва аҷноси қочоқ муомила мекард. Ҳар рӯз ҷираи қанди хонаашро мешумурд, ҳезумро мекашид, бору бандили сиғаҳояшро ворасӣ мекард ва дар қадим, ки истилоҳи машрута ҳанӯз боб нашуда буд, ҷулуи ҳаштии хона, раиятҳо ва навкарашро ба чӯб мебаст. Аммо зоҳири фиребандае дошт ва қиёфаи ҳақбаҷониб ба худ мегирифт, ба тавре ки ҳама пушти сараш мегуфтанд: чӣ одами ҳалими салимест!..

Ҳоҷӣ мӯътақид буд, ки ҳазор дӯст каму як душман зиёд аст. Ба ҳамин ҷиҳат бо ҳар кас гарм мегирифту дили ҳамаро ба даст меовард ва бо муҳити худаш созиш пайдо карда буд. Аз ин рӯ, хелеҳо фидоии ӯ буданд. Дар сиёсат ҳам ҳамеша дахолат мекард, вакилон ва вазир метарошид ва худаш ҳам каббодаи риёсати вузароро мекашид».[30] Ҳоҷии бесавод, ҳофизаи қавӣ дошт, дар назди муаллими хона «Гулистон» ва «Бӯстон»-ро хонда, машқи хатту ҳисобро ёд гирифта буд… худро таърихдон, луғатшинос ва муаллими ахлоқ мепиндошт ва гӯё дар садади навиштани китобе дар бораи ахлоқ будааст. «Ҳамеша дар садри маҷлис менишаст»[31]; дар маҷолиси адабӣ ва илмӣ иштирок мекард; «дар ҳама ҷо иштибоҳоти музҳик мекард, фақат сари ҳисоби пул мӯйро аз мост мекашид»[32]. Аз ин ҷиҳат низ ӯ ба Қорӣ хеле шабеҳ аст. Ҳоҷӣ борҳо изҳор доштааст: «пулро, ки бо коғаз намечинанд»[33], «шумо гумон мекунед, ки пул алафи хирс аст»[34]. Нависанда ин ҳирси Ҳоҷиро хеле хуб тасвир кардааст. Содиқ Ҳидоят менависад:

«Пул маъшуқу дармон ва мояи лаззату ваҳшати ӯ буд ва ягона мақсудаш дар зиндагӣ ба шумор мерафт. Аз исми пул, садои пул, шумориши пул дили Ҳоҷӣ қанҷ мезад ва бетоб мешуд. Ӯ пулро барои пул буданаш дӯст медошт ва мепарастид ва тамоми васоилро барои ба даст овардани он ҷоиз медонист».[35]

Ва нуктаи муҳиме, ки Ҳидоят таъкид менамояд, ин аст, ки Ҳоҷиро (чун Қорӣ Ишкамба) «табиат… ӯро дар муҳити муносибе ба вуҷуд оварда буд».[36] Дар ҳақиқат муҳити иқтисодиву сиёсӣ Ҳоҷиро тарбия кардаву шароит ба миён оварда, ба майдони фаъолият оварда буд. Яъне, ба қавли Ҷамол Мирсодиқӣ, дар ин маврид «шахсиятҳои қарордодӣ ва шахсиятҳои навъӣ (типик) яке мешаванд ва мушаххасоту вижагиҳои ҳамдигарро пайдо мекунанд, мисли шахсияти Дош Окул ё Ҳоҷӣ-оқои Ҳидоят, ки дар айни он ки шахсиятҳои қарордодӣ ҳастанд, шахсиятҳои навъӣ низ ҳастанд».[37] Дар айни замон, Ҳоҷӣ низ мисли Қорӣ Ишкамба аз ҳайси равонӣ низ таҳлили муфассал шудааст. Ҳирси Хоҷӣ ба дараҷае мерасад, ки ҳатто дар хобаш ҳам тамоми ҳушу ёдаш мутаваҷҷеҳи ҷалби манфиат ва дафъи зарар буд.

Ҳоҷӣ дар баробари ин ҳама дороӣ, амсоли Қорӣ як марди хасис мебошад. Барои давои занаш (Ҳалимахонум) даворо дареғ медошт, ба бачааш барои хӯрдани оби набот намехост пул харҷ карда бошад. Барои хӯроки хонавода аз истифодаи асбоби зиёд (масалан, пиёз) бо хидматгораш Мурод даъво мекард. Ӯ тоқати зиёнро надошт ва агар он рух диҳад, ба қавли нависанда, «қиёфаи бегуноҳаш иваз мешуд ва он рӯи сагаш боло меомад»[38].

Ҳоҷӣ ва Қорӣ, аз ному унвонашон маълум аст, ки худро тақводор медонистанд, вале дар ин амал низ онҳо аз дину имон бештар дар мавриди фоида фикр мекарданд…

Албатта, маълум аст, ки шабоҳати ин ду асар, бахусус чеҳраи судхӯронаи онҳо хеле зиёд аст. Агар ҷузъиётҳои дигаре чун чеҳра, сухан, гуфторро изофа намоем, ин монандиҳо боз бештар хоҳад буд, ки ин корро ба вақти дигар во мегузорем.

Аммо дар поён ҳамин нуктаро бояд таъкид намоем, ки ҳарчанд Қорӣ Ишкамба ва Ҳоҷӣ-оқо моҳиятан ба ҳам яксон ҳастанд, вале шароити амалиёт ва замони фаъолияташон аз ҳам тафовут дорад. Аз ин рӯ, агар Қорӣ Ишкамба бандаи пул аст ва ё Гобсек ҳокими он, пас чунин ба назар мерасад, ки Ҳоҷӣ-оқо ин ду хислатро дар худ таҷассум кардааст. Метавон гуфт, ки дар чеҳраи ӯ ҳам хусусиятҳои шарқӣ (боқимондаҳои феодалӣ) ва ҳам хасоиси ғарбӣ (зуҳури ҷомеаи буржуазӣ) ба ҳам омадаанд. Дар поёни мақола метавон натиҷагирии Д. Комиссаров, ки моҳияти масъаларо хеле хуб бозгӯ намудааст, нақл намуд. Вай менависад:

«Ҳамин тавр, байни Қорӣ Ишкамба ва Ҳоҷӣ-оқо монандиҳои типологӣ (татбиқӣ) мавҷуд аст. Аммо ин шабоҳатҳо назари таърихиро, ки шарҳи хусусиятҳои мутафовити байни ин ду навъи судхӯрон вуҷуд доштаро тақозо дорад, истисно намекунад. Аммо тафовутҳои мавҷуда барои ба муқобили ҳам гузоштани ин ду чехра сабаб наметавонад бошад. Дақиқтар ин аст, ки Ҳоҷӣ-оқо гӯё то як андоза идомаи чеҳраи Қорӣ Ишкамба мебошад. Ҳар ду намоди шароити сохти феодалӣ мебошанд, аммо Қорӣ Ишкамба дар Бухорои охири асри XIX ва аввали асри XX таваллуд шуда ва Ҳоҷӣ оқо намунаи афроди миёнаи асри XX мебошад, ки хислатҳои ҷадиди хоси ин давраи Эронро дар худ фаро гирифтааст».[39]

Ҳамин тавр, чеҳраи судхӯрон дар асарҳои Садриддин Айнӣ «Марги судхӯр» ва Содиқ Ҳидоят «Ҳоҷӣ-оқо», шабоҳат ва тафовутҳои онҳо баёнгари ягонагии зиндагӣ, рӯҳу равон ва фарҳангу адабиёти эрониёну тоҷикон маҳсуб мешаванд, ки ба шароити дурӣ ва мамониати идеоложӣ нигоҳ накарда, балки тавассути адабиёти бадеӣ бо шеваи хосе идома доштааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: симои судхӯр, адабиёти тоҷикӣ, адабиёти эронӣ, нақди татбиқӣ, қаҳрамони навъӣ (типӣ), тасвири воқеъгароёна, таҳлили равонӣ.

## АДАБИЁТ


1. С. Айнӣ. Марги судхӯр. – Сталинобод, 1938. – 107 с.
2. С. Айнӣ. Марги судхӯр. Бо таҳрири нав ва иловаҳо. Сарсухани муаллиф. – Сталинобод, 1955, - 178 с.
3. С. Айнӣ. Марги судхӯр (бо ҳуруфи арабӣ). – Сталинобод, 1956. – 253 с.
4. Дар ин бора ниг.: Сафари Ҳидоят ба Тошканд (16-30 озари 1324) – Дар китоби «Шинохтномаи Содиқ Ҳидоят». – Теҳрон, Нашри Қатра, 1379, с. 611-632.
5. И.С. Брагинский. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душ.: Ирфон, 1968, с. 124.
6. Ҳамон ҷо.
7. И.С. Брагинский. Ҳамон асар, с. 125.
8. Ҳамон ҷо.
9. Ҳамон маъхаз, с. 126.
10. Д.С. Комисаров. Садек Хидоят. Жизнь и творчество. – М.: Наука, 1967.
11. Д.С. Комисаров. Кори-Ишкамба и Хаджи-ага // Памир, 1973, № 12, саҳ. 87-89; Инчунин ниг.: Кори-ишкамба и Хаджи-ага // Ҷашномаи Айнӣ, ҷ. V. - Душ.: 1978, с. 205-209.
12. Ҷашнномаи Айнӣ, ҷ. V., с. 205-206.
13. Олим Хӯҷамуродов. Мушобиҳоти ду симо//Садои Шарқ, 1988, шумораи 4, с. 105-109.
14. С. Айнӣ. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. – Сталинобод, 1958, с. 72-74. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо, ба кушиши Саидии Сирҷонӣ.- Интишороти «Огоҳ», Теҳрон, 1362. с. 808-809.
15. С. Айнӣ. Ёддоштҳо, ба кӯшиши Саидии Сирҷонӣ.- Интишороти «Огоҳ», Теҳрон, 1362. с. 422.
16. Абдуалии Дастғайб. Содиқ Ҳидоят // Маҷаллаи «Паёми навин», соли савум, фарвардини 1340, шумораи 7, с. 3-4.
17. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. IV. – Душ.: Сталинобод, 1961, с. 93.
18. Ҳамон ҷо.
19. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. IV., с. 96-97.
20. Ҳамон ҷо.
21. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. IV, с. 167.
22. Маъхази мазкур, с. 108.
23. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. IV, с. 160.
24. Н. Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959, с. 41.
25. Ҳамон маъхаз, с. 43.
26. Ҷамол Мирсодиқӣ. Адабиёти достонӣ. – Теҳрон: Интишороти «Шифо», 1366, с. 606-607.
27. О. Хӯҷамуродов. Мушобиҳати ду симо // Садои Шарқ, 1988, шумораи 4, с. 107.
28. Содиқ Ҳидоят. Ҳоҷӣ оғо. – Теҳрон: Интишороти Ҷовидон, 2536, с. 38.
29. Ҳамон маъхаз, с. 39.
30. Ҳамон ҷо.

31. Ҳамон маъхаз, с. 40
32. Ҳамон маъхаз, с. 41.
33. Ҳамон маъхаз, с. 10.
34. Ҳамон маъхаз, с. 11.
35. Ҳамон маъхаз, с. 45.
36. Ҳамон маъхаз, с. 45.
37. Ҷалол Мирсодиқӣ. Аносири достон. – Теҳрон: Интишороти «Шифо», 1367, с. 200.
38. Содиқ Ҳидоят, Ҳоҷӣ оқо, с. 45.
39. Д.С. Комиссаров. Кори-Ишкамба и Ходжи-ага // Ҷашнномаи айнӣ, ч. V. – Душ.: Дониш, 1978, с. 208.

## ОБРАЗ РОСТОВЩИКА В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ САДЕКА ХЕДАЯТ «ХАДЖИ-АГА» И САДРИДДИНА АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА»

Статья посвящена сравнению изображения образа ростовщика в произведениях Садека Хедаята «Хаджи-ага» и Садриддина Айни «Смерть ростовщика». Автор, опираясь на существующие научные работыи используя метод сравнительного исследования, предпринимает попытку научно объяснить идентичные качества главных героев этих произведений, показать причины, которые способствуют выяснению одних из основ единства таджикской и иранской литературы в различных социальных условиях.

## THE IMAGE OF USURER IN SADIQ HIDAYAT'S WORK "HOJI OGHO" SADRIDDIN AYNI "MARGI SUDKHUR"

The article is talking about the comparative of the scenes of the usurer in the works of Sadiq Hidayat "Hoji ogho" and Sadriddin Ayni "Margi sudkhur". The author resting in existing of the scientifical works and using the method of comparative studies is going to scientifically explain the identifical quality of the bacis heros of these works and show the reasons which promote the clarifications the bases of Tajik and Iranian literature unity in different social conditions.

# ОШНОӢ БО АДАБИЁТИ ТАТБИҚӢ

***Абдулмаҷиди Арҷманд***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи озоди исломии Эрон, воҳиди Ёсуҷ**

Адабиёти татбиқӣ навъе фаъолият дар ҳавзаи нақди адабӣ маҳсуб мешавад, ки дар он дар бораи пайванди адабиёт дар ду ё чанд фарҳанги мухталиф пажӯҳиш мешавад. Дар баррасии татбиқии осор метавон ба чигунагии таъсири дидгоҳҳои фикрӣ ва нуқоти фарққунанда ва ваҳдати андешаҳои башарӣ пай бурд. Дар мақолаи ҳозир, нахуст мафоҳим ва таорифи куллӣ ва таърихи мухтасаре аз пайдоиши адабиёти татбиқӣ ва сипас, аҳамияту натоиҷи он мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳар гоҳ мо адабиётро бидуни таваҷҷӯҳ ба марзҳои сиёсӣ ва ҷуғрофиёӣ ва ё тафовутҳои фарҳангӣ ва забонӣ мавриди мутолиа қарор диҳем, вориди арсаи адабиёти татбиқӣ гардидаем. Дар адабиёти татбиқӣ эътиқод бар он аст, ки тақсимбандии адабиёт бар асоси забон ва миллият ва ҷудо донистани адабиёти бумии милали мухталиф навъе марзбандии тасанӯӣ ва сохтагӣ аст. Ба иборати дигар, адабиёти милали мухталифи ҷаҳон дар моҳият тафовути чандоне надоранд ва агар тафовуте ба чашм мехӯрад, ихтилоф дар шаклу сурати зоҳирии онҳост.

Франсис Юст устоди шаҳири адабиёти татбиқии Донишгоҳи эленавии Амрико дар китоби худ «Даромаде бар адабиёти татбиқӣ» мегӯяд: «Барои ҳамаи милали ҷаҳон даврони инзивои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба гузашта тааллуқ дорад. Фарҳанги Ғарб бад-он сон, ки дар адабиёт ҷилвагар шуда, байналмилалӣ гардидааст. Ҳарчанд ки қаламрави ин фарҳанг ҳамчунон дар маҳдудаи марзҳои забонӣ боқӣ хоҳад монд, чаро ки зебоии адабӣ фақат бар асоси мафоҳим, сохтор ва мавзӯот нест ва ба вижагиҳои хоси ҳар забон, ҳамчунон садоҳо, қофияҳо ва тасовири калимаӣ низ марбут мешавад. Рӯйкарди сирфан миллӣ ба таърихи адабиёт ва нақди адабӣ ончунон ки дар барномаҳои ҷадиди омӯзишӣ ва дарсии донишгоҳҳо ба чашм мехӯрад, мансух шудааст. Ин талоши фикрии ҷадиди ба тавлиди риштаи ҷадид анҷомидааст. Ҳар он ки адабиётро падидае ҷаҳонӣ бишуморад ва аз манзари байналмилалӣ ва на миллатгароӣ бад-ин бингарад, дарвоқеъ, вориди қаламрави адабиёти татбиқӣ гардидааст». (1,с.5)

Агар бихоҳем таърифе хулоса ва нисбатан ҷомеъ аз адабиёти татбиқӣ ироа диҳем, бояд бигӯем: «Адаби татбиқӣ муодили форсии «Литератур Компари»-и фаронсавӣ, «Компаратив литератур»-и англисӣ ва «Адабулмукрон»-и арабӣ, иборат аз донише аст, ки дар бораи мавориди талаққии адабиёт дар забонҳои мухталиф ва ёфтани пайвандҳои печида ва мутааддиди адаб дар гузашта ва ҳол ба пажӯҳиш мепардозад ва ба ибораи кӯтоҳтар «адаби татбиқӣ иборат аст аз таҳқиқ дар боби равобит ва муносибат байни адабиёти милал ва ақвоми мухталифи ҷаҳон».

Бо тааммул дар ин таориф дармеёбем, ки адабиёти татбиқӣ дорои рисолате фарогир ва ҷаҳоншумул мебошад, ки барои равшан шудани абъоди мухталифи ин рисолат изҳороти доктор Муҳаммад Ғанимии Ҳилол дар ин заминаро нақл мекунем: «Адабиёти татбиқӣ афзун бар тақвияти шахсияти қавмӣ ва тарбияту рушди абъоди истеъдодҳои асил ва ҳидояти онҳо ба роҳи мустақим ва раҳбарии ҳаракатҳои навгирой ба шевае судманд ва ошкор кардани усули кунунии қавмиятҳо ва баёни густариши кӯшишҳои ҳунарӣ ва фикрии мо дар сайри мероси адаби ҷаҳонӣ – афзун бар инҳо, рисолати инсонии дигареро низ бар дӯш мекашад ва он ошкор сохтани асолати рӯҳи қавмӣ дар пайванд ва иртибот бо рӯҳи инсонҳо дар гузашта ва ҳол аст». (2, с.19)

Аз дидгоҳи адабиёти татбиқӣ, адабиёт падидае ҷаҳонӣ аст. Адабиёт ҳамчун рӯдхонаи бузургу паҳновар аст, ки дар тӯли масири худ ҳасби бештаре, ки дар он ҷараён дорад, шаклҳо ва рангҳои мухталиф ба худ мегирад. Осоре, ки шоирон ва нависандагони бузурги дунё халқ кардаанд, дар айни танаввӯъ ва фаровонӣ дар асос ва бунёде, ки номаш «адабиёт» аст, шарик ва саҳим ҳастанд. Дар айни ҳол, ки хонанда ба танаввӯи ин осор, ки ба забонҳои мухталиф навишта шудаанд, огоҳӣ дорад, ба навъе ваҳдат ва ягонагии меҳварӣ дар вароӣ ин тафовутҳои қишрӣ пай мебарад. Дарвоқеъ, адабиёти татбиқӣ гунаҳои мухталифи адабии ақвом ва милалеро ба масобаи ҳалқаҳои ташкилдиҳандаи як занҷири воҳид ба шумор меоварад. Ҳалқаҳое, ки дар айни истиқлол иртибот ва вобастагии танготанге бо якдигар доранд. Ба баёни дигар, адабиёти татбиқӣ дар пайи фаҳмидани чигунагии иттисоли ин ҳалқаҳо ба якдигар аст.

Дарвоқеъ, адабиёти татбиқӣ шохае аз нақди адабӣ аст, ки равобити адабии миллатҳои мухталифро бо ҳам муқоиса мекунад ва аз инъикоси адабиёти миллате дар адабиёти миллати дигар сухан мегӯяд: Масалан, таъсири адабиёти Эрон дар адабиёти араб, фаронсавӣ, инглис, рус, турк, ҳиндиву чинӣ ё баръакс баҳс мекунад. Ба иборати дигар, дар адабиёти татбиқӣ тасвир ва адабиёту фарҳанги миллате дар байни миллатҳои дигар инъикос пайдо мекунад.

«Бинобар ин, дар адаби татбиқӣ он чи мавриди назари муҳаққиқ аст, нуқси асари адаби нест, балки таҳқиқ дар кайфият ва таҷаллӣ ва инъикосе аст, ки асари адабии қавме дар адабиёти қавме дигар ба ҷо мегузорад». (3, с.126)

Унвони «Адабиёти татбиқӣ» мумкин аст чунин маъноеро ба зеҳн ворид созад, ки ҳадаф аз ин риштаи пажӯҳиш муқоиса ва татбиқӣ адабиёти мухталифи қавме ва миллате аст. Дар сурате ки дар ин гуна пажӯҳишҳо муқоиса танҳо абзори кор буда ва ҳадафи ғоявии дастёбӣ ба он ҳастӣ ва ҷавҳараш воҳидӣ аст, адабиёт номида мешавад.

Овен Олдрич – сардабири маҷаллаи маъруфи «Мутолиоти адабиёти татбиқӣ» мӯътақид аст: «Акнун ҳама бар сари ин мавзӯъ тавофуқ доранд, ки адабиёти татбиқӣ ба маънии муқоисаи адабиёти қавмӣ ва миллӣ нест». Адабиёти татбиқӣ дарвоқеъ равише аст барои кушудани рӯйкардҳои ҷадид ба осори адабӣ ва ғ. равише дар вароӣ маҳдудаҳои танг ва мушаххаси марзҳои миллӣ ва ҷуғрофиёӣ то он ҷо, ки равобит байни адабиёт ва соири шохаҳои улуми инсонӣ ва ҳунар набз падидор гардад. Мутолиоти адабиёти татбиқӣ дар асос бо мутолиоти адабиёти милали мухталиф тафовуте надорад, ҷуз ин ки дар адабиёти татбиқӣ мавзӯи таҳқиқ бисёр густурдатар аст ва беш аз як адабиётро фаро мегирад ва ҳар он чиро, ки донишҷӯ қодир ба хондани он бошад, шомил мешавад. (4, с.1)

Барои адабиёти татбиқӣ монанди бисёре аз донишҳои дигар наметавон мабдаи таърихии дақиқ ва муайяне зикр намуд. Он чи мусаллам аст, ин ки ҷилваҳои он ба сурати асаргузорӣ ва асарпазирӣ аз дер боз вуҷуд доштааст. Дуктур Ғанимӣ Ҳилол нахустин ҷилваи боризи онро таъсири адабиёти Юнон бар адабиёти Рум пас аз шикасти Юнон дар баробари Рум (146 пеш аз мелод) медонад ва шукуфоии адабиёти лотинӣ ва урупоӣ, бавижа адабиёти итолиёвӣ ва фаронсавӣ дар давраи реносанс (эхё)-ро ношӣ аз асарпазирӣ ва тақлиду маҳакоти он аз адабиёти Юнонӣ тавсиф мекунад. Аз он ҷо ки қарни 19-ум қарни шукуфоии илму фанҳои мухталиф ва қарни ихтироот ва ибдоот ба шумор меояд, бояд гуфт, адабиёти татбиқӣ низ дар маънои воқеии он ва ба унвони донише ҷадид ва мустақил дар ин қарн по ба арсаи вуҷуд ниҳод ва зуҳуру таҷаллӣ ёфт.

Ҷумлаи маъруф Эрнест Ринон (1823-1892), ки мегӯяд: «Рушди фикре башар мумкин аст дар натиҷаи бархӯрди ҳазорон фикр ва андешаи гуногун падид омада бошад, ки барои як ҳадаф бо якдигар талаққӣ кардаанд». (6, с.17)

Ноқидонро бар он дошта, ки ба ҷустуҷӯ ва таҳқиқ дар бораи маншаъ ва решаи афкор ва чигунагии таквини фарҳанги афрод ва ҳукуматҳо бипардозанд. Бад-ин тартиб ва бар асари ин тафаккур нахустин китоб таҳти унвони адабиёти татбиқӣ тавассути Бусенти англис дар соли 1881 таълиф шуд. Бусент дар ин китоб ба баррасии падидаи адаб асарпазирӣ аз авомили иҷтимоӣ ва пешрафт дар натиҷаи такомили ҷомеа пардохт. Пас аз вай Летрунов – нависандаи фаронсавӣ китобе бо унвони «Таҳаввули адабиёт дар миёни нажодҳои инсонӣ». Навишт, ки дар он аз равиши Бусент пайравӣ намудааст (3, с.86).

Дуктур Ғанимӣ Ҳилол (1828-1893) ноқид ва муарриху файласуфи фаронсавӣ, Гостон Боре (1893-1903) ва Фердинол Брунтер (1849-19-06) ноқиди номдори фаронсавӣ, аз Жузеф Таксет ба унвони падари адабиёти татбиқӣ ёд мекунанд. Ин муҳаққиқи фаронсавӣ ба таҳқиқ дар равобити адабиёти Урупо бо якдигар пардохт ва навоқиси таҳқиқоти гузаштаро ҷуброн намуд ва адабиёти татбиқиро такомул бахшид.

Аз ҷумла, масоил ва мавзӯоте, ки Жузеф баррасӣ намудааст, таъсири қудамо дар асри реносанс (эҳё), таъсири адабиёти жарманӣ дар адабиёти фаронса ва усули нахустини ҷаҳонӣ шудани адабиёт мебошад. Фердинол Болдинс Паржа, Пул Тегам, Ҷон Мори Коря ва Дидея (парчамдори адабиёти татбиқӣ) дар асри ҳозир аз ҷумлаи касоне ҳастанд, ки пайравӣ аз Жузеф Таксет ба таҳқиқ дар заминаи адабиёти татбиқӣ пардохтаанд.

Агарчи адаби муқоисавӣ ё татбиқиро дар Шарқ, бахусус Эрон, наметавон нодида гирифт, бешак нахустин адиб ва мунтақиди эронӣ, ки аз тариқи нақди татбиқӣ ба баррасӣ ва таъсири адабиёти шарқӣ, бахусус адабиёти форсӣ бар адабиёти англисӣ пардохт ва ҳатто дар чандин маврид, шояд барои нахустин бор, ба аҳқоқи ҳақ пардохт, Муҷтабон Минуӣ буд. Ӯ буд, ки бо заковат мутазаккир шуд, ки достонҳои маъруф ба Долопатос, ки унвони Сантипос ҳам доранд, дарвоқеъ тарҷумаи китоби Синдбод мебошанд. Донте ва ҷойгоҳашро дар адабиёти Италиё қобили қиёс бо Рӯдакӣ ва ҷойгоҳаш дар адабиёти Эрон донист. Аз таҳқиқоти Осин Полосиюс дар хусуси «Комедияи Илоҳӣ»-и Донте, ки вақоеи он шабеҳ ба ахбор ва аҳодис ва адабиёти муслимин аст ва низ аз таҳқиқоти пешини Эдгар Блуша, ки достони «Сууди рӯҳи Ардавирож»-и Муслиҳиддини Зардуштиро ба олами барин ва дидани биҳишту дӯзахро баррасӣ ва онро бо китоби Данте муқоиса карда буд. Лекин Никелсон чунин мазмунеро дар Саноии Ғазнавӣ ҳам ёфт. Сухан гуфт аз Ҷосари инглисӣ – ҳамасри Ҳофиз ва ҳикоёти «Кунтурбурӣ»-и ӯ, ки мутаассир аз адабиёти шарқӣ аст, равобити адабии мавҷуд миёни осори мухталифи адабии ҷаҳон, ки ба навҳе бо ҳам иртибот доштаанд, мепардозад.

Як асари адабӣ метавонад бар асар ё осори адабии дигаре таъсир дошта бошад. Ин таъсир ағлаб мунҷар ба эҷоди шабоҳатҳое байни чанд асари адабӣ мегардад. Ин шабоҳатҳо мумкин аст, ношӣ аз таъсири мустақими нависандае бар нависандаи дигар бошад. Ба тавре ки нависанда ё шоире бо осори нависанда, ё шоире дигар маънус буда ва осори вайро мутолиа намуда ва дар натиҷа, таҳти таъсири он нависанда, ё ҳунарманд қарор гирифта ва шабоҳатҳое дар осори онон ба вуҷуд меояд. Гоҳе ин таъсир аз тариқи тарҷума сурат мегирад. Бисёре аз нависандагон аз тариқи тарҷума бо осори соири нависандагони ҷаҳон ошно шуда ва таҳти таъсири онҳо қарор мегиранд, ки дар мавориди зиёде нависанда дар асnoи осор ва мактуботи худ ба ин таъсирот ишора мекунад. Гоҳе ин таъсирот ба сурати ғайримустақим ва ҳатто гоҳе ба сурати нохудогоҳ шакл мегирад. Гоҳе нависандае бар нависандагони дигар, ё ҷамъе аз нависандагони кишваре бар нависандае аз кишвари дигар ба ашколи мухталиф асар мегузоранд. Гоҳе ҳиттаи адабиёти татбиқӣ аз ин ҳам фаротар рафта, ба баррасии таъсироти риштаҳои мухталифи улуми инсонӣ, ҳамчунин равоншиносӣ, фалсафа, наққошӣ, мусиқӣ ва ҷомеашиносӣ бар адабиёт мепардозад.

Дар ин замина, метавон ба таъсири Саъдӣ бар Емерсон – шоири амрикоӣ, таъсири Тагор – шоири ҳиндӣ бар Вилям Ватлер Етз – шоири англисӣ, таъсири ирфони чинӣ бар Сӯҳроби Сипеҳрӣ, таъсири Кофко бар Ҳидоят, таъсири фалсафаи Ҳинд ба Т.С. Елиот ва таъсири Мавлавӣ бар Волт Витман – шоири амрикоӣ ишора намуд.

**Наҳзатҳо ва гироишҳои адабӣ:** Ин бахш ба таҳқиқ дар мавриди наҳзатҳо ва гироишҳои адабӣ ҳамчун класситсизм, боруки неоклоситсизм, романтизм, реализм, самбулизм ва мудернизм мепардозад. Наҳзатҳои адабӣ зоидаи шароити фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии замони худ ҳастанд ва дар айни ҳол, бар фикр ва андешаи даврони худ асар мегузоранд. Ба ҳамин далел, хостгоҳи наҳзатҳои адабӣ ва татаввур ва таҳаввули онҳо дар Ғарб, бавижа кишварҳои урупоӣ, аз ҷумла, Инглистон мешавад. Дар Инглистон рангу бӯи англисӣ ба худ мегирад ва мутаҳаввил мешавад. Дар ин ҷост, ки мунтақидин дар таърифи романтизм дучори мушкил мешаванд, зеро ин наҳзат дар айни ҳол, ки дар адабиёти кишварҳои мухталифи урупоӣ аз навъе ҳамчунӣ бархӯрдор аст, дар ҳар кишвар вижагиҳои хосе пайдо мекунад, ба тавре ки ноқидоне чун Лав Ҷой аз он ба романтизмҳо ёд мекунад.

Ба ҳар ҳол, мутолиаи татбиқии наҳзатҳои адабӣ ба фаҳму шинохти дақиқтари онҳо кӯмаки шоёне менамояд.

**Анвоъ ва гунаҳои адабӣ:** Ин бахш шомили таҳқиқоте мешавад, ки ба шакл ва ё навъи адабии асар мепардозад. Як навъи адабӣ шомили гурӯҳе аз осори адабӣ аст, ки дорои шакл ва хусусиёти зоҳирии яксон ва мушаххасе ҳастанд. Роман, намоишнома, достони кӯтоҳ, ҳамоса, шеъри ғиноӣ, ғазал ва трагедия намунаҳое аз анвои адабии шинохташуда ба шумор мераванд.

Муқоисаи татбиқии анвои адабӣ ба дарки зароифи ҳар як ва тафовутҳои онҳо кӯмаки фаровоне менамояд. Ба унвони мисол, баррасии муқоисаи ғазал (Соннет) дар матни урупоии он метавонад нукоти мубҳами чандеро дар мавриди ин навъи адабӣ равшан созад.

Дар ин бахш аз таҳқиқоти адабиёти татбиқӣ мазмун ё мавзӯе муштарак мавриди мутолиа қарор мегирад. Ин мавзӯот метавонад мафоҳиме аз қабили ишқ, адолат, марг, худкушӣ, сарнавишт, ҷидоли хайру шар, қаҳрамонӣ, ватанпарастӣ, инқилоб, интиқом, фидокорӣ ва вафодорӣ ва соири мавзӯот бошад.

Гоҳ ин мавзӯъ метавонад, яке улгу ё шахсият, аз қабили Сиёвуш, Рустам, Маҷнун, Юсуф, Адисея, Дон Жуан, Ҳамлет ва ғайра бошад. Ин шахсиятҳо, дарвоқеъ баёнгар ва таҷассуми арзишҳои хосе ҳастанд, ки аз миёни шахсиятҳои шинохташудаи устурaӣ, таърихӣ, ё адабӣ интихоб мешаванд. Ин шахсиятҳо худ баёнгари мавзӯот ва мафоҳими адабӣ ҳастанд. Барои мисол, Ҳамлет мафҳуми тардид ва тазалзул дар тасмимгирӣ; Маҷнуни мафҳуми ишқ ва дилдодагии вафост. Мафҳуми мудерн шайтон ва хабосатро баён мекунад. Ин шахсиятҳо гоҳ аз марзи миллӣ ва қавмии худ фаротар рафта ва ба унвони шахсияти намодин дар адабиёти соири милал низ ба кор меравад. Шахсияте чун Дон Жуан дигар маҳдуд ба адабиёти қавме хос нест, балки табдил ба як мавзӯи адабӣ гашта, ки дар адабиёти милали мухталиф ба ашколи гуногун зуҳур меёбад.

**Аҳамият ва натоиҷи адабиёти татбиқӣ:** Аҳамияти адабиёти татбиқӣ бад-он ҷиҳат аст, ки сарчашмаҳои ҷараёнҳои фикрӣ ва ҳунарии адабиёти миллӣ парда бармедорад, зеро ҳар ҷараёни адабӣ дар оғоз бо адабиёти ҷаҳонӣ бархӯрд дорад ва дар ҷиҳатдиҳии огоҳии инсонӣ ё қавмӣ кӯмак мекунад.

Аз дигар баҳраҳои адабиёти татбиқӣ тавоноӣ ва маҳорати вижаӣ аст, ки дар ихтиёри пажӯҳишгарон мегузорад, то ӯ битавонад ҳар он чиро, ки асили бумӣ аст, аз андеша ва фарҳанги бегона боз шиносад.

Мутолиа дар адабиёти татбиқӣ мӯҷиби эҷоднигариши навине аз ҷаҳон ва равиши тафаккури мардуми он мешавад ва вобастагиҳои фикрӣ ва алоқаҳои маънавии мардуми ҷаҳонро ба сурати равшан арза мекунад. Ба ин тариқ, адабиёти татбиқӣ, бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳои фардӣ ва мушаххасоти нубуғи ҳар миллат ва нукот ва ишорот, табдилнопазирии ҳар асаре иртиботҳои фикриро мумтоз месозад ва чигунагии наҳзатҳои бузурги фикриро маълум мекунад.

Аз он ҷо ки шинохт мӯҷиби тафоҳум мешавад ва тафоҳум дӯстӣ ва ишқро ба вуҷуд меоварад, мутолиа дар адабиёти татбиқӣ яке аз мумтозтарин васоили тафоҳум ва сулҳ байни миллатҳост. Метавон натиҷа гирифт, ки пардохтани муҳаққиқони адабӣ ба адабиёти татбиқӣ метавонад натоиҷи бисёр арзишмандеро ба дунбол дошта бошад, аз он ҷумла, метавон аз мавориди зер ба ихтисор ёд кард:

1. Кашфи пешинаи равобити фарҳангӣ ва таърихию сиёсӣ миёни миллатҳо;
2. Дарки он қисмат аз таҳаввулоти адабӣ, ки дар натиҷаи равобити фарҳангӣ, таърихӣ ва сиёсӣ миёни миллатҳо падид омадааст. Ба ҳамин ҷиҳат, ин шоха аз маорифи башарӣ метавонад дар барқарории сулҳу дӯстӣ ва тафоҳум миёни миллатҳо нақши муассир ва корсозе дошта бошад;
3. Ошно шудан ба адабиёти соири миллатҳо ва иттилоъ ёфтан аз афкор ва авотиф ва эҳсосот ва додагиҳои онҳо;
4. Муқоиса ва санҷиши андешаҳо, афкор, авотиф ва эҳсосоти мавҷуд дар адабиёти соири миллатҳо, ёфтани вуҷӯҳи иштирок ва ифтирок дар ҷиҳати падид овардани заминаҳои ҷадид ва офоқи нав дар пажӯҳишҳо ва таҳқиқоти адабӣ;
5. Расидан ба як забони адабӣ, ки битавон бо он мардумеро, ки дар маҳдудаи адабиёт ва забони дигар қарор доранд, мавриди хитоб қарор дод;
6. Пайҷӯӣ, баррасӣ, муқоиса ва дар пайи он табйини ташобиҳот ва ифтироқоти мавҷуд дар осори навобеи адабиёти ду миллат;
7. Пуштибонӣ ва ҳимояти фикрӣ ва назарӣ аз мавзӯи гуфтугӯӣ миёни тамаддунҳо ва фарҳангҳо;
8. Ёфтани хатти сайри нуфуз ва таъсири як андеша ё эҳсос дар адабиёти як миллат ва шояд дар пайи он дар адабиёти соири милал;
9. Ғино бахшидан ба адабиёти худ аз тариқи истифода аз аносири барҷаста ва мавриди таваҷҷӯҳи адабиёти соири миллатҳо;
10. Таҳқиқ дар заминаи адабиёти татбиқӣ боиси дарки воқеии арзишҳо ва мазоёи адабиёти як миллат мешавад ва равшан месозад, ки адабиёти он миллат нисбат ба адабиёти соири миллатҳо дар чи мартабае қарор дорад ва аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ шоҳиди он нахоҳем буд, ки як пажӯҳишгари адабиёти татбиқӣ аз адабиёти миллати худ ё адабиёти як миллат куркурона ва бо таассуб дифоъ ва ҷонибдорӣ кунад;
11. Рушд ва тавсеаи дониши нақди адабӣ дар пайи пардохтани муҳаққиқони адабӣ ба мубоҳиси адабиёти татбиқӣ ва густаришу ривоҷи он мубоҳис дар адабиёти як миллат аст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** адабиёт, адабиёти татбиқӣ, дониши нақди адабӣ, заминаи адабиёти татбиқӣ, муҳаққиқони адабӣ,

## АДАБИЁТ

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ. Теҳрон: Сухан, 1376.
2. Ғанимӣ Ҳилол Муҳаммад. Адабиёти татбиқӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1373.
3. Зарринкуб Абдуҳусайн. Нақди адабӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1369.
4. Кафофӣ Абдусалом. Адабиёти татбиқӣ. Машҳад: нашри Қудси Разавӣ, 1382.
5. Афсонаҳо ва достонҳои эронӣ дар адабиёти англисҷумаи Саффорӣ. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1357.
6. Фалсафаномаи адабиёти татбиқӣ. Ҷирафт.: Донишгоҳи озоди Исломии Ҷирафт, 1386.
7. Сочидӣ Таҳмурас. Аз адабиёти татбиқӣ то нақди адабӣ. Теҳрон: Амри Кабир, 1387.

## ЗНАКОМСТВО С КОМПАРАТИВНОЙ ЛИТЕРАТУРОЙ

Статья посвящена изучению роли и значения компаративной литературы, которая является одним из направлений литературной критики, которая сравнивает литературные связи разных национальностей и говорит об отражении литературы одной нации на литературу другой нации.

## ACQUAINTANCE WITH COMPARATIVE THE LITERATURE

Article is devoted role and value studying comparative by the literature which is one of directions of literary criticism which is compared literary communications of different nationalities and speaks about reflex ion of the literature of one nation on the literature of other nation.

# ТАВСИФИ ОВОИИ ГӮЙИШИ РӮЙИН (ФОРСИИ ХУРОСОНӢ)

***Муҳаммад Ҳасан Ҳотамӣ***
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Дар ин мақола саъй мешавад баъд аз нуқоти дар бораи ҷуғрофияи таърихӣ ва таърихи шифоҳӣ ба баррасию тавсифи овоҳои мавҷуд дар гӯйиши Рӯйин пардохта шавад.

Рустои Рӯйин яке аз рустоҳои шаҳристони Исфароин дар Хуросони шимолӣ мебошад, ки гӯйиши рӯйинӣ яке аз гӯйишҳои форсии хуросонӣ дар он роиҷ аст.

То кунун ҳеҷ гуна таҳқиқу пажӯҳише дар мавриди ин гӯйиш чи аз ҷониби пажӯҳишгарони дохилӣ ва чи аз тарафи хориҷиҳо сурат нагирифтааст.

Таҳқиқи ҳозир илова бар ин ки уфуқи тоза аз гӯйиши дар ҳоли хомӯширо ба арсаи вуҷуд мерасонад, бешак гоме дар роҳи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва пуштувонае барои забони форсӣ хоҳад буд.

Равиши таҳқиқ дар ин мақола майдонӣ –китобхонаӣ аст, ки муҳаққиқ дар рустои ҳозир бо соҳибони шуғлҳои гуногун ба гуфтугӯ пардохтааст ва саъй бар он аст, ки фақат луғоте, ки ба ин гӯйиш тааллуқ дорад, ё дар форсии меъёр ба навъи дигар талаффуз мешавад, мавриди баҳс қарор диҳад.

Рустои Рӯйин қабл аз ислом дорои ду макони маскунӣ буда, ки акнун бақияи онҳо ба сурати теппаҳои хокӣ побарҷост, ки яке ба номи Қалъаи Баланд ва дигаре ба номи Маҳаллаи Габрҳо хонда мешавад.

Бо зуҳури ислом ва ба ислом гаравидани иддае аз ин ду макон хориҷ гашта ва дар пойини русто, ки макони ҳамвор ва мусаттаҳ буд, дар атрофи чашмае маскан гузиданд.

Ва қалъае ҷадид сохтанд, дар моҳи муборакӣ рамазон ҷиҳати сарфи саҳурӣ, расм бар ин буд, ки бо шайпур ва табл якдигарро пайдо менамуданд (шӯханӣ).

Вақте ғайримусулмонон ин амалро диданд, ба гумони ин ки душман ба русто ворид шудааст, шахсеро ба маҳалли мусулмоннишин равона карданд, аммо мусулмонон гуфтанд ин расми муноҷоти *саҳур* дар моҳи муборакӣ рамазон аст, кӯчае, ки дар он ин амал сурат мегирифт то акнун мавҷуд буда ва ба номи кӯчаи *саҳурхонӣ* маъруф аст.

- Дар соли 1976 ҳангоми хароб кардани Ҳусейнияи оқо Саидӣ барои навсозӣ дар байни яке аз деворҳои гилӣ (дой) нусхаи хаттӣ якҷо бо як қошуқи чойхӯрӣ ва сиккаи қадимӣ пайдо шуд, ки рӯи қошуқ танҳо аломати мушахасса доштани салибе дар қисмати пушти дастаи қошуқ буд ва ҷинси қошуқ тиллоӣ буд.

Ин кғази дастнависи қадимӣ шомили се унвон буд:

1- Бунёди Рӯйин баъд аз ислом;
2- Достоне ба номи Бибинамоз;
3- Ривояте дар мавриди муомилаи миқдори гили ҳафтлагада.

а) **бунёди Рӯйин баъд аз ислом:**

Дар соли 785 ҳ.қ. бо ҳуҷуми Темур ва тоторҳо ба шаҳри Сабзавор ва даргирии ӯ бо ҳокимони Сабзавор ба номи Сайфиддин ва Қутбиддин, дар ҷанге, ки ба қатли омми сабзавориён тавассути тоторҳо оварда расонид, писарони Сайфиддин ба номҳои Мирғиёсиддин ва Шамсиддин аз ҳалокат по ба фирор гузоштанд ва ба самти Исфароин омада, дар рустои Кабутархонаи Исфароин сарпаноҳ ёфтанд. Баъд аз фурӯ нишондани ҳамлаи темуриён ва барқарории оромиш, кам-кам ин бародарон худро ба дарбори сафавиён расонданду аз вазирони дарбор гардиданд.

То замоне, ки шоҳ Исмоили Сафавӣ қасди зиёрати марқади имом Ризо (алайҳиссалом)-ро дошт ва дар сафари Машҳад аз минтақаи Рӯйин гузаштанд, шоҳ бо дидани дараи хушбоду ҳаво ва сарсабз, шаб дар маҳаллаи Қалъаи баланд истироҳат менамояд ва аз Мирғиёсиддин мепурсад, ки оё ин минтақа молики хусусӣ дорад? Ӯ ҷавоб медиҳад ба ҷуз иддае габр, ки дар маҳаллаи габриён иқомат доранд, молики дигар надорад.

Баъд бинобар дастури шоҳ ва истинод ба шоҳномаи ҳакими Тӯс Фирдавсӣ санади моликияти шоҳӣ ба номи Рӯйиндиж содир ва онро ба сурати тийул[1] ба Мирғиёсиддин медиҳад.

Мухтасоти санад аз Тахти Мирзо то Пули абрешим мебошад (40 километр дар шимоли Рӯйин Тахти Мирзо қарор дорад ва 150 километр дар ҷануби Рӯйин Пули абрешим воқеъ аст).

Баъд аз ин ки минтақа мулки шахсии Мирғиёсиддин гардид, ӯ шаст хонавор аз ақвому хешовандони худро, ки ҳамагӣ содот буданд, ба ин минтақа овард.

Аз корҳои эшон метавон ба ҷӯи обе ишора намуд, ки аз рӯдхонаи Рӯйин ҷудо намуданд то аз он истифода намоянд, ки акнун низ мавҷуд ва маъруф ба Банди Содот мебошад.

Дар дашти Деҳӯ боғе бунёд ниҳоданд, ки ба номи "Шаст Мард" ном гирифт, акнун дар маҳалли боғ танҳо қитъа замине барҷо аст, ки ба номи Шастман хонда мешавад, дар болотар аз ин замин, дарае қарор дорад, ки ба он дара Мирғиёсиддин гӯянд.

Бо фаъолият ва ибтикори Мирғиёсиддин барои равнақ ва ободонии Рӯйин шахсони гуногун пеша ба ин макон оварда шуд ба унвони намуна метавон ба оҳангарҳо, ки аз Сабзавор оварда шуданд, наҷорҳо аз Испидон, рангрезҳо маъруф ба Саббоғҳо аз Қучон, Ассорҳо аз Монеу Симилқон ва муллоҳо аз шаҳриёри Теҳрон оварда шудаанд, ки акнун низ кӯчае ба номи муллоҳо побарҷост. Ҳар як аз ин гурӯҳои санъаткор барои хеш як масҷид, як осиёб ва як корвонсаро (хирот) дуруст карданд. Акнун фақат харобаи ду осиёб ба чашм мехӯрад.

Дар замони писари Мирғиёсиддин, Сайидмуҳаммад Арбоб, Руйин бисёр равнақ гирифт, батавре ки аз си рустои минтақа барои харид ва фурӯши колои хеш ва таъмини ниёзмандиҳои хеш ба ин русто меомаданд, ки дар ҳар корвонсаро ҳуҷраҳо ва утоқҳое таъбия карда буданд, ки ин ғайри рӯйиниҳо дар онҳо маскан мегузиданд.

**б) Достони Бибинамоз, ки дар лаҳҷаи руйини аовсонаҳи Бибинамоз гӯянд:**

Дар рӯзгорони қадим зане рӯспӣ (фоҳиша) зиндагӣ мекард, ки мардумон барои наздикӣ кардан бо ӯ мерафтанд. Зан агар мард хушаш меомад бо ӯ наздикӣ мекард ва агар аз мард хушаш намеомад, ҷонамози (саҷода) хешро паҳн карда ва машғули намоз мегардид ва он қадар онро тӯл медод то мард хаста ва беҳавсала гашта ва манзили занро тарк намояд.

**в) Ривояти гили ҳафтлагада:**

Дар ин санад омада аст, ки шахсе 5 хирвор (ҳар хирвор 330 килограмм аст) гули ҳафтлагадаро (гили ки барои сохтумонсозӣ ва деворкашӣ ба кор мебаранд) ба шахсе дигар қарз додаст.

Ин санад 1 – арзиши гили ҳафтлагада, дар он замон; 2 – воҳиди андозагирӣ харвор; 3 – падидаи зебо ва инсонии қарз дар назди мардуми минтақа; 4 – санаднигорӣ тавассути мардуми минтақаро нишон медиҳад.

**Таркиби ҷамъиятӣ ва ҷуғрофиёи инсонии Рӯйин:**

1- Гурӯҳе аз арманҳо, ки дар русто манзил доштанд, дар зери кӯҳи ба номи (ремна) (мухаффафи армани) як ибодатгоҳ (телор) барои хеш сохта буданд. Ин ибодатгоҳ дар байни ду роҳ қарор дошт, ки роҳи ба самти рустои Саст ва дигар роҳ ба дарае, ки рӯдхонаи рӯйин аз онҷо сарчашма мегирифт, меравад лизо ба ин макон даҳона ду роҳ Даҳони дуе руе гуфта мешавад ва роҳе ки ба русто мунтаҳӣ мешавад ба ном Деркала телор (қалъа ки аз толор меояд) хонда мешавад баъдҳо дар замони Хоҷа Имодуддин ин арманиҳо ба ислом гаравиданд ва маҳалле, ки ин иттифоқ рух дод ба номи Дараи Хоҷаимод то имрӯз маъруф аст акнун наслҳои ин гурӯҳ дар русто зиндагӣ мекунанд.

2 – Иддаи Ардабилӣ, ки аз ҳамроҳони Шоҳисмоил буданд, дар русто сокин шуданд, ки имрӯза фомили ардабилӣ аз онҳо ба ҷо мондааст.

3 – Иддаи барбарӣ, ки дар замони Сайидмуҳаммади Арбоб барои ҷарондани галаҳои гов (гуваравон) ба минтақа оварда шудаанд, ки аз тоифаи Йиғурҳо буда ва дар маҳаллае маскан

доранд, ки имрӯза ба маҳаллаи онҳо Уғур гуфта мешавад, ки гӯишашон каме бо дигарон фарқ дорад ба унвони намуна ба калимаи бузурги форсӣ, рӯйинӣ (келан), уғурҳо (қонар) гӯянд.

4 – Иддае турктабор низ барои нигаҳбони ва дар шуғли низомигарӣ ба ин русто оварда шудаанд.

5 – Иддае курди кирмонҷ низ дар асари кӯчнишинӣ ва дар вақти Айлоқ вориди русто шуданд. Ва кам кам ва ба мурури замон деҳнишин шуда ва ба зиндагии ғайрикӯчнишинӣ ва рустоии ворид шуданд.

6 – Сабзавориҳо ки 60 хонавор ва ҳамагӣ содот буда ва тавассути Мирғиёсиддин ба русто оварда шуданд.

7 – Рӯйиниҳои асил ва кӯҳан, ки аз қабл аз ислом сокин минтақа буданд. Илова бар ин гурӯҳои қавме, метавон ба гурӯҳҳои ҷамъиятии санъатгарӣ ки аз манотиқи мухталиф аз ҷумла Испидон, Қучон, Монеу Самалқон, Шаҳриёр ва Сабзавор ба русто ворид шуданд низ ишора намуд.

Акнун тамоми ин қавмҳо ба гӯйиши воҳид рӯйини сӯҳбат карда ва аз назар ҳувиятӣ худро рӯйинӣ меноманд, ҳатто агар дар хонаводаи худ гӯйиш ё лаҳҷаи хешро дошта бошанд ба он ва нажоду табори хеш ифтихор намекунанд ва ҳамагӣ дар канори ҳам ба унвони мардумон рӯйини зиндагии мусолиматомезе доранд, ки ҳамагӣ имрӯза 900 хонавор мебошанд.

**Тавсифи овоии гӯйиши рӯйинӣ:**

Дар ибтидо бояд аз нуқтаи назари тавлиди ово дар тавсифи овоҳо нукоти зерро мушаххас намуд.

1 – манбаи таъминкунандаи неру барои ҳаракати ҳаво, ё ба ибораи дигар, сутуни ҳавоие, ки тай он садо тавлид мегардад. Аз чи манбае сарчашма мегирад: шушҳо ё ҳафраи болои ҳанҷара (аз ҳанҷара то лабҳо) ва ё холигии даҳон (аз ҳалқ то лабҳо).

2 – ҷиҳати ҳаракати ҳаво: бурунсӯ ва дарунсӯ; чунон ки медонем бештар садоҳои забонҳо бо ҷараёни ҳавое, ки ба хориҷ аз даҳон меравад (бурунсӯ) тавлид мегарданд.

3 – Мизони фишори ҳаво ва нерӯи мушакӣ барои тавлиди садо;

4 – Ҳолати тори овоҳо: тавлиди вок, бевокӣ, наҷво (бевокии ҳамроҳ бо соиши чокноӣ), зичии комил (дар мавриди садоҳҳои ғайри шушӣ).

5 – Вазъияти коми нарм: боло ё поён, нармком дар воқеъ ба манзалаи дарича ҳалқи фавқонӣ ва сурохии бинӣ амал мекунад.

Бинобарин бо бардошта шудан ва часпидани он ба девораи ҳалқ роҳи убури ҳаво аз бинӣ баста мешавад ва бо пойин омадани он убури ҳаво аз бинӣ имконпазир мегардад.

6 - Ҷойгоҳи тавлид: кадом андомҳо ӯҳдадори тавлиди садо ҳастанд? ва ба ибораи дигар садоҳо дар чӣ қисмате аз дастгоҳи гуфтор сохта мешавад?

7 – шеваи тавлид: чигунагии раҳиши ҳаво: сутуни ҳавоӣ бархоста аз шушҳо тавлид мешавад, ҷиҳати ҳаракати ҳаво ба хориҷ аз шушҳост, бинобар ин садоҳо ҳамагӣ шушӣ ва буруниананд.

**1 – Ҳамхонҳо (ҳамсадоҳо):**

**1.1. Ҳамхонҳои инфиҷорӣ:** Ин ҳамхонҳо, ки ба василаи таркиши механизми баста тавлид мегарданд.

а) **(b, p)**:

**/b/**: ҳамхони шуши, бурунсӯ, воқдор, инфиҷорӣ, дулабӣ.

баланд **[belānd]**, **[uba]** хонаҳои чодарии ашоир, гӯҷаи фарҳангӣ **[bādinjān]**, бӯса (бес), барг, ду нима намудани зардолӯ ва ҳолӯ **[balk]**, кӯза **[beriq]**, ваҷаб **[belast]**.

/p/: ҳамхони шуши, бурунсӯ, сахт, бевок, дамида, инфиҷорӣ, даҳонӣ, дулабӣ (**bilabial**).

Парвона **[perperi]**, паше **[piša]**, гарду ғубори сабук **[pœxah]**, касе зиёд ҳарф мезанад, вироҷ **[porčanah]**, буттаи гиёҳ **[puttah]**, паланг **[pelāng]**, касе ки ҳарф насанҷида мезанад **[pakkah]**.

б) **(d, t)**:

/d/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, нарм, воқдор, инфиҷорӣ, даҳонӣ, дандонӣ.

ме-и ғализ **[dumān]** дувист **[devest]**; ҷасту хези – **e –[dingel]**, **dingol**; бушқоб **[duri]**, тиккаи кӯчаки гӯшт **[dœšlamah]**, шикоф **[darz]**, обдӯғи хиёр **[duqrama]**.

/t/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, сахт, бевок, дамида, инфиҷорӣ, даҳонӣ, дандонӣ (**dental**).

Сӯзани бузурги каффошӣ **[temanah]**, тамешк **[temušk]**,тори анкабут **[tantani]**, туфанг **[tifāng]**, тагарг **[terāyg]**, таб **[tāv]**, кӯзаи шикаста **[teqari]**.

в) **(k ва g)**:

**/k/**: шушӣ, бурунсӯ, сахт, бевок, дамида, инфиҷорӣ, бехизабонӣ.

Гиле, ки рӯи боми сохтумон мерезанд, барои гиландуд кардан [**kat**], кулоғ [**keloq**], бузург, калон [**kelān**], ҳавои абрию боронӣ [**kever**], зардолу ва ҳулӯи норас [**kenarta**], калид [**kelir**], гашниз [**kešnij**].

/**g**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, нарм, воқдор, инфиҷорӣ, бехизабонӣ. Ратил [**gāol**], мадфӯи гусфанд, ки гугулаи шакл ба пашми гусфанд мечаспад [**genç̧i**], варам гирд монанде, ки дар бадан падид ояд [**guluppezi**], кӯлча [**goel**], одами фарбеҳу сергӯшт [**gāmbu**], каждум, ақраб [**gelujdommah**], шояд[**govast**].

в) /**q**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, инфиҷорӣ, мулозӣ. Деги хурд [**qelel**], маҳалле, ки шикорчӣ дар он дидбонӣ мекунад [**qelāvergo**], касе ки мехоҳад коре анҷом диҳад ва ин кор аз назари моддӣ харҷ дорад ва анҷом намедиҳад [**qimiš**], пинҳон [**qayim**], қанд [**qānd**], хома, саршир [**qaymuq**],хӯшаи гандум, ки аз ҳама баландтар аст [**qelāvur**].

г) /**?**/ ба номҳои ҳамза ва айн: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, сахт, бевок, инфиҷорӣ, чокноӣ.

Фарбеҳ кардани ҳайвон [**sa?bi**], собун [**sa?boen**], асб [**a?sb**], коргар [**fa?lah**], ҳозир, мавъӯд [**me?ad**], асабонӣ [**va?ssi**], ба пушт хобидан [**va?utām**].

1.2. **Ҳамхонҳои соишӣ**: Ин ҳамхонҳо ба василаи миханизми боз тавлид мешаванд, вале бар асари наздик шудани ду узв ба якдигар, гузаргоҳи ҳаво танг шуда ва дафъатан фишори ҳаво ҳангоми убур аз ин гузаргоҳи танг тавлид соиш менамояд.

а) (**z,s**):

/**z**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, инфиҷорӣ, соишӣ. Бе об, кам об [**zart**], тагпӯш [**zirpirlini**], хор, хошок [**zirr**], ҳарфи беҳӯда [**zert**], нола ва фарёди сӯзнок [**zerenjah**], ҳар чизе, ки часпандагӣ дорад [**zenj**].

/**s**/: қаламтарош [**sarkun**], ҳован, ғирбол [**serkow**], мости хикӣ,чака [**suzmah**], гови ҷавоне, ки барои шудгор кардан омода мекунанд [**serrost**].

Муждагоние, ки чӯпон дар замони зойидани гӯсфанд, барраро назди соҳиби он мебарад ва мегирад [**serdeli**], ба пеш рондани гӯсфанд ё гов (рондани галла): [**sertenah**], нози касеро кашидан [**sendenah**].

д) (**ž, š**):

/**ž**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, соишӣ.

Кам кам барф омадан ҳамроҳи бод [**toežar**], сочма [**sažah**].

/**š**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, сахт, бевок, соишӣ.

Асал бо мум [**šān**], сарозерӣ [**šuvah**], касе, ки хеле сафед аст [**širvahš**], хаффош [**šuperi**], чое, ки обу гил ҷамъ мешавад [**šellipelli**], гӯшти лоғари бидуни чарбу [**šellatah**],одами хиҷолатӣ [**šermendəoek**].

е) (**f, v**):

/**f**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, бевок, соишӣ, лабу дандонӣ.

Лунги ҳаммом [**fitah**], паррандаи зардранг ва хурду зебо аз хонаводаи булбул [**fādmezard**],соқпеч [**fitavah**], обро аз ҷӯе ба ҷӯи дигар бастан [**ferxez**], зебандагӣ ва шоистагӣ дорад [**fāmtava**],табдили мост ба маска ва дӯғ[**fazān**], нӯшидани як ҷуръа аз моеот [**fert**].

/**v**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, соишӣ, лабу дандонӣ.

Пазироӣ [**vaxādi**], пажмурда шудан, дар як ҷо ҷамъ шудан [**vajijiya**], дароз кашиду лам дод [**vabarufti**], назофат, доруи пок кардани мӯҳои зиёдатии бадан [**vajebi**], соф ва шафоф [**velveli**], баррок [**varqevarq**], нони зардранг ва гирд [**veramegi**].

ж) /**x**/ ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, бевок, соишӣ, мулозӣ.

Оби бинӣ, мағзи чормағз ва бодоми суфтанашуда [**xel**], чӯбу шохаи муғчабастаи яксолаи дарахт [**xemušk**], халтаи порчаӣ [**xeltenah, xelitah**], девори сангӣ[**xerand**],галаи барраю бузғола [**xalamah**], либоси намадии чӯпон [**xellek**],чизе кӣ ба сурати қатъӣ харид ва фурӯш шавад [**xakboer**].

з) /**h**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, бевок, соишӣ, чокноӣ.

Гӯшвораи паҳн [**haydery**], пиру нотавон [**holek**], тахмину баровардиѝ чизеро кардан [**hazālli**], ба чизе хира шудан [**havač**],одами шикам бузург [**hatəoel**],коре, ки дар вай гиреҳ афтода бошад [**hačal**], забони бо касе даъво доштан [**hortom portom**].

3.1. **Ҳамсадоҳои тарканда-роғӣ (č, j)**:

/**č**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, бевок, соишӣ, ласвӣ – комӣ.

Пӯст кардани чормағз ё бодом [**čaqeltaq**], сақф [**čuq**], ҳуққабоз, найрангбоз [**čačelboz**], нӯг [**čing**], оростани манзил [**čekānpekān**], андоза [**čaqlah**], чирчирак (навъи ҳашара)[**čaz**].

/**ç̧**/: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, соишӣ, ласвӣ – комӣ.

Харбузаи норас [**julah**], обрез ё офтоба [**ç̧urnah**], ҷамъичанд чиз [**joqqah**], касе ки шаб хобаш намебарад [**jasar**], дунбаи бирён шуда [**jezqalah**], одами фазилатфурӯш ва бебандубор [**jelab**], марде, ки чеҳрааш ҷавон нишон медиҳад [**jerq**].

**Ҳамсадои ларзон/r/**: ҳамхони шушӣ, бурунсӯ, воқдор, ларзон, ласвӣ.

Руған [riqān], таноби нахие, ки рӯи он либос паҳн мекунанд то хушк шавад [reja], пила, пиллакон, зинапоя [razinah], дархости зиёд, талаби зиёдатӣ [rišqān], тухме ки зери мурғ мегузоранд то мурғ тухм кунад [rema], саф, дунболи ҳам [raj], таноб, ресмони нелонӣ [rušma].

**4.1. Ҳамсадоҳои сонорӣ:**

а) /m/: ҳамсадои шушӣ, бурунсӯ, нарм, воқдор, дулабӣ, сонорӣ. Дарахти ангур [maym], нарда [mohajjar], моҳи пушти абр [maviq], алак [mašo], саги мода [mәœč], хари мода [mačča], аёлманд [mešqelah].

в) /n/: ҳамсадои шушӣ, бурунсӯ, нарм, воқдор, ласавӣ, сонорӣ.

Ҷуворимакка, билол [nexât mekka], дуруст [nek], ҷӯҷаи яксола, дорӯи назофати мӯи бадан [norah], фақир [nador], қуллоб [nikkel], шахсе, ки кор омад нест [nakarah], ҳавои гарму шарҷӣ [nekqulma].

**5.1. Ҳамсадоҳои равон:**

а) /l/: ҳамсадои шушӣ, бурунсӯ, воқдор, канорӣ, ласавӣ.

Чизи коркардаву харобшуда [lekendah], ғафсу захим [luk], коллои аз порча, дастмол [lattah], хеле бузург [lāppez], зани бадкора [lakatah], шахсе, ки назофатро риоя намекунад [lemašt], шахси азимҷусса [landehœr].

б) /y/:ҳамсадои шушӣ, бурунсӯ, нарм, воқдор, ғалатӣ, даҳонӣ, комӣ. Раҳошуда [yalah], гӯшти пӯхтаи гов, ки лазиз буда [yexni], кач [yān], кандани мӯ ё пашм бо даст [yolma], одами саркаш [yexulmast], кӯмак кардан бидуни музд [yavar], кач савор шудан рӯи ҳайвон [yenderma].

Ҷадвали1. Нишонаҳои фарққунандаи ҳамсадоҳои тоҷикӣ

| Ҷои талаффуз иштироки узви фаъол / Тарзи талаффуз | | | лабӣ | | | | забонӣ | | | | | | Забончагӣ | | ҳалқӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | лабулабӣ | | лабу дандонӣ | | пеши забонӣ | | миёни забонӣ | | бехи-забонӣ | | | | | |
| | | | бч | ч | бч | ч | бч | ч | бч | ч | бч | ч | ч | бч | ч | бч |
| шавшувӣ | инфиҷорӣ | сода | p | b | | | t | d | | | k | g | q | | ? | |
| | | | | | | | č | j | | | | | | | | |
| | роғӣ | аффрикат | | | f | | š s | ĵz | | | | | x | | h | |
| | | | | | | v | | | | y | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| сонорӣ - лаҳнӣ | | димоғӣ | | m | | | | n | | | | | | | | |
| | | паҳлугӣ | | | | | | l | | | | | | | | |
| | | ларзон | | | | | | r | | | | | | | | |

бч. – беҷаранг.

ч. – ҷарангдор.

**2 – Садонокҳо:**

**2.1. садонокҳои сода:**

а) /i/: садоноки пешин, баста, кашида, ғайрилабӣ:

Идрор, шоша [pišob], теғи сартарошӣ [paki].

Чӯби нозук аз дарахти бандон, ки вақти ҷӯшондани дӯғ бо он дӯғро ба ҳам мезананд ва риштаи ошро низ бо он паҳн мекунанд [tiroš], бараҳна [berina],навозандаи тор ва сетор [baxši], бо даст ба пушти гардан задан [pikellegi], хӯроки мурғон ва паррандагон [činah].

б) /e/: садоноки пешин, нимбоз, ним густурда, ғайри лабӣ:

Аз таҳ, аз бун, аз бех [ezbex], баланд [belānd], кулӯх кардани гил чиҳати сохтани девор [bez], кӯза [beriq], лаблабӯи қанд [čequndar], чуфт, ҳар чизе хеле наздик ва шабеҳи ҳам [čeq], хурӯс [xeres].

в) /a/: садоноки пешин, боз, густурдаи боз, кӯтоҳ.

Очил хӯрдан дар шаб [šučari], устухони қабурғаҳои паҳлу [qaberqah], ноҳамвор [qur-e dabbah], нигаҳ доштан кӯдаки рӯи даст барои мезак кардан [fadar], мехоҳи, моҳии (ҳайвони обзии) [mayi], аз байн рафта [neflah], тушак [nali].

г) /u/: садоноки пасин, баста, гирд, кашида, лабӣ:

Гирифтани рӯсарӣ ба пеши даҳони бонувон [ašmuq], боғе, ки зиёд об хӯрад [owzeruf], пупак зада [urq], буғчае, ки дар он либос ё нон мепечанд [buxča], зарфи обхӯрӣ [tung], зувола хамир [pundah], чӯбу чавонаи яксолаи дарахт [xemušk].

д) /o/: садоноки пасин, миёна (нимбоз), нимгирд, кӯтоҳ, лабӣ:

Орд [ort], ош [oš], мумкин аст [ido], бозор [bazor], теиҳу (паранда) [togi], пок, [pok], либоси болотана [čobbah].

е) /ā/: садоноки пасин, боз, гирд, кашида, лабӣ:

Панчара [āqešqa], одам [adām], овезон аз сақф [avizān, alengān], бихӯр [bexār], гандуми бӯ дода, ки орд мекунанд [telxān], дар ҳоли чонканӣ [tālvasa], панч [pānj].

Дифтонгҳо: Пеш аз он ки ба таснифи дифтонгҳои гӯиши Рӯйинӣ бипардозем ва мавқеи онҳоро дар системам фонетики гӯиши мазкур муайян созем, мехостем роҷеъ ба таркиби овозии ҳар кадоми аз дифтонгҳо тавaққуф намоем.

Дифтонги **āo** – пастшаванда, дурӯғин, аз садоноки ҳиҷосозӣ **o** ва садоноки ғайриҳиҷоии **и** иборат аст. Садоноки бастаи **o** тобиши лабӣ гирифта ба овози **w** мубаддал мешавад ва аз чиҳати тембри садо ва шиддатнокӣ аз садоноки устувори **и** фарқ мекунад. Унсури авали дифтонг нисбат ба дуюм возеҳу бурро садо медиҳад.

Дифтонги Рӯйин хусусиятҳои хосро доранд. Гап дар сари он аст, ки дифтонг ин таркиби ду садонок дар доираи як ҳиҷо мебошад. Унсури дуюм аслан садонок нест, вале ҳамчун тобиши сусти бешиддати садонокҳои **i** ва **и**-и устувор зоҳир мешавад. Аз ин рӯ онҳоро нимсадо гуфтан ҷоиз мебошад. Ғайр аз ин онҳо пеш аз садонок ба ҳамсадои **y** ва –**v** мегузаранд. «пей, пай» дифтонги **ей** дар ибораи изофӣ ба ду ҳиҷо тақсим мешавад: пайи ‘по’ яъне **й** бо изофаи **и** ҳамроҳ мешавад.

Дифтонги ow ҳам ҳамчунин челоw: челойи панҷара.

Дар дастурҳои забони форсӣ ба **v** табдил шудани унсури дуюмро эътироф мекунанд, аммо роҷеъ ба он ки ба сонанти **y** мегузарад, ҳарфе нест.

**2.2. садонокҳои мураккаб (дифтонгҳо):**

а) /ow/: аз таркиби ду садоноки сода **o** ва **w** иборат мебошад.

Оби ғура [owqœra], об [ow], навъи ғизои суннати, ки бо адас дуруст мекунанд [owmejœ], навъи ғизо, ки бо орд, равған ва адвия дуруст мекунанд [owjij], ҷӯи об [jeow], чӯби ба андозаи 50 сантиметр [čeow], ҳаёти хона (ҳавлӣ) [haowli].

б) /āo/ аз таркиби ду садоноки содаи **ā** ва **o** буда, пасин, нима боз, ними гирд. Бунафш [benāoš], касе, ки ҳар чизиро бибинад ҳаваси кунаду бихоҳад [bednāoš], чодаршаб (навъи порчаи суннатӣ) [čaršāow], олати таноссули мардон [nāos], кӯраи гачу оҳак, одами гарданғафс, маҳале, ки барои кишмиш кардан дуруст мекунад [dāoš], хушхолӣ [zāoq], сабз [sāoz].

в) /œ/: аз таркиби садоноки **o** ва **e** иборат буда, мутавассит, ним боз, кӯтоҳ.

Мӯи дарози пушти гардани ҳайвонот [yœl], адади ҳафтдаҳ [hœbdah], садо кардан [herœ], варамкарда [vasœliya], ҳарорату гармои бархоста аз ҳар чизи гарм [nehœlah], пӯсида, гандида [meqœl], адас [mœji].

**КАЛИДВОЖАҲО:** овоии гӯйиши Руйин, равиши таҳқиқ, тавсифи овоии гӯйиши руйинӣ, ҳамхонҳои инфиҷорӣ, ҳамхонҳои соишӣ, ҳамхонҳои тарканда-роғӣ, ҳамсадоҳои сонорӣ, ҳамсадоҳои равон, садонокҳои сода, дифтонг, дифтонги Рӯйин.

## А Д А Б И Ё Т

1. Тибқи санади тийул тамомии мавҷудоти он мантиқа, аз ҷамод то инсон моли хусусии соҳибсанад аст.
2. Овошиносӣ, Алии Муҳаммади Ҳақшинос, интишороти огоҳ, Теҳрон, 1384 ҳ.ш.
3. Муқаддамоти забоншиносӣ, доктор Меҳрии Боқирӣ, Интишороти донишгоҳи Паёми нур, Теҳрон, 1384 ҳ.ш.
4. Забони толишӣ (Гӯйиши толишӣ), доктор Ҳамиди Ҳоҷатпур, Деваштич, Душанбе 1382 ҳ.ш.

5. Гӯйиши Ободай, Абдулрасули Содиқпӯр, Orientalia, Ереван, 2006 м.
6. Даромади бар гӯйишшиносӣ, Алиакбари Ширӣ, Интишороти Мозиёр, Теҳрон 1386 ҳ.ш.
7. Гӯйишвар 1: Оқои Файзал 1.: Файзӣ, 58 сола, дорои маълумоти 5 ибтидоӣ.
8. Гӯйишвар 2.: Оқои Аббоси Сулаймонзода, 58 сола, дорои маълумоти 5 ибтидоӣ.
9. Харитаи ҷуғрофиёии шаҳристони Исфароин.

**ФОНЕТИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ РУИНСКОГО ГОВОРА ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА**

В данной статье после краткого географического и исторического обзора селения Руина и его общественной структуры, дается подробный анализ согласных и гласных звуков и способы их формирования в данном говоре.

**PHONETIC DESCRIPTION OF RUIM DIALECT (PERSIAN LANGUAGE)**

After short geographic and historical review of the village Ruin and its social structure is a detail analysis of consonants and vowels and ways of their formation in this dialect.

## ТАСВИРИ МАРЯМ, МАСЕҲ ВА МАСЕҲИЯТ ДАР ДЕВОНИ ХОҚОНӢ

***Тараҳҳум Амирӣ***
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Дар тӯли таърихи башар ҳамеша афроде зода мешаванд, ки дорои вижагиҳои барҷастаи инсонӣ ва ахлоқию рӯҳонӣ мебошанд. Ин афрод, ҳамон гунае ки аз вижагиҳои писандидаашон мушаххас аст, аз дигар мардуми замони худ бартар ҳастанд ва метавон ононро устураҳое номид, ки ҳар кадом аз ҷанбае ва дар гӯшае аз таърих ҷой мегиранд, чун устураҳои миллӣ ва мазҳабӣ. Намунаи барҷастаи ин устураҳо дар ақидаи шииён ҳазрати Амирулмӯъминин Алӣ (а) аст ва дар ин оини масеҳият низ Ҳазрати Масеҳ (а).

Ҳазрати Масеҳ (а) дар байни ҳама башарият, хоҳ пайравони ӯ ва хоҳ ононе, ки бар дигар кишрҳо ҳастанд, ҷойгоҳи хосе дорад. Ҳама эшонро шахсияти барҷаста ва дархӯри таҳсин медонанд. Мусалмонон ва хусусан шиаён Ҳазрати Масеҳро паёмбари илоҳӣ ва бо кеши қобили эҳтиром медонанд. Чуноночи, дар оғози ислом пайравони ин дин Исо (а)-ро бе унвони паёмбарӣ барҳақ аз ҷониби Худованд медонанд, ки на зодаи ӯст ва на мӯҳри ширк бар пешонӣ дорад.

Ояи 29-и сураи муборaки Марям, ки Ҳазрати Исо (а) ба ҷавоби қавми хеш дар гаҳвора чунин мефармояд: «Ман бандаи Худоям, ки маро китоби осмонӣ ва шарафи нубуват ато фармуд» далеле аст бар эъҷози он Ҳазрат. Ба ҳамин хотир ва низ ба далели таваҷҷӯҳи Қуръони карим ба Ҳазрати Масеҳ ва Ҳазрати Марям, ин Ҳазрат ва оини илоҳии ӯ дар ислом ва байни мусулмонон мӯҳтарам аст, ҳамон гунае ки дигар динҳои илоҳӣ аз ҷониби мусулмонон мӯҳтарам ва қобили қабуланд. Ҳазрати исои Масеҳ дар байни мусулмонон яке аз паёмбарони соҳибкитоби илоҳӣ аст. Ба ҳамин далел, беш аз дигар паёмбарон шинохта шуда ва мавриди таваҷҷӯҳ аст. Дар Қуръон оёте дар мавриди Ҳазрати Исои Масеҳ ва зиндагию оини ӯ омадааст (1 Қуръони маҷид аз Сухан гуфтани Ҳазрати ИСО дар гаҳвора, мӯъҷизаҳои Ҳазрами Масеҳ ва омӯхтани китоби Тавроту Инҷил, шифо додани кӯри модарзод ва зинда кардани мурдагон сухан мегӯяд, то ҷое ки дар байни мусалмонон дами масеҳиён ба маънои нафаси ҳаётбахш ҷойгохи вижа дорад ва дар суханону навиштаҳои худ бисёр зиёд аз он истифода мешавад). Ҳамин ишорот ва таъкидоти китоби муқаддаси мусулмонон кофӣ аст, то нигоҳи вижа ба Ҳазрати Исои Масеҳ ва оини илоҳии ӯ дошта бошад.

Маҷмӯи масоиле, ки дар сатрҳои боло гуфта шуд, мӯҷиб шудааст, ки Ҳазрати Масеҳ ва Ҳазрати Марям ва оини масеҳия дар адабиёт ва фарҳанги Эрон ҷойгоҳи шоистае дошта, шоирон ва нависандагони эронию форсизабон бар мабнои оёт ва аҳодисе, ки дар ин мавридд омада, чеҳраи Ҳазрати Масеҳу оинашро ба наҳви шоистае намоёндаанд. Дар байни шоирони форсизабоне чун Рӯдакӣ, Кисоӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хисрав, Заҳири Форёбӣ, Саноӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавӣ ва… ба масеҳият ва Ҳазрати Исову Ҳазрати Марям ишораҳое доштаанд, аз ҷумла Кисоӣ, ки бештар аз дигарон ба ин ҷараён пардохтааст. Далелҳои ин амр иборатанд аз :

1. Ошноӣ ва иртибот бо баъзе шахсиятҳои масеҳӣ.
2. Масеҳӣ будани модар.
3. Ишораи оёти Қуръон ба достони ҳазрати Масеҳ.
4. Мусофиратҳои Хоқонӣ ба минтақаҳои масеҳинишин ва наздикии маҳали зиндагии Хоқони бо масеҳиён.

Он чи аз китобҳо ва навиштаҳои гузашта бар меояд, ин аст, ки ба назар мерасад дар минтақаи Шервонӣ масеҳони низ зиндагӣ мекардаанд.

Ӯ илова бар истифода аз оёту аҳодисе, ки дар мавриди ҳазрати Исо ва ҳазрати Маряму масеҳият омада ва ҳамчунин осори дигар нависандагону шоирони форсизабон, аз иттилооти модари масеҳии худ бахра бурда, сарфи назар аз дигар далелҳо ин шояд муҳимтарин далеле аст, ки ӯ тасаллути кофӣ ба масеҳият дошта ва ба наҳви шоистае ҳазрати масеҳу ҳазрати Марямро шинохтааст. Дар ҷой – ҷойи девони Хоқонӣ дар ин маврид сухан рафтааст.

Дар ин мақола саъй шудааст чеҳраи ҳазрати Исо (а) ва ҳазрати Маряму оини масеҳият дар девони Хоқонӣ нишон дода шавад. Аз он ҷое, ки нависандагону соҳибназарони фаровоне қасидаи машҳури тарсоияи Хоқониро шарҳ кардаанд ва абёти он барои аҳли адаб ошно аст, лиҳозо, дар ин мақола саъй шудааст, то он ҷое ки мумкин аст, шоҳидҳое аз ин қасида зикр нашуда ва аз дигар шоҳидҳои мавҷуд дар девони Хоқони бахра гирифта шудааст.

Покии Марям

Мутобиқи оёти мубораки Қуръон ҳазрати Марям аз тӯҳматҳое, ки пас аз зодани ҳазрати Исо ба ӯ мезаданд, пок аст ва аз дами руҳулқудс дар ӯ дамида шуда ва ҳазрати Исо дар вуҷудаш ба вадиа ниҳода шуда, то дар оянда паёмбари фиристодашуда аз ҷониби Худованд бошад. Дар девони Хоқонӣ борҳо ин матлаб мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, абёти фаровоне дар ин маврид омадааст. Хоқонӣ ҳазрати Марямро бокира медонад ва аз ин мавзӯъ истифода карда, суханону ашъори худро ҳамчун ҳазрати Марям бикр ва дастнахурда медонад, аз ҷумла, мефармояд:

Марями бикри маониро манам рӯҳулқудус,
Олами руҳи маониро манам фармонраво.

Рӯзаи Марям ва эъҷози ҳазрати Исо (а).

Пас аз таваллуди ҳазрати Исо (а) мардум забон ба таъни ҳазрати Марям дароз карданд. Ба ҳамин хотир, ҳазрати Марям рӯза гирифт, ки як рӯз бо касе ҳарф назанад ва аз ононе, ки дар мавриди таваллуди ҳазрати Исо аз ӯ суол мепурсиданд хост, ҷавоби худро аз ҳазрати Исо, ки дар гаҳвора буд, бигиранд. Ин ҷараён дар ояи 19, сураи мубораки Марям зикр шудааст. Дар девони Хоқонӣ низ ишораҳои фаровоне ба ин мавзӯъ шудааст.

Яке аз сахттарин ва дардноктарин даврони зиндагии Марям, даврони бордории ӯ буд. Дар ин даврон Марям мавриди тӯҳматҳои тунди мардуми замон, хусусан яҳудиёни он аср қарор мегирифт, ба наҳве ки зиндагӣ барои ӯ бисёр душвор шуда буд. Ӯ ин давронро фақат ба умеди таваллуди як муслиҳ пушти сар гузошт. Хоконӣ сахтиҳои ҳазрати Марямро ин гуна тасвир кардааст:

Хотирам Маряме аст, ҳомили бикр,
Ки дамиш аз сафо фиристодӣ.
Марями каш ҳазору як дард аст,
Садҳазораш даво фиристодӣ.

Дар сураи мубораки Марям омадааст, ки дар ҳангоми таваллуди ҳазрати Исо (а), Марям ба нахле хушк такя дода ва ба дастури Худованд бо такон додани он барояш хурмои тоза фуруд омад ва аз он тановул намуд. Ин ҷараён борҳо дар девони Хоқонӣ мавриди таъкид қарор гирифта ва дастмояи офаридани тасвирҳои зебой шудааст:

Хосагони Марям аз нахли куҳан хурмои нав,
Хӯрдаанду бар чуҳудон устухон афшондаанд.

Ҳазрати Исо(а) дами ҳаётбахш дошт, мурдагонро зинда ва беморонро шифо мебахшид. Аз ҷумла, зинда кардани марде ба номи Озар. Хоқонӣ ба ин мӯъҷизаи ҳазрати Исо(а) ошноӣ дошта ва борҳо аз он истифода кардааст:

Озари сонӣ манам, ёфта аз вай ҳаёт,
Исии дилҳо вай аст, дода танамро шифо.

Озари дил мурдае дар вай гурез,
Гӯ маро бод масеҳоӣ фараст.

Он гоҳ, ки ҳазрати Исоро ба осмонҳо бурданд, бо худ сӯзане дошт, ки ин сузан монеи уруҷи ӯ ба сӯи оламҳои дигар шуд. Ба ҳамин хотир, дар осмони чаҳорум монд (шояд, ба далели ин ки сӯзан нишонае аз моддиёт аст). Сӯзани Исо дар девони Хоқонӣ борҳо оварда шудааст ва Хоқонӣ бо ташбеҳи он ба Даҷҷоли якчашм мазмунҳои зебое офаридааст:

Бар курдилон сӯзани Исо насупорам,
Бар пардадарон риштаи Марям нафурӯшам.

Пас аз уруҷи ҳазрати Исо ба осмонҳо, ба дастури Худованд дар осмони чаҳорум мутаваққиф шуд, болотар намераваду он ҷо мемонад, то дар охируззамон зуҳур кунад. Хоқонӣ бо

огоҳӣ аз ин гап ва ин нукта, ки мутобиқи назари мунаҷҷимон Хуршед дар фалаки чаҳорум аст, мазмунҳои зебое офарида ва дар абёте чанд ба он ишора мекунад.

Мурғи Исо шабпара аст (хаффош). Дар сураи муборакаи Оли Имрон омадааст, ки: «Ҳазрати Исо чизе ҳам монанди парандае аз гил сохт ва дар он дамиду зинда шуд ва парвоз кард». Нобиное хаффош ва бино кардани кури модарзод, ки яке дигар аз мӯъҷизоти ҳазрати Исо аст, муҷиб шуда, ки Хоқонӣ, тасвирҳои зебое биёфаринад:

Чаро Исо табиби мурғи худ нест,
Ки акмаро тавонад кард бино

Гавхари май оташ аст, вирди халилаш бихонд,
Мурғи сароҳӣ гул аст, боди масеҳаш бидам.

Яке аз мӯъҷизаҳои хазрати Исо рангрезии ӯ буд, ба ин сурат, ки аз хуми якранг порчаҳои рангоранг берун меовард. Хоқонӣ аз ин мӯъҷизаи ҳазрати Исо огоҳ буда ва ба он ишора доштааст:

Орӣ дар он дукон, ки Масеҳ аст рангрез,
Зарниху нилро натавон дод дастгоҳ

Даҷҷол марди каззоб буд, ки мутобиқи ривоятҳо дар охируззамон зуҳур мекунад ва худро Масеҳ мехонад (Масеҳи каззоб) гӯянд. Дар ҳангоми зухур бар харе савор асту чашми печида (ё як чашм) дорад.

Дар ашъори Хоқонӣ дар ҷойҳои мухталиф масҷидулақсо ва аҷзои онро муқаддас мешуморанд, ҳамон гунна ки ҳама мусулмонон ва аҳли китоб муқаддас мешуморанд. Хоқонӣ масҷидулақсоро намоди тақдис мешуморад ва барои он ҳурмати фаровон қоил аст ва он макони муқаддасро ҳам санги масҷидулҳаром мешуморад:

Чи хасм бар навоҳии мулкаш гузар кунад,
Чи хук дам ба масҷиди ақсо барафканад.

Ҳавворииён ёрони баргузидаи ҳазрати Исо буданд, ки дувоздаҳ тан ва муболиғони дини ӯ буданд. Ҳазрати Исо таълимоти дини худро ба онҳо омӯхту дар атрофу акнофи дунё пароканда шуданд, то рисолати ҳазрати Масеҳро дунбол кунанд. Дар девони Хоқонӣ борҳо ба онҳо ишора шуда ва аз онҳо ном бурдааст ва дар мавриди суфрае, ки ҳазрати Масеҳ бо онҳо дошт (хони масеҳ), сухан ба миён рафтааст. Дар сураи муборакаи Моида шарҳи ин хон омадааст.

Бар сафи ҳавориёни суфа,
Бар хони масеҳ нон шикастам.

Гӯё яке аз корҳое, ки ҳазрати Марям анҷом медодааст, дӯзандагӣ будааст, Ҳамин кофӣ аст, ки Хоқонӣ мазмунҳои зариф ҳамчун риштае, ки ҳазрати Марям бо он дузандагӣ мекардааст биёфаринад ва ҳар чи бештар ба зебоии шеъри душвори худ бияфзояд.

Сӯзани Исо миёнаш, риштаи Марям лабаш,
Рӯ миёни з-ин рашки зунор аз миён афшондаанд.

Бар кӯрдилон сӯзани Исо наспорам,
Бар пардаи даврон риштаи Марям нафурӯшам.

Дар ривоятҳои исломӣ дар ин маврид омадааст, ки ҳазрати Исо яҳудиёнро ба дини худ даъват кард, аммо онҳо напазируфтанд ва ӯро дашном доданд. Ҳазрати Исо онҳоро нафрин кард. Дуъои ӯ мустаҷоб шуд ва онон масх шуданд. Иддае аз ҷуҳудон низ тарсиданд, ки Исо дар мавриди онҳо ҳам дуо кунад ва онон низ гирифтор шаванд, бинобар ин, бар қатли ӯ ҳамдостон шуданд, аммо ҳазрати Исо аз назди онҳо гурехту ба хонае паноҳ бурд.

Дар манбаъҳои ғайриисломӣ достон дигаргуна аст. Хулоса, достон ин гуна аст, ки вақте ҳазрати Исо дар яке аз идҳо ба Ерусалим ворид шуду бозори саррофонро ба ҳам рехт ва чанд рӯз, бидуни он, ки касе мазоҳими ӯ шуд, ба таълими афкори худ пардохт. Яҳудиён бисёр нороҳат шуданду дар додгоҳи ҳуқуқии яҳудиён ҷаласае ташкил доданд ва хохоми бузург ба кушта шудани ҳазрати Исо ҳукм дод.

Дар девони Хоқонӣ барои ҳазрати Исо ва яҳуд робитаи хубе тарсим нашуда аст ва дар ҷой-ҷойи девон Хоқонӣ ҳазрати Исо ва масеҳиятро дар муқобили яҳуд қарор додаю онҳоро мухолиф тарсим кардааст. Ин шояд ба хотири тӯҳматҳое аст, ки яҳудиён ҳангоми таваллуди ҳазрати Исо ба ҳазрати Марям мезаданду ӯро ба ин сабаб бисёр азият доданд.

Санги тӯҳмат нигар, ки хайли яҳуд,
Дар масеҳи мутҳар андозад.

К-аз дӯсти масеҳ насорӣ аст дар саъир,
В-аз душмании масеҳ яҳуд аст дар сақар.

Гарчи масеҳро ҳазар аст аз дами яҳуд,
Аз гуфтаи насорӣ ҳам мекунад ҳазар.

Хоқонӣ мазмунҳои зебое аз ин мавзӯъ ва аз он ҷое, ки бар ҳазрати Марям дамиду мӯҷиби ҳомила шудани ӯ шуд, Хоқонӣ Марямро ба ҳомилаи бикр ва ҳомили ваҳйи Худовандӣ хонда ва тасвирҳои зебое халқ кардааст:

Хотири Марям аст ҳомили бикр,
Ки дамиш аз сафо фиристодӣ.

Ҳамон тавре ки дар сатрҳои боло гуфта шуд, ҳангоми уруҷи ҳазрати Исо ба осмонҳо, ба далели он, ки бо худ сӯзане дошт, дар осмони чаҳорум мутаваққиф шуду онҷо монду болотар нарафт, аз он ҷое, ки Хуршед низ дар осмони чаҳорум аст. Хоқонӣ аз ин ҳамоҳангӣ ва ҳамроҳии Исо ва хуршед дар осмони чаҳорум бисёр зебо истифода карда ва абёти фаровоне офаридааст:

Паси курси офтоб ба собун занад масеҳ,
К-аҳромро озори сапед дар хӯриш.

Субҳи ворам, к-офтобе дар ниҳон овардаам,
Офтобе, к-аз дами Исо нишон овардаам.

Чеҳрае, ки манобеи масеҳӣ дар ин маврид ироа медиҳанд, бо он чи Ислом дар ин маврид мегӯяд, мутафовит аст. Мусулмонон мутобиқи он чи дар Қуръон омада, мӯътақид ба маслуб шудани ҳазрати Масеҳ нестанд. Дар ин маврид дар сураи муборакаи Нисо оёте омада бо ин мазмун, ки ҳазрати масеҳ кушта нашудаю ба дор наовехта, балки дар ин маврид иштибоҳ кардаанд. Масеҳиён мӯътақиданд ҳазрати Масеҳ гирифтори иддае аз душманони худ шуда ва онҳо ҳазрати Масеҳро ба салиб кашида ва куштаанд.

Хоқонӣ ба маслуб шудани Исо мӯътақид нест. Мутобиқи таълимоти ислом, -мегӯяд Масеҳ -дар охируззамон барои ёрӣ додан ба ҳазрати қоим ва барчидани зулму ситам аз рӯи замин, аз осмони чаҳорум зуҳур хоҳад кард. Хоқонӣ дар чандин абёт ба ин мавзӯъ ишора мекунад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҳоқонӣ, устураҳои миллӣ ва мазҳабӣ, оғози ислом, оини масеҳия, ривоятҳои исломӣ, манобеи масеҳӣ.

## А Д А Б И Ё Т


1. Қуръони карим.
2. Насруллоҳ Имомӣ, Армуғони субҳ, Теҳрон, интишороти ҷомӣ, 1375.
3. Муҳаммад Хазоилӣ, Аъломи қуръон, Теҳрон, Амири кабир, 1350.
4. Сайид Алӣ Ардалон Ҷавон, Таҷалии шоиронаи асотир дар ашъори Хоқонӣ, Машҳад, Остони қудси разавӣ, 1343.
5. Аббоси Моҳёр, Хор хорбанд ва зиндон, Теҳрон, нашри қатра, 1376.
6. Саид Зиёиддин Саҷодӣ. Девони Хоқонӣ, Теҳрон, Интишороти завор, 1374.
7. Саид Зиёиддин Саҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбироти девони Хоқонӣ, интишороти завор, 1374.


## ИЗОБРАЖЕНИЕ МАРИИ, ИСУСА И ХРИСТИАНСТВА В ДИВАНЕ ХАКАНИ

Мария, Исус и христианство занимают важное место в литературе и культуре Ирана. Поэты и писатели воспевали их в своих произведениях. В данной статье сделана попытка показать образы Исуса и Марии в диване Хакани.

## THE IMAGE OF MARIY, ISUS AND CHRISTIANITY AT THE DIVON OF KHOKONI

Mariy, Isus and christianity take an important place in the literature and culture of Iran. The poets and writers have read them, in their works. The article considers about the attempts which shows the shape of Isus and Mariy in the divon of Khokoni.

# МУҲОКОТ ДАР АШЪОРИ ДОРО НАҶОТ ВА АҲМАДИ ШОМЛУ

*Митро Шарифзода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Табиати дилангези Худовандӣ зеҳни ҳамаро ба худ маътуф медорад, аммо ҳунармандон, нависандагон ва шоирон, борҳо дар тайи қарнҳо бар он шудаанд, то онро ба тасвир бикашанд.

Ман дар ин мақола, бар он шудам, то аз муҳокот сухан гӯям. Он чи ки тақлид ё таассур аз табиат, ё ба қавле, тарсими табиат аст ва ҳар чи навтар бошад ва аз дигарон пӯшидатар, нобтар аст.

Пас аз тарҳи масъала, намунаҳое аз муҳокот аз ашъори шоирони муосири Эрону Тоҷикистон Доро Наҷот ва Аҳмади Шомлу пешкаш мегардад.

**Муҳокот моддаи шеър.** Аз қадимулайём то кунун ғолиби файласуфон кӯшидаанд моҳияти адабиётро тавзеҳ диҳанд ва ба ҳар ҳол ба наҳве дар боби гавҳар ва бунёди адабиёт сухан бигӯянд.

Нахустин файласуфи номдоре, ки дар ин замина баҳси судманде дорад, Афлотун аст ва шояд охирин файласуф Жон Пул Сортер бошад, ки дар китоби «Адабиёт чист?» ба баҳс дар боби моҳияти шеър **(Essence of poetry)** пардохтааст.

Шигифт ин аст, ки матолиби Афлотун, албатта, бо баёни Арасту, яъне бо дахлу тасарруфоте, ки Арасту дар он кардааст, ҳанӯз баъд аз гузашти чанд ҳазор сол илмитарин ва мантиқитарин ва пазируфтанитарин баҳсҳо дар заминаи моҳияти адабиёт аст. (1,274-275)

Афлотун моддаи адабиётро чизе медонист, ки ба юнонӣ мемесис **(Mimesis)** гуфта мешуд. Мемесис аз решаи mime ба маънии тақлид кардан, мӯҳтамалан бо «маймун»-и форсӣ дар иртибот аст. «Мойм» ҳамон аст, ки дар вожаи пантомим **(pantomime)** ба маънии намоиши лолбозӣ ҳам дида мешавад.

Пас, ба сурати хулоса муроди Афлотун аз вожаи мемесис, навъи тақлид ва копибардорӣ аст. Аммо дар тафсири он ва тавзеҳи муроди ҳақиқии Афлотун аз ин лафз ва мафҳум ва интибоқи он бо амали офаринандаи асар, то кунун кутубу рисолот ва мақолоти бисёре навишта шудааст.

Дар забонҳои урупоӣ ин вожаи юнониро **Imitation** тарҷума кардаанд, ки ба маънии ҳамон тақлид аст. Абубашри Митто-мутарҷими фарзонаи **Poetics** (Бутиқо) ба арабӣ, дар авохири қарни саввум ва авоили қарни чаҳорум (ҳиҷрии қамарӣ), онро ба вожаи таҳсинбарангези муҳокот тарҷума кард, ки аз ҳама назар бар муодили фарангии худ Imitation баробар аст. Муҳокот аз решаи **ҳакая**, вожаи арабӣ ба иштироки амре байни ду нафар ё ду сӯй далолат мекунад.

Муҳокот, яъне ду нафар матлаберо барои якдигар такрор кунанд ё онро ба ёди ҳам биёваранд, ё чизе, амреро бар ёди касе оварад ва мутазаккир шавад. Пас, муҳокот бо мафҳуми мушобиҳат ва шабеҳсозӣ ҳам ҳамроҳ аст.

Шоирон дар шеъри худ аз ҷаҳони берун (ва ҳамчунин аз ҷаҳони дарун) тақлид ва копиябардорӣ ва наққошӣ мекунанд ва аҳволи беруну дарун (офоқ ва анфус)-ро дар забоне, ки ба луоби отифа ва эҳсос оғӯшта аст, ба намоиш мегузоранд. Рӯдро, барфро, боронро бар сафҳаи коғаз ҷорӣ мекунанд ва дар китобҳо баҳору пойизе меофаринанд, ки аз баҳору пойизи беруни панҷараҳо ҷаззобтару муассиртар аст. Ва агар муҳокот аз ҷаҳони дарунро ҳам дар назар бигирем, андӯҳро, маргро, шодиро дар шеъри худ шабеҳ ба асли он зинда ва муассир боз менамоянд ва ҳамвора мукофоти ҳунармандони бузург ба наҳвест, ки аз асли мавриди муҳокот муассиртар аст. Оё гуле, ки аз беруни панҷара дар боғ дида мешавад, зеботар аст, ё гуле, ки дар ғазали Ҳофиз шукуфтааст? Ва оё тамошои маросими азодории фалон ҷавон сӯзноктар аст, ё марсияи Хоқонӣ дар боби писараш Рашид?

Аз он ҷо ки Афлотун ҷаҳони берун ва олами ҳастиро худ наққошӣ ва тасвир аз як ҷаҳони аслии мутаолии номаръӣ медонист, шеъру шоириро феъли абас мешумурд. Зеро шеър муҳокот аз нусхаи сонавӣ, яъне аз ҷаҳонест, ки худ копӣ аз ҷаҳони дигарест. Шеър рӯнавиште аз рӯнавишт аст, на рӯнавиште аз матни аслӣ, ки ҷаҳони мутаолии барин бошад.

Баъдҳо Арасту ислоҳоте дар назарияи устоди худ Афлотун ба амал овард. Ба ин маънӣ, ки гуфт кори шоирон тақлиди сирф аз ҷаҳони ҳастӣ нест, яъне шабеҳсозии онон сирфи шабеҳсозӣ нест, балки аз зеҳн ва ҷони худ низ моя мегузоранд. Ранги нигоҳи онон бар шайъ аст, ҳар шайъ аз зовияи диде нигариста мешавад ва хулоса, он ки дар шайъи мавриди муҳокот тасарруф мекунанд ва филмасал онро зишттар ё зеботар аз он чи ҳаст, менамоянд.

Бо истилоҳоти мо адабиёт бо иғроқ ҳамроҳ аст ва ба қавли Низомии Арузӣ дар «Чаҳор мақола» шоир «маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад».

Ба ҳар ҳол гузиниши вожа, назму тартиби калимот ва ба таври куллӣ зовияи дид, дахолати ҳунарманд дар ҷаҳон ва шайъи мавриди муҳокот аст ва ба копиябардории ӯ арзише беш аз тақлиди маҳз медиҳад. Сохтаи ҳунармандро наметавон бе ҳеҷ каму косте дар ҷаҳон боз ҷуст. Аммо зеҳнро қавиян ба маншаи тақлид раҳнамун мешавад ва ба ҳар ҳол шабоҳати аҷиб бо вуҷуди ихтилофоти ҳунарӣ ва ғайримаҳсус ба наҳвест, ки дучори эъҷоб ва ғарқи лаззат мешавем.

Оё ба ҳамин далел нест, ки нақошии Камолулмулк аз «Кохи Гулистон», ҳазорон бор аз аксҳои «Кохи Гулистон», ки бо гаронбаҳотарин дурбинҳои аккосӣ бардошта шудааст, арзишмандтар маҳсуб мешавад? Инро канори хиёбон ба маблағи ночиз мефурӯшанд ва онро аз фарти геронӣ баҳо гузоридан наметавонанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин муқаддамот ва бо ҳазфи ҷаҳони мусули Афлотун ва ҷойгузин кардани ҳамин ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунем, ба ҷои нусхаи аслӣ девонҳои шоирони куҳанро нусхаи сонавӣ пиндоштан, баҳсе, ки мехоҳам дар ин ҷо матраҳ кунам, тарҳи ин суол аст, ки оё агар қарор бошад, ки шоирон аз чизе тақлиду наққошӣ кунанд, оё беҳтар нест, ки аз нусхаи аслӣ, яъне худи ҷаҳони даруну берун тақлиду наққошӣ кунанд, на аз нусхаҳои сонавӣ, яъне сурудаҳо ва нигоштаҳои шоирони куҳан ё дигар? Тавзеҳи ин, ки, масалан, шоирони сабки хуросонӣ боғу

баҳорро аз нусхаи аслӣ, ки худи табиати зинда бошад, муҳокот мекарданд, аммо шоирони давраи бозгаштӣ ҳамин боғу баҳорро аз шеъри шоирони сабки хуросонӣ, яъне амсоли Унсурӣ ва Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ муҳокот кардаанд. Намунаҳои чанде дар даст аст, ки далолат бар он дорад, ки бархе аз шоирон аз парандагон ё гулҳое, ки аз онҳо дар шеъри худ сухан рондаанд, талаққӣ ва тасаввури воқеӣ ва дурусте дар зеҳн надоштаанд, зеро онҳоро на дар табиат, балки дар шеъри ину он дида буданд. Мавлоно аз авотифу эҳсосоти худ муҳокот кардааст, аммо бархе аз шоирон аз авотифу эҳсосоти ӯ, ки дар девонаш мунъакис шудааст, муҳокот кардаанд. Ирфони зиндаи мутазоҳир дар як ориф чизест ва ирфони нимзинда ё мурдаи мунъакис дар сафҳаи қоғаз чизи дигар.

Шоироне, ки зеҳни ваққод ва ҳассос ва шеваи шеърии асил доранд, гоҳе аз умуру ашё ва эҳсосоте сухан гуфтаанд, ки то замони онон бар аҳаде макшуф набуда ва касе онҳоро надида будааст ва бад-ин тартиб бо муҳокоти худ ба вусъати ҷаҳон ва зеҳнҳо ва нигоҳҳо афзудаанд.

Албатта, эроде надорад, ки шоирон аз умуре, ки қаблан мавриди муҳокоти дигарон қарор гирифтааст, муҳокот кунанд, балки ин амре табиист. Чунонки манзарае мумкин аст барои садҳо наққош мавзӯи наққошӣ бошад ва чунонки садҳо шоир дар шеъри форсӣ аз пирӣ ва тулӯъ ва ғуруби хуршед ва омадан ва рафтани баҳор ва пойиз муҳокот кардаанд. Аммо нукта ин аст, ки ҳар кадом аз ин муҳокотҳо, агар аз нусхаи аслӣ, яъне аз худи табиати берун ва ҷаҳони дарун бошад, ҳамвора ба наҳви хосе хоҳад буд, зеро зовияи дид ба наҳваи нигоҳ фарқ мекунад ва аз ин рӯ, асил талаққӣ мешаванд ва ин фарқ мекунад бо наққошӣ ва тасвиргарӣ аз баҳору пирӣ ва тулӯъ ва ғурубе, ки дар сафаҳоти китобе бошанд.

Бадеҳист, ки агар мавзӯи мавриди муҳокот масбуқ ба собиқа набошад, арзиши бештаре хоҳад дошт: аввалан, дар тозагӣ лаззат аст ва сониян, ба ғинои адабиёт афзуда шудааст. (1, 277-280)

Каси дигаре, ки дар боби муҳокот сухан гуфтааст, Хоҷа Насириддини Тӯсист. Хоҷа Насириддин на дар «Меъёрулашъор», балки дар «Асосулиқтибос» яке аз комилтарин назарияҳоро дар бораи шеър арза доштааст. Агарчи таъсирпазирии вай аз рисолаи «Фанни шеър»-и Арасту бо калимаи «муҳокот», ки дар таърифи шеър ба кор мебарад ва муодили ҳамон тақлид аст, ба хубӣ ошкор аст, аммо баҳс дар бораи шеърро ба гунае мегустарад, ки метавон онро хулосаи чандин назарияи муҳим ва борикбиниҳои дархӯри таваҷҷӯҳе донист, ки агар бо каме тавассуъ ба он нигоҳ кунем, ағлаби онҳо имрӯз низ зинда ва тоза ва дархӯри тааммул аст.(2, 27)

Дар ин мухтасар, ба ҳамин ишора иктифо мекунем, зеро баҳси густурдаест ва муштоқони онро ба ирҷоъ ба асл даъват менамоем.

Акнун дар ин ҷо чанд намуна муҳокот аз шоири муосири эронӣ Аҳмади Шомлу ва сипас, шоири муосири тоҷик Доро Наҷот меоварем.

Ва акнун муҳокот дар чанд шеъри Аҳмади Шомлу:

**«Растагорон»**

Дар ғиреви сангини мошинҳо ва ихтилоти азону ҷоз,
Овози қумрии кӯчакеро
Шунидам… (4, 699)

Ин муҳокоти комилан нав, ки тасвири хиёбонҳои имрӯзи Теҳрон аст, аз забони Шомлу комилан қобили таваҷҷӯҳ аст ва ин ки шоир дар миёни сару садои буқи мошинҳо ва садои азон аз масҷид, ҳарчанд ки ёдовари номи Худост ва садои ҷаз, ки маъмулан ҳикоят аз ҷавонӣ ва хомии шунавандаи садо дорад, фақат овози қумрии кӯчакро мешунавад, ки худ, хусусан дар ин шеър мазҳари сулҳ, зиндагӣ, оромиш ва тибқи эътирофи баъдӣ дар худи шеър ишқ аст. Ва ин, албатта, орзуи шоирро низ дар ҷулӯи чашмони мо тарсим мекунад ва чи хуб таъмим мебахшад:

**«Кӯҳҳо»**

Кӯҳҳо бо ҳаманду танҳоянд
Ҳамчу мо, бо ҳамони танҳоён. (4, 431)

Ин муҳокоти кӯтоҳ, бисёр зебо ва беназир, ҳоли мо инсонҳост, ки ҳақиқатан дар ин қарни берӯҳи мошин, электроник, компютер ва суръату шитоб мубталобиҳи тамомии мост.

Кӯҳҳо аз дур ба ҳам пайвастаанд, дар ҳоле ки ҳаргиз ҳатто наметавонанд чеҳраи ҳамро бубинанд ва ё ба ҳам ёрӣ расонанд, чун ҳамаи инсонҳои ин аср, хусусан, дар зиндагии мошинии кишварҳои пешрафта, ки дигар, фақат, номи ҳар кас, ёдовари пайвастагӣ бо фомил ва хонадони ӯст ва ба заҳмат соле чанд бор ба дидори ҳам ноил меоянд, чи расад ба ёрӣ расондан…

Ва ҷуз он, танҳоии амиқи дарунии инсони имрӯзӣ, ки бо дар канори ҳам зистан ва ҳатто кор кардан дар канори ҳам, тасаллӣ намеёбад, башаре, ки аз ҳақиқати худ дур монда ва дар пайи гумшудаи дарунии худ танҳо ба ҷустуҷӯ бархоставу ҳарҷи заминро мегардад, онро намеёбад ва дур наменамояд, ки «олами маъно» бошад, он ки имрӯза дар шеъри Мавлоно боз меҷӯяндаш, ин инсонҳои мутамаддин.

«Шабона»
Акнун, дигарбора шабе гузашт.
Ба нармӣ аз бари ман гузашт бо тамомии лаҳзаҳояш

Чунон бокираи ишқе,
Ки бо ҳама инҳиноҳои танаш

Аз мӯй то ба нохун,
Тан ба навозиши дасте гарм раҳо кунад,
Бонуи дарозгесӯро.
Дар биркае,ки як дам аз гардиши моҳии хоб
ошуфта нашуд,
Ғутта додам.
Ба маъшуқе мемонист, чаро ки,
Бо эҳсосе аз шарм дар ӯ хира монда будам.
Аз равшаноӣ гурезон буд.
Гуфтам, ки саҳаргоҳон дар баробари офтобаш бихоҳам дид
Ва чароғро куштам.
Чандон, ки офтоб баромад,
Чунон чун шабнаме
Парида буд. (4, 436-437)

Ин муҳокоти бағоят латифу асил ва ягонаи Шомлу аз шаб, ҳатман дар адабиёти форсӣ камназир аст ва аз ҳамон навъи муҳокотҳост, ки гуфтем ба ғинои забон ёрӣ расонда, чизе ба ҷаҳон меафзояд.

Чизе ки гӯйӣ ҳаргиз набуда ва дар хиёле нагунҷида ва на ҳатто бар забони мухайилтарин шоирон то кунун омадааст.

Муҳокоти шаб ба зане дарозгесӯро дар шеъри Манучеҳрӣ дидем, аммо чунин имрӯза шабро ба дӯшизае хушандом ва латифтану ҳушбаранда аз ошиқ ва маъшуқе ошиқсоз ва чун хиёли шабнам, мафқудшуда фақат аз зеҳни ҳушманду бедори Шомлуи азиз аст, ки бархостааст.

Дар радифи муҳокоти А.Шомлу муносиб аст чанд намунаи дигарро аз Доро Наҷот бубинем:

«Барф»
Арвоҳи обҳо,
Парандавор аз сайри малакут меоянд,
Ки байза
Ба лонаҳои заминӣ бигзоранд…
Само
Лабрези гулафшони гули болҳои сапед аст…
Ва хуршед,
Ин ҳумои оташинбол
Байзаро зери пар мегирад,
То ҷӯҷаҳои обӣ
Бадар оянду паровар шаванд,
Сӯи обшори чаковакҳо
Ва кафтарони бешаи амвоҷ. (2, 85)

Албатта, рӯҳи об, ҳатто, агар реша дар асотир ҳам дошта бошад, ки аз он беиттилоам, бисёр тоза, аҷибу нодир ба назар меояд ва ин ки ин об тухми сапеде ба лонаи замин бигзорад, тасвиру муҳокоти беназире аз барф аст, ки собиқаи он дар адабиёт мавҷуд нест;

«Инқилоби гулҳо»
Баҳор
Гаравгони гармову
Шукуфойӣ асири аташ.
Фасл
Ба шилми рукуд часбида
Ва суфуфи сарбозии сапедорон
Ба абрешими амри «хабардор!»
Ва ниҳояти сабр

Наҳзати абрро
Алайҳи тоби тобистон ба шӯриш хонд.
Амри сарҳангии бод вазид
Ва шиллик дод сипоҳи тундар.
Озарахши тудаҳои абранчакро
Ғунчамижгон буйиданд.
Аз навозиши нам-нами борон
Дидори гулбарге.
Охирин рамақи рӯйиш
(2, 100-101)

Ин тафсиру таъбиру муҳокоти аҷиб аз баҳор, аз забони Доро Наҷот, нахустин борест, ки ба ин шаклу шева бар забони шоире порсигӯй ҷорӣ шуда ва ҳарчанд ба эҳтимоли зиёд таҳти таъсири солҳои зиёде аз зиндагӣ дар ҷанг аст, нигоҳе нав ба шукуфо шудани гулҳо, он ҳам дар фасли баҳори Тоҷикистон аст, ки ҳақиқатан дар он гӯйӣ баҳору тобистон ба ҷанг бармехезанд, то кадом як ғалаба кунад саранҷом…

Ва албатта, боз бояд гуфт, ки бакоргирии калимоти пай дар пае аз ҷангу инқилоб чун «гаравгон-суфуфи сарбозӣ - амри «хабардор!» наҳзат- амри сарҳангӣ, шилик – сипоҳ - суқути султа, иҷлоси олӣ – қонун, ба тасвиб расондан» ҳама муҳокоти пуртамтароқи Доро Наҷотро ба камоли қуввату вузӯҳ дар тасвирсозӣ мерасонанд.

**«Маъшуқаи фаннӣ»**

Шигифто,
Мебоядам тохт
Аз паси рафтори мошинворат,
Мебоядам бохт
Бозиҳои электронии ишқатро.

Бояд акнун
Сими гесӯвонатро
Ба ҷараёни барқ пайвандам,
То ломпи чашмонат даргирад
Ва рӯшание ба дилам резад… (2, 116)

Боз Доро дар ин шеър ба муҳокоте нав даст мезанад, ки албатта, мубталобиҳи насли нав низ мебошад, яъне компютер ва форсишудааш «роёна», ҳамон ки чандин солест ҳамдами гурӯҳе аз насли ҷавон шуда ва танҳоии бисёр касонро пур мекунад ва гоҳ ҳатто иртиботи оддиву каломии роиҷ дар гузаштаро мухтал кардааст. Доро бо чи таъбири наве онро ба маъшуқе ғайратманду баҳонаҷӯ, ки ғайр аз хешро дар канори ошиқ намеписандад, аммо аҷиб аст, ташбеҳкарда, «сими гесӯвон» ҳақиқатан бояд аз зеҳни халлоқе бархезад, ё «ломпи чашм», ки таъбире комилан имрӯзист ва ҷолибтар, он ки таобири куҳану чандпаҳлуии «мебоядам тохт, мебоядам бохт ва рӯшанӣ ба дил рехтан» низ комилан дар ҷои худ омадаву хуш нишастаанд ва дар иртибот бо ишқу бозии компютерӣ, дилу монитор бозии иҳомии зебоеро ба саҳнаи шеър овардаанд. Албатта, чунин намунаҳо дар ашъори шоирони мавриди назари мо зиёданд, вале бо он чи зикр гардид, иктифо мекунем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** муҳокот, адабиёт, шеър, тақлид, таассур, ашъори Доро Наҷот, Аҳмади Шомлу, ашъори шоирон.

## АДАБИЁТ

1. Дуктур Сирус Шамисо. Нигоҳе ба Фурӯғи Фаррухзод. Интишороти «Марворид», чопи саввум, 1376 ҳ. ш.
2. Наҷот Доро. Рӯиш аз сукут (гулчини ашъор). Ройзании фарҳангии сафорати ҶИЭ дар Тоҷикистон, чопи аввал, 1385 ҳ. ш.
3. Пурномдориён Тақӣ. Сафар дар меҳ. Тааммуле дар шеъри А. Шомлу.Муассисаи интишороти «Нигоҳ».1381 ҳ. ш.
4. Шомлу Аҳмад, Маҷмӯаи осори А. Шомлу. Дафтари якум. Муассисаи интишороти «Нигоҳ» чопи ҳафтум, 1385 ҳ. ш.

## ИМИТАЦИЯ В ПОЭЗИИ ДОРО НАДЖОТ И АХМЕДА ШОМЛУ

В статье рассматривается имитация нового времени, которая обычно основывается на многообразных впечатлениях от объектов и по зрительному сходству.

## THE USE OF IMITION IN THE POEMS OF AHMADI SHAMLOO AND DORON NAJOT

This article is about the use of imitation in the poetry of Iranian poet Ahmadi Shomloo and Tajik poet Doron Najot. The author's chosen examples are fascinating.

# СОИБИ ТАБРЕЗӢ ВА ШОИРОНИ ПЕШ АЗ Ӯ

*Парвини Ноҳидӣ*
**Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Метавон гуфт, ки дар адабиёти форсӣ баъд аз Мавлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва сипас Соиб беш аз ҳамаи шоирони дигар ғазал гуфтаанд[1] Соиб шоире аст ориф ва аз иродатмандони ҳазрати Мавлавӣ ва хоҷа Ҳофиз. Дар ғазалҳои фаровон аз ин ду бузургвор истиқбол кардааст, инак дар намунаҳои маҳдудӣ аз абёти Соиб ва чандин шоири мавриди иқтибоси Соиб сайр мекунем.

**Ҳофиз ва Соиб**: Ҳузури Ҳофиз дар беш аз дусад ғазали Соиб аз соири (дигари) шоирон чашмгиртар аст. Дар ҳақиқат Ҳофиз пешвои Соиб будааст. Ваҳдати мавзӯъ ба интихоби калима ва офариниши таъбирҳои хос, озодагӣ ва озодандешӣ ва хусусияти дигар инчунин Соибро ба сӯйи Ҳофиз кашонидааст. Касрати ғазалҳое, ки Соиб ба пайравӣ аз Ҳофиз сурадааст ва ё мазмунҳое, ки аз вай гирифтааст ва ба гунаи дигар овардааст, шоҳҳидест гӯё бар ин шефтагӣ[2].

Зи булбулони хушалҳони ин чаман Соиб,
Муриди замзамаи Ҳофизи хушалҳон бош.

Соиб дар сурудаҳои худ ҷамъан 86 бор номи Ҳофизро зикр кардааст.

«Ҳофиз аз хуштарин ва матбӯътарин зиҳофоти арӯзӣ истифода кардааст ва вазни дӯстдоштании шеъри ӯ баҳри рамал ва зиҳофоти он аст, ки дар девонаш 135 ғазал аз миёни 495 ғазал бар ин вазн вуҷуд дорад»[3]. Соиб низ ҳамчун пешвои худ ин роҳро тай кардааст.

Ба фикри Соиб аз он мекунанд рағбати халқ,
Ки ёд медиҳад аз тарзи Ҳофизи Шероз.

**Соиб:**
Ин он ғазали Ҳофизи ширинсухан аст,
«Мужда эй дил, ки масеҳонафасе меояд».

**Ҳофиз:**
Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳсон шавад рӯзе гулистон ғам махӯр.

Эй дил ар сайли фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро Нӯҳ аст киштибон зи тӯфон ғам махӯр.

**Соиб:**
Бӯйи пироҳан нахоҳад монд аз зиндони Миср,
Хоҳад афтодан ба фикри пири Канъон ғам махӯр.

Гар ба хорӣ пешхези шаҳсавори иззат аст,
Зинҳор эй моҳи Миср аз чоҳу зиндон ғам махӯр.

Ҳар ду шеър дар баҳри рамал (фоилотун) суруда шудаанд. Ҳар ду талмеҳ ба достони «Юсуф ва Зулайхо» доранд. Дар радиф ва қофия ташобуҳ доранд. Такрори мусаввити (садои баланде) [ а ] дар ҳар ду намоён аст. Вожагони калидӣ дар шеъри Ҳофиз: Юсуф, Канъон, кулбаи эҳсон, Нӯҳ, киштибон, тӯфон ва дар шеъри Соиб: бӯйи пироҳан, зиндони Миср, пири Канъон, моҳи Миср, чоҳ, зиндон аст.

**Ҳофиз:**
Эй ҳама шакли ту матбӯъ ва ҳама ҷойи ту хуш,
Дилам аз ишваи ширини шакархоҳи ту хуш.

**Соиб:**
Эй фалакҳо зи фурӯғи рухи зебои ту хуш,
Олами хок ҳам аз сояи болои ту хуш.

Чун маҳи ид ангушт намояндаш халқ,
Лаб ба ҳар кас шавад аз лаъли шакархоҳи ту хуш.

Ҳар ду дар баҳри рамал суруда шудаанд. Мавзӯи ҳар ду орифона, ошиқона аст. Ҳар ду хитобӣ оғоз шудаанд. Дар ҳарду вожагони «эй, шакархоҳ» такрор шудааст. Дорои радиф ва қофияи яксон ҳастанд. Воҷуроӣ дар ҳарфи «ш» дида мешавад. Мазмун, мутаносиб бо вазн ва вожагон аст.

**Ҳофиз:**
Ҳофиз дар гӯшаи меҳроб менолад, равост,
Эй насиҳатгӯ, Худоро он хами абрӯ бубин.

**Соиб:**
Он чи чамъ дар чом аз асрор натвонист дид,
Хешро барҳам шикан дар косаи зону бубин.

Вазни ҳарду байт якест. Мазмуни ҳарду орифона, ошиқона аст. Радифу қофия яксон аст. Ду ҳарфи ҳамовои (ҳ) ва (х) дар ҳарду такрор шудааст.

1. **Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Соиб**

**Соиб:**
Аз гуфтаи Мавлоно мадҳуш шудам Соиб,
Ин соғари рӯҳонӣ саҳбои дигар дорад.

Соиб ҷамъан дар гуфтаҳои худ (71) бор номи Мавлоноро зикр кардааст.

«Таҳқиқан наметавон гуфт, ки Соиб то чи ҳад аз Мавлоно ранг пазируфтааст, вале аз таҷлил ва такриме, ки бедареғ дар бораи ин сӯфии бузург раво дошта, метавон яқин кард, ки «Маснавӣ»-ро хонда ва фаҳмида ва маонии онро дарк ва ғазалиёти ӯро зер ва рӯ кардааст ва ин ҳусни ақида дар абёти бешумори ӯ дида мешавад»[4].

**Соиб:**
Ба ноз афрӯхтӣ қомат фалак андар суҷуд омад,
Даме афрӯхтӣ рухсора оташ дар вуҷуд омад.

Намуди ин ҷаҳон будӣ надорад борхо дидам,
Ман ва тангии даҳон он гаҳ, ки будӣ, бенамуд омад.

Ҳарду дар баҳри ҳазаҷ (мафоилун) суруда шудаанд. Дорои радиф ва қофияи яксон ҳастанд. Мазмуни ҳарду орифона аст. Такрори мусаввати баланди [а] намоён аст. Бавижа дар ҳиҷои дуввуми (мафоилун), яъне [фо].

**Мавлоно:**
Пеш аз ин андар ҷаҳон буғу маю ангур буд,
Аз шароби лоязолӣ ҷони мо махмур буд.

Мо ба Бағдоди ҷаҳон лофи аноалҳақ мезадем.
Пеш аз он к-ин дору гиру нуктаи мансур буд.

**Соиб:**
Юсуфи мо дар дили чаҳ бар сари бозор буд,
Ин гул аз субҳи азал шайдоии дастор буд.

Пеши тоқи шӯҳрат аз шеъри баландам рутба ёфт,
Инчунин зулфи рухи ин саҳфаро даркор буд.

Кӯҳу саҳро пур шуд аз овозаи занҷири ман,
Пойи саҳрогарди Маҷнун, ки ба ин паргор буд.

Ҳарду дар баҳри рамал суруда шудаанд. Мазмуни ҳарду орифона аст. Мавлоно мансур ва сухани ӯ «аналҳақ»-ро меҳвари шеъри худ қарор дода ва Соиб ду вожаи Юсуф ва Маҷнун баҳрае гирифтааст. Дорои радифи яксон ҳастанд. Қофияи абёти Мавлоно мусаввити баланди [у] + сомит аст ва қофияи абёти Соиб мусаввити баланди [о] + сомит аст.

**Саъдӣ ва Соиб**: Ангезаи пайравии Соиб аз Саъдӣ чигунагии забон, тахайюл ва андешаи ин ду бузургвор мебошад. Низ чигунагии мазмун дар интихоби вазн ба вижа баҳри рамал ва корбурди вожагон ва санъатҳои адабии дигар дар пайравии Соиб аз Саъдӣ бетаъсир набудааст. Соиб ҷамъан нӯҳ бор дар сурудаҳои номи Саъдиро зикр кардааст.

**Саъдӣ:**
Хамри дунё бо хумору гул ба хор омехтан аст,
Нӯш мехоҳӣ, ҳало, гар пой дорӣ нешро.

**Соиб:**
Сабр кун бар талхкомиҳо, ки охир рӯзгор,
Чашмасори нӯш созад бӯсагоҳи нешро.

Ҳарду дар баҳри рамал суруда шудаанд. Вожагони калидӣ **нӯш** ва **неш** аст. Мусаввити баланди [а] дар ҳарду ҷилвагар аст. Мазмуни ҳарду даъват ба таҳаммули сахтиҳо ва сабр ва шикебоӣ аст. Дар байти Саъдӣ чаҳор калима бо ҳарфи [х] оғоз шудааст ва дар байти Соиб ду ҳарфи ҳамсадои [ш] ва [с] шаш бор такрор шудааст.

**Саъдӣ:**

Кас надонам, ки дар ин шаҳр гирифтори ту нест,
Ҳеҷ бозор чунин гарм, ки бозори ту нест.
**Соиб:**
Як накӯруй надидам, ки гирифтори ту нест,
Нест дар Миср азизе, ки харидори ту нест.
**Саноӣ ва Соиб:**
Ангезаи Соиб дар пайравӣ аз Саноӣ дар сурудани ашъори орифона аст.
**Саноӣ:**
Соқиё донӣ, ки махмурем дар деҳ ҷамро,
Соате ором деҳ ин умри беоромро.

На биҳишт аз мо тиҳӣ гардад, на дӯзах пур шавад,
Соқиё дардеҳ шароби арғувони фомро.

Ҷону дил дар ҷом кун, то ҷон ба ҷон андар ниҳем,
Чунки ҷон дар ҷом кардӣ, танг даркаш ҷомро.
**Соиб:**
Нест аз рӯйи замин серӣ дили худкомро,
Ҳирс мегардад зиёд аз хок чашми домро.

Доғ дорад майкашони ташначашмиҳои ман,
Мекунам холӣ зи май дар дасти соқӣ ҷомро.

Вазни ҳарду дар баҳри рамал аст, мазмуни ҳарду орифона аст. Таносуби байни вожагони **соқӣ, шароб**, **ҷом** дар абёти Саноӣ ва **майкашон, май, соқӣ ва ҷом** дар шеъри Соиб ва такрори ду вожаи **соқӣ** ва **ҷом** дар ҳар ду. Корбурди мусаввити [а] дар ҳиҷои аввал ва севвум дар «фоилотун» баёни иллати калидии баҳри рамал барои мазмуни орифона аст. Дар абёти боло Саноӣ ҷамъан 27 бор аз мусаввити [а] ва чаҳор бор аз мусаввити [і] истифода кардааст.

Ва Соиб дар абёти худ ҷамъан чаҳордаҳ бор аз мусаввити баланди [а] ва нӯҳ бор аз мусаввити [і] истифода кардааст.
**Саноӣ:**
Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло,
Қадам з-ин ҳарду берун неҳ, на ин ҷо бошу на он ҷо.

Ба ҳарчӣ аз роҳ дур афтӣ, чи куфр он ҳарфу чи имон,
Ба ҳарчӣ аз дӯст во монӣ, чи з-ишт он ҷову чи зебо.
**Соиб:**
Машав аз нафс иман, то тавонӣ орамид он ҷо,
Ки бинам ин ҷаҳонӣ мешавад як сар умед он ҷо.

Магир ором ин ҷо, то тавонӣ орамид он ҷо,
Ки ҳар кас гашт коҳил рӯйи осоиш надид он ҷо.

Ҳарду дар баҳри ҳазаҷ суруда шудаанд. Истифодаи такрорӣ аз мусаввитҳои баланди [а] ва [і] дар ҳиҷои дуввуми баробари «мафоилун» комилан намоён аст. Мазмуни ҳарду даъват ба ирфон ва сулук ва имон ва сафои қалб ва гузаштан аз худпарастӣ аст.

### Шайх Аттор ва Соиб

Соиб дар сурудаҳои худ ҷамъан шаш бор номи Атторро зикр кардааст.
**Аттор:**
Эй офтоби саркаш, як зарра хоки поят,
Оби ҳаёт рашҳе аз ҷоми ҷонфазоят.

**Соиб:**
З-он чашмаи ҳаёт, ки дар кӯйи дӯст буд,
То рӯзи ҳашр мулки Сикандар гирифтаем.

Ваҷҳи иштирок дар корбурди мазмун ва вожагони мушобеҳи «оби ҳаёт ва чашмаи ҳаёт» аст.
**Аттор:**
Гӯиё вақти саҳар аз дасти Хизр,
Ҷоми ҷам пуроби ҳайвон хӯрдаам.

Соиб:
Сар мапеч аз доғ, то сархалқаи мардон шавӣ,
Дар сиёҳӣ ғӯта зан, то чашмаи ҳайвон шавӣ.

Ҳарду дар баҳри рамал суруда шудаанд, вожагони калидӣ: оби ҳаёт, чашмаи ҳаёт ва чашмаи ҳайвон мебошад. Мазмуни ҳарду ирфонист.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чи дар бораи Соиб мабнӣ бар пайравии Соиб аз шоирони пеш аз худ хукм бар ин нест, ки Соиб сирфан як шоири назирагӯ будааст. Балки худи Соиб ибдокунандаи сабк ва тарзи тозаи дар замони худ будааст ва дар ашъори худ ба ин мавзӯъ низ ишора кардааст.

Хулоса, дар ин мақола дар бораи пайравии Соиб аз шоирони пеш аз худ таҳқиқе анҷом шудааст. Ва аз ҷумла, Соиб беш аз ҳама аз Ҳофиз ва сипас Саъдӣ, Мавлоно Ҷалолиддин ва Саноӣ ва Шайх Аттор кардааст ва шавоҳиде низ оварда шудааст ва мавориди мушобеҳ ҷудогона зикр гардидааст, аммо ин тақлидҳо далел бар ин нест, ки Соиб фақат як шорири назиргӯ будааст, балки вай дар сабки ҳиндӣ ва дар замони худ бавуҷудоварандаи сабк ва тарзи нав будааст. Ва дар ашъори худ низ ба ин мавзӯъ ишора кардааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Соиб, сабки Соиб, вижагиҳои шоир, мазмун ва вазни шеър, шоири назирагӯ, баҳри рамал, пайравии Соиб.

### АДАБИЁТ

1. Сабкшиносии забон ва шеъри форсӣ, Муҳаммадтақии Баҳор ба кӯшиши Каюмарси Кайвон, Теҳрон, Интишороти Маҷид, чопи аввал, 1377, саҳифаи 20.
2. Соиб ва сабки ҳиндӣ, ба кӯшиши Муҳаммадрасули Дарёгашт, Теҳрон, нашри Қатрӣ, 1371.
3. Ҳофизнома, Баҳоиддини Хуррамшоҳӣ, Теҳрон, Интишороти Суруш, чопи севвум, 1368, саҳифаи 35.
4. Ҳамон манбаъ.

### СОИБ ТАБРЕЗИ И ПРЕДЫДУЩИЕ ПОЭТЫ

Соиб в своих сочинениях больше всего опирался на содержание, размер, систему стихосложения и другие особенности стихосложения предыдущих поэтов, особенно на сочинения Хафиза и Мавлоно Балхи

### SA' EB AND EARLY POETS

Sa'eb had learnt many poetical features such as poetry content and poetical metre from poets which lived and composed since his century, especially from Hafes, Muwlana-e Balkhi, Saadi and others.

## О ПАРАМЕТРАХ НАДЕЖНОСТИ УСВОЕНИЯ РУССКОЙ ЛЕКСИКИ В НЕЯЗЫКОВОМ ВУЗЕ

*Г.М. Ходжиматова*
**Таджикский национальный университет**

Исследования в области порождения речи позволили определить роль слов в функционировании языка. Основными дискретными единицами языка являются, в сущности, только полнозначные слова. Словарный состав языка не обладает однородной структурой. В лексике можно выделить два компонента: семантический и лексемный. Основанием для разграничения семантического и лексемного компонента является отсутствие изоморфизма между планом выражения и планом содержания в лексике. Явления омофонии лексических значений и омосемии лексем, широко известные под традиционными именами омонимии, полисемии и синонимии прямо указывают на относительную автономность семантического и лексемного компонентов.[1] Словарный состав, является основной областью языковой системы. Употребление слов в речи связано с осмыслением их смысла. Слово, имея в своей структуре зрительно-слухово-двигательный компоненты, имеет еще смысловую сторону. «Смысловая же сторона слова обусловливается непосредственной связью слова с соответствующим ему понятием как обобщенным отражением действительности…Нельзя ни усвоить слово, ни владеть им, если это слово не ассоциируется с выражаемым им понятием. Знание одного только значения слова весьма недостаточно хотя бы потому, что слово имеет несколько значений, а все эти значения легче удержать в памяти лишь в том случае, если они будут объединены по смыслу, охвачены общим понятием»[2]. Поэтому необходимо различать систему понятий и систему слов. Как известно, лексические значения одного языка могут не иметь прямых эквивалентов в другом языке даже приблизительно того же уровня развития, в значениях слов отражено обычно не все содержание соответствующего понятия, а лишь определенная часть его признаков в зависимости от того, какая сторона предмета или явления выделяется в слове данного языка. Трудно

соизмеримы значения слов двух языков еще и потому, что они находятся в определенных отношениях с другими значениями данного языка, образуя своеобразную систему отношений «Сложность и многообразие этих отношений объясняются тем, что системы понятий, которые выражаются отдельными словами одного языка, оказываются далеко не идентичными, вследствие чего и наблюдаются самые различные расхождения в их значениях…объём значений какого-либо иноязычного слова оказывается более широким или более узким по сравнению с объемом значений слов родного языка. С психологической точки зрения это объясняется тем, что у разных народов имеются различные системы тех понятий, которые выражаются отдельными словами их языка»[3]. Если понятию и присуща определенная специфика, то она им присуща в несравненно меньшей мере, чем значению слова, потому что слово носит отпечаток национальной специфики языка благодаря своему функционированию в определенной языковой системе. Овладение русским языком студентами национальных групп неязыковых вузов не сводится к запоминанию языковых единиц и пониманию правил их оформления и сочетаемости. Переход знаний в овладение рассматривается в психологии как основное содержание процесса овладения языком.

Наблюдающаяся в методике обучения терминологическая путаница происходит прежде всего из-за того, что в общепсихологическом плане динамика отношений между умениями и навыками очень сложна. Прежде всего, стоит остановиться на самих понятиях: умение и навык. С одной стороны , умения являются предпосылкой , начальным звеном формирования навыка, с другой, сложные умения включают в себя и различного рода навыки. По мнению Г. Г. Городиловой умение- это не само знание (что сказать и какой это даст результат)„ а готовность вывести конкретное «знание» в изменяющихся новых условиях общения. Это готовность легко, самостоятельно и быстро выражать мысли не только к конкретному высказыванию, которое студент осуществляет в данный момент. Речь идет о потенциальной готовности студента к осуществлению речевого действия на изучаемом языке[4].

Знания рассматриваются в психологии как своего рода ассоциации. Они приобретаются и существуют лишь благодаря другим знаниям. Их характерной чертой является системность. Навыком обычно считают всякое автоматизированное в результате упражнений действие. В основе навыка лежат выработанные в коре головного мозга условные связи. Общим между знаниями и навыком является их ассоциативно- рефлекторная природа, осознание и закрепление, а также тесная связь с деятельностью субъекта во всем ее комплексе, в связи с чем иногда подвергаются сомнению такие признаки языка , как его целостность и полная автоматизированность, что в свою очередь, дает основание считать навыки особым видом знаний в действии. Поэтому в качестве критериев дифференциации знаний и навыков предлагаются условия их формирования[5]. Когда мы говорим о знании какого-то слова, то это означает, что в механизмах памяти выработана связь между формой и понятием, позволяющая актуализировать понятия при восприятии формы и форму при высказывании мыслей. При этом путь , по которому происходит связь, является двухсторонним. Актуализация понятия в опоре на форму происходит легче по сравнению с обратным процессом благодаря наличию избыточности, возникающей из-за внутреннего и внешнего контекстов. Поэтому если речь идет о надежности усвоения лексики, то следует иметь в виду выработку прочной двусторонней связи между формальной и семантической сторонами слова. Знание слова представляет собой элементарный ассоциативный навык, в основе которого лежат автоматизм узнавания или репродукция в процессе речевой деятельности. Полное и точное понимание предложения наступает благодаря пониманию всех входящих в них слов. Непонимание какого- то слова ведет к неточному пониманию целого словосочетания, а через него – к непониманию всего предложения. Поэтому необходимо уточнить понятия, а незнание отдельных слов приводит к неточным уточнениям понятий. Следует отметить особую важность для успешного овладения лексическим аспектом всех видов речевой деятельности усвоения отдельных слов. При обучении слову с целью чтения вся работа над ним нацеливается на автоматизацию тех операций, которые приводили бы к полному и неосознанному пониманию данного слова в тексте и вне его. Самым надежным уровнем рецептивного овладения лексикой считается их абсолютное узнавание, т.е. умение перевести на родной язык или указать на возможные варианты их перевода вне контекста. Основная часть лексических упражнений при обучении лексике, изучаемой с целью говорения, должна быть направлена прежде всего на автоматизацию операций извлечения из долговременной памяти отдельных слов на основе лексических связей последних с другими словами в рамках определенной ситуации или темы. Это означает, что самым надежным уровнем владения словом, изучаемой с целью говорения, является сформированность таких автоматизмов, которые обеспечивает не только быстрое и правильное комбинирование слов , но и их извлечение из памяти в составе готовых знаков более высокого порядка- речевых клише, устойчивых словосочетаний. Обучение лексике с целью аудирования связано с трудностями членения звучащего речевого потока на дискретные единицы речи, минимальным из которых является слово, что требует формирование навыков вычленения слов из потока звучащей речи на основе специальных упражнений. Таким образом, слова можно считать единственными общими лексическими единицами, усвоение которых важно для всех видов речевой

деятельности. В этой связи следует отметить, что основные параметры надежности лексики, точность, прочность и применимость – касаются отдельных слов, а не словосочетаний. При этом прочность отражает результаты объема и содержания работы логической и механической памяти и проявляется в длительном сохранении лексико-ассоциативной связи. Точность проявляется прежде всего в осознании формальных и семантических особенностей слова и их парадигм. Применимость же обеспечивается дифференцированным подходом к отбору и организации учебных лексических единиц для видов речевой деятельности и ориентацией при формировании автоматизированных операций с лексикой на речевые и внеречевые условия ее использования в каждом из видов речевой деятельности. Так как главная цель обучения русскому языку- это овладение речевой деятельностью, то самый верный путь к этому развитие речевых умений на основе запоминания языкового материала и овладение языковыми навыками.

Речевые умения в применении к лексике предполагают в определенной степени свободное владение лексическим материалом, способность учащегося творчески реагировать и оценивать новые еще не встречавшие ему единицы в разных видах речевой деятельности, проявлять готовность к их семантизации, запоминанию и активизации их в речи. С одной стороны, так называемые первичные умения являются предпосылкой, начальным звеном формирования навыка, а с другой, сложные умения включают в себя различного рода навыки. Лексический навык –это автоматизированное в результате упражнений и совершающаяся в речевом процессе актуализация лексических единиц, основывающаяся на системе выработанных в вербальной памяти ассоциативных условных связей между формальной и понятийной сторонами лексических единиц и между самими лексическими единицами. Бухбиндер в.а. выделяет следующую структуру действий, отражающую место лексического навыка в обучении речевой деятельности: 1) усвоение лексических знаний;2) развитие первичных умений сознательно совершать операции с лексикой; 3) закрепление этих операций (развитие лексических навыков); 4) формирование сложных умений координированного использования различных , в том числе лексических навыков в процессе совершения речевого действия;5) развитие творческих умений включать речевые действия в процессе управления ситуацией.[6]

Поскольку главная цель состоит в овладении языком специальности, а это значит что учащиеся должны владеть терминологией данного подъязыка науки, в связи с чем необходимо разработать методические приемы введения на практических занятиях по русскому языку терминологии, необходимой в учебном процессе студентам неязыковых вузов. Работа по формированию терминологических умений и навыков начинается на этапе, когда студенты обладают определенным уровнем компетентности, сформированными лексическими умениями и навыками. Специфика же работы над терминологической лексикой заключается в том, что термин представляет собой особую лексическую единицу, функционально не свободную, ограниченную внешним и внутренним контекстом.

Под внешним контекстом понимается узуальные ограничения, функционирование лишь в текстах с определенными жанрово-стилистическими характеристиками. Под внутренним контекстом понимается соотнесенность термина с другими единицами терминологического поля. Поэтому перед осознанием значения термина учащиеся должны научиться отличать термин от общеупотребительного слова , понимать его специфичность, понятийную отнесенность. В связи с этим перед объяснением новой терминологической единицы необходимо провести специальный ознакомительно-подготовительный этап формирования терминологического навыка. Это способствует выработке сознательной ориентировочно-операционной основы для формирования навыка. Основными действиями этого этапа является обнаружение и выделение признаков термина на всех уровнях-семантическом, синтаксическом, понятийном; связь с другими терминами, определенность синтаксической позиции, связь с системой понятий научной дисциплины.

Для развития навыков использования терминов в речи, как для порождения высказывания на темы по специальности, необходимо формирование умения порождать собственное монологическое высказывание. Все усилия преподавателя должны быть направлены на «развитие лабильных пластических свойств навыков, их гибкости путем выполнения действий в вариативных речевых ситуациях»[7]. Показателем того, что навык сформирован, является свободный перенос речевого действия, связанного с правильным употреблением терминологической лексики в речевой деятельности.

Работа по формированию терминологических умений и навыков совершается по отношению к лексической единице по этапам: введение, семантизация, закрепление и активизация в речи. Работа же по освоению терминосистемы предполагает несколько этапов, которые включают в себя:

- усвоение определенного количества терминов, умений выделять, объяснять их значение в тексте, активно употреблять их в речи;
- формирование комплекса умений и навыков, связанных со спецификой терминов.

На начальном этапе изучения терминосистемы необходимо познакомить студентов с конструктивными признаками научного стиля, с общенаучной и терминологической лексикой, как

важнейшими составляющими специфику научного стиля речи. Для решения этих задач необходимо отобрать тексты по специальности, где ярко выражена терминологическая лексика; провести их лексикографическую разработку в учебных целях, которая способствовала семантизации терминов, введение терминологических сочетаний; разработать систему упражнений и заданий, которая помогла бы эффективному решению поставленных задач.

Следующий этап является сложным как по целям задач, так и по количеству усваиваемых в нем единиц. Задачи этого этапа следующие:

- формирование специфических терминологических умений и навыков, связанных с освоением данных единиц.
- формирование умений и навыков по выделению терминологического сочетания в тексте;
- знакомство с основными лексико-семантическими парадигмами данного терминологического поля;
- усвоение закономерностей функционирования термина в контексте, позиция терминологической единицы в высказывании.

Для решения этих задач следует, помимо тщательного отбора текстового, лексикографического и другого иллюстративного материала, представить основные объединения терминологических единиц на идеографической основе; представить основные синтаксические конструкции, лежащие в основе терминологических сочетаний; познакомить студентов с основными типами высказываний научного стиля речи: описанием, повествованием, рассуждением и функций терминов в данных типах текстов. Это можно достичь при условии разработки системы упражнений тренировочного, аналитического, репродуктивного, и активного характера.

Следующий этап-коммуникативный, включает в себя употребление терминов в речевой деятельности. Основная цель этого этапа – овладение терминами. Ее достижение связано со следующими задачами :

-формирование умений и навыков по использованию терминологических единиц в речи;
- формирование умений и навыков анализировать морфологическую структуру производного термина, выводить значение термина на основе его составляющих, усвоение наиболее продуктивных словообразовательных моделей;
-знакомство со спецификой функционирования термина , определение основных сфер их применения.

Для успешного решения данных задач следует особо тщательно подойти к составлению аналитических и трансформационных упражнений по формированию соответствующих знаний и навыков .

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА :** слово, терминологическая единица, умение, навык, знание, лексический навык, речевые умения ,точность , прочность, применимость.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Кацнельсон С.Д. Типологтя языка и речевое мышление.-Л.: Наука, 1972.- с.115.
2. Беляев Б.В. Очерки по психологии обучения иностранным языкам.-М.:Просвещение, 1965.-с.120.
3. Беляев Б.В. Там, же- с.126.
4. Городилова Г.Г., Обучение речи и технические средства .- М.: Русский язык,1969.-с.10.
5. Фрумкина Р.М. Повторяемость лексико-грамматического материала в учебниках и прочность его усвоения..// Русский язык в национальной школе, 1964, №5.
6. Бухбиндер В.В.Основы обучения лексике в средней школе.Автореф.дис. . . .д-ра пед наук. К.1972.
7. Шатилов С.Ф.Актуальные проблемы методики обучения русскому языку иностранных учащихся. -Л.: ЛГУ, 1977.-с. 29.

## РОҶЕЪ БА ЭЪТИМОДНОКИИ АЗХУДКУНИИ ЛЕКСИКАИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур маҳорат ва малакаи истифодаи боэътимоди азхуд намудани лексикаи услуби илмии забони русиро барои донишҷӯёни гурӯҳҳои миллии ғайрифилологӣ дида баромада, хусусиятҳои хоси онро шарҳу баён додааст.

## ABOUT PARAMETERS OF RELIABILITY OF THE ASSIMILATION OF RUSSIAN LEXICON IN NO LANGUAGES HIGH SCHOOL

The Author of the article considers for decision of these problems follows, aside from careful selection text, lexicographic and the other illustrative material, present the main associations of the terminological units on ideographical to base; present the main syntax designs, being the basis of terminological combinations; introduce the student with the main types of the utterances scientific stiletto speech: description, narrative, discourse and function term in given types text. This a possible reaches at condition of the system development of the exercises burn-in, analytical, reproductive, and active nature.

# ЖУРНАЛИСТИКА

## ИНСОН, ОЗОДӢ ВА ИСТИҚЛОЛ

*Н.Н.Салихов*
**Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон**

Абдулҳамид Самад аз зумраи он нависандагони тоҷик аст, ки бо публисистика низ сару кор доранд. Ӯ бо таълифоти худ аз қабили «Роҳнамои миллати тоҷик», «Итиқлоли ҷовидон – бахту озодии Тоҷикистон», «Шермарди қаламрави сухан», «Се рӯзи дар Ҳиндустон», «Кишвари лутфу ширинсуханон» ва амсоли онҳо дар миёни аҳли адаб ва оммаи хонандагон чун публисисти оташсухане ҳам эхтироф гардидааст, ки бо навиштаҳои худ дар бораи бурду бохтҳо, мушкилоти зиндагии инсону ҷомеа, масъалаҳои озодиву истиқлол ва ифтихороти миллии тоҷикон ва ғайра изҳори андеша менамояд, дар ҳалли муаммоҳои замони имрӯз мулоҳизаву пешниҳодоти худро баён мекунад. Дар маҷмӯаи осори А. Самад «Гардиши девбод», ки соли 2007 ба табъ расидааст, 14 очерку эссе ва сафарномаву ёдномаҳои ӯ низ фароҳам омадааст.

Нахустин эссеи маҷмӯаи мазкур «Истиқлоли ҷовидон-бақои давлати тоҷикон» ном дошта, дар он муаллиф масъалаи озодӣ ва истиқлоли инсон ва ҷомеаро ба миён мегузорад ва дар бораи моҳият ва мазмуни мафҳуми «Озодӣ» андеша менамояд. Қабл аз мулоҳизаронӣ дар бораи худи мафҳуми «озодӣ» публисист таърихи беш аз ҳазорсолаи миллати тоҷикро пеши назар оварда, дар бораи нобарориҳо ва нокомиҳои миллати хеш дар гузашта аз дидгоҳи ҳақиқати талхи таърих ва шаҳодати санадҳо наздик мешавад. Ӯ сабаби шикасти нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониёнро дар тазоди ду қувва – қувваҳои ватанпарасту озодихоҳ ва бонангу номус дар симои Мунтасири Сомонӣ ва ёрони ӯ ва гурӯҳе ноҷавонмарду хоин, худхоҳу хушомадгӯ ва ватанфурӯш мебинад. Мутаассифона дар ин набарди хайру шар қувваҳои ватанфурӯшу хиёнатпеша ғолиб омаданд ва давлати орзуву ормонҳои тоҷикон бо мусоидати хоинони худи миллат ба дасти собиқ ғуломонашон гузашт.

Ҳақиқати талхи таърих ин аст, ки тоҷик давлату истиқлоли худро бохт, вале дар ҳама давру замонҳо фазлу хирад, фарҳангу адаб, ғуруру ҷавонмардӣ, озодихоҳӣ ва рӯҳи созандаву бунёдкории худро нигоҳ дошт ва дар офаридаҳои ақлонӣ ва адабии фарзандони нобиғааш истиқлолу ифтихори худро ҳамчун миллати бофарҳангу мутамаддин ҳифз намуд.

Адиби публисист сабаб ва ҳадафи рӯ овардани худро ба таърихи гузаштаи миллати хеш тавзеҳ намуда, менависад, ки мақсади аслӣ акнун афсӯсу надомат ва ҳасрати гузашта нест, балки мурочиат ба таърих, ба хотири он аст, ки «сабаби заиф шудани давлат, ҷурми фориғболию кӯтоҳандешии шоҳонро, ки сармасти хушомади аҷнабиён ва ё бандаи ситоиши дурӯғини маккорону найрангбозон, нафсу худхоҳӣ ва ришва гардида, мамлакати бо хуни ҷигар ва ҳазор орзую армон барпокардаи бобоёнро соддалавҳона ба дасти ғуломони хеш супурда, бори гарони хиҷолату таассуф умре бар дӯши миллат гузоштанд, донистан, балки аз он сабақ гирифта, аз ҳилаву маккории адӯ ба ҷои ашкрезӣ ҳушёр, дурбин ва ботадбир шудан ҳатмист»[1]. Зеро имрӯз ҳам халқи тоҷик аз хатари хиёнатҳои миёншикани хабисони бадният эмин нест.

Бо гузашти беш аз ҳазор сол миллати тоҷик боз озодӣ ва истиқлоли хешро соҳиб гардид. Ба андешаи А. Самад озодӣ ва истиқлоли Тоҷикистон падидаест, ки дар афкори адабӣ ва барои суханварони тоҷик имконоти хубе фароҳам овард, то ҳар як адиб озодона бо интихоби мавзӯъ, тарзи баёни афкору андеша ва ормонҳои худ даст занад. Бино бар таъкиди публисист А. Самад тамоми дастовардҳо ва таҳаввулоти ҷиддӣ дар Тоҷикистон натиҷаи Истиқлол аст, ки насиби миллати тоҷик гардидааст. Вале қимат ва моҳияти ин Истиқлолро дарк бояд кард, зеро Истиқлол «мӯъҷизае нест, ки баъди эълонаш мо даст рӯи даст дар кунҷи хона биншинему тамоми нозу нузи зиндагӣ болои хонамон муҳайё шавад. Ҳам пойдории истиқлол ва ҳам беҳ гардидани рӯзгорамон аз мехнати ҳалол, муносибати пок ва дилу нияти софи ҳар як фарди ҷамъият дар сари иҷрои вазифа муҳайё мегардад»[2]. Чун тақвияти андешаҳои худ публисист А. Самад ҳушдори сарвари давлати тоҷикон – Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар мешавад, ки гуфта буд: «Истиқлолиятро соҳиб шудан ҳанӯз кам аст, онро ҳифз намуда, пуштибонӣ кардан, тақвияти бахшидан ва ҳамчун арзиши муқаддастарин давлату давлатдорӣ дарк намуда вa пос доштан зарур аст»[3].

Пас аз андешаҳо дар атрофи масъалаҳои марбут ба истиқлолу истиқлолхоҳӣ ва озодиву хушбахтии инсонҳо А. Самад ба хонанда дар бораи моҳият ва мафҳуми истиқлол мулоҳизоти шахсии хешро иброз намуда, ба хулосае меояд, ки «истиқлол соҳиби комилҳуқуқи обу замин, тамоми сарватҳо ва давлати худ будан аст. Истиқлол озодии шахс ба тамоми маъноҳояш дар

ниҳони худ аст Истиқлол равнақ бахшидани арзишҳои миллӣ дар сарзамин ва дорои нишонаҳои хоси давлати хеш будан, байни мамолики ҷаҳон аст. Ва боз истиқлол он аст, ки ҳар фарди ҷомеа, - хоҳ сарвар бошад, хоҳ посбони пеши дар, - амиқ дарк намояд: ҳосили заҳмат, кору пайкори ӯ сипари озодиву ояндаи неки Ватан ва рӯзгори хуши фарзандон аст. Ва хушбахт фардест, ки бо вуҷуди сахтиву мушкилиҳо лаззати соҳибихтиёрӣ ва истиқлолро дарк намояд»[4].

Эссеи «Роҳи шараф» низ як навъ давоми мантиқии «Истиқлоли ҷовидон – бақои давлати тоҷикон» буда, дар он арзиш ва аҳамияти Сарқонун-Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасии публисист гардидааст. Дар ин ҷо А. Самад ба ҳайси публисист андеша ронда, аҳамияти Конститутсияи даврони истиқлоли ҷумҳуриро дар озодӣ, ҳуқуқҳо, манфиатҳо, амният ва шарафу эътибори ҳар фарди Тоҷикистон ёдовар гардида, таъкид менамояд, ки маҳз ҳамин Конститутсия забони давлатӣ, суруди миллӣ ва парчами Тоҷикистонро тасдиқ намуд ва ба ҷаҳониён эълон кард, ки акнун тоҷикон давлати соҳибистиқлоли худро доранд ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳони имрӯз мебошанд. Барои тасдиқи андешаҳои худ публисист замони ба арсаи сиёсат қадам ниҳодани Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмонро ба ёд меорад, ки ӯ дар рӯзҳое ба сари вазифа омад, ки «аз рӯи сустиву фориғболиву бемасъулиятии роҳбарон, вазоратҳои қудратӣ дар он солҳои наҳс, оташи низоъ ва ҷангу ҷидолҳои ҷудоандоз харобиовар пеши назари ҷомеа аланга зад, низоми зиндагиро вайрон кард, сарнавишти инсонҳоро печидаву шӯру талх сохт, бадбахтиҳои гӯшношуниде ба сари мардум овард…»[5]. Президенти дар он вақт ҳанӯз ҷавони Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ бо ҳамсафон ва мардуми сулҳпарвару меҳнатқарини диёри хеш тавонист, ки саравҷал дар ҷумҳурӣ осудагиву оромиро барқарор намояд ва бино ба ваъдаи ба мардум додааш нахуст ба хонадони халқи ҷабрдидаи тоҷик сулҳу амонӣ овард, гурезагонро, ки бар асари задухӯрдҳои дохилӣ фирорӣ шуда буданд, боз ба Ватан баргардонида овард. Тадриҷан, «моҳ ба моҳ, сол ба сол, дар натиҷаи сабру таҳаммул, талошу муборизаҳои пайваста, ҷустуҷӯи беҳтарин роҳҳои созиш бо амри Худованд ва мадади рӯҳи бузургон, дастгирии мардум, давлату ташкилотҳои хайрхоҳи ҷаҳонӣ андак-андак масъалаҳои мушкил ҳал гардиданд: саддҳои манфури ҷудоандозӣ шикастанд, душманони хуниву ҷонӣ, тарафҳои қаҳриву ёғӣ гардани шайтон шикаста, ба рағми сиёҳкорон, ба хотири шаъну эътибори миллати куҳанбунёдамон ба ҳамдигар оғӯши бародарона кушоданд ва дар хонаи бобоии худ – Тоҷикистони азиз сарҷамъ омаданд; боз ба созандагиву бунёдкори даст заданд»[6].

Дар эссеи мазкур, ки ба таҷлили рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, А. Самад роҳи нисбатан кӯтоҳи дар даврони истиқлолият тайнамудаи мардуми тоҷик ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро мавриди таҳлилу андеша қарор дода. ибрати шахсии сарвари давлатро чун шахсияти хирадманду дурандеш, ҷавонмарди инсондӯст таъкид менамояд. Мисоҳо ва далелҳои дар ин маврид овардаи публисист мӯътамад ва воқеӣ мебошанд. Масалан муаллиф барҳақ менависад, ки «забони халқро ёфтан, дар ғаму шодияш шарик шудан зиёда аз ин ба манфиати як миллат ё давлат корҳои шоистае ба анҷом расонидан ҳунари ҳар роҳбар нест. Аммо Эмомалӣ Раҳмон бо чанд кӯшиши боҷуръатона барои баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ба хоки аҷдодӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, арҷгузорӣ ва густариши забони модарӣ, омӯхтани дигар забонҳо, эҳёи хотираи таърихӣ, баланд бардоштани ҳисси пурнаҷобати худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ки ниёзи хурду бузург буд, саҳми беназир гузошт»[7]. Публисист А. Самад барҳақ ватанпарвариву фарҳангдӯстӣ ва ҷавонмардиву одамияти сарвари давлати тоҷиконро бо далелҳои мантиқӣ ва санадҳои мушаххас нишон дода, созандагиву бунёдкориҳоеро дар муддати кӯтоҳ бо роҳбарии ӯ дар ҷумҳурӣ воқеъ гардида, бармешуморад ва чун як нафар шаҳрванди ватандӯсти ин диёр изҳори ифтихор ва шодмонӣ менамояд. Дар айни ҳол ӯ аз вуҷуди муаммоҳо ва мушкилоти дар оянда ҳалшаванда низ огоҳ аст ва бо як ҳисси некбинӣ ба ояндаи наздики Ватани азизи хеш нигариста, мегӯяд:

«Ҷомеаи мо, бешубҳа, ба ниёзҳои зиёд эҳтиёҷ дорад. Ва ин ҳам табиист, ки инсон як марҳалаи мушкилеро пушти сар кард, мехоҳад, ки зудтар ба зиндагии хушу гуворотар бирасад. Вале ҳама кор ба вақту соат тобеъ мебошад. Дар ҳар сурат аз рӯи иттилооте, ки аз фаъолияти чеҳраи аввали давлатҳои дуру наздик мерасад, муқоиса бикунем, чашми бад кӯр, гӯши шайтон кар, кору пайкори созандагии Президент барои нарм нигоҳ доштани вазъи сиёсӣ, шукуфоии меҳан афзалиятҳо дорад. Ва ёд овардани рӯзи ба арсаи сиёсат қадам ниҳодани Эмомалӣ Раҳмон ба хотири он аст, ки масъулияти роҳбарӣ ба давлат ва ба зимма гирифтани тақдири халқ мисли дину имон муқаддас аст. Дар ин роҳи мушкил агар ҳамагон бо дасту дили пок ба сарвари давлатамон мададгор бошем, ҷумҳурӣ гулистон хоҳад шуд»[8]. Воқеан, ягонагӣ ва ваҳдат, дастгиру мададгори сарвари давлати худ будани мардум омили муҳимест, ки кишвари тоҷиконро ба қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳон ва тоҷиконро ба қуллаи саодат, хурамиву ободӣ расонида метавонад.

Мавзӯъ ва мӯҳтавои асосии эссеи «Номбардору ифтихори миллат» низ бо сулҳу озодӣ, ватандӯстӣ ва истиқлолхоҳии мардуми тоҷик ва халқҳои олам иртибот дорад. Фақат ин мавзӯъ ва масъалаҳои ба он алоқаманд дар партави фаъолиятҳои эҷодӣ ва иҷтимоии як нафар фарзанди барӯманду вафодори миллати тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон, Мирзо Турсунзода баррасӣ гардидааст.

Публисист А. Самад хидматҳои бузурги устод Турсунзодаро дар рушди фарҳангу адаби даврони шӯравӣ, пойдориву устувории сулҳу дӯстии миёни халқҳо, озодиву истиқлоли халқҳои Шарқ, эҳёи хотираи таърихии халқи тоҷик ва суннатҳои фарҳангиву адабии он баршумурда, таъкид мекунад, ки орзуву ормонҳои устод дар замони зиндагии ӯ комилан ҷомаи амал напӯшиданд, зеро «армони шоир озодии меҳану халқ, шукуфоии Ватану беҳбудии рӯзгори мардум, рушди илму фарҳангу, эҳёи суннатҳои волои қадимӣ, соҳибмаърифат шудани фарзандони миллат, мустаҳкам ва баландгардонии мавқеъ ва обрӯи Тоҷикистони азиз буд»[9], ки танҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон қисме аз онҳо ҷомаи амал пӯшид. Тоҷикистон – Ватани азизи бобоии устод чун ҷумҳурии озоду соҳибистиқлол миёни давлатҳои дигари ҷаҳон эътироф гардид. Даврони худшиносии миллӣ ва эҳёи суннатҳои миллӣ фаро расид. Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳода ва дарояндаи наздик дар қатори кишварҳои мутараққии ҷаҳон қарор хоҳад гирифт. Алабатта дар ин ҳама нишонаи саъю талошҳо ва заҳматҳои якумрии устод Турсунзода низ ҳувайдост.

Теъдоде аз эссеҳои дигари А. Самад аз қабили «Қуллаи Ҷалол Икромӣ», «Э ҷонаке», «Пайроҳа ва дунёи Сайф», «Ҷавониро сароиду рафт» ва ғайра ба тарзи ёдбуди шахсиятҳои фарҳангу адаби тоҷик Ҷ. Икромӣ, Ф. Ниёзӣ, Сайф Раҳимзод, Ҳ. Файзулло таълиф гардидаанд. Дар ин навиштаҳо низ муаллиф дар мисоли хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҷавонмардӣ, ҳалолкорӣ, инсонпарварӣ ва дигар фазилатҳои қаҳрамонони худ ҷомеаро ба ғамхорӣ дар ҳақи инсонҳо ва инсондӯстиву одамият даъват менамояд.

Дар маҷмӯъ аз мутолиаву баррасии мавзӯъ ва мӯҳтавои эссеҳои А. Самад бармеояд, ки сабку равиши нависанда дар публисистикаи ӯ низ ҳамонанди осори адабии вай бар насри андеша ва таҳлилҳои мантиқӣ асос ёфтааст. Адиб масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯз, инсон, мақому манзалат, озодӣ ва истиқлоли ӯ, дарду ормонҳо ва ғаму шодиҳои вай ва амсоли онҳоро ба миён мегузорад, таърихи дирӯзу имрӯзи миллати хешро қиёс мекунад ва роҳи ҳалли муаммоҳо ва мушкилоти ба миён омадаро пешниҳод ҳам менамояд. Аз комёбиҳо ва дастовардҳои халқу кишвари худ ифтихор мекунад ва аз нобарориву нуқсонҳо изҳори нигаронӣ менамояд. Ин аст ба андешаи мо мавқеи ватанпарастӣ ва гуманистии А. Самад ва арзишу аҳамияти осори публисистии вай, ки дар даврони истиқлол ба табъ расидаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** адиби публисист, инсон, озодӣ, истиқлол, публисистика, масъалаи озодӣ, мафҳуми «озодӣ», миллати тоҷик.

## АДАБИЁТ

1. Самад. А. Гардиши девбод. – Душанбе, 2007. – с. 347.
2. Ҳамон китоб, с. 360.
3. Ҳамон китоб, ҳамон с.
4. Ҳамон китоб, с. 356.
5. Ҳамон ҷо, с. 367.
6. Ҳамон ҷо, с. 370.
7. Ҳамон ҷо, с. 371.
8. Ҳамон ҷо, с. 475.
9. Ҳамон ҷо, с. 400.

## ЧЕЛОВЕК, СВОБОДА И НЕЗАВИСИМОСТЬ

Статья посвящена исследованию проблемы отражения концепции человека в таджикской публицистике периода независимости. Автор на примере публицистической прозы таджикского писателя А. Самада, наглядно показывает серьезные изменения, происходившие в обществе и общественной мысли в отношении к человеку, его свободы и независимости в новый период развития Республики Таджикистан.

## THE PERSON, FREEDOM AND INDEPENDENCE

Article is devoted educationally problems of reflex ion of the concept of the person in the Tadjik publicist of the period of independence. The author on an example publication prose of Tadjik writer

A.Samad, demonstrates the serious changes occurring in a society and public thought in the relation to the person, its freedom and independence during the new period of development of Republic Tajikistan.

# НАҚШИ РАСОНАҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

*Алиризо Талхобии Алишоҳ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар нӯҳумин давраи интихоботи Президенти ҶИЭ ВАО-и кишварҳои мухталиф ба пӯшиши хабарӣ ва тафсири ин мавзӯъ пардохта, саъй намуданд, бо ироаи тасвире аз фазои интихоботии Эрон ва таҷзияву таҳлили хусусиятҳои он, ин интихобот ва натиҷаи онро ба мухотабони худ, он гуна ки мехоҳанд, бишиносонанд. Пӯшиши хабарии расонаҳо аз Эрон ва интихоботи он тарзе буд, ки зиёдтар аз ҳама нуқтаҳои мавриди назари худро гузориш медоданд. Бо вуҷуди он ки расонаҳои хабарии бегона идаои иттилоърасонии фақат дуруст ва вокеӣ доштанд, фароянди иттилоърасонии онҳо тарзе буд, ки хабар ҷанбаи таблиғотӣ ба худ мегирифт ва идеологияи соҳибони расонаҳоро ба мухотабон таҳмил мекард.

Усулан мухотабон бо эътиқод ба бетарафӣ, беғаразӣ, комил будан ва дурустии ахбори расонаҳоро бовар мекунанд. Ба ҳамин далел, расонаҳои хабарӣ саъй намуданд, ки бо истифода аз ҳиллаҳо ва ситоишҳои гуногун ба бовар кунонидани дурустии ахбори худ бипардозанд. Барои мисол, барои муваффақият дар илқои паём, бештар ба интихоби ахбори матлуби худ мепардохтанд ва ин ахборро дар дараҷаи аввал қарор медоданд, ба ин тартиб ахбори мавриди назарашон бештар ҷалби назар мекард.

Техникаи дигари ин расонаҳо, пӯшиши дугонаи рӯйдодҳо буд. Дар ин шева рӯйдоди хосеро ба сурати комил ва аз ҷонибҳои мухталиф ба унвони як рӯйдоди муҳим пӯшиш дода, мухотабро бо ҷанбаҳои гуногуни он мавзӯъ ошно месохтанд, ва рӯйдодеро, ки ба нафъашон набуд, ба сурати хулоса ва бо камтарин пӯшиши хабарӣ инъикос мекарданд. Ба ин тартиб, мухотабони ин расонаҳо аз мавзӯъҳои мавриди алоқаи ин истгоҳҳои хабарӣ бештар огаҳӣ ёфта, аз мавзӯъҳои мухолиф бо манфиатҳои онҳо камтарин иттилоъро ба даст меоваранд.

Албатта, дар ин давраи интихоботӣ Раёсати Ҷумҳурии Эрон, сиёсатгузории нави созмони радиову телевизион нақши муҳиме дар аз байн бурдани сиёсатҳои ин расонаҳо бозид ва ин сиёсатгузорӣ иборат буд аз:

- иттилоърасонии комил ва ҷомеъ;
- шаффофсозии муҳити хабари интихобот;
- мубориза бо овозаҳо аз тариқи пахши ахбори мавриди ниёз ва бар пояи асли бетарафӣ, дурустӣ ва воқеъият ва суръати хабар.

Муваффақияти радио ва телевизиони Эрон дар иҷрои ин стратегия 
 ончунон буд, ки интиқодкунандагони доимӣ ва суннатиаш онро бисёр муваффақ арзёбӣ намуда, дар баробари ин, онро яке аз авомили аслии ширкати васеи мардум дар интихобот донистанд. Эътимоди мардум дар ин давраи интихобот ба ахбори интихоботи радио ва телевизиони Эрон бисёр зиёд буд. Бар асоси баррасиҳои майдонӣ 83% мардуми таҳқиқшуда дар тамоми мамлакат, радио ва телевизиони Эронро ба унвони манбаи асосии ба даст овардани хабари интихоботӣ медонистанд. Мизони эътимод ба ахбори интихоботии радио ва телевизион бо 60% фосилаи бисёр зиёде то чор баробар бо дигар расонҳо дошт.Дар ин таҳқиқ бюлетени хабарӣ, ки ба сурати ҳафтагӣ таҳия шуда, тамоми ахбори марбут ба интихобот дар расонаҳои бегонаро ба таври комил дар он дарҷ шудааст, истифода гардидааст.Аз ҷумла, таблиғоти Радиои «Фардо» (ИМА), Радиои «Садои Америко» (форсӣ), бахши форсии Радиои BBC (Британия) ва бахши англисии Телевизиони CNN (ИМА) пажӯҳиш шудааст.

Ба таври умуми 62-бюллетен мутолиа шудааст, ки фарогири таблиғоти бегона ба мавзӯи интихоботи Раиси ҷумҳур дар Эрон аз таърихӣ 04.10.83 (04.10.2004) то 06.04.84 (06.04.2005) мешавад.

Дар баррасии шашмоҳаи ахбори расонаҳои дар боло баёншуда, дар кул 2064 хабари онҳо ба нӯҳумин давраи интихоботи Раёсати Ҷумҳурии Исломии Эрон нигаронида шудааст, ки тақрибан ними он ба се расонаи форсизабон - радиоҳои «Фардо», BBC ва «Садои Америко» тааллуқ дошт.

Дар замони таҳқиқ Радиои «Фардо» бо 912 маврид (тақрибан 44,2 фоиз) бештарин ва Телевизиони CNN мавриди 2,2 фоиз камтарин таблиғотро ба мавзӯи интихоботи Раёсати Ҷумҳурии Эрон дар миёни чаҳор расона доштаанд.

Ҳамчунин Радиои «Фардо» тақрибан 22,7 фоизи таблиғоти интихоботи Раиси ҷумҳурро дар миёни тамоми расонаҳои бегона ба худ ихтисос додааст.

Пас аз радиои «Фардо» радио ва телевизиони BBC - 15,6 фоиз, радиои «Садои Америко» - 12 фоиз, телевизиони CNN - 1,2 фоиз аз ҳаҷми таблиғот дар бораи интихоботи Раёсати Ҷумҳурии Эронро дар тамоми барномаҳои расонаҳои бегона доштаанд. Натиҷаи фаъолияти чаҳор расонаи дар боло овардашуда дар давраи таҳқиқур тавлиди 2064 хабар ва таблиғ ба мавзӯи интихоботи Раёсати Ҷумҳури Эрон буда, ки 51,5 % тамоми фаъоляти расонаҳои бегона дар ин давраро дар бар мегирад.

Муҳимтарин меҳварҳои таблиғотӣ ба мавзӯи интихоботи Раёсати Ҷумҳури Эрон дар чаҳор расона ба тартиби мизони теъдод ва фоизи теъдод

| Мавзӯи таблиғ | Теъдод | Дар сади теъдод дар чаҳор расонаи мавриди баррасӣ | Дар сади теъдоди расонаҳои бегона |
|---|---|---|---|
| Ислоҳталабон ва интихобот | 60 | 4,2 | 1,5 |
| Интихобот ва мушорикати зиёд | 66 | 4,4 | 1,6 |
| Интихобот ва музокироти ҳастаӣ | 50 | 3,4 | 1,2 |
| Дидгоҳи манфӣ ва ғайридемократӣ будани интихобот | 893 | 60 | 22,3 |
| Рақобатҳои интихоботӣ дар Эрон | 184 | 12,5 | 4,5 |
| Таъсири байналмилалии интихобот | 26 | 1,7 | 0,6 |
| Радио ва телевизиони Эрон ва интихобот | 28 | 1,7 | 0,7 |
| Афкори умумӣ ва интихобот | 67 | 4,5 | 1,6 |
| Беаҳамият будани интихобот барои ғарбиҳо | 6 | 0,6 | 0,1 |
| Дидгоҳи манфии усулгароён | 95 | 6,5 | 2,4 |

Дар миёни меҳварҳои таблиғотӣ муртабит бо мавзӯи интихоботи Раиси ҷумҳур дидгоҳи манфӣ ва ғайридемократӣ будани интихобот (таҳрим – истиқболи кам) бо 893 теъдод (60%) дар дараҷаи аввал ва рақобатҳои интихоботӣ дар Эрон бо 184 теъдод (12,5%) интихобот ва мушорикати боло мушахаскунандаи мақбул будани низом бо 66 теъдод (4,4%), ислоҳталабон ва интихобот бо 60 теъдод (4,2%) музокироти ҳастаӣ бо 50 теъдод (3,4%), афкори умумӣ ва интихобот бо 67 теъдод (4,5%) ва таъсироти байналмилалӣ ва беаҳамият будани интихобот барои ғарбиҳо ҳар як бо 1,7 % ва 0,6 % дар ҷойи охир қарор мегиранд.

| Мавзӯи таблиғ | Теъдод | % теъдод дар чаҳор расонаи мавриди баррасӣ | % теъдоди маркази расонаҳои бегона |
|---|---|---|---|
| Тамаркуз ба Рафсанҷонӣ | 209 | 44,5 | 7,71 |
| Тамаркуз ба Аҳмадинажод | 132 | 19,1 | 3,21 |
| Тамаркуз ба Қолинбоф | 50 | 7,2 | 1,24 |
| Тамаркуз ба Мӯин | 132 | 19,1 | 3,29 |
| Тамаркуз ба Каррубӣ | 26 | 5,3 | 0,89 |
| Тамуркуз ба Лориҷонӣ | 17 | 2,5 | 0,42 |
| Тамаркуз ба Ризоӣ | 12 | 1,8 | 0,29 |
| Тамаркуз ба Меҳрӣ Ализода | 3 | 0,5 | 0,07 |
| Ҷамъ | 581 | 100 | 17,8 |

Баррасии меҳварҳои таблиғотӣ, ки ба номзадҳои интихоботи Раёсати ҷумҳурӣ ихтисос доштаанд, нишон медиҳад, ки дар миёни афрод, оғои Ҳошими Рафсанҷонӣ бо 44,5%, бештарин мавриди таблиғотӣ будааст ва оғои Меҳрӣ Ализода бо 0,5% камтарин миқдорро дар ин мавзӯъ ба худ ихтисос додаанд.

| Мавзӯъ | Радиои Фардо | % | Радиои «Садои Амрико» | % | Радиои BBC | % | TB CNN | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамаркуз ба Рафсанҷонӣ | 121 | 41,8 | 83 | 53,2 | 98 | 40,8 | 7 | 63,6 |
| Тамаркуз ба Аҳмадинажод | 54 | 19,9 | 25 | 16,0 | 54 | 22,5 | 0 | 0 |
| Тамаркуз ба Колинбоф | 9 | 3,2 | 13 | 8,3 | 25 | 10,4 | 3 | 27,2 |
| Тамаркуз ба Муин | 57 | 20,0 | 23 | 14,7 | 51 | 21,2 | 1 | 9,9 |
| Тамаркуз ба Карубӣ | 23 | 8,2 | 5 | 3,2 | 8 | 3,3 | 0 | 0 |
| Тамаркуз ба Лориҷонӣ | 10 | 3,5 | 2 | 1,2 | 5 | 2,0 | 0 | 0 |
| Тамаркуз ба Ризоӣ | 5 | 1,7 | 4 | 2,5 | 3 | 1,2 | 0 | 0 |
| Тамаркуз ба Меҳрӣ Ализода | 1 | 0,3 | 1 | 0,6 | 1 | 0,4 | 0 | 0 |
| Ҷамъ | 280 | | 156 | | 245 | | 11 | |

Ҷадвали пешин нишондиҳандаи он аст, ки оғои Ҳошими Рафсанҷонӣ бештар мавриди ҳуҷуми таблиғоти расонаӣ буда, баъд аз эшон оғои Аҳмадинажод қарор доштааст. Бештарин таблиғ ва тамаркуз бар кандидатҳои тавассути Радиои «Фардо» (бо теъдоди 280) сурат гирифта ва баъд аз он ба тартиб, радиои BBC бо теъдоди 245, радиои «Садои Амрико» бо теъдоди 156 ва CNN бо теъдоди 11 ба ин амр пардохтаанд.

Интихобот ва тамоми меҳварҳое, ки ба сурати 10 шохиси куллӣ дар назар гирифта шудааст, радиои «Фардо» бо 649 теъдод, радиои «Садои Амрико» бо 428, радиои BBC бо 379 теъдод ва шабакаи телевизионии CNN бо 36 теъдод ба тартиб хабари марбут ба интихоботи Раёсати Ҷумҳури Эронро мавриди диққат қарор доданд. Боз ҳам дар ин мавридрадиои «Фардо» пештоз аз дигар расонаҳо буд. Шабакаи CNN бо 36 теъдод камтарин ахборро дар бораи интихоботи Эрон пахш кардааст.

Бештарин меҳварҳои таблиғоти интишорёфтаи радиои «Фардо» дидгоҳи манфӣ ва ғайридемократӣ будани интихобот  бо 390 теъдод (60 %) будааст. Ин меҳвари мавзӯӣ дар радиои «Садои Америко бо 307 теъдод (71,7 %), радиои BBC, бо 172 теъдод (45,2%) ва шабакаи CNN бо 24 теъдод (66,6 %) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Баҳси рақобатҳои интихоботӣ дар Эрон мавзӯи дуввумист, ки ин расонаҳо бештарин ахбори худро ба он ихтисос додаанд. Радиои «Фардо» бо 79 теъдод (12,1%) , радиои BBC бо 71 теъдод (18,7 %), радиои «Садои Амрико» бо 31 теъдод (7,2 %) ва шабакаи CNN бо 3 теъдод (8,3%) ба ин матлаб пардохтаанд. Тамоми мавзӯъҳо низ ба тартиб, вуҷуди дидгоҳи манфӣ нисбат ба усулгароён, афкори умумӣ ва интихобот, мавзӯи ислоҳталабон ва интихобот, мушорикати болои шохиси мақбуляти низом ва радио ва телевизиони Эрон ва таъсироти байналмилалии интихобот будаанд.

Таҷзия ва таҳлили ахбор дар бораи Эрон ва он ҷо дар дигар расонаҳо чи аз мактуб ва дидорӣ ва шунидорӣ пахш мешавад, таваҷҷӯҳи дақиқ ба заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии он аст. Асри навро бояд асри  «воқеиятҳои расонаӣ» донист. Шояд калимаи «воқеиятҳои расонаӣ» ҳам натавонад навъи фаъолят ва ҳадафҳои расонаҳо ва марказҳои муҳими тавлидоти расонаи чи аз хабарӣ ва фароғатиро бозгӯ кунад, зеро бештар бо «воқеиятҳои расонаӣ» мувоҷеҳ ҳастем. Агар имрӯз асри «жеумедиа» бидонем, шояд сухани беҳудае нагуфта бошем. Дар геополитика, он чи аз муҳити табиӣ бар рӯи сиёсат ва тасмимҳои сиёсӣ таъсир дорад, унсури геополитикист, монанди вусъати сарзамин, мазҳаб, забон, нафт ва ғайра имрӯз дар расонаҳо нақши хосе пайдо кардаанд ва табдил ба қудрати нарм дар низоми ҷаҳонӣ шудаанд. Бинобар ин, баҳрабардорӣ аз  он барои қудратҳо ба мақсади контроли ҳавзаҳои мухталифи ҷаҳонӣ ба маротиб арзонтар ва содатар аз истифода аз қудрати сахт аст. Жеумедиа, ба дунболи контроли тавлид ва тавзеъ ва тарзи баҳрабардории иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ аз тариқи расонаҳои ҷамъист.

Ба хотири ин кор, хусусияти нав, созмонҳои умдаи расонаӣ густариши амудӣ ва уфуқӣ ёфтаанд. Агар даҳаи 80 садаи гузашта, ҳудуди 50 муассисаи бузург кантроли расонаҳоро ба ӯҳда доштанд, имрӯза ин теъдод ба 6 адад расидааст. Дар баробари ин, теъдоди расонаҳо ва доираи фаъолияти онҳо аз маҳаллӣ ва минтақавӣ ба ҳолати ҷаҳонӣ даромадааст. Агар бинанда ва шунавандаи ин расонаҳо бошӣ, воқеияте, ки барои шумо сохтаанд, на танҳо мутафовут, балки гоҳо мутазод бо ҳақиқат аст.

Кори махсуси расонаҳои ҷаҳонӣ бар рӯи афкори оммаи Эрон дар давраи интихобот ба чанд заминаи аслӣ бар мегардад. Муқовимати 27- солаи Эрон дар муқобили султаи ҷаҳонӣ, сабаби густариши адабёти нави муқовимат дар ҷаҳон ва минтақа ва ҷаҳон шудааст. Ба қавли сиёсатшиноси америкоӣ З. Бзежинский инқилоб аз Эрон як бор содир шудааст (мақсад Ҳизбуллоҳ

ва муқовимат дар Лубнон ва Фаластин аст), содир шудани дубораи он ба дунё ба маънои он хоҳад буд, ки дар канори Амрико дигар қудратҳо низ нақши ҷаҳонии хосе хоҳанд ёфт. Амрикои Лотинӣ ва тағйироти муҳими онро дар даҳаи охир бубинед ва писари шуҷоъ, президенти Венесуела, оғои Уго Чаусро ба хотир биспоред. Равиши муқовимати Чаус мубтанӣ бар равишҳои марксистӣ нест, балки венесуэлагӣ шуда, тафаккуру равиши муқовимат ва мубориза Эрон дар он кишвар аст. Яъне, такя бар мардум ба ҷои такя бар қудратҳои бегона аст. Мо ба тавлиди хабар дар саҳм бар ҷахоне руй овардаем. Агар чи ин муҳим бисёр андак аст, аммо комилан таъсиргузор буда, ба тавре ки дар Афғонистон ва Ироқ (махсусан дар Ироқ) шабакаи Ал-Олам тавонист, бо тавлиди хабар дар муқобили ду шабакаи муҳими хабарии CNN ва BBC пинҳонкориҳои Амрико ва Британияро дар Ироқ ошкор кунад. Ин дар натиҷаи интихоботи Ироқ таъсири зиёде дошт ва ин шабака дар ҳоли ҳозир тибқи назарсанҷихо аз мӯътабартарин шабакаҳои хабарӣ дар минтақа ва Ироқ маҳсуб мешавад.

Мо муддаии назари наве дар ҷаҳон ҳастем. Озодӣ ба ҳамроҳи адолат ва фазилатҳои ахлоқӣ. Яъне, ду минтақаи заифи асосӣ дар низоми либерал демократиро ба чолиш кашонидаем.

Фарқи асосии ин тафаккур дар муқобили фикри марксистӣ, ки ҳар ду дар баробари ҷараёни Ғарб ва ғарбгароӣ ва ғарбпазирии мутлақ муқовимат ва мубориза мекунанд, дар бунёдҳои маънавии Илоҳӣ ин тафакур нав аст. Ба ҳамин иллат заминаҳои пазириш ва ё ҳадди ақал таваҷҷӯҳи дигарон ба он бисёр зиёд аст.

Бояд қабул кунем, ҳанӯз мушкилоти зиёде дар ҳавзаи теория ва амал дорем, ки бахши бузурги ҳоли онҳо дар гурӯҳи мутолиоти донишгоҳиён ва мадрасаҳо аст. Бо ин ки дар аввали як роҳи тӯлонӣ ҳастем ва зери фишори сахттарин таблиғоти манфии ҷаҳон қарор гирифтаем, вале хирадмандону озодандешонро ба тарафи худ кашидаем. Ин мубориза назарӣ ва амалӣ ба тамоми ҳавзаҳои фаъолияти иҷтимоӣ миёни мо ва низоми султа кашида шудааст ва фақат иқтисод ва андешаҳои фалсафӣ ва иҷтимоиро дар бар намегирад, балки пайдо шудан ва зуҳури он дар як ҷанги расонаӣ дар интихоботи нӯҳумин давраи Раиси ҷумҳур мушоҳида мешуд, ҳақиқатан ин замон давраи ҷанги расонаӣ буд.

Ин расонаҳо саъй доштанд бо созу кори расонаӣ ширкати мардумро ба ҳадди ақали мумкин бирасонанд ва ба ин тартиб саъй дар исботи иддаои ҳамешагии худ мабнӣ бар қабул будан ва қонунӣ набудани низоми Ҷумҳурии Исломии Эрон ба унвони намунае барои идораи ҷомеа дар арсаи ҷаҳон ва афкори умумиҷаҳонӣ доштанд. Он гоҳ ҳамалоти сахттари сиёсӣ ва иқтисодӣ ва дар сурати лозим ҳамалоти низомиро ба кишвар оғоз мекарданд. Аммо сиёсатгузории муваффақи радио ва телевизиони Эрон, ҳамон тавре ки дар муқаддима баён шуд, таъсиргузории онҳоро ба ҳадди ақал расонд ва ба ин тартиб интихоботи муваффақе дар кишвар баргузор шуд. Шояд ба содагӣ битавон гуфт, ки ин мардум дар набарди дигар боз ҳам пирӯз шуданд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: расонаҳо, расонаҳои хориҷӣ, нақши расонаҳо дар интихоботи президенти Эрон, сиёсатгузории муваффақ.

## РОЛЬ ЗАРУБЕЖНЫХ СМИ В ПЕРЕДВЫБОРНОЙ КОМПАНИИ ПРЕЗИДЕНТА ИРАНА

В этой статье анализируется пропагандистская роль иностранных СМИ в девятом (2005 г.) президентском выборе Исламской Республики Иран. Предметом исследования являются американские персоязычные электронные СМИ радио «Фардо» и «Голос Америки», телевидение CNN, британское телерадио BBC.

## ROLE OF FOREIGN MASS-MEDIA IN BEFORE THE ELECTIVETHE COMPANIES OF THE PRESIDENT OF IRAN

In this article the propaganda role of foreign mass-media in the ninth (2005) a presidential choice of Islamic Republic Iran is analyzed. An object of research are American persian language electronic mass-media of radio "Tomorrow" and "the Voice of America", TV CNN, the British teleradio BBC.

# ҲУВИЯТИ ФАРДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҶОМЕА ДАР АСРИ МОҲВОРАӢ

*Насруллоҳи Искандарӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони муосир рушди рӯзафзуни фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ аз ҷиҳатҳои гуногун сабаб шудааст, ки ҳуввияти фардӣ ва фарҳангии ҷомеа, ба хусус, сайёҳон тахти таъсир қарор гирад. Ворид шудани иттилоот ва дур нашуданҳои фарофарҳангӣ ва фаромиллӣ ба низоми ҳуввияти одамон ва шинохти ҳақиқии онҳо аз ниёзҳои воқеӣ бо эҷод кардани таоруз дар ин низом

мушкилотеро дар пеши роҳи ҷомеаҳои мухталиф, махсусан, ҷомеаҳои суннатӣ ва дар ҳоли тавсиа қарор додааст. Фоидаҷӯии қудратҳо ва кишварҳои султаҷӯ аз ин васила барои таъмини ҳадафҳо ва мақсадҳои худ бахшҳои ин масъаларо густардатар карда, нигарониҳои умдаеро дар сатҳи ҷомеаҳои мухталиф барангехтааст. Ошноӣ бо созкорӣ таъсири ин фановариҳо ва махсусан, моҳвора бар низомҳои ҳуввиятӣ ба таври умумӣ ва ҳуввияти фардӣ ва фарҳанги санъати туризм ба таври хос метавонад нақши муассире дар пешгирӣ аз асарҳо ва паёмадҳои онҳо дошта бошад.

Дар ин расонаҳои гурӯҳии мадерн, махсусан, телевизионҳои маҳвораӣ ва Интернет нақши муҳиме ифо мекунанд. Фановариҳои навини иртиботӣ, иттилоот ва паёмҳои худро ба тарзе интиқол медиҳанд, ки марзҳои фарҳангӣ ва ҳатто маҳдудаҳои иқтисодиро ба ҳадди ақал бирасонад. Бисёре аз пажӯҳишгарон эътиқод доранд, ки фановариҳо заминасоз ва тарғибгари тағйироти фарҳангӣ ва иҷтимоии чашмгире дар ҷомеаҳо ҳастанд, ки натиҷаи ҳосил аз он тафовутҳои бунёдӣ бо шароит ва вазъияти ҳозира хоҳад дошт. Аз тарафи дигар, рушди рӯзафзуни фановарӣ дар ҳавзаҳои гуногун, боиси ҳамгароии бештари фановариҳои иртиботӣ шуда, чашмандози ояндаи башар дар дучори дигаргуниҳои бунёдӣ хоҳад кард. Яке аз ин ҳамгароиҳо пайдоиши телевизионҳои дутарафа, якҷо намудани Интернет бо дигар расонаҳо ва пайдоиши расонаҳои ҳибрид аст. Густариши фазояндаи истифода аз маҳвора ва дигар расонаҳои навин ва рушди фановарии иттилоот сабаб шудааст, ки дар арсаи муносиботи фарҳангӣ, гардишгари иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ ин расонаҳо пешқадамони эҷоди таҳаввул ва тағйир бошанд. Густариши иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ фарояндест, ки тайи он фановариҳои иртиботӣ ва иттилоотӣ нақши муҳиме дар шаклдиҳӣ ба гуфтумонҳои фарҳангӣ доранд. Ин фароянд ҷанбаҳои мусбат ва манфии хоси худро доранд. Яке аз ҷанбаҳои мусбати он, фароҳам овардани имкони мушорикат дар фарҳанги ҷаҳонӣ барои одамон ва ҷомеаҳо, хусусан, ошноии комил бо марказҳо ва мавзеъҳои саёҳатӣ дар гӯшаҳои дунё барои мардум аст. Ин сабаб мешавад, ки ҷараёни иттилоот дар дунё ба суръат густариш ёбад ва он чи истилоҳан «демократияи иттилоот» номида мешавад, ба амал ояд. Аммо яке аз асоситарин ҷанбаҳои манфии он хатарест, ки он фароянд барои одоб ва суннат ва умуман фарҳанги кишварҳои дар ҳоли тавсиа ё рушдкарда дорад. Ин хатар дар байни баъзе кишварҳои тавсиаёфта низ эҳсос шуда, вокунишҳои бисёреро ба вуҷуд овардааст, ки аз он ҷумла, метавон ба нигарониҳои давлат ва мардуми Ҷопон ё Фаронса аз густариши забон ва фарҳанги англисӣ –амрикоӣ дар ин кишварҳо ишора кард. Ҳатто нигарониҳо ба ҷое расидааст, ки ҳузури зиёди туристон, ки дорои ақоиди мухталиф бо кишвари марбут мебошанд, таъсири манфии фарҳангӣ дар ҷомеа шакл мегирад.

Бисёре аз соҳибназарон мӯътақиданд, тасаллути ҷаҳони Ғарб бар манобеи иртиботӣ ва бунгоҳҳои таблиғотӣ ва расонаҳо боис шудааст, ки нуфузи мавҷҳои моҳвораҳо ва интишори иттилоот дар дигар кишварҳо ба якпорчасозии ҷаҳон бар меҳвари ғарб ва арзишҳои ғарбӣ сабаб шавад. Муҳаққиқони бисёре ба ҳамгароӣ байни марзҳои фарҳангӣ ва марзҳои маҳаллӣ эътиқод доранд. Даромадани арзишҳо ва ҳинҷорҳои фаромиллӣ ба даруни марзҳои миллӣ ва ҷудо шудани марзҳои фарҳангӣ боис мешавад, ки ин ҳамгароӣ ба вогароӣ табдил шавад ва фарҳанги наве ба вуҷуд ояд, ки болотар аз марзҳои географӣ ва сиёсии суннатӣ аст. Дар ҳоли ҳозир кишварҳои дорандаи ин техника аз тариқи телевизионҳои моҳвораӣ тавоноии чашмгире дар пахш ва контроли фарҳангӣ, махсусан, ҷаззобиятҳои туристӣ ба даст овардаанд, зеро ки усулан расонаҳо на танҳо сабаби интиқоли фарҳанг мешаванд, балки мӯҳтавои онро низ ба сурати интихобӣ дар ихтиёри мухотабон қарор медиҳанд. Телевизионҳои моҳвораӣ ба коргузорони коромаде табдил шудаанд, ки дар фароянди нуфуз ва ҷорӣ намудани қудрат мавриди истифодаи густурдаи кишварҳои султаҷӯ қарор мегиранд ва дур нашуданҳои иттилооти мухотабонро таҳти контрол доранд. Шаклгирии империализми расонаи Ғарб сабаб шудааст, ки расона дар хизмати қудрат бошад, ҷузъе аз манобеи қудрат низ ба шумор ояд. Ғалабаи бунгоҳҳои таблиғотии расонаи Ғарб бар ҷаҳон ба гунаест, ки аксари муҳаққиқон онҳоро аз адабиётҳои асосии шаклдиҳӣ ба афкори умумӣ дар саросари ҷаҳон қаламдод мекунанд. Барои мисол, метавон нақши телевизионҳои CNN ва BBC дар густараи сиёсат барҷастатар ҷилва мекунад, хатари ҷиддитар дар ҳуҷуми мавҷҳоест, ки лояҳои поягини фарҳанги поки як ҷомеаро дучори дигаргунӣ ва таҳаввул мекунанд. Ҳатто таҳқиқи анҷомгирифта тавассути ЮНЕСКО нишон медиҳад, ки ҷараёни яктарафаи маҳсулоти фарҳангӣ ва гардишгарӣ аз кишварҳои пешрафта ба кишварҳои дар ҳоли пешрафт ба наҳви нигаронкунандае рушд ёфтааст. Ҷараёни нобаробари маҳсулоти фарҳангӣ ва гардишгарӣ аз Ғарб ба ҷаҳони сеюм сабаби шароите шудааст, ки тайи он, умуман, ҳинҷорҳои ғарбӣ тадовули чашмгире дар ҷомеаҳои мухталиф пайдо кардаанд ва расонаҳои ғарбӣ тавонистаанд, бар моҳияти зиндагии рӯзмарраи мардуми оддии ҷомеа дар кишварҳои ҷаҳони сеюм таъсир бигзоранд. Ва аз назари соҳибназарони иҷтимоӣ ин падида на танҳо боиси яксонсозии фарҳангӣ ба фоидаи фарҳанги Ғарб шуда, балки ба идеологияи масрафгароёнаи моддӣ ва маънавӣ дар ин кишварҳо низ доман задааст. Шуюи густариши

имконоти дарёфти барномаҳои моҳвораӣ ҳатто дар кишварҳои фақир, суннатӣ ва ақибмонда, ки баъзе аз онҳо мамнӯияти қонунӣ низ доранд, сабаб шудааст, ки расонаҳои миллӣ дар рақобат бар сари ҷалби мухотабон (бинандагони ТВ ва шунавандагони радио ва Интернет ва ғайра) дучори мушкилот шаванд. Ҷараёни яктарафаи барномаҳои телевизиони ғарбӣ, махсусан, Амрико, ки аксаран бо ҳадафи шинисондани марказҳои гардишгарӣ ва ҷозибаҳои туристи фароғатӣ ва пур кардани вақтҳои холӣ, аммо, он тарзе ки соҳибони сармоя ва империализми иқтисодӣ мехонад, пахш мешаванд, ба созу кори печида ба хазандаи интиқоли арзишҳои ғарбӣ табдил шудааст. Аз ин манзар, мафҳумҳое монанди яксонсозии ҷаҳонисозӣ, созу корҳои таҳоҷуми фарҳангӣ ба шумор мераванд. Агарчи бисёре аз муҳаққиқон ва соҳибназарон дар таъсири бечуну чарои расонаҳои ғарбӣ бар ҷаҳон тардид доранд, баррасиҳои дақиқтар нишон медиҳад, ки телевизионҳои моҳвораи Ғарб бар фазои расонаҳои ҷаҳон ва империализми расонаи Ғарб падидаи печида аст, чаро ки алорағми он ки дар бисёре аз мавориди фарҳангҳои миллӣ ва маҳаллӣ фарҳангҳои матлуб ва рушдёбанда ба назар мерасанд, эҳтимоли ин ки бисёре аз онҳо дар бархӯрд бо хусусиятҳо ва ҷозибаҳои ғайритабиӣ ва фарҳанги бегона, тавони муқовимат надошта, маҷбур ба ақибнишинӣ бошанд, бисёр зиёд аст.

Дар кишварҳои Осиёӣ ҳуҷуми мавҷҳои моҳвораи Ғарб бо барномаҳои аз пеш таъиншудаи сохтакорона ва бо ҳадафи туристӣ, ки ҳатто ба забонҳои маҳаллӣ барнома пахш мекунанд, нигарониҳои асосиеро ба вуҷуд овардааст. Дар ҳақиқат оғози раванди ҷаҳонисозӣ ва рушд кардани зиёди пахши барномаҳои хориҷӣ ва моҳвораҳои монанди STAR TV-и Роберт Мердок, истифода ва ризоят аз расонаҳои миллӣ ва маҳаллиро ба шиддат коҳиш медиҳад. Ли Квон Ювейки аз соҳибназарони Сингапурӣ, ки дар конференсияи нақши мутақобили ҳузури турист ва расонаҳои Осиёӣ дар соли 1998 сухан мегуфт, бар ин нукта таъкид дошт, ки гузоштани маҳдудият бар ҷараёни фазояндаи ворид шудани расонаҳои ғарбӣ ба Осиё барои ҳифзи арзишҳои бунёдини санъати туристӣ дар ҷомеаҳои Осиёӣ ва Осиёи миёна бисёр зарурӣ мебошад. Ба ҳамин тартиб, бисёре аз соҳибназарони ҳиндӣ ба шабакаҳои телевизионии моҳвораи хориҷӣ ҳамла карда, мӯътақиданд, ки ҳузури чашмгири онҳо боиси аз байн рафтани суннатҳои табиии ҷозибаҳои туристии Ҳиндустон шуда, фасод ва инҳитот ба равиши ғарбиро ривоҷ медиҳад. Дар Чин низ аз масъулин хоста шудааст, то аз пахши фазояндаи барномаҳои расонаҳои ғарбӣ чилавгирӣ кунанд. Дар ҳакикат ин масъала ба тарзи густурда мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаҳои Осёӣ қарор гирифта, ҳатто, ахиран созмони кишварҳои ҷануби шарқии Осиё (ASEAN) дар як баёнияе аз кишварҳои Осёӣ хостааст, равиши ягонаеро дар робита бо вокуниши падидаи ҷаҳонисозии фарҳанг бигиранд, то ба ин тартиб аз арзишҳо ва суннатҳои Осёӣ, ки сахт дар маърази таҳдиди расонаҳои ғарбӣ, махсусан, дар сохтагӣ намудани санъати туризм қарор доранд, муҳофизат шавад. Ин амр дар мамлакатҳои мисли Тоҷикистон, ки нигарони арзишҳои ахлоқӣ, динӣ ва асили худ ҳастанд, аҳамияти бештаре дорад.

Аз назари бисёре аз донишмандон ва соҳибназарони илмҳои иҷтимоӣ, шакл гирифтани ҳуввияти одамон таҳти таъсири манобеи гуногунест, ки асоситарини онҳо иборатанд аз хонавода, расонаҳои гурӯҳӣ, мактаб, гурӯҳи ҳамсолон, марказҳои сайёҳатӣ ва гардишгарии миллӣ ва маҳаллист. Аз ин миён, расонаҳои гурӯҳӣ бо таваҷҷӯҳ ба паҳнойи нуфуз ва фарогири онҳо аҳамияти махсусе пайдо кардаанд. Густариши телевизионҳои моҳвораӣ сабаб шудааст, ки шаклгирии низоми шахсиятӣ ва ҳуввияти мардум таҳти таъсири дурнашудҳои гуногун ва гоҳо ба ҳам мухолиф қарор гирад. Дар низомҳои суннатӣ, фард дурнашудаҳоеро дарёфт мекунад, ки мутаносиб бо хусусиятҳои фарҳанги худ аст. Аз ин рӯ, шаклгирии ҳуввияти шахс мутаносиб бо фарҳанги худӣ сурат мегирад ва маҷмӯи арзишҳо, ҳинҷорҳо, одоб ва русум, ақида ва дигар унсурҳои фарҳангӣ дар низоми ҳуввият ва шахсияти фард дарунсозӣ мешавад. Аммо дар ҷаҳони муосир, густариши расонаҳои оммавӣ сабаб шудааст, ки дар бахшҳои гуногун, иттилооти гуногуне дастраси мардум қарор гирад. Барои мисол, бисёре аз телевизионҳои маҳвораӣ бо такя кардан бар сиёсатҳои султаҷӯёна ва ба мақсади таъмини сармоягузорони ғарбӣ ба ривоҷ додани масрафзадагӣ, арзишҳои ғайриахлоқӣ ва беназм, тарзи чи гунагӣ истифода аз ҷазбкунандаҳои табиӣ ва географӣ, аммо ба сурати комилан сохтагӣ мепардозанд ва бо такя бар равишҳои ҷаззоб ва коромади таблиғ, нигаришҳои мардумро шакл дода, хусусиятҳои фарҳанги худро ҷойгузини фарҳанги аслӣ мекунанд. Ин расонаҳои таблиғотӣ ва туристӣ бо додани иттилооти тоза, тазоди арзиши мухотабони худро афзоиш медиҳанд. Ҳангоме ки тазодҳои арзишӣ марбут ба масоили мухталиф аз тариқи расонаҳои гурӯҳӣ матраҳ мешаванд, мухотабон низ майл пайдо мекунанд, ки мавқеъияти арзиши худро муайян ва мушаххас намоянд. Ин фароянд мумкин аст, ки то андозае ранҷовар бошад, зеро фард барои интихоб миёни ҳадафҳо ва равишҳои носозгор касби арзишҳо, таҳти фишор қарор мегирад, аммо боло гузоштани арзиши афрод ошкор мёёбанд ва замина барои тағйири низоми арзишӣ ва ҳуввияти мардум фароҳам меояд. Дар ростои истифодаи хуб аз расонаҳо, мутаассифона, теурисиянҳои пушти саҳна ин тафаккурот аз расонаҳои таблиғотӣ бо

чилва доданҳои махсус барои расидан ба ҳадафҳои худ баҳра мечӯянд, ки хусусиятҳои ин расонаҳо иборатанд аз:

- расонаҳои нав, расонаҳои мутаъомиланд (Interactive) ва аз ин рӯ, мухотаб маҷбур аст худро бо онҳо даргир кунад. Ин масъала боис мешавад, ки мизони таъсирпазири мухотаб ва кайфияти он гуногун аз улгӯҳои суннатӣ бошад;

- рушди фановари расона, қудрати интихоби бисёр болое ба мухотабон додааст. Агар дар гузашта мухотаб фақат қодир ба дарёфти мавҷҳои расонаҳои миллӣ ё минтақавӣ буд, имрӯз бо густариши фановарии пахши рақамӣ, имконияти дарёфти мавҷҳои телевизионҳои саросари дунёро дорад;

- масъалаи ҷаҳонӣ шудани иртиботот, беш аз фарҳангҳои миллӣ ва маҳаллиро ҳадаф қарор додааст, қудрати расонаи Ғарб ва нотавонии кишварҳои дар ҳоли тавсиа дар рақобат бо маҳсулоти ин расонаҳо сабаб шудааст, ки фарҳанги онҳо мавриди ҳуҷум қарор гирад.

Имрӯз барои бисёре аз соҳибназарон ин савол матраҳ аст, ки чаро дар ҷомеае монанди ҷомеаи Осиёӣ навҷавонон ва ҷавонон нисбат ба тавлидоти Ғарб гароиш пайдо карда, аз муаллифаҳои фарҳанги худ рӯйгардон шудаанд. Чаро ки як навҷавон ё ҷавони шефтаи сабки либос, ороиш ва дигар хусусиятҳои ситораҳои синамоӣ, телевизионӣ ва варзиши ғарбӣ мешавад ва чаро дар муқобил ёд нагирифтааст мутобиқи шаън ва шахсияти як ҷавони шоиста мутобиқ бо одоб ва суннатҳои решадори худ қадам бардорад ва либос бар тан кунад ва ё андешаҳои болоӣ дарҷ шуда дар матнҳо ва адабиёти кӯҳан ва бойи кишварҳои гуногуни худро ба кор гирад? Посух ба чунин пурсишҳои лозим пажӯҳишҳои мутаъадид аст, аммо бидуни шак наметавон нақши расонаҳои фаромиллиро дар эҷоди чунин вазъият нодида гирифт. Телевизионҳои моҳвораии Ғарб барномаҳои худро ба гунае созмондеҳӣ ва тарҳрезӣ мекунанд, ки дар сурати поён будани ҷаззобият ва коромади расонаҳои миллӣ, дар маркази таваҷҷӯҳи мухотабон қарор мегирад ва дар баробари он мекӯшанд ба тарзҳои гуногун ин нигаришро тарвиҷ кунанд, ки он чи онон ироа медиҳанд посухгӯи ниёзҳои ҷаҳонӣ ва равонӣ- иҷтимоии наврасон ва ҷавонон аст.

Пуёи ҳуввият таҳти таъсири дурнашудаҳоест, ки низоми ҳуввияти шахс мешавад. Ҳуввият як чархаи комил аст, ки дар он дурнашудаҳои муҳитӣ дар низоми зеҳнии фард инъикос меёбад ва фард бар мабнои ин додаҳо ва иттилооти худро маъно мекунад. Дарки фард аз худ дар иртибот бо ҷомеа, бо стандартҳои ҳуввияти шахсӣ мавриди муқоиса ва санҷиш қарор мегирад ва боздеҳҳои ин санҷиш, аъмол ва рафтори маънодори фардро шакл мегирад. Низоми контроли фароянди ҳуввият аз тариқи ислоҳи боздеҳ ё рафтори мутаносиб бо мавқеияти иҷтимоӣ амал мекунад, то дурнашудаҳо –арзёбиҳои мунъакисшуда аз берунро барои созгорӣ бо стандартҳои дохилӣ ислоҳ кунад. Агар ин созгорӣ вуҷуд дошта бошад, натиҷа қатъ шудани фароянди ин ҳуввият мешавад. Ба ибораи дигар, дурнашудаҳое, ки ҷазб мешаванд, агар бо маънои шахсе ва ҳуввияти мардум ҳамхонӣ надошта бошанд, навъе эҳсоси фишор эҷод мекунанд, ки бо афзоиши он носозгорӣ низ афзоиш меёбад. Бо вуруди ин фишорҳо, боздеҳи низоми ҳуввиятӣ низ тағйир хоҳад кард. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки шахс ба далели носозгории иттилоот ва дурнашудҳои дарёфтӣ бо муҳит ва мавқеияти иҷтимоӣ эҳсоси фишор мекунад ва барои раҳо шудан аз ранҷ ва азоби ин фишор, рафторашро тағйир медиҳад. Дар натиҷа, шахс дубора бо дурнашудаҳои наве рӯй меоварад, ки сабаби печидан ба ҳуввияти тоза хоҳад шуд. Имрӯз расонаҳои гурӯҳӣ, фаромиллӣ ва фарофарҳангӣ нақши бисёр муҳим дар фароҳам овардани дурнашудҳои носозгор бо низоми ҳуввияти мардум ифо мекунанд, ки бо арзишҳо, ҳинҷорҳо ва ҷамъи хусусиятҳои фарҳанги фард дар таоруз аст. Ин ҳама сабаби аз байн рафтани ҳуввияти шахс шуда, заминаро барои пазириши ҳуввияти нав фароҳам меоварад.

Бале, агар давлатмардони кишварҳои дар ҳоли тавсиа ва ҷаҳони сеюм ва махсусан, Осиё, ки дорои ҷойҳои гардишгарии ҷалбкунанда ва қобили таваҷҷӯҳ мебошанд, агар дар сомондеҳии расонаҳои таблиғотии барномарезишуда амал накунанд, он вақт расонаҳои ғарбӣ фарҳанги фардӣ ва ҳуввияти умумии мардуми худ ва ҳатто гардишгарони алоқаманд ба санъати гардишгари туристро таҳти таъсир қарор хоҳанд дод.

Дар натиҷа, чунончи барномарезиҳои ҷомеъ дар ироаи моделҳои иртиботӣ мутаносиб бо навъи фарҳанг ва адаб ва суннатҳои асили фарҳангӣ аз тариқи расонаҳои ҷамъӣ ҳар кишвар шакл нагирад, он вақт истифода аз ҷозибаҳои туристӣ ва гардишгарӣ мутобиқ бо улгӯи масрафӣ ва ғайритабиӣ ба сурати сохтакорӣ густариш пайдо карда, ин мавзӯъ дар ҳуввияти фардӣ ва зеҳни ҷомеа, махсусан, гардишгарон таъсири зиёд хоҳад гузошт.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ҳувият, фарҳанг, ҷомеа, расонаҳои гурӯҳи модерн, фановарии иттилоотӣ.

## АДАБИЁТ

1. Ҷавоҳири Фотима. Тағйири арзишӣ ва видио.-Теҳрон, Донишгоҳи тарбияти мударрис, 1372.
2. Ризои Бояндар Муҳаммадризо. Бознигарӣ дар империализми расонаи Ғарб. // Суруш, 1380, № 1067, 1068.

3. Афсонаи Музаффарӣ. Корномаи тахассусӣ дар бораи матбуот ва намоишгоҳҳои тахассусии ҷозибаҳои санъати гардишгарӣ.- Теҳрон, 1382.
4. Ахмади Тавакалӣ. Далоили нуқтаҳои заъиф ва қуввати мусоҳибаҳои матбуот бо гардишгарони Осиёӣ дар Эрон. – Теҳрон, 1378.

## ЛИЧНЫЙ МЕНТАЛИТЕТ И КУЛЬТУРА ОБЩЕСТВА В РАЗВИТИИ ТЕЛЕКОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В этой статье анализируется последствия развития телекоммуникационных технологий и его использование средствами массовой информации великих держав в деле изменения менталитета населения отсталых и развивающихся стран. СМИ этих стран в большинстве случаев пропагандируют западный образ жизни, западную культуру и ценности на местном языке, и это делает доступным его для многих.

## PRIVATE MENTALITY AND THE SOCIETY CULTURE IN DEVELOPMENT AGE OF TELECOMMUNICATION TECHNOLOGY

This article analyzes the consequence development of telecommunication technology and it's use in Mass Media of Great Powers to change population mentality of poor and developed countries. The Mass Media of these countries usually propagandizes the western form of life, west culture and values of local languages and this makes it available to everyone.

# РАСОНАҲО: ҲУСУСӢ Ё ДАВЛАТӢ

***Лайло Киёнпур***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ағлаби пажӯҳишгарони арсаи иртиботот мӯътақиданд, ки соҳиби расонаҳо назораткунандаи расонаҳост ва назорати расонаҳо таъинкунандаи мӯҳтавои расонаҳост, ки эҳтимолан далели аслии таъсироти расонаӣ мебошад. *(7. с. 523).* Бинобар ин соҳибони расонаӣ ва назорати расонаӣ омили асосии мушаххаскунандаи мӯҳтаво ва ҷиҳати онҳост. Дар ин росто назорати расонаӣ ағлаб дар ду гурӯҳи умдаи низоми расонаӣ: тарафдори бозор, ки ба хусусӣ будани низоми расонаӣ мӯътақиданд ва низоми расонаи давлатӣ тақсимбандӣ мешаванд. Тақсимбандии дигар ин арсае иборат аст аз расонаҳои умумӣ (пабликмедиа), ки бештар тавассути ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалӣ таблиғ ва ҳимоя мешавад.

Дар низоми мубтанӣ бар бозор, асли асосӣ ва халалнопазири ба номи «бозор» тамоми арсаҳо ҳоким аст ва иқтисод қаламраве аст, ки бар тамоми арсаҳо бартарӣ дорад ва омили асоси таъинкунандаи шеваҳо, тасмимгирӣ дар тамоми арсаҳост. Расонаҳо дар ин низом ба монанди тамоми ҳавзаҳо аз фалсафаи вуҷудии ҷомеаи либералӣ, ки мубтано бар бозор аст, табаият мекунанд. Ниҳоятан пародоимии муташаккил аз мафоҳиме ҳамчун ҷаҳонӣ шудани иқтисод, бозорҳои озод, тиҷорати озоди ҷаҳонӣ (GATT), мувофиқатномаи умумии таърифа ва тиҷорат, сандуқи байналмилалии пул (IMF) ва ғайра шакл мегирад, ки таъсири худро дар идора, навъи вазоиф ва ниҳоятан мӯҳтавои расонаӣ ба шакли бориз ва мушаххаси аъмол мекунад. Ба иборате, дар ин низом ба табаият аз фалсафаи вуҷуди он аз озодсозӣ, хусусисозӣ ва хазфи назорати давлатӣ бар расонаҳо дифоъ мешавад. Дар натиҷа шабакаҳои хусусии ҷадидтар ва бештаре (чӣ умумӣ ва чӣ тахассусӣ) барои бинандагон эҷод шудааст, ки пайваста хостори «Озодсозии» ҳар чӣ бештари расонаҳо ҳастанд. *(6. С. 61).*

Ин мактаб аз асолати «суд» тағзия мешавад ва реша дар мактуби классики иқтисод ва назарияи Адам Смитт ва Рикорду дар арсаи иқтисод ва назариёти Ҷон Лок ва Устуорот Майл дар арсаи фалсафӣ дорад. Бозор ба унвони «Дасти номаръӣ» дар ҷиҳати рифои ҳамагоне амал мекунад. Дар ин мактуб, ки ба мактуби тарафдорони «ариза» низ маъруф аст, эътиқод бар ин аст, ки ҳар аризае сабаби эҷоди тақозои худ мешавад ва ниҳоятан бозор ба унвони маконисми моварои дар ҷиҳати таъйини қимат ва анҷоми мубодила амал мекунад.

Ин маконисм муддаӣ аст, ки бештарин матлубиятро эҷод мекунад. Дар ин арса расонае низ ҳеҷ тафовуте бо соири колоҳо дида намешавад. Расонаҳо маҳсулотеро тавлид мекунанд, ки мантиқи колоҳои дигар бар он ҳукмрон аст ва бинанда ба унвони масрафкунанда талаққӣ мешавад. Дар ниҳоят он чӣ тақозо мекунад, дар ихтиёри ӯ қарор мегирад ва ба алоиқи бинандагон таваҷҷӯҳи комил мешавад. Афзоиши шабакаҳои мухталиф дар ростои тақдими бештари истифодакунандагон аст.

Низоми расонаӣ мубтанӣ бар бозор, бо густариши рӯзафзуни технолоҷӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкамтар мекунад ва дар ниҳоят ба самти бозори печидае ҳаракат мекунад, ки муттакӣ бар

ҳокимияти «масрафкунанда» аст. Усули асосии ҳоким бар равобити расонаӣ дар низоми бозор, озодии интихоб барои масрафкунанда ва озодии баён барои таҳиякунандаи мӯҳтаво, адами пазириши шахси солис ё ҳар гурӯҳ ва ниҳоди дар тасмимгирӣ ва назорат шакл мегирад. *(6. С.64).* Гузашти замон дар низоми бозор сабаби бурузи бӯҳронҳое шуд, ки дар натиҷа адами таҳаққуқи пешфарзҳои низоми бозор ба «шикасти бозор» маъруф шуд.

«Шикасти бозор» мубайини ин нукта буд, ки истилоҳоти назири шаҳрванд баробарии сиёсӣ, қаламрави умумӣ ва ғайра мафоҳимеанд, ки дар назарияи мубтанӣ бар иқтисоди классик дорои таноқисоти бунёдианд. Чаро ки арзиши ниҳоӣ фақат ва фақат тавассути бозор таъмин мешавад ва тамоми ҳавзаҳо (хатто ҳавзаи фарҳанг) салоҳият ва адами салоҳияти худро аз бозор эҳроз мекунад. Дар ниҳоят «андешаи бозор» на ба абзори назарӣ, балки ба абзори идеоложик табдил мешавад, ки муддаии ҷавобгӯи ба тамом ҳавзаҳои зиндагии башар аст. Фарҳанг ба маҷмӯае аз колоҳо ва хадамоти қобили табдил ба пул ва дар хидмати бозор табдил мешавад. Асли иқтисодӣ сарфаҳои ношӣ аз миқёс, ки сабаби коҳиши ҳазинаи ниҳоӣ (МС) тавлид мешавад, сабаби идғоми густарда ширкатҳои тавлидӣ ва ба дунболи он, идғоми густурда ширкатҳои расонаӣ мешавад ва дар ниҳоят ба эҷоди султаи бунгоҳҳои азими расонаӣ бар арсаҳои гуногуни фарҳанг дар сатҳи ҷаҳонӣ мунҷар мешавад. Бег Дигён дар навиштаҳои худ нишон медиҳад, ки барои 25 000 расонаи фаъол дар Амрико теъдоди ночизи молик аъмоли мудирият мекунанд. Ӯ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо камтар аз 50 ширкати бузург бахши аъзами тиражи рӯзномаҳо ва бахши аъзами фурӯш ва мухотабони маҷаллот, расонаҳои савтӣ ва тасвирӣ, китобҳо ва филмҳои синамоиро дар даст доранд. *(1. с.27).*

Бад ин тартиб метавон 50 зан ва мардро дар раъси ин ширкатҳо тасаввур кард, ки дар як утоқи бузург ба сурати як вазоратхонаи хусусии ҷадид ва албатта, номаръӣ барои иттилооту фарҳанг, натанҳо дар арсаи дохилии Амрико, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ амал мекунанд ва ба навъи ёдовари бародари бузург (big Brother) Ҷорҷ Урувел дар румони «1984», ки талвеҳан контрол ва назорати ҷаҳониро бар ӯҳда доранд. Мавқеияти бартари кишварҳои саноатӣ ва ба хусус Амрико дар тавлид ва густариши расонаҳо сабаб шудааст, ки бисёре аз муҳаққиқон аз империализми расонаӣ (media imperializm) сухан бигӯянд. *(2. с.595).* Гуфта мешавад, ки навъи императории фарҳангӣ эҷод шудааст ва кишварҳои ҷаҳони саввум дар баробари он осебпазиранд ва манобеи лозим барои ҳифзи истиқлоли фарҳангии худро дар ихтиёр надоранд. Ҳарберт Шиллер бар ин нукта таъкид мекунад, ки низоми ҷаҳонии сармоядорӣ аз тариқи авомили аслии худ дар ширкатҳои фаромиллӣ, дар ҳоли илҳоқи мудовими тамоми ҷавомеъ дар доираи нуфузи худ аст. Шояд битавон ҷумлае Доналд Низин, муовини аршади «Нью-йорк-таймс»-ро ба унвони шоҳкалиди системаи расонаҳои хусусӣ унвон кард, ки замоне гуфта буд: «Танҳо ақшори мураффаъ (сарватманд) мавриди назар аст ва мо ҳеҷ талоше барои ҷалби назари тудаҳо ба амал намеоварем» *(1. с.177).*

Дар самти дигар иддаои расонаҳои давлатӣ дар ҷилавгирӣ аз фасод ва инҳирофи расонаӣ, аз хатмашиҳо ва сиёсатҳои давлат матраҳ мешавад, ки бо истифода аз муқаррароти монанд сонсур ва танбеҳ алайҳи расонаҳо (таҳмили молиёт ва худдорӣ аз додани субсид) онҳоро дар чорчӯби мушаххас ва муайяне ҳидоят мекунанд, ки ағлаб дорои бори сиёсӣ ва идеологӣ мебошанд. *(5. с.112).* Шакли ифроти ин модел дар расонаҳои иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии собиқ ва пас аз инқилоби 1917 мушоҳида шуд, ки бар асоси назариёти Маркс ва Энгелс таъбир ва тафсир шуда буд ва расонаҳои ҳамагонӣ низ дар ростои бозтавлиди назми ҳоким амалӣ мегардад. Дар ин низом расонаҳое, расонаҳо минбари ошкори давлат ҳастанд ва ҷиҳати шаклдиҳӣ бар фарҳанги ғолиби ҳукумат ва ниҳодина кардани он амал мекунанд. Расонаҳо вазифадоранд ба унвони омили дар ҷиҳати ҷомеапазирии сиёсӣ ва иҷтимоӣ рафтори тӯдаҳоро ба сурати ғайрирасмӣ зери назар дошта, дар ҷиҳати шаклдиҳии он амал кунанд. Дар чунин маҳдудае аз расонаҳои ҳамагонӣ интизор меравад, ки рафтори худро танзим карда, бархе масъулиятҳоро бипазиранд ва ҳам ҳанҷорҳои (арзишҳои) ҳирфаиро тавсиа диҳанд, дар натиҷа сонсур ва танбеҳи асҳоби расонаӣ комилан таваҷҷӯҳ мешавад. Иддаои асосӣ дар ин низоми расонаӣ ҳимоят аз назми мавҷуд аст. Расонаҳо дар ҷиҳати тавлиди арзишҳои пазируфташуда амал мекунанд ва маъмулан аз он чи ба унвони ҳунари волои таърифшуда тавасути ҳокимият ёд мешуд, ҳимоят мекунанд. Филмҳо ва маҳсулоти расонаҳо дар чорчуби муқаррароти хос ва бо ҳимояти молии давлат сохта мешавад. (Филмҳои синамоии Андрей Тарковский дар чунин фазо тавлид шуд.)

Мардок ва Гел Динг зимни радди назариёти мубтанӣ бар мантиқи тартибии Segmental logic мантиқе, ки ба баррасии сохторҳои иқтисодии қабл аз маҳсулоти фарҳангӣ мепардозад, ба фиқдон (нобудии) мутолиатӣ ишора мекунанд, ки ба шиносоии идеологии ҳоким дар батни тасовири расонаӣ ва бар ҳасби нирӯҳои иқтисодӣ мепардозанд ва мӯътақиданд, ки таъкиди бар масрафгароӣ дар фарҳанги омма, ба махфӣ кардани ҳитаи (арсаи) тавлид ва адами баробарии табақотӣ гароиш дорад ва таҳлили худро аз тағйироте, ки дар сохтори моликият ва назорат ба вуқӯъ пайвастааст, далел бар авоқиби хос барои тавлиди фарҳангӣ медонанд. Онҳо расонаҳои гуруҳиро сирфан

василае барои идеологи табақаи ҳоким медонанд, ки дар айни ҳол робитаи онҳо ба назми ҳоким бисёр печида ва мутағйир аст ва мутолиаи фаъолияти онҳо лозим ва зарурӣ аст. *(3. с.191).*

Нақси асосии низоми расонаҳои давлатӣ адами таваҷҷӯҳ ба хурди фарҳангҳо ва эҷоди низоми дастурӣ барои тавлид ва пахши барномаҳои расонаӣ аст. Аз онҷое, ки тавалидоти расонаӣ дар чорчубаи хос тавлид ва ироа мешаванд, фоқиди халлоқият ва танавуъ мебошанд ва ағлаб дорои корои бисёр поине ҳастанд. Чаро, ки адами таваҷҷӯҳи меъёрҳои суду зиён ва таъмини буҷа тавассути давлат, сабаби адами таваҷҷӯҳи ҷиддии созандагони маҳсулоти расонаӣ мешавад. Ол Тусир, бозтавлиди муносибати тавлид аз тариқи рубино (яъне дастгоҳи давлатии саркӯбкунанда)-ро дар қолаб истифода аз идеология баст медиҳад ва расонҳои гурӯҳӣ, омӯзишу парвариш ва фарҳанги оммаро бахше аз дастгоҳи идеологие медонад, ки асосан дар ростои амали султа ва саркӯб таввасути давлат амал мешавад. Ин султа мутафовут аз истилоҳи сиёсии Антонио Гиромши аст, ки тавасути артиш, пулис, зиндон ва додгоҳҳо намунаҳое аз омилони саркӯб ҳастанд. Ҳол он ки омилони идеоложик шомили мазҳаб, омӯзишу парвариш, хонавода, итиҳодияҳои коргарӣ, расонаҳои гурӯҳӣ ва фарҳанги омма аст. *(3. с. 97).*

Низоми расонаӣ дар шаклдиҳӣ бар мӯҳтавои расонаҳо ончунон таъсири муҳиме дорад, ки камтар соҳибназаре дар илми иртибототро метавон суроғ гирифт, ки дар ин замина фоқиди назар буда бошад. Тамоми ин назарияҳоро метавон дар ду дастаи куллӣ: назариёти интиқодӣ, ки аз суннати чап сарчашма мегиранд ва назариёти расонаҳои либеролӣ дастабандӣ кард. Имрӯзҳо навъи ҳамгароӣ байни назариёти либералии касраттаро ва назариёти интиқодӣ эҷод шудааст. Ба гуфтаи Рузен Герн назарияпардозони интиқодӣ ба пурсидани ҷолибтарин саволоте мепардозанд, ки равишҳои ёфтани посухи онҳоро бояд дар урдугоҳои муҳаққиқони таҷрибагаро, коркардгаро ва исботгаро ҷустуҷӯ кард. *(4. с. 155).*

Имрӯзӣ дар тақобул бо ҳар ду дидгоҳ ёд шуда, ЮНЕСКО аз низоми Расонаҳои хидмати умумӣ ба унвони чолиши қарни 21 ёд мекунад. *(6. с.80).* Ин низоми расонаӣ дар ҳавзаи умумӣ шакл мегирад, ки дар он шаҳрвандон битавонанд озодона ба итилоот ва дониш дастрасӣ дошта бошанд ва дидгоҳи хоси худро озодона баён кунанд. Он ҷо макони мустақил аз манофеъи иқтисодии хусусӣ ва қудрати сиёсӣ аст, ки дар он фарҳанг ҷузъе аз иртибот аст. Қуниши иртиботӣ мабнои низоми иртиботии хадамоти умумӣ мешавад ва идеоле дар низоми иртиботот тарсим мекунад, ки шояд дар нигоҳи аввал онро ғайриамалӣ ва дур аз дастрас пиндошт. Аммо дар қиёс бо он чи низомҳои либерол, сусиёлистӣ дар арсаи иртиботот боис шудаанд, метавон дар сояи талоши гурӯҳҳои мустақил ва NGO-ҳои монанди ЮНЕСКО дар ростои наздик шудан ба он умедвор буд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: расонаҳо, расонаҳои давлатӣ, расонаҳои хусусӣ, расонаҳои хидмати умумӣ, иртиботот, низоми расонаӣ.

## АДАБИЁТ

1. Бег Дигён. Назарияҳои иртибототи дастаҷамъӣ, Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1374.
2. Гиднез А. Ҷомеашиносӣ, Нашри Най, 1381.
3. Истеринонӣ. Муқаддима бар назариёти фарҳанги омма. Интишороти Гоми нав, 1380.
4. Мак Кавил. Даромаде бар назарияҳои иртибототи ҷамъӣ, Интишороти Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1382.
5. Меҳрдоди Ҳурмуз, Назариёт ва мафоҳими иртиботи ҷамъӣ, Интишороти муассисаи фарҳангӣ-пажӯҳишии «Форон» 1380.
6. Откинсон ва дигарон. Радио ва тевизион - хидмати умумӣ, Интишороти Маркази таҳқиқот ва мутолиоти санҷиши барномаӣ. 1384.
7. Тонкард, Сурин. Назарияҳои иртиботот, Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1381.

## СМИ: ЧАСТНЫЕ И ГОСУДАРСТВЕННЫЕ

В статье речь идёт о роли СМИ в становлении общественного мнения. Автор в результате сравнения теории и мыслей разных учёных с практической деятельности СМИ пришёл к выводу, что СМИ независимо от формы собственности подают материалы для становлении общественного мнения и выражают позицию своих организаторов и инвесторов.

## AGENCIES: PRIVATE OR PUBLIC

The author of Present article gave a short review about Mass Media's role in improving public opinion. At the result, after comparisons different scientists opinion with practice creation of Mass Media, she came to conclusion that irrespective of their type they give material and improve public opinion, at the same time defense their founders and investors position

# ХУСУСИЯТИ МАТНҲОИ ЛИРИКӢ ДАР БАРНОМАҲОИ СУБҲГОҲИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

***Умринисои Наҷмиддин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Радиои «Тоҷикистон» чун дигар васоити ахбори оммаи кишвар иброзкунандаи ҳаводис ва тарғибкунандаи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Бахри пешрафти маънавиёт ва афкори солими кишвар радиои мазкур аз замони таъсисёбиаш хизмат намуда, рисолати таърихии хешро иҷро намудааст.

Радиои «Тоҷикистон» бо беҳтарин барномаҳои маърифатӣ фарҳангӣ, иҷтимоию сиёсӣ дар раванди фаъолияти чандинсола бо пешниҳоди идеяҳои сифатан нав дар рушду нумӯи тамаддуни миллат нақши муҳим гузоштааст.

Яке аз барномаҳое, ки дар кӯтоҳтарин муддат миёни мардум арҷмандӣ ёфт, барномаи «Насими субҳ» аст, ки бо мӯҳтавои шавқовару нишонрасаш аз ҷониби шунавандон пазируфта шудааст. Ин барнома бо бахшҳои тарбиявию, ахлоқӣ, маънавияш тавонистааст, бо андешаи тозаю созандааш ниёзгӯи аҳли фарҳангу маърифат бошад.

«Насими субҳ» хусусияти фароғатӣ дошта, таҳиягарони он аз жанрҳои гуногун, амсоли хабар, мусоҳиба, гузориш ва ғайра истифода мебаранд.

Ҳангоми пажӯҳиш, доири паҳлуҳои гуногуни жанрҳои лирикию бадеӣ ин барномаи мо, бо аксари матнҳои лирикӣ ошно шудем, ки онҳо тавассути бахшҳои «Насими субҳ» садо додаанд. Аксаран, «Насими субҳ» бо лавҳаҳои лирикӣ оғоз мегарданд, чунончи:

«Сапедадам оғози рузи нав аст, эй он ки соҳиби ақлу тамиз ҳастӣ, Ҳар субҳ пеш аз тулӯи офтоб бархезу зикри Яздон кун. Ин гуфтаҳо мероси бузурги гузаштагони мананд. Мероси ниёи деҳи кучак, деҳе, ки байни куҳҳои осмонбӯс Худованд масканаш дод ва ниёяш сапедадамро «субҳи солеҳон» хондаанду саҳархезро «солеҳон» номидаанд». 02.12.08. Н.С.

Дар ин ҷо манзараи субҳгоҳӣ, бешак пеши назар меояд, ки мақсади асосии он ифодаи як лаҳзаи зебои табиат аст. Ин ҷо мо метавонем, андешаи адабиётшинос Раҳими Мусулмониёнро пеши назар орем, ки фикри моро тақвият мебахшад:

«Манзара аз мавзӯъҳои муҳим ва махсуси лирика ба шумор меравад. Сифати муҳимтарини лирика ин хулосагӯӣ ва ифодаи нисбатан бевоситаи ғоя аст». 132 с. Душ. 2005. Р.М. «Наз.адаб».

Бале, қариб дар тамоми барномаҳои субҳгоҳии «Насими субҳ» чунин лавҳаҳои лирикӣ ба чашм мерасанд, ки бо тасвири манзараҳои табиат таҳия шудаанд.

Барои мисол:

«Сапедадам оғози рузи нав аст. Маликаи субҳ нозкунон бар авранг омада. Қосидони ӯ ҳар субҳ ба шеъваи хоси худ мегӯянд: чакона. Ва замину замониёнро медиҳанд - пайки омади сапеда. Насими субҳгоҳӣ барги дарахтонро нарм-нарм мебӯсад. Анкабути зарринтоб рӯи замин тор метанад. Торҳои рангин, торҳои заррин»… 28.05.08. Н.С.

Бояд тазаккур диҳем, ки лавҳа аз қабили жанрҳои бадеӣ-публитсистист, ки дар он тасвирҳои бадеӣ бо калиди лирика кушода шуда, эҳсоси муаллифро таҳлил ва баррасӣ менамояд. Бино ба назари адабиётшинос Раҳими Мусулмониён, «Лирикаи тасвирӣ дорои он аст, ки муаллиф андешаву эҳсоси худро бевосита хеле кам баён намуда, танҳо манзара ва ё ҳолатро ба тасвир мегирад ва андешаю эҳсоси муаллиф танҳо дар сурати тамомият ёфтани ин тасвир дар шакли яклӯхт маълум мегардад». с.133 Душ. с. 1990 «Наз. Адаб». Раҳими Мусулмониён.

Лавҳаҳои лирикӣ дар барномаи мазкур эҳсоси қалби нафареро ифода намуда, хусусияти инфиродӣ пайдо мекунанд.

«Сапедадам оғози рӯзи нав аст». Сар аз болин мебардорам ва аз хона берун мешавам. Боди серуни саҳарӣ ҷисми моро навозиш мекунад. Дасту рӯй дар оби нуқрафоми ҷӯйи равони ҳавлӣ мешӯям. Оби мӯсафояш ҳаловатам мебахшад. Худро шабеҳи тифли навзод эҳсос мекунам. Гӯйи оби равони ҷӯй ҳама дарду ранҷамро бо худ то дуриҳои дур мебарад. 28.05.09 Н.С.

Ба қавли муҳаққиқ Иброҳим Усмонов дар лавҳаҳои лирикӣ ҳиссиёти муаллиф нисбат ба табиати хушрӯи кишварамон изҳор карда мешавад.

Ва ин, бешак, чунин тасвиргароии лирикӣ дар барномаи «Насими субҳ» бештар дида мешавад:

«Сапедадам оғози рӯзи нав аст». Чун субҳ мерасаду нахустин мубаширон пайки рӯзи нав мерасонанд, филҳол касе маро аз хоб бедор мекунад. Шояд рӯҳи аз кадомин бузургони гузашта бошад. Шояд… На танҳо ман, деҳи кӯчаки ман низ сар аз болин мебардоранд. Шояд арвоҳи он бузургон ба деҳи ман меоянд ва риштаи хоби ғафлати деҳиёни маро меканад.

Шояд онҳо мехоҳанд, ҳама ворисонашон солеҳ бошанд. Ҳарчанд ҳамин ҳолро фикр мекунам, аммо ба ин далеле надорам. Бурҳоне надорам, ки тасдиқгари ин фикрҳо бошад, ба ҳар ҳол, ин ақида маскуни қалби ман аст». 12.06.09. Н.С.

Дар ҳақиқат дар як лавҳаи лирикӣ инсон метавонад дар заминаи андеша кардан эҳсоси худро нисбати ин ё он воқеа ва ё манзараи мушоҳида кардааш баён намояд.

Бояд тазаккур дод, ки радиои «Тоҷикистон» дар давоми мавҷудияташ як жанри маъмул буд ва ба гузашти айём мавқеаш рӯз аз рӯз мустаҳкам мегардад. Бояд қайд кард,ки муҳаққиқи радиои «Тоҷикистон» Сайдмурод Хоҷазод лавҳаи лирикӣ хоси радиоро «очерки кӯчак» номида, гуфтааст: «Лавҳаҳои лирикӣ ба тасвири зиндаи манзараҳои табиат, хаёлоти мунаққаш, сузу сози одамӣ ороста мешавад». Душ. с. 2009. Дон.Р.Т. С.Хоҷазод

Ба ин маънӣ, лавҳаи зеринро метавон мисол овард: «Субҳи поку мубарро. Инак, бо қудуми ҷонбахшои хеш дари моро мекӯбад. Мо инсонҳо бо дили боз дамидани субҳи зеборо тамошо карда, бори дигар ба қудрати беназири Худоводи якто шукру сипос мегӯем. Ҳар субҳ мо бори дигар эҳё мешавем. Ва мо бояд он чиро, ки аз сар гузаронидаем, хоҳ бад бошад, хоҳ нек аз худ дур кунем. То пешомадамон ширину гуворо гардад». Н.С. 02.12.08

Бояд гуфт, ки дар барномаҳои «Насими субҳ», ғайр аз ин, бахшҳои махсус вуҷуд дорад, ки сар то по дар онҳо мавзӯъҳои лирикӣ, бешак шунида мешавад.Барномаҳои «Базми шеър», «Табассуми саҳар», «Замзамаи сапеда», «Таронаи дили ман» дархӯри лирикаи баланд ҳастанд. Ҷои зикр аст, ки дар бахшҳои маъмулии «Насими субҳ» мисраъҳои шеърӣ чун руҷӯи лирикӣ садо медиҳанд, ки дар онҳо мазмуни баланд ва зебоиофаринихо ҷо дорад ва тараннуми субҳи мусаффои кишварро ифода мекунад:

Борони лутф рехт ба домони субҳидам,
Оина баст чеҳраи хандони субҳидам.
Ва ё:
Боз субҳи тараб аз матлаи умед дамид.
Ба машоми рӯҳу ҷон роиҳаи мушк расид.

26.12.07. Н.С.

Дар ин мисраъҳои шеърӣ дамидани субҳ бо матлаи умед омезиш ёфта ва дар ин айём ба машом расидани накҳати субҳгоҳӣ чун бӯи мушку анбар тасвири баланди лирикӣ буда, бо хаёлоти рангин ифода гардидааст.

Ё ҷои дигар:
Насими субҳ мекӯбад дари кошонаи субҳро,
Ки то берун кунад андӯҳу дарди хонаи дилро.
02.12.08. Н.С.
Ва ё:
Аз дил ғубори ман бубарӣ боди субҳидам,
Пайғоми ман ба субҳ барӣ боди субҳидам.
26.12.07.Н.С.

Дар ҳақиқат, пайғоми субҳи атрогин баррандаи ғаму дарди инсон аст ва пайғомест аз рӯзи нав. Умедест ба сӯи фардо. Ва ин зебоиофариҳо дар бахшҳои алоҳидаи ин барнма бевосита шунида мешавад:

Субҳи обиям маро оғӯш кун,оғӯш кун.
Атса зан, набзи латифи ёсуманро гӯш кун.

09.05.09. Н.С.

Ва ё
Чашм во мекунаму мебинам,
Чашми рӯшангари истораи субҳ,
Бо ҳазорону ҳазор пайки умед,
Ба ғанаб меравад, маҳпораи субҳ.

02.12.08 Н.С.

Дар ин чаҳор мисраи шеърӣ андешаи некбинию ҳаёт, дӯстдорӣ, умед ба фардои нек, умуман, раҳнамоие ҳаст ба сӯи зиндагӣ, сар то по умед ва ҳидоятест ба оне, ки ҳанӯз зиндагӣ ҷорист.

Бояд қайд кунем, ки ягон марҳилаи пешрафти ҷумҳуриро бе гуфторҳои радио наметавон тасаввур кард. Ба ин маънӣ, мо гуфтанӣ ҳастем, ки саҳми радиои «Тоҷикистон» дар худшиносию ваҳдати Миллӣ, дар даврони Истиқлолияти кишвар басе муассир буд. Агар имрӯзҳо ба барномаҳои пахшшудаи «Насими субҳ» диққат диҳем ҳамин анъана зуҳур дорад ва мавзӯи худшиносӣ ва бунёдкорию созандагӣ дар байни тамоми бахшҳои барномаҳои субҳгоҳӣ иникос

шудааст, ки рӯҳияи баланди ватандорию ватандӯстиро таҷассум месозад. Масалан, чунин руҷӯъҳои лирикӣ, дар фосилаи бахшҳои «Насими субҳ» дида мешавад:

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи шонаҳои худ,
Чу кохи шаъну шони худ
Биё, созем Роғунро…

17.11.09. Н.С.

Ва ё:

Субҳи ту, эй халқи ман,тобонтар аз хуршед бод,
Умри ту, эй халқи манн, шоҳона аз Ҷамшед бод.
Субҳи нав ба хони ту файзе биборад бекарон,
Давлати озоди ту чун пояи умед бод.

26.12.08. Н.С.

Ба маврид аст, зикр кунем, ки рӯҳи замонро аз ҳама хубтару мӯъҷаз ва равшантару рангинтар танҳо тавассути шеъри лирикӣ ифода намудан мумкин аст. Ва ифодаи баёну инъикоси афкору эҳсоси мухталифе, ки аз асари рӯйдодҳои зиндагӣ аз барангехтани ҳиссу ақл ҳосил мегардад, аз муҳимтарин хусусиятҳои лирикии барномаҳои субҳгоҳист.

Инчунин, субҳи санаи 6.11.09. Композитсияи идона бахшида ба рӯзи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дод, ки дар он шеърҳои чаҳормисрагӣ атрофи ваҳдату худшиносии миллӣ садо додаанд ва он дорои лирикаи баланди эҷодӣ буда, инсонро ба якдилию ҳамдигарфаҳмӣ салоҳияту меҳандорӣ тарғиб мекард:

Ваҳдату вуҷуди мо Ватан,
Маскани суҷуди мо Ватан.

Ва ё:

Биё, то муниси ҳам ёри ҳам, ғамхори ҳам бошем,
Аниси ҷони ғамфарсудаю бемори ҳам бошем.

Дар ин радиф навиштаи муаллифи китоби «Амвоҷи сухан» устод Гулов Сангин ба ёд меояд, ки гуфтааст: «Радиои Тоҷикистон мубалиғ, носеҳ, мушовир ва маърифатомӯз аст».

Таҳқиқ нишон дод, ки дар барномаи «Насими субҳ» матнҳои лирикӣ хеле зиёд дида мешавад ва завқи шунавандагонро ба оламу одам, табиати зинда бедор месозад. Бояд кайд кунем, ки радиои «Тоҷикистон» аз лавҳаҳои лирикӣ бештар истифода мекунад ва шунавандаи имрӯз хоҳиш ва қобилияти дарки онро надорад. Онон бештар ба барномаҳои саргармкунанда ба мисли барномаҳои субҳгоҳии радиои «Ватан», «Азия-Плюс», «Садои Душанбе» таваҷҷӯҳ доранд. Ба андешаи мо, бояд қолаби барномаҳои субҳгоҳии радиои «Тоҷикистон» каме дигаргун шавад, зеро аксари қишри ҷомеаро ҷавонон ташкил медиҳанд. Мақсади мо пурра даст кашидан аз жанрҳои лирикии Радиои «Тоҷикистон» нест, зеро ки насли калонсоли мо аз як барномае, ки солҳои зиёд аз шуниданаш баҳравар мешуд, маҳрум мешавад, аммо ба шакле бошад, ки ниёзи ҷавонон ва замонро бароварда бошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** радиои « Тоҷикистон», матнҳои лирикӣ, барномаҳои субҳгоҳӣ, лавҳаҳои лирикӣ, жанрҳои лирикӣ.

## АДАБИЁТ


1. Р.Мусулмониён. Назарияи адабиёт.-Душанбе, 1990, с. 132, 133, 129.
2. И.Усмонов. Журналистика, к.1.-Душанбе, 2005, с. 346.
3. С.Хоҷазод. Донишномаи радио ва телевизион.-Душанбе, 2009, с.278.
4. С.Гулов. Амвоҷи сухан.-Душанбе, 2005, с.59.


## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЛИРИЧЕСКИХ ЖАНРОВ УТРЕННИХ ПРОГРАММ ТАДЖИКСКОГО РАДИО «ТОҶИКИСТОН»

В статье рассматриваются лирические жанры утренних программ таджикского радио «Насими субх». Автор анализирует некоторые особенности лирических жанров, например зарисовка и поэзия программ «Насими субх» таджикского радио «Точикистон»

## SOME PECULIARITIES OF LYRIC GENRES OF MORNING PROGRAMS OF TAJIK RADIO “TOJIKISTON”

The lyric genres of morning programs of Tajik radio “Nasimi Subh” considers in the article. The author analyzes some peculiarities of lyric genres, sketching and poetry of programs of “Nasimi Subh” of Tajik radio “Tojikiston”

# ПУБЛИСИСТИКА ВА ВОҚЕИЯТ

***Н.Н.Салихов***
**Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон**

Дар зумраи осори публисистие, ки ба тасвири воқеият ва рӯйдодҳои замони истиқлоли Тоҷикистон бахшида шудаанд, барҳақ навиштаҳои адиби латифтабъу нозукбаёни тоҷик Ӯ. Кӯҳзод мақоми назаррасе доранд. Аз ҷумлаи яке аз осори публисистии дар ин мавзӯъ таълифнамудаи ӯ «Се раҳакӣ аз се ҳизб» ном дошта, ба андешаи мо памфлети хеле созгор барои шинохти воқеияти замони истиқлол ва ҷараёни таъсису фаъолияти ҳизбҳои гуногун баъди бозсозии горбачевӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар ин асар ҳам сабку баёни муаллиф омехта бо танзу зарофат, рамзу киноя ва тамсил аст ва афроду фаъолияти онҳо харектерӣ рамзӣ ва тамсилӣ доранд.

Воқеоту рӯйдодҳои «Се раҳакӣ аз се ҳизб» дар шаҳри Себароз дар миёни намояндагони се ҳизб – Бародарон, Баробарон ва Ҳамагон ва бо баҳсу талошу гапгузаронихо ва пофишории сардорони ҳизбҳои мазкур – Мирвафо, Мирбақова Мирризо ҷараён меёбанд. Ҳанӯз аз оғози сухани муаллиф хонанда дармеёбад, ки сухан дар бораи чи меравад. Сухан бо он оғоз меёбад, ки ҳизби Ранҷбарон, яъне ҳизби коммунист «аз асли идеяаш дур рафта мансабҳоро хариду фурӯш карда беобрӯ шуда буд» ва бар асари ин натанҳо дар «Шаҳри шаҳрҳо», яъне Маскав, дар Себароз ҳам «нерӯҳои тозаи демократия» - ҳизбҳои гуногун пайдо шуданд. Аз он ҷумла Мирвафо, Мирбақо ва Мирризо Бародарон, Баробарон ва Ҳамагон ба «шаҳри шаҳрҳо» барои «маслиҳату машварати корҳои оянда» мерафтанд. Воқеаҳои тасвири гусели намояндаҳо дар фурудгоҳ, дар толору рӯи ҳавлӣ, остонаи ресторан ва дигар лаҳзаҳои рафтору кирдор ва баҳсу мунозираҳои намояндагони ҳизбҳо «ба андозае аз воқеият рӯбардор шудааст, ки нависанда ҳатто маҷоли ислоҳи калимаву ибораҳоро надорад, ҳарчанд тамасхуре ҳамеша дар авзояш эҳсос мешавад, ӯ намехоҳад воқеиятро тағйир диҳад…»[1]. Воқеан, бо силоҳ ҳамроҳи муҳофизон ба идораи ҳукумат ва ҳатто ба ҳавопаймо даромадани сарони ҳизбҳо, бепарвоӣ ва беэътиноӣ ба мардум, рафтуои онҳо чун «сагҳои шоми тирамоҳ» ва «ғавғою даъво»-ҳама нишонаҳои маъмули замони демократиябозиву демократиясозӣ мебошанд.

Баъди шикасти обрӯву эътибори ҳизби яккатози коммунистӣ бо шиорҳои озодию ободӣ ва беҳбуди зиндагии халқ ва ҷомеа ҳизбҳои гуногун пайдо шуданд, ки ин дар асл падидаи хуб ва тақозои замони демократия буд. Публисист Ӯ. Кӯҳзод ҳам мухолифи таъсиси ҳизбҳои гуногун нест ва ин андешаро аз забони сарвари ҳизби ҳамагон Мирризо чунин ифода менамояд: «Демократия гапгузаронӣ не, гапфаҳмӣ ва гапфаҳмонист. Бисёрҳизбӣ низ барои ҳамин даркор аст, ки мушкилиҳои рӯзгор бо зӯриву кӯрӣ не, балки бо маслиҳату машварат ҳаллу фасл шаванд. Боз ҳизбҳои гуногун барои он зарур аст, ки ҷомеа дар як қолаб шах шуда намонад. Навҷӯӣ ва пешрафт дошта бошад. Ба касе ё гурӯҳе роҳи истифодаи бад баста гардад. Яке аз адолат берун равад, дигаре ҳушдор бидиҳад. Бисёрҳизбӣ чизи хуб аст. Оқилона истифода шавад, роҳати ҷон, ҷоҳилона истифода баранд, балои ҷон, балки бадтарин балоҳо»[2]. Вале мутаассифона таъсиси ҳизбҳо балои ҷони мардум шуданд, на роҳати ҷони онҳо, зеро аз фурсат истифода бурда, ба узвият ва роҳбарияти ҳизбҳои навбаромад шахсони аз ҳизби коммунист рондашуда ё ба он хиёнат карда, одамони говзӯру бадахлоқ, беҳунару бемаърифат, мансабхоҳу манфиатҷӯ ворид шуданд ва аз ҳизб барои манфиатҳо ва ғаразҳои худ истифода намуданд. Чунончи Мирбақо – муассиси ҳизби бародарон иқтисоддон буд, вале дар институт обрӯ пайдо накарда, мехост бо таъсиси ҳизб «кӣ буданашро нишон диҳад». Мрвафо ҳуқуқшинос буд, вале говзӯру беадаб буд. Танҳо Мирризо ба ҳизби худ эътиқод дошт, вале ӯ хам бо роҳи «рост кардани каҷравиҳо» мақому мартабаву обрӯ ба даст овардани буд.

Аз ин ҷост, ки ҳеҷ кадоме аз ҳизбҳои мазкур ба мақсад намерасад. Зеро ҳарчанд ҳар яки онҳо дар забон аз ваҳдат ва адолат, ҳимояи озодӣ ва ҳуқуқҳои иносн ва бародарию баробарӣ баҳс мекунанд, вале дар амал шиори онҳо «ҳар чи зӯр хоҳад, ҳамон мешавад», мебошад, ҳар яке худро ҳақ меҳисобад, ба дигаре гузашт карданӣ нест, вақте ки дар баҳсу гапгузарониҳои даҳонӣ мағлуб мешавад, дарҳол даст ба силоҳ мебарад.

Фоҷиаи ҳизбҳо аз саҳни фурудгоҳ оғоз ёфта, дар салони ҳавопаймо ба анҷом мерасад. Лаҳзаҳои ба ҳавопаймо бо силоҳ савор шудани сарварони ҳизбҳо ва ҷондорони онҳо, туфангчаҳои худро дар даст намоиш додан ва ба якдигар таҳдид кардан, арақнӯшӣ ва кибру гурури мастӣ – ҳама аз фоҷиа ва пешомади нохуш дарак медиҳанд. Нависанда ба рафти воқеот қариб тамоман дахолат намекунад ва ҷараёни инкишофи воқеаро ба ихтиёри қаҳрамонони асараш вомегузорад. «Фоҷиаи ногузир, ки дар анҷоми қисса тасвир ёфтааст, аз тарзи гуфтор, ҳаракату амали персонажҳо эҳсос мегардад… Муколама ва баҳси қаҳрамонон як нав шамшерҷангро мемонад, - яке ҳуҷум мекунад,

дигаре зарбаро бармегардонад, ё баръакс»[3]. Дар натиҷаи чунин баҳсҳои забонӣ оқибат Мирвафо аз Мирбақо шикаст хӯрда, ба таҳдиду говзӯрӣ ва занозаниву тирпаронӣ гузашт ва оқибат дар ҳавопаймо таркиш ба амал омад.

Ҳангоме ки дар ҳавопаймо ҷанҷолу хархаша ва доду фарёди ҳизбиён авҷ гирифт, мусофирони дигар, ки ҳамроҳи онҳо парвоз мекарданд, аз ин бадахлоқии «ғамхорон ва ҳомиёни халқ» ба хашм меомаданд ва нороҳат мешуданд, вале бо дасти холӣ дар муқобили силоҳдорон ҷуз «бо чашмони сарзаниш ва лабу даҳони қаҳролуд» ҷониби онҳо нигаристан кори дигаре аз дасташон намеомад. Аз байни онҳо фақат мусофири носеҳ, ки зоҳиран бунёдгари ғояи асар ва матлаби нависанда аст, тавонист, бори нахуст онҳоро ба беадабиву бафарҳангӣ таъна кунад ва бори дуюм бо нафрату ғазаб бигӯяд, ки «аз ғами халқ гӯё, ки месӯзед, вале халкеро, ки дар ин салон нишастааст, ба қадри як пашша писанд намекунед»[4]. Дар тасвири нависанда исёни Мусофири носеҳ рамзи эътирози мусофирони ҳавопаймо ё ба маънии васеътар халқ ба беодобию худсарӣ ва бадахлоқию бемаънавияти намояндагони аҳзоби сиёсист.

Ҳамин тавр, ба фоҷеа табдил ёфтани баҳси лидерҳои навбаромад анҷоми мантиқии воқеаҳост ва «ҳавопаймои сарнагун рамзи бебунёдии ҳадафҳои онҳоест, ки бо ваъдаҳои пуч мардумро ба варта даъват мекарданд. Муаллиф ба он рӯзҳои ҳалокатбори халқаш бо истеҳзо назар афкандааст… Имрӯз ҳама медонанд (аз бунёди қасру кӯшкҳои чун замбӯру. Муаллиф ба он рӯзҳои ҳалокатбори халқаш бо истеҳзо назар афкандааст… Имрӯз ҳама медонанд (аз бунёди қасру кӯшкҳои чун замбӯру дар шаҳр рӯида) он ҳама пархош ва хархаша барои мансаб ва пулу мол будааст…»[5]

Натиҷаи воқеоти памфлети «Се раҳакӣ аз се ҳизб» чунин аст, ки дар ҳавопаймо таркиш ба амал меояд ва сухани вопасини Мирризо «Бе-хи-ра-дон!» бозгӯи анҷоми воқеа аст. Мусофирони бегуноҳи ҳавопаймо намояндагони ҳизбҳо мешаванд. Онҳо, ки аз ақлу фаросат фарсаҳҳо дуранд, масъулияти рафтору кирдори худро эҳсос намекунанд ва гумон доранд, ки дар ҳавопаймо ҳам ҳар чи онҳо хоҳанд, мешавад ва фармонравоӣ дар дасти онҳост. Албатта дили хонанда ба ҳоли мусофирони бегуноҳ ва ҳалокати онҳо месӯзад, вале ин ҷо ихтиёр ва иродаи нависанда коре карда наметавонад. Зеро худи рафти мантиқии воқеа ногузир бояд бо фоҷеа анҷом ёбад ва ғояи он ки оқибати сиёсати мочароҷӯёна ва худхоҳонаи ҳизбҳо мардумро ногузир ба ҳалокат мерасонад, тасдиқ мегардад. Ин аст ғояи асосии инсонпарваронаи «Се раҳакӣ аз се ҳизб» ки чун эътироз ва айбномаи нависанда алайҳи худсариву бенизомӣ, беодобию бемаънавиятӣ, қабоҳат ва фасоди ахлоқии баъзе афроду табақаҳои ҷомеа садо медиҳад. Ин аст моҳият ва ҳадафи асосии публисистикаи Ӯ. Кӯҳзод, ки таназзули ахлоқу маънавият, ҷавонмардиву одамият ва дигар унсурҳои ахлоқи волои инсониро мазаммат намуда, аз ин дарди фалокатбори инсон ва ҷомеа роҳи раҳоӣ меҷӯяд ва раҳоиро аз ин бало дар ахлоқи волои инсонӣ мебинад.

Хулосаи дигаре, ки бармеояд, ин аст, ки Ӯ. Кӯҳзод дар публисистика низ чун дар насри бадеии худ сабку равиши хоси хешро дорад. Дар осори публисистии ӯ тасвири ахлоқу маънавияти инсон, муаммоҳо ва мушкилоти инсону ҷомеа дар мадди аввал қарор дорад ва нависанда бештар чун нозир ё ровии рӯйдоду воқеот амал менамояд. Ҳарчанд ки адиб ба шахсият ва рафтору кирдори қаҳрамонҳо бетараф нест, вале хулосабарорӣ ва қазоватро ба ихтиёри хонанда мегузорад. Публисистикаи Ӯ. Кӯҳзод низ чун насри бадеии ӯ реша дар насри классикӣ, аз ҷумла дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ дорад. Зеро ӯ масъалаҳои костагии ахлоқу маънавияти инсон ва ҷомеаро дар пероями рамзу тамсил, киноя ва танзу тамасхур баён менамояд. Аз унсурҳои насри ривоятии гузашта ва осори шифоҳии мардум истифода менамояд, ҳарчанд ки мавзӯъ ва ҳадафи тасвири ӯ воқеият ва зиндагии инсону ҷомеаи имрӯз аст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** публисистика, воқеият, осори публисистӣ, рӯйдод, моҳият ва ҳадафи публисистикаи Ӯ. Кӯҳзод.

## АДАБИЁТ

1. Саъдуллоев А. Дирӯз ҳам имрӯз аст // Қуллапаймои сухан. – Душанбе, 2009. – с. 90.
2. Кӯҳзод У. Ахлоқи воло, дафъи бало. – Душанбе, 2003. –с. 17.
3. Бақозода Ҷ. Эътироз ба бесомониҳо // Қуллапаймои сухан. – Душанбе, 2009. – с. 104.
4. Кӯҳзод У. Ахлоқи воло, дафъи бало. - с. 37.
5. Саъдуллоев А. Дирӯз ҳам имрӯз аст. – с. 91.

## ПУБЛИЦИСТИКА И ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ

В статье рассматривается вопрос возникновения в Таджикистане различных политических партий в годы перестройки и независимости республики и их трагические последствиядля жизни страны и народа. Данная проблема рассмотрена на основе анализа памфлета таджикского писателя У.Кухзода «Се рохакӣ аз се ҳизб» («Три путника из трех партий»)..

## PUBLICIZE AND THE VALIDITY

In article the occurrence question in Tajikistan other political parties in days of reorganizations and independence of republic and their tragically consequences for a country and people life is considered. The given problem is considered on the basis of the analysis of a lampoon of Tadjik writer U.Kuhzoda "Three travelers from three parties".

# БАРРАСИИ ВАЗЪИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН БО ТАВАҶҶӮҲ БА НАҚШИ МАТБУОТИ ТАБЛИҒОТӢ ДАР ҶАЛБИ САЙЁҲОН

***Насруллоҳи Искандарӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Озоди исломии Теҳрон**

Аз он ҷое, ки дар шароити кунунӣ дар сутури мухталифи байналмилалӣ минтақаҳои ҷолиби барои туризм мусоид дар Ирон хеле зиёданд ва мардуми соири кишварҳо нисбат ба он беиттилоанд, матбуоти таблиғотӣ метавонад дар шиносондани марказҳои сайёҳӣ фаъолияти бисёр муассире дошта бошанд. Имрӯз вожаи экотурист бо унвони як ҳадафи тавсеаи санъати гардишгарӣ ва матбуотӣ, бидуни латма задан ба муҳити зист, аз манфиати зиёде бархӯрдор аст. Созмони Милали Муттаҳид аз соли 2002 ба баъд то кунун экотуристро баарзиш медонад.

Экотурист як гунае ҷаҳонгардист, ки имрӯз дар ҳоли рушд қарор дорад. Ин соҳа имрӯз ҳамвора ниёзманди ҳамкории мустақим ва муассири соҳибони расонаҳо, бахусус матбуоти таблиғотӣ мебошад. Ҳадафҳои асосӣ дар сиёсатгузорӣ ва барномарезӣ дар арсаи иртиботот ва сайёҳӣ 4 марҳиларо тай мекунад:

1. Табодули иттилоот.
2. Машварат ба сайёҳон.
3. Таблиғоти муассир барои қонеъ кардани сайёҳон.
4. Иқдомоти муҳими чопи нашриёти таблиғотӣ ва пахши он байни сойтҳои интернетӣ.

Мудирияти расонаҳои таблиғотӣ метавонад бо ҳадафмандӣ ва сомондиҳии амиқе ҳамаи марҳалаҳои илми сайёҳиро ба гунае барномарезии систематикӣ намоянд, то як сайёҳ битавонад дар як муҳити зебо ва бо як барномаи усулӣ аз аҳдофи экотуризм баҳраманд гардад. Ба ҳамин манзур, 3 нигоҳи хоса дар афзоиши фаъолияти экотуризм аҳамият дорад:

***1. Ҳадафҳои иҷтимоӣ:*** а) Тақвияти фарҳанги иҷтимоии мардум; б) Мушорикати иҷтимоӣ дар барномарезии омӯзишӣ; в) Таваҷҷӯҳ ба амри иштиғол (машғулият); г) Афзоиши сатҳи зисти мардум.

***2. Ҳадафҳои расонаӣ:*** а) Эҷоди муҳити мусоид барои таблиғоти мардум дар шаҳр ва зебо шудани шаҳр;
б) Сармоягузории соҳибони расонаҳои таблиғотӣ ва суддиҳӣ ва фурӯши брошюраҳои таблиғотӣ;
в) Афзоиши мизони сойтҳои таблиғотӣ ва ошноии мардум бо компютер; г) Равнақи санъати чопӣ ва расонаҳои электронӣ.

***3. Ҳадафҳои зистмуҳитӣ:*** а) Ҳифзи манбаъҳои табиӣ; б) Пешгирӣ кардани тахриби муҳити зист; в) Эҷоди бозорҳои намоишгоҳӣ дар муҳити табиӣ ; г) Равиши таҳлили додаҳо ва ёфтаҳои пажӯҳиш.

Дар пажӯҳиш 271 нафар мард, яъне 69% ба 119 нафар зан, яъне 31% ширкат доштанд. Аз ин теъдод 88% шуғли доимӣ доштаанд. 11% гуфтаанд, ки ғайришоғил мебошанд. Дар ҳамин ҳол, 218 нафари пурсидашудагон, яъне 55% аввалин бор, 133 нафар (34%) бори дуввум ва боқӣ беш аз ду маротиба ба Ирон сафар доштаанд.

Бояд гуфт, ки дар ин пажӯҳиш талош гардидааст, ки робитаи маънодори байни фарзиётӣ пурсишнома бо суоли таҳқиқ пурсуҷӯ шавад. Саволҳое, ки дар ин пажӯҳиш мавриди баррасӣ қарор гирифт, дар ҷадвал оварда шудааст:

| Asymp дараҷаи маъно | Chi square | Дараҷаи Df | Мизон | Нисбат | Фаровонии додаҳои мушоҳидашуда | Фаровонӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хеле заиф | Заъиф | Миёна | Хуб | Хеле хуб | Шохис | | | | |
| 0/000 | 409/84 | 4 | 0,68 | 4/36 | 5 | 8 | 35 | 135 | 207 | Чашмандози минтақа |
| 0/000 | 432/64 | 4 | 0/70 | 4/31 | 9 | 8 | 16 | 174 | 183 | Обу ҳавои минтақа |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0/000 | 445/39 | 4 | 0/84 | 4/39 | 8 | 11 | 30 | 95 | 222 | Наҳваи бархӯрди мардум |
| 0/000 | 364/90 | 4 | 0/65 | 4/17 | 5 | 9 | 40 | 190 | 142 | Ҷоддаҳо ва меҳмонхонаҳо |
| 0/000 | 582/49 | 5 | 7/45 | 4/52 | 4 | 6 | 48 | 101 | 220 | Таблиғоти матбуот ва расонаҳо |

***Тавзеи ҷадвал:*** Бо таваҷҷӯҳ ба иттилооти ин ҷадвал шохисҳои ҷозибаҳои матбуотӣ ва туристӣ дар Ирон дорои омори маънидоре мебошанд. Он нишон медиҳад, ки дар ҷалби сайёҳон муассир аст. Ба унвони намуна, таваҷҷӯҳ ба чашмандозҳои минтақа бо миёнгине чор 4/36, обуҳавои минтақа 4/31, фазои сабз 3/75, наҳваи бархӯрди муносиби мардум 4/39 вазъияти меҳмонхонаҳо 4/17 ва нақши расонаҳо ва таблиғот дар ҷалби сайёҳон, бо нишонии 4/52 бисёр таъсиргузор будаанд.

***Таҳлили титрҳо***

**Мақола бо тариқи «Swot»**

Мақола бо истинод ба таҳлилҳои оморӣ бо модели «Swot» яке аз абзорҳои стротегии «Swot» дар шиносоии систем аст:

| Сохтор ва низоми экотуризм ва расонаҳо | | | Сохтор ва низоми сайёҳӣ ва матбуотӣ | Таҳлили мавзӯъ | |
|---|---|---|---|---|---|
| -Потенсиали баланди нерӯи кории матбуотӣ;<br>- Экотуризми пок;<br>- Истифода аз ҷозибаҳои; куҳистонӣ, оби гарм ва манотиқи сабз;<br>- Меҳмондӯстии фарҳанги Иронзамин. | Фурсатҳо (о) | | -Табиати зебои шаҳрҳои туристии Ирон;<br>- Иқлими муносиб;<br>-Амнияти минтақа;<br>-Нақши муассири расонаҳо;<br>- Асри иртиботот. | Нуктаҳои қавӣ (S) | омилҳ о |
| -Номуносибии сиёсатҳои ташвиқотӣ ба расонаҳо ва меҳмонхонаҳо;<br>- Поин будани сатҳи омӯзиш ва фарҳанги мардум;<br>-Набудани ҳимояи муҳити зист;<br>- Набудани таблиғоти саҳеҳи матбуотӣ доир ба ин масъала | Таҳдидҳо (t) | | -Тахриби муҳити зист;<br>-Адами ҷоддаи муносиб;<br>- Камбуди меҳмонхонаҳои арзон ва муносиб;<br>-Масоили фишорҳои байналмилалӣ;<br>-Камбуди васоили иттилоотии чопию электронӣ. | Нуктаҳои заъиф (W) | |

Имрӯза нақши шигифтангези расонаҳои таблиғотӣ дар саноати гардишгарӣ ё сайёҳӣ, ки ба унвони густардатарин саноати хидматрасонӣ ва фарҳангӣ дар ҷаҳон ҷойгоҳи вижае дорад, аз ин рӯ, бисёре аз кишварҳо дар рақобати наздик ва фишурда дар паи афзоиши беш аз гузашта нисбат ба ин фаъолияти байнулмилалӣ мебошанд. Эрон низ бо хидмати торихии чандинҳазорсола ва манобеи фаровон ва ғанӣ метавонад, аз лиҳози ҷалби саёҳон ҷузъи чанд кишвари аввали дунё бошад. Аммо тавре дар оморҳо нишон дода шуд, ба ин шакл намебошад. Дар воқеъ, бо кӯмаки модели «Swot» мушаххас гардид, ки лозим аст давлат ба кӯмаки бахши хусусӣ омада, бо таваҷҷӯҳ ба потенсиалҳои таблиғотӣ ва матбуотӣ бо лиҳоз кардани усули зербиноӣ дар як тавсеаи пойдор барои рафъи камбудиҳо иқдом намояд. Ва бо чоп ва таксири матбуоти таблиғотӣ ва ҳамчунин бо андозаи сойтҳои таблиғотӣ дар интернет талош кунад то мӯҷиби афзоиши мероси миллӣ гардад.

**Пешниҳодот**

-Якум, аз он ҷое, ки дар кишвархои тавсифёфта аҳамияти босазое барои ҷалби сайёҳон дода мешавад, дар кишвари Эрон низ ба унвони як мавзӯи стратегӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар дараҷаи аввал қарор бигирад;

- Дуввум, таҳияи як барномаи созмондода дар созмони гардишгарии Эрон;
- Сеюм, афзоиши теъдоди матбуоти таблиғотӣ;
- Чорум, риояи усули фаннӣ ва ҳунарӣ ва зебоӣ дар тарроҳии муҳитҳои табиӣ;
- Панҷум, фарҳангсозӣ ва омӯзиш додани мардум тавассути расонаҳо барои пок нигоҳ доштани табиат;

- Шашум, ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва қонунӣ дар бахши матбуоти хусусӣ ва кӯмак ба ноширон барои чопи бештари рӯзномаҳо ва маводи таблиғотӣ.

Ва ахиран, ҷалби кормандони мутахассис, ки ҳамчунин дар ҷиҳати ҳифзи сармояҳои миллӣ кӯшиш кунанд.

**KEY WORDS**: Advertising Publications, Tourism, Constant Ecotourism, Influential Media
**КАЛИДВОЖАҲО**: баррасии вазъи сайёҳӣ, матбуоти таблиғотӣ, ҷалби сайёҳон, саноати сайёҳӣ.

### АДАБИЁТ

1. Алиакбари Фарҳангӣ, Иртибототи инсонӣ ва расонаҳои ҷамъӣ, Теҳрон. Нашриёти «Times» 1373.
2. Лиза Ҳуклин (Liza Houklin) .Мудирияти ҷалби сайёҳон, 2006 Лондон.
3. Аҳмади Гулмуҳаммадӣ, Ҷаҳонӣ шудани матбуот ва фарҳанги туризм. Теҳрон, нашри «Най» 1387.
4. Ричард Ҷек. Factors Afecting Bilateral Tourizm. New York, 2003.

### ОСВЕЩЕНИЕ СОСТОЯНИЯ ТУРИЗМА В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН И РОЛЬ СМИ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ТУРИСТОВ

В наши дни, когда туризм является одной из стратегических отраслей экономики, СМИ могут сыграть важную роль в процветании этой сферы экономики. В данной статье, с целью подтверждения глобальностИ роли СМИ в процветании туризма, собрана интерактивная информация с исползованием, методов социологического опроса и «Swot». Нужно отметить, что в первой четверти 2010 года Иран посетили всего 1000 туристов из разных стран. В опросе участвовали 381 человек.

### ILLUMINATION OF A CONDITION OF TOURISM IN ISLAMIC REPUBLIC IRAN AND A ROLE OF MASSMEDIA IN ATTRACTION OF TOUR ISTS

The approach to ecotourism as a strategic attractive paradigm has been expanded widely today. In twenty first century, the ecotourism is going to have a significant role in such growing industry besides other strategic efficiency of publications and geography. This is where through advertising and economics also tourism causes potentiality for advertising companies, economy of societies, job opportunities and income. This research is analytical, descriptive and through survey. The statistical society of this research is comprised of the foreigner tourists, who have visited important Iranian cities such as Tehran, Mashhad, Shiraz and Isfahan; according to the statistics published by Tourism and Heritage Bureau of Iran, foreigner tourists in 2010 have been 1000, where 381 of them have been chosen as a sample mass by using Kokran method in this research.

# П Е Д А Г О Г И К А

## СУЩНОСТЬ ДОСУГОВОГО ОБЩЕНИЯ И СПЕЦИФИКА ЕГО СОВРЕМЕННЫХ ИЗМЕНЕНИЙ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ

*Т.П. Степанова*
**Челябинская государственная академия культуры и искусств РФ**

Современная историческая ситуация, определяемая термином постмодерн, обозначает качественно новое состояние, достигнутое современными индустриальными обществами. Несмотря на дискуссионный характер вопросов, связанных с эпохой постсовременности Н. Аберкромби, С. Хилл, Б.С. Тернер (1) выделяют четыре группы черт, определяющих постмодерн:

- социальные - если индустриализация и экономическая система капитализма обусловили возникновение адекватной социальной дифференциации (классов, страт и слоев), то в постмодерных обществах классы уже имеют более фрагментированный характер, обусловленный тендером, этничностью и возрастом;
- культурные - возрастание значения культуры, культурных индустрии; эстетизация повседневной жизни, при которой жизнь рассматривается как эстетический или культурный проект; конструирование идентичности на основании индивидуального выбора; фрагментация индивидуальной идентичности, изменяющейся в ходе жизни от одного социального окружения к другому; различный опыт времени и пространства; постмодернизм (как определенный стиль в искусстве);
- экономические - переход массового производства и соответствующего ему управления к методам специализированного производства, ориентированного на широкий спектр индивидуальных потребностей; - политические - связаны со снижением роли государства, уменьшением его вмешательства в сферу экономики; поддержкой ценности самостоятельности, конкурентоспособности, рынка и частного предпринимательства.

Постмодерн - это явление, затронувшее все науки. С постмодернистской наукой ассоциируются различные термины, наиболее полно и адекватно описывающие всю глубину перемен в современном мире.: нелинейность, хаос, самоорганизация, диссипативные структуры, бифуркация и т.д. Научно-терминологические достижения конца второго - начала третьего тысячелетия неразрывно связаны с изменениями в культуре в целом, формируют новый образ реальности, обусловливают смену мировоззренческих установок, детерминируют методологию научных исследований различных сторон общественных отношений. Теории, объясняющие эпоху постмодерна с позиций хаоса, нелинейности, самоорганизации в большей степени определяют подходы к исследованию досугового общения в его горизонтальной (конхронической) плоскости. Однако для сохранения целостности бытия, реализуемой в том числе и в досуговом общении, следует принять во внимание его вертикальную (диахроническую) плоскость, обеспечивающую связь времен, передачу культурно-смыслового опыта, ценностей и норм.

Наш подход к досуговому общению как культурно-смысловому взаимодействию субъектов в сфере свободного времени требует уточнения теоретических позиций, связанных с интерпретацией пониманиякультуры в современном контексте, так как культура образует содержание общения, выявляет общность интересов, определяет порядок взаимоотношений между людьми, способы их взаимодействий.
А.В. Костина и А.Я. Флиер [1] предлагают рассмотрение культуры с позиции соотношения воспроизводства и творчества как одного из основных параметров социокультурной динамики и выделяют на этом основании следующие виды культур:

- традиционная (этническая, обыденная), она связана с сохранением информации, воспроизводством опыта, но не исключает творческую составляющую, проявляющуюся в интерпретации данного опыта;

- креативная (инновационная) предполагает «приращение» новой информации, форм и технологий, производство принципиально нового опыта, наличие ярко выраженной индивидуальности в виде субъекта творчества;

- консьюмерная (от английского consumer - потребитель) или массовая культура, которая адаптируется к экономической (и политической) коньюнктуре посредством актуального потребления любых доступных форм (материальных и символических), однако данная адаптивная культура имеет слабо выраженный творческий компонент;

Досуговое общение разворачивается именно в пределах массовой (консьюмерной) культуры, в ней «пересекаются» интересы традиционной (этнической) и креативной (элитарной, специализированной) культуры, поскольку они также расположены в горизонтальной плоскости потребления.

Проблемное поле культурно-смыслового досугового взаимодействия, в этой связи, определяется экономической (или политической) коньюнктурой, выражающейся в производстве культурных услуг; преобладающее отношение к жизни как к игре по правилам (в досуговом общении правила определяются контекстом и предметом общения); в процессе досугового общения стираются грани социальной иерархии, т.к. его участники включаются в унифицирующий их процесс потребления культурных услуг (исключение: креативные, требующие специализации виды досуга, или не всем доступные по материальному признаку); досуговое общение отличает также значение маркировки (культурные смыслы, их кодирование), указывающей на принадлежность субъектов к определенной группе потребителей, устремленных, главным образом, к получению удовольствий или пользы для себя.

Подобные выводы делает и М. Бьянки (6), автор концепции потребления как коллекционирования, объясняя параллель между ними тем, что для современного потребителя новизна, поиск, достраивание образа играет ту же роль, что и для коллекционера, желающего владеть последним предметом для завершения своей коллекции. Единицей, для которой прослеживается действие закона, является набор, каждый последующий предмет которого имеет нарастающую ценность. Данная теория объясняет неутилитарное потребление, включающее модные товары и услуги, весь культурный багаж человека. Экономическая теория М. Бьянки, имеющая выраженную культурологическую составляющую, весьма просто и убедительно объясняет с экономической точки зрения природу консьюмерной культуры, генезис культурных форм досугового общения и обозначает задачу развития рынка культурно-досуговых услуг, сочетающего эффекты экономической пользы и социально-культурной полезности.

Предмет коллекционирования (потребления), имеющий символическое значение, обладает объединяющим потенциалом и может стать поводом для досугового общения субъектов в рамках досуговых любительских объединений по интересам, клубов различной направленности; спонтанных модных шопингов, посещений имидж-салонов, спортивных центров, кафе, ресторанов и т. д.

Развитие индустрии досуга, высокая степень диверсификации рынка культурно-досуговых услуг существенно изменяют структуру свободного времени, раздвигают рамки досугового общения - его пространства, содержания, форм, способов.

Контекст постмодерна, в значительной степени имеющий энтропийный характер, обостряет противоречие между генетической потребностью человека быть вместе с другими и утратой смыслообразующих оснований для реализации данной потребности на сущностном уровне. Этот уровень определяет не формальные, а культурно-смысловые связи (отношения), «размывающие» всевозможные границы (пространственные, социальные, этнические, тендерные, возрастные и т. п.) В этой связи постмодерн следует рассматривать как глобальный вызов человечеству, которому предстоит не только адаптироваться к новым реалиям бытия, но и научиться давать ответы, адекватные эпохе, выражающиеся в новых практиках жизнедеятельности, организации взаимодействий. Досуговое общение в этой связи представляет собой синергийный процесс и приобретает значение поиска, апробации, внедрения практик взаимодействия, предполагающего индивидуально-личностное развитие и консолидацию субъектов данного процесса, связи которых определяются их культурными смыслами.

Массовая (а в контексте современного общества консьюмерная) культура становится своего рода «экспериментальной площадкой», на которой субъекты создают сценарии своей жизни вместе с другими. Досуговое общение напоминает коллаж самоизъявлений заключивших конвенцию субъектов. В этой связи механизм их консолидации представляется в развитии и возвышении потребностей субъектов посредством их включения в проектируемое культурно-досуговое событие.

Возрастание значения экзистенциальных критериев удовлетворения субъектов своей жизнедеятельностью и ее результатами находят отражение в интегративном показателе, определяемом термином качество жизни. Р. Инглхарт, автор теории межгенерационной перемены ценностей, отмечает, что с переходом от модернизации к постмодернизации траектория перемен сдвинулась от максимилизации экономического роста к максими-лизации качества жизни (2). Он подчеркивает, что нормы индустриального общества, ориентированные на дисциплину и достижения, уступают место индивидуальному самовыражению и выбору жизненных стилей. Качество жизни характеризует все стороны жизни субъекта, в значительной степени это категория культуры, так как указывает на оценочную деятельность сознания, сравнивающего достижения субъекта с определенной, референтной на данное время, матрицей, принятой в обществе (сообществе). Категория качества жизни, символична по своей природе, поскольку маркерами качества жизни выступают вещи, услуги, виды деятельности. Им приписываются культурные значения, которыми они могут и не обладать. (П. Коз-ловски (3) называет такое положение вещей фетишизмом - формой, в которой предметный носитель культуры достиг перевеса над культурной ценностью).

Категория качества жизни указывает на удовлетворение субъектов своих потребностей, в том числе потребности в досуге и досуговом общении. В данном контексте досуговое общение характеризует

один из аспектов качества жизни, измеряемого возможностью удовлетворения максимального количества разнообразных потребностей субъектов данного процесса.

В этой связи досуговое общение приобретает статус социокультурных практик, символические значения которых характеризуют качество жизни: выбор вида досуговых занятий (услуг), содержания (предмета), субъектов общения. Досуговое общение с точки зрения качества жизни определяет его глубинную, индивидуально-личностную, экзистенциальную сущность. В этой связи, неправомерно сводить досуговое общение только к эмпатическому, конгруэнтному общению, поскольку удовлетворение от досугового общения (как критерия качества жизни), связано с открытием для себя другого (его новых граней); с получением пользы (от новой информации, нового знакомства, сделанного кем-либо вместе с другим); с самовыражением (демонстрацией своих возможностей); с креативным озарением, с эмоциональным подъемом, комфортом; с переживанием солидарного «мы» (создание согласованных культурно-смысловых сценариев жизни на основе взаимопонимания) и т. д.

Поиск путей повышения эффективности нравственно-правового воспитания студентов и его результатов позволили сделать вывод о необходимости реализации комплекса социально-педагогических условий, как фактора стимулирующего решение проблемы.

К таким условиям относятся:

■ формирование у студентов правовых норм, как регуляторов нравственно-правового поведения;

■ стимулирование самокоррекции воспитания нравственности и поведения у студентов;

■ педагогическую подготовку кураторов студенческих групп к работе по нравственно-правовому воспитанию студентов.

Процесс нравственно-правового воспитания не может быть ограничен лишь усвоением определенной суммы знаний о праве и нравственности, а непременно должен обеспечивать постижение индивидом многообразных способов и приёмов решения практических задач с нравственно-правовым содержанием. При этом сущность его состоит в том, что знания и практические умения это взаимопроникающие стороны одного и того же процесса, способствующего активизации гражданской позиции студента. Такому заключению способствует нравственно-правовая по своему характеру и общественно значимая по результатам деятельность. Специфика её состоит в активном и адекватном взаимодействии студента с доступной социально-педагогической средой, в ходе которого обучающийся выступает как субъект, воздействующий на совершенствование нравственно-правовых отношений.

С этой целью студенты должны:

♦ во-первых, принимать активное участие в процессе её целостного осуществления: ▪ от постановки цели и задач; ▪ планирования средств и методов их реализации до координации; ▪ контроля и оценки (самооценки);

♦ во-вторых, сама деятельность должна являться в достаточной степени сложной по структуре и интересной по содержанию, требующей адекватного напряжения интеллектуальных и эмоциональных сил обучающихся;

♦ в-третьих, специфика такой деятельности должна предполагать элементы самоуправления, допускающие свободный выбор и творческий подход к отбору средств и способов достижения конечной цели и желаемого результата;

♦ в-четвертых, деятельность должна быть организована с учётом и индивидуальных и психолого-возрастных особенностей студентов, быть доступной и посильной, достаточно длительной и систематической, исключающей стихийность и фрагментарность.

Таким образом, деятельность, как непременное условие практической реализации нравственно-правовых знаний, в системе нравственно-правового воспитания занимает одно из приоритетных мест и создаёт реальную предпосылку к совершенствованию педагогического взаимодействия по включению студентов в разнообразные нравственно-правовые отношения.

При глубоком анализе нравственно-правового воспитания студентов можно выделить три уровня воспитательного воздействия на личность:

▲ Первый уровень представляет собой воспитательное, профилактическое, педагогическое воздействие системы нравственно-правового воспитания во всём многообразии её форм. Сюда относится содействие в социальной адаптации, помощь в овладении трудовыми навыками, повышении квалификации, а также устранение обстоятельств, оказывающих на него отрицательное влияние.

▲ Второй уровень - проводится целенаправленная работа по воспитанию, осуществляемая в ходе образовательного процесса в вузе. Она заключается в назначении кураторов по воспитательной работе.

▲ Третий уровень нравственно-правового воспитания - эффект достигается от повседневной деятельности и человеческого общения. Они не планируемы, однако доступны косвенной регуляции, что позволяет уменьшить элемент стихийности (межличностные, межгрупповые контакты в коллективе, на отдыхе, улице). Итогом нравственно-правового воспитания студента является уровень сформированности его нравственно-правовой культуры.

Таким образом, нравственно-правовое воспитание студентов, в его многоаспектной теоретико-методологической характеристике, представляет собой актуальную социально-педагогическую проблему, требующую активизации творческого потенциала педагогической общественности на поиск её эффективного решения. Оно является важным фактором и необходимым условием формирования нравственно-правовой культуры будущего педагога.

Решение этой насущной социально-психолого-педагогической задачи следует начинать с семьи и школьного возраста, создавая целостную систему нравственно-правового воспитания и образования, которое охватывало бы все возрастные группы учащихся.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** нравственно-правовое воспитание во взаимосвязи, психолого-педагогический анализ; организационная деятельность, воздействие, формирование, развитие; антисоциальное поведение.

**Л И Т Е Р А Т У Р А**

1. Бойкова А.Д- Правовая культура и вопросы правового воспитания.– М., Знание, 1973. с.13.
2. Взаимодействие правового сознания с моралью и нравственность в обществе переходного периода. - Алма-Аты, Жет жарғы, 1995.-с. .218.
3. Давыдова Г.П. Формирование правосознания и поведения учащихся. - М., Просвещение, 1981. - сб. 2.
4. Карпец И.И. Пределы криминологических исследований // Социалистическая законность. - 1968. -№9. –с..28.
5. Козюбра Н.И. Правовое воспитание и социальная активность населения.—Киев, Наукова думка, 1979. – с. 5.
6. Так же см.: Козюбра Н.И., Оксамытный В.В., Рабинович П.М. и др.
7. Программа гражданского права для учащихся 10-11 классов общеобразовательных школ. – Душанбе, 2006. с..84.
8. Педагогика - Учебное пособие для студентов педагогических вузов и педагогических колледжей. Под ред. П.И. Пидкасисктого. - Псд.О - с.337. Общество России, 2000,- с. 384.
9. Рябко И.ф. Основы правовой педагогики. - Ростов, Изд-во Ростовского ун-та, 1973. -СП. Самощенко ИВ., Тишенко В.В. Юридическая наука и правовое воспитание // Советская юстиция.- 1973.-№з.-с.7-14.
10. Сергейчик С.И. Факторы гражданской социализации учащейся молодёжи //Социологические исследования.-2002.№5.с.107-111.
11. Школа гуманизма: 60 лет творческого труда. /Под ред. Р.М. Роговой, Н.Н.Казначеевой. - М., 2002.

## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДОГОГИИ АМАЛИКУНИИ МУТАҚОБИЛАИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН САМТНОКИИ ПЕДАГОГӢ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

Тарбияи маънавӣ-ҳуқуқӣ инъикосгари таъсиррасонии батадриҷ ва мунтазами ба ҷавонони имрӯза бо мақсади ташаккул ва рушди маърифати маънавӣ-ҳуқуқии онҳо мебошад. Мақола ба омӯзиши масоили мазкур бахшида шудааст.

## THE PSIHOLOGO-PEDOGOGICHESKY ANALYSIS INTERACTIONS MORAL-LEGAL EDUCATION AS PEDAGOGICAL ORIENTATION ON MODERN A STAGE

Education Is moral - prvovoe represents consecutive and regular educational influence on young men for the purpose of formation and their development is moral - legals cultures. Article is devoted studying of the given theme.

# ИДЕИ ВОСПИТАНИЯ В СТИХАХ АТТАРА (XII В.)

*З.К. Ахмедова*
**Институт экономики Таджикистана**

Фаридуддин Мухаммад Аттар Нишапури оставил своими замечательными проникновенными стихами неизгладимый след в классической поэзии. Красота и глубокая содержательность отличает его стихи, в которых тесно переплелись философские размышления на нравственные темы.

Аттар стремился в своих стихах не столько рьяно проповедовать догмы мусульманской доктрины и вести схоластические беседы, сколько пытался проповедовать любовь к человеку, показать силу его разума, воспитать совершенного человека, свободного от пороков и низких побуждений. Все дело в том, что эти гуманные намерения и цели поэта облачены в религиозную оболочку. Свои передовые

общепедагогические идеи Аттар, как и многие другие мыслители средневековья, преподносит в завуалированной форме.

О причине создания своего произведения «Тазкират-ул-авлия» Аттар пишет: «Одной из причин было то, что я, видя наступление времени, когда добро подменялось злом, а человечность-жестокостью, создал аналогию святых, дабы столпы государства не забывали о бедных и дервишах.[7;16]

В «Тазкират-ул-авлия» Аттара факты, относящиеся к джавонмарди-рыцарству, встречаются то там, то здесь при изложении нравственных взглядов и в биографии святых.

Например, «у одного украли кошелек с золотом, и он набросился на Садыка, обвиняя его в воровстве. Садык сказал: «А сколько там было?» тот ответил: «Тысяча динаров».Садык отвел его к себе домой и дал тысячу динаров. Позже тот человек нашел свои деньги, и возвратив Садыку его деньги, признал свою ошибку.Садык сказал: «Мы не берём обратно то, что даём». Известно, что джавонмарды если и отдают что-либо, то не усматривают в этом корысти и не томятся надеждой на его возврат. Затем Аттар со слов Садыка приводит следующие назидания: «Избегайте дружбы пяти типов людей: лжецов, которые всегда неприятны, глупцов, желающих принести пользу, но не зная того вредящих, спрячь, отнимающих твоё драгоценное время, подлых, могущих оставить в беде в минуты необходимости, развратников, которые могут предать и предать тебя ради своего блага»[7;23].

Некоторые свои персонажи Аттар прямо именует «взращенным пророчеством и воспитанными футувватами»[7;25].Описывая биографию Хасана Басри, говорит о воздержании джавонмардов-рыцарей: «Не ступай, во-первых, и шагу на ковры властителей, если вся твоя любовь направлена к народу, во-вторых, не сиди в уединении ни с одним из тех, чья голова покрыта убором, в третьих, если ты достиг степени подлинных мужей, никогда не приучай свои уши к славословию эмиров, так как это все равно чревато бедствием [7;24].

В главе, посвященной святому праведнику Ибрагима Адхаму, Аттар особо подчеркивает о необходимости и честности зарабатывания куска хлеба насущного личным трудом. Несмотря на своё высокое положение и авторитет, который имел Ибрагим среди окружающих, он ежедневно отправлялся собирать дрова и навьючив их на спину, отправлялся на базар. Продав их, он покупал лепёшки и раздавал бедным и нищим и тем самым слыл их покровителем. Он честно зарабатывал свой хлеб, и жить за чужой счет считал позором. Однажды Ибрагим побывал в Мекке, где его встретили старейшины и уважаемые люди города. Не узнав его, они стали расспрашивать о времени прибытия Ибрагима. Он спросил: «Почему вы встречаете этого богохульника?» Когда они, даже не слушая, оттолкнули его и ушли, он подумал «Вот ты увидел, как шейхи вышли тебе навстречу и даже ощутил, их тумаки». Потом он вошёл в Мекку, где стал заниматься плотничеством [7;173].

Одним из требований джавонмарди-рыцарства является поддержание бедных и сирот. В пользу этого свидетельствует поступок Маруфа Карахи, который спросил, у плачущего ребёнка: «Почему ты плачешь?» На это ребенок ответил, что он сирота и не имеет новой рубашки, тогда как другие дети одеты в новое. Маруф стал собирать финиковые косточки, чтобы продав их, справить сироте новую одежду[7;91].

Основными положениями нравственности и поведения джавонмарди-рыцарства, было соблюдение приличий, скромности и доброты. В этом заключался, главным образом, взгляд джавонмарди на человека, с позиций этих качеств он оценивался Аттаром:

Если бы мягкость, доброта и скромность светились,
То от них весь мир предстал бы в ярком свете.

Или:

Если некто и утонет в море доброты,
То никогда его корень не будет вырван от земли[1;26].

Способность заступиться за друга, готовность пойти на самопожертвование ради блага людей, джавонмарды-рыцари ценили чрезвычайно высоко. Они считали высшей ступенью благородства «не размышлять о собственном деле, а всегда думать об участи других».

Поэт подчеркивает, что:

Не мужчина тот, кто не может жертвовать собой,
Ради блага ближнего, как мужчина, не складывает душу[5;205].

Другой важной чертой этики джавонмардов было умение хранить тайну и держать язык за зубами:

О, джавонмард, храни слова за завесой,
Не следует всякому низкому поверять тайны[5;54].

В произведениях Аттара нередко встречаются слова «фати», «ахи», «люди футуввата» или «племя футуввата», обозначающие тех же джавонмардов. Интересно, что слова и поступки их он считает полезнее и выше молитв и поста. По его мнению, человек может получить твердую физическую, моральную и духовную закалку, лишь пройдя «народную школу», то есть школу джавонмарди-рыцарства:

Лучше, если ты проявишь один раз справедливость,
Чем всю жизнь будешь отбивать поклоны в молитвах.
Нет в мире футуввата более праведного,
Чем явление справедливости явно или тайно.
Тот, кто стремится показать свою справедливость,
Знай, что он не лишен лицемерия.
Мужчина на этом пути не требует справедливости,
А сам проявляет её к себе и другим [7;129].

Фаридуддин Аттар полагал, что посредством наставлений и морального воздействия можно воспитать людей в духе взаимоуважения и привить нормы морали. Он в произведении «Мантик-ут-тайёр» («Разговор птиц»), которое является примером искусства поучительных рассказов, излагает свои забавные общепедагогические и дидактические учения. В «Мантик-ут-тайр» («Разговор птиц») Аттар старается использовать пространственные описания, скрытые аллегории, допускающие различные толкования.

Дидактический труд Аттара «Хайётнаме» («Книга перехода») на основе вставных рассказов, легенд и притч поясняется дидактическим учением.

В первой главе «Хайатнаме» («Книга перехода») Аттар таким образом объясняет историю написания этого дидактического произведения: «Один счастливый человек обратился ко мне с просьбой написать ему на память книгу… И книга получила следующее заглавие:» Коснувшись бумаги острей пера, я написал заглавие этой (книги) – Хайатнаме.

Я разделил её на десять глав и порадовал ею душу достойных»[4;141].

В «Хайатнаме» за вводными главами, следует дидактическая поэма, которая делится на десять разделов, из которых каждый описывает ту или иную добродетель или порок и поясняет выдвинутые положения небольшой притчей.

В четвертой главе книги Аттар определяет значение разума для человека и приводит в пояснение притчу из жизни Юсуфа Прекрасного; когда его привели из тюрьмы к властелину Египта, последний уступил свой трон ему, которого Юсуф Прекрасный достиг лишь благодаря разуму.

Аттар высоко оценивает значение знания в формировании нравственного облика человека. Знание является единственным критерием авторитетности человека, ибо: «насколько ты учен и умно действуешь, столько ты стоишь, и так тебя оценивают»[6;93]. Далее, Аттар утверждает, что подобно тому, как пища необходима для развития организма, точно так же знания необходимы для развития человеческой души. Человек лишь посредством знаний уверенно осмысливает свой жизненный путь. «Не выходи без знания в дорогу, которая является долгой и темной. Тот, кто не имеет света знаний, несомненно, не будет в спокойствии». Знание без применения на практике – ничто. Оно может дать плод лишь тогда, когда приносит пользу: «Если у тебя есть знание, но ты не следуешь ему, какая польза от тебя и твоего знания» [6;94-95].

Аттар в моральном усовершенствовании человека особое значение придаёт также молчаливости, ибо подчеркивает от «тот, кто, не размышляя, говорит своё слово, после этого многократно будет порицать себя»[6;100].

Терпение и выдержка человека, в дидактической притче Аттара занимают определенное место. Аттар в четырнадцатой главе «Хайатнаме» различает в основном их три вида: 1) терпение в несчастье, 2) терпение в послушании и добрых делах и 3) терпение во избежание ошибок. Во времена пророка жила набожная женщина по имени Умм Абдаллах, у которой был восемнадцатый сын. Сын заболел лихорадкой и умер. Но женщина не жаловалась и думала лишь о том, как сообщить эту скорбную весть отцу, когда он возвратится до смерти усталый, с полевой работы. Когда её муж возвратился и спросил о сыне, она сказала: «Он спит, не буди его». Она падала ему ужин, потом он пошел в мечеть и проспал ночь спокойно в объятиях жены. Утром она сказала ему: «Вчера я видела нечто странное: нашим соседям было дано что-то на хранение, пришел владелец и потребовал свои вещи обратно. Тогда они заплакали и стали жаловаться. Муж ответил на это, что же глупы: ведь они только освободились от возложенной на них обязанности. Тогда она ему сообщила, что произошло с сыном. Муж увидел её выдержку и мужественно перенес тяжелое горе»[2;532].

Аттар в «Хаййатнаме» («Книга перехода») также рассматривает скупость и приводит следующую притчу: «Богатый юноша, живший во времена Иисуса, влюбился в случайно встретившуюся ему девушку и женился на ней. У девушки не было одной руки, и она стыдилась юноши. Бог услышал её молитву и восстановил ей руки. Когда супруги вернулись домой, однажды за обедом они услышали голос дервиша. Женщина взяла два куска хлеба и хотела дать их нищему, но муж ей не разрешил. Она подумала, что он скупой, и заплакала. Но он сказал: «Этого мало, дай ему полную тарелку». Она взглянула на нищего и увидела, что это её первый муж, который из скупости стал нищим. Тогда рассказала юноше свою историю. Её первый муж был чрезвычайно скуп. Однажды, когда его не было дома, она дала нищему курицу, в

которую спрятала ценное кольцо. Вернувшийся муж сильно разгневался, развелся с ней и изгнал её из города, отрубив ей руку. Тут юноша заплакал и сказал, что этим нищим был он, – кольцо дало ему богатство[2;239].

Дидактическое учение Аттара находит свое продолжение и в последующих главах сочинения. Аттар, например в двадцать четвёртой главе «Хайатнаме» трактует понятие высокомерие и подразделяет его на следующие категории: аскетизм, богатство, сила и крепость, красота и т.д. Аттар для пояснения аскетизма приводит такой рассказ: «Иисус и Мария поселили одного отшельника. Случилось так, что тогда же мимо проходил грешник и захотел искупить свои грехи разговором в этом обществе. Но отшельник не согласился снизойти до этого и грубо прогнал грешника. Тот униженный, с грустью покинул дом. Он обратился к Богу с молитвой о прощении, и ему было все прощено, тогда как отшельник был наказан за высокомерие»[3;429].

Доктрина о совершенном человеке широко освещается Аттаром в «Футувватномаи манзум» («Книга о товариществе»). В «Футувватномаи манзум» («Книга о товариществе») Аттар подчеркивает 72 положительных качества, которыми должен обладать совершенный человек. Аттар в моральном усовершенствовании и приобретении добрых нравственных качеств человека придавал важное значение воспитанию. «В процессе воспитания человек постепенно приобретает знания и вследствие этого меняется его природа, душа утрачивает дурные и обретает добрые качества» .

Справедливость, по Аттару, является наивысшей нравственной формой. Для подтверждения своей мысли Аттар приводит следующий рассказ: «Однажды во время боя мусульманин попросил у неверного срок для чтения молитвы. Тот согласился, сдержал свое слово во время чтения молитвы, начали драться. Когда он в свою очередь попросил отсрочку, правоверный согласился. Когда неверный приступил к чтению молитвы, другой, пользуясь моментом, хотел убить своего врага и этим самым нарушил принцип верности. Но вдруг услышал голос:

О мусульманин, ты поступил не по-мусульмански в день верности, неверный оказался лучше тебя» [6;88-89].

В нравственных поучениях Аттара коренным образом отвергаются такие человеческие пороки как двуличие, зависть, корыстолюбие и алчность. В одном из рассказов «Мусибатнаме» («Книга мук») Аттар таким образом иллюстрирует порок жадности людей.

«В «Тазкират-ул-адлия» («Трактат о пророках») в котором приводится 97 биографий древних мистиков, Аттар критикует неумеренных людей, особенно тех, которые ради своего корыстолюбия не откажутся от самых гнусных поступков: «Шейх Яхье Маоз ар-Рази когда из Герата возвратился домой, имел триста тысяч денег и семь верблюжьих вьюков. С ним был родной сын. Чтобы после возвращения не раздавать богатства беднякам, как было обещано раньше, во время чтения молитвы сын из-за алчности бросил камень в отца. Тот успел только сказать: «Раздайте имущество беднякам, и умер» [6;91].

В «Панднаме» («Книга наставлений») Аттар продолжает свои мысли о достойных манерах учтивости, отмечает, что одно из правил хорошего тона – употребление смягченных слов и выражений, так как грубость становится причиной удручения слушателя и отвращения к говорящему:

О, брат, если у тебя совершенный разум,
Ты говори мягко и сладко со своими людьми.
Всякий, кто говорит горькие слова, и морщит лицо,
Потеряет друзей своих.[7;7].

В «Панднаме» («Книга наставлений») Аттара отражены взгляды автора на воспитание. Аттар утверждает, что человек в состоянии управлять своими чувствами и страстями, так как не страсти владеют человеком, а, наоборот, человек должен уметь вовремя обуздать свои страсти. По его убеждению, это – основа проявления всех отрицательных качеств человека и в результате подчинения такой страсти, как например, алчность, она постепенно входит в привычку и становится как бы естественной потребностью организма. Человек, пишет Аттар, постоянно стремится удовлетворить страсть, которая в некоторых случаях ведет к совершению всевозможных преступлений. Посему подчинение человека своей страсти говорит о неразумности и отсутствии воли. Чтобы не допустить этого, необходимо закалять волю:

Самым глупым из людей бывает тот,
Кто следует за чувством и страстью[7;11].

В средние века джавонмарды-рыцари часто организовывали вооруженные отряды и вели военные действия. Они играли не последнюю роль в победном завершении сражений. По своему характеру джавонмарды-рыцари никогда не проявляют агрессивности, но их воинственный пыл возгорается, когда дело касается защиты родины и народа. Тем более, они бывали, сплочены и дисциплинированны, если во главе их стоял авторитетный вожак и духовный наставник. На них возлагали серьезные и ответственные задания, используя их бесстрашие и отчаянную смелость, назначали их посыльными и связными в период

военных действий. Джавонмарды-рыцари в своем большинстве были грамотны, питали почтение и уважение к знаниям. Они выполняли порученные им задания в любых сложных условиях, в зной и стужу, в дождь и слякоть, ночью и днем. Особенно отважно они совершали свои дела под покровом темноты, за что их прозывали «шабрав» (идущие в ночи).[9;1221].

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: размышления, нравственные темы, догма, воспитания, сила разума, понятие высокомерия, аскетизм, схоластические беседы.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Асрорномаи Шайх Фаридуддин Аттори Нишопури. Бо тасхех, таъликот ва хаввошии доктор Саид Содик Гавхарин. Техрон, 1339 хиджри. с. 26.
2. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. М.: Наука, 1960.
3. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература. М.: Наука, 1965.
4. Забехулло Сафо. Торихи улум ва адабиёти Ирон (История науки и литературы Ирана) Тегеран, 1968.(на персидском языке).
5. Мантик-ут-таййр, Таснифи Шайх Фаридуддини Аттори Нишопури. Бо тасхих ва этимоли Муњаммад Љавари Машкур. Тењрон, 1337. с.-205.
6. Мухаммадходжаев А.М. Мировоззрение Фаридуддина Аттара. Душанбе, Дониш, 1974.
7. Ризокулихон Хидоят. Рияз ал-орифин. («Тайны суфизма»). Тегеран, 1305 хиджри. (на персидском языке).
8. Тазкираи Фаридуддини Аттори Нишопури. Пешовар, Пакистан (без года издания) (на персидском языке).
9. Фарҳанги форсӣ («Персидский словарь») Часть 2. Тегеран, 1343 хиджри (на персидском).

### ИДЕИ ВОСПИТАНИЯ В СТИХАХ АТТАРА (XII В.)

Аттар в своих стихах стремился не столько рьяно проповедовать догмы мусульманской доктрины и вести схоластические беседы, сколько пытался проповедовать любовь к человеку, показать силу его разума, воспитать совершенного человека, свободного от пороков и низких побуждений. Все дело в том, что эти гуманные намерения и цели поэта облачены в религиозную оболочку. Свои передовые общепедагогические идеи Аттар, как и многие другие мыслители средневековья, преподносит в завуалированной форме.

### IDEAS OF EDUCATION IN VERSES ATTAR (XII CENTURY)

Attar aspired in the verses not so much zealously to preach dogmas of the Muslim doctrine and to conduct scholastic conversations, how many tried to preach love to the person, to show force of its reason, to bring up the absolute person, free from defects and low promptings. All the matter is that these humane intentions and the purposes of the poet are dressed in a religious cover. Advanced pedagogical ideas Attar, as well as many other things thinkers of the Middle Ages, presents in the veiled form.

## АФКОРИ ПЕДАГОГИИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ ДАР МАКТАБ

*Д. Ғафурова*
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Мактаб дар калимоти ахлоқию иҷтимоӣ ва маънавии хонандагон нақши беҳамто мебозад. Фарзандони мо оддитарин ва муҳимтарин қисматҳои ахлоқи иҷтимоиро маҳз дар мактаб меомӯзанд. Дар ин роҳ омӯзгорон бояд аз шаклу усул ва воситаҳои гуногун ҳунармандона истифода баранд. Ва ин шаклу усулҳо фаровонанд. Омӯзгорон метавонанд дар ҳар мавриди мувофиқ ҳини тадриси мавзӯъҳои китоби дарсӣ, дар соатҳои тарбиявӣ бо мисол овардан аз ҳаёти ашхоси хушахлоқ ва билохира тавассути осори бадеӣ қоидаҳои одобу ахлоқро ба хотири шогирдон расонанд.

Яке аз тавонотарин воситаҳои тарбияи ахлоқию маънавии мактабиён мероси адабию педагогии суханварони бузурги форсу тоҷик ба шумор меравад. Хушбахтона, айни замон бо кӯшишу заҳмати як идда олимону донишмандон қисмати зиёди ин мероси пурбаҳо ба чоп расидааст, ки омӯзгоронро зарур аст аз онҳо ба таври фаровон истифода баранд.

Дар ин росто афкори педагогии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҷои хосаеро ишғол менамояд.

Дар асарҳои педагогии ин мутафаккири барҷастаи асри XV-и форсу тоҷик аввалтар аз ҳама одобу ахлоқи неку писандида тарғиб ва ташвиқ мешавад. Ин адиби соҳибзавқ ва зиндагишинос дар осори педагогии худ муҳимтарин масъалаҳои одобу ахлоқи инсониро фаро гирифтааст, ки арзиши тарбиявии онҳо дар ҳеҷ давру замон кӯҳна нахоҳад шуд. Балки аҳамияти тарбиявии андешаҳои педагогии ин нависандаи нуктасанҷ дар шароити кунунии ҷомеаи соҳибистиқлоли мо, ки ахлоқи иҷтимоии баъзе аз наврасону ҷавонон то андозае коста гардидааст ба маротиб хоҳад афзуд. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки дар асарҳои панду ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ он паҳлӯҳои ахлоқи иҷтимоӣ ба миён гузошта шудаанд, ки аз назари аввал ночизу каммаҳсулият менамоянд, вале барои

назму тартиби зиндагии одамон ва умуман ҷомеаи инсонӣ аҳамияти аввалиндарача доранд. Эҳтироми падару модар бояд чигуна сурат бандад. Муносибати устоду шогирд ё омӯзгору хонанда бояд чӣ тавр бошад, бо дӯстону пайвандон, хешовандон, бегонагон, ҳамсоягон чӣ хел муносибат намоем, ки онҳо аз мо розӣ ва қаноатманд бошанд, бо кадом шева сухан гӯем, то ки малоли хотири дигарон нашавад, чӣ тавр меҳмондорӣ кунем ва ба меҳмонӣ равем, то ки эҳтироми одамони дуру наздикро ба ҷо орем, чӣ хел таом хӯрем, чӣ хел нишасту бархост кунем, ки дар хонаамон файзу баракат бошад, - инҳоянд номгӯи он ҳама масъалаҳое, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба наслҳои оянда гӯшзад сохтааст. Ин ҳама амалу муносибатҳо, ки ҳоло номбар кардем, барои худ одобе доранд. Ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ оид ба ҳар як амалу муносибат якчанд талабот мегузорад, ки донистан ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ татбиқ кардани онҳо барои ҳар як фард, бахусус наврасону ҷавонон шарт ва зарур бувад.

Зарур аст, ки фарзандони мо аз синни хурдӣ рукнҳои асосии ин одобу ахлоқро донанд ва танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем ҷавонони аз ҳар ҷиҳат тарбияёфтаро ба камол расонем. Аз ин лиҳоз дар китобҳои дарсии забони модарӣ барои синфҳои I-IV ворид гардидани як идда талаботи педагогӣ ва ҳикоятҳои алоҳидаи тарбиявии Зайниддин Кошифӣ айни муддао мебошад.

Инак дар китобҳои дарсии забони модарӣ барои синфи 1 чаҳор дарс, забони модарӣ барои синфи 2 панҷ дарс, забони модарӣ барои синфи 3 ҳафт дарс, забони модарӣ барои синфи 4 ҳафт дарс аз рӯи ҳикояҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳия шудаанд.

Дар китобҳои дарсии забони модарӣ - 1 ба шогирдони хурдсол талаботи ҳикоятҳои зерин пешниҳод гардидаанд: одоби таомхӯрӣ, адаб бо бегонагон, ҳикояти тамсилии Гурбаи ҳарис, Рӯбоҳ ва Шағол.

Кошифӣ дар одоби таом хӯрдан аз одамон талаб мекунад, ки пеш аз ҳама бисмиллоҳ гӯед, даст шӯед, ба дасти рост таом хӯред, аз пеши худ хӯред ба луқмаи дигарон нанигаред, ба се ангушт таом хӯред, косаро пок созед, баъд аз таом даст шӯед.

Кошифӣ таъкид месозад, ки таомхӯрӣ набояд ба таври сунъӣ ва бетартиб сурат гирад. Бетартиб таом хӯрдан одати ҳайвон аст. Инсон аз ҳайвон бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми таомхӯрӣ одобро риоя менамояд. Бетартиб таом хӯрдан далели бетарбиятӣ ва бадахлоқист. Яке аз хусусиятҳои инсони хушахлоқ ва тарбиятдида дар он зоҳир меёбад, ки талаботи пешниҳодшударо ба ҷо орад.

Одатан, мо гоҳо ба одамони бегона чандон гарму самимӣ муносибат намекунем, ба ғаму шодии онҳо шарик намешавем, ҳатто баъзеҳоро писанд намесозем, ба онҳо бо чашми ҳақорат менигарем, гоҳо нисбат ба эшон бетафовут ҳастем, дар муносибат бо онҳо одоби муоширатро нигоҳ намедорем ва ғайра. Зайниддин Кошифӣ дар муносибат бо одамони бегона риояи шаш талабро зарур мешуморад. Ӯ таълим медиҳад, ки нисбат ба мардуми бегона ҳамдардӣ ва шафқату меҳрубонӣ зоҳир созед, ба ҳеҷ кас бо чашми ҳақорат назар накунед ва агар аз онҳо кирдору гуфтори ношоиста бинед, насиҳат кунед, дар миёни сухани дигарон сухан нагӯед, аз сӯҳбати нохуши онҳо худро дур гиред.

Яке аз бадтарини хислатҳое, ки аз домони одам сахт медорад ва ба осонӣ онро раҳо намекунад, ҳарисӣ мебошад. Ҳарис ҳаргиз сер намешавад, саросема аз ин луқма ба ин луқма медавад, худашро ба ҳар кӯй мезанад, вале оқибат ба доми бало гирифтор мегардад. Як сабаби ин дар он аст, ки баъзе шахсон оқибати ҳарисиро ба назар намегиранд, зеро ҳирс чашми онҳоро нобино ва ақлу ҳуши онҳоро кӯр месозад ва эшон аз анҷоми фалокатбори амалашон бехабар мемонанд. Агар онҳо ба чӣ хотима ёфтани ҳирсашонро медонистанд, шояд ба ин роҳ намерафтанд.

Бинобар он аз хурдӣ ба фарзандон ва шогирдони мактабҳо зарари ҳирс ва оқибати шумбори онро фаҳмондан зарур аст. Ҳикоёти тамсилии Гурбаи ҳарис ва Рӯбоҳ ва Шағол ба хонандагони синфи якум ҳамин маъниро талқин месозад. Ҳикояти Гурбаи ҳарис ба шогирдони хурдсол таъсири амиқ мерасонад. Гурба ба ивази ҳарисиаш сахттарин ҷазо мебинад, аз дасти посбони кабӯтархона кушта мешавад. Гурба соҳиб дошт ва аз соҳибаш меҳрубонӣ медид, бояд ки орому осуда мезист. Аммо, ба қавли Аҳмади Дониш, ҳирси ҷаҳонсӯз варо ором намегузошт. Оқибат ҳирс Гурбаро ба кабӯтархона овард ва кабӯтареро сайд накарда, посбони кабӯтарон сарашро аз танаш ҷудо кард. Агар Гурба ба он чӣ соҳибаш медод, қаноат меварзиду ба умеди луқмаи лазизтаре худро ба кабӯтархона намезад, ба чунин ҷазои сахт гирифтор намешуд.

Аз ҳикояти «Рӯбоҳ ва Шағол» низ қисмати Рӯбоҳ ба хонандгони хурдсол сабақи муҳим медиҳад. Рӯбоҳ гурусна буд ва ногоҳ пӯстпораеро пайдо карда, рӯй ба маъвои худ ниҳод. Аммо ба нисфи роҳ мурғони фарбеҳро дида, ба хаёли мағзи сари онҳо аз пӯстпора фаромӯш карду ба суроғи мурғон рафт. Ҳарчанд Шағол ӯро аз роҳ гардонданӣ мешуд, вале ҳирси тамаъ варо ба сӯи мурғон мебурд. Дар ин миён зағане он пӯстпораро ба чанг овард ва ба авҷи ҳаво рӯй ниҳод . рӯбоҳ ба назди мурғон мерасад, ки посбони онҳо зиракӣ карда чӯберо ба сӯи ӯ ҳаво дод. Рӯбоҳ ба тарафи пӯстпора

давид, вале аз пӯст асаре надид. Рӯбоҳ аз фарти ҳарисӣ ҳам пӯстпораро аз даст дод ва ҳам мурғонро ва ба қавли Кошифӣ «аз алами наёфтани Мурғ ва ҳасрати аз даст рафтани пӯст сар бар замин мезад, то мағзаш парешон шуд». Ба сабаби шуми ҳирс Гурба ва Рӯбоҳ бо дасти худашон ҷони худро барбод доданд. Ҳирс намегузорад, ки кас андак ба худ омада, ба роҳи дуруст равад. Аз шиддати ҳирс шахс дӯстро душман ва каси хайрхоҳро бадхоҳ мепиндорад. Ин маъниро муносибати Рӯбоҳу Шағол бисёр барҷаста намоиш медиҳад. Шағол азми беҳуда ва нияти хоми Рӯбоҳро шунида, мехост, ки вайро аз ин роҳи ғалат баргардонад, вале ҳирси хонумонсӯз нагузошт, ки Рӯбоҳ ба сухани Шағол гӯш андохта, роҳашро тағйир диҳад.

Ҳамин тариқ, хонандагони хурдсол тавассути ин ду ҳикояти пандомӯзи тамсилӣ зарари ҳарисиро мефаҳманд, оқибати онро мебинанд ва мекӯшанд, ки аз ин бало дурӣ гузинанд.

Дар китоби дарсии забони модарӣ – 2 дарсҳои 29, 30, 35, 36, 39, 40, 49, 50, 51, 52, аз талаботу ҳикояти Зайниддин Кошифӣ ташкил ёфтаанд. Дар дарсҳо хонандагони синфи 2 бо ҳурмат ва ҳикмати таомхӯрӣ, одоби сухан гуфтан, одоби салом додан, одоби рафтан ба гӯристон, одоби аёдати бемор шинос мешаванд. Ин ҷо аз ҷиҳатҳои дигари одоби таомхӯрӣ огоҳ мегарданд. Кошифӣ таълим медиҳад, ки дар вақти таом хӯрдан ба таом айб мондан, танҳо таом хӯрдан, дар сари таом сар хоридан, бинӣ афшондан, оби даҳон афкандан раво нест.

Ин талаботи Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар тарбияи маънавӣ, беҳдошт ва дӯстию рафоқати шогирдон аҳамияти калон дорад ва онҳоро аз як роҳи хатарнок бозмедорад. Зеро ба таом айб мондан, танҳо таом хӯрдан, дар вақти таом сар хоридан, бинӣ афшондан ва сухан гуфтан дар тарбияи ахлоқии хурдсолон хатар дорад. Ба таом айб мондан кадбону ва низ ҳамнишининонро дар хиҷолат мемонад, танҳохӯрӣ касро аз рафиқону дӯстон дур месозад, сухан гуфтан имкон намедиҳад, ки кас аз таом баҳра бардорад ва ниҳоят сар хоридан, бинӣ афшондан ба беҳдошти таомхӯрӣ халал мерасонад. Ашхосе, ки талаботи Кошифиро риоя намекунанд, ба қадри таом ва хидмати кадбону намерасанд, худпараст ва хасис тарбия меёбанд, эҳсону саховатро намедонанд ва қонунҳои беҳдоштро ба эътибор намегиранд.

Дар ин дарсҳо шогирдони синфи дуюм боз ду чизи муҳим – одоби сухан гуфтан ва одоби салом додан меомӯзанд, ки дар камолоти маънавии онҳо нақши бузург хоҳанд дошт.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ пешниҳод мекунад, ки сухан фархури (муносиби) ҳоли ҳар кас гӯед, ба лутфу меҳрубонӣ сухан гӯед, на дурушту дағал, дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошед, на туршрӯю гирифта, сухани боманфиат ва судбахш гӯед, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунед, ба ғаразу киноя сухан нагӯед, дар миёни сухани мардумон сухан дарнаёред, то фикр накунед, сухан нагӯед, бисёргӯй набошед.

Яке аз муҳимтарин нишонаҳои маърифати инсон сухангӯӣ мебошад. Мутаассифона, одамон одоби сухангӯиро на ҳамеша риоя мекунанд, ки ин боиси дилсардӣ, озор ва ҷангу ҷидолҳо мегардад. Кӯшиш бояд кард, ки шогирдон ин талаботро аз худ кунанд ва мувофиқи онҳо рафтор намоянд.

Одоби салом додан ҳам дар муносибати байни одамон яке аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар мавриди салом додан ҳафт талабот пеш мениҳад: чун дар роҳ равӣ, ба одамон салом бояд кард, чун ба дари хонаи бародар равӣ, салом бояд кард, чун ба ҷамъе дароӣ, салом бояд кард, чун ба мақбарае расӣ, салом бояд кард, чун ба хонаи худ дарояд, салом бояд кард; одоби муошират тақозо мекунад, ки савора бар пиёда салом кунад, истода бар нишаста ва нишаста ба такязада, хурд ба бузург, ақкал ба аксар салом кунад; дар салом кардан рӯй хандон ва пешонӣ кушода дорад, ба ишорат не, балки ба лафз салом гӯяд.

Аввалин шиносоию ошноии одамон тавассути салом ба амал меояд. Дар салом меҳру муҳаббат ва эҳтирому қадршиносии одамон нисбат ба ҳамдигар ифода мешавад. Бинобар он салом бояд гарму самимӣ бошад.

Дар китоби дарсии забони модарӣ – 3 дарсҳои 79, 80, 193, 194, 243, 244 бар асоси талабот ва ҳикоёти Ҳусейн Воизи Кошифӣ тартиб ёфтаанд. Дар ин дарсҳо бо такя ба мулоҳизаҳои педагогии Кошифӣ ба шогирдони синфи 3 талқин мешавад, ки дар ниҳоди инсон ҳам хислатҳои нек ва ҳам хислатҳои бад ҷой мегиранд. Хислатҳои нек мартабаи одамро баланд мебардоранд, вале хислатҳои зишт қадри инсонро паст мезананд. Бинобар он ҳар чи зудтар аз хислатҳои бад даст кашидан лозим аст. Зайниддин Кошифӣ чунин хислатҳои бадро ном мебарад: ғайбат – одамонро ғайбат кардан, дар ғоиби одамон дар бораи онҳо бад гуфтан; мазоҳ – одамонро масхара кардан, ба рафтору кирдори онҳо хандидан; суханчинӣ – сухани якеро ба дигаре расондан, хабаркашӣ кардан; зулму ситам - дар ҳаққи касе ҷабр кардан; ҳасад – ба дороии касе, ё ба шӯҳрат ва пешравии кори касе ҳасад бурдан; ваъдахилофӣ – ваъда дода, онро иҷро накардан; айбҷӯӣ – дидани айби дигарон, дигаронро айб кардан; ҳарисӣ – ба чизу моли дунё ҳарис будан; тамаъ – аз касе чизе тамаъ намудан; хиёнат – ба

чизу моли мардум хиёнат кардан; бӯҳтон – дар ҳаққи касе тӯҳмат намудан; ришва – пора ситондан; бевафоӣ – нисбат ба дӯстон бевафо будан.

Дар ин китоби дарсӣ ду ҳикояти тамсилии Кошифӣ – Сайёд, Рӯбоҳ ва Паланг ва Шер, Оҳу ва Сайёд оварда шудааст, ки барои тарбияи ахлоқии хонандагони синфи 3 мадади калон хоҳад расонд. Дар ҳикояи якум ду қаҳрамони асосӣ вуҷуд дорад: Сайёд ва Рӯбоҳ. Адиб зимни амали ноандешидаи Сайёд ҳарисиро рад карда, тавассути рафтори Рӯбоҳ эҳтиёт ва қаноатро ҷонибдорӣ менамояд. Сайёд мехост Рӯбоҳро ба даст оварад ва бо ҳамин умед дар роҳи ӯ чоҳ канда, болои он мурдаеро гузошта буд. Рӯбоҳ ба он мурда наздик омад, вале хатареро ҳис карда, зери лаб гуфт: «Агарчи аз бӯи ин мурдор димоғи орзу муаттар аст, аммо бӯи бало низ ба машоми эҳтиёт мерасад ва оқилон ба коре, ки эҳтимоли хатар дошта бошад, ҳаргиз даст назадаанд». Рӯбоҳ аз сари он мурдор даргузашт ва саломат монд. Аммо тақдири Сайёд чӣ шуд? Дар ин асно Паланги гуруснае ба бӯи мурдор худро ба чоҳ афканд ва Сайёд садои ба дом афтодани ҷонвареро шунида, аз ғояти ҳирс хешро ба болои паланг андохт. Паланг аз шиддати хашму ғазаб «баргашт ва шиками Сайёд бидарид». Ин ҳикоят ба хурдсолон эҳтиёт, сабру таҳаммул ва қаноат меомӯзад. Ҳамин беэҳтиётӣ, бесабрӣ, ноқаноатмандӣ буд, ки Паланг шиками Сайёдро бидарид. Эҳтиёт, сабр ва қаноат буд, ки Рӯбоҳ аз доми бало вораҳид. Моҳияти тарбиявии ҳикоят дар ҷумлаи охирин он возеҳ ифода ёфтааст. Кошифӣ дар поёни ҳикоя таъкид сохтааст: «Сайёди ҳарис ба шуми ҳирс дар доми бало афтод ва Рӯбоҳи қонеъ ба қатъи тамаъ аз вартаи бало наҷот ёфт».

Дар ҳикояти дуюм – Шер, Оҳу ва Сайёд дигар манзараи зиндагиро дар пеши назари хонандагон ҷилва медиҳад. Оҳу аз доми Сайёд раҳо шуда, гурехт. Сайёд бо тир Оҳуро аз пой афтонда, сӯи хонааш рафт. Аз роҳ Хуке ба Сайёд ҳамла овард ва дар натиҷа ҳарду ҳалок гаштанд. Дар ин ҳикоят фикри муҳиме баён мешавад: касе, ки ба касе бадӣ кунад, бадӣ мебинад. Сайёд ба Оҳу раво дид, варо кушт ва дере нагузашта ба чанголи Хук дармонда худ кушта гардид.

Дар китоби дарсии забони модарӣ – 4 дарсҳои 53, 106, 107, 109, 124, 125, 129, 130 аз рӯи ҳикояти Ҳусайн Воизи Кошифӣ ташкил гардидаанд. Дар ин дарсҳо барои шогирдони синфи 4 ҳикоёти Гунҷишк ва Мор, Се шахси ҳасуд, Кабк ва Боз пешниҳод шудаанд, ки ҳар яке дар тарбияи ахлоқии хурдсолон саҳми муносиб мегузоранд. Масалан, Гунҷишк бо ҳилаву тадбир морро, ки ҳар мавсим бачаҳои варо мехӯрд, ба қатл мерасонад. Аз амали ӯ хонандагон натиҷа мегиранд, ки бо андешаву тадбир ҳама гуна душвориҳоро бартараф намудан мумкин аст. Ҳамзамон зимни фаъолияти Гунҷишк онҳо мефаҳманд, ки барои аз байн бурдани душвориҳо чобуку ҳушёр ва зираку далер бояд буд.

Ҳикояти дигар рафтору кирдори се шахсеро, ки ба дарди бедавои ҳасад мубтало гардидаанд, дар бар мегирад. Қисмати ин се одам хеле ҷолиб мебошад. Ҳасади онҳо ба дараҷаест, ки на танҳо худашон, балки дар ҳаққи касе некӣ кардани дигаронро низ дида наметавонанд. Онҳо, барои он ки некӣ, хайрхоҳӣ ва эҳсону саховати ҳамдиёронашонро набинанд ва дар рашку ҳасад насӯзанд, ба сафар мебароянд ва дар роҳ халтае дармеёбанд. Дар даруни онҳо ҳасад то ҷое хона мондааст, ки ин халтаи зарро байни худ тақсим карда наметавонанд, зеро намехостанд, ки ба яке аз эшон манфиате расад. Ниҳоят, малики он навоҳӣ аз вазъият огоҳ шуда, ангушти ҳайрат мегазад ва онҳоро аз зиндагӣ маҳрум месозад.

Ин ҳикоят аз ду ҷиҳат ба хонандагони синфи 4 таъсир мерасонад: дар дили онҳо нисбати ҳасудон нафрат пайдо мекунад, онҳоро ба эҳсону саховат раҳнамун месозад.

Аз ҳикояти Кабк ва Боз низ хонандагони хурдсол суди бисёр мебардоранд. Ин ҳикоят аз ду қисмат иборат аст. Дар қисмати аввал Боз мекӯшад, ки бо Кабк тарҳи дӯстию рафоқат бандад. Бо ин мақсад ӯ оид ба дӯстию рафоқат мулоҳизаҳои пурарзиш баён мекунад. Масалан, вақте, ки Боз бори аввал Кабкро мебинад, чунин меандешад: «дар ин олам ҳар касе бояд ёри мувофиқ ва рафиқи меҳрубоне дошта бошад. Ва ин Кабк ёри хушманзар, хандонрӯй, сабукрӯҳ, ширинзабон ва латифҳаракат аст, дил дар сӯҳбати чунин рафиқе тозаву хуррам гардад». Хурдсолон аз ин мулоҳиза сабақ мегиранд, ки дар дунё бе дӯст будан душвор аст, одам бояд дӯст дошта бошад, аз сӯҳбати ӯ баҳра бардорад, дӯст бояд меҳрубон ва ширинзабон бошад, ба дилҳо шодию фараҳ бахшад. Боз илова менамояд: «Ту аз сӯҳбати ман фоида хоҳӣ дид. Чун дигар бозҳо мебинанд, ки ту дар сояи парвариши ман ҳастӣ, ба ту таҳқир намекунанд ва ба дидаи ҳурмат ба ту менигаранд». Ин андешаҳои тарбиявии Боз дили хонандагонро ба дӯстию рафоқат гарм месозад ва онҳо мекӯшанд, ки ба рафиқон тарҳи дӯстӣ банданд ва нисбат ба дӯст мушфиқу меҳрубон бошанд.

Дар ҳикояти Сангпушт ва Каждум, ки ҳамеша ҳамдаму ҳампушт буданд, Сангпушт намунаи барҷастаи дӯстиву рафоқатро намоиш медиҳад. Ҳангоме ки дар роҳи онҳо ҷӯи калоне пеш меояд, Каждум намедонад, ки чӣ хел аз ин ҷӯ гузарад. Ҳайрати ӯро дида, Сангпушт мегӯяд:

- Ҳеҷ ғам махӯр, ки ман туро бе кулфату азоб гузаронида, ба соҳил мерасонам ва аз пушти худ завраҷе сохта, сипари синаро барои ту месозам. Ҳайф бошад ба душворӣ ёре ба даст овардан ва ба осонӣ аз додан.

Ин сухани Сангпушт низ аҳамияти муҳим дошта, хонандагони хурдсолро дар рӯҳи дӯстию рафоқат тарбия менамояд. Шогирдони синфи 4 дарк месозанд, ки барои он ки дӯстию рафоқат ҳамеша устувор бошад, дар хидмати дӯст бояд буд ва ба сабабҳои ночизу камаҳамият дӯстро набояд аз даст дод, зеро дӯст дар ҳар маврид ҳомию мададгори дӯст мебошад. Бад-ин минвол ҳикояти пандомӯзе, ки аз осори педагогии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китобҳои дарсии забони модарӣ барои синфҳои 1-4 шомил гаштаанд, вазифаҳои муҳими таълимию тарбиявӣ, маърифатию зебописандӣ ва ахлоқию бехдоштиро анҷом хоҳанд дод.

Ин ҳикоёти дилнишин пез аз ҳама шогирдонро ба роҳи рост ҳидоят месозанд, ба онҳо ҳикмат, забон, луғату шеваи сухангӯӣ меомӯзанд ва ҳамзамон завқу табъ ва зеҳну тафаккури онҳоро ҳамаҷониба ташаккул медиҳанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, афкори педагогӣ, мактаб, асарҳои педагогӣ, муносибати устоду шогирд.

## АДАБИЁТ

1. Хусайн Воизи Кошифӣ. Калила ва Димна.- Душанбе: Адиб,1989.
2. Чанд мулоҳизаи адабӣ.-Маҷмӯаи илмӣ (серияи филологӣ).- Чилди 86.-Душанбе,1973 (М.Ахмадов. Мундариҷаи гоявии баъзе бобҳои «Анвори Суҳайлӣ». с. 29-53 ).
3. Чилди 92., Душанбе,1974 (М.Ахмадов. с. 56-67) . Мулохиза оид ба хусусиятҳои услубии « Анвори Суҳайлӣ»-и Хусайн Воизи Кошифӣ..

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ МЫСЛИ ХУСЕЙНА ВОИЗИ КОШИФИ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ШКОЛЬНОМ ВОСПИТАНИИ

В данной статье автором рассматриваются педагогические мысли одного из видающихся литераторов таджикско-персидской литературы XV-го века Хусейна Воизи Кошифи и их значение в деле воспитания подрастающего поколения. Автором даны конкретные методические указания в плане эффективного использования, помещенного в учебниках по родному языку для 1-4 классов басней и коротких рассказов вышеуказанного литератора, где выражены такие социально-этические принципы, как уважение родителей, отношение с окружающими людьми, чувство меры и тому подобное в целях воспитания школьников.

## PEDAGOGICAL IDEAS OF HUSAIN VOIZI KOSHIFI AND THEIR USAGE IN SCHOOL CHILDREN'S UPBRINGING

In this article are considered pedagogical ideas of a great writer of Tajik –Persian literature of XI-century Husain Voizi Koshifi and their importance in upbringing of new generation. Concrete instructions are given by the author of effective use of stories and short stories, given in textbooks, where are shown socio-ethic principles such as: respect to parents, the attitude to other people, sense of responsibility and others for upbringing new generation.

# НАЗАРЕ БА АФКОРИ АХЛОҚИИ МОНӢ

***Абдукарим Ҳалимов***
**Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар ҳар давру замон шахсиятҳое ба дунё меоянд, ки дар соҳаҳои мухталифи илму фан нақши муассир мебозанд. Ин гуна шахсияти баруманд ва устоди суханвар, мутафаккир ва олими намоёни замони Сосониён Монӣ ба шумор мерафт. Мактаби таълимӣ ва тарбиявии ӯ машъалафурӯзи илму дониш буда, дар замири шогирдон меҳри хондану омӯхтан ва аз бар намудани донишҳои замони хешро меафрӯхт. Ба ибораи дигар, нақши ӯ дар поягузории илмҳои замонаш хираду хирадмандӣ ва афкори тарбиявии бузург буд.

Монӣ 14 апрели соли 216 (мелодӣ) дар маҳалли Мардину ё Абрумия, воқеъ дар вилояти Мисен, дар шимолу шарқии Ироқ таваллуд шудааст. Баъзе муҳаққиқон маҳалли таваллуди Мониро ҷойи дигар ишора намудаанд. Ибни Надим дар «Алфехраст», номи модари ӯро Ромиш ё Марям ва падарашро Потак ё Фотак зикр намудааст. Сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки волидайни ӯ аз авлоди шоҳзодагони ашконӣ буданд.

Афкори тарбиявӣ ва ахлоқии Монӣ дар як даврае рушду нумӯъ меёфт, ки Рими қадим ва Византия тахти таъқиби шадиди табақаи ҳоким ва таълимоти расмии масеҳия қарор дошт. Дар ин давра фаъолияти фирқаи мухолифин дар Хилофоти Аббосӣ қатъ гардида буд. Инчунин, дар

Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна шароити мусоид, муҳити солим барои фаъолияти фирқаи динӣ фароҳам омад.

Бояд тазаккур дод, ки афкори фалсафию ахлоқии тарбиявии монавия дар асри 3-и мелодӣ дар Африқо ва ҳудуди Чин паҳн шуда буд.

«Ҷараёни мазҳабии муғтасила, ки падараш ва сипас худи ӯ пайрави он буданд, яке аз сарчашмаҳои илҳоми оиндаи ӯ гардид. Ӯ дар ин давра бо динҳои замони худ, мисли дини зардуштӣ, насронӣ ва ҷараёнҳои гностикии Байнаннаҳрайн, ба хусус фирқаҳои Ибн Дайсон ва маркионӣ (маркиюн) бархӯрдор шуда, дини мағтасиларо инкор кард. Аз рӯи маълумотҳо, гӯё Монӣ бори аввал дар синни 12-солагӣ (228 мелодӣ) ва баъдан дар синни 24 солагӣ (соли 240-41) ду маротиба мавриди ваҳйи раббонӣ қарор гирифт. Ин илҳомро фариштае бо номи Тоуми Муқаддас ёд карда, омадани ӯро пешгӯӣ ва башорат дода буд. Дар натиҷаи чунин илҳом Рӯҳи Муқаддас ва илми комили Тоум ё Параклит (Равони пок) ба Монӣ илҳом бахшида, нубувватии ӯро ошкор сохтааст».(5-76)

Бо мақсади таблиғи ғояҳои хеш Монӣ ба саёҳат ва сафарҳо баромада, дар боздиду мулоқотҳо худро Расулу фиристодаи рӯшноӣ муаррифӣ мекард. Дар ин давра шӯҳрату нуфузи илмии Академияи Гунди Шопур хело паҳн шуда буд, ки таваҷҷӯҳи бисёр ихлосмандонро ба худ ҷалб кард. Ин ҳолат шавку ҳаваси маърифатҷӯии Мониро бедор кард ва ӯ ба Эрон бозгашт. Ӯ дар китоби худ «Кефолиё» навиштааст, ки дар давраи ҳукумронии Ардашери 1(224-241) барои мустаҳкам намудани бунёди давлати Сосониён ба Ҳиндустон сафар карда, мардумро ба таълимоти худ ҷалб менамуд. Ӯ дар ин ҷо аз марги нобаҳангоми Ардашери 1 ва ба тахт нишастани писари ӯ Шопур хабардор шуда, ба Эрон бозгашт. Монӣ тавассути Фирӯз, бародари Шопур, ки таълимоти ӯро пазируфта буд, ба Шопур муаррифӣ гардид. Яке аз китобҳои худро «Шопуракон» номида, ба подшоҳи нави Эрон тақдим намуд. Тоҷгузории Шопур дар соли 242 сурат гирифт. Аз рӯи ривояти Ибни Надим аввалин хутбаи Монӣ якшанбеи аввали нисон, ки офтоб дар бурҷи ҳамал қарор дошт, хонда шуда буд. Аз ин рӯ, гуфтаҳои боло тасдиқи онанд, ки ин ду воқеа, яъне ба тахт нишастани Шопур ва ба Эрон баргаштани Монӣ 20 - марти соли 242 воқеъ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин давра мактабҳо характери динӣ доштанд. Дар баробари илми илоҳӣ илмҳои дунявӣ дар макотиб таълим дода мешуд. Омӯзиши касбу ҳунар ба тарви фардӣ ва гурӯҳӣ сурат мегирифт. Ғайр аз ин, ба ҷавонон касбҳои чорводорӣ, деҳқонӣ, оҳангарӣ ва сангтарошӣ омӯзонида мешуд.

Дар ин давра ба ташаккули афкори ахлоқии Шопур таълимоти Монӣ оид ба масоили тарбия нақши назаррас бахшид. Монӣ бо Шопур дар ҳамгироии рушди афкори ахлоқӣ ҳамкорӣ доштанд. Дар китоби «Кефолиёт» Монӣ доир ба шарҳи ҳоли худ, мусофират ба Ҳиндустон ва пазироии Шопур навиштааст: «Ба ҳузури Шопуршоҳ рафтам ва ӯ маро бо эҳтироми самимӣ пазируфт, иҷозати мусофират (дар кишвари худ ) марҳамат кард, то дар он каломи ҳаётро тарбия ва таблиғ кунам. Ман чандин солро сарфа кардам ва солиёни зиёд дар Эрон, дар кишвари Порт то Адиб ва мамолике, ки ба давлати Рум ҳамсарҳад буд, мусофират намудам» (2-229). Инчунин ақидаҳои таълимӣ ва тарбиявии мактаби ду бародари Шоҳаншоҳ - Меҳршоҳ ҳокими Мишон ва Фирӯз аз таълимоти ахлоқии Монӣ сарчашма мегирифтанд. Таваҷҷӯҳи Шопур дар ин маврид ба таълимоти Монӣ ҷалб гардид. Таълимоти Монӣ машҳур гардид ва дар Эрон нисбат ба таълимоти зардуштӣ мавқеи муҳим ишғол намуду ба расмият даромад. Даъвати Монӣ оид ба рушду густариши таълимоти худ тез паҳн мешуд ва дар ин ҷода пешравии назаррас эҳсос карда мешуд. Хусусан, таълимоти Монӣ дар Бобул ва маркази мамлакат тарафдорони зиёде пайдо кард. Аз ривояти Монавия, ки аз сарчашмаҳои адабӣ бармеоянд, мешавад, ки аз сабаби тезутундшавии зиддияти рӯҳониёни зардуштӣ муносибати Шопур бо Монӣ ба куллӣ тағир меёбад. Аз рӯи далелҳо, бино ба қавли Яъқубӣ «муносибати Шопур бо Монӣ дигаргун гардид»(1-419).

Ба қавли Яъқубӣ, Шопур танҳо 10 сол пайравӣ кеши Монӣ буд. Шопур баъдан ӯро аз сарзамини Эрон хориҷ кард. Монӣ таи 10 - соли оянда дар бахши шарқии Осиёи Миёна сайру сафар кард ва ба Ҳинду Чин мусофират намуд. Ӯ дар ин муддат бо рӯҳониён ва шайхони тарафдори дини худ дар Бобул ва сарзаминҳои дигар робитаи доимӣ ва мукотиба дошт. Таълим ва тарбияи замони худро барои пешбурди ақидаҳои хеш дар ҷое, ки мезист тарғиб менамуд ва кӯшиш ба харҷ медод, ки таълимоти худро дар амал ҷорӣ намояд.

Дар афкори ахлоқии Монӣ берун аз афкори гностикии (мазҳабӣ) зикршуда, таъсири дини насронӣ, будоӣ ва ба хусус маздаясно эҳсос мешавад. Мувофиқи далелҳои мавҷуда Монӣ худро ҷонишини гурӯҳи калоне аз расулони осмонӣ мешуморид, ки аз замони ҳазрати Одам, ҳазрати Зардушт, ҳазрати Мусо, ҳазрати Иброҳим, ҳазрати Буддою ҳазрати Исои Масеҳ, ки паси ҳам дигаре барои ҳидояти аҳли башар омадаанд. Ӯ худро хотами анбиё ва дар байни пайёмбарон худро афзалтар мешуморид. Ӯ чунин ҳисоб мекард, ки ҳалқаи охир ва болоии занҷир буда ва бо сурати

расулон аз ибтидои хилқат ба замин нозил шудааст. Ӯ дар «Шопуракон» навиштааст: «Дар ҳар замоне анбиё ҳикмату ҳақиқатро аз ҷониби Худо ба мардум овардаанд. Дар Ҳиндустон ба воситаи пайғамбаре бо номи Буддо, дар Мағриб ба воситаи Исои Масеҳ, оқибат ман, ки Монӣ-пайғамбари Худои Ҳақ ҳастам, маъмури нашри ҳақиқат дар сарзамини Бобул гаштам»(3-246). Аз рӯи маълумоти Бандишемун ақидаҳои Монӣ масъалаҳои ахлоқиро дар бар гирифта, одамонро ба некӣ, муносибати самимона, инсондӯстӣ ва меҳнати софдилона даъват менамояд. Ӯ чунин ақида дошт, ки таълимоти кулли пайғамбарони пеш аз ӯ торику норавшан ва ноқис буда, бо изофаи дасти муридону шогирдон аз роҳи аслиашон хориҷ шудаанд ва касоне, ки дар ин кор дахолат карда буданд, аз худашон ба матнҳо чизе изофа кардаанд. Ба хилофи онҳо, он пайғоми илоҳӣ, ки бо дасти ман барои мардуми рӯи замин оварда шудааст, ҳақиқат, равшан, мустақим ва илми мутлақ аст. Андешаҳои Монӣ оид ба масоили таълиму тарбия дар ҷаҳон машҳур гардида, раванди таълиму парваришро воқеъбинона тавсиф мекунад. Таълимоти оини Зардушт дар Эрон, Буддо дар Ҳиндустон ва Исои Масеҳ дар Мағриб тамоми масъалаҳои таълиму тарбияро пурра равшан намегардонанд, бинобар ин, этибору нуфузи онҳо танҳо дар кишварҳои ҷудогона паҳн мешуданд. Ақидаҳои таълимию тарбиявии Монӣ комилан воқеист ва дар тамоми ҷаҳон хело паҳн шудааст. Монӣ мегӯяд ки: «Умеди (таълимоти – А.Х) ман дар Машриқу Мағриб пароканда хоҳад шуд. Онҳо пайғоми илоҳиро ба тамоми забонҳо шунида дар тамоми шаҳрҳо эълон хоҳанд намуд. Таълимоти ман, -мегӯяд ӯ, -аз дигар таълимотҳое, ки дар кишварҳою сарзамиҳои ҷудогонае эҷод шуданд, бартарӣ дорад. Таълимоти ман дар тамоми шаҳр ва тамоми кишварҳои олам пазируфта шуд» (4-95).

Хосияти фарққунандаи таълимоти монавӣ аз зардуштия ва насронӣ иборат аз он аст, ки ӯ роҳи тарғиботро воситаи интишори афкор медонист. Мусофиратҳои зиёде мекард, дар миёни мардум мегашт, то ки мардум бо фарҳанг бошанд ва хатту савод омӯзанд. Монӣ маҳорату истеъдоди фавқулода дошта, яке аз суханварони варзидаи замони худ буд. Ӯ аз кишварҳои гуногун дидан карда, аз наздикону пайвандони хеш талаб мекард, ки бештар дар миёни мардум бошанд ва ахлоқи ҳамидаю илмомӯзиро ба онҳо талқин намоянд. Ӯ мегуфт, ки инсон ба дунё барои кори нек меояд ва ҳар хӯе, ки наврасон аз калонсолону, волидайн пайдо мекунанд, пеш аз ҳама, ба муҳити зист ва хусусиятҳои тарбиявии ӯ вобаста аст. Истеъдоди фавқулодаи ӯ дар санъати наққошӣ ва хаттотӣ назаррас аст. Дар китоби «Баёнуладён» оид ба ҳунари Монӣ омадааст: «Марде буд, устод дар санъати суратгарӣ, муайян намудани симои ботинии одам ва ба тавсифи рӯзгори Шопур ибни Ардашер машғул буд. Дар миёни уламо даъвои пайғомбарӣ мекард ва далелҳои ӯ тавассути санъати қаламкашӣ ва баҳсу мунозираи тӯлонӣ анҷом меёфт. Гӯянд, боре бар пораи ҳарири сафед хатти фурӯъ кашид, чунон ки гӯё як тори ҳарир берун кашидаанд ва баъди чанде он хат нопадид гашт. Китобе кард бо анвои тасовир, ки онро «Аржанги Монӣ» ном бурдаанд ва дар хазоини китобхонаи Ғазнин маҳфуз аст».(2-229)

Нависандаи асри Х1-и ҳиҷрӣ Абӯшукур Салимӣ навиштаст:

«Монавиёни Мовароҳуннаҳру Хуросон бо тарбияи зебопарастии худ ҳар чиро, ки зебою ҷамил буд, ниёиш мекарданд ва дар назари онон диди зебоӣ ба ҷаҳони моддӣ вобаста буд ва ба вазъу дуои Монӣ, афкори тарбиявии ӯ пайваста шумурда мешуд. Афкори тарбиявӣ ва таълимоти Монӣ дар ин давр гуногунмавзӯъ буда, аз назарияи омӯзиши илоҳӣ маънидод меёфт.

Чи тавре ки аз манбаъҳои илмӣ маълум мегардад, тарбияи зебоию зебойпарастӣ дар мафкураи миллати тоҷик решаҳои таърихӣ - иҷтимоӣ дорад. Ҳодиса ва падидаҳои табиӣ, тулӯи офтоб, раъду барқ, абрҳо, нашъунамо ва сабзиши муғчаҳои дарахтон ва дубора зинда шудани майсаҳои борони баҳорӣ дар фаҳмиши мардуми тоҷик дар ин давр дар асоси таълимоти Монӣ ва афкори ахлоқии ӯ асос меёфт. Дар макотиби замони Монӣ илмҳои табиӣ: ситорашиносӣ, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия мавриди омӯзиш қарор доштааст.

Як хусусияти машҳури дар миқёси дунё домон паҳн кардани афкори ахлоқии Монӣ аз он иборат буд, ки ӯ аз унсурҳои ҷудогонаи оинҳои Зардушт, Исои Масеҳ ва Буддо ба таври эҷодӣ истифода намудааст. Бисёр муҳаққиқон ишора намудаанд, ки равияи тарғиби масоили ахлоқӣ дар афкори Монӣ аз ҷиҳати сохту таркиб як чизи содда ва тақлидкории сатҳи намбуда, балки истеъдоду заковати Монӣ буд. Ӯ таъсири муҳит ва ҷомеаро хуб дарк мекард. Хислатҳои хуб ва тарбиявии ӯ дар он буд, ки ҳисси баланди инсонпарварӣ ва дастгирии якдигарро тарғиб мекард. Монӣ бидуни огоҳӣ ва тайёрии пухта аз тарғибу таснифи унсурҳои ҳиндӣ, насронӣ ва эронӣ, омӯзиши онҳо, мутолиаю мулоҳизаҳои амиқ, ба хулосае намеомад. «Аз ҳамин ҷиҳат тарбияву таълимоти ӯ аз ҷанбаҳои қавмдӯстӣ, маҳалгароӣ, қавмпарастӣ, таассуб, миллатгароӣ ва мавзӯъҳои дигаре, ки андешаҳои ҷудойандозӣ дошта бошанд, дур мебошад».(1-420) Онҳо характери умумибашарӣ доранд.

Ҷиҳатҳои афкори тарбиявии Монӣ аз асри 111 то XV дар пешрафту густариш буда, ҳудуди он аз нимкураи шимолии укёнуси Атлантик то укёнуси Оромро дар бар мегирад. Қобили зикр аст, ки асотири монавӣ ба таври фаровон мураттаб гардида, инъикоскунандаи мазмун ва ғояҳои афкорӣ ва тарбиявии Мониро таҷассум менамоянд. Артур Кристенсен дар асари худ «Эрон дар замони Сосониён» оид ба ривоятҳои арабӣ ва суғдӣ ҳикояҳои мухтасар овардааст. Мувофиқи ривоятҳо, Монӣ дар боби офариниши олам чунин мегуфт: «Дар оғоз дур ё ҷавҳар доштааст: яке нек ва дигаре_бад, худо ва ҳаюло (модда), рушноӣ ва торикӣ. «Нахустин падари бузург Зуррон будааст». (5-77)Ӯ дар арзи нур қарор дошта, сарвари нур аст. Нур ба ақидаи Монӣ ин покизагӣ, некӣ, рушноӣ, ақл, инсоф ва илмро ифода мекунад. Ба андешаи Монӣ одам бояд дар худ панҷ сифати ақлро дошта бошад.

1. Идрок, 2. Ақл, 3. Фикр, 4. Таамул, 5. Ирода.

Худои зулмот панҷ унсури манфӣ дорад. Ба ақидаи бостонии Байнаннаҳрайн онҳо болои ҳам қарор дошта ва панҷ олами зулмотро ташкил медиҳанд, ки аз дуд, оташи сӯзанда, боди ҳалокатовар, оби гилолуд ва зулмот иборатанд.

Монӣ мегӯяд: «Ибтидои ин ду холиқ аз як ҷой бо ҳам пайваст шуда, се тарафи дигари он бекарон аст. Подшоҳи зулмот чун нурро мушоҳида кард, бо тамоми қувват ба ӯ ҳамла овард. Падари бузург, Холиқи Ҷаббор, барои ҳимояи кишвари худ аввалин махлуқро офарид, ки ӯро Модари зиндагӣ меноманд. Модари зиндагӣ дар навбати худ инсонро, ки Ҳурмуз номиданд, офарид. Мувофиқи таълимоти Монӣ замоне то аз ҷониби зулмот фуру бурдани унсурҳои нуронӣ, ҷаҳони рӯшноӣ ва зулмот аз ҳам ҷудо буданд. Ин мансуб ба замони гузаштаи пеш аз офариниш шумурда мешуд. «Ҳадафи марҳилаи дуюм ҷудо кардани нур аз зулмот аст. Ба ҳолати аввала баргардонидани дунё ин марҳилаи сеюм аст». Дар ин маврид мафҳуми салтанат, ҳукумат, нусрат, эътиқод, таҳорат, ҳақиқат, имон, сабр, сидқ, эҳсон, адл ва инсоф дар омӯзиши Монӣ ба офтоб шабоҳат дошта, сафинаҳои нур «Рушноиро» ба ҳаракат меоварад».(3-247)

Зарраҳои нур, ки дар ҷараёни вуҷудият аз модда раҳоӣ меёбад, ба воситаи Сутуни Шукӯҳ бо сафинаҳо интиқол меёбанд.Ситора, Хуршед, Моҳ ва бурҷ ба дастгоҳе монананданд, ки тулӯи заррҳои нуру рӯшноӣ ба воситаи он аз миёни торикию зулмот гузашта, афлок рушноии худро интиқол менамояд. Монӣ дар афкори ахлоқии худ, дар боби таълим, хислатҳои зеринро ба инсон хос мешуморид:

- Худдорӣ аз гуноҳ дар забон;
- Худдорӣ аз гуноҳ бо даст;
- Худдорӣ аз гуноҳ дар қалб;
- Худдорӣ аз гуноҳ ба воситаи ирода.

Ақоиди ахлоқие, ки дар боло зикр шуданд, дар омӯзиши Монӣ инсонро ҳидоят менамояд, ки бомаълумот ва соҳибкасб бошад, мудом меҳнати ҳалолу пурсамар намуда, аз маҳсули он баҳравар гардад, ба бекорию танбалӣ роҳ надиҳад. Роҳи расидани рӯҳ ба асли худ, ба андешаи Монӣ, равшан ва пок намудани асрори вуҷуди инсон буда, афкори некро сармашқи вуҷудият кардан аст. «Ин масъала нуқтаи марказии маърифат ва худшиносии инсон мебошад»(1-421)-мегӯяд Монӣ. Дар асл асрори вуҷуди инсон дар табиати ӯ ниҳон аст. Дар ҳар маврид одам барои дарки муҳит сайъ намуда ва дар кашфи асрори он талош намояд, кушиш ба харҷ диҳад, ки вуҷуди ӯро некӣ фаро гирад ва аз худ некию накукорӣ гузорад. Ҳақ бар ҷониби ӯст, ки инсон дар тӯли зиндагии хеш бояд ба ҳамаи покиҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ доро бошад. Бояд гуфт, ки «Ин ҷиҳати таълимоти ӯ шаклҳои хурофотро инкор намуда, маърифати ҳиссӣ ва ақлониро маърифати ягонаю дуруст мешуморад. Ин таълимоти пешниҳодкардаи ӯ то замони мо омада расидааст». Роҳи дуюме, ки Монӣ барои расидан ба ин ҳадаф, яъне ҷудоии нуру зулмотро менамояд, ин покӣ ва порсоии ҳар фард аст. Дар асл маншаи вуҷуди худовандӣ нур аст ва танҳо бо зулмот дар зиддияти абадӣ вуҷудият дорад. Ҳар фард бояд аз ахлоқи нопок, кирдори бад, танбалӣ, бекорӣ худро ба канор гирад. Монӣ таълим медод, ки маҳз тавассути сухан одам худро аз бенизомӣ нигоҳ медорад. Ӯ риояи қоидаҳои ахлоқиро дар зиндагӣ бисёр муҳим мешуморид, ба монанди: парҳез кардан аз дуруғ, бо чашми нек нигаристан, бо дили пок ба зиндагӣ муносибат кардан, аз кирдори фассоду ҳаром худро эмин нигоҳ доштан, аз зино, дуздӣ, соҳирӣ, бекорӣ парҳез кардан, аз фикру ақидаҳои бад худро нигоҳ доштан, ба афкори неки дигарон иштибоҳ накардан ва ғайра.

Роҷеъ ба андешаҳои ахлоқии Монӣ Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осорулбоқия» ҳикояте овардааст, ки ба афкори тарбиявии ӯ равшанӣ меандозад. Ва забҳи ҳайвонот ва озори оташ, об ва набототро ҳаром намуда, қавоиду навомисе ваъз карда, ки содиқон (баргузидагон), ки аброҳу зуҳҳоди монавиянд, бар худ фарзу воҷиб медонанд ва ин навомис аз ин қарор аст: эҳтироми дарвешон, аз миён бурдани ҳирсу шаҳват, канорагирӣ аз корҳои ношоистаи дунё.

Абӯмансур Саолибии Нишопурӣ оид ба таълимоти ӯ ҳикояти ҷолиберо овардааст, ки намунаи қудрату бадбинии рӯҳониёни зардуштӣ ва муаррихони исломӣ нисбат ба дини ҷадид мебошад.Чуноне ки қайд намудем, дар давраи шоҳаншоҳии Бахроми 1 Монӣ мӯъбади муъбадони Картин буд. Вай дар замони ҳукмронии се подшоҳи сосонӣ дар таҳияи дини расмии Сосониён - дини маздаясно кӯшиши зиёде кардааст. Дар ин ҷо овардани муколамаи Саҳолабӣ, қабл аз кушта шудани Монӣ ва ба вуқуъ пайвастани ҷараёни баҳсу андешаҳои сарварони ду дин ба маврид аст. Салобӣ мегӯяд: «Мӯъбади мӯъбадон рӯ ба Монӣ карда гуфт: «Ту моро ба чӣ даъват мекунӣ? Монӣ гуфт: «Ба тарки дунё ва вайрон сохтани он, парҳез аз омезиш бо занон, то насли одамӣ катъ шавад, дунё мисли қасад нобуд гардад ва мардум аз ҷаҳони некбахтӣ ба ҷаҳони бадбахтӣ наояд». Аз мунозираи байни Саҳолабӣ бо Монӣ маълум мешавад, ки насли одамӣ аз ҷаҳони некбахтӣ ба ҷаҳони бадбахтӣ наояд, зеро ҷаҳони бадбахтӣ ин олами моддӣ, муоширати байни одамон, муҳити носолим, зулму ситам, фиску фоҳиш, фассодӣ, риёкорӣ ва дигар кирдорҳои бадро дар бар гирифта, насли наврас дар ин муҳити носозгор тарбия мeёбанд. Бар асари бадбахтиҳои олами муошироти инсонӣ рӯҳу ҷисми поки беолоиши одамӣ бо қувваҳои бадии аҳриманӣ дучор шуда, нопок мегарданд. Марг одамиро ба зиндагии ҷовидонӣ расонад, то замоне ки ҷон дар пайкар аст, монанди мурғи дар қафас аст. Пас, мӯътабар ба ӯ мурочиат кард: «Оё вайронӣ хуб аст ё ободӣ? Монӣ посух дод: «Вайронии баданҳо ободии ҷон аст». Мӯъбад пурсид: «Бигӯй: кушта худ харобист ё ободӣ?» Монӣ гуфт: «Заҳмати бадан аст». Мӯъбадони мӯъбад гуфтанд: «Пас, шоиста он аст, ки бадани туро хароб кунем, то ҷонат озод гардад».(2-231).

Тавре ки мушоҳида мешавад, Саолобӣ мисли соири муаррихони асри миёна як паҳлуи манфии таълимоти Мониро муболиға намуда, ҷиҳатҳои дигари мусбати онро сарфи назар намудааст.

Монӣ яке аз нобиғаҳои замони худ буда, дар фанни наққошӣ ҳамто надошт, саҳфаҳои кутуботи худро бо тасвирҳои зебо, ки мубоизаи нуру зулмотро таҷассум мекард, ороиш медод. Ӯ одамонро ба некӣ, самимият, одамдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ даъват менамуд. Муаррихон ихтирои хаттеро (графика-А.Х), ки асли он алифбои оромӣ буда, бо сурёнӣ ва паҳлавӣ омехта буд, ба қалами Монӣ мутааллиқ мешуморанд. Ин алифбо дар навоҳии Осиёи Марказӣ аз ҷониби суғдзабонон хуш пазируфта шуд. Аксари бозёфтҳои Турфон бо он сабт гардидаанд. Дар тарбия ва ташаккули сифатҳои маънавии инсон Монӣ нақши муҳим ва таъсирбахш доштани муҳити иҷтимоӣ ва намунаи ибрат будани калонсолонро нишон додааст. Монӣ дар эҷоди шеър ва мусиқӣ низ устоди замони худ буд. Дар инкишофи шеъру мусиқӣ, тарғиби хондан, омӯхтан, аз бар намудани донишҳои гуногуни замона, касбҳои чорводорӣ, деҳқонӣ, оҳангарӣ, сартарошӣ аҳамияти аввалиндараҷа медод. Монӣ таълим медод, ки барои аз ҷиҳати илмӣ дарк намудани моҳияти ҳодисаҳои табиӣ донистани силсилафанҳо, аз қабили ситорашиносӣ, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия зарур аст. Инсони комил бояд панҷ сифати ақлониро дар худ тарбия намояд. Ба мисли: идрок, ақл, муҳокима, тааммул ва иродаи қавӣ.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Монӣ, таълимоти Монӣ, афкори ахлоқӣ, хираду хирадмандӣ, сифатҳои маънавӣ аз дидгоҳи Монӣ.

## АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ. –Душанбе: Ирфон, 2006. - с. 419.
2. Берунӣ А. Осор – ул – боқия. –Лейпциг, 1923. - с. 229.
3. Васильев Л. С. История религии Востока. –Москва, 2004. - с.246.
4. Муъминҷонов Ҳ. Монӣ ва таълимоти ӯ. // Паёми донишгоҳи миллӣ - с. 95.
5. Исмоилпур А. Устураи офариниш дар оини Монӣ. – Теҳрон, 1381 ҳ. - с. 77.

## ВЗГЛЯД НА ЭТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ МОНИ

Статья посвящена изучению жизни, творческой деятельности просветителя и видного периода Саманидов Мони. Его учебная и воспитательная школа являлась светом науки и знания того времени и пробуждала в душах учеников любовь к знаниям и освоению наук своего времени. Мони также был великим мастером в сочинении стихов и музыки.

## SIGHT ON ETHICAL VIEW MONI

Clause is devoted to study of life, creative activity enlightener and outstanding period Samanidov Moni. His educational and educative school was light of a science and knowledge of that time and wakened in souls of the schoolboys love to knowledge and development of sciences of the time. Moni also was the great foreman in the composition of verses and music.

# ЯЗЫКОВАЯ КОМПЕТЕНЦИЯ БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА КАК ФЕНОМЕН СОВРЕМЕННОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ПРАКТИКИ

*Н. Сафарова*
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Современный этап развития общества характеризуется повышенным вниманием к совершенствованию процесса образования, воспитания. Расширение и качественные изменения характера международных связей нашего государства, интернационализация всех сфер общественной жизни делают русский язык реально востребованным в практической и интеллектуальной деятельности человека, в культурном сотрудничестве с зарубежными странами. Становится очевидным, что владение основными языками международного общения является залогом удачной карьеры специалиста, развитием его профессиональной компетентности.

При возрастающей роли русского языка в современном мире как средства международного общения, уровень владения которым определяет получение, отражение и передачу значимой для сферы профессиональной деятельности информации, изучение русского языка следует рассматривать в качестве необходимого условия развития и отдельной личности, и многонационального государства.

Конкурентоспособность человека на современном рынке труда, по мнению специалистов, во многом зависит от его способности приобретать и развивать умения, навыки и компетенции, которые могут использоваться применительно к целому ряду ситуаций.

Ознакомление с монографиями, диссертационными исследованиями, посвященными данной проблеме, а также анализ материалов конференций и обобщение опыта в решении задач, касающихся языковой подготовки высокопрофессиональных кадров, выявили следующее. Во-первых, в последнее десятилетие в силу целого комплекса причин увеличивается разрыв между уровнем языковой подготовки специалистов в высшей школе и требованиями, которые предъявляют к ним. При этом добиться кардинальной перестройки системы языковой подготовки будущих специалистов возможно, по нашему мнению, лишь за счет преодоления противоречия между существующими возможностями образовательной системы вуза и динамично возрастающими требованиями к уровню языковой компетенции выпускников. Ограниченность его применения к обучению русскому языку в высших, в том числе других учебных заведениях отрицательно сказывается на качестве реализации социального заказа на подготовку современного специалиста, способного к самостоятельной постановке и решению задач, в том числе к самообразованию в освоении русского языка. Во-вторых, практическая составляющая подготовленности выпускников вузов, формируемая в ходе изучения дисциплины "Русский язык", развита слабо. Причиной этого является недостаточное использование активных методов обучения, позволяющих студентам в более короткие сроки овладевать необходимыми знаниями и умениями, формировать у них профессионально значимые языковые навыки. Из сказанного, по мнению автора, следует, что существующая традиционная модель обучения будущих специалистов в вузе не в полной мере обеспечивает формирование языковой компетенции обучающихся.

Компетентность - непосредственный результат образования, выражающийся в овладении учащимися определенным набором способов деятельности. Поскольку освоить деятельность (в отличии от действия) через подражание невозможно, учащийся начинает управлять своей деятельностью, используя (интегрируя) различные результаты образования (знания, умения, навыки), формируя собственный «ресурсный пакет», необходимый для формирования компетенции.

Компетенция в образовании - совокупность знаний, навыков, умений, формируемых в процессе обучения той или иной дисциплине, а также способность к выполнению какой-либо деятельности.

Компетентностный подход к обучению требует овладения обучающимися определенным набором способов деятельности в работе с языковыми явлениями. Знания, приобретаемые обучающимися в процессе обучения, должны быть ориентированы на самостоятельное использование их в учебном процессе даже в изменяющихся условиях. Формирование знаний связано с рациональной соотнесенностью процесса овладения необходимыми знаниями и процесса овладения способами их усвоения, что обеспечивает единство изучения грамматической теории и развития познавательных сил студентов, их способности к самостоятельному, творческому использованию знаний в практике языкового анализа и речевом творчестве (формирование языковой компетентности)[1].

Компетентностный подход к обучению русскому языку позволяет выявить уровень владения обучаемого языком, что является показателем развития языковой личности (уровень специальных знаний, владение способами действий с языковым материалом и способность к использованию приобретенных знаний в нестандартных ситуациях).

Стратегия реализации методической системы формирования языковой компетенции студентов состоит в отборе дидактических средств (постановке заданий с учетом трудностей усвоения языковых понятий студентами, сложностей самостоятельного их применения в нестандартных ситуациях; использование заданий на дифференциацию внешне сходных явлений, на классификацию изученного).

Реализация системы формирования языковой компетенции будущих специалистов направлена на формирование умений мобилизовать знания, управлять своей деятельностью, осваивать новые способы действия с учебным материалом и на этой основе приобретать знания. Критериями сформированности языковой компетенции будущих специалистов являются умения опознавать языковую единицу, сопоставлять ее с внешне сходными единицами, овладевать способами действия и на этой основе приобретать новые знания.

Следовательно, если рассматривать «языковую компетенцию» в широком смысле, то она представляет собой систему, в состав которой входят компетенции, а именно некие умения и навыки, которые впоследствии должны быть применены па практике.

Иными словами, «языковая компетенция» проявляется в реализации набора компетенций, в том числе и профессионально-языковых, в практической деятельности.[2]

Уровень сформированности профессионально-языковых компетенций студентов неязыковых вузов определяется эффективностью образовательного процесса. Чтобы спроектировать продуктивный учебный процесс, позволяющий реализовать требования государственного образовательного стандарта к минимально допустимому уровню профессионально-языковых компетенций необходимо усовершенствовать учебную программу курса с учетом применения инновационных технологий и современных методов обучения русскому языку.

Практика преподавания русского языка в вузах Таджикистана свидетельствует о том, что фактический уровень владения русским языком у выпускников не соответствует потребностям современного общества и рынка труда, поскольку в существующих типичных условиях обучения русскому языку используются, как правило, образовательные программы высших технических учреждений, и не учитываются композиционные особенности построения единой программы для специальности. В результате потенциально реализуемые отдельные компетенции студентов на выходе не интегрируются в четко выраженный показатель профессиональной компетентности специалиста.

Одним из возможных вариантов решения данной проблемы представляется применение различных методов обучения, способствующих формированию профессионально-языковых компетенций и разработка структурированной учебной программы для конкретной специальности.

Под методами обучения мы подразумеваем частнодидактические методы, реализующие цели, задачи и содержание обучения языку и определяющие пути их достижения. По мнению А.Н. Щукина, метод обучения дает представление о стратегии обучения языку, на основании которой разрабатывается тактика учебной деятельности, которая на занятиях реализуется в виде модели обучения.[3]

Языковая компетенция будущего специалиста, являясь неотъемлемым компонентом его профессиональной компетентности, ее предметной составляющей, представляет собой совокупность языковых знаний, умений, навыков, приобретенных в вузе, а также способности к овладению способами решения проблемно-познавательных задач и осуществлению деятельности по достижению целей, значимых для будущего учителя в сфере его профессиональной коммуникации.

Формированию языковой компетенции будущего специалиста в вузе способствует применение технологии обучения русскому языку, основанной на использовании центрированного на обучающемся подхода. Сущность ее заключается в последовательном проведении педагогических процедур, операций и приемов, составляющих в совокупности целостную дидактическую систему. Реализация указанной системы в практике работы преподавателя способствует как формированию языковой компетенции, так и всестороннему развитию личности студента. Данная технология предполагает максимальную передачу инициативы учения обучающимся на всех этапах познавательной деятельности, в процессе которой преподаватель выступает как консультант, советчик, обладающий большим опытом и объемом знаний. Кроме того, она содержит элементы коммуникативного и проблемного обучения, включает поисковые методы, благодаря которым студенты самостоятельно ставят задачи и ведут исследование проблем, творчески добывают и применяют знания, осуществляют само- / взаимооценку, само- / взаимоконтроль, формируя внутреннюю мотивацию к повышению достигнутого уровня языковой компетенции.

Языковая подготовка в вузах направлена на достижение следующих целей: а) гуманизацию педагогического образования; б) повышение качества образования и непрерывного мониторинга в системе

управления качеством подготовки специалистов; в) развитие умений и навыков продуктивного взаимодействия с носителями различных культур; г) воспитание студентов в духе мира, терпимости, гуманного межнационального общения; д) приобщение студентов к мировой культуре, раскрытие процесса глобализации, взаимозависимости стран и народов в современных условиях.

Исходя из вышесказанного, можно заключить, что исследованный нами процесс формирования русскоязычной профессиональной коммуникативной компетенции будущих специалистов осуществляется с целью подготовки специалистов, соответствующих высоким профессиональным требованиям, знающих русский язык и способных применить эти знания для осуществления успешного взаимодействия со специалистами других стран в мировом поликультурном пространстве. При этом изучение делового профессионального русского языка в содержании языковой профессионально-ориентированной подготовки студентов в вузах рассматривается как актуальная и действенная основа для дальнейшей иноязычной профессионально ориентированной деятельности выпускников.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** образование, образовательная практика, языковая компетенция , возрастающая роль русского языка.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2000.-312 с.
2. Хомский Н. Язык и мышление. М., 1972. 432 с.
3. Щукин А.Н. Методика обучения иностранным языкам. М.: УРАО, 2002. 234 с.
4. Артемов В.А. Психология обучения иностранным языкам. М.: Изд-во Просвещение, 1969. 143 с.
5. Божович Е. Д. Развитие языковой компетенции школьников: проблемы и подходы // Вопросы психологии. 1997. № 1. С. 45-50.
6. Верещагин Е.М., Костомаров В.Г. Язык и культура. М.: 1990. - 290 с.
7. Вятютнев М.Н. Теория учебника русского языка как иностранного: Методические основы. М.: Русский язык, 1984.- 311с.
8. Громова О.А. Аудиовизуальный метод и практика его применения. М.: Русский язык, 1977. - 197 с.
9. Елизарова Г.В. Культура и обучение иностранным языкам. СПб.: КА-РО, 2005.352 с.
10. Епихина Н.Ю. Обогащение языковой компетенции студента в образовательном процессе вуза. Красноярский гос.пед.ун-т, 2001. 220с.

### САЛОҲИЯТНОКИИ ЗАБОНИИ МУТАХАССИСИ ОЯНДА ҲАМЧУН БЕНАЗИРИИ ТАҶРИБАИ МУОСИРИ ТАЪЛИМӢ

Муаллифи мақола менависад, ки марҳилаи муосири рушди ҷомеа бо ҷалби баланди диққат ба такмили раванди таълим ва тарбия маънидод карда мешавад. Васеъсозӣ ва тағйиротҳои сифатноки робитаҳои байналмилалии давлати мо омӯзиши забони русиро дар фаъолияти амалӣ ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бамаврид ва зарур мешуморад. Ва айни муддао аст, ки донистани забонҳои асосии мушокирати байналмилалӣ гарави пешравии касбии мутахассис ва инкишофи салоҳиятнокии ӯ мегардад.

### LANGUAGE COMPETENCY OF THE FUTURE SPECIALIST AS PHENOMENON MODERN EDUCATIONAL PRACTICAL PERSONS

The author of the article writes that modern stage of the development society is characterized raised by attention to improvement of the process of the formation, education. The Expansion and qualitative change the nature of the international relationships our state, интернационализация all spheres to public life do the Russian language real claimed in practical and intellectual activity of the person, in cultural cooperation with foreign country. Becomes obvious that possession by main languages of the international contact is a guarantee ingenious quarries specialist, development his professional competent.

## СУННАТҲОИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ ДАР ФАРҲАНГИ ОРИЁӢ

***Алишер Алиев***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Давраи Ҳахоманишиён аз қудрати сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, пешрафти иқтисодӣ, саноат, тиҷорат, кишоварзӣ иборат буда, рушди фарҳанги ориёӣ, иртиботи махсусан арзишҳову бунёдҳои асили иронӣ, асри тиллоӣ ва пурифтихори Ирони таърихӣ будааст.

Системаи давлати Сосониён, давраи дурахшони зуҳуроти миллӣ ва пешрафти фарҳангу тамаддуни мардумони иронитабор аст. Намунаи ин диққати махсус ба расму русуми иронӣ, ҷашнҳо, суннатҳои миллӣ ва устувории бунёди миллият бар маънавиёту фарҳанги хоссаи ойини Зардушт мебошад. Дар масъалаи ҷомеашиносии Ирони бостон ва таркиби табақотиву иҷтимоӣ бояд гуфт, ки суннати ҳокимӣ ва бартарии раиси қавм бар дигарон ба вуҷуд омад ва табақоти

асосии ҷомеаи эронӣ иборат буд аз деҳқонони бузург, моликони маҳаллӣ ва баъд кишоварзон ва умури дугона, яъне шеваи ҳукумату таркиби иҷтимоӣ ба сифати омилҳои пояӣ дар чигунагии омӯзишу парвариш асарбахш буда, тарбияту бархӯрдорӣ аз он ба сурати табақотӣ ва хоси фармонравоёну аъёну ашроф буд. Дар иҷтимоии Ирони бостон кӯдакон мазҳари ифтихор ва орзуву умеди падарону модарон буданд ва вуҷуди ононро ба сифати намояндагони ояндаи башарияти нерӯманд ва фарзона менагаристанд ва ҳамагом қабул доштанд, ки растагорӣ ва қавми императорӣ вобаста ба омӯзишу парвариши онҳост. Онҳо дурӯғро шармовартарин фасод мепиндоштанд ва ишқ ба ҳақиқати ростӣ волотарини порсиён ва нишонае пурфуруғ аз Аҳурамаздо ба шумор мерафт (2:89).

Тарбият пояе динӣ аст, яъне ойину таълими Зардушт дар он муҳим буд ва аз Авесто ба унвони омӯзгори ростӣ ёд карда, аз ҷойгоҳи волои таълим ба сифати шоиста ёд кардааст.

Ойини Маздо: ҳақ ва росторо хостор гашта, ки дар баробари дурӯғ бояд пайкор кард (7:167).

Ойини Монӣ: дар навбати худ нигоҳдорандаи асли пайкору тасодуми хайру шар ва кашокаши зулмату нур гардида. Пандномаи Зардушт падару модарро масъули тарбияти динии худ дар ҳама рӯзҳо ва анҷоми фарзҳо дониста аст.

Ориёиҳо се чиз ба фарзандони худ меомӯхтанд: саворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ.

Таълиму тарбияти кӯдакон дорои мушаххасоти дигаре буд, ки:

1. Таваҷҷӯҳ ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ватанпарварӣ, тарбияту парвариш ва омода гардонидани фарзандону навҷавонон ба хотири бузургдошти ватан (мейҳан).

2.Гиромӣ шумурдан ва донишпажӯҳӣ арзиши барҷастаи ҷомеа ва тамаддуни Ирони бостон, ки Фирдавсӣ зиндакунандаи ифтихороти Ирони бостон аст ва қ комёбӣ ба ҷаҳони муқаддас, ҷовидонӣ биҳиштро дар донишандӯзӣ муҳим донистааст.

3.Оғози тарбияти фарзандон дар конуни (макон) хонавода ва оташкадаҳо анҷом мегирифт. Кӯдакон мебоист бедор шудан пеш аз офтобро одат кунанд ва аз 7 то 15-солагӣ ба амали иҷрои вазифаҳои динӣ бипардозанд.

4.Ҷавонон аз 17 солагӣ дар вақти аср ба омӯзиши низомӣ бипардохтанд ва ҳамчунин аҳамият бад-он бар пояи эътиқоди эронӣ дар чирагӣ ба Аҳриман, нохушӣ ва хиросат (муҳофизат) аз тандурустӣ аз роҳи нерӯмандии ҷисму ҷон буд.

5.Болобурдани фарҳанг дар Ирони бостон боиси собиқаи омӯзиши олӣ дар кишвар будааст. Парвариши афсарони озмуда, дабирон, муҳандисон, пизишкон, ситорашиносон, ки дар Донишгоҳи Ҷунди Шопур намунае аз он аст.

Дар Ирони бостон қабл аз вуруди ориёиҳо, ҳудуди чаҳор ҳазор сол пеш қвоми дигаре мезистанд, ки иттилои андаке аз онҳо дар даст аст. Таълиму тарбият дар замонҳо мухталиф дар маҳалҳои гуногун анҷом мешуд. Масалан, дар давраи Ҳахоманишиён дар хонавода, оташкада ва омӯзишгоҳи дарборӣ ва дар замони Сосониён дар ин маконҳои тарбияти донишгоҳу дабистон ҳам афзуда шуд, зеро мехостанд хидматгузорони содиқу лоиқе барои идораи мамлакат тарбият кунанд, то битавонанд аз ин сифатҳо ба нафъи худ истифода кунанд.

Ҳеродот (Геродот) дар ин маврид менависад: «тарбияти кӯдакон байни 5 ва 25-солагӣ аст ва аспсаворӣ, тирандозӣ, ба онҳо меомӯзониданд ва аввалин марҳилаи тарбияти тифли ирониро то 16-солагӣ мерасонанд ва бо ишораи Страбон то 26-солагӣ, бинобар ин изҳороти Афлотун, ашрофи эронӣ дар 14-солагӣ кӯдакро барои тарбияти олитар ба сарпарастон ва мураббиёни хосе месупурданд. Марҳалаи таълиму тарбияти кӯдакон ба се давра тақсим мешавад: марҳалаи аввал тарбияти кӯдакон аз як то 5 ё 7-солагӣ, марҳаллаи дуввум аз 7 то 15-солагӣ ва марҳалаи саввум аз 16 то 20 ё 24-слагӣ. Он замон тарбияти кӯдакон ба ӯҳдаи модар буд ва дар тарбияти кӯдакони ашроф ва дар таълиму тарбияти расмӣ на танҳо занон, балки хоҷаҳои ҳарамсарои шоҳӣ низ дахолат доштанд (10:87).

Дар давраи Ашкониён низ синну тӯли муддати таҳсил тақрибан аз давраи Ҳахоманишиён табаият мекард, ки аз 7-солагӣ шурӯъ ва то 15-солагӣ идома дошт ва омӯзишҳои ихтисосӣ аз 15-солагӣ шурӯъ мешуд, ки навҷавонро барои пазириши риштаҳои тахассусӣ омода ва иршод мекарданд. Ин тақсимбандӣ замоне дар саросари давраи Ҳахоманишӣ ривоҷ дошт, вале дар замони ҳамлаи Искандар ва давраи суалтаи Селевкиён бар Ирон, ки донишу илм рӯ ба заъф ниҳод, табъан низоми омӯзишӣ ва муқаррароти ҳоким низ мухталиф гардид, аммо дар замони Ашкониён, ки ҳайъати илмиву омӯзишии кишвар аз нав авҷ гирифт, тақрибан ҳамин марохили омӯзишӣ дубора барқарор шуд, то асри Сосониён, ки давраи шукуфони улуми донишҳои эронӣ аст.

Ба таври куллӣ оғози таҳсил дар ирони бостон дар фосилаи солҳои 5 то 7-солагӣ будааст. Дар чунин синне, кӯдак марҳали аввали омӯзишу парваришро дар муҳити хонавода пушти сар гузошта ва барои вуруд ба мадраса ва дидани давраҳои омӯзиши умумӣ ва ҳамагонӣ омода

мегардид. Барои замони таҳсил ва тӯли муддати омӯзиш метавон се марҳалаи гуногунро қоил шуд, ки ба нисбати рушди қувваи ҷисмониву дифоӣ ва низ бо таваҷҷӯҳ ба рӯҳиёту хусусиятҳои миллӣ, аҳдофу ниёзҳои иҷтимоӣ тағйирёбанда будааст.

**Омӯзиши хонаводагӣ:** Дар ин марҳилаи муҳимтарин ва асоситарин заминаи тарбияту омӯзиш рехта мешуд. Модар вазифаи вазниеро ӯҳдадор буд. Аз як тараф саъй дар ёд додани одобу русуми миллӣ ба тифил дошт ва аз тарафи дигар мекӯшид, ки аз муошират бо ҳамбозиҳои нобобу ношоиста ӯро манъ намояд. Гоҳе барои ин ки муҳаббати модарӣ монеъ аз тарбияти саҳеҳ нашавад, модарон атфоли хешро пеши якдигар мефиристоданд, ки дар набудани модар сарпарастиву парвариши атфол ба ӯҳдаи хоҳар ё аммаи ӯ буд.

**Омӯзиши умумӣ:** Ин марҳала, ки маъмулан аз сини 7-солагӣ шурӯъ ва то 14-15-солагӣ идома меёфт, марҳалаи вуруди тифл ба мадраса буд ва хондан, навиштан, илмҳои муқаддамотӣ ва аввалияро дар муҳити мактаб, хона ё омӯзишгоҳ фаро мегирифт. Кӯдакон бо суннатҳои аҷдодӣ ва табори хеш ошно мегаштанд, омӯзгорон дар ҳама ҳол роҳнамои ишон буданд ва ононро кӯмак мекарданд, то ба қавонину равобити хонавода ва иҷтимоъ огоҳӣ ёбанд. Шахс барои ифои нақши оянда дар иҷтимоъ омода мешуд ва по ба пои омӯзишҳои назариву илмӣ ба омӯзишҳои нерӯманде ва тарбияти баданӣ низ мепардохт. Дарсҳои ин марҳала бештар умумӣ буд, яъне шогирдон аз барномаи якшаклу яксон бархӯрдор мешуданд ва дар марҳили баъдӣ бо таваҷҷӯҳ ба шинохти истеъдодҳо, онҳоро ба сӯи риштаҳои муносиб интиқол медоданд, яъне аз ба баъд интихоби касб шурӯъ мешуд.

**Омӯзиши касб:** Дар ин марҳила, ки баробар бо замони булуғу рушди ҳаяҷонӣ аст, ба андозаи марҳалаи аввал барои парвариши отифӣ (раҳму шафқат) вақт лозим аст. Кӯдакону навҷавонон дар марҳилаи дувум истеъдодҳоро мешинохтанд ва баъд аз арзёбии дақиқ дар марҳалаи савум навҷавононро барои пазириши риштаҳои тахассусӣ роҳнамоӣ менамуданд, то омӯзишу парвариш дар ин марҳала шакли печидатару ҷиддитар ба худ мегирифт. Марҳалаи аввал ва дувум барои духтарону писарон яксон буд ва агар ихтилофе дида мешуд дар марҳалаи савум зоҳир мегашт.

**Мадраса:** Аввалин ва ибтидоитарин маҳаллаи донишомӯзӣ ба таври умумӣ хона буд ва омӯзишу парвариш бар ӯҳдаи падару модар буд, вале бо мурури по ба пои ташкилоти иҷтимоот ва тамаркузи хонаводаҳо, макони омӯзишӣ ба хонаи мураббӣ интиқол ёфт, ки метавон онро нахустин маҳалли тадриси гурӯҳӣ ё «мактабхона» ба ҳисоб овард. Бо ривоҷи дини Зартушт, оташкада барои омӯзиш мавриди истифода қарор гирифта ва муддатҳо ӯҳдадори ин нақши муҳим буд. Албатта, мадориси вижа барои фанҳои низомӣ монанди мадориси тарбияти баданӣ дар давраи Ҳахоманишӣ буда, ки дар маконҳои саргушуда ва майдонҳои васеъ анҷом мешуд ва соири омӯзишгоҳҳои санъативу фунуни ҳирфаӣ, марокизи мутаносиб бо навъи омӯзиши худ доштанд ва бинобар ин то замони Сосониён вазъи мадорису омӯзишгоҳҳо бо каму беш тағйире ба ҳамин минвол буд.

Дар давраи Сосониён, ки илму дониш таҷдиди ҳаёт ёфт ва ба авҷи худ расид, мадорис ҳам аз назари кайфият ва камият тавсиа ёфт. Ду мадрасаи машҳури иронии ин давра, яке дар минтақаи «Раҳо» ва дигаре «Насибайн» буд, ки ин ду шаҳр шӯҳрати худро дар вуҷуди ин ду мадраса медиданд. Теъдоди донишомӯзони ин мадорис дар ҳудуди 800 нафар зикр шудааст. Ғайр аз ин ду мадраса, мадориси ҳирфаӣ, фаннӣ, мадорису ҳавзаҳои фалсафӣ, мадориси илмию адабӣ вуҷуд доштанд ва заминаро барои пайдоиши «Донишгоҳи Ҷунди Шопур» фароҳам оварданд.

**Муаллимону шогирдон:** Муаллим дар Ирони бостон муҳимтарин нақшро дар созмони ҷомеа аз тариқи омӯзишу парвариши фарзандони иҷтимоъ ба ӯҳда дошт. Барои ҳамин бениҳоят мавриди алоқа, эҳтирому таваҷҷӯҳи хос будааст. Муаллиммон муҳимтарин ва мутмаинтарин воситаи интиқоли тамаддун, фарҳангу дониши гузаштагон ба наслҳои оянда буд ва ҳам инон буданд, ки бо роҳабриии маънавӣ сабаби таҳаввулоти иҷтимоӣ гардида ва ҳофизи суннатҳои фарҳангии мо буданд. Дар рӯзгори Зартушт ва замони шоҳаншоҳӣ, муғон вазифаи сангини муаллимиро ба ӯҳда доштанд ва тамоми омӯзишҳоро бар мабнои усули таолими Зартушт ба мардум меомӯхтанд. Дар Ирони бостон тахассус мавриди таваҷҷӯҳ буда ва ҳар муаллим бо таваҷҷӯҳ ба тахассуси худ таълим медодааст. Донишомӯзону шогирдонро дар Ирони босто аз чанд манзар ба чанд даста тақсим намуд:

1. Донишомӯзони хос:

а) шоҳзодагон, ки улуми сиёсӣ, ҷангӣ ва кишвардориро меомӯхтанд.

б) бузургзодагон улуми ҷангиву сиёсиро таълим мегирифтанд.

2. Донишомӯзони ҳирфаӣ:

а) фарзандони муғон, ҳирбадону мӯбадон, ки барои касби улуми динӣ омода мешуданд.

б) фарзандони пешаварон, аснофва санъатгарон, ки ҳар як фунуу саноеи пур (падарони хеш)-ро меомӯхтанд.

3. Донишомӯзони умумӣ:

а) фарзандони омӯзгорон.

б) фарзандони кормандон.

в) фарзандони бозаргонон, ки умури фарҳангӣ, идорӣ ва иқтисодиро фаро мегирифтанд.

Ин донишомӯзон ба ду даста, писару духтар тақсим мешуданд. Духтарон дар омӯзишгоҳҳои назарӣ, ҳунарӣ ва хонадорӣ таҳсил мекарданд, вале бештар монанди писарон саворкорӣ, чавгон ва истифода аз аслиҳаро меомӯхтанд.

*Муҳимтарин авомили тарбият*

1- марзу бум: Сарзамини Ирон ҷуз дар канори дарёи Хазар хушк аст, лизо миқдори барфу борон барои киштукор дар он замон кофӣ набуд. Ниёкони мо дар ҷустуҷӯи об, кандани қанот (каналҳоиеризаминии обёрӣ), ҳосилхезӣ карданӣ замин, мубориза бо қаҳтиву ҳашарот ногузир ба талошу кӯшиши бисёр буданд, то василаҳои маишатро фароҳам кунанд. Ба ҳамин хотир мардуми нерӯманд, заҳматкаш, қонеъ, созгору сарфаҷӯ бо омадаанд.

2 – вазъи ҷуғрофиёӣ: Дар навоҳии ҷануби Осиёи Марказӣ (Туркистон, Чин, Руссия, Қазоқситон ва…) илот (қабилаҳо) ва ашоир (қавмҳо), ки бар асари тавлиди насли зиёду маишати кам, барои ба даст овардани қуту ғизо ба тарафи ҷануб сарозер шуда ва ба кишвари мо ҳуҷум меоваранд, ирониён дар тӯли таърих маҷбур ба муқобалаву истодагӣ дар баробари онон буданд. Ҳамин тавр чун дар машриқи Ирон, Ҳиндустону Чин воқеъ буд ва дар мағриб Осиёи Сағир, ки ба Медитарона (баҳри Миёназамин) Аврупо ва Африқо пайваст буд ва онҳоро бояд барои иртибот байни Шарқу Ғарб ба ночор аз Ирон мегузаштанд, ба ҳамин далел ин сарзамин маҳалли табодули коло, маснуот, осори ҳунарӣ, донишу фарҳанг буд ва ниёкони мо дар тайи замон аз илм, адаб, тамаддун ва ҳунари шарқу ғарб истифода карданд ва онҳоро низ аз тамаддун, ҳунару фарҳанги хеш баҳраманд сохтанд (8:198).

3. Дин: Ориёиҳо муттаҳид ба ду даста аз рафтор, некӯкорӣ ва зишткорӣ буданд, ки пайваста дар мубориза анд. Борон, рӯшноӣ, оташу осмон аз дастаи аввал буданд, ки онҳоро ситоиш мекарданд ва хушксолӣ, торикӣ, қаҳативу беморӣ аз дастаи дувум буданд, ки мардум фикр мекарданд ба восилаи зикрҳои гуногун метавонанд бар онҳо мусаллат (ҳоким, ғолиб) шаванд ва ҳамин боиси пайдоиши сеҳр, ҷоду,_хурофот шуд то Зартушт бар зидди ин ақидаҳо қиём кард ва мардумро ба тавҳид даъват намуд. Ӯ тамоми некиҳо ва зебоиҳоро Аҳурамаздо ва тамоми зиштиҳо ва палидиҳоро аз Аҳриман медонист ва мегуфт барои чира шудани некӣ бар бадӣ мардум бояд бо Аҳриман ва лашкари ӯ мубориза кунанд ва Худопарастон бояд кишоварзӣ, домпарварӣ, покизагӣ ростӣ ва дурустиро пешаи худ созанд.

4.Давлат: Чаҳорумин омили муассир дар тарбият давлат буд. Вақте ки шоҳаншоҳӣ дар Ирон таъсис шуд ва иқтидорот дар як ҷо тамаркуз ёфт, ин кишвари паҳновар ба мардоне эҳтиёҷ пайдо кард, ки мавриди эътимод буда ва ба вазоифу таклифи худ ба хубӣ огоҳ бошанд ва ба он амал кунанд. Давлат ба ҳукми зарурат аз кӯдакони шоҳзодагон, бузургон ва наҷибҳои барҷастаи кишвар иддаеро барои фармонравоӣ ва идораи умури давлатӣ тарбият мекарданд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: фарҳанги ориёӣ, суннатҳои омӯзишу парвариш, зуҳуроти миллӣ, созмони тарбиятӣ, омӯзиши касб.

## АДАБИЁТ


1. Авасто: кӯҳантарин ганҷинаи мактуби Ироники бостон/Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошими Розӣ.Теҳрон: беҳҷат, с.1379.-656.
2. Авасто: кӯҳантарин сурудаҳои ирониён/Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Додхоҳ.Теҳрон: интишороти марворид, 371. 2 ҷ.
3. Алиев А. тарбияти меҳнатӣ дар суннатҳои фарҳанги зардуштиён// Маънавиёт ва мушкилоти омӯзишу парвариш: маҷмӯаи мақолоти илмӣ / Зери назари Х.Асозода; мураттиб С.Сулаймонӣ; Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон; ДДОТ ба номи С.Айнӣ,Душанбе: Ирфон,2008.-с.168-178.
4. Атахонов Т., Сулаймонӣ С. Тамаддун. Китоби 1. Тамаддуни бостон; Муҳаррири масъул Исоматов М.- Душанбе: Ирфон, 2003.- 324с.
5. Вандидод.-Теҳрон, 1376.- Фрагарди 48.
6. Бартольд В. Дар бораи фарҳанги ориёиҳои Осиёи Марказӣ// Фаслномаи эроншинохт.-1375.-№1.с.41-50.
7. .Бойс, Мэри. Зардуштиён: бовариҳо ва одоби динии онҳо/ Тарҷумаи Аскари Баҳромӣ.-Теҳрон.-1384.-286 с.
8. Ғафуров Б. Таркиби нажодии аҳолии Осиёи Марказӣ дар аҳди биринҷӣ// Ғафуров Б. Тоҷикон.-Душанбе: Ирфон,1998.-Ҷ.1.-с.38-59.
9. Минуи хирад.-Теҳрон,1379.
10. Пажӯҳиш дар тамаддуни ориёӣ / Таҳияи С.Сулаймонӣ.-Душанбе: Ирфон,2006.-255 с.
11. .Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих: аз Ориён то Сомониён.-Лондон,1999.-Китоби 1.-240 с.
12. Сулаймонӣ С. Зардушт ва зардуштиён//Паёми Душанбе,2006.-18.08.-№60.-с.3.низ ниг.№58,59,61.

## ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ТРАДИЦИИ АРИЙЦЕВ

Арийцы создали свою мораль, основные принципы которой соответствовали общечеловеческим ценностям. Это патриотизм, смелость, мужество, героизм, чувство собственного достоинства, уважение к старшим, трудолюбие, ответственность в создании семьи и воспитании детей, гуманность, доброта и т.д. В каждой исторической эпохе они совершенствовались и стали символом народной педагогики. Особенно это проявляется в зороастрийской концепции воспитания.

## ARYANS' EDUCATIONAL TRADITIONS

Aryans has established the morals, which main principles are according to the general human values. They are: patriotism, brave, courage, heroism, self-respect, respect to elderly people, diligence, responsibility in creation of a family and growing up the cchildren, humanity, kindness, etc. During each historical epoch they were improved their ideas and became a symbol of national pedagogic. Especially it is shown in Zoroasterism concepts.

# СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ СНИЖЕНИЯ БЕДНОСТИ

***З.Т. Бабакалонова***
**Академия образования Таджикистана**

Вопросы бедности и развития образования для Республики Таджикистан являются актуальными, ибо формирование личности, развитие человеческих ресурсов и повышение качества жизни во многом определяется уровнем образования. Вклад в сферу образования способствует экономическому, социальному и политическому развитию, обеспечению государства трудовыми ресурсами, развитию государства духовно богатым и обеспечивающим культурный рост страны.

Основной целью образования является удовлетворение потребности государства и общества и в первую очередь личности во всестороннем развитии, реализация способностей повышения качества жизни и работы, обеспечение социально-экономического развития общества.

Общеизвестно, что образование является важным фактором интеллектуального богатства общества, одним из средств стабильного социально-экономического и культурного развития общества. Оно занимает особое место в развитии науки и техники, технологии и здорового образа жизни. Именно поэтому оно является фундаментом государства, способом возрождения материальной и духовной культуры общества, и передачи её подрастающему поколению.

Знание является основой профессиональной культуры. Без соответствующей системы знаний, умений и навыков невозможно подготовить гармонично развитого специалиста, мастера своего дела, то есть работника, хорошо знающего свою специальность. А без специалистов, отвечающих требованиям мировых стандартов, нельзя достичь высоких темпов социально-экономического и интеллектуального роста общества. Грамотность не только помогает массам в процессе экономической экспансии, но и влияет на человеческие производственные способности и таким образом способствует экономическому росту.

Однако, как показывают исследования, проведенные в нашей республике, на качество образования и воспитания подрастающего поколения оказывает негативное воздействие уровень бедности семей. Поскольку люди с низким уровнем образования составляют большую часть бедных и соответственно потребляют непропорционально высокую долю государственных услуг и государственных расходов.

Особенно тревожным является это положение в сельской местности, где проживает более 70% населения республики. По данным ученых «почти 80% всех бедных домашних хозяйств также расположены в сельской местности» (3). По некоторым данным в республике насчитывается «241 тысяча малообеспеченных семей» (5;65).

В этой связи исследование проблемы бедности и её снижения средствами педагогической деятельности на территории республики за период её независимости является весьма важной и значимой, ибо проблема бедности в настоящее время затронула большую часть населения.

Учитывая сложившееся положение с бедностью, Правительство Республики Таджикистан одним из приоритетных направлений социальной политики Республики Таджикистан считает целевую поддержку нуждающихся слоёв населения путём оказания адресной помощи и социальных услуг. «Поэтому, - как подчеркивается в Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджилиси Оли Республики Таджикистан (15 апреля 2009 года),- процессу радикального реформирования этой системы нужно придать новый импульс» (5; 65).

Вопросы снижения уровня бедности как приоритетной определены также и в Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Парламенту страны в 2010 году (24 апреля). В послании отмечается, что «в соответствии с результатами совместного исследования по уровню жизни

населения Республики Таджикистан, которые проводились Правительством и независимыми организациями в 2007 году, уровень бедности в нашей стране снизился с 73% 2003 года до 53% в 2007 году. Этот процесс продолжался в 2008, 2009 годах и снизился до 50%. В результате более чем 1 млн. людей были выведены из зоны бедности (3). Далее говорится, что в рамках стратегии сокращения бедности на 2010-2012 годы «предусмотрена плодотворная реализация необходимых мероприятий по обеспечению устойчивого социального и экономического развития страны. Это даёт возможность снизить бедность до конца 2012 года до 40%» (6).

Таким образом, в последние годы в республике в результате реализации принятых стратегий и программ, проектов и грантов уровень бедности снижается. В этом отношении достигнуты определенные успехи. Однако еще полностью сократить бедность в стране не удалось.

Как показывают исследования ученых, причина бедности в Таджикистане связана, прежде всего, с глубоким финансово-экономическим кризисом начала 90-х годов XX века, распадом единого государства, гражданской войной, и с тем, что процесс становления и развития рыночных отношений за последнее десятилетие сопровождался появлением ряда негативных тенденций, препятствующих дальнейшему позитивному экономическому развитию страны. К числу факторов, усугубляющих экономические трудности переходного периода в условиях независимости республики относится значительное снижение благосостояния населения, растущая имущественная дифференциация общества и, как следствие, масштабное распространение бедности. Хотя и в советское время Таджикистан был одной из самых бедных республик.

Сокращение доходов и снижение уровня жизни части населения в значительной мере отрицательно повлияло на доступ к образованию и повышению его уровня и качества.

Хотя Таджикистан, как и другие постсоветские республики, имел хорошо развитую систему образования, подготовки и переподготовки кадров.

В условиях приобретения суверенитета, несмотря на проявляемую заботу государства и Правительства Республики Таджикистан вопросы образования, уровня и качества обучения и подготовки высококвалифицированных кадров в стране пока не удовлетворяет возросшие потребности общества и рынок труда, не в полной мере обеспечивает вхождение республики в мировое образовательное пространство. Как отмечается в Послании Президента Парламенту страны, «несмотря на принятые в этом направлении меры, этот вопрос остается в сфере образования в качестве одной из нерешенных проблем» (3).

Нехватка финансовых средств, учебно-методической литературы привела к ухудшению уровня и качества образования. Снизился доступ к нему. Увеличилось число учеников, особенно из малообеспеченных семей, не посещающих школу. Вызывает озабоченность проблема отдаления от школы некоторых мальчиков и девочек после получения ими основного образования. В старших классах средней школы девочки реже посещают школу, чем мальчики. Слабо функционирует система дополнительного образования детей в стране. Им охвачено всего только четыре процента детей. Требует улучшения работа по вовлечению детей в дошкольные учреждения. Ощущается недостача квалифицированных учителей по причине оттока кадров из системы образования в различные отрасли экономики вследствие низкой заработной платы. Расширяется применение детского труда. По данным МИКИ ЮНИСЕФ в 2005 году 200 тысяч детей были вовлечены в те или иные формы детского труда. Многие из этих детей не посещают школу.

Принимая во внимание такое положение, Правительство республики значительно увеличило финансирование сферы образования.

Только за период с 2000 по 2009 годы, т.е за девять лет финансирование сферы образования увеличилось в 26 раз. Если в 2000 году на сферу образования было выделено 42 миллиона сомони, то в 2009 году эта цифра составила 1 миллиард 70 сомони. Строительство образовательных учреждений увеличилось на 17% (6).

Огромное значение было придано дошкольной системе воспитания, так как «в учреждениях дошкольного воспитания закладываются первые кирпичи здания личности и мировоззрения человека (6)». Вместе с тем, в Таджикистане низок процент посещаемости дошкольных учреждений. И в советское время в Таджикистане детские сады и ясли посещало гораздо меньшее количество детей, чем в других республиках. В 1989 году 16% детей посещали детские сады, по сравнению с 31% в Киргизии, 37% в Узбекистане и 53% в Казахстане. Однако, вследствие гражданской войны в республике ситуация резко ухудшилась, в связи с закрытием ведомственных детских садов и разрушением инфраструктуры. В 2004 году лишь 7% детей посещали дошкольные детские учреждения, что сказывается на их подготовленности к школе (1).

Учитывая такое положение, Правительство республики и лично Глава государства поддержали курс на организацию частных детских дошкольных учреждений. Выдвинутая задача требует всяческой

Ибо как писал академик Шомуродов Х.Р в статье «Мой первый учитель»: «В будущем образование не должно отделяться от духовного воспитания. Судьба будущей моей страны лежит в руках учителя – преподавателя школы и гимназии, а также профессора, который есть учитель учителей. Он (учитель) должен знать и понимать, что дело не только в развитии наблюдения, рассудка и памяти, а в пробуждении и укреплении духовности в детях. Поэтому он должен сам твёрдо и ясно постигнуть, что есть духовное начало в человеке, как надлежит будить в детях, укреплять и развивать, как можно пробудить в ребёнке религиозное чувство, совесть, достоинство, честь, художественный вкус, братскую сверхклассовую солидарность, взаимопонимание, чувство ответственности, патриотизм и уважение к своей и чужой собственности» [5].

Эта мысль актуальна и для дня сегодняшнего, поскольку автор приведенной цитаты не сводит духовность только к религиозному наполнению, давая широкое толкование духовности и, что особенно важно, подчеркивает значимость профессиональной и нравственной подготовки самих педагогов, будущих учителей для системы образования Республики Таджикистан XXI века.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: социализация, социальное зеркало, народная педагогика, воспитание личности.

**Л И Т Е Р А Т У Р А**

1. Волков Г.Н. Народная педагогика. Чебоксары., 1974.- 475с.
2. Волков Г.Н. Педагогика жизни. М.,1997.- 330с.
3. Волков Г.Н. Чувашская народная педагогика. М, 1998.- 455с.
4. Раджабов А. Фольклор как коллективное творчество народа. Душанбе., 1972. -125с.
5. Шомуродов Х.Р. Первый мой учитель/ Наука и школа // Опыты таджикской педагогики. – М., 2008. –с. 196.

## МАСОИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ МАКТАББАЧАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола дар бораи ташаккули шахсият сухан меравад. Дар педагогикаи халқи тоҷик нақши асосиро дар тарбияи шахсият танзими рафтори инсон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ӯ – дар меҳнат, маишат, дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мебозад, лекин ҳамчун танзимкунандагони тарбия меъёрҳои маънавӣ, урфу одат ва анъанаҳо хизмат менамоянд.

## PROBLEMS SOCIAL - PEDAGOGICAL EDUCATION YOUTH SCHOOLBOY IN GENERAL SCHOOL OF TAJIKISTAN

In article has written about formation of the personalities. In pedagogic of Tajik folk main role in upbringing the personalities plays - labor, rest, in family and in public places, but in adjusting education , custom and traditions play the of no small importance role. The mechanisms psychological upbringing the youth school age travesty, creation atmosphere cultural development and persisting practical cultural life.

# СИТОИШИ НЕКИВУ НЕКӮКОРӢ ДАР АШЪОРИ РӮДАКӢ

*Қ.С. Абдураҳимов, З. Сиддиқова*
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Аз осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин қофиласолори ададбиёти классики тоҷику форс. Одамишуаро, султони шоирон то замони мо намунаҳои ночизи беназиру беҳамтои ӯ мерос монда бошад, ҳам, аммо дар он масъалаи некиву некӯкорӣ, тасвиру тавсиф ва ситоиши бузургдошти он дар ҳаёти инсон мақоми махсусе дорад.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки масъалаи мазкур ҳанӯз дар ёдгориҳои бостонии ададбиёти паҳлавӣ ҷой доштанд. Дар китоби муқаддаси ниёгонамон «Авасто», масъалаи инсон, мақом, нерӯмандӣ ва тавоноии ӯ, ситоиши некиву некӯкорӣ, сиришти пок ва мубориза бар зидди қувваҳои зулму золимии аҳриманӣ хеле возеҳ ва равшан иншо гардидааст.

Адабиёти тоҷику форс, ки баъди забти арабҳо аз нав эҳё гаш, аз анъанаҳои инсондӯстиву некпаравстиитамаддуни гузашта сарчашма гирифта, арзишҳои суннатии ниёгонро пайваста такмил мебахшид, дар ин ҷода ашъори нодиру беҳамтои устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чароғе буд, ки дар ин ҷаҳони зулмоту бераҳм ва бешафқат илму фарҳанг ва ададбиёти мардуми тоҷику форсро ба сӯи боғу гулистони маънавӣ, води хуршеду гармӣ, парастории некӣ ва инсонгароию башардӯстӣ роҳнамун буд.

Бояд зикр намуд, ки аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз карда, то кунун олимон, адибон ва умуман мутафаккирони бузурги тоҷику форс дар асарҳои хеш оиди масъалаҳои тарбияи шахси баркамол ва инкишофк ташаккули хислатҳои волои ахлоқи неки инсонӣ ба монанди инсопараварӣ, меҳнатдӯстӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстӣ, ростию росткорӣ, зебопарастӣ, дӯстию бародарӣ ва ғайра изҳори ақида кардаанд, ки истифодаи дӯруст ва пурсамари онҳо дар ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавӣ ва поку зебо намудани қалбу сиришти ҳар як шахс нақши бузургеро бозидаанд.

Дар ин мавзӯъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми апрели соли 2007 чунин изҳори ақида кардааст: «Дар тӯли асрҳои зиёд аҷдоди хирадманди мо дар қаламрави зисти худ ва ҳатто берун аз он, дар саргаҳи инқилобҳои бузурги зеҳниву ақлӣ қарор доштаанд ва эҷодгарони фарҳанги пешрафта, бунёдгузорони давлатҳои соҳибқудрат ва муназзам, муаллифони осори ҷовидонаи илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, тиб ва табиатшиносӣ буданд, ки ин осор садсолаҳои дароз хизмати инсониятро ба ҷо оварда ва имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст».[1]

Рӯдакӣ ҳамчун фарзанди халқе, ки шиори табии ӯ «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» буд, тавонист ин шиорро ҳамчун шоҳсутуни осори хеш қабул карда,ҷодиёти худро бунёд созад. Агар ӯ фарзанди ин халқ намебуд, бешшак, чунин осори дорои пойдевори некию некӯкориро эҷод карда наметавонист. Чунки агар хислати некию накӯкорӣ дар замир, сиришт ва умуман дар табиати худи инсон вуҷуд надошта бошад, ӯ ин сифат ва хислатро ба дигарон пешкаш карда наметавонад. Аз ӯҳдаи чунин кор танҳо ҳамон шахсе баромада метавонад, ки худ дорои (соҳиби) чунин сифату хислат бошад.

Ҳамин нуктаро бояд зикр намоем, ки осори беҳамтою беназири Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Сар то пой саршори ақидаҳои таълиму тарбиявӣ буда, дар қалб ва ниҳоди ҳар як инсон ҳисси некиву некӯкорӣ, инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ, дӯстиву рафоқат ва одаму одамгариро эҳё намуда, ба ахлоқ, маънавиёт ва ҷаҳонбинии ӯ вусъат мебахшад.

Таҳқиқ ва омӯзиши осори Рӯдакӣ моро ба чунин хулоса водор месозад, ки ӯ мақсад, маром ва маънии аслии зиндагии инсонро дар некиву некӯкорӣ мебинад. Аз ин рӯ, устоди бузург пойдевори ашъори безаволи хешро аз хиштҳои некиву накӯкорӣ сохтааст. Рӯдакӣ ба хубӣ дарк мекард, ки ӯ бо ин на танҳо анъана ва суннатҳои тамаддуни гузаштагони худро Рушд ва ҳамвора такмил мебахшад, балки барои пасояндагони хеш боргоҳи маънавию фарҳангиеро бунёд месозад, ки аз дурдонаҳои некию накӯкорӣ иборат мебошад.

Устод Рӯдакӣ дар ашъори худ моро на танҳо ба он даъват мекунад, ки ҳар як фард дар давоми ҳаёти худ нексиришту некандеш бошад, балки ӯ таъкид менамояд, ки мо дар рафтор ва муносибати худ дар зиндагӣ ба ҳар як ҳодисаҳои табиию ҷамъиятӣ аз мавқеи некӣ ва накӯкорӣ назар карда, амал намоем.

Чи тавре аз ашъори Рӯдакӣ бармеояд, масъалаи некиву накӯкорие, ки ӯ ситоиш менамояд, аз табиат, сиришт ва суннатҳои халқи тоҷик ва ахлоқи волои шахсии шоир сарчашма мегирад.

Ба ақидаи устод Рӯдакӣ, ҳар як инсон дар давоми зиндагӣ бояд аз худ танҳо ва танҳо ба ояндагон некиву накӯкорӣ мерос монад. Ва танҳо бо ҳамин роҳ инсон метавонад аз худ номи нек

боқӣ гузорад, ӯро ҳамеша бо некӣ ёд оваранд ва ҳамеша дар бораи ӯ суханони нек гӯянд. Султони шоирон ин матлаби хешро чунин баён кардааст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,[2]
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ!

Бояд зикр намоем, ки мутафаккири бузург бо ин мисраъҳо гуфтанӣ нест, ки мо танҳо рӯ ба некӣ биоварем ва танҳо ба воситаи некӣ метавонем умри хешро ба хушию саодатмандӣ ба сар барем. Балки мақсаду мароми ниҳонии шоир аз он иборат мебошад, ки ҳар як инсон ба он бакӯшад, ки ин арзишоти муқаддаси одамӣ-некӣро ба дигарон-ояндагони хеш ҳамчун мероси нодиртарин ва арзишмандтарин василаи зиндагӣ боқӣ гузорад. Дар ин ҷо ҳадафи шоир танҳо ҳидояти дигарон ба некиву накӯкорӣ нест, ҳадаф ин аст, ки некиву накӯкорӣ барои инсон ҷовидона бимонад.

Мусаллам аст, ки қарнҳои зиёд паси сар шуда бошанд ҳам, дар замони мо низ инсоният аз зулму торикӣ аз бераҳмиву бешафқатӣ ва дигар сифатҳои аҳриманӣ то кунун озод нагаштааст. Бар акси ҳол, инсонро рӯз то рӯз, беш аз пеш дарёи хислатҳои аҳриманӣ ба зери фармони худ гирифта, ба коми худ кашида истодааст.

Устод Рӯдакӣ моро аз он огоҳ месозад, ки мо ба ҳукму фармони нафси аҳриманӣ надароем. Ӯ ба масъалаи мазкур танҳо аз диди як мардум ё халқи алоҳида не, балки аз мавқеи башарӣ назар афкандааст. Чунки мубориза байни қувваҳои некию бадӣ ин муборизаи абадӣ буда, дар ҳолати ҳукмрон гаштани яке аз ин қувваҳо таъсираш ба тамоми башарият мерасад.

Чунончи оиди ин нукта дар пайравӣ ба устод Рӯдакӣ Саъдии бузург фармудааст:

Банӣ одам аъзои якдигаранд, [3]
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард овардар рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Бе асос нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар баромадҳо ва суханрониҳои хеш дар хусуси масъалаи некиву накӯкорӣ изҳори ақида карда, мардуми сарватманду дорои ҷумҳуриро ба он даъват менамояд, ки ба шахсони ятиму бенаво, бечорагону камбизоатон ва дармондагону собиқадорон дасти тараҳҳум дароз намоянд. Ин мурочиатҳо ва даъватҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замони имрӯзаи мо низ масъалаи муборизаи байни некиву бадӣ давом дорад. Имрӯз ҳам инон ба некиву накӯкорӣ эҳтиёҷ дошта, дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъала ҷидду ҷаҳди зиёде карда истодааст.

Таҳлили осори устод Рӯдакӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ некиро, на танҳо сифати ахлоқи ҳамида медонад, балки онро яке аз рукнҳои асосии ҳаёти инсонӣ меҳисобад. Ба қавли ӯ, некӣ барои инсон дар зиндагӣ ба монанди нури офтоб барои гулу сабзаҳои дашту чаман зарур аст. Чунки бе некиву накӯкорӣ инсон вуҷуд дошта наметавонад, ӯ дар коми қувваҳои бадӣ фурӯ рафта, оқибат несту нобуд мешавад.

Одамшшуаро некиро ба ҳастии инсон вобаста дониста, осудагӣ, саодатмандӣ, озодӣ ва хушбахтии ҳар як шахсро дар зиндагӣ аз шарофати амали некиву накӯкории ӯ мебинад. Дар ин хусус Рӯдакӣ фармудааст:

Чаҳор чиз маро озодаро зи ғам бихарад, [4]
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.

Чи тавре маълум мегардад, мутафаккири бузург асоси тандурустӣ, ахлоқи ҳамида, баъди худ номи нек мондан ва хирадмандии инсонро дар некиву накӯкорӣ мебинад. Ба ақидаи ӯ сарчашмаи ҳамаи хушиҳои зиндагие, ки инсон ба даст меоварад, ин некиву накӯкорӣ мебошад.

Агар ашъори Рӯдакӣ, чи тавре дар боло ишора рафт, аз ҷавҳари асосии фалсафаи зиндагии гузаштагонаш «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» сарчашма гирифта бошад, пас ӯ дар давоми ҳаёти худ тавонист, ки шиори ҳамписанди мардуми эронинажодро аз нестшавӣ, яъне аз чанголи як қабил пайравони арабпараст эмин дошта, барои ояндагони худ ҳамчун чароғи роҳнамои ҳаёти инсон мерос гузорад.

Агар ин ғояи (масъалаи) асосии фалсафаи зиндагии мардуми тоҷику форсро бори аввал устод Рӯдакӣ аз несту нобуд шудан эмин нигоҳ дошта бошад, пас ба Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҳамадонӣ, Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон муяссар нашт, ки ҳазор соли дигар ин ҷавҳари хешро аз нестшавӣ нигоҳ доранд.

Бояд тазаккур дод, ки мутафаккирони форсу тоҷик, ки баъди аз устод Рӯдакӣ ба саҳнаи илмӯ фарҳанг омадаанд, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ,

Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон низ дар осори худ ба масъалаи некиву накӯкорӣ диққати аввалиндараҷа дода, дар тарғибу ташвиқи ин ғояи асосии ниёгони хеш хизмати бузургеро ба ҷой овардаанд.

Ибни Сино дар ин мавзӯъ чунин овардааст:

«Гуфтам: - Некӯӣ беҳтар, ё аз бадӣ дур будан? [5]

Гуфт: - Аз бадӣ дур будан сари ҳамаи некӯиҳост.

Ё ин ки:

Гуфтанд: - Кадом пироҳан аст, ки ҳаргиз кӯҳна нагардад?

Гуфт: - Номи нек».

Оиди мавзӯи мазкур мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Минҳоҷулорифин»-и худ чунин изҳор намудааст:

«...Он ки ба ту бадӣ кунад, ба ӯ некӣ кун, то қадри ту афзояд», «Озори касс маҳоҳ, то озурда нашавӣ», «Қатраро хор манигар, агар дарёӣ»[6]

Ин анъанаи ниёгонамонро имрӯз низ халқи тоҷик ҳамчун гавҳари нодир нигоҳ дошта истодааст, хусусан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар ин ҷода корҳои зиёд ва шоистаеро анҷом дода, асоси сиёсати давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рӯҳияи ваҳдату ягонагӣ, сулҳу осоиштагӣ, бунёдкориву созандагӣ муносибати дӯстона бо тамоми мамлакатҳои рӯи олам ва амсоли ин ба роҳ мондааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳо ва суханрониҳоли худ аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ оиди пойдории сулҳу салоҳ ва муносибатҳои неку хайрхоҳона байни давлатҳо, дасти ёрӣ дароз намудан ба халқҳои аз офатҳои табиӣ ва ҷангҳо ҷабрдида, паст кардани сатҳи камбизоатии мардумони давлатҳои қафомонда ва ғайра даъват ба амал меоварад, ки ин бори дигар аз некандешу некгуфтор ва некрафтории миллати тоҷик дарак медиҳад.

Устод Рӯдакӣ ба он кӯшидааст, ки ба василаи шеър дар ниҳоди ҳар як шахс ҳисси некӣ расонидан ба мардумро парвариш намудан, онро дар рӯҳияи инсонпараварию башардустӣ тарбия намояд. Ӯ ба хубӣ дарк мекард, ки тавассути шеър сараввал ба майлу хоҳиш, сипас ба шуури ҳар як фард таъсир расонида, ӯро дар рӯҳияи инсонпарварӣ ва некиву накӯкорӣ тарбия кардан мумкин аст.

Яке аз сабабҳои асосии ба масъалаи некиву накӯкорӣ гаравидани устод Рӯдакӣ аз он иборат буд, ки ӯ ҳамеша дар тало шва ҷустуҷӯи роҳи наҷоти инсон аз бадиву бадандешӣ, тазоду душманӣ ва таассубу бартариҷӯӣ буд. Ба андешаи Рӯдакӣ ягона қуввае, ки метавонад пеши роҳи бадиро гираду инсонро аз занҷири ӯ озод намояд, ин некӣ мебошад.

Ба ақидаи устод Рӯдакӣ, ахлоқи ҳамида мақому манзалати инсонро дар байни офаридаҳои Худованд аз ҳама баланд гардонида, маҳз ҳамин чиз калиди қулфкушои равобит ва муносибатҳоинеки иҷтимоӣ мебошад.

Бояд ҳамин нуктаро таъкид намоем, ки устод Рӯдакӣ беш аз ҳазор сол қалб аз ин тавонистаат бо афкори волои инсондустонаю башардустонаи хеш дар ваҳдату равобити дӯстии халқҳои гуногун ва баҳамоии фарҳангу маданияти мухталиф хизмати беназирро анҷом диҳад. Бинобар ин, факори устод Рӯдакӣ оиди ахлоқи нек дар замони имрӯзаи мо, ки рӯз то рӯз ва беш аз пеш низоъҳо ва таҳдиду хатарҳо байни халқҳои гуногуни олам вусъат пайдо карда, инсониятро ба ташвиши ҷиддӣ гузоштаанд, аҳамияти бештар дорад. Чунки инсон аз рӯзи азал дар тало шва ҷустуҷӯи зиндагии орому осуда ва ояндаи неки насли хеш мебошад.

Аз диди устод Рӯдакӣ, камолоти маънавии инсон ҳадафи воқеӣ ва аслии ӯст, ки дар раванди тай кардани ин роҳ инсон бояд худро аз хислатҳои номатлуб, шарри одамӣ ва зиддиятҳои гуногуни зингдагӣ озод сохта бахри ба даст овардани ҳадафи худ пайгирона пеш равад. Дар назариёти Рӯдакӣ инсон ва камолоти вай мақом ва мавқее дорад, ки афзалтар ва волотар аз арзишҳои дигари раванди таълиму тарбияи насли ҷавон аст. Тибқи таълимоти Одамшшуаро инсони комил олитарин зинаи камолот дар раванди таълиму тарбияи шахс ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи шоири бузург, инсон ҳамон вақт метавонад ба дараҷаи камолот рассад, ки дар атрофии ӯ муҳите офарида шудааст, ки аоси ӯро ғояи некиву накӯкорӣ ташкил менамояд.

Устод Рӯдакӣ ҷонибдори чунин ақида буд, ки ғояи некиву накӯкорӣ ба ҳар як инсон, новобаста аз дину мазҳаб, миллату нажод ва мавқеи иҷтимоияш, ба ӯ таъсири мусбат расонида ба зиннаи (драҷаи) камолот мерасонад.

Омӯзиш ва таҳлили осори устод Рӯдакӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар таълимоти ӯ некӣ ҳамчун мафҳуми асосии ахлоқ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Вобаста ба ин, шоир аз оғоз то ба анҷоми ашъори хеш некиву накӯкориро ситоиш мекунад.

Устод Рӯдакӣ дар осори худ, на танҳо мақому манзалати инсонро тавсиф кардааст, балки ӯ инсони накӯкор ва инсондӯсту башардӯстро ситоишу парастиш карда, дираонро низ ба ин даъват намудааст. Чунки мутафаккири бузург ба қудрату тавоноии инсон, нерӯи бузург, Аслан (табиатан) эҷодкор, бунёдгар ва созандагии он итминони комил дошт. Устод Рӯдакӣ мақом, бузургӣ ва эҳтироми инсонро арҷгузорӣ карда, дар ҷустуҷӯи дарки маънои (моҳияти) ҷаҳони маънавии ӯ буда, роҳу усул ва василаҳои расидани инсони накӯкорро баррасӣ менамояд. Аз назариёти Рӯдакӣ чунин бармеояд, ки ӯ, пеш аз ҳама, инсонро ба фаъолияти амалӣ ҳидоят менамояд. Рӯдакӣ дар маркази андешаҳои педагогии худ мехоҳад инсонеро бинад, ки ба тазодҳо ва зиддиятҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, дар муносибатҳо ва рафтори худ бо атрофиён корҳои некашро дар амал исбот намояд.

Ин ақидаҳои шоир, ки ҳар шахсро ба амали некиву накӯкорӣ ҳидоят карда, дар рӯҳияи боварӣ ба инсон ва қудрату тавоноии он тарбия менамояд, дар қитъаи ӯ ба тарзи зайл ифода ёфтааст:

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,[7]
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи ба даст,
Шодии ӯ ба ҷои Тимор аст.
Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст…

Таҳлили осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷавҳари андешаҳои педагогии ӯро ғояи некиву накӯкорӣ ва инсонпарвариву башардӯстӣ ташкил медиҳад. Ин бори дигар исбот менамояд, ки устод Рӯдакӣ ҳамчун шоири инсонпарвару башардӯст бар зидди қувваҳои бадӣ ва шарри одамӣ баромада, мардумро ба сӯи гуманизми башарӣ, ба воситаи некиву накӯкорӣ на ба воситаи зулму золимӣ, даъват намудааст.

Хулласи калом, устод Рӯдакӣ зидиятҳои зиндагӣ, ҳамеша дар ҳаракат будани табиат, эҳё ва нест шудани ҳаётро ба хубӣ дарк намуда, ба андешае меояд, ки дар ҳолате инсон наметавонад ҷисман зиндагии абадиро ба даст оварад, пас ӯ бояд бо муносибат ва рафтори писандида ва амали шоиста аз худ номи нек гузорад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ақидаҳои шоир, масъалаи некиву некӯкорӣ, ақидаҳои таълиму тарбиявӣ.

### АДАБИЁТ

1. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Р. Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Душанбе: «Адиб», 2007.-с.176.
2. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти точик. Дар 2-ҷилд-Душанбе. «Маориф». 1977.-с.74.
3. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Р. Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Душанбе: «Адиб», 2007.-с.83
4. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти точик. Дар 2-ҷилд, ҷилди аввал.-Душанбе. «Маориф». 1977.-с.164.
5. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Р. Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Душанбе: «Адиб», 2007.-с.180.

### ВОСПЕВАНИЕ ДОБРА И ДОБРОДЕТЕЛЬНОСТИ В ПОЭЗИИ РУДАКИ

В данной статье анализируются такие нравственные качества как доброта и добродетельность в поэзии Рудаки. Авторы стремятся определить роль добра и добродетельности в становлении всесторонне гармонически развитой личности в нравственных воззрениях Абуабдуло Рудаки..

### EDUCATIONS OF GOODS AND VIRTUE IN POETRY RUDAKI

In given clause such moral qualities as kindness and virtue in poetry Rudaki are analyzed. The authors aspire to define (determine) a role of goods and virtue in fined comprehensively harmony of the advanced person in moral wide sight Abuabdullo Rudaki.

## ТЕНДЕНЦИЯ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ В НЕКОТОРЫХ ЗАПАДНЫХ СТРАНАХ

***Г. Баротова***
**Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни**

Система общего среднего образования, как известно, характеризуется единством четырёх элементов: целей образования, состава учащихся, содержания образования и методов обучения, иначе

говоря, ответом на вопросы: для чего, кого, чему и как учить. Главными из них, на наш взгляд, являются последние два элемента, т.е. содержание образования (чему учить?) и методы обучения (как учить?). Однако все элементы системы общего образования взаимосвязаны и взаимообусловлены между собой.

Сегодня в работе общеобразовательных школ наблюдаются такие негативные явления, как постоянное увеличение объёма научных знаний по многим дисциплинам, несовершенство учебных планов и программ по устранению многопредметности и перегрузки учащихся, недостаточное внедрение новых технологий обучения и невысокое качество знаний, умений и навыков обучающихся.

Рассмотрим тенденцию создания национальных образовательных стандартов в таких странах, как Англия, США, Франция и Италия..

В последние годы более заметно проявляется тенденция создания национальных образовательных стандартов во многих странах мира. В ряде государств разработаны нормативные документы под названием «Стандарт образования». Однако до сих пор нет единого понимания этого термина. Например, в США под стандартом понимают систему проверки и оценки учебных достижений, в Англии – развёрнутую формулировку целей образования.

Британская система образования, пожалуй, является самой децентрализованной в Европе. Ответственность и сферы компетенции строго разграничены между центральным правительством, местными властями, советами школ и профсоюзами учителей. В каждой части Великобритании – Англии, Уэльсе, Шотландии и Северной Ирландии практически своя система образования, хотя в Англии и Уэльсе она всё-таки мало чем отличается. Но в последние годы государство старается расширить своё влияние на всю систему образования.

В Англии в 1988 году был принят Акт о реформе образования и введении образовательных стандартов. Обязательное образование – с пяти до 16 лет. Обучение бесплатное.

*Начальная школа* состоит из двух отделений:
- младшее отделение (для детей 5-8 лет);
- старшее отделение (для детей 8-10 лет)

Средняя школа состоит из двух ступеней: младшей и старшей, в которых обучаются по три года. По окончании 1 ступени выдаётся аттестат о среднем образовании, но большинство средних школ продолжают обучение в колледже шестого класса (в течение 2-х лет) и вручают аттестат о среднем образовании продвинутого уровня.

Национальная базовая учебная программа обязательного образования, выполняющая функции Госстандарта образования, используется во всех государственных школах. Наряду с этим существует развитая система частных школ со своим стандартом. Школам предоставлена большая свобода в выборе учебных планов, программ, методистов и средств обучения.

В начале 1994 года в Великобритании было принято решение о пересмотре базовой учебной программы средней школы, утверждённой Актом о реформе образования 1988 г. В младшей школе 80% учебного времени отводится на изучение обязательных предметов, остальное время используется по усмотрению самой школы. Трём основным дисциплинам: английскому языку, математике и естественным наукам – уделяется более трети учебных саамов, а другим предметам – оставшаяся часть времени, которая распределяется между ними поровну. В старшей средней школе на прохождение обязательных программ выделяется две трети учебного времени, остальные часы переданы на усмотрение школы. Учащимся же старших классов предоставляется более широкая свобода в выборе предметов. Теперь экзамены проводятся только для детей, достигших возраста 7, 11, 14 и 16 лет и только по основным дисциплинам.

Базовый план английской школы включает: основные предметы (английский язык, математика, естественные науки); ключевые предметы (история, география, технология, искусство, музыка, физкультура, иностранный язык); религиозное образование (за исключением тех детей, чьи родители не согласны с этим). По каждому предмету определено, что ученик должен знать и уметь выполнять в конце каждой из четырёх ступеней обучения, которые распределены по возрастам следующим образом: 5-7, 11-14, 14-16. В большинстве средних школ предусмотрено 40 уроков в неделю по 35-40 минут. Наконец, установлены 10 уровней знаний учащихся по всем предметам (исключение составляют музыка, искусство и физкультура).

Таким образом, все средние школы, финансируемые государством, обеспечивают базовое содержание образования.

К примеру, в США система образования отличается высокой степенью децентрализации. Федеральное правительство не имеет права устанавливать общенациональную систему образования. Учебные программы для школ и т.д. Решения по этим вопросам принимаются на уровне властей штата или школьного округа. Поэтому законы, определяющие структуру и содержание образовательных программ, значительно отличаются друг от друга по штатам и округам. Во всех 50 штатах образование

считается обязательным в возрасте 6-7 до 16 лет. Обучение в государственных школах бесплатное до окончания Х11 класса. Кроме того, во всех штатах работают частные школы.

Во всех американских школах преподают такие дисциплины: английский и иностранные языки, чтение, письмо, математика, естественные науки, история США и государственное устройство, география, искусство, музыка, физкультура, медгигиена и диетология. Многие школы приступили к изучению мировой истории, культуры и традиций других стран и народов. Наряду с этим школьники могут выбирать другие курсы, факультативно изучать иностранные языки, компьютер, искусство, музыку, углубленно проходить те или иные программы.

Говоря о системе образования США, надо отметить, что основные цели реформы образования были провозглашены президентом США Дж.Бушем в 2000 г.

В данной реформе говорилось: 1) дети должны приходить в 1-ый класс начальной школы, умеющими читать; 2) знания 90-% выпускников должны соответствовать новому стандарту образования; 3) по общественным и естественным наукам, английскому языку, математике, географии вводятся переводные и выпускные экзамены за 1У класс начальной, УШ и ХП классы младшей и старшей средних школ; 4) в начале ХХ1 столетия американские школьники должны занять 1-е место по уровню подготовки в области математики и естествознания.

В новом учебном плане средней школы усиливаются главные академические предметы, они должны занимать центральное место. Все выпускники средних школ проходят четырёхлетний курс по английскому языку и литературе, трёхлетний курс – по естествознанию, математике и обществоведению, двухлетний курс – по иностранному языку, искусству и музыке (в среднем по 250 часов в год). Учебные дисциплины в старшей средней школе изучаются концентрированно по 6-8 часов в неделю, зато число одновременно изучаемых курсов невелико.

Учебный план средней школы делится на две части: от детсада до 8 класса и от 9 до 12 класса. Подготовка выпускников 8 класса спланирована в три этапа: от детсада до 3 класса, от 4 до 6 класса и от 7 до окончания 8 класса.

Согласно учебному плану детсада и младшей средней школы, поэтапно изучаются такие предметы: английский язык, обществоведение, естествознание, иностранный язык, математика, искусство, физкультура и здоровье (всего семь дисциплин).

В новом учебном плане старшей школы указаны те же семь предметов, которые мы уже перечислили выше. В день бывает 6-7 уроков при пяти учебных днях в неделю. 25-30% учебного времени даётся на изучение предметов по выбору (бухгалтерия, психология, черчение, художественная графика, музыка, рисование и живопись, латынь, информатика и др.).

Стандарт среднего образования включает такие курсы, как: введение в мировую литературу, принципы технологии; история искусства и т.д.

Таким образом, в системе американского среднего образования, отмечается переход с элитарной на массовую 12-летнюю среднюю школу. Меняется подход к дифференциации образования. Для восьмилетней школы утверждён единый учебный план без вариантов. В старших классах до 30% учебного времени выделено на предметы по выбору. Любой вид ускоренного изучения учебных дисциплин отвергается.

Из всего сказанного можно утверждать, что в США существует и функционирует общенациональный образовательный стандарт во всей системе общего среднего образования, направленный на то, чтобы все американцы получили лучшее в мире образование. Президент Америки в своих посланиях народу неоднократно подчёркивал, что образование – это проблема национальной безопасности, необычайно важная для будущего страны.

В Италии всё начальное и среднее образование подчиняется Министерству народного образования. В стране много государственных, негосударственных частных школ.

Обязательное восьмилетнее образование начинается в шесть лет и продолжается до 14, включая, пять лет в начальной школе и три года в 1 ступени среднего образования. Начальная школа делится на два этапа: два года и три. В конце каждого этапа ребята выполняют тесты. Занятия обычно 27-30 часов в неделю.

Средняя школа готовит детей к взрослой жизни и воспитывает чувство гражданина своей страны. Традиционный набор предметов: итальянский, история, граждановедение, география, математика, химия, физика, иностранные языки, художественное воспитание и физкультура. В учебный план также включены технические и музыкальные курсы. Десятибалльная система оценки учёбы школьников по каждому предмету отменена. Классный учитель один раз в 3-4 месяца даёт ученику аналитическую характеристику и сообщает родителям о поведении и посещении занятий. В конце третьего года обучения сдаются экзамены на аттестат о среднем образовании.

Необязательная II ступень средней школы рассчитана на подростков с 14 до 19 лет. Занятия могут длиться три, четыре и пять лет. Существуют несколько типов школ: классические, естественно-научные, художественные, технические и профессиональные. Кроме того, имеются гимназии, классические, естественно-научные и художественные лицеи.

Итак, для итальянской системы образования, как мы видим, характерна централизация содержания образования, чем стандартизация его содержания.

Если говорить о Франции, то можно сказать, что эта страна гордится своим дошкольным образованием, т.к. в детских садах детей учат считать и читать, т.е. максимально развивают их эмоциональные, физические и интеллектуальные способности.

Обязательное десятилетнее образование начинается с шести лет. В начальной школе учат пять лет. Министр образования определяет цели, учебный план, покрывает основные расходы школы. Занятия в неделю охватывают 27 часов: французский язык, математика, технология, история, география, граждановедение и музыка.

Далее обучение в колледже – 4 года. После этого один год должны заниматься в каком-нибудь лицее. В расписание уроков входят такие предметы, как: французский язык, математика, иностранный язык, история, география, экономика, граждановедение, естествознание, биология, технология, искусство, музыка, физкультура. Всего 24 часа в неделю. Все выпускники получают свидетельство.

II ступень (необязательная) среднего образования – это профессиональный лицей. Недельная нагрузка – 36 часов. Ещё бывают лицеи общего и технологического образования (3 года обучения).

Все типы образовательных учреждений подразделяются на государственные и частные.

Французскую систему среднего общего образования можно охарактеризовать как жёстко централизованную в части содержания образования. Однако в последние годы наблюдаются процессы децентрализации образования, но они не играют пока заметной роли в деятельности учебных заведений.

В заключение можно сделать такой вывод, что в условиях дифференциации и вариативности содержания общего среднего образования, его демократизации и гуманизации более эффективным средством сохранения единого образовательного пространства в той или иной стране является разработка и принятие государственных стандартов образования. В основу этих стандартов должны быть положены научная концепция о стандартизации образования, базисные учебные планы и стандарты базовых образовательных областей (обязательный минимум содержания обучения и единые требования к знаниям, умениям и навыкам учащихся).

Основными причинами, обусловившими необходимость создания базовых стандартов образования во многих странах мира, на наш взгляд, являются: низкое качество знаний учащихся, недостаточная квалификация педагогических кадров, отсутствие в учебных планах школ некоторых базовых предметов, составляющих ядро общего среднего образования, нарушение преемственности учебных программ в различных типах, видах и ступенях общеобразовательных учреждений, неудовлетворённость населения качеством обучения, осознание огромной роли образования в экономическом и социально-культурном развитии государства и др.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** общее среднее образование некоторых западных стран, единое образовательное пространство, типы образовательных учреждений, национальные образовательные стандарты, государственные стандарты образования.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Дмитриев Г.Д. – История теоретических исследований содержания образования в США. Ж.. «Педагогика», № 7, М., 2006.
2. Дмитриев Г.Д. Модернизм, постмодернизм и теория содержания школьного образования в США. Ж.«Педагогика», №5, М., 2007.
3. www.estudy.ru/england/2-133

## РАВАНДИ ТАРАҚҚИИ СИСТЕМАИ МАЪЛУМОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР БАЪЗЕ АЗ КИШВАРҲОИ ҒАРБИИ ҶАҲОН

Мубрами ин масъала аз он иборат аст, ки имрӯз дар кори мактаби миёнаи маълумоти умумӣ зухуроти номатлуби зиёдшавии ҳаҷми маводи назариявӣ аз рӯи фанҳои гуногун, мукаммал набудани нақша ва барномаҳои таълимӣ аз рӯи бартарафкунии бисёрфаннии тадрис, истифодаи нақши таълими технологияи навин ва сифати пасти донишу маҳорату малакаи шогирдон ба назар мерасад. Муаллифи ин мақола рушди системаи маълумоти миллии мамолики дунё, аз ҷумла Англия, Америка, Франсия ва Италияро баррасӣ мекунад.

## THE TENDENCY OF THE DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF THE SECONDARY EDUCATION IN SOME WEST COUNTRIES

Relevance of consideration of given matter is connected with that that today such negative phenomena exists in the secondary schools' functioning, as constant increasing the amount of the scientific knowledge of many discipline, imperfection of the curriculums and programs on

eliminating of the principle of many discipline and overstudy of pupils, insufficient implantation of new technology of education and not good level of the knowledge and skills of pupils. The Author of the given article considers the development of the system of the secondary education and tendency of the creation of national educational standard in such countries of the world as England, America, France and Italy.

## ОШНОӢ БО МАҲОРАТҲОИ ҲАРАКАТИИ ВАРЗИШИИ НОБИНОЁН

***Баҳром Ҷадидӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Идрок барои шинохт муҳим аст. Кӯдакони баҳинҷор ба тартиб мароҳили рушдро тай мекунанд. Агар кӯдаке ба таври ҷаҳише аз як марҳала бигзарад ё онро комилан таҷриба накунад, бояд ба он марҳала бозгашта ва аз тариқи тамрин ба тартиб аз мароҳили боқимонда бигзарад.

Намунае аз ин фаъолиятҳо ва мароҳил ба қарори зайл мебошад:

- Маҳоратҳои поя(роҳ рафтан, паридан, ҷаҳидан, лӣ- лӣ кардан…);
- Шинохтани мафоҳими ҷулӯ, ақиб, чап, боло, пойин;
- Роҳ рафтан рӯйи деворҳои таодул(девори таодул дар масири мустақим, деворҳои таодули морпеч);
- Паридан аз чола ва ё ҷӯйи об(истифода аз меххои ҷойи саф);
- Ҳаракат ва давидан дар масирҳое, ки дар зери по барҷаста бошад;
- Тарзи саҳеҳи нишастан, тарзи саҳеҳи истодан;

Дар хусуси фавоиди варзиш барои нобиноён метавон ба мавориди зиёде ишора намуд, ки аз он ҷумла метавон ба ин маворид ишора кард:

- Боло бурдани мизони таҳаррук, ки таъсири мустақим дар ҷиҳатёбии онҳо дорад;
- Асари мустақими варзишӣ дар боло бурдани мизони таваҷҷӯҳ, тамаркуз ва ҳофиза;
- Боло бурдани мизони саломатии фарди нобино;
- Таваҷҷӯҳи бештар ба усули ахлоқӣ, отифӣ ва равонӣ дар равобити иҷтимоӣ;
- Асароти физиолужикӣ(дар асари таҳарруки бештар, чун нобиноён аксаран ба камтаҳаррукӣ дучор ҳастанд) ва боло бурдани тавоноии ҷисмонӣ;
- Пиёда кардани аҳдофи омӯзишӣ ва тарбиятӣ дар қолаби варзиш;
- Таъсироти варзиш дар қолаби ҳаракоти ислоҳӣ;
-Ҳамоҳангии андомҳо бо ҳам ва ҳамин тавр боло бурдани ҳамоҳангии асабӣ ва узлонӣ;
- Боло бурдани мизони таодули бадан дар анҷоми ҳаракот аз тариқи варзиш;
- Афзоиши мизони нишот ва шодобӣ дар асари таҳаррук ва варзиш;
- Таъсири мустақим дар мизони тағзияи кӯдак, ки асари мустақим дар рушди кӯдаки нобино дорад;
- Коҳиши бемориҳо ва кунтрули вазни бадан;
- Боло бурдани мизони эътимод ба нафс ва эҳсоси худкифоӣ дар фарди нобино, ки ниҳоятан ба иҷтимоитар шудани кӯдаки нобино кӯмак мекунад. Дар натиҷа, мо бадане солим хоҳем дошт, ки василае барои доштани як зиндагии солим аст ва мо аз тариқи варзиш метавонем ба ин муҳим даст ёбем.

Нукоти муҳим дар иртибот бо маҳоратҳои ҳаракатӣ ва варзишии нобино:

- Айманӣ ё эҷоди эҳсоси амният дар кӯдак барои иҷрои ҳар чи беҳтари ҳаракоти варзишӣ;
- Ҳифозат аз ангуштон ва дасти кӯдаки нобино (зеро дастони кӯдаки нобино ба манзалаи чашми ӯ маҳсуб мешавад);
- Садо танҳо василаи иртиботӣ байни кӯдакони нобино мебошад. Пас, дар ҷиҳати тақвияти ҳисси шунавоии ӯ кӯшо бошем, ки аз ин роҳ ҷиҳатёбии ӯро низ тақвият намудаем;
- Ҳисси ломиса яке аз роҳҳои шинохти муҳит тавассути нобино мебошад. Боястӣ дар ҷиҳати тақвияти он бикӯшем ва дар аксари риштаҳои варзишӣ мисли шатранҷ ва манч ва … ба он ниёз дорад;
- Муроқиби донишомӯзон бошем, то бо ҳамдигар бархӯрд накунанд;
- Дар ҳангоми таноб задан донишомӯзон пушт ба мураббиён танобназананд, зеро имкон дорад, ки сангреза ба сурат ё чашми афрод бихӯрад;
- Тваҷҷӯҳ ба тафовутҳои фардӣ: ҳар кӯдак ба таври қобили мулоҳизае нисбат ба дигар ҳамсолони худ мутафовит аст;
- Тарзи саҳеҳи замин хӯрдан: Кӯдакони нобино ба далели адами дарки фосила то замин ба ҳангоми замин хӯрдан гоҳе суратшонро қабл аз дастҳо ба замин мехӯранд ва ин сабаби бурузи осебҳое дар сару суратшон мешавад. Барои пешгирӣ аз бурузи чунин ҳаводисе омӯзиши тарзи

саҳеҳи замин хӯрдан ба кӯдакони нобино зарурӣ аст. Мо ба кӯдак ёд медиҳем, ки ҳар вақт таодулашро аз даст дод (ҳамон сар хӯрдан ва адами таодул рӯйи поҳо аст), дастҳояшро фавран ва бо фосилаи арзи шонаҳо ба рӯйи замин бигзорад. Ин корро бо ӯ тамрин мекунем; дар ибтидо аз пушт либосашро гирифта ва ӯро ба тарафайн ҳал медиҳем. Ӯ бояд билофосила дастҳоро рӯйи замин бигзорад ва баъд худаш ба танҳоӣ ин корро анҷом диҳад;

- Тарзи саҳеҳи нишастан: Агар ба таври иттифоқӣ ба клосси кӯдакони нобино, ки машғули дарсу хондан ҳастанд, ворид шавед, чанд нафар аз кӯдакони нобиноро мебинед, ки ба таври саҳеҳ ба рӯйи сандалӣ нишастаанд. Дида шудааст, ки ғолибан кӯдакони нобино дар мавқеи мутолиа ва ё навиштани бирил(бо лавҳ ва қалам) сари худро ба рӯйи қалам мегузоранд. Ҳамин кор боиси бурузи ноҳинҷориҳое дар сутунмӯҳраҳо ва искилети баданшон мегардад ва агар, ин кор идома ёбад, дар даврони навҷавонӣ онон бо аворизе рӯбарӯ хоҳанд шуд, ки дар шакли истодан ва роҳ рафтани онон низ таъсир мегузорад. Ҳушдор ба волидайн ва муаллимини кӯдакони нобино! Аз ин мавриди ёдшуда ба роҳатӣ нагузорем ва доиман тарзи саҳеҳи нишастанро ба ин азизон ёдовар шавем, то аз бурузи ноҳинҷориҳои искилетӣ ҷилавгирӣ кунем;

- Тарзи саҳеҳи истодан: Дида шудааст, ки бисёре аз нобиноён дар мавқеи истодан дар даст намеистанд. Ҳамон тавр ки мо дар оина худро мураттаб менамоем ва оростагии худро барои ҳузур дар ҷамъ бо чашмони худ мебинем, афроди нобино низ бояд ёд бигиранд, ки бо ломисаи худ аз оростагишон мутталеъ бошанд. Вале дар баъзе аз маворид монанди, қавз кардан, афтодагии шонаҳо ва ё афтодагии гардан ба ҷулӯ ва ё ғайраро бояд ба афроди бино мутазаккир шаванд, то аз овони кӯдакӣ аз по гирифтани ин одоти ғалат дар онҳо ҷилавгирӣ шавад. Бо бадане соф роҳ рафтан ва сари боло аз вижагиҳои табиии роҳ рафтан аст. Мо бояд кӯдакони нобиноро дар ин амр ёрӣ намоем, то ҳам аз эҷоди ноҳинҷории устухонӣ дар онҳо пешгирӣ намоем ва ҳам зоҳири зебоии баданшонро битавонанд хуб ҳифз намоянд. Дар хусуси мушоҳидаи ноҳинҷориҳое дар сохтори баданӣ монанди шонаҳои афтода, пушти қавзкарда, зонуҳои пронтезиро метавон бо истифода аз дастгоҳи онтрупумитрӣ мизони ноҳинҷориро мушаххас ва аз равишҳое ислоҳӣ ҷиҳати рафъи он истифода намуд.

**Равишҳои омӯзиши маҳоратҳои ҳаракатӣ ба кӯдаки нобино:**

1. Брилинг: муаллим ҳаракатро анҷом медиҳад ва нобино ӯро ламс мекунад.
2. Нобино ҳаракатро анҷом медиҳад ва муаллим ислоҳ мекунад.
3. Бо истифода аз китобт тасовири барҷастаи варзишии ҳаракотро омӯзиш медиҳад.

**Омӯзиши маҳоратҳои ҳаракатӣ дар қолаби бозиҳо:**

- Бозии васатӣ(бо тӯпи зангдор);
- Бозӣ бо бодканҳои зангдор;
- Бозӣ бо бодбодакҳои зангдор;
- Истахри тӯп;
- Тромплин;
- Тоббозӣ;
- Таноб задан;
- Манчи нобиноӣ
- Думину
- Чархиши по(рақси по);
- Кашбозӣ(каши зангдор);
- Ҳифзи таодул дар ҳангоми сар хӯрдан;
- Давидан бо истифода аз васоили кӯмаки омӯзишӣ;
- Роҳ рафтан бар рӯйи деворҳои таодулӣ;
- Роҳ рафтан ва давидан ба дунболи ҳалқаи ҳулоҳупи зангдор;
- Сарсараи тӯпи зангдор;
- Йю-йю;
- Лӣ-лӣ кардан(бар рӯйи хутути барҷаста).

**Омӯзиши маҳоратҳои ҳаракатӣ дар қолаби бозиҳо:** Нуктаи бисёр муҳим дар бозиҳое, ки барои афроди нобино дар назар мегирем, таваҷҷӯҳ ба маҳдудияти биноӣ ва тақвияти ҳавоси дигари онон мебошад. Ҳисси шунавоӣ аз ҷумлаи қавитарин ҳавосе аст, ки дар замони иҷрои маҳоратҳои ҳаракатӣ ба кӯмаки афроди нобино меояд. Ин ҳис дар ҳамроҳӣ бо ҳисси ломиса эшонро кӯмак ва роҳнамоӣ мекунад, то беҳтар аз ӯҳдаи анҷоми бозиҳо бароянд. Пас, яке аз васоили иртиботӣ дар бозиҳо метавонад садо бошад. Дар тӯпбозӣ бояд тӯпҳо зангдор бошанд, то кӯдаки нобино битавонад масири тӯпро ташхис диҳад. Партоби тӯпи зангдор бо даст, партоби тӯпи зангдор бо по, ҳар ду инҳо дар ҳадафгирӣ ва партоб ба ҳадафи мушаххас муфид аст, баъди дарёфти тӯп бо даст ва по дар таъйини масири мушаххас барои дарёфт муҳим аст. Дрибли тӯпи баскетболи зангдор бо

даст барои кӯдакон бисёр лаззатбахш аст ва баъди ҳадафгирӣ ва партоб ба сӯйи як ҳадафи зангдор низ шодиофарин мешавад ва ҳаяҷон ҳамроҳ бо таҳаррук ва бозиро ҳамроҳ хоҳад шуд.

**Бозии васатӣ(бо тӯпи зангдор):** Ин бозӣ ҳаммонанди бозии васатии кӯдакони бино аст ва танҳо тафовути он ин аст, ки хутути тимҳо барҷаста мебошад ва тӯп ҳам зангдор аст. Хутутеро, ки бояд дар ду тарафи замин ба унвони хатти партоби тӯп бошад, бояд (тавассути нах ва часб) барҷаста кард ва ҳамин тавр васати заминро, ки тим бояд биистад, низ хаткашӣ кард. Ин бозӣ бисёр ҳаяҷонангез аст ва таҳаррук ва шодии зиёдеро барои кӯдакон ба дунбол дорад. Дар ин бозӣ бо сӯҳбате, ки бачаҳо мекунанд, масири тӯпро низ ташхис медиҳанд Кӯмаки мураббӣ низ метавонад шӯру ҳаяҷони бозиро зиёдтар кунад.

**Бозӣ бо бодкунакҳои зангдор** Бозии бо бодкунакро кӯдакон бисёр дӯст доранд. Вале, ба далели ин ки пас аз партоби бодкунак ба ҳаво кӯдаки нобино масири онро гум мекунад, ангезае барои ин бозӣ надорад. Вале, агар мо битавонем бодкунакро бо занг ҳамроҳ кунем, кӯдаки нобино метавонад пас аз партоби бодкунак ба дунболи садо биравад ва бодкунакро пайдо кунад. Албатта, гоҳе хеле зуд бодкунак метаркад, саъй кунед, ки кӯдак аз ин кор нороҳат нашвад ва натарсад.

**Бозӣ бо бодбодакҳои зангдор:** Бодбодакҳоеро бо кӯмаки бачаҳо ва бо салиқаи онҳо дуруст мекунем ва дар ибтидои гӯшвораҳои он зангӯлаҳоеро васл мекунем, ки пас аз ба ҳаво рафтани бодбодак садои зангӯлаҳо шунида шавад. Кӯдак метавонад ин фаъолиятро бо кӯмаки афроди бино анҷом диҳад ва баъд дар қолаби як мусобиқа ё ҷашни бодбодакҳо ба василаи бодкунак аз иртифоъе, ки бодбодаки худ сууд карда, мутталеъ шавад ва лаззат барад.

**Истахри тӯп:** Истахри тӯп бозӣ ва тафреҳе бисёр шод барои кӯдакон мебошад ва агар битавон деворҳои онро ба шаклҳое пӯшонд, ки дар ҳангоми бархӯрд кӯдаки нобино ба ӯ осебе нарасонад, барои бозии кӯдакони нобино бисёр муносиб аст ва ӯ дар муҳите амн метавонад ба шодӣ ва бозӣ бипардозад. Саъй дар ҳифзи таодул дар ҳангоми роҳ рафтан рӯйи тӯпҳо дар истахри тӯп аз ҷумлаи вижагиҳои хуби ин бозӣ мебошад.

**Тромплин:** Васоили варзиширо метавон бо афзудани бахшҳое ба онҳо барои афроди нобино таҷҳиз намуд. Ба канори тромплин метавон дастае муттасил намуд, то дар ҳангоми паридани кӯдаки нобино барои ҳифзи таодул аз он истифода намояд ва давр то даври тромплинро ҳам бо рӯкаш пӯшонад, то амнияти василаро ҳар чи бештар намояд.

**Тоббозӣ:** Барои тоббозӣ аз ибтидо хурдсолони нобиноро метавон бо он ошно намуд, вале ба шарте ки амнияти онро таъмин карда бошем. Дар зери тобҳо аз ташк истифода мекунем ва агар кӯдак хеле кӯчак бошад, дар ҳоли ниманишаста дар тоб менишинад (монанди тоби сафед дар тасвир) ва ба оромӣ ӯро тоб медиҳем. Вале, агар метавонад бинишинад, барои ӯ аз тобе, ки монанди сандалии кӯдак аст (дастае дар ҷилави он қарор дорад ва монеъ аз афтодани он мешавад), метавон истифода намуд. Ба ёд дошта бошем, ки кӯдаки нобино аз ҳаракат ва навасон дар муҳити ношинохта бим дорад. Пас, ҳаракати ӯро дар тоб бо ҳимоят ва бо оромӣ шурӯъ кунем, то ӯ аз ин фаъолият дилзада ва озурда нашавад ва ин бозӣ барояш муфарриҳ ва шод бошад.

**Таноб задан:** Фаъолияте аст, ки аксари авқот метавонад ҷонишини давидан шавад. Аз ин варзиш мо метавонем ҷиҳати ҳамоҳангии байни дасту по истифода намоем. Ҳамчунин, аз танобзании ором ва мумтад мо ҷиҳати тақвияти дастгоҳи қалбӣ, танаффусӣ ва боло бурдани истиқомати бадан суд бибарем. Фаъолияте аст, ки эҳтиёҷ ба васоили гуногун надорад ва дар муҳите кӯчак қобили иҷро аст. Омӯзиши таноб заданро ба тафкик ва марҳала ба марҳала ба кӯдаки нобино ёд медиҳем:

- ҷиҳати тафҳими ҳаракат давронии таноб ба болои сар ва гузаштан аз зери поҳо аз ҳалқаи ҳулоҳуп истифода мебарем;
- дар ҳоле ки дастаҳои таноб дар дасти кӯдак аст, танобро пушти поҳояш меандозад;
-баъд танобро (бо ҳаракати дастҳо) аз болои сар ба ҷулӯи поҳояш меандозад;
- дар марҳалаи баъд, пас аз он ки таноб аз болои сар ба ҷулӯи поҳояш расид, ба сурати ҷуфти по аз рӯйи он мепарад(нукта: мафҳуми фуруд бояд рӯйи панҷаи по сурат пазирад. Фуруди рӯйи кафи по осебҳои зиёде ба камар ва по ворид мекунад. Ҳаракати фавқ ба сурати мутадовим такрор мешавад ва дар мароҳили баъдӣ метавонад сареҳтар ва бидуни таваққуф танобзаниро иҷро намояд);
- бо тамрини бештар фард метавонад ба сурати парриши як по низ иқдом ба иҷрои маҳорат бинамояд, то марҳалае, ки танобзаниро ба ҳолати давидан дар ҷо иҷро намояд. Дар кӯдаконе, ки ба далели адами ҳамоҳангӣ байни даст ва по ё эҳтимоли фалаҷ будани қисмате аз бадан наметавонанд танобро ба хубӣ аз болои сар ба пойин биандозанд ва бипаранд, аз ҳалқаи ҳулоҳуп ба ҷойи ҳаракати танобзанӣ истифода мекунем.

**Манчи нобиноӣ:** Бозӣ бо манч барои кӯдакон бисёр лаззатбахш аст. Манчҳои нобиноӣ низ ҷиҳати истифода аз афроди нобино вуҷуд дорад. Ин бозӣ ба далели қавонини содае, ки дорад, омӯзиши бисёр содае низ дорад ва мо метавонем онро ба кӯдакони нобино ёд бидиҳем.

**Думину(домино):** Дар ин бозӣ 28 корти мавриди ниёз аст. Ҷинси кортҳо метавонад чӯб, плостик, фибр, чӯби пунба ё муқаввои захим бошад. Ҳадаф аз ин бозӣ парвариши диққати ломиса, ошноӣ бо фурм ва шумориш, суръати амал ва иамаркузи ҳавос аст. Маҳорат дар ин бозӣ зеҳни кӯдакро барои ёдгирӣ ва ҳалли масоил, натиҷагирӣ ва тасмимгирӣ омода месозад. Дар тайи ин бозӣ кӯдак ихтилофҳо ва шабоҳатҳоро пайдо мекунад, кори гурӯҳӣ, ҳамкорӣ ва риояти навбатро таҷриба мекунад.

Думину метавонад ба суратҳои гуногун чун думинуи ранг(ҷиҳати нимабиноён) ва думинуи адад(аз сифр то шаш) таҳия шавад. Кортҳои ин бозӣ бояд дар андозаҳои ҳудуди 4/5х 9 дар назар гирифта шавад. Ҳар корт бо як хатти уфуқии барҷаста ба ду қисмати мусовӣ тақсим мешавад ва таркиби аъдод ва тасовир ба сурати барҷаста бар рӯйи кортҳо мушаххас мешавад.

**Тариқаи бозӣ:** Дар ин бозӣ ду алайҳи ҳафт нафар метавонанд ширкат намоянд. Кортҳоро байни кӯдакон ба тасовӣ тақсим мекунем. Қабл аз шурӯи бозӣ рӯйи кортҳо ва алойими барҷаста ва ё рангҳо бояд барои кӯдакон тавзеҳ дода шавад. Масалан, дар мавриди самти рост ва чап, боло ва пойин- рангҳо ва алойими барҷаста.

Пас аз тақсими кортҳо, як нафар бо қарор додани корте рӯйи замин бозиро шурӯъ мекунад. Нафари баъд бояд кортеро, ки ҳадди ақал як тарафи он мушобеҳи корти рӯйи замин аст, ба тарике дар канори корти қаблӣ қарор диҳад, ки ду сари мушобеҳ муттасил ба ҳам воқеъ шавад ва дар сурате ки чунин кортеро даст надошта бошад, навбат ба нафари баъд мерасад.Ва бозӣ бад- ин тартиб идома меёбад, то он ҷо, ки кортҳои яке аз бозикунон тамом шавад, ки дар натиҷа ӯ бурранда аст ва ба таъдоди кортҳои боқимонда дар дасти бозикунон имтиёз касб мекунад. Ин бозӣ он қадар идома меёбад, то як нафар ба ҳадди имтиёз мавриди мувофиқат бирасад ва ба буррандаи ниҳоии бозӣ шавад.

**Чархиши по(рақси по):** Ин бозӣ ҷиҳати ҳамоҳангӣ байни аъзои бадан мебошад. Ин бозӣ як ҳалқаи плостикӣ дорад, ки дохили по меравад ва як таноб, ки ҳудуди як метр мебошад ва дар интиҳои он як тӯпи зангӯладор мебошад. Кӯдаки нобино бояд ёд бигирад, ки бо чархиши пое, ки дар он ҳалқаро андохтааст, таноб ва тӯпи муттасил ба онро ба ҳаракти доиравор даровaрад ва бо баланд кардани пойи дигар танобро аз зери пояш рад кунад. Ҳар чи ин корро сареҳтар анҷом диҳад, ритми беҳтаре пайдо мекунад.

**Кашбозӣ(каши зангдор) :** Кашбозӣ бозие аст, ки бо камтарин васила ва камтарин ҷо метавон онро анҷом дод. Кӯдаки нобино бо анҷоми он метавонад париданро бо диққат ёд бигирад ва битавонад аз мавонеъ хубтар бипаррад ва рӯйи ҳадафе, ки мехоҳад, қарор бигирад. Пас, мо аҳдофи зиёдеро дар ин бозӣ метавонем дошта бошем. Ду нафар рӯбарӯйи ҳам қарор мегиранд ва кашро ба даври пойи худ меандозанд ва поҳояшонро ба андозаи арзи шонаҳояшон бозӣ мекунанд ва нафари саввум бо паридан дар дохил ва ё рӯйи каш маҳорати худро тамрин мекунанд. Зимнан, ба каш зангҳое васл аст, ки дар сурати бархӯрди по бо он ба садо дармеояд.

**Ҳифзи таъдод дар ҳангоми сар хӯрдан:** Дар заминҳое, ки соф ва сайқалӣ бошанд, шумо метавонед сар хӯрдани бачаҳоро зимни тамрин мушоҳида кунед. Вале нуктаи бисёр муҳим ҳифзи таодул мебошад. Яъне кӯдаки нобино, дар ҳангоме ки мехоҳад биистад ва ё тағйири ҷиҳат бидиҳад, замин нахӯрда ва осеб набинад (албатта, зарурати омӯзиши тарзи саҳеҳи замин хӯрданро, ҳамон тавр ки дар ибтидои ин бахш ба кӯдакон омӯзиш додем, муҷаддад ёдоварӣ мекунем). Ин мабҳас метавонад муқаддимае барои искити нобиноён ва ё потиножи онҳо бошад.

1. **Давидан бо истифода аз васоили кӯмаки омӯзишӣ:** Давидан бо истифода аз дудвор. Дастгоҳи дудвор ҷиҳати кӯмак ба омӯзиши роҳ рафтан, давидан, кӯмак ба назм дар анҷоми нармишҳои умумии бадан ва иҷрои ҳаракоти мавзун ба кор меравад.

Дастгоҳи дудворро дар маркази замине, ки варзиш дар он сурат мегирад, қарор медиҳем. Гираи танобҳоро ба дастгоҳ муттасил мекунем. Камарбанди танобҳоро ба даври камари варзишкорон мебандем ва пас аз марказ ба самти муҳит дур мешаванд. Замоне ки таноб комилан кашида шуд, метавонанд мувофиқи ҳаракати ақрабакҳои соат ва ё мухолифи он ба роҳ рафтан, давидан, иҷрои нармишҳои умумии бадан ва ҳаракати мавзун бипардозанд.

Нукта: аймании қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки тано дар тамоми мароҳили ҳаракат боястӣ комилан кашида ва кашидагии он барои фард махсус бошад.

2. **Давидан бо истифода аз дастгоҳи тоқӣ:** Бо истифода аз ин васила метавон ҷиҳати иҷрои маҳорат ду суд бурд. Истифода аз ин васила дар 3 ҳолат имконпазир аст:

1) Дар ҳолати аввал, танобҳоеро ба мувозоти ҳам (ва ба фосилаи 1/5- метрӣ) рӯйи сутунҳои дастгоҳи тоқӣ муттасил менамоем ва фарди нобино дар байни онҳо ва бидуни ҳеч гуна абзори кӯмакӣ метавонад бидавад.

2) Дар ҳолати дуввум, фарди нобино хориҷ аз танобҳои мувозӣ қарор мегирад ва бо гирифтани дастгирае, ки дар дохили танобі мувозӣ аст, метавонад иқдом ба маҳорати дав бинамояд.

3) Дар ҳолати саввум, як танобро аз болои танобӣ токӣ ба самти дигари замин муттасил менамоем ва як камарбандро, ки тавассути ҳалқа ва танобе ба танобӣ сақфӣ муттасил аст, барои бастани даври камари варзишкори нобино истифода менамоем. Дар ин ҳолат дастҳои фард озод буда ва ба кӯмаки камарбанд ҳалқа ва таноб ба танобӣ сақфӣ муттасил аст ва метавонад бидуни тарс аз хориҷ шудан аз масир то интиҳои масир бидавад. Дар интиҳои масир гираҳҳое бар рӯйи танобӣ сақфӣ зада шудааст, ки эъломкунандаи итмоми масир ба фарди даванда аст.

**Роҳ рафтан бар рӯйи деворҳои таодулӣ:**

Таодулии мутаҳаррик. Таодулии мутаҳаррик василаи кӯмаки_омӯзишӣ аст, ки ҷиҳати кӯмак ба амри омӯзиши таодул, ҳаракоти мавзун, ҷиҳатёбӣ бо кӯмаки ламси по, ошноӣ бо намодҳои сода, ашколи ҳандасӣ, ҳуруф ва аъдод ва бисёре ҳолоти дигар тарроҳӣ ва сохта шудааст ва фард бо баҳрагирӣ аз он метавонад ба беҳтарин шакл ва бидуни хатар мавзун ва мустақил ҳаракт намояд. Мо аз ин васила ҷиҳати омӯзиши маҳоратҳои поя низ метавонем истифода кунем.

Давидан ва роҳ рафтан ба дунболи ҳалқаи ҳулоҳупи зангдор (ҳалқаҳои бузурги тухолӣ). Ҳулоҳуп ҳалқаҳои бузурги тухолиро мегӯянд. Барои ин ки афроди нобино битавонанд аз ин васила истифода намоянд, дар дохили он қатаоти рези филлизӣ рехтаем, ки дар асари чархиш ҳулоҳуп ба садо дармеояд. Хеле аз бузургтарҳо бозии бо лостик дар кӯчаро ба хотир доранд, ки чи тавр лостикҳоро қил дода ва баъд ба дунболи он медавиданд. Ҳадафи мо аз ин бозӣ ғалтондани ҳалқаи ҳулоҳуп ва баъд дунбол кардани он мебошад. Дар ин бозӣ таҳаррук ва шодии бисёр зиёдеро дар кӯдакон метавонед мушоҳида кунед. Албатта, чархондани ин ҳалқа ба даври камар, боз дастҳо ва поҳоро низ метавон ба кӯдаки нобино омӯзиш дод. Иҷрои ин бозӣ боиси тақвияти ҳамоҳангии дастҳо ва поҳо мешавад.

Сур- сураи тӯпи зангдор (Goig boll- и нобиноӣ). Барои боло бурдани суръати аксуламали кӯдакон аз бозиҳои мухталифе метавон истифода кард. Аз ҷумлаи ин бозиҳо сур-сураи тӯпи зангдор аст. Дар ин бозӣ тӯпи васати танобро бозӣ карда ва дохили он чанд филлизи кӯчак қарор додаем, то дар мавқеи ҳаракати тӯп садо эҷод кунад ва аз ин тариқ ҷаззобияти бештаре барои кӯдакони нобино пайдо намояд.

Равиши бозӣ: ду нафар рӯбарӯйи ҳам қарор мегиранд. Дар ҳоле ки дастгираҳои сур-сураи тӯп дар дастшон қарор дорад, танобҳои он бояд ҳамеша кашида ва соф бошад. Ва тӯп наздик ба яке аз ду нафар бошад.

Бо боз кардани дастҳояш нафаре, ки тӯп ба ӯ наздик аст, тӯпро ба самти нафари муқобил мефиристад ва нафари муқобил низ, замоне ки тӯп ба самти ӯ расид, ҳамин корро анҷом медиҳад. Ба ин тартиб, бозӣ тадовум пайдо мекунад. Ҳадаф аз ин бозӣ тақвияти аксулъамал, ҳамоҳангии аъсоб ва азалот ва то ҳудуде тақвияти азалоти ноҳияи даст, шона, қафаси сина ва китф мебошад.

Йу- йу. Бозӣ бо йу- йу фавоиди зиёде барои кӯдакони нобино дорад. Мо дар ин бозӣ илова бар боло бурдани ҳамоҳангӣ дар азалоти рези ангуштони кӯдаки нобино ҳаракоти зарифро низ ба ӯ ёд медиҳем, то ӯ бо ҳаракоти ором ва ҳисобшуда аз азалот кулли дасташ истифода намояд. Баъд аз омӯзиши комил ба кӯдаки нобино (ва ламси ҳаракати бозӣ) аз ӯ мехоҳем ин корро бо дасти дигараш низ анҷом диҳад, то аз азалоти ҳар ду дасташ битавонад бо диққат истифода намояд. Баъзе аз йу- йуҳо дар ҳангоми ҳаракат (боло ва пойин рафтан) оҳанг низ мезананд. Истифода аз ин навъи йу- йуҳо барои кӯдакони нобино метавонад лаззатбахштар бошад.

Лӣ- лӣ кардан (бар рӯйи хутути барҷаста). Барои ин ки кӯдаки нобино аз хутути лӣ- лӣ огоҳ шавад, мо ин хутутро ба сурати барҷаста дар кафи ҳайат дуруст мекунем ва ё метавонем бо навори часп ва нах дар солун дуруст намуд. Чун қаблан ба кӯдакон ба рӯйи як по будан ва ҳаракт кардан (лӣ- лӣ кардан)-ро омӯзиш додаем, аз ӯ мехоҳем то аввал бо хутути лӣ- лӣ ошно шавад ва баъд шурӯъ ба бозӣ кунад (барҷастагии хутут дар зери по бояд андозае бошад, ки барҷастагии он дар зери по бо кафш эҳсос шавад, вале монеи парриш нашавад).

**Ошноӣ бо таъдоде аз риштаҳои варзишии нобиноён**

Голбол. Бозии голбол дар як замини мустатилшакл (- и) ба абъоди 18*9 анҷом мешавад, ки хутути замин барҷаста мебошад. Тӯпи бозӣ зангдор аст ва рӯйи он сӯроххое таъбия шудааст, ки садои зангҳо беҳтар шунида шавад. Сартосари арзи замин аз ду тараф дарвозаи тимҳо махсуб мегардад (бо дарвозаҳое оҳанӣ иститор шудааст). Тамоми гурӯҳҳои нобиноён ва камбиноён метавонанд дар ин бозӣ ширкат намоянд ва тамоми бозикунон боястӣ чашмбанд дошта бошанд. Таъдоди бозикунон барои ҳар тим 3 бозикуни аслӣ ва 3 бозикуни захира мебошад. Замони бозӣ ду нима 7- дақиқаӣ мебошад ва замони истироҳат байни ду тим 3 дақиқа мебошад.

Наҳваи бозӣ: қил додани тӯп аз васати замин ба самти тими ҳариф аст.

Имтиёзи бозӣ ба таъдоди голҳои задашуда муҳосиба мегардад.

Ҳадаф аз ин бозӣ тақвияти шунавоӣ, ҷиҳатёбӣ, ҳамоҳангии асабӣ, азалонӣ ва тақвияти азалоти амалкунанда дар ин риштаи варзишӣ мебошад.

Шавдон (тенниси рӯйи мизи афроди нобино). Бозии шавдон бар рӯйи як мизи мустатилшакл анҷом мегардад, ки ба абъоди мизи пинг- пунг аст ва дар ду тарафи миз дарвозаҳои кӯчак ва гуд қарор дорад. Давр то даври миз ба василаи девораҳои чӯбӣ ба иртифои 15 см. маҳсур шудааст, то дар мавқеи зарба задан ба тӯп пас аз бархӯрд бо деворахо дохили миз бимонад. Тӯпи бозӣ ба андозаи тӯпи теннис ва аз ҷинси пластики хушк аст, ки дохилаш сочмаҳое ҷиҳати тавлиди садо мебошад. Рокети бозӣ ба сурати мустатилшакл мебошад ва дастае кӯтоҳ дорад. Васати миз монеъе аз ҷинси чӯб насб гардида, ки тамоми арзи мизро мепӯшонад. Бозӣ дунафара аст. Замони бозӣ 15 дақиқа аст. Дар сурате ки ҳар бозикун зудтар ба имтиёзи 11 бирасад (бо ихтилофи 2 имтиёзи болотар аз ҳариф), бурранда мебошад.

Наҳваи бозӣ: шурӯи бозӣ монанди тенниси рӯйи миз бо задани сирвис тавассути яке аз бозикунон шурӯъ мешавад ва ҳарифи муқобил низ дар муқобил тӯпро аз замини худ дур карда ва ба самти муқобил мефиристад. Ҳар як аз тарафайн саъй дар фиристодани тӯп ба дохили дарвозаи тарафи муқобил доранд. Ҳар сирвис то замони ҳусули имтиёз, яъне: гол шудани тӯп ва ё хуруҷи тӯп аз замин ё бархӯрд ба девораи чӯбии васати замин идома меёбад.

Ҳадаф аз ин бозӣ тақвияти шунавоӣ, ҷиҳатёбӣ ва ҳамоҳангии асабӣ ва азалонӣ дар фарди нобино мебошад.

Дав ва майдонӣ. Яке аз риштаҳои аслӣ мебошад ва муштамил бар давҳо (100, 200, 400, 800, 1500, 5000, 10000 метр) ва майдониҳои шомили партобҳо (партоби вазна, диск) ва парришҳо (тӯл, сегом ва парриши иртифоъ) мебошад. Клосбандии мусобиқоти дав ва майдонии афроди нобино ба сурати В1 ва В2 ва В3 мебошад (тавассути мутахассиси биноии синҷ анҷом мешавад).

Гурӯҳи В1 муштамил бар афроди нобинои мутлақ мебошанд, ки маъмулан бо кӯмаки роҳнамо иқдом ба иҷрои маҳорат менамоянд. Гурӯҳи В2 ва В3- ро афроди камбино ташкил медиҳанд, ки ниёз ба роҳнамо ҷиҳати иҷрои маҳорат надоранд

Дар маҳалли иҷрои мусобиқоти дав ва майдонии афроди нобино набояsти ҳеч монеъе дар сари роҳшон вуҷуд дошта бошад.

Иҷрои маҳоратҳои дав ва майдонӣ боиси тақвияти тамомии фоктурҳои омодагии ҷисмонӣ дар миёни иҷрокунандагони ин маҳоратҳо мешавад.

Булинги нобиноӣ. Варзиши булинг аз ҷумлаи риштаҳои варзишии мавриди алоқаи афроди нобино аст. Қавонин ва муқаррароти варзишии булинги нобиноён ҳаммонанди варзиши булинги афроди бино мебошад. Ёдгирии ин риштаи варзишӣ ба лиҳози наздик будани шароити иҷрои ин ришта ба бозии голбол, барои афроди нобино сода мебошад. Дар ин ришта ба даҳ адад пини чӯбӣ, тӯп, милаи ҳидояткунандаи масири партоб ба фарди нобино ва як замини маҳсуршуда ба арзи 1/5 метр ва тӯли 18 метр ниёз мебошад. Мо ҷиҳати роҳандозии ин ришта, бо таваҷҷӯҳ ба ба набуди куллияи васоили боло, ба ҷойи даҳ адад пини чӯбӣ аз даҳ адад мизи чӯбӣ, ба ҷойи тӯп аз тӯпи голбол ва ҷиҳати эҷоди ҷиҳати эҷоди замини маҳсуршуда аз лӯлаҳои об, ки ба он пояҳоеро изофа намудаем, истифода кардаем. Ҷиҳати суҳулат дар чидани пинҳои сарнагуншуда иқдом ба таҳияи шоблуне намудаем, ки пас аз чидани пинҳои даруни он ба роҳатӣ аз болои он хориҷ шуда ва пинҳоро барои партоби баъдӣ омода менамояд.

Шатранҷ. Шатранҷ бозии бисёр муҳайиҷ ва ҷолибе аст, ки мавриди алоқаи кӯдакони нобино ба шумор меояд. Ин бозӣ ҳамонанди бозии афроди бино анҷом мешавад ва танҳо тафовути он сатҳи хонаҳои сафҳаи шатранҷ мебошад, ки хонаҳои сафеди барҷастатар аз ахонаҳои сиёҳ ҳастанд ва барҷастагии кӯчаке бар рӯйи сари мӯхраҳои сафед вуҷуд дорад. Ин бозӣ ба сурати дунафара анҷом мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** идрок, маҳорат, маҳоратҳои варзишӣ, маҳоратҳои варзишии нобиноён, маҳоратҳои ҳаракатӣ, бозӣ.

## АДАБИЁТ


1. Амир Тош, Алӣ Муҳаммад. Равишҳои тадриси тарбияти баданӣ дар дохили клос:- Теҳрон: Вазорати омӯзиш ва парвариш, 1370.
2. Ҷадидӣ Баҳром. Муқоисаи асари омӯзиши тасовири барҷаста ва омӯзиши каломӣ бар ёдгирии фаъолиятҳои баданиии донишомӯзони нобино, 1372.
3. Шоҳӣ Заҳро. Муқоисаи таъсири ду равиши омӯзишии тасовири барҷаста ва ламси ҳаракат бар ёдгирии ҳаракоти баданӣ дар донишомӯзони нобино, 1374.
4. Афрӯз Ғуломъалӣ. Муқаддимае бар равоншиносӣ ва омӯзишу парвариши кӯдакони истисноӣ:- Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1371.
5. Бинт Ҷил Исмит Роҷр. Биноӣ (аз маҷмӯаи «Ҳавоси панҷгона»), 1370.
6. Номнайӣ Муҳаммад Ризо. Сайре гузаро дар омӯзиш ва беҳзистии маълулини биноӣ: Интишороти «Рӯдакӣ», 1363.

**ЗНАКОМСТВО СО СПОРТИВНЫМИ ДВИГАТЕЛЬНЫМИ УМЕНИЯМИ И СЛЕПЫХ**

Автор отмечает очень важные моменты в спортивных играх для слепых. Основное внимание уделяется на их зрение и на игры, котрым они дают предпочтение. Чувство слуха сильно развивается во время исполнения спортивных движений. Поэтому во время игры с мячом мячи должны иметь звонок, чтобы слепой ребенок мог ориентироваться на звук.

**ACQUAINTANCE WITH ATHLETIC MOTION OF BLIND**

The autho r notes very important point in play, which consider for blind. Attention on their visions and other preference for them. The feeling of the rumour powerfully develops during performance motion, in help blinds. So during play with ball balls must have a bell that blind child could be orientated.

# НАҚШИ АРЗИШЁБӢ ДАР ФАРОЯНДИ ТАДРИСИ МУАЛЛИМ

***Ҳусейн Турбатинажод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар бисёре аз кишварҳои дигар интиқодот ва эътирозоти зиёде алайҳи имитиҳонот ба василаи дастандаркорони омӯзиш ва парвариш, муаллимон, донишомӯзон, волидайн ба таври куллӣ шудааст. Ҳамаи ин эътирозҳо ва интиқодот мунъакискунандаи ин ҳақиқат аст, ки имтиҳонот дар низоми омӯзиши мо дорои нуқсу норасоиҳое аст, ки дар натиҷа, наметавонад посухгӯи ниёзҳои омӯзиш ва парвариши пешрафта ва созанда бошад. Таҷрибаҳои Эрон ва ҷаҳон нишон дода, ки яке аз муҳимтарин авомил боздорандаи тағйири маънидор дар низоми омӯзишӣ, идомаи суннатҳои қадимист. Мутобиқи як усули муҳим, барномарезии дарсӣ ва воқеиятҳои айнии кулли донишомӯзон, муаллимон ва масъулони омӯзишӣ дунболи иҷрои он бахш аз барномаҳо ва равишҳои омӯзишӣ ҳастанд, ки муваффақияти бештаре дар соҳаи низоми санҷиш ва имтиҳоноти ҳоким бар кишвар ба вуҷуд овард. Ба иборати дигар, барномаҳо ва ҳадафҳои омӯзишии як кишвар ба василаи системи иҷтимоӣ ва санҷишии он аз омӯхтаҳо таъин мешавад. Равишҳои номутаносиби арзишёбӣ пешрафти танҳо як анба аз адами кории низоми омӯзиширо ироа мекунад. Имтиҳонот дар кишвари мо дар айни ин, ки сарнавиштсоз аст, нақши чандоне дар ҷиҳати ёфтани илали норасоиҳо ва ақибмондагиҳои тахсили донишомӯзон надорад. Дар натиҷа, барои пешрафти тахсили донишомӯзон кӯмаки муассире намекунад. Дар бисёр маврид боиси дилсардӣ ва сархӯрдагии донишомӯз ва муаллим мешавад. Бинобар ин, лузуми бархе ислоҳот дар заминаҳои мартабот бо имтиҳонот беш аз пеш эҳсос мешавад ва ин ислоҳот мусталзими баррасии нуқоти заъф ва қуввати низоми мавҷуд ва шиносоии камбудиҳо ва ниёзҳо дар ин замина хоҳад буд. Арзишёбӣ ба унвони охирин ҳалқа аз занҷираи фаъолиятҳои муаллим ва такмилкунанда, соири фаъолиятҳои ӯ ҳамвора бахши ҷудонашуданӣ ва такмилӣ аз таълим ва тарбият ба ҳисоб омадааст. Зеро, ба ақидаи бисёре аз соҳибназарон, ислоҳи чорчӯби арзишёбӣ дар дунё, арзишёбӣ ба унвони зермаҷмӯае аз қисмати барномарезии дарсӣ ба шумор меравад ва аз назари ташкилоти бахши ҷудоинопазир аз созмони барномарезӣ ва таълифи кутуби дарсӣ мебошад.

Аз дидгоҳи ин соҳибназарон дар ниҳоди омӯзиш ва парвариш барномаи дарсӣ ва таҷрибиёти ёдгирӣ мадрасаи асл аст. Арзёбӣ ба унвони яке аз аҷзои вобастаи барномаи дарсӣ матраҳ мебошад ва умури марбут ба он дар зермаҷмӯаи созмонӣ мисли барномарезӣ ва таълифи китобҳои дарсӣ расидагӣ хоҳад шуд. Аммо дар омӯзиш ва парвариши Эрон низоми кунунӣ, арзишёбӣ аз назари сохтори идорӣ як ташкилоти мустақил ва комилан ҷудо аз бахши барномарезии дарсӣ аст. Ба ҳамин ҷиҳат, фароянди арзишёбӣ ба манзури таҳқиқи аҳдофи ғояи омӯзиш ва парвариш ва ҳамчунин тарроҳӣ ва иҷро намешавад, балки баръакс, тамоми фаъолиятҳои омӯзиш ва парвариш ба ашколи мухталиф дар хидмати фароянди арзишёбӣ қарор доранд.

Ин воқеият ба равшании ҳар чи тамомтар дар мадориси Эрон қобили мушоҳида аст. Ба тавре, ки аз ҳамон оғози соли таҳсил тамоми аркони мадраса на бо ангезаи ёддиҳӣ-ёдгирӣ ва ба хусус парвариш ва тарбият, балки ба далели имтиҳон ва муваффақият дар он, фаъолияти худро шурӯъ мекунад ва мутаасифона, ин фарҳанг низ, яъне фарҳанги имтиҳони модорӣ ба волидайн ва хонаводаҳо низ сироят кардааст ва онҳо низ куллияи баронмаҳо ва фаъолиятҳои мадрасаро дар ростои имтиҳонот ва арзишёбиҳо таъбир ва тафсир мекунанд.

Вуҷуди чунин тафаккуре муҷиб шудааст, ки осебҳои бисёре ҳосил аз низоми ранҷи арзишёбии саломати равонӣ фарогиронро ба хатар андозад. Баъзе аз ин осебҳо иборатанд аз: тақаллуб, афсурдагӣ, сархӯрдагӣ, ихтилолоти изтиробӣ мисли васвос ва бавижа, изтироби имтиҳон аст.

Нигоҳи иҷтимоӣ ба вазъияти арзишёбии фароянди ёддиҳӣ-ёдгирӣ дар Эрон нишон медиҳад, ки низоми арзишёбии кунунӣ на танҳо омили падидаи таъоризот ва ҳатто осебҳое дар асосҳои фалсафӣ, фарҳангӣ, равоншинохтӣ ва ҷомеашинохтии омӯзиш ва парвариш шудааст, балки садамот ва ихтилолотеро низ дар сорлтори созмонӣ-идорӣ ба вуҷуд овардааст. Яъне, арзишёбӣ ба унвони муаллифае низоманд, ки битавонад наҳвае шаклгирӣ ва асароти як барномаи дарсӣ, аҳдофи омӯзиш ва парвариш, бавижа, аҳдофи барномаи дарсӣ ва муаллим таҳти назорат қарор гирифтаанд. Дар сурате ки дар аксари, ба иттифоқ миллали ҷаҳон арзишёбӣ ба унвони ниҳоде дар ҳидмати омӯзиш ва ёдгирӣ будааст ва ба ҷои нигориш шинохтгароиҳо ба он бо нигориши фарошикаст нигоҳ мешавад.

Белов дар назарияи ёдгирӣ дар ҳадди тасаллут, ки онро дидгоҳи Корвон илҳом гирфта буд, истифодаи зиёде аз дидгоҳи Оскарюн дар бораи арзишёбӣ ба амал овард. Ӯ ҳашт марҳала барои назарияи худ баён намуд, ки яке аз марҳилаи он (марҳалаи 6-ум) иҷрои арзишёбии таквинӣ аст. Белов мегӯяд: Арзишёбии таквинӣ шомили теъдоди суолоти дақиқ бар асоси ҳадафҳои омӯзишии ҳар воҳиди омӯзишӣ аст, ки пас аз озмоиши он воҳид ва анҷоми фаъолиятҳо ва таколифи ёдгирӣ аз сӯи ёдгирандагон ба иҷро дармеояд. Ҳадафи ин озмунҳо фароҳам овардани бозхӯрд аз натоиҷи фаъолиятҳо ва таколифи ёдгирӣ аз сӯи ёдгирандагон ба иҷро дармеояд. Ҳадафи ин озмунҳо фароҳам овардани бархӯрд аз натоиҷи омӯзиши муаллим ва ёдгирии донишомӯзон аст.

Муаллимон дар ибтидои вуруд ба омӯзиш ва парвариш, дар марокизи гуногуни донишгоҳанд, то битавонанд дар умури муҳими омӯзиш муваффақ бошанд.

Дар ибтидои арзишёбӣ, пешрафти таҳсилӣ ва арзишёбӣ низ ин мавзӯъ рост меояд. Муаллимон бояд ба огоҳии комил фароянди тадрис ва ёдгириро ҳидоят кунад.

Гусаки (2003) мегӯяд: «Адами омӯзиш, бавижа, ба муаллимони тозакор, сабаб мешавад, то онон дар фаҳми равишҳои арзишёбӣ ироа шуда, дар мутуни омӯзишӣ бо душвориҳои бисёр рӯ ба рӯ шаванд. Вақте ки шеваи муносибати арзишёбӣ дастрас набошад, муаллимон арзишёбиро шабеҳи равиши ҳамкорони худ бо суолоти пешомада ва осон бо равиши ошуфта анҷом медиҳанд. Барои анҷоми ҳар навъ арзишёбӣ бояд ба муаллимон омӯзиш дод. Дар воқеъ, яке аз далоили муҳим набудани корбурди арзишёбии таквинӣ дар клос паст будани огоҳии муаллимон аст.

Муаллимон, бо сабаби надоштани огоҳӣ аз асосҳои назарӣ ва шеваҳии арзишёбии таквинӣ, наметавонанд аз онҳо дар дарс истифода кунанд.

Муаллимон дар истифода аз арзишёбии таквинӣ гузашта аз ноошно будан бо ин равишҳо бо мушкилоти дигаре низ мувоҷеҳанд. Ин мушкилот бархе реша дар сохтори омӯзиш ва парвариш дорад ва баъзе дигар марбут ба барномаи дарсӣ, тарокуми соатҳои дарс, донишомӯзон ва ғ. аст.

Ба далели ҳоким набудани фарҳанги арзишёбӣ дар ҷомеаи мо, ин амр ҳамвора бо монеаҳое рӯ ба рӯ будааст. Сохтори марказӣ ва аз боло ба поин низоми омӯзишии муаллимро дар муқобили барномаи аз пеш таъиншуда қарор медиҳад ва ӯ ҳеҷ гуна ибтикор нахоҳад дошт. Ин шояд бузургтарин монеа бошад. Муаллимон ночоранд мӯҳтавои азқаблтаъиншуда, барнома ва сохтори азқаблпешбинишударо риоят кунанд. Бахши номаҳоро мӯ ба мӯ иҷро карда, саранҷом дар муқобил дар садди қабули хосе ба мудир ва идора посухгӯ бошанд. Ин амалҳо паёмадҳое доранд, ки амалкарди матлуби муаллимро зери суол мебаранд.

Дар ҳазораи саввум, таъкиди таълим ва тарбият бар ёдгирӣ аст ва аз мадраса интизор меравад, ба донишомӯзон кӯмак кунад, беҳтар аз ёд бигиранд. Ёдгирӣ ва тадрис фароянди бисёр печида аст, зеро бо инсон сарукор дорад. Сода ангоштани ин мавзӯъ хисороте зиёнбор мутаваҷҷеҳи низоми омӯзиш ва парвариш хоҳад кард. Имрӯз мо дигар ҷое барои озмоиш ва хато надорем, ночорем, кайфияти ёдгирӣ ва омӯзишро боло бибарем ва ин ҷуз аз тариқи арзишёбӣ мумкин нест.

Дуктур Алиризо Каёманиш, раиси Донишкадаи равоншиносии Донишгоҳи тарбият-муаллим дар бораи анвои арзишёбии омӯзиш дар ҷаҳони имрӯз мегӯяд: «Арзишёбӣ василае барои пай бурдан ба мизони муваффақияти низоми омӯзишӣ, дар робита бо барномаҳо ва амалкардҳояш аст. Арзёбӣ дар ҷаҳон дар чаҳор сатҳ анҷом мегирад. Як навъи арзишёбӣ дар сатҳи мадраса ва аз тариқи муаллим анҷом мегирад. Ба ин, тарбият мушахас мешавад, ки омӯзишҳои мадраса чи андоза дар амалкарди донишомӯз мутаҷаллӣ шудааст. Дар кишварҳои мухталиф ин арзишёбӣ дар дасти мадраса аст».

Дар сатҳи синфхона низ донишомӯзон дар кишварҳои пешрафта бо шеваи Эрон, ки танҳо бар мабнои миқёс каме сифр то бист аст, арзёбӣ мешаванд. Муҳандиси мурид, коршиноси аршад Маканаки аз Фаронса мегӯяд: «Дар ин кишвар афрод то поини умр арзишёбӣ мешаванд. Дар ин кишвар аз вуруд ба мадраса то поини давраи дабиристон, шӯрои клос натиҷаи амалкарди ниҳоии донишомӯзонро арзёбӣ мекунад». Ин шӯро аз тамоми муаллимони клос ду нафар ба унвони намояндагони донишомӯзон ва ду нафар намояндагони волидайн ва мудири мадраса ташкил

мешавад. Дар тӯли сол низ доимо ва тақрибан ҳар ду ҳафта як бор имтиҳони хаттӣ баргузор мешавад.

Муаллим бар асоси рақами донишомӯз ва фарозу фуруди нумароти вай амалкардашро тавсиф мекунад. Донишомӯзе, ки доимо дар ҳоли пешрафт бошад, ҳатто агар саранҷом дараҷаи хеле болоӣ касб накунад, донишомӯзи заранг талаққӣ намешавад. Вале бадтарин шароит барои донишомӯз аст. Дар мавриди донишомӯзии доимо дар марзи даҳ нумра (дараҷа) меоварад, волидайн тасмим мегиранд, мехоҳанд фарзандашон мардуд шавад, ё ба соли болотар биравад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** муаллим, тадриси муаллим, нақши арзишёбӣ, донишомӯзии доимо, ниҳоди омӯзиш ва парвариш.

### АДАБИЁТ

1. Бозариони Аббос. Арзишёбии омӯзишӣ. –Теҳрон: Самт, 1381.
2. Ҳайдари Шаъбон. Таъсири иҷрои арзишёбии таквинӣ бар афзоиши пешрафти таҳсилии соли аввали дабиристонҳои низомии ҷадиди минтақа: Донишгоҳи Табатабоӣ, 1375.
3. Сипосӣ Ҳусайн. Муқоисаи таъсири арзишёбии таквинӣ ва арзишёбии поёнӣ бар пешрафти таҳсили донишҷӯён. Маҷаллаи Шаҳиди Чамарон, 1373, №3/1, с.39-50.
4. Каёманиш Алиризо. Равишҳои арзишёбии омӯзишӣ. Интишороти Донишгоҳи паёми Нур. 1381.

### РОЛЬ САМООЦЕНКИ УЧИТЕЛЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Автор статьи отмечает что, третьим тысячелетие требование в обучение и воспитание в высших школах возрастает и требование от вуза, помочь учащимся усовершенствовать память. Память и мышление трудный процесс, которая связана с человеком.

### ROLE OF SELF-MARK TEACHER IN PROCESS OF THE EDUCATION

The author of the article notes that, the third millennium requirement in education and education in high school increases and requirement from high school, help the students to improve the memory. The memory and thinking are difficult process, which is connected with a person.

## ШИНОХТИ КӮДАКОНИ АҚИБМОНДАИ ЗЕҲНӢ

***Алиризо Балутӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

«Таҳқиқоти охир далел бар ин аст, ки донишомӯзони ақибмонда наметавонанд бисёр аз чизҳое, ки қобилияти ёдгирии онро доранд, биёмӯзанд ва ин камтавонӣ мумкин аст наёзманди таъкиди бештари мо барои кӯмакрасонӣ ба донишомӯзон аз тариқи равишҳои шинохтӣ бошад» (Рейд ва Ҳерску, 1998,Шарифӣ, 2006,).[1]

Ақибмондагони зеҳнӣ қодир ба истифода аз баҳраи ҳушӣ ва истеъдодҳои билқувваи худ ҳаммонанди кӯдакони оддӣ нестанд. Аммо ин кӯдакон дар ҳар сатҳе, ки бошанд, метавонанд аз таълиму тарбият баҳраманд шаванд. Ба таври мисол, гурӯҳҳои навзод барои маъюбони ҷисмонӣ баъди тавлид то сесолагӣ бо ширкати волидайн барои равишҳои таҳрики рушду бозӣ бо навзодон ва ҳамчунин, дарсҳои пеш аз дабистон барои кӯдакони се то шаш ва ё барои кӯдаконе, ки синни ақлии камтаре доранд ва ҳадди ақал аз 1-2 то 3-4 ҳушбанди оддӣ бархӯрдоранд, тартиб ёфтааст. Эҷоди ин гуна мадорис аввалан, боис мешавад, ки кӯдакон қабл аз расидан ба синни вуруд ба мадраса арзёбӣ ва шиносоии дақиқтаре бишаванд ва дар сонӣ, ба хонаводаҳо омӯзиш дода шавад, ки барномаҳоро тавре тартиб диҳанд, ки лоақал боиси шиддат ва пешрафти беморӣ нашаванд (кӯдакистон ва клосҳои омодагӣ), ки бештар бад-ин манзур аст.

Кӯдакони ақибмонда, ки баъзе вақтҳо дар ёдгирии як матлаб дар ибтидо мушкилоти умдае доранд, мумкин аст, он матлабро ба дафъаҳое ёд бигиранд ва битавонанд мисли ҳар каси дигар он матлабро ба ёд оваранд (Кокованд Алиризо 2006). [2]

Ҳеҷ кас наметавонад мункири ин бошад, ки омӯзиш муносибу дархӯри тавоноии муфид аст ва табъиз дар байни шогирдон ғайриодилона ва ғайриоқилона аст. Пас, талоши мадорис дар омӯзиши ин кӯдакон бояд мутаносиб бо робита бар ниёзҳову тавонмандиҳо ва аҳодифи шуғлии онон бошаду беҳтарин замонат гуморидани кори омӯзиш бо таҷриба, дилсӯзу мутахассисин дар умури тадриси ин гуна кӯдакон ва равоншиносоне аст, ки дар иртибот бо волидайн тасмимоте бигиранд, ки ба ҳоли кӯдак бештарин фоидаро дошта бошад. Омӯзишу парвариши кӯдакони ақибмондаи зеҳнӣ тағйироти сареъӣ аст ва омӯзгорону мутахассисин дар ин ришта дар ҳоли тавсия аст, ки ҳамагӣ навиди хушояндаи хубе аст (Майлонифар, 2004). [4]

Талошҳои зиёде барои таърифи ақибмондагии зеҳнӣ анҷом шудааст. Бисёре аз заминаҳои илмӣ ва касбӣ монанди пизишкӣ, равоншиносии ёрирасони иҷтимоӣ ва таълиму тарбият, ки бо кӯдакон ва бузургсолони ақибмонда сарукор доранд, ҳар кадоме аз дидгоҳи вижа ба ин масъала таваҷҷӯҳ кардаанд. Лев Конер кӯдакеро ақибмондаи зеҳнӣ талқин мекунад, ки «тавоноиҳои шинохтӣ, отифиву куниши ӯ ба қадре заиф бошад, ки дар ҳар ҷомеаи ноқис шинохта шавад. Маъмулан ин кӯдак ба ҳеҷ маҳраки омӯзиш ё дармонии шинохташудае посух намедиҳад ва ҳоло илоҷпазир нест» (Локомун, тарҷумаи Моҳир, 2001). [3]

Дар кӯшишҳое, ки ба тозагӣ барои таърифи ақибмондагии зеҳнӣ ба амал меояд, ба вижагиҳои фард камтар таваҷҷӯҳ ва таъкид шуда ва ба ҷойи он таомул байни вижагиҳои фард бо муҳит дар назар гирифта мешавад. Роиҷтарин таъриф дар хусуси ақибмондагии зеҳнӣ, таърифи анҷумани америкоӣ баррасии ақибмондагии зеҳнӣ аст, ки дар қолаби назарӣ ва амалӣ дода шудааст, ки чунин аст (Грусман, 1983):

а) Таърифи назарӣ

«Ақибмондагии зеҳнӣ амалкарди поинтар аз мутавассит дар куллияи умури зеҳнӣ аст, ки ҳамзамон бо мушкилоту костагиҳо дар рафторҳои созишӣ ошкор мешавад ва дар даврони рушди ҷисмӣ, зеҳнию равонии фард падидор мешавад (Сайф Нароқӣ ва Нодирӣ, 2003)» [6];

б) Таърифи амалӣ

«Иттилои ба даст омада бар пояи озмунҳои ҳушӣ мизон шуда, бояд аз 97 то 98 дарсади ҳамсолон поинтар бошад. Доштани мушкилот дар истиқлоли шахсӣ ва масъулияти иҷтимоие, ки аз син ва гурӯҳи фарҳангии ӯ интизор меравад. (Омӯхтани маҳоратҳои омӯзишгоҳии асосӣ, иштирок дар фаъолиятҳои гурӯҳи иҷтимоии муносиб) Бояд дар даврони кӯдакӣ қобили мушоҳида бошад, зеро мушкилоти мушобеҳ, ки дар замони бузургсолӣ падид меояд, бояд ҷузъи бемориҳои равонӣ ё осебҳои мағзӣ тақсимбандӣ шавад ва на ба унвони ақибмондагии зеҳнӣ». (Сайф Нароқӣ ва Нодирӣ, 2003). [6]

«Тафовути асосӣ байни таърифи ҷадиди анҷумани америкоӣ баррасии нуқсонҳои зеҳнӣ ва бисёре аз таърифи қаблӣ, аҳамият ба рафтори созишӣ аст, ки бо ҳуш камтар аз мутавассит мешавад». (Ҳолоҳон Дониел, Пай ва Кофман Ҷеймс М. Тарҷумаи Моҳир, 1998). [7]

Дар таҷдиди назари чаҳоруми китоби роҳнамоӣ-оморӣ ва ташхиси бемориҳои равонӣ дар соли 1994, ақибмондагии зеҳнӣ чунин таъриф шудааст:

Ақибмондагии зеҳнӣ амалкарди поинтар аз ҳадди табиии ақли куллӣ аст, ки ҳамроҳ бо маҳдудиятҳои қобили таваҷҷӯҳи дар ҳадди ақал ду замина аз рафторҳои созишӣ – монанди иртибот бо дигарон, муроқибат аз худ, маҳоратҳои иҷтимоӣ, истифода аз имконоти иҷтимоӣ, маҳоратҳои амалӣ ё касбӣ, истифода аз вақти фароғат, беҳдошту эмин бошад Робинсон, тарҷумаи Моҳир, 1991). [5]

Ҳамон гуна ки мушоҳида мешавад, таърифи охир аз таърифи Грусман тафовути чандоне надорад:

Ҳуши (ақли) поинтар аз мутавассит маъмулан бо наҳваи амалкарди озмуданӣ дар озмунҳои ҳушӣ таъйин мешавад. Кӯдакони ақибмондаи зеҳнӣ аз назари ба коргирии ҳофиза, тасаввур, табақабандии иттилоот, қувваи истидлолу қазоват, ба гунаи махсус аз ҳамсолони худ дар сатҳи поинтаре қарор доранд ва бо истифода аз озмуни Векслер, донишомӯзон бо дараҷаи ақлӣ байни 85 (як инҳирофи стандарт) ва 70 (ду инҳирофи стандарт)-ро марзӣ меноманд. Ин гуна донишомӯзон дар муқоиса бо амалкарди мутавассити ҳамсолони одии худ дар ағлаби заминаҳои ёдгирӣ, поинтар ҳастанд ва бо номи донишомӯзони деромӯз шӯҳрат доранд. Ин гурӯҳ бо барномаҳои омӯзишии муносиб метавонанд дар ҳадди тавони хеш фаъолияту пешрафт кунанд.

Кӯдакон бо рақамҳои байни ду ва се инҳирофи (майл кардан рӯ ба поин аз рақами стандарт) стандарт дар сурати нукс дар рафтор созиши ақибмондагии зеҳнӣ омӯзишпазир хонда мешаванд, аммо кӯдаконе, ки қодир ба посухгӯӣ ба бархе аз суолоти озмун ҳастанд, дар гурӯҳи тарбияпазир қарор мегиранд (дараҷаи ақлии 35-40 то 50-55). Кӯдаконеро, ки дараҷаи ақлии поёнтар аз - 4 инҳирофи стандарт (4 рақам майл кардан рӯ ба поин аз рақами стандарт) доранд ва қодир ба посухгӯӣ ба суолоти озмун нестанд, кӯдакони ҳимояпазир меноманд. Ин кӯдакон маъмулан дорои мушкилоти дигаре низ ҳастанду дар воқеъ, чанд маълулияте (айбе) ба ҳисоб меоянд ва ниёзманди ҳимояту сарпарастӣ то поёни умр мебошанд. (Баҳраи ҳушии поёнтар аз 35).

Синфҳои ақибмондаи зеҳнӣ аз назари омӯзишӣ се гурӯҳ ҳастанд:

1. Гурӯҳи омӯзишпазир: афроди ин гурӯҳ дорои дараҷаи ақлии 70-50 (гурӯҳи сатҳӣ) ҳастанд ва аз назари омӯзишӣ метавонанд пешрафте ҳосил намоянд ва аз ӯҳдаи корҳои фардии худ бармеоянд.
2. Гурӯҳи тарбияпазир: дараҷаи ақлии ин гурӯҳ байни 25 то 50 аст ва ақибмондагии онҳо мутавассит аст.

3. Гурӯҳи паноҳгоҳӣ: дараҷаи ақлии ин гурӯҳи зери 25 аст ва ақибмондагии онҳо амиқ аст. Зиндагии ин афрод гиёҳӣ аст.

Гурӯҳе аз кӯдакон ҳастанд, ки ҷузъи ҳеҷ кадом аз гурӯҳбандии боло намебошанд. Ин кӯдакон марзӣ ё деромӯз мебошанд.

Муаллими синфҳои оддии солҳои охири мактаби ибтидоӣ, асосӣ ва ё миёнаи умумӣ бо донишомӯзон дучори ақибмондагиҳои зеҳнӣ мувоҷеҳ нахоҳад буд, зеро онон дар низоми расмии омӯзиш ва парвариш маъмулан ба солҳои поёнии мактаби ибтидоӣ, асосӣ ва ё миёнаи умумӣ намерасанд. Аммо мумкин аст бо мавҷуди донишомӯзони деромӯз, ки аз ҳамсолони хеш кундтар ёд мегиранд, рӯ ба рӯ шаванд. Мушаххасоти ин навъи донишомӯзон иборат аст аз:

1. Дар дарки мафоҳим ва ёдгирии матолиб кундтар аз мутавассити синф ҳастанд.
2. Дар ташхиси равобити печида заиф ҳастанд.
3. Аз дарки мафоҳими зеҳнӣ оҷизанд.
4. Барои ёдгирии матолиби дарсӣ ба тамринҳои бештаре ниёз доранд.
5. Ҳудуди маълумоти умумии онон нисбат ба ҳамсолони худ маҳдудтар аст.
6. Хазинаи луғоти маҳдудтаре нисбат ба ҳамсолони худ доранд ва аз дастури забони содае (вижаи донишомӯзони кӯчактар) истифода мекунанд.
7. Дар хондан ва фаҳмидани китобҳои дарсӣ мушкил доранд.
8. Дар анҷоми таклифҳои дарсӣ маъмулан 2 то 3 сол аз ҳамсолони худ ақибтар ҳастанд.

Бархе аз муаллимон ин гурӯҳи донишомӯзонро бидуни тавваҷӯҳ ба маҳдуд будани тавоноиҳои зеҳнӣ таҳқир ва сарзаниш мекунанд ва пайваста ононро бо лақабҳои нохушоянде, монанди танбал, бефаҳм, кундзеҳн… меноманд, ё бо дигарон муқоиса мекунанд. Ин мавридҳо мӯҷиби шикаст, дилзадагии бештари ин гурӯҳи донишомӯзон нисбат ба таҳсил мешавад. Усулан, навмедии иллат аз шикаст дар мадраса, эътимоду итминон ба худро коҳиш медиҳад ва чунин худбоварӣ мекунад, ки «ман дар ҷое ба кор намеравам». Дар ҳоле ки муаллими огоҳу доно бояд дар бархӯрд бо чунин донишомӯзони маҳдудияти зеҳнӣ ононро ба назар бигирад ва агар ташхис медиҳад, ки ин гурӯҳ тавоноии дарки мафоҳими печидаи дарсиро надоранд. Ононро ба баҳрамандӣ аз омӯзиши касбӣ ё кишоварзӣ ташвиқ кунад, то битавонанд мутаносиб ба тавоноиҳову ниёзҳои худ шуғли хешро поярезӣ кунанд (Нодирӣ, Иззатуллоҳ, 2003). Ин афрод 13/6 % кулли ҷамъиятро ташкил медиҳанд ва дараҷаи ақлии 70 то 85 доранд. Ин гурӯҳ маъмулан дорои ҳеҷ гуна аломати ҷисмӣ ё зоҳирии мушаххас нестанд ва ба ҷуз дар соҳаҳои таҳсиливу фаъолиятҳои печидаи зеҳнӣ, ки мумкин аст бо шикаст рӯ ба рӯ шуданд, дар дигар соҳаҳои зиндагӣ метавонанд мустақил амал кунанд ва муваффақ бошанд.

Таърифи ақибмондагии зеҳнӣ ба шаклҳои мухталифе сурат гирифтааст. Дар маъруфтарин таъриф, ки тавассути анҷумани амрикоии ақибмондагии зеҳнӣ дар қолаби назариявӣ ва амалиявӣ ҷорӣ шудааст, ақибмондагӣ амалкарди поинтар аз мутаввасит дар ҳамаи соҳаҳои зеҳнист, ки ҳамзамон бо мушкилот ва костагиҳо дар рафторҳои созишӣ ошкор мешавад ва дар даврони рушди ҷисмӣ, зеҳнӣ ва равонии фард падидор мешавад. Дараҷаи ақлии поинтар аз мутавасситро бо озмунҳои ақлӣ месанҷанд. Кӯдакони ақибмонда аз назари омӯзишӣ ба 3 гурӯҳ: омӯзишпазир, тарбияпазир ва ҳимоятпазир (паноҳгоҳӣ) тақсим мешаванд. Кӯдакони деромӯз бо дараҷаи ақлии 70-85 низ гурӯҳе ҳастанд, ки бо кӯдакони оддӣ фарқияти зоҳирӣ надоранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: кӯдакони ақибмондаи зеҳнӣ, кӯдакони деромӯз, омӯзиши муносиб, таърифи ақибмондагии зеҳнӣ.

## АДАБИЁТ

1. Герҳорт Билри, Дротир Ҷеймс, Силов Кумс. (2006). Дидгоҳҳо, арзёбӣ, маводу роҳбурҳо дар омӯзишу парвариши кӯдакони ақибмонда. Тарҷумаи Шарифии Даромадӣ. Чопи аввал, интишороти Сипоҳон, Исфаҳон
2. Кокованд Алиризо. (2006) Равоншиносӣ ва омӯзиши кӯдакони истисноӣ. Чопи аввал, нашри Равон, Теҳрон.
3. Локомун Рут ва ҳамкорон (2001). Ақибмондагии зеҳнӣ, таъриф, табақабандӣ ва системаҳои ҳимоятӣ. Тарҷума: доктор Моҳир, Фарҳод вироиши нӯҳум. Интишороти Рушд, Теҳрон, Чопи аввал.
4. Майлонифар Беҳрӯз. (2004). Равоншиносии кӯдакон ва навҷавонони истисноӣ. Нашри Қумис, Исфаҳон.
5. Робенсон Нонсӣ М., Ҳолберт Б. (1991). Кӯдаки ақибмондаи зеҳнӣ. Тарҷумаи Моҳир Фарҳод. Интишороти Остон, Қудси Разавӣ. Чопи сеюм.
6. Сайф Нароқӣ, Марям ва Нодирӣ, Иззатуллоҳ (2003). Равоншиносии кӯдакони ақибмондаи зеҳнӣ ва равишҳои омӯзиши онҳо. Чопи дуюм, Интишороти Самт, Теҳрон.
7. Ҳолоҳон Дониел, Пай ва Кофман Ҷеймс М. (1998) Кӯдакони истисноӣ. Тарҷумаи доктор Моҳир, Фарҳод. Чопи дуюм, интишороти Рушд. Теҳрон.

**ИЗУЧЕНИЕ ДЕТЕЙ С ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫМ ЗАМЕДЛЕННЫМ РАЗВИТИЕМ**

По мнению автора, никто не сможет отрицать о полезности учение учащейся с интеллектуально замедленного развития. Опытный профессиональный педагоги и психологи должны тесно работать с родителями. Образовательные учреждение в обучение этих детей уделяют максимальное усилии, используя новейшие методы и технологии.

**STUDY CHILDREN OF INTELLECTUAL SLOW DEVELOPMENTS**

In the opinion of author, nobody will not be able to deny about usefulness teaching student from intellectual slow developments. The Experienced professional teachers and psychologists must closely work with parent. The educational institution in education these children spare the maximum effort, using the latest methods and technologies.

## НИЗОМИ СТАНДАРТИИ ФАРОЯНДИ ОМӮЗИШ

***Халил Шервонӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ду бардошт аз омӯзиш вуҷуд дорад. Бардошти аввалро дидгоҳи таклифӣ меноманд, ки ҳадафи он ёдгирӣ мебошад, яъне: то омӯзиш дар кор набошад, аз ёдгирӣ хабаре нахоҳад буд. Бардошти дуввумро дидгоҳи дастовардӣ номидаанд, ки тарафдорони он қоил ба вуҷуди иртиботи зарурӣ миёни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ мебошанд. Ба дигар сухан, омӯзиш танҳо замоне иттифоқ афтодааст, ки натиҷа ё дастоварде ҳосил шуда бошад, ки ҳамон ёдгирӣ аст.

Ин мабҳас нозир ба табйинҳо ё таҳлилҳои мутафовите аст, ки фалосифаи таҳлилии таълим ва тарбият аз моҳияти омӯзиш ироа кардаанд. Мурур бар мунокишаҳое, ки дар ин замина вуҷуд дорад, метавонад натоиҷи судманде барои вуруд ба баҳси «Истондорти низоми омӯзиш» ба ҳамроҳ дошта бошад(5).

Ба таври куллӣ метавон гуфт: ду талаккӣ ё бардошт аз моҳияти омӯзиш вуҷуд дорад, ки дар сояи ҳар як аз онҳо таклифи хосе дар заминаи ёдгирии донишомӯзон барои муаллим таъйин мешавад. Дидгоҳ ё бардошти нахустро дидгоҳи таклифӣ меноманд, ки тарафдорони он, зимни ин ки омӯзишро фаъолияте ҳадафманд қаламдод мекунанд, лекин найл ба ҳадафро, ки ҳамоно ёдгирӣ мебошад, дар таъйини ин ки тадрис ҳақиқатан иттифоқ афтодааст ё хайр, муассир намепиндорад. Аз ин манзур, робитае зарурӣ ва мантиқӣ миёни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ барқарор набуда ва робита аз навъи ҳастии шиносона ё вуҷудӣ (1986, fenstermacher) (1) аст. Бад-ин маъно, ки то омӯзиш дар кор набошад, аз ёдгирӣ хабаре нахоҳад буд, аммо эҳтимоми муаллим ба анҷоми таколифи мавзӯи омӯзиш шарти лозим ва кофӣ барои таҳаққуқи ёдгирӣ нест. Робитае миёни ёддиҳии ёдгирӣ дар мақоми тамсил аз ҷинси робитае миёни мусобиқа додан ва бурранда шудан аст, ҳамчунон ки ширкат дар мусобиқа барои баранда шудан лозим аст, аммо кофӣ нест. Омӯзиш низ барои ёдгирӣ лозим аст, аммо кофӣ намебошад. Дидгоҳ ё бардошти дуввумро дидгоҳи дастовардӣ номидаанд, ки тарафдорони он қоил ба вуҷуди робитае зарурӣ миёни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ мебошанд. Ба дигар сухан, омӯзиш танҳо замоне иттифоқ афтодааст, ки натиҷа ё дастоварде ҳосил шуда бошад, ки ҳамон ёдгирӣ аст. Аз ин манзар, тамсили муносиб барои табйини нисбат миёни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ, мусобиқа додан ва баранда шудан нест, балки харид ва фурӯш аст.

**Истондорт ё меъёр:** Оё нафъйи низоми истондорти омӯзиш ба маънои роиҷ ва ғолиби он, ки ҳамон маъноӣ санъатӣ ва тикнулужӣ аст, ба маъноӣ нафъй ва инкори ҳар навъи низоми истондорт ё вазъи завобит ва интизорот аст?

Дар посух ба ин суол бояд мутазаккир шуд, ки низоми истондорти омӯзиш набояд мунҳасиран ба маъноӣ ташвиқи сомон додан ба ҷараёни тадрис бар асоси он чи дар фароянди тавлиди санъатӣ иттифоқ меафтад, дониста шавад. Метавон маъноӣ оммӣ мафҳуми истондортро, ки ҳамон баёни мавзеъ мебошад, дар назар гирифт ва ҳар гуна меъёр ва зобитаеро, ки, масалан, метавонад ба фароянди ёддиҳӣ- ёдгирӣ интизом бахшад, аз навъи истондорт донист. Тафовут дар нигоҳи санъатӣ ба мафҳуми истондортсозӣ бо нигоҳи ом ва ғайрисанъатӣ аз ин ношӣ мешавад, ки дар нигоҳи нахуст истондорт шакли айнӣ, каммиятпазир ва комилан таҷвизӣ пайдо мекунад, ки пойбандӣ ё адами пойбандӣ ба онҳо қобили мушоҳида ва андозагирӣ аст. Лекин, дар нигоҳи дуввум, истондорт шакли куллӣ ва кайфӣ дошта ва зимни ин ки хислати комилан таҷвизӣ пайдо намекунад, ташхиси мизони пойбандӣ ба онҳо низ ниёзманди идроки ҳушмандонаи мавқеият ва қазовати кайфӣ ва на андозагирии камӣ мебошад. Тамоизи миёни ин ду маъноӣ истондорт аз назари нигоранда бисёр таъйинкунанда аст.

Дюи, файласуфи таълим ва тарбият, тарҷеҳ медиҳад, ки аз маъноӣ дуввум бо лафзи меъёр ном бубарад ва онро ба унвони ҷойгузин ё бадили истондорт ба маъноӣ нахуст муаррифӣ кунад(2).

Аз назари вай, ҳангоме ки бо падидаҳои печида сару кор дорем, бояд бипазирем, ки метавон мабнои амал ва ҳамчунин қазоват ва арзёбиро меъёр қарор дод ва набояд интизор дошт, ки ҳама кайфиятҳоро битавон бо миқёсҳои айнӣ ва камӣ андозагирӣ кард. Бинобар ин, ба заъми Дюи, ҳар куҷо истондорти таърифшудае вуҷуд надорад, илзоман бо меъёр мувоҷеҳ нестем ва ҳар куҷо, ки андозагирии камӣ муяссар нест, илзоман қазоват ва арзёбӣ мантиқӣ нест.

**Модели севаҷҳӣ роҳбурде барои тарбияти муаллимони муваффақ ва асарбахш:** Ин модел дарбардорандаи посухи сареҳ ва равшан ба ин суол аст, ки роҳбурди қобили дифоъ барои тарбияти ҳирфае муаллимон чист? Кадом қобилиятҳои ҳирфаӣ бояд аз тариқи барномаҳои тарбиятии муаллим ва омӯзишҳои зимни хидмат мавриди таъкид қарор гирад? Муаллими матлуб ва коромад дорои чӣ вижагиҳое аст? Оё рафтори вокуниши ҳирфаии ин муаллимро метавон бо истифода аз истондортҳо ба маънои роиҷи санъатии он қолибрезӣ кард?

Рукни аввал: муаллими муваффақ ва асарбахш бахше аз вазоифи ҳирфаии худ ё аҳдофи ёдгириро дар чорчӯби фунун ва техникҳои баргирифта аз мутолиоти илмӣ, ки айнан қобил ба кор бастан дар клоси дарс ҳастанд, сомон медиҳад.

Ин рукн ҳикоят аз он дорад, ки дар мафҳумпардозии мавриди назари нигоранда аз қобилиятҳои ҳирфаии муаллимони асарбахш, истифода аз қавоиди тасбиятшудаи илмии дорои ҷойгоҳи хоси худ аст ва натоиҷи мутолиот ва пажӯҳишҳои илмии низоми омӯзиш, ки филмасал мунҷар ба кашфи робитаи иллат ва маълулӣ миёни куниши муаллим ва вокуниши донишомӯз шудааст, бояд дар ҷойи худ мавриди истифода қарор гирад. Масалан, чунончи натоиҷи мутолиот, бартарии техникҳо ё равишҳои хосе дар ҷалби таваҷҷӯҳи донишомӯзон ба мавзӯи дарсро ба исбот расонидааст, метавон ба унвони бахше аз андӯхтаҳои ҳирфаии муаллимон дар клоси дарс ба кор баста шавад. Ҳамчунин, дар ибъоде монанди анвои таколифи ёдгирӣ ва мизони онҳо ва навъи бозхӯрди муаллим ба пурсишҳои донишомӯзон ва ғайра аз техникҳои бартар метавон суд ҷуст.

Рукни дуввум: муаллими муваффақ ва асарбахш бахше аз вазоифи ҳирфаии худ ё аҳдофи ёдгириро бо тамассук ба қудрати таъбир, тафсир ва аҳёнан татбиқи техникҳои баргирифта аз мутолиоти илмӣ сомон медиҳад.

Муаллими асарбахш дар чорчӯби иқтизооти ин рукн бояд битавонад ёфтаҳои мутолиоти илмиро ҳушмандона ва огоҳона бо шароит ва вижагиҳои хоси клоси дарси худ мунтабиқ созад. Ин рукн реша дар ҳукми факурона ва дақиқе дорад, ки Вилём Ҷеймз дар ин замина содир кардааст. Вай мегӯяд: «Ҳар он кас, ки тасаввур мекунад равоншиносӣ ба унвони илми қавонини зеҳн чизе аст, ки метавон аз он барномаҳо, тарҳҳо ва равишҳои омӯзиши хос барои бакоргирӣ дар мавқеиятҳои айнии клоси дарс истинтоҷ кард, на танҳо дар иштибоҳ аст, балки муртакиби иштибоҳи бисёр бузурге шудааст».(6)

Бар ин асос, омӯзиш ниёзманди омезае аз ақлонияти илмӣ ва ҳунарии шинохташуда аст. Дараҷае аз ҳушмандӣ, ҳунармандӣ ва халлоқият бояд бо дониш ва огоҳӣ нисбат ба дастовардҳои илмии ҳавзаи тадрис таркиб шавад ва бар пояи он барои мавқеиятҳои хосси ёддиҳӣ- ёдгирӣ таъйин таклиф намуд.

Рукни саввум: муаллими муваффақ ва асарбахш дар ҷараёни анҷоми таколифи ҳирфаӣ ё таъқиби аҳдофи ёдгирӣ ногузир аз мушорикати фаъол дар халқ ва тавлиди дониши ҳирфаӣ аст. Амали ӯ дар маворид ва мавоқеъе, ки ба ташхиси ӯ ниёзманд ба коргирии равиш ва рӯйкарди тозае аст, мунҷар ба ҳалли масъала ё халқи дониши ҳирфаии мубтанӣ бар амал ё таҷзия мешавад.

Ин рукн низ баргирифта аз андешаҳои Лев Толстой, мураббии шаҳири русӣ аст, ки мегӯяд: «Беҳтарин муаллим касе аст, ки дорои қобилияти халқи равишҳои тоза аст… ва беҳтарин равишҳо равишҳои хосе нест, балки як ҳунар аст. Ҳар муаллиме бояд талош кунад дар худ қобилияти кашфи равишҳои ҷадидро бипарваронад».(3)

Дар чорчӯби ин рукн ҷудоии комил миёни арсаи тавлиди дониш ва корбурди дониш (вижагии рукни аввал), ки ба ҷудоии камрангтар миёни ин ду арса дар рукни дуввум бадал шуд, ба таври комил аз миён меравад ва арсаи корбурд (омӯзиш) бар арсаи тавлид мунтабиқ мешавад. Ангораи омӯзиш ба унвони як ҳунар ё омӯзиш ба унвони як фароянди илмӣ(7) ҳокимият ёфт ва муаллим ба таносуби дарки худ аз ихтисосоти мавқеият ба халқи шеваҳо ва равишҳои нав барои ҳалли масъала мепардозад. Он чи дар манобеи тахассусӣ аз он ба унвони коргузори факур ё муаллими пажӯҳанда ном бурда мешавад, низ бо тақозои рукни саввуми ин модел ҳамоҳангӣ дорад.

Ба дунболи муаррифии иҷмолии модел ва вуҷӯҳ ё аркони сегонаи он дар мақоми ҷамъбандӣ метавон чунин изҳор дошт, ки мунoқишаи аслии миёни тарафдорони низоми истондорти омӯзиш (ба маънои санъатӣ) ва касоне, ки ин ҷиҳатгириро мухотираомез арзёбӣ мекунанд, аз он ҷо оғоз мешавад, ки тарафдорони истондортсозӣ рукни аввал аз маҷмӯаи 3 рукнро кофӣ ва вофӣ арзёбӣ мекунанд. Яъне: мӯътақиданд, ки маҷмӯаи техникҳо, равишҳо, роҳкорҳои

баромада аз пажӯҳишҳои илмӣ метавонад манбаи мунҳасир ба фард дар тарбияти муаллим ё таърифи қобилиятҳои ҳирфаии муаллимон ба ҳисоб ояд.

Мунокиша, ба забони дигар, миёни оро ва андешаҳои Ҷеймз (намояндаи рукни дуввум) ва Толстой (намояндаи рукни саввум) аз як сӯ ва Сурндойк (намояндаи рукни аввал) аз сӯйи дигар аст. Ба нақли қавли зер аз Сурндойк, ки метавон ӯро падари равоншиносии тарбиятӣ ва пештози наҳзати илмӣ кардани таълим ва тарбият (ё истондортӣ сохтани он) донист, таваҷҷӯҳ намоед: «… дар сояи пешрафт ва такомули илми равоншиносӣ ба мартабае даст хоҳем ёфт, ки метавонем дуруст, ҳамон гуна ки имрӯз падидаҳое монанди нур ва ҳароратро мусаххари худ сохтаем, рӯҳи инсонҳоро ба тасхири хеш дароварем».(4)

Модели севаҷҳии пешниҳодшуда дар мақоми ироа табйине воқеъгароёна, мутаодил ва касратгарост, ки чунончи дар таърифи қобилиятҳои ҳирфаии муаллимон ва тарбияти муаллим ба унвони мабно ва роҳнамо мавриди истифода қарор гирад, ҳаз ва баҳрае аз ҳақиқатро, ки дар ҳар як аз назарияҳои Сурндойк, Ҷеймз ва Толстой вуҷуд дорад, дар худ ҷамъ хоҳад кард.

**КАЛИДВОЖАҲО:** истондорт, омӯзиш, кайфият, дидгоҳи дастовардӣ, фароянд, меъёр, ёддиҳӣ, ёдгирӣ, фароянди омӯзиш.

### АДАБИЁТ


1. Мехрмуҳаммадӣ Маҳмуд. Моҳияти тадрис ва робитаи он бо ёдгирӣ:- Теҳрон: интишороти «Мадраса».
2. Dewey J.(1936). Art as Experience. New York; Minton, Balch.
3. Doll Jr.W.F.(1987). Curriculum Beyond. Paper present. At Bergamo curriculuv conference. Ohio, USA.
4. Thorndike E.L. (1910).The Contribution of Psychology to Education. Journal of Educational Psychology.
5. Fenstermacher G.D. (1986). «Philosophy of Research Teaching Three Aspects Handbook of Research on Teaching» 3rd edition.
6. James J.A. (1899). Talks to teachers on psychology and to students on some life's ideals.
7. Zahoric J.A. (1987). Teaching: rules, research, beau ty and action journal of curriculum and supervision.


### СИСТЕМА СТАНДАРТИЗАЦИИ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ

Автор статьи отмечает, что существует два понятия обучения. Первое понятие зависит от желания обучающего и его целью является изучение, то есть, все зависит от самого обучающегося. Второе понятие называют достижением, сторонники которого ратуют и за обучение и за изучение.

### SYSTEM TO STANDARDIZATIONS OF THE PROCESS OF EDUCATION

The author of the article notes that there are two notions. The first notion name the desirable glance, which purpose is a study that is to say, not desire to study, signify to remember it will difficult. The second name the achievement, for which cost the belief and existing relationship between teaching and study.

## НАЗАРИЯИ ЁДГИРИИ МАЪНОДОР ВА КОРБУРДИ ОН ДАР ТАДРИС

***Заҳро Замонӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар назарияи ёдгирии маънодор чун назарияҳои биншӣ ва иктишофӣ, сохти шинохтии фарди ёдгиранда асос ва пояи ёдгирӣ аст. Манзури асосии Озубел аз ёдгирии маънодор ин аст, ки барои ҳар муҳаррики хориҷӣ ба унвони мавзӯи ёдгирӣ, як муодили зеҳнӣ дар сохти шинохтии мавҷуда, фарди ёдгиранда ба вуҷуд меояд ва муҳаррики хориҷӣ ба он мафҳуми маънодор медиҳад. Ҳар чи матлаби мавриди ёдгирии ҷадид қобилияти тамоизи бештаре нисбат ба иттилооти қаблӣ ва мавҷуд дар он замина дошта бошад, беҳтар ёд гирифта мешавад ва суботу пойдории нигаҳдории зеҳнии он бештар хоҳад буд. Агар матлаби мавриди ёдгирӣ фақат аз роҳи такрору тамрин ва ба сурати сарсарӣ ё тӯтивор ҳифз шавад ва иртиботе бо ёдгирифтаҳои қаблии ёдгиранда пайдо накунад, ёдгирӣ воқеӣ ва маънодор нахоҳад буд. Агар кӯшиши ёдгиранда дар ин ҷиҳат бошад, ки матлаби мавриди ёдгириро аз тариқи муртабит кардан бо ёдгирифтаҳои қаблии худ дар ҳамон мавзӯъ дар зеҳн нигаҳдорӣ кунад ва саъй кунад, аз тариқи талфиқи матлаби ҷадид бо омӯхтаҳои пешин матлабро зеҳнӣ кунад, ёдгирии маънодор рух медиҳад. Ин муодили зеҳнии маънодор фақат дар сурате шакл хоҳад гирифт, ки ҷараёни ёдгирӣ маънодор бошад ва на тӯтивор.

Бар асоси ин назария тағйироти ношӣ аз ёдгирӣ мустақиман бар сохти шинохтии зеҳн асар мегузорад. Манзур аз сохти шинохтӣ маҷмӯае аз иттилоот, мафоҳим, усулу қавонини созмонёфта ва донишҳои куллӣ ва таъмимҳои омӯхташудаи қаблӣ аст, ки дар зеҳн ҷойгузин шуда ва шакл гирифтааст. Озубел мӯътақид аст, ки сохти шинохтии ҳар фард ба сурати ҳерамии фарзӣ аст, ки мафоҳим ва масоили бисёр куллии марбут ба ҳар мавзӯъ дар раъси он куллияи иттилоот ва

донишҳои ҷузъии марбут ба он дар қоидаи ҳерам қарор доранд ва дар васати ҳерам мафоҳим ва иттилооте на хеле куллӣ ва на хеле ҷузъӣ қарор мегирад. Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ дар шакли ин ҳурм ин аст, ки ҳар матлаб дар ҳар сатҳ аз матлаб ва сатҳи пойинтар аз худ куллитар, интизоитар ва созмонёфтатар аст. Ҳар чи ёдгириҳо дар як мавзӯъ ё заминаи хос густардатар бошад, ҳосили он мунсаҷимтар ва созмонёфтатар мешавад ва ҳерами сохти шинохтии марбут ба он мавзӯъ шакилтар хоҳад шуд. Манзури асосии Озубел аз ёдгирии маънодор ин аст, ки барои ҳар муҳаррики хориҷӣ, ба унвони мавзӯи ёдгирӣ як муодили зеҳнӣ дар сохти шинохти мавҷуди фарди ёдгиранда ба вуҷуд ояд ва муҳаррики хориҷӣ ба он мафҳуме маънодор бидиҳад.

Озубел ҳамчунин мӯътақид аст, ки ин муодили зеҳнии маънодор фақат дар сурате шакл хоҳад гирифт, ки ҷараёни ёдгирӣ маънодор бошад ва на тӯтивор. Ба иборати дигар, ҷараёни ёдгирӣ бояд ба гунае бошад, ки матлаби ҷадиди мавриди ёдгирӣ ба навъеву наҳве бо омӯхтаҳои қаблӣ муртабит шавад. Озубел таъкид мекунад, ки агар матолиби мавриди ёдгирӣ фақат аз роҳи такрору тамрин ва ба сурати сарсарӣ ва тӯтивор ҳифз шавад ва иртиботе бо ёдгирифтаҳои қаблии ёдгиранда пайдо накунад, ёдгирӣ воқеӣ ва маънодор нахоҳад буд.

Озубел ва Робинсон дар соли 1969 ба таври муфассал дар мавриди абъоди ёдгирии маънодор баҳс кардаанд. Ҳербот Клосмойр ва Ричорд Рипел дар китоби «Ёдгирӣ ва қобилиятҳои инсонӣ» асоси ин назария дар мавриди ёдгириро ба шарҳи зер хулосабандӣ ва ташреҳ кардаанд:

Дар ин назария ду ваҷҳ аз фароянди ёдгирӣ аҳамияти асосӣ дорад: Як ваҷҳ ба ду тариқе, ки дониш ё мавзӯи мавриди ёдгирӣ дар дастраси ёдгиранда қарор мегирад ва матлабе, ки аз он ду тариқ ёд гирифта мешавад, бастагӣ дорад. Ин ду тариқ иборатанд аз: ёдгирии пазиришӣ ва ёдгирии кашфӣ. Ваҷҳи дуввум ба ду тариқ вобаста кардани иттилооти ҷадид ба сохти шинохтии мавҷуд дар зеҳн ба василаи ёдгиранда марбут мешавад. Ин ду тариқ низ иборатанд аз: равиши маънодор ва равиши сарсарӣ ва тӯтивор. Дар ин теурӣ (назария) фарз бар ин аст, ки ин ду ваҷҳ комилан мустақил ҳастанд ва ба ин тартиб, чаҳор навъи аслӣ аз ёдгирӣ қобили тасаввур аст:

1) пазириши маънодор;
2) пазириши тӯтивор;
3) кашфи маънодор;
4) кашфи сарсарӣ ва тӯтивор.

Дар ёдгирии пазиришӣ кулли матлаб ва мӯҳтавои мавриди омӯзиш ба сурати форми ниҳоии мавриди ёдгирӣ ба шакли матни мавриди ёдгирӣ арза ва ироа мешавад ва ёдгиранда матлабро, ҳамчунон ки ироа шудааст, мепазирад ва ёд мегирад. Барои мисол, он чи дар мавриди чаҳор навъи ёдгирӣ бар асоси назари Озубел ва Робинсон гуфта шуд, мисдоқи ин навъ ёдгирӣ аст. Дар ёдгирии кашфӣ на ҳама он чи бояд ёд гирифта шавад, балки қисмате аз он ба сурати матни мавриди ёдгирӣ арза ва ироа мешавад ва бахш ё қисматҳои дигаре аз онро ёдгиранда бояд мавриди шиносоӣ ва кашф қарор диҳад. Ба иборати дигар, ёдгиранда бояд қисмате аз дониш ва иттилоотро худ ба таври мустақим ба даст оварад. Сипас, ин дониш ва иттилоот бояд ба наҳве бо донишҳои қаблии ёдгиранда дар мавзӯи мавриди ёдгирӣ муртабит ва талфиқ шавад ва аз тариқи интиқол ва ё созмонбандии нав сохти зеҳнии ҷадидеро ба вуҷуд оварад.

Пазириш ва ё кашф марбут ба марҳалаи аввали ёдгирӣ ва як ваҷҳ аз он аст (ваҷҳе, ки дониши мавриди ёдгирӣ дар ихтиёри ёдгиранда қарор мегирад). Дар марҳалаи дуввум, ёдгиранда рӯи дониши пазируфташуда ва ё кашфшуда ба навъе амал мекунад, ки битавонад баъдҳо он матлабро ба наҳве ба хотир оварад. Агар кӯшиши ёдгиранда дар ин ҷиҳат бошад, ки матлаби мавриди ёдгириро аз тариқи муртабит кардан бо ёдгирифтаҳои қаблии худ дар ҳамон мавзӯъ дар зеҳн нигаҳдорӣ кунад ва саъй кунад, аз тариқи талфиқи матлаби ҷадид бо омӯхтаҳои пешин матлабро зеҳнӣ кунад, ёдгирии маънодор рух медиҳад. Аммо агар кӯшиши ёдгиранда фақат дар ҷиҳати ҳифзи сарсарӣ ва тӯтивори матлаби ҷадид мавриди ёдгирӣ бошад, ёдгирии тӯтивор рух хоҳад дод. Барои мисол, ҳифзи матолиби гуфташуда дар ҳамин яке ду поругроф дар мавриди анвои ёдгирӣ ва чигунагии шаклгирии он дар зеҳн омадааст, иртиботе барқарор кунад, аз талфиқи куллияи омӯхтаҳо дар ин замина дарки воқеӣ аз анвои ёдгирии маънодор рух хоҳад дод.

**Ёдгирии пазириши маънодор:** Дар ин равиш маводи омӯзишӣ ва мавриди ёдгирӣ ба сурати созмонёфта ва мантиқӣ ва ба шакли қобили қабули ниҳоӣ ба ёдгиранда арза мешавад ва ёдгиранда он матлабро бе каму кост мепазирад ва бо омӯхтаҳои қаблии худ дар ҳамон замина ба таври маънодор талфиқ мекунад ва сохти шинохтии ҷадиде ба даст меоварад.

**Ёдгирии пазириши тӯтивор:** Дар ин равиш матлаби омӯхтанӣ ба сурати мантиқӣ ва созмонёфта ва ба шаклу форми ниҳоӣ ба ёдгиранда арза мешавад ва ёдгиранда фақат ба сурати пазириш матлабро ҳифз мекунад ва ҳеҷ кӯшише дар ҷиҳати муртабит кардани он бо омӯхтаҳои қаблии худ ба амал намеоварад.

**Ёдгирии кашфии маънодор:** Дар ин равиш ёдгиранда худ саъй дар кашфи матлаб дорад ва ё кӯшиш мекунад ба роҳҳои ҷадиде аз ҳалли масъала ва мушкил ва ёд гирифтани мавзӯъ ноил ояд ва дар айни ҳол кӯшиш мекунад роҳи ҳалҳову натоиҷи ёфтаҳоро ба навъе бо ёдгирифтаҳои қаблии худ иртибот диҳад ва онҳоро бо сохти шинохтии қаблиаш дар мавзӯи ёдгирӣ талфиқ кунад.

**Ёдгирии кашфии сарсарӣ ва тӯтивор:** Дар ин равиш ёдгиранда ба таври мустақил роҳи ҳалро кашф мекунад, вале дар ҷиҳати барқарории иртиботӣ ёфта ва натиҷа бо сохти шинохтии қаблӣ ҳеҷ кӯшише намешавад ва матлаби ёдгирифташуда фақат дар ҳофиза нигаҳдорӣ мешавад.

Таъкиди назарияи ёдгирии маънодор бар равиши ёдгирии пазиришии маънодор аст, ки ба назари Озубел дар сатҳи омӯзишҳои расмӣ ва мадрасаӣ корбурди мустақим ва муассир дорад.

**Корбурди назарияи ёдгирии маънодор дар омӯзиш ва тадрис.** Усули назарияи ёдгирии маънодор дар омӯзиш ва тадрис корбурди мустақим ва муфид дорад. Аз он ҷо, ки дар ин навъи ёдгирӣ асли эҷод иртиботи маънодор миёни матлаби ҷадиди мавриди ёдгирӣ ва сохти шинохтии мавҷуд дар зеҳни фарди ёдгиранда аст, муҳимтарин омили муассир дар ёдгирии ҷадид ҳамон сохтори ёдгирифташудаи қаблӣ аст. (Авомиле, ки сааби беҳбуди сохти шинохтӣ ва дар натиҷа, афзоиши кайфияти ёдгирӣ ва ёддорӣ мешавад, иборат аст аз созмон, субот ва равшании дониши ёдгиранда дар як заминаи муайяне дар лаҳзаи ёдгирӣ). Бинобар ин, ҳангоми тадрис агар ба ин вижагиҳои сегона таваҷҷӯҳи кофӣ шавад, кӯмаки бузурге ба тасҳили (осон намудани) амри ёдгирӣ хоҳад буд. Ба назари Озубел яке аз тадобири муҳим дар ҷиҳати таъмини вижагиҳои сегонаи созмон, субот ва равшании матлаби мавриди ёдгирӣ, истифодаи аз пеш созмондиҳандаҳои муносиб ва шоиста аст.

Бинобар назарияи ёдгирии маънодор, мӯҳтавои дарсӣ бояд ибтидо ба гунае куллӣ ва интизоӣ мафоҳим ва матолиби мавриди омӯзишро ироа кунад ва пас аз тарҳи куллиёт ва усули ҷомеъ ва интизоӣ ба тадриҷ ба тарҳ ва ироаи матолиби ҷузъӣ, вобаста ва фаръӣ бипардозад. Ба иборати дигар, Озубел мӯътақид аст, ки сохти шинохтӣ дар ҳар мавзӯи мавриди ёдгирӣ бояд аз раъси ҳурм шурӯъ шавад. Дар ироаи тарҳҳои куллӣ ва масоили асосии марбут ба мавзӯи мавриди ёдгирӣ, созмондиҳандаҳо нақше асосӣ ва калидӣ доранд ва бояд маҷмӯае аз мафоҳими бисёр ҷомеъ ва куллии марбут ба мавзӯъро пеши рӯи ёдгиранда қарор диҳанд. Ба иборати дигар, пеши созмондиҳандаҳо чорчӯби фикрӣ барои истиқрори иттилооти баъдӣ ва дониши нав дар заминаи мавриди ёдгириро фароҳам мекунанд. Ҳар андоза муаллим бештар ва беҳтар битавонад василаи иртиботи дониши нав бо матолиби омӯхташудаи қаблиро фароҳам кунад ва ё, он ки робитаи байни матолиби қаблӣ ва ҷадидро равшан ва сареҳ созад, қобилияти ёдгириро бештар ва беҳтар афзоиш хоҳад дод.

Ба ин тартиб, аввалан, эҷоди омодагӣ барои ёдгирии дониши нав бисёр муҳим аст ва сонияи, ироаи матолиби куллӣ ва ҷомеъ ва интизоӣ дар ибтидои омӯзиш ва баъд вуруд ба матолиби ҷузъитар ва камтари интизоӣ ва дар интиҳо, ироаи масоил ва мавориди бисёр ҷузъӣ ва махсус беҳтарин равишест, ки муаллим метавонад бар асоси ин назария дар пеш гирад ва тадриси худро бар асоси чунин улгуе тарроҳӣ кунад.

Озубел дар мавриди эҷоди омодагӣ барои нақши ангезаҳои дарунӣ нисбат ба ангезаҳои берунӣ аҳамияти бисёр бештаре қоил аст. (Дар назарияи Озубел муҳимтарин омили ангезишии муассир бар ёдгирии маънодор соиқшинохтӣ аст, ки як ангезаи дарунӣ аст, ки аз кунҷковиҳо ва алоқаҳои ёдгиранда нисбат ба кашф, дасткорӣ, дарку фаҳм ва бархӯрд бо муҳит сарчашма мегирад).

Бар назари Озубел, аҳамияти бештари ангезаҳои дарунӣ нисбат ба ангезаҳои берунӣ аз он ҷиҳат аст, ки таъмин ва ирзои ангезаҳои дарунӣ ризояти хотирро ба вуҷуд меоварад, ки худ барои ёдгириҳои баъдӣ эҷоди ангеза мекунад. Ба ҳамин сабаб, Озубел ба муаллимон тавсия мекунад, таколиферо барои донишомӯзон таъйин кунанд, ки анҷом додани онҳо бо дарду ранҷи нокомӣ ва шикаст мувоҷеҳ накунад, балки ба далели эҷоди эҳсоси ризоият ва хушнудӣ ва асари муваффақият дар анҷом додани он таколиф, ангезиш ва алоқа барои анҷом додани таколифи баъдӣ ва ёдгирии бештар дар он заминаро ба вуҷуд оварад. (Таваҷҷӯҳ ба ин нукта, ҷоизи аҳамият аст, ки фароҳам овардани шароити имтиҳонии бисёр мушкили имрӯзӣ дар сатҳи мадорис барои гузиниш ва интихоби истилоҳ беҳтаринҳо то ҷӣ андоза аз назари куллӣ барои омӯзиш мухарриб хоҳад буд).

Нуқтаи охири қобили зикр дар заминаи корбурди назарияи ёдгирии маънодор дар омӯзиш ва тадрис, ба нақл аз Клосмойр ва Рипел ин аст, ки ин назария дар мавориди омӯзиши марбут ба кӯдакон, пояҳои ибтидоӣ, ба вижа онҳое, ки ҳанӯз дар хондани матолиб маҳорати кофӣ ба даст наёвардаанд, корбурди чандоне надорад. Ба илова, ин теурӣ дар мавриди ёдгирии маҳоратҳои равон- ҳаракатӣ ва низ ёдгирӣ дар ҳитаи отифӣ матолиби чандоне ироа накардааст. Клосмойр ва Рипел мӯътақиданд, ки назарияи ёдгирии маънодор бештар дар мавриди донишомӯзони мусинтаре ба хубӣ корбурд дорад, ки аввалан, битавонанд матолиби навиштании дар ҳар мавзӯи мавриди

ёдгириро хуб бихонанд ва бифаҳманд ва сониян, мафоҳими бисёр асосӣ ва марбут ба он мавзӯъро қаблан ёд гирифта бошанд ва ё дастикам тавоноии дарки мафоҳими бисёр асосӣ ва интизоии марбут ба мавзӯъ аз тариқи ҷазби пешсозмондиҳандаҳои муносибро дошта бошанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ёдгирии маънодор, назарияи ёдгирии маънодор, пазириши маънидор, кашфи маънодор, ёдгирӣ.

## АДАБИЁТ

1. Эрнест Ҳелигорд ва Гурдун Бовер. Назарияҳои ёдгирӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Тақии Бароҳанӣ, 1988 (1367). Маркази нашри донишгоҳӣ.
2. Раисдоно Фаррухлико. Теуриҳои ёдгирӣ ва корбурди он дар текнулужии тадрис. Маҷаллаи Рушди текнулужии омӯзишӣ, шумораи 9, 1994 (1373), саҳ. 19-22.
3. Сайф Алиакбар. Равоншиносии пажӯҳишӣ. Теҳрон, интишороти «Огоҳ», чопи ҳаштум, 1993 (1372), саҳ. 280-284.
4. Herbart Klausmeier and Richard Rippje. Learning and Human Abilities. Educational Psychology. Third edition, p. 57-64.

### ТЕОРИЯ СОЗНАТЕЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ И ЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ В ОБУЧЕНИИ

Статья посвящена изучению теории сознательного обучения и даны ценной рекомендации по ее примененнию в обучении.

### THE THEORY OF CONSCIOUS TRAINING AND ITS APPLICATION IN TRAINING

Article is devoted studying of the theory of conscious training and are made the valuable recommendation about it using in training.

# АДАМИ ТАВАҶҶӮҲ БА АВҚОТИ ФАРОҒАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР СИҲАТИИ СОХТОРИ БАДАНИИ АФРОДИ НОБИНО

***Заҳро Шоҳӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Наҳвагузарони авқоти фароғат дар зиндагии иҷтимоии нобиноён мақулаест, ки боистӣ ба тафаҳҳус ва баррасии ҳавли он иқдом гардад. Дастрасии инсон ба фановариҳои ҷадид ва ёфтани роҳи корҳои содатар боис гардида, то авқоти бекорӣ дар ҳафта тақрибан то ду баробар афзоиш пайдо кунад. Таҳқиқоти мутааддид нишон додааст, ки нобасомониву саргардонии инсон дар авқоти бекорӣ, бивижа дар муҳите, ки оганда аз авомили танишовар аст, зиндагиро бо бӯҳронҳои мухталиф рӯ ба рӯ месозад. Дар ҳоле, ки пардохтан ба тафриҳоти солим дар замони авқоти фароғат асароти мусбати фаровон дорад.

Адами фаъолияти ҷисмонӣ дар даврони кӯдакӣ ва навҷавонӣ аз умдаи алале аст, ки заминаи бурузи санъафҳои бадании нобиноёнро фароҳам меоваранд. Санъаф дар рушди андомҳо боиси ихтилолоте дар шакл ва амалкарди онҳо гаштаву шахс ҳолати нигаҳдории бадани худро аз даст медиҳад ва ин санъафҳо ба худии худ боиси санъафҳои оргонҳои дигар, монанди дастгоҳи гардиши хуну танафусу ғайраҳо мегардад. Таҳқиқот замимаи баёнгари он аст, ки беш аз ниме аз афроди нобино дучори анвои ноҳинҷориҳои ҷисмонӣ мебошанд. Ин ноҳинҷориҳо умдатан дар миёни афроди нобино, дар асари авомиле назири фақри ҳаракатӣ, одоти носаҳеҳ роҳ рафтан, истодан, нишастан, хобидан, мутолиа кардан ва адами ошноӣ бо вазъияти саҳеҳи нигоҳдории бадан ва иҷрои ҳаракоти номавзун дар зиндагии рӯзмарра ба вуҷуд меоянд.

Муҳаққиқ дар ин таҳқиқ дар назар дорад, таҳти назароти пизишк мизони дақиқе аз инҳирофот-афроди нобиноро ироа додаву таъсири тамриноти ислоҳӣ бар беҳбуди вазъият қомати эшонро таъин намояд, то битавон бо ироаи пешниҳодоти ислоҳӣ-ҳаракатӣ иқдомот ва гомҳои муассаре бардорад. Ҳамчунон, бо омӯзиши авлиё битавон дар ҷиҳати пешгириву ислоҳи ин гуна ноҳинҷориҳо дар миёни кӯдакони нобиноён корҳои асосие анҷом дода, нерӯҳои ояндаи ин ҷомеаро нисбат ба доштани як вазъияти хуби баданӣ омодаву ҳидоят намуд. Ҳадафи куллӣ аз ин таҳқиқ шиносоӣ ва ироаи тамриноти ислоҳии муносиби ҷиҳати афроди нобино (писар)-ро шомил мешавад.

Ҳадафи корбурди ин таҳқиқ ироаи равишҳои усулӣ барои тақвияти бофтаҳои дастандаркори нигаҳдории бадан мебошад. Назар ба ин ки афроди нобино сармояҳои ин кишвар ҳастанд ва ҳар гуна ноҳинҷориҳои ҷисмӣ ва ё заъфӣ дар андоми онон, асароти сӯъ дар вазъи ҷисмонӣ, равонӣ ва рафтори онон бар ҷойе хоҳад гузошт. Ҳамчунин, ҳазинаҳои бисёреро бар хонаводаи эшон таҳмил хоҳад кард ва органҳоеро, ки дар амри хадамоти дармонӣ барои эшон машғул ба хидмат мебошад, маҷбур ба қабули ҳазинаҳои газофӣ хоҳад кард. Муҳаққиқро бар он

дошт, то тайи тарҳи таҳқиқе нисбат ба иттилоъ ва пешгириву ироаи тамриноти ислоҳи ҷиҳати рафъи ноҳинҷориҳои бавуҷудомада иқдом намояд. Тамриноти ислоҳӣ аз пешрафти ориза, хам шудани сар ба ҷилав, инҳирофи тарфии сар, афтодагии тарфии шонаҳо, инҳирофи ҷониби сутуни фуқарот, афзоиши қавси камарӣ, кӯзапуштӣ, коҳиши қавси камар-пойи пронтезӣ-пойӣ, зидди бадрӣ, кафи пойи соф дар миёни афроди нобино ҷилавгирӣ мекунад.

Тамриноти ислоҳӣ сабаби беҳбуди оризаи хам шудани сар ба ҷилав, инҳирофи тарфии сар, афтодагии тарфии шонаҳо, инҳирофи ҷонибии сутуни фуқарот, афзоиши қавси камарӣ, кӯзапуштӣ, коҳиши қавси камар, пойи пронтезӣ, пойи зидди бадрӣ, кафи пойи соф дар миёни афроди нобино мешавад. Навъи мутолиа дар ин таҳқиқ шибҳи тахрибӣ аст, ба наҳве, ки гурӯҳе ҷиҳати мутолиаи интихоб ва пас аз аъмоли тамриноти ислоҳӣ тағйироти аъмол шуда, сабт мешавад. Ҷомеа таҳқиқи теъдоди 300 нафар донишомӯзони машғул ба таҳсил дар муҷтамеи омӯзишии нобиноёни шаҳиди муҳибиро ташкил медиҳанд. Аз ин теъдод 135 нафари донишомӯз дар мақтаи роҳнамоиву дабиристон машғул ба таҳсил мебошанд ва теъдоди 94 нафар аз ин донишомӯзон дар синни 12-18 солагӣ қарор доранд ва дучори маълулияти сонавияи дигаре намебошанд. Лизо, метавон гуфт, ки аз муҷтамеи мазкур 94 нафари ҷомеаи мавриди мутолиаро ташкил медиҳанд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки муҷтамеи ёдшуда ба сурати шабонарӯзӣ идора мешавад ва афроди нобино аз ҳама остонҳои кишвар дар он ҳузур доранд, ба наҳве, метавон эътироф намуд, ки ҷомеаи мавриди мутолиа шомили ҳама сифоти афроди нобинои кишвар мебошанд. Лизо, натоиҷи пажӯҳиш метавонад ба ҳамаи афроди нобинои кишвар таълим ёбад. Ишора шуд, ки 94 нафар вижагиҳои мавриди назари муҳаққиқ (12-28-сола нобиноён ва нимнобиноён)-ро доро будаанд. Аз ин ҷомеа оморе дар ҳаҷми намунае баробари 60 нафар аз ҷомеаи мазбур ба сурати тасодуфӣ интихоб ва дар мутолиа (иҷрои тамриноти ислоҳӣ) ширкат намуданд ва намунаи ёдшуда муаррифи ҷомеаи мавриди мутолиа мебошад.

Иттилоот аз кулли афрод, намунае ба сурати фард ба фард гирифта шуд, ин иттилоот аз навъи камӣ ва мушоҳидавие буд. Дар ин марҳила ибтидо 60 нафари мавриди мутолиа аз назари сохтори исклетӣ бо истифода аз дастгоҳҳои санҷиши вазъияти баданӣ (антрупуметр, шатранҷии мутаҳаррик ва пудюскуп) таҳти озмун қарор гирифта ва навъи ноҳинҷориҳои эшон мушаххас ва сабт гардид. Пас аз баррасӣ натоиҷ аз тариқи тести Нию-Йорк афроде, ки дучори як оризаи исклетӣ ва ё бештар ташхис дода шуда буданд, интихоб ва сипас ба омузишӣ тамриноти муносиби ориза ба ҳар як аз эшон ба сурати инфиродӣ пардохта шуд.

Афароди нобино ин тамринотро 3 ҷаласа дар ҳафта ва дар ҳар ҷаласа 3 навбат ва дар ҳар навбат10 бор такрор намуданд. Сиҳатии иҷрои ин тамринот дар таҳи моҳи аввал ҷиҳати диққат дар иҷро тавассути маҷрӯҳони мавриди назарот воқеъ гардид. Ҳамчунин, то поёни муддати тамринот ин назорат тавассути роҳбарон дар мадраса ва роҳбарони эшон дар хона идома ёфт. Пас аз таи 4 моҳ аз шурӯи тамринот, муҷаддадан афроди мавриди санҷиш ва бознигарӣ воқеъшуда натоиҷи иҷрои тамринот дар мавриди ҳар як аз эшон мавриди баррасӣ воқеъ шуд ва истихроҷ гардид.

Бо кумаки васоили андозагирӣ иттилооти мавриди ниёзи таҳқиқ ҷамъоварӣ шуд. Абзорҳои андозагирии мавриди истифода дар ин озмун иборатанд аз: Антррупуметр: Василае, ки ибод ва андозаҳои бадани инсон ва васоили муҳити кориро месанҷад (31).

Сафҳои шатранҷӣ: Сафҳои мударриҷшудаест ба ибоди 1-2 метр, бо тақсимбандии 5\5 сантиметр барои андозагирӣ, дар намоҳои халфӣ-қудомӣ ва ҷонибӣ, ки мутобиқи дастуруламал сохта шудааст ва дар иртибот бо баррасии инҳирофоти баданӣ мавриди истифода қарор мегирад (31).

Бо кумаки василаи андозагирӣ-иттилооти мавриди ниёзи таҳқиқ ҷамъоварӣ шуд. Пас аз сабти андозаҳои бадастомада, бо таваҷҷӯҳ ба ташхис (бар асоси таҷрибаҳо ва шинохти ноҳинҷориҳои ҳаракатӣ), афроде, ки дорои оризаи шодии мутавассит буданд, дорои ориза (тахсиси коди -1) ва касоне, ки оризаи онҳо дар ҳадди хафиф буда, ё оризае дар онҳо мушоҳида нашуд, бидуни ориза (тахсиси коди -0) қаламдод шудаанд. Лизо, додаҳо дар ду сатҳ 0 ва 1 мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифтанд.

Равиши таҷзия ва таҳлили додаҳо аз тариқи омори тавсияиву истинботӣ мавриди арзёбӣ воқеъ гардид. Нармии афзор мавриди истифода дар ин таҳқиқ мебошад. Тавсифи (фаровонӣ дар сад, инҳирофи истондорт) истифода аз озмуни лозимии андозагирӣ мавриди озмун қарор гирифт. Номи озмунҳои омории анҷомшуда барои ҳар каси мутағайир: 1) Озмуни аломат: Мақсуди баррасӣ тағйири вазъият дар қабл аз аъмоли тамринот, баъд аз аъмоли тамринот.
2) Озмуни т –ҷуфтӣ: ва манзур ..... тағйироти эҷодшуда бар асари аъмоли тамриноти ислоҳӣ дар қабл ва баъд аз анҷоми тамринот.

Ба манзури муқоиса, ҳамзамон, бе ҳудуди авориzи 13- гона (ҷиҳати тасҳили дастрасии мухотаб ба иттилоот) маҷмӯаи авориз дар як ҷадвал ба сурати зер ироа мешавад:

Ҷадвали шумораи 1: тавзеҳи фаровонии вуҷуди оризаҳои ҳаракатӣ дар намунаи мавриди мутолиа, қабл аз аъмоли тамринот ва баъд аз аъмоли тамринот.

| **Дар сади баъд аз мудохила** | **Дар сади қабл аз мудохила** | **Теъдоди баъд аз мудохила** | **Таъдоди қабл аз мудохила** | **Авориз** |
|---|---|---|---|---|
| 8,30% | 46,70% | 5 | 28 | Гардани ҷилав |
| 6,70% | 30,00% | 4 | 18 | Инҳирофи сар |
| 11,70% | 55,00% | 7 | 33 | Афтодагии шона |
| 8,30% | 10,00% | 5 | 6 | Пушти кач |
| 10,00% | 20,00% | 6 | 12 | Пушти гирд |
| 3,30% | 16,70% | 2 | 10 | Пушти гувд |
| 1,70% | 5,00% | 1 | 3 | Пушти соф |
| 5,00% | 5,00% | 3 | 3 | Афтодагии лаган |
| 28,30% | 36,70% | 17 | 22 | Зонуи камони |
| 3,30% | 3,30% | 2 | 2 | Зонуи зидибадрӣ |
| 13,30% | 16,70% | 8 | 10 | Кафи пои соф |
| 0% | 1,70% | 0 | 1 | Кафи пои гувд |
| 15,00% | 26,70% | 9 | 16 | Шасти кач |

Тибқи ҷадвали фавқ мизони ноҳинҷориҳо пас аз аъмоли тамриноти ислоҳӣ дар 11- маврид аз 13 мавриди оризаи исклетӣ сабаби беҳбуди нисбӣ гардидааст ва дар ду маврид ориза пешрафт надошта ва сабит боқӣ мондааст. (Оризаи ноҳинҷории афтодагии тарафи лаган ва оризаи ноҳиҷораи зонуи зидибадрӣ дар қаблу пас аз аъмоли тамринот собит боқӣ мондааст). Ба манзури муқоиса теъдоди авориzи дар қабл аз тамрин ва баъд аз анҷоми тамринот, иттилооти бадастомада дар ҷадвали шумораи 2 ироа шудааст. Ҷадвали шумораи 2: Теъдоди ноҳинҷориҳои бадан:

| Хатоии инҳирофии меъёр | Инҳирофи меъёр | Теъдод | Миёнгин | Озмуни намунаҳои ҷуфтшуда |
|---|---|---|---|---|
| 0, 17972 | 1, 39207 | 60 | 1, 1667 | Маҷмӯи ноҳинҷориҳои исклетӣ дар пеши озмун |
| 0, 22933 | 1, 77641 | 60 | 2, 7167 | Маҷмӯи ноҳинҷориҳои исклетӣ дар пеши озмун |

Ҳамон тавр, ки мулоҳиза мешавад, миёнгини теъдоди авориз дар қабл аз тамрин барои ҳар фарди нобино 2/72 ориза будааст. (Яъне, ба таври мутавассит дар ҳар фарди мавриди мутолиа наздик ба 3 ориза мушоҳида шуда буд ). Дар сурате, ки баъд аз анҷоми тамринот маҷмӯи авориzи ҳар фарди мавриди мутолиа ба 1, 17 (наздик ба 1 ориза) коҳиш ёфтааст. Яъне, равишҳои ислоҳии бакоргирифташуда тавонистааст, ба таври мутавассит ду оризаро ҳазф кунад. Ҳамчунин, инҳирофи истондорт низ ба низоми қобили таваҷҷӯҳе коҳиш доштааст. (Аз 1,78 ба 1,39 ки хокӣ аз ҳамгунии бештар аз ҷомеа мавриди озмоиш хоҳад буд. Сипас бо истифода аз озмуни т-ҷуфтӣ (муқоисаи ду намунаи вобаста ба) муқоисаи омории маҷмӯаи кулли ноҳинҷориҳо дар қабл ва баъд аз анҷоми тамриноти ислоҳӣ пардохта шуд.

Ҷадвали шумораи 2: муқоисаи омории кулли ноҳинҷориҳо дар қабл ва баъд аз анҷоми тамриноти ислоҳӣ ( озмуни т-ҷуфтӣ – муқоисаи ду намунаи вобаста ба т (test-pairs).

| Paired Differences | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Sig. (2–tailed) | dt | t | 95% Confidence interval of the difference: Ҳадди болоӣ | Ҳадди поёнӣ | Хатоии инҳирофи меъёр | Инҳирофи меъёр | Миёнгин | | Озмуни намунаҳои ҷуфтшуда |
| 0 | 59 | -8.1 | -1.2 | | -1.93471 | 0.19226 | 1.48923 | -1.55 | Маҷмӯи ноҳинҷориҳо-и |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | исклетӣ дар паси озмун ва пеши озмун |

Ҳамон тавр, ки мулоҳиза мешавад, озмуни -т- бо итминони беш аз 95 дар сад (sig o< 0,05) ихтилофи натоиҷро маънидор нишон медиҳад. Яъне, равишҳои ислоҳии бакоргирифташуда тавонистааст, аворизи исклетиро бо шиддати зиёде коҳиш диҳад ва ба ҷуз дар хусуси оризаи афтодагии тарфии лаган ва пойи пронтезӣ, ки тағйире дар вазъияти ин ду ориза мушоҳида нагардид, дар куллияи мавориди фарзиёт таҳқиқро мавриди таъйид қарор медиҳад.

Дар мутолиот ва баррасии таҳқиқоти анҷомшуда, мулоҳиза мешавад, ки шуюи ноҳинҷориҳо бар асари авомили мутааддиде сурат мепазирад, мусаламан ноҳинҷориҳои вазъиятӣ, бахудии худ дар бадан ориз намешаванд. Ҳамон гуна, ки дар ибтидои таҳқиқ матраҳ шудааст, ноҳинҷориҳое, ки дар таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз навъи амалкардӣ ё вазъиятӣ мебошанд. Бад-ин маънӣ, ки алали неврулужикӣ ё биёлужикӣ надоранд. Аммо метавонанд бо таъсири бахше аз онҳо ба сурати аворизи сонавия ба вуҷуд оянд ва ё ин ки дар асари авомили муҳите, монанди адами таваҷҷӯҳ ба иҷрои фаъолиятҳои ҳаракатӣ, заъфи азалонӣ ва одоту вазъияте ғалати ориз шаванд, ки дар ҳар сурат азалоти як тарафи узв дучори кутоҳӣ шудаву азалоти тарафи дигар дучори кашидагӣ мешаванд, ки дар ниҳоят ба тағйири шакли узви марбута меанҷомад. Ин навъ ноҳинҷориҳо умдатан баргаштпазир буда, қобили пешгириву ислоҳ кардан мебошанд.

Аз аҳдофи умдаи ин таҳқиқ тарсими тасвирии дақиқ аз мизони ноҳинҷориҳо мебошад. Ин таҳқиқ низ ҳаммонанди таҳқиқоти дигар, ки дар хусуси афроди бино сурат пазируфтааст, ҳикоят аз шӯюъи ноҳинҷориҳои вазъиятӣ, дар ҷомеаи афроди нобино дорад, ки 80 дарсади ҷомеаи мавриди пажӯҳишро ташкил медиҳад. Бояд донист, ки таваҷҷӯҳ ба чигунагии гузаронии авқоти фароғат, гироиш ба иҷрои муназзами тамринотӣ ва огоҳиву шинохти волидайн ва мураббиёни тарбияти бадании афроди нобино, аз авомили бавуҷудоварда ин ноҳинҷориҳо мекоҳад ва боиси пешгирӣ аз бемориҳои баъдӣ мешавад. Нодида гирифтан ва ё кам аҳамият додан ба чигунагӣ гузарондани авқоти фароғат ва ба иборае бетаваҷҷӯҳӣ ба ҳифзи вазъияти саҳеҳи баданӣ дар кӯдакон ва навҷавонони нобино ва нимабиноён метавонад сабаби бурузи хатароти ҷубронnопазире гардад. Ба ин тартиб дар як назари куллӣ метавон баён дошт, ки ноҳинҷориҳои вазъиятӣ ба далоили мухталифе шоеъ мебошанд, ки умдаи далоили онро дар ҷиддӣ нагирифтани фаъолиятҳои баданӣ дар замони авқоти фароғат, умумият надоштани иҷрои муназзами тамриноти варзишӣ, адами иттилоот ва шинохти кофӣ нисбат ба вазъияти баданӣ, одотҳои ғалат дар нигаҳдории бадан, одоти ғалат дар наҳваи роҳ рафтан, нишастан, истодан, хобидан, ҳамли нодурусти ашё, ҳамли нодурусти кифи мадраса (ба ҳамроҳии китобҳои сангини нобиноӣ), истифодаи беш аз ҳадд аз як қисмати бадан ва истондорт набудани мизу сандалӣ ҷустуҷӯ кард.

Ба таври куллӣ ин таҳқиқ нишон дод, ки ҷомеаи мавриди назари ҳаммонанди ҷомеаи афроди бино ба ноҳинҷориҳои мухталифе, ба дар сади боло мубтало ҳастанд, лекин 20 дар сади афроди ҷомеа таҳқиқ ба ҳеҷгуна оризае аз оризаҳои мавриди баррасӣ дар андомҳои фавқонӣ-танаву андомҳои таҳтонӣ мубтало набуданд ва бо муроҷиа ба парвандаи варзишии ин афрод, аксарияти қариб ба иттифоқи эшон дар зумраи афроде ҳастанд, ки ба анҷоми тамриноти баданӣ муназзам мепардозанд ва натоиҷи таҳқиқоти поёнӣ низ онро таъйид кардааст.

Бар асоси натоиҷи ҳосил аз таҳқиқи афроди намуна дорои дар садҳои мухталифе аз ноҳинҷориҳо буданд. Дар ин байн баъзе аз ноҳинҷориҳо рақами болоиро ба худ ихтисос додаанд. Дар ин таҳқиқ бештарин мизони ноҳинҷорӣ марбут ба оризаи афтодагии шона мебошад; Гардани ҷилав, зонуи камонӣ, инҳирофи тарфии сар мушоҳида мешавад. Аз ин масъала чунин натиҷа мешавад, ки азалоти ноҳияи гарданӣ ва камарбанди шонаӣ ва ноҳияи зону ба лиҳози мавқеияти механикӣ ва нақшавӣ, ки дар ҳифзи вазъияти китфҳо ва ҳамчунин дар ҳифзи вазъияти қароргирии бадан доранд, бояд аз қудрату истиқомати кофӣ бархӯрдор бошанд. Аммо чунин азалот ҳатто дар корҳову фаъолиятҳои рӯзмарраи зиндагӣ ба таври муассар ва ба қадри кофӣ даргир нашудаанд ва таваҷҷӯҳ ба нақши онҳо ҳифзи вазъияти баданӣ ва шакли зоҳирии мавриди онҳо мавриди ғафлат воқеъ шудааст. Тибиӣ аст, ки ин азалот дучори заъф шаванд ва қодир ба ҳифзи устухонҳои таҳти пӯшиши худ набошанд ва лизо, ин амр боис мешавад, азалоти мухолиф бар онҳо ғалаба кардаву устухонҳои марбутаро ба тарафи худ бикашанд, ки дар ниҳоят мунҷар ба тайғири шакли он ниҳоят аз бадан хоҳад шуд. Ҳамчунин, эҳтимолан, истифода аз кафшҳои ғайриистондорт ва нукборик аз алали аслии ибтилои ин афрод ба оризаи шасти каҷ мебошад.

Ёфтаҳои таҳқиқ бар эътибор ва аҳамияти равишҳои осони ғайриҷарроҳии ҳаракоти ислоҳӣ дар беҳбуди ноҳинҷориҳои вазъиятӣ монанди (гардани ҷилав, инҳирофи тарфии сар, афтодагии тарфии шонаҳо, пушткаҷӣ, пушткурд, пуштгувд, пушти соф, зонуи камонӣ, кафи пои соф, кафи пои кувд ва шасти каҷ) ва таъсири барномаҳои ислоҳӣ дар беҳбуди оризаҳои мазкур таъкид варзид. Дар

ду маврид оризаи афтодагии тарфии лаган ва зонӯи зарбадарӣ, аъмоли тамриноти ихтилофи маънидориро нишон надод. Барои таъйид адами таъсири тамринот ба ин ду ориза ба мутолиоти бештаре ниёз дорад.

- Мизони соати тарбияти баданӣ ва варзишу барномаҳои варзишӣ тавре тадвин шавад, ки битавонад дар ҷиҳати иртифои сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва варзидагии азалонии донишомӯзон муассир воқеъ шавад;
- Эҷоди пойгоҳҳои ислоҳӣ ва таҷҳизи ибтидоии он дар мадориси нобиноён лозим ва мумкин мебошад. Зарурӣ аст, ин муҳим аз сӯи масъулини тарбияти бадании омӯзиш ва парвариши истисноӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад;
- Пешниҳод мешавад, ки клиникаҳи ислоҳи муташаккил аз пизишк мухтахассиси беҳдошт-мутахассиси тарбияти баданӣ ва илми тамрин дар сатҳи маркази омӯзишу парвариш доир гардад, то донишомӯзони ноҳинҷори аз назари вазъияти баданиро таҳти пӯшиш қарор диҳанд;
- Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки таҳқиқ дар мавриди писарони нобино анҷом шудааст, пешниҳод мешавад, ки барномаи мушобеҳе низ барои духтарон анҷом шавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** мадориси нобиноён афроди нобино, сиҳатии сохтори бадании афроди нобино, парвариши нобиноён,

## АДАБИЁТ


1. Баҳромӣ Фараҷ. Варзишҳои ислоҳӣ. Донишкадаи тарбияти баданӣ. Донишкадаи тарбияи муаллим, 1376.
2. Пустерҳои ислоҳӣ. Дафтари таҳқиқот ва омӯзиши-созмони тарбияти баданӣ. 1384.
3. Донишмандӣ Ҳасани Фарохонлу, Ризо Ализода Ҳасан. Ҳаракати ислоҳӣ ва дармонӣ-ҷиҳоди донишгоҳии Гелон,-1370.
4. Сухангӯӣ Панҷӣ. Ҳаракати ислоҳӣ-муовинати тарбиятибадании писарон-1379.
5. Гонинӣ Абос. Варзишҳои ислоҳӣ-омӯзиш ва парвариш-1366.
6. Музаффарӣ Аҳмад. Варзишҳои ислоҳӣ-ҷузваи дарсӣ. Донишкадаи тарбияти баданӣ. Донишкадаи тарбияти муаллим-1364.
7. Ann Thomson, Alison shiner, Joan Piercy, Tidy's physiotherapy. 12 th end. 1991.
8. Hollis F, Fait special physical Education Adapted, Corrective, Developmental (Fourth Edition). 1978.
9. John. HC. Colson, Frank Wcolison Progressive Exercise Therapy. Wright. PSG 1983.
10. Krusen's Handbook of physical Medicine and Rehabilitation Frederic J. Kottle MD. 1996.
11. Principles and Me Thuds of adapted physical Education and Recreation 4 th ed Crowe, W: Auxter: D. pyter, Jean 197.


### ОТСУТСТВИЕ ВНИМАНИЯ К СВОБОДНОМУ ВРЕМЯПРОВОЖДЕНИЮ СЛЕПЫХ ДЕТЕЙ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ИХ ЗДОРОВЬЕ


Статья посвящена изучению проблем состояния здоровья слепых детей, которых из-за за проблем со зрением не могут полньностью заняться физическими упражнениями и даны ценные рекомендации по улучшению работа с данной категорией детей.


### ABSENCE OF ATTENTION TO FREE TIME TO PRODRIVING OF BLIND CHILDREN AND ITS ACTION ON THEIR HEALTH


Article is devoted studying problems of a state of health of blind children which because of for problems with sight cannot all be engaged in physical exercises and valuable recommendations about improvement work with the given category of children are made.


# РӮЙКАРДИ НАЗАРӢ БАР ШОХИСҲОИ РАВОНШИНОХТИИ ХОНАВОДАИ СОЛИМ ДАР БАҲСИ ҶАҲОНИШАВӢ


***Иброҳим Ҳоҷиларӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**



Ин мақола бо рӯйкард дар ҷиҳати шинохти хонаводаи солим дар тарҳу дидгоҳи куллии шохисҳои муассир бар саломатии хонаводаро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додаст. Дар ибтидо, ин таҳқиқ пурсиши оғозинро дар баёни масъалаи мазкур матраҳ намуда ва сипас ба мабонии назарии марбут ба мавзӯи хонаводаи солим пардохтааст. Мӯҳтавои ин мақола баҳси назарию кайфӣ аст, ки бо равиши таҳлилӣ анҷом шудааст. Ба назари нигоранда, хонавода ба масобеҳи сохтори бунёди ин ҳамвора дар маърази осебҳо ва инҳироф аз масиру ҳадафи аслии худ дар ҷомеа мувоҷеҳ аст. Лизо, мавзӯи шохисҳои саломатии хонавода ниёзманди мутолиаи амиқу тарҳи масъалаи дақиқе мебошад. Бар ин асос, ҳадафи мақолаи иазкур баррасии мақолаи хонаводаи солим ва таҳлили масъалаҳое аст, ки адами саломатии равонии хонавода маълули он аст ва шинохтёбӣ нисбат ба унвони хонаводаи солим шинохта мешавад. Далели зарурати ин пажӯҳиш ва мутолиа сурат гирифта мебошад.

Мақолаи мазкур пас аз ироаи бархе аз рӯйкардҳои назарияи мухталиф дар бораи мавонеи муассир барои эҷоди як робитаи солим дар хонаводаҳо, ки баёнгари таъкиди ин дидгоҳҳо бар аҳамияти хонавода ва иртиботи дохилӣ ва таъсири нобасомониҳои шахсият, афрод, бар коркарди хонавода аст, ба баёни вижагиҳои хонаводаи солим ва муаррифии авомили муассир, бар коркарди солими хонавода пардохта ва дар ниҳоят ба нукоте ишора дорад, ки сабаби таҳкими барқарории саломату суботи хонавода мегардад.

Хонавода кӯчактарин ҷузъи «иҷтимоъ аст ва иҷтимое, ки ба таври солимӣ аз ин аъзо» ташкил шуда бошад, мусалламан иҷтимое аст, солим. Лизо, барои беҳбуди вазъи иҷтимоъ, талош барои беҳбуди вазъи хонавода ва афроди он муҳимтарин масъала аст. Аз ин рӯ, мафҳуми хонавода ва арзиши ин ниҳоди иҷтимоӣ барои ҳар давлату ҷомеае асоси корӣ талаққӣ мешаваду ҳар ҷомеа мутаносиб бо арзишҳои худ ибтидо ба суроғи хонавода меравад, то аз даруни он шаҳрвандони хешро бипарваронад. Ин мавзӯъ вақте аҳамияти бештаре пайдо мекунад, ки ҷомеа ба хотири таҳаввулоти сохторӣ ва зербиноӣ ба шаҳрвандони ҷадид ба тарзи фикри нав ва таҳаввул ниёз дошта бошад. Ба ҳамин хотир аст, ки хонавода яке аз аввалин ниҳодҳое аст, ки дар ҷомеа бояд тағйир кунаду тағйире дар он ҳосил нахоҳад шуд, магар аз тариқи дарку шинохти илмӣ аз коркардҳо ва бадкориҳои он[1].

Ниҳод бо аҳамияти хонавода дар ҳар ҷомеае дар маъразгузор аз сурати суннатӣ ба шакли навин буда ва ҳаст. Боварии аслӣ дар ин хусус он аст, ки фарҳанги навини ҷомеа дар таориз бо фарҳанги ғолиби бузургони ҷомеа қарор гирифта ва ё бо он фосилаи қобили тааммул меёбад. Ба зуъми бархе, бо он ки хонавода дар ҳоли ҳозир бузургтарин пуштибон барои фарзандони ин гуна ҷавомеъ аст, аммо ҳамин хонавода даргири осебҳои иқтисодӣ ва ба навъе осеби иҷтимоии бисёре низ ҳаст. Чунонки мушоҳида мешавад, Эрон бо вуҷуди ҳамаи тағйирот ҳанӯз хонаводаи суннатию баста аст ва ҳеҷ интизор надорад, ки ҷавон бо шурӯи эҳсоси истиқлол дар худ хонаводаро тарк кунад[2]. Пайдоиши ҳисси истиқлол бо истиқлол ёфтан ба сурати айнӣ барои ҷавони эронӣ ҳамзамон ва вобастагӣ ба хонавода ба воситаи масоили молӣ мунҷир ба кашмакашҳои дарунию берунӣ байни ҷавону хонавода мешавад, ки бозтобҳои мутафовуте дорад. Ҷон Барнодз дар боби масоили хонавода мӯътақид аст, ки бисёре аз хонаводаҳои мудерн дарбаргирандаи се насл ҳастанд ва шикофе миёни падарбузургҳо (бобо) ва модарбузургҳо (бибӣ) бо навҳаҳояшон насли падарҳо ва модарҳо ба вузӯҳи худро насл бинобар ин талаққӣ мекунаду ҳам бо насли бузургтар ва ҳам бо насли кӯчактар ихтилофи назар дорад.

Ба ҳар ҳол метавон гуфт, ки маъмулан ҷавомеи дар ҳоли гузор дар ин вазъият ва ё ҷавомее, ки бо таҳаввулоти сареҳи иҷтимоӣ ва тақобулоти сиёсӣ –иҷтимоӣ мувоҷеҳ мегарданд, бештар мустаиди падидори масъалаҳо маъзалоти гуногун мегарданд ва ин қоидаи ом дар мавриди ҷавомее, ки дар гузори таърихӣ бо ҳаводис ва масоили гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муқобил аст, машҳудтар ба назар мерасад. Бо тамоми инҳо ва бо вуҷуди дар хасоиси иҷтимоӣ – иқтисодии хонавода тафовутҳои асосию ҷиддӣ эҷод шудааст. Ниҳоди хонавода ҳанӯз ҷойгоҳи рафии худро каму беш ҳифз кард ва бо андак тағйироте дар равобити аъзои он ба масири фарҳангии худ идома медиҳад. Ба таъбири Фавкуёмо имрӯза хонавода бо тамоми тафовутҳои сохтории он дар ҷавомеи мухталиф яке аз манобеи ҷоизи аҳамияти сармояи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷаҳон талаққӣ мешавад. Бо таваҷҷӯҳ ба мавориди мазкур, мақолаи мазкур бо баҳрагирӣ аз осори мавҷуд ва рӯйкардии назарӣ кӯшиши дар ҷиҳати ба баррасии мафҳуми хонаводаи солим ва баррасию таҳлили он мебошад[3].

Баёни масъала, тарҳи хонаводаи солим дар ағлаби асрҳои таърихӣ хонавода бо тамоми ишколи он аз хонаводаи густурда хонаводаи ҳастаӣ ва анвоъи бисёри дигар рукни асосии фароянди ҷомеапазирии фардро дар тамоми ҷавомеъи башарӣ ташкил додаст. Илова бар ин авомиле мисли барқарории нахустин вобастагиҳои отифӣ ва ёдгирии забон дарунӣ кардани арзишҳо ва ҳинҷорҳои фарҳангӣ дар ин ниҳоди иҷтимоӣ оғоз мешавад. Дар воқеъ ҳар насле бо таваллуд дар хонавода ҷиҳатёби ҳаёти иҷтимоии муҷаддад дар хонавода тавлиди мисл ё фарзандзо дар қонуни равобити наслӣ ва беруни наслии мутааддид ва мутанаввaӣ қарор мегирад. Дар ин миён яке аз вижагиҳои бунёди ин хонавода ба унвони як низоми иҷтимоӣ, пуёии он аст, ки мӯҷиб мегардад, тӯли замони дастхуш тағйир гардаду аз ҷумла, мазоҳири тағйир дар нақш, сохтору коркарди хонавода дигаргуниҳое аст, ки дар тӯли замони мутаассир аз равобити насли навин дар таърифи хонаводаи солим ё муваффақ ба вуқӯъ мепайвандад[4]. Ба назар мерасад пеш аз тарҳи масъала ва вуруд ба баҳси мавриди назар бояд ба таорифе чанд муфоҳиме, ки ағлаб ба таври мутадовилӣ дар адабиёт мавриди мутолиаи хонаводаи солим ба кор меравaнд. Ишора бишавад то зимни таҳдиди мӯҳтавои мавзӯъ рӯйкардҳои аслӣ дар ин боб мушаххас гардад. Ибтидо лозим ба зикр аст, ки дар таърифи саломату баҳинҷор будан ҳамвора хатари интиҷоб як системи арзишӣ ба унвони меъёри саломати воқеӣ ва сипас корбурди он барои ҷамъияте бо системаи арзишии дигар вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин

ба назар мерасад истифода аз системаи тавсифӣ дар ин боб амри асосӣ аст. Линорд ва Бернништейн баён намуданд, ки як системаи тавсифӣ барои таърифи бахинчор будан муфид аст, зеро мушоҳидот мутааддидро хулоса ва ҷанбаҳои оддиро тафкик мекунанд ташобиҳоту тафовутҳоро муқоиса мекунад, фарзияҳоро озмоишу фарзиёти ҷадидро падид меоварад ва мушкилоти мафҳумеро таҷзияву таҳлил ва ҳал менамояд[5].

Табақабандии баҳинҷор будан дар чорчӯби баҳсу ҷангҷоли бисёреро эҷод карда ва мекунад. Саломату баҳинҷор будан мавзӯъоти печидае барои таъриф ҳастанду ҳар кадом ба шеваҳои мутааддиде таъриф шудаанд ва ба навъе мавриди истифода қарор гирифтаанд. Волиш чор навъи таъриф аз баҳинҷор буданро матраҳ карда, ки албатта нақдҳое мутаваҷҷеҳи ҳар як аз ин таъориф мебошад.

а) солим будан ба маънои фақдони алоим дар ин нигариш баҳинҷор будани хонавода иборат аст, аз фақдони алоими осибшинохтӣ дар аъзои он ва лизо хонаводаи баҳинҷор, хонаводае аст, ки ҳеҷ як аъзои он дучори ошуфтагии ҳаяҷоне нестанд. Маҳдудиятҳои ин таъриф ин аст, ки аввалан меъёри адам вуҷуди осиб дар аъзои хонавода як меъёри манфӣ барои таърифи баҳинҷор будан тақаллӣ шуда ва аснодҳои мусбат ба мавзӯи саломати хонавода мавриди ғалат қарор гирифтааст ва сонияи вуҷуди ошуфтагии ҳаяҷонӣ метавонад далеле бар нокоромадии хонавода талаққӣ гардад, аммо фақдон он нишондиҳандаи коромадии хонавода нест чаро ки мумкин аст ҳеҷ як аз аъзои хонаводагӣ дучори ошуфтагии ҳаяҷонӣ набошанд, аммо ҳамчунон хонавода нокоромад бошад[6].

б) солим будан ба маънои доштани амалкарди мутавассит. Дар ин нигариш хонаводаи табиӣ ба унвони намунае дида мешавад, ки бо як аллагӯ мушоҳида шуда маъмулу густурда аз рафтори дар ҷомеа ҷур бармеояд. Гарчи ин мафҳум ба василаи муҳаққиқон барои ошкор кардани як аллагӯи маъмул намуна ва қобили қабул аз вижагиҳои хонавода барои иҷтимоъоти мутафовут мавриди истифода қарор мегирад, аммо ин аллагӯ наметавонад аллагӯи солиме бошад. Дар як ҷомеа аллагӯҳои мухарраб аз вижагиҳои хонаводагӣ (монанди хушунат) мумкин аст дар аксарият хонаводаҳо мушоҳида шавад ва ин рафтори миёнгин ба унвони баҳинҷор наметавонад маҳсуб гардад[7].

**КАЛИДВОЖАҲО:**: хонавода, хонаводаи солим, муқарарот дар хонавода, роҳкориҳои хонаводаи солим.

## АДАБИЁТ

1. Гулмуҳамади, ҷаҳонишудан, фарҳнг, ҳувият, Теҳрон нашри Ней, 2005.
2. Имони, Муҳсен ҷаҳонишудан ба шикофти наслҳо, чакидаи мақолоти кундераи байнулмаҳли хонаводе ва ҷаҳонишудан, Теҳрон, интишороти анҷумани ғулиё ва мурабиён ҶИ Эрон, 2005.
3. Шаихи Муҳаммад тағир, ҷомеашиносии занон ва хонавода, с. 105. Теҳрон, 2001.
4. Фузанда, Пойдор, барасси асароти ҷаҳонисози бардноҳоди хоновода, Теҳрон 2004.
5. Али Аскари Аҳмади ҷаҳонишудан ва таҳавули таомули Теҳрон 2006.
6. Сайдризои Омили ҷаҳонишудан ва арзишҳои ахлоқии хонаводе Теҳрон 2004.
7. Шукуҳи навоинажод ҷаҳонишудан ва таъғири арзишҳо дар хонавода Теҳрон 2008.

## ВЗГЛЯД НА ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЗДОРОВОЙ СЕМЬИ В ДИСКУССИЯХ О ГЛОБАЛИЗАЦИИ

По мнению составителя, семья как основная структура всегда сталкивается с бедствиями и отклонениями в обществе, и следовательно необходимо глубокое изучение темы «Здоровые параметры семьи» и по предложенным проблемам, требующих точного ответа. На этом основании целью статьи является раскрытие темы о здоровой семье и изучение проблем, связанных с недостатками психологического здоровья в семье и его причинами, а также поиск причин по отношению к семье; считается ли она здоровой, стали причиной необходимости в завершении данного исследования.

## SIGHT AT PSYCHOLOGICAL FEATURES OF A HEALTHY FAMILY IN DISCUSSIONS ABOUT GLOBALISATION

According to writer, family as the basic structure is always faced with deviations and disasters in roots and its actual purpose in society and furthermore, it is necessary to study longer and more on the topic "Healthy parameters of the family" and proposed specific problems requiring specified resolution. Based on this, the purpose of the article is to note discoveries in the healthy family and problem studies related to lack of mental health and its causes, and also searching reasons related to family whether it is healthy, became the reasons to necessary compliment of these studies and research.

# НАЗАРИЯИ ВИГОТСКИЙ ВА КОРБУРДИ ОМӮЗИШИИ ОН

*Фотима Бобоалӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз назарияҳои шинохта назарияи иҷтимоӣ- фарҳангии донишманди рус Лев Семенович Виготский аст, ки назарияи ӯ то солҳо пас аз маргаш барои дунёи хориҷ аз Русия ношинохта буд. Аммо, пас аз тарҷумаи осори вай ба забони англисӣ ба суръат мавриди таваҷҷӯҳи донишмандон ва мураббиёни кишварҳои Мағрибзамин қарор гирифт ва назарияи вайро шинохтатарин назарияе медонанд, ки решаҳои жарфе дар масоили таърихӣ- иҷтимоӣ- фарҳангӣ дорад. Ҳамчунин, равишҳои навини омӯзишӣ, ки имрӯз дастандаркорони омӯзишӣ таъкид бар бакоргирии он дар муҳитҳои омӯзишӣ доранд, баргирифта аз назарияҳои созандагароӣ, бавижа, назарияи созандагароии иҷтимоӣ мебошад, ки мустақиман аз назарияи таҳаввулшинохтии Виготский нашъат гирифтааст.

Лев Семенович Виготский дар давраи кӯтоҳи зиндагии худ пояҳои назарии дидгоҳиро дар мавриди рушд ва омӯзиш бино ниҳод, ки дар таърихи омӯзиш саҳми басазое дарад ва маншаи тағйироти густардае гардид. Ва Виготский ҷанбаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоиро дар рушдшинохтӣ бисёр боаҳамият медонад ва куниши мутақобил миёни ёдгиранда ва муҳити иҷтимоияшро таъйинкунандаи аслии рушдшинохтии ӯ медонад. Ба ақидаи Виготский, ҷаҳон дар зеҳни кӯдак мунъакис намешавад, балки шинохта ва пардохта мешавад. Ва рушд чизе нест, ки ба таври табиӣ ва сирфан аз ҷиҳати зистшинохтӣ иттифоқ биафтад, балки рушдро ношӣ аз таҷриба ва омӯзиш медонад ва махсусан, онро дорои моҳияте мушорикатӣ ва гуфтмонӣ талаққӣ мекунад(4, 1381). Донише, ки ёдгиранда дар таомул бо дигарон месозад, бархоста аз фарҳанге аст, ки дар он зиндагӣ мекунад. Фарҳанг шомили забон, андешаҳо, арзишҳо, нигаришҳо ва маҳоратҳо аст, ки дар рушди шинохтии кӯдакон нақше дугона дорад. Илова бар ин ки қисмати бештари мӯҳтавои фикрии кӯдакон аз муҳит ва фарҳанги ҷомеа ба даст меояд, фарояндҳои зеҳнии тафаккур ва истидлолро, ки Виготский абзорҳои созгории шинохтӣ меномад, низ аз фарҳанг ва муҳити ҷомеа бармехезанд(1, 1383). Се иддаи аслии назарияи Виготский иборат аст аз:

Барои шинохти коркардҳои шинохтии кӯдакон лозим аст хостгоҳ ва дигаргуниҳои онҳо дар мароҳили мухталиф мавриди таваҷҷӯҳ қарор гиранд. Бинобар ин, фаъолияти зеҳнии вижае монанди гуфтори дарунӣ наметавон ба унвони фаъолияти муҷаззое мавриди баррасӣ қарор гирад(7, 2005). Равиши таҷрибӣ - рушдии Виготский, ки ба чигунагии ҳаракат ва мароҳили тағйири як падида мепардозанд, бар ин асос шакл гирифтааст, ки ҳар фароянди равонӣ бояд дар дигаргуниҳои он баррасӣ шавад ва набояд ба ҳосили рушд, ки метавонад рушди шинохтӣ ё рафторӣ бошад, иктифо кунем, балки лозим аст фароянде, ки зери сохти онҳо аст, шинохта шаванд. Манзур аз баррасии таърихӣ баррасии як падида дар гузашта нест, балки баррасии падидаҳо дар фароянди тағйир аст ва ҳар падидае бар асоси реша ё маншаъ ва чигунагии шаклгирии он табйин мешавад(5, 1380).

Ба унвони абзорҳои фарҳангӣ барои осонсозӣ беҳбуди фаъолиятҳои зеҳнӣ дар назар гирифта мешаванд. Барои шинохти коркардҳои шинохтӣ бояд абзорҳои фарҳангӣ баррасӣ шаванд, ки вобастаи он ҳастанд ва онро шакл медиҳанд ва забони муҳимтарини ин абзорҳо ҳастанд.

Маҳоратҳои шинохтӣ дар равобити иҷтимоӣ ва фарҳанг реша доранд ва рушдшинохтӣ аз фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудонашуданиянд. Рушди ҳофиза, таваҷҷӯҳ ва истидлол бо омӯзиш, истифода аз абзорҳои иҷтимоӣ монанди: забон, низомҳои риёзӣ ва роҳбурдҳои ҳофиза имконпазир аст, ки дар ҷавомеи гуногун мутафовитанд. Дар як фарҳанг мумкин аст барои муҳосиба аз компютер ва дар фарҳанги дигар истифода аз ангуштони даст ва ё чиртка таъкид шавад(8, 2002).

Ёдгирии мавқеиятӣ, ки яке аз андешаҳои аслии назарияи созандагароии иҷтимоӣ мебошад, реша дар андешаҳои Виготский дорад ва бар аҳамияти бофте, ки ёдгирӣ дар он рух медиҳад, таъкид мекунад. Ёдгирии мавқеиятӣ ба ин маънӣ аст, ки шинохт на даруни зеҳни афрод, балки дар бофти физикӣ ва иҷтимоӣ воқеъ мешавад ва, дар воқеъ, дониш дар пайванд бо бофте, ки дар он рушд мекунад, ҷой мегирад(8, 2002). Ёдгирии мавқеиятӣ бар ин ида таъкид мекунад, ки бештари он чи ёд гирифта мешавад, ба мавқеияте вобаста аст, ки дар он омӯхта мешавад. Гоҳе ёдгирии мавқеиятӣ ба унвони ҳанҷорҳо, рафторҳо, маҳоратҳо, боварҳо, забон ва нигариши як ҷомеае хос таъриф мешавад. Ин ҷомеа мумкин аст ҷомеаи риёзидонон, аъзои як гурӯҳи хиёбонӣ, донишомӯзи як клос ва ё ҳар гурӯҳе бошанд, ки шеваҳои хосе барои андешидан ва анҷоми корҳо доранд. Аз ин дидгоҳ, дониш сохти шинохте фардӣ нест, балки зоидаи як гурӯҳ аст. Шеваҳои зиндагии ин гурӯҳ, шеваҳои

таомул ва анҷоми корҳо ва низ абзорҳое, ки ҷомеа эҷод намудааст, дониши он ҷомеаро месозад ва шакл медиҳанд ва ёдгирӣ ба маънои тавонотар шудан дар саҳим шудан дар ин шеваҳо ва истифода аз ин абзорҳо аст(9, 2004).

Виготский дар тавзеҳи чигунагии рушди коркардҳои олии зеҳнӣ коркардҳои зеҳниро ба ду даста: коркардҳои нахустин ва коркардҳои олии зеҳнӣ тақсим мекунад. Коркардҳои нахустини зеҳнӣ, ки ба таври табиӣ рушд мекунанд, дар инсонҳо ва ҳайвонот муштараканд; ғайрииродӣ ва ноомӯхтанӣ ҳастанд ва бо абзорҳои фарҳангӣ ҳимоят намешаванд. Коркардҳои олии зеҳнӣ вижагиҳои хоси инсонҳо мебошанд ва ҳарчанд ин коркардҳо паёмади рушди коркардҳои нахустин ҳастанд, вале бо онҳо мутафовитанд. Ин коркардҳо тавассути инсон кунтрул мешаванд, решаи иҷтимоӣ доранд ва ба кӯмаки абзорҳои фарҳангӣ ҳимоят мешаванд(7, 2005). Коркардҳои олии зеҳнӣ аз таҳаввули коркардҳои нахустини зеҳнӣ ба вуҷуд меоянд ва он чи ба шаклгирии ин фароянд кӯмак мекунад, авомили иҷтимоӣ- фарҳангӣ аст. Дар ҳақиқат, коркардҳои олӣ аз тариқи таомули байни фард ва заминаи иҷтимоии ӯ таҳаввул мeёбад. Коркардҳои шинохтии олӣ тадовуми коркардҳои нахустин нестанд, балки навъи ҷадиде аз сохти равоншинохтиро ба вуҷуд меоваранд(4, 1381).

Бино ба ин қонун, ҳар коркарди олии зеҳнӣ дар раванди рушди худ, қабл аз он ки дарунӣ ва табдил ба коркарди зеҳнӣ шавад, берунӣ ё иҷтимоӣ будааст. Гузар аз сатҳи байнизеҳнӣ ба сатҳи дарунзеҳнӣ ва рушди тадриҷии коркардҳои шинохтии олиро дар дидгоҳи Виготский дарунишудан меноманд (7, 2005). Ҳар коркарди шинохтии олӣ дар ҷараёни рушд ва такомули худ, заруратан, аз марҳалаи берунӣ убур мекунад, зеро, дар асл, коркарде иҷтимоӣ аст. Фароянди дарунишудан ба таври худкор ва табиӣ рух намедиҳад, балки дар натиҷаи фаъолияти фард аст. Интиқол аз шакли ҷамъӣ ба шакли фардии рафтор ибтидо сатҳи кулли фаъолиятро пойин меоварад. Шаклҳои иҷтимоии рафтор печидатар ва пешрафтатаранд ва вақте дарунӣ ва фардӣ мешаванд, ибтидо аз лиҳози амалкарде шеваи содатарро ба худ мегиранд. Ба унвони мисол, гуфтори худмеҳварона аз назари сохторӣ ибтидоитар аз гуфтори иҷтимоӣ аст, бо ин ҳол ба унвони марҳалае дар рушди зеҳн болотар аз гуфтори иҷтимоӣ дар ҳамон син қарор дорад. Коркардҳои олии зеҳнӣ аз тариқи фаъолият ба вуҷуд меоянд ва айнияти ёфтаи амал ҳастанд ва фаъолияте воситаманд ва аз назари иҷтимоӣ маънидор мебошанд. Маншаи воситамандии абзори фарҳангӣ ё дар абзорҳои моддӣ ва низомӣ аз намодҳо ё дар рафторҳои инсонҳои дигар нуҳуфтааст(4,1381). Фароянди рушди коркардҳои олии зеҳнӣ на ба таври мустақим, балки аз тариқи як восита ё бино, ба гуфтаи Виготский: як аломати имконпазир мешавад ва ин восита метавонад сохтаҳои дасти башар, вожаҳо ва ё рафтори инсонӣ бошад(2, 1380).

Ба ақидаи Виготский, ҳамчунон ки ёдгирандагон бо фаъолиятҳое дар муҳити иҷтимоии худ даргир мешаванд, дониши худро аз ҷаҳон месозанд. Ҳар муҳите абзорҳоеро дар ихтиёри онон қарор медиҳад, ки ин фаъолиятҳоро ҳимоят мекунад, ё воситаи анҷоми онҳо мешаванд. Виготский абзорҳои фарҳангиро ба ду даста тақсим мекунад, ки коркардҳои мутафовите доранд. Абзори моддӣ (техникӣ), абзорҳои фарҳангӣ ҳастанд, ки барои амал кардан бар мавзӯот дар муҳит ихтисос ёфтаанд. Барои мисол, чакуш ё мех ин имконро медиҳад, ки ду қитъа чӯби ҷудо аз ҳамро ба сурати ду қитъаи ба ҳам пайвастаи чӯбӣ тағйири шакл диҳем. Абзорҳои равоншинохтӣ ё намодҳо абзорҳои фарҳангӣ ҳастанд, ки афкор ва рафторҳоро ҳидоят ва миёнҷигарӣ мекунанд. Абзорҳои равоншинохтӣ тавоноиҳои шинохтиро рушд медиҳанд ва тафаккури ҳалли масъаларо ҳимоят мекунанд. Забон муҳимтарин абзорҳои равоншинохтӣ аст, ки имкони иртиботи иҷтимоӣ, таъсир бар дигарон ва ҳидояти тафаккур ва ҳалли масъаларо фароҳам мекунад(7, 2005).

Тафовут байни абзори моддӣ ва равоншинохтӣ аз лиҳози ҷиҳатгирӣ аст. Абзорҳо мутаваҷҷеҳи ашёи хориҷӣ ва намодҳо мутаваҷҷеҳи фаъолиятҳои одамӣ ҳастанд. Ҳамон гуна ки корбурди абзории хос чигунагии истифода аз онро бо як шайъ таъйин мекунад, кайфияти як аломат вижагии коркарди равониро таъйин мекунад. Виготский бар ин бовар аст, ки «ҷанбаҳои равоншинохтии фаъолиятҳои моддии абзорӣ ва фаъолияти воситаманди намодин дар ҳам танидаанд. Тасаллут бар табиат ва тасаллут бар рафтор иртиботе мутақобил доранд, чаро ки дар ҷараёни тағйир ва табдили табиат ба василаи инсон моҳияти худи ӯ(инсон) низ тағйир мекунад»(4, 1381, с. 153). Виготский аломат ва намодҳоро ҳамон вожаҳо медонад, ки абзоре иҷтимоӣ ҳастанд ва кӯдак бо истифода аз он абзор коркардҳои нахустини зеҳнии худро маҳор карда ва онҳоро созмон медиҳад ва ба сурати коркардҳои олии зеҳнӣ меоварад.

Бино ба назарияи Виготский, забон ҳам василаи муҳиме барои таомули иҷтимоӣ ва ҳам василаи тафаккур ва худназмдиҳӣ аст. Манзур аз худназмдиҳӣ дар ин назария тавоноии андешидан ва ҳал кардани масоил бидуни кӯмаки дигарон аст.

Забон ба унвони низоме пӯё ва муташаккил аз аломатҳо дорои ду нақши мутафовит ва марбут ба ҳам мебошад. Нахустин кокарди забон илқои отифӣ ва тафҳим ва тафоҳум аст, ки

ҷанбаи берунӣ дорад. Ба тадриҷ ин гуфтор даруни мешавад ва василаи шинохт ва тафаккур мешавад ва пеш аз он ҳолати бинобинӣ дорад(5, 1380). Дар ин дидгоҳ, рушди коркардҳои шинохтӣ ба дунболи омӯзиш ба вуҷуд меоянд ва он чи дар ин замина аҳамият дорад, тавоноии кӯдак нест, балки рушде аст, ки кӯдак метавонад бо омӯзиш, таҷриба ва истифода аз абзорҳои фарҳангӣ ба даст оварад. Мафҳуми минтақаи тақрибии рушд аҳамияти таомулоти иҷтимоиро дар рушди коркардҳои шинохтӣ нишон медиҳад.

Яке дигар аз мафоҳими аслии назарияи Виготский минтақаи тақрибии рушд аст. Мафҳуми минтақаи тақрибии рушд таомулоти иҷтимоӣ ва омӯзишро дар рушд ва такомули коркардҳои шинохтии олӣ ошкор менамояд(7, 2005). Виготский бар ин бовар аст, ки фарояндҳои таҳаввул ё ё рушд ба дунболи фарояндҳои ёдгирӣ рух медиҳанд ва барои исботи ин назар Виготский нишон додааст, ки вақте кӯдакон ба ҳоли худ раҳо мешаванд, то мустақилона ба ҳалли масоил бипардозанд, як навъи тавоноӣ аз худ нишон медиҳанд ва вақте ки бо ҳамкорӣ ва ҳидояти бузургтарҳо ва кӯдакони болиғтар аз худ дар ҳалли масоил иқдом мекунанд, тавоноии бештар аз худ нишон медиҳанд. Тавоноии кӯдак дар ҳалли масоил ба таври мустақилона муаррифии сатҳи феълии рушди ӯ ва тавоноӣ дар ҳалли масоил ба кӯмаки дигарон нишондиҳандаи сатҳи рушди билқувваи ӯст ва манзур аз минтақаи тақрибӣ рушди тафовут байни сатҳи феълии рушд бо сатҳи рушди билқувваи ӯ мебошад(8, 2002). Бино ба таъриф, «минтақаи тақрибии рушд ба доманае аз таколифе, ки фард ба танҳоӣ аз ӯҳдаи анҷоми онҳо барнамеояд, аммо ба кӯмаки бузургсолон ё кӯдакони болиғтар аз худ қодир аст, онҳоро анҷом диҳад, гуфта мешавад»(3, 1386).

Минтақаи тақрибии рушд таколиферо шомил мешавад, ки кӯдак ҳанӯз ёд нагирифтааст. Аммо, агар бузургтарҳо ӯро ёрӣ диҳанд, аз ӯҳдаи анҷоми он таколиф ва ёдгирӣ бармеояд. Такясозиро метавон ба фароянди ҳидояти ёдгиранда аз он чи акнун медонад, ба он чи қарор аст, ёд бигирад. Виготский мегӯяд: «Озмунҳои ҳуш ё озмунҳои ҳалли масъала, ки амалкарди мустақилонаи дониши кӯдакро месанҷанд, сатҳи рушди феълии ӯро андоза мегиранд, аммо бо қадре пурсиш ва посух ва ҳидояти кӯдакон метавон ононро водошт, то тавоноии бештаре аз худ нишон диҳанд.»

Шогирдишинохтӣ, ки яке аз мафоҳими аслии назарияи созандагароии иҷтимоӣ аст, нашъатгирифта аз назарияи иҷтимоии Виготский аст. Манзур аз шогирдишинохтӣ ин аст, ки ёдгирандагон аз роҳи даргирӣ бо таколиф ва масоили воқеӣ ва асил ва зимни ҳамкорӣ бо афроди дорои маҳорати бештар ба ёдгирӣ бипардозанд, бино ба таърифи шогирдишинохтӣ, яъне кор кардани ёдгирандаи ғайримоҳир дар канори як ёдгирандаи моҳиртар аз ӯ(2005). Дар шогирдишинохтӣ муаллимон ағлаб роҳбари даҳоиро ба донишомӯзон ироа медиҳанд, аз кӯшишҳои онон дар анҷоми фаъолиятҳо ҳимоят мекунанд ва дар ниҳоят донишомӯзонро дар идомаи кор ба сурати мустақил ташвиқ мекунанд. Омӯзиши дунафара ва ёдгирии мушорикатӣ гунаҳое аз шогирдишинохтӣ ҳастанд, ки дар онҳо муаллим ба донишомӯз дар ҷиҳати дарунӣ кардани дониш ва маҳоратҳо кӯмак мекунад. Асли муштарак дар шогирдишинохтӣ дорбастсозӣ (такягоҳсозӣ) мебошад. Дар дорбастсозӣ фард бо кифоят барои фарде, ки аз кифояти пойинтаре бархӯрдор аст, дорбаст месозад. Дорбастсозӣ фароянде аст фаротар аз кӯмак кардан ва ёрӣ расондан. Вуд ва ҳамкоронаш(1976) дорбастсозиро фароянде медонанд, ки фардро қодир месозад, то битавонад ҳалли масъала намояд, маҳорати анҷоми корро ба муҳити хориҷ густариш диҳад ва ё ба ҳадафе бирасад, ки бидуни кӯмаки дорбаст наметавонист ба он даст ёбад.

Дар дорбастсозӣ 5 асл матраҳ мебошад, ки иборатанд аз:

1. Қасд ва иродаи ёдгиранда: ҳар барномаи омӯзишӣ бояд ба гунае таррохӣ шавад, ки ба ёдгиранда кӯмак намоянд, ки корашро ба сурати худангехта ба анҷом расонад.

2. Муносибсозӣ: дар муносибсозӣ таклиф бояд ба андозаи кофӣ душвор бошад, ки ёдгиранда ниёз ба кӯмак дошта бошад.

3. Сохтор: улгӯи роҳбарии омӯзиш, навъи суолот ва мисолҳо ва таколифи клосӣ мебояд мутаносиб бо равиши созандагӣ бошад.

4. Мушорикат: муаллим ҳамроҳи ёдгиранда аст ва фаоянди омӯзиш дар қолиби таомули иҷтимоӣ сурат мегирад.

5. Дарунӣ кардан: ҳимояти муаллим ҳамроҳ бо канорагирӣ аст, ба гунае ки ёдгиранда битавонад таколифро ба танҳоӣ анҷом диҳад.

Дорбастсозӣ дар чанд марҳала анҷом мешавад: ибтидо муаллим бештар масъулияти анҷоми корро ба ӯҳда мегирад. Дар марҳалаи баъд донишомӯз ва омӯзгор масъулияти муштаракеро дар анҷоми кор мепазиранд. Роҳнамоии муаллим бо таваҷҷӯҳ ба афзоиши маҳорати донишомӯз камтар мешавад ва саранҷом ёдгиранда ҳамаи масъулияти анҷоми корро ба ӯҳда мегирад. Дар гоми охир интиқол аз амалкарди ҳимоятшудаи иҷтимоӣ ба амалкарди мустақил дида мешавад. Дар дидгоҳи Виготский, дар ин марҳала остонаи тозае барои рушд ба вуҷуд омадааст.

Муҳимтарин корбурди ин назария дар омӯзиш ин аст, ки бояд фурсатҳое барои донишомӯзон фароҳам шавад, ки бо кӯмаки муаллим ё ҳамсолони моҳиртар биёмӯзанд. Дониш дар байни мардум ва муҳит сохта мешавад, ки шомили мавзӯъҳо, сохтаҳои дасти башар, абзор, китоб ва ҷавомеъе, ки мардум дар он зиндагӣ мекунанд, аст. Бинобар ин, дониш метавонад дар таомул бо дигарон дар фаъолиятҳои мушорикатӣ густариш ёбад(8, 2002). Мафоҳими назарии Виготский корбурдҳое барои омӯзиш ва арзишёбӣ дорад. Нақши фарҳанг дар рушд мунҷар ба ин мешавад, ки клосҳои дарс ба унвони бофтҳои фарҳангӣ дар назар гирифта шаванд.

Мафҳуми минтақаи тақрибии рушд созу корҳоеро барои омӯзиши маҳоратҳо ва роҳбурдҳо тадорук мебинад ва ҳамчунин сохторе барои арзёбии зарфиятҳои омӯзишии донишомӯзон фароҳам мекунад. Виготский таомули иҷтимоиро дар омӯзиш бисёр зарурӣ медонад, зеро коркардҳои шинохтии олӣ монанди: истидлол, дарк ва тафаккури интиқодӣ нахуст дар таомулоти иҷтимоӣ эҷод мешавад ва сипас, ба василаи афрод дарунӣ мешаванд(9, 2004). Дар корбурди назарияи Виготский, ба гуфтаи Козлин, муаллимон бояд барои донишомӯзон фурсатҳоеро эҷод кунанд, ки онҳо бо ҳамсолони худ сохтани донишро биёмӯзанд.

Илова бар раҳнамудҳои куллии ҳосил аз назарияи Виготский, корбурдҳои дақиқтар ва амалитари назарияи ӯро метавон ба шарҳи зер баён дошт:

1. Муаллимон бояд забонро як мавзӯи меҳварӣ талаққӣ кунанд ва дар омӯзиши он ҷиддияти бештаре ба кор банданд, зеро бар асоси ин назария забон таъсири бисёре бар рушди коркардҳои олии зеҳнӣ дорад.

2. Муаллимон матолиби дарсиро дар як бофти фарҳангӣ- иҷтимоӣ омӯзиш диҳанд, зеро рушди шинохтӣ қавиан мутаассир аз масоили фарҳангӣ - иҷтимоӣ аст.

3. Муаллимон ҳамвора донишомӯзонро бо масоиле рӯбарӯ созанд, ки қадре фаротар аз сатҳи тавоноиҳои феълии онон бошад.

4. Муаллимон донишомӯзонро ба ҳарф задан бо худ ташвиқ кунанд, зеро донишомӯзонро дар ҳидоят ва кунтрули андешидан ёрӣ медиҳад. Донишомӯзоне, ки тавоноии худомӯзии шинохтӣ доранд, ҳам аз ҷиҳати кайфият ва диққат ва ҳам аз лиҳози суръат бар ёдгирии худ назорат доранд.

5. Муаллимон аз донишомӯзони тавонотар бихоҳад, то дар мавзӯъҳое, ки бар онҳо тасаллут доранд, ба донишомӯзони заифтар кӯмак кунанд.

6. Муаллимон донишомӯзонро ташвиқ кунанд, то бо ҳамёрии якдигар ва ба сурати мушорикатӣ ба ёдгирӣ бипардозанд.

7. Муаллимон беҳтар аст ибтидо масоили ниматамомро дар ихтиёри донишомӯзон қарор диҳанд ва аз онон бихоҳад, то онҳоро комил кунанд. Аз ин тариқ, муаллим метавонад донишомӯзонро дар ҳалли масоил ба таври комил ташвиқ кунад(6, 2007).

Дар кул, бар асоси назарияи иҷтимоӣ- фарҳангии Виготский метавон гуфт, ки фарҳанги ҳар ҷомеа асоситарин омили таъйинкунандаи рушди фардӣ аст. Ва ҳар кӯдак дар фарҳанге, ки дар он бузург мешавад, рушд ва пешрафт меёбад. Ба ҳамин тартиб, ёдгирӣ дар муҳити фарҳанге хос сурат мегирад ва фарҳангҳои мутафовит бо таваҷҷӯҳ ба дидгоҳҳои мутафовити худ ба гунае мутафовит заминаҳои рушд ва ёдгириро барои инсон фароҳам мекунанд. Бар асоси чунин рӯйкарде фароянди ёдгирӣ бояд шомили ин фароянд бошад. Ба сурати ҳалли масъала бо ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ бо дигарон(дӯстон, муаллимон…), истифода аз қобилиятҳои дарунсозии афрод дар фароянди ёдгирӣ, яъне, иттилооти ғанӣ дар ихтиёри донишомӯзон қарор гирад. Таъкид бар тааммул, гуфтугӯ, ҳамкорӣ ва ҳамфикрии ёдгиранда бо дигарон ва эҷоди такягоҳи иҷтимоӣ ё ҳамон дорбастсоз ва бо бакоргирии роҳбурдҳои донишомӯзи меҳвар метавон ин шароитро дар фароянди ёдгирӣ ба вуҷуд оварад. Яке аз равишҳои шогирди меҳвар равиши ёдгирии мушорикатӣ аст, ки баргирифта аз назарияҳои созандагароии иҷтимоӣ мебошад ва имрӯза дастандаркорони омӯзишӣ таъкиди бисёре бар бакоргирии он дар муҳитҳои омӯзишӣ доранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: назарияи Виготский, ёдгирии мушокиратӣ, маҳоратҳои шинохтӣ, ёдгирии мавқеиятӣ, ёдгирӣ ва тадрис.

## АДАБИЁТ

1. Раиси Доно, Фараҳ Лиқо. Назарияҳои иҷтимоӣ- фарҳангӣ ва корбурдҳои он дар омӯзиш. Рушди тикнулужии омӯзишӣ. Давраи бистум:- Теҳрон, шум. 163, 1383, с. 25-43.
2. Сайф Алӣ Акбар. Равоншиносии парваришӣ:- Теҳрон: Огоҳ, 1380, с. 709.
3. Сайф Алӣ Акбар. Равоншиносии парваришӣ:- Теҳрон: Огоҳ, 1381, с. 700.
4. Козолин А. Равоншиносии Виготский. Сайр ва таҳаввули андешаҳо:- Теҳрон: Огоҳ, 1381, с. 375.
5. Виготский А.А. Андеша ва забон:- Теҳрон: Фарҳангиён, 1380, с. 241.
6. Villiam M. Categorise Learning Theories implecations to instruction and class management, online http: Education world, 2007.
7. Fetsco T Mc clure, J. Educational Psychology New York: Allyn and Bacon, 2005.

8. Santrok J.W. Educational Psychology New York: Mc Grae, Hillcom Pannies. P: 675, 2002.
9. Woolflok A.E. Educational Psychology. gth Boston: Allyn Bacon. P:661, 2004.

**ТЕОРИЯ ВЫГОЦКОГО И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ**

В статье отмечается важность теории Выготского и она заключается в том, что бы создать условия учащимся с помощью педагогов и их активных ровесников. Культура каждого общества является основным предназначением для развития личности.

**THE THEORY OF VIGOTSKY AND ITS USING IN PROCESS OF EDUCATION**

In article is noted about importance of these theories in that that to create the condition of students by means of teacher and their successful person of the same age. The Knowledge is built amongst people and surrounding, and society in which he lives.

# НАҚШИ РАВИШҲОИ ТАДРИСИ ФАЪОЛ ВА ЁДГИРИИ МУШОРИКАТӢ

*Зӯҳраи Кова*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Фаъолияти донишомӯз барои ёдгирӣ ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳи мутафаккирони таълиму тарбият буда, аммо ин амр дар солҳои ахир таваҷҷӯҳи бештареро ба худ ҷалб карда ва таҳқиқоти зиёде низ дар ин замина сурат гирифтааст.

Акнун донишомӯзон барои рӯ ба рӯ шудан бо таҳаввулоти шигифтангези қарни бисту якум бояд ба таври физоянд маҳоратҳои тафаккури интиқолӣ ва халлокро барои тасмимгирии муносиб ва ҳалли масоили печидаи ҷомеа фаро гиранд, то битавонанд бо тафаккури мантиқӣ ва наққод сарнавишти ҷомеаи ҷаҳониро баррасӣ ва арзёбӣ кунанд. Омӯзиши маҳоратҳои тафаккур ва ёдгирӣ аз тариқи равишҳои фаъол зарурӣ ба назар мерасад ва ин амр усулан ба тағйири бунёдии равишҳои омӯзиш ва ёдгирӣ дар мадорис муяссар мешавад.

Лизо, бо таваҷҷӯҳ ба ин масоил ва мушкилот, интизор меравад, мураббиён ва муаллимон нигоҳи тозае ба омӯзиш бияндозанд ва бар руҳдодҳои омӯзишӣ рӯйкарде нав дошта бошанд ва бо истифода аз анвои равишҳои фаъол мӯҷиби рушди қувваи тафаккур, халлоқият ва эътимод ба нақши рӯҳияи ҷустуҷӯгарӣ ва сайёлии зеҳни донишомӯзон бишаванд ва онҳоро барои вуруд ба дунёи печидаи имрӯз омода кунанд.

Омӯзиш ва парвариш: Бо пешрафти ҷавомеъ ва анбошти тадриҷии дониши маҳоратҳо ва фунуни кор ва зиндагии иҷтимоӣ андешаи ин дастовардҳо беш аз пеш аҳамият ёфт ва идомаи ҳаёти ҷомеа бад- он вобаста шуд. Аз ин рӯ, зарурати вуҷуди ниҳоде, ки вазифаи интиқоли фарҳанг ба насли ҷадидро бар ӯҳда бигирад, ба хубӣ эҳсос мешавад ва ниҳоди омӯзиш ва парвариш метавонист дар канори хонавода ин вазифаро анҷом диҳад. Эҳтиёҷ ба исботи ин нукта нест, ки гуфта шавад танҳо аз чашмандози омӯзиш ва парвариш аст, ки ҳар ҷомеа ва ё аср ва даврҳо метавонад худро беҳтар муаррифӣ, тавҷеҳ ва баён кунад ва саранҷом ваҳдат ва куллиёти худро ба вуҷуд оварад ва аз ин тариқ аст, ки фард, ҷомеа ва ё даврҳо метавонанд ба равиши ақлонае ба зарфияти лозим барои мавҷудияти фардӣ, иҷтимоӣ ё таърихӣ ва ҳамчунин ба марҳалаи равобити мантиқӣ, ки ин аҷзоро ба ҳам мепайвандад, даст ёбанд.

Ёдгирӣ ва тадрис: Ширкат додани донишомӯзон дар фароянди ёдгирӣ танҳо мунҳасир ба суол кардан аз онҳо нест. Донишомӯзон қудратмандтарин шахс дар мавқеияти ёдгирӣ ва тадрис аст ва, дарвоқеъ, ӯст, ки ёдгириро муҳаққақ месозад.

Имрӯз ёдгирӣ рӯйдоде иктишофӣ талаққӣ мешавад, ки аз тариқи мушоракати фаъоли муаллим ва донишомӯз сурат мегирад. Зарурати шинохти равобити фаъол байни авомили тадрис аҳамияти бисёр дорад. Ба илова, фарогирон бояд худро дар батни фароянди омӯзишӣ бубинанд ва нақши роҳбурдӣ дар иктишофи мафоҳим ва улумро дарк кунанд. Дар ин сурат, бо илми тавлидшуда шарик мешаванд, бо камоли майл аз он дифоъ ва пуштибонӣ мекунанд ва ба корбурди улум эътиқод ва имони росих мееёбанд. Дар ин ҷараёни ёдгирӣ дар тамоми абъод (маҳоратҳои зеҳнӣ, маҳоратҳои физикӣ ва тарзи фикр) иттифоқ меуфтад.

Ёдгирӣ яке аз муҳимтарин заминаҳо дар равоншиносии имрӯз аст ва ироаи таърифӣ аз он коре бас душвор аст. Дар фароянди омӯзиш ёдгирӣ аз тариқи тадрис сурат мегирад ва «тадрис иборат аст аз таомул ё рафтори мутақобили муаллим ва донишомӯз бар асоси тарҳи муназзам ва ҳадафдори муаллим барои эҷоди тағйир дар рафтори донишомӯзон». Бо таваҷҷӯҳ ба таърифе, ки аз тадрис ироа шуд, дар ин фароянд, аввалан, бояд ёдгиранда фаъол бошад, сониян, дорои тарҳ ва таahҳуди хосе бошад, солисан, ангезаи лозим барои ёдгирӣ дар донишомӯзон эҷод кунад ва, билохира, бо зиндагии иҷтимоии онҳо ҳамоҳангӣ дошта бошад.

**Аҳамияти равишҳои фаъоли тадрис**: Суқрот нахустин касе буд, ки ба равиши фаъоли тадрис таваҷҷӯҳ кард. Ба назари ӯ, маълумот ва дониш дар даруни афрод нуҳуфтааст ва бояд онро берун кашид. Набояд иттилоотро ба даруни афрод интиқол дод. Равиши тадриси Суқрот ба тарҳи пурсишҳои муназзам овардани мисол барои посухҳои ғалат ва такрори матлаб ба сурати мухталиф буд. Он чи имрӯз равиши суқротӣ хонда мешавад (ва бештар арзиши суханронии таъдодӣ мешавад), аз ӯ нашъат гирифтааст.

Тадрисеро, ки дар он бар фаъолияти донишомӯзон таъкид мешавад, тадриси фаъол меноманд ва дар таърифи он метавон гуфт: «Равише аст, ки дар он донишомӯзон дар ҷараёни омӯзиш нақши фаъоле бар ӯҳда доранд, ба баҳс мепардозанд, масоилро ҳал ва тамрин мекунанд ва бо истифода аз роҳнамоиҳои муаллим ба касби таҷриба мепардозанд ва ба иборате, таомуле дутарафа байни муаллим ва шогирд вуҷуд дорад». Кант Ҷунз ва Илизги нишон додаанд, ки тадриси фаъол боиси ҳамкории бештари донишомӯзон бо ҳам ва коҳиши мушкилоти мудирияти клос мешавад.

Яке аз усули ҳафтгонаи омӯзиш ва парвариш асли фаъолият аст. Тибқи ин асл, шогирд бояд дар ҷараёни ёдгирии фаъол бошад ва худ бо роҳнамоии муаллим ба фарогирӣ бипардозад. Матлаби дарсӣ вақте барои шогирд ба сурати масъала ё мушкил даромад ва худи ӯ саъй кард, онро ҳал кунад ва мутолиоту таҳқиқоти озмоишҳо ва баҳсҳои лозимро анҷом дод, он гоҳ метавон гуфт, ки дар ҷараёни ёдгирӣ нақши муассире дошта ва дарвоқеъ матлаби мавриди баҳсро ёд гирифтааст. Ёдгирӣ вақте сурат мегирад, ки шогирд худ таҷриба кунад ва дар натиҷа таҷриба дар афкори тамоилот ва аъмоли ӯ зоҳир шавад.

Аз сӯйи дигар, дар шароити имрӯз, ки вусъати иттилооти мавҷуд бо тавоноии афрод дар истифода аз он ҳамхонӣ надорад, муаллим бояд ба масобаи танҳо махзани дониш сирфан ба суханронӣ ва интиқоли иттилоот бипардозад, балки бояд дар афзоиши маҳорати тафаккур ва истидлоли донишомӯзони худ бикӯшад ва онҳоро аз марҳалаи ҳифз кардани маталиб ба марҳалаи тафаккур савқ диҳад ва дар ёфтани роҳи ҳалли муносиб, ки асоси ёдгирии тавъам бо тафаккур аст, таълим диҳад. Бо таваҷҷӯҳ ба он чи баён шуд, муаллим бояд бикӯшад дар клос шароите ба вуҷуд оварад, ки дар он донишомӯзон ёд бигиранд, ки бар асоси омӯхтаҳои хеш амал кунанд. Тадрис ҳарф задан нест, балки фароянде берунӣ ва шомили силсилаи фаъолиятҳое аст, ки илм бо иҷрои онҳо ёдгириро суръат мебахшад. Дар ин сурат, шак нест, ки онҳо матлабро беҳтар ва бештар ёд хоҳанд гирифт.

Вақте донишомӯзон дар ҷараёни ёдгирӣ чашм, гӯш(забони гуфтор) ва дастҳоро ба кор гирад, қатъан бештар ва беҳтар ёд хоҳанд гирифт, то замоне ки фақат гӯш кунанд. Мизони таваҷҷӯҳи донишомӯзон ба гуфтаҳои муаллим дар синнини мухталифи таҳсилӣ аз бист дақиқа таҷовуз намекунад, дар бақияи замон клоси донишомӯзон ба фаъолиятҳои дигаре мубодират меварзанд. Дар равиши фаъол мушоракати ҳамаҷонибаи донишомӯзонро металабад. Вақте мо бихоҳем як клосро дар сатҳи болоии фаъолият қарор диҳем, ба назар мерасад, яке аз роҳҳои аслии рушди фаъолияти донишомӯзон дар гурӯҳ таҳаққуқ пайдо мекунад. Зеро таомулоти байни онҳо наздик ва рӯ дар рӯ аст ва онон омӯхтаҳои худро дар асари таомул бо дигарон меёбанд ва дар ин ҳолат аст, ки онҳо ба умқи ёдгирӣ дар мавзӯоти дарсӣ мерасанд.

Ба забони дигар, рушди ҳамаи тавоноиҳои билқувваи донишомӯзон дар гурӯҳ иттифоқ меуфтад. Онҳо маҳорати иҷтимоӣ пайдо мекунанд, метавонанд бо оми назароти худ ба худиброзии муассир бирасанд ва ё бо назароти мухолифи иддаи худ ошно шаванд ва бо таҳаммули андешаҳои муғойир аз тафаккуроти мантиқӣ дифоъ кунанд ва дар заминаҳои иҷтимоӣ низ ба сиаи садр бирасанд ва эътиқод пайдо намоянд, ки афроди ҳозир дар гурӯҳ бо ақоид ва афкори мухталиф мавзӯъро мавриди баҳс қарор медиҳанд ва аз манозири мухталиф ба он менигаранд ва пас аз тарҳи дидгоҳҳои гуногун ва нақди он ба арзёбии масъала мепардозанд. Ин ҷост, ки афроди гурӯҳ ҳувияти худро бозмеёбанд ва кам- кам ба тавоноиҳои билқувваи худ пай мебаранд. Вақте ба худ меоянд, чи нақшҳои мусбате дар баҳси гурӯҳӣ ифо намудаанд ва ҳамагӣ худро дар қиболи мавзӯи матраҳшуда масъул медонанд ва чи зебо масъулиятҳоро байни аъзои худ тақсим намудаанд ва ҳар кадом нақши муносиберо ба ӯҳда гирифтаанд. Он мавқеъ аст, ки онҳо ба таҳлили матлаби таровишшуда аз зеҳни аъзои гурӯҳ мепардозанд ва матолиби омӯхташуда дар умқи ҷоншон нуфуз мекунанд. Беҳтар аст, бигӯем, бо матлаби омӯхташуда аҷин мешаванд ва дигар байни онҳо бо мавзӯи дарсӣ фосилае вуҷуд надорад. Ва аз ин ки муаллим аз чунин роҳбурде истифода мекунад, ӯро на муаллими муваффақ, балки раҳбаре доно медонанд, ки тавониста аз лаҳза- лаҳзаи вуҷуди бачаҳо истифода намояд. Таҳаввули дарунӣ дар онон эҷод намояд ва иниржии беинтиҳои ононро ба ҷараёни хурӯшоне табдил кунад ва донишомӯзон аз будан дар чунин клосе эҳсоси лаззат менамоянд, зеро дар ин клос раҳбаре вуҷуд дорад, ки нирӯҳои билқувваи ононро шинохта ва саъй менамояд тавони бемисоли ононро ба мансаи зуҳур бирасонад ва медонад, ки тавонҳои нуҳуфтаи донишомӯзон

саршор аз инржиҳои мутафовити алвон ва аҷиб аст. Бинобар ин, бояд коре анҷом диҳад, ки дархӯри азамати ин захоири илоҳӣ бошад. Ва он кадом талош аст? Талоше аст, ки муаллим битавонад илова бар баёни донистаниҳои илмӣ кӯмак намояд, то донишомӯзон роҳи расидан ба мавзӯоти илмиро дар гӯрӯҳ намоянд ва пас аз кашфи роҳи дастёбӣ ба масъала дар гурӯҳ бар рӯйи чароии мавзӯъ тамаркуз кунанд.

Дар мавриди равишҳои тадриси фаъол ва ғайрифаъол пажӯҳишҳои зиёде сурат гирифтааст. Аксари ин таҳқиқот дар кишварҳои урупоӣ ва омрикоӣ будааст. Ба таври куллӣ, баррасӣ ва таҳқиқоти анҷомшуда дар бораи равишҳои тадриси фаъол ва ғайрифаъол нишон медиҳад, ки ҳамвора равишҳои фаъол коротар ва муассиртар будааст. Гич ва Барлойнар дар таҳқиқоте нишон додаанд, ки кайфияти ёдгирӣ дар равишҳои тадриси фаъол (аз ҷумла равишҳои баҳси гурӯҳӣ) бештар аз равишҳои ғайрифаъол монанди суханронӣ ва тамрин ва такрор аст. Мак Киҷи ва Кулик дар мутолиае ду равиш: суханронӣ ва баҳси гурӯҳиро бо се малок: «озмуни иттилооти воқеӣ», «ёддорӣ ва тафаккури сатҳи боло» ва «ангезиш ва нигариш» бо ҳам муқоиса кардаанд.

Натоиҷи таҳқиқ нишон дод, ки дар 21 мавриди муқоиса дар малоки аввал: равиши суханронӣ, 12 маврид баҳси гурӯҳӣ беҳтар буд. Дар 9 мавриди муқоиса, ки бо малоки саввум анҷом гирифт, равиши баҳси гурӯҳӣ дар 7 мавридбеҳтар аз равиши суханронӣ буд ва дар як мавридмисли ҳам ва як маврид заифтар аз равиши суханронӣ буд. Баррасии таҳқиқоти марбут ба тадрис ва ёдгирии сутӯҳи болои шинохтӣ, ки ба ҳиммати Тубин анҷом шуда, нишон медиҳад, ки тавоноии истидлоли мантиқӣ, ирзои ниёзҳои шинохтии донишомӯзон, ангезиш барои ёдгирии мудирияти сахеҳи клос ва гурӯҳбандии фаъолиятҳои донишомӯзон аз роҳи тадриси фаъол ва аъмоли усули он мумкин мешавад. Он чи баён шуд, танҳо қисмате аст, ки дар бораи короии равишҳои фаъоли тадрис сурат гирифтааст. Дар кишвари мо, мутаассифона, таҳқиқ васеъ ва ҷомее сурат нагирифта ва дар таҳқиқоти анҷомшуда бештар ба масоили ҳошиявӣ пардохта шудааст. Дар таҳқиқоте, ки равишҳои тадрисро бо ҳам муқоиса кардаанд, низ ишколоти равишшинохтӣ вуҷуд дорад ва натоиҷи онҳо қобили таъмим нест.

Нигоҳе ба он чи гузашт, баёнкунандаи ин масъала аст, ки бояд дар низоми омӯзишии мо таваҷҷӯҳи бештаре ба кайфияти ёдгирӣ бишавад ва матолиб тавре баён шавад, ки сутӯҳи болоии шинохтӣ аз қабили корбурд, таҷзия ва таҳлил, таркиб ва арзишёбиро дарбар гирад, то донишомӯзон битавонанд аз он чи фаро гирифтаанд, дар зиндагӣ истифода кунанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, аввалан, бояд муаллимонро бо рӯҳои фаъол ошно кард, тавре ки битавонанд онҳоро ба кор гиранд; сониян, таҳқиқоти васеъ ва густардае дар заминаи мушкилоти муаллимон ва низоми омӯзишӣ аз назари таваҷҷӯҳ накардан ба фаъолияти донишомӯзон сурат гирад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** равишҳои тадрисӣ, омӯзиш ва парвариш, ёдгирӣ ва тадрис, равишҳои **фаъоли** тадрис ва ёдгирӣ.

## АДАБИЁТ

1. Билар Робирт. Корбурди равоншиносӣ дар омӯзиш. Мутарҷим: Кадевар Парвин:- Теҳрон: «Маркази донишгоҳӣ», 1369.
2. Гония Робирт. Шароити ёдгирӣ. Мутарҷим: Наҷафӣ Занди Ҷаъфар:- Теҳрон: «Рушд», 1374.
3. Гич, Барлойнар Сӣ. Равоншиносии тарбиятӣ. Мутарҷимин: Лутфободӣ Ҳусайн ва ҳамкорон:- Машҳад: «Тус», 1984.
4. Девйи Ҷон. Таҷриба ва омӯзиш ва парвариш. Мутарҷим: Мирҳусайнӣ Алиакбар:- Теҳрон: «Маркази тарҷима», 1369.
5. Иславин Робирт. Ҷамъбандии таҳқиқоти анҷомшуда пиромуни ёдгирии мушоракатӣ. Мутарҷим: Фақеҳӣ Фотима:- Теҳрон: «Таълим ва тарбият», 1372.
6. Лиюнорд Клорк. Омӯзиш дар давраи мутавассита. Мутарҷим: Ҷавод Зуҳуриён:- Машҳад, 1378.
7. Насри Исфаҳонӣ Аҳмад. Авомили муассир дар беҳбуди кайфияти тадрис:- Теҳрон: «Таълим ва тарбият», 1371.
8. Панҷомин Блум. Вижагиҳои одамӣ ва ёдгирии омӯзишгоҳӣ:- Теҳрон: «Маркази донишгоҳӣ», 1363
9. Руссу Жон Жок. Амил. Мутарҷим: Киё Манучеҳр:- Теҳрон: «Ганҷина», 1372.
10. Сузон Олис, Сузон Олин. Ошноӣ бо ёдгирӣ аз тариқи ҳамёрӣ:- Теҳрон: «Най», 1378.

## РОЛЬ ПРОЦЕССОВ АКТИВНОГО И СОВМЕСТНОГО ОБУЧЕНИЯ

В данной статье рассматривается роль процессов активного и совместного обучения в процессе обучения.

## A ROLE OF PROCESSES ACTIVE AND CO-EDUCATION

In given article the role of processes active and co-education in the course of training is considered.

# БАРРАСИИ ТАҲЛИЛИ МИЗОНИ МУВАФФАРАҚИЯТИ ҲУНАРИСТОНҲОИ ФАННӢ ВА ҲИРФАӢ

*Муҷтабоҳ Алибекиён*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Пажӯҳише бо унвони барассии мизони муваффақияти ҳунаристонҳои фаннии ҷавори корхонаву авомили муассир дар он дар муқоиса бо ҳунаристонҳои фаннии оддӣ дар устони Теҳрон анҷом шуд. Равиши бакоррафта дар ин таҳқиқ аз навъи шабоҳи озмоишӣ будааст. 5 ҳунаристони маъмулӣ, ки шароити комилани мушобеҳ доштаанд, бо якдигар муқоиса шудаанд. Ҷамъияти намунаи таҳқиқи 242 ҳунарҷӯ ва 70 нафар кадри омӯзишӣ аз ҳунаристонҳои ҳамҷавори корхона ва 354 ҳунарҷӯ ва 101 нафар кадри омӯзишии ҳунаристонҳои ғайриҷавор будааст. Ду навъи пурсишнома дар таҳқиқ ба кор рафтааст: пурсишномаи ҳунарҷӯён бо 32 суол ва пурсишномаи коромӯзон бо 57 суол.

Анҷоми кори амалӣ, ҳамкорӣ дар воҳидҳои санъатӣ, таъмини ояндаи шуғли ҳӯнарҷӯён, мудирият, алоқамандии муаллимин ба шуғли худ, ҳамоҳангии равобити инсонӣ байни кадри омӯзишӣ, имконот ва таҷҳизоти омӯзишӣ, арзёбии имтиҳонот, истеъдоди таҳсилӣ ва амалии ҳунарҷӯён, истифода аз кадри фаннии санъат барои омӯзиши дуруси амалӣ ва тахассусӣ, иртиботи мӯҳтавоии дарсӣ бо санъат, буҷа ва имконоти молӣ, ҳамоҳангӣ бо идораи омӯзишии фаннӣ ва ҳирфаӣ ба унвони авомилу мутағайирҳое, ки дар пешрафти таҳсил муассиранд, дар ду навъи ҳунаристон муқоиса ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо муқоисаи авомили мазкур дар ҳунаристонҳои ҳамҷавори корхона ва маъмулӣ натоиҷи зер ба даст омад:

1) Пешрафти таҳсилии ҳунарҷӯёни ҳамҷавор бо корхона, бавижа, дар дарсҳои амалӣ ва маҳоратҳои фаннӣ аз ҳунарҷӯёни ҳунаристонҳои фаннии ғайриҷавор бештар аст.

2) Авомиле монанди ояндаи шуғлӣ, омӯзиши амалии тавъам бо кору ҳамкории воҳидҳои санътии муҷиби пешрафти таҳсилии бештаре дар ҳунарҷӯёни ҷавори корхона нисбат ба ҳунарҷӯёни ғайриҷавор будааст.

3. Ҳунарҷӯёни ҳар ду гурӯҳ намунаи алоқаи зиёде ба ширкат дар конкурс доранд ва аз ин назар, бо якдигар тафовуте надоранд ва дарвоқеъ, таъмини бештари ояндаи шуғлӣ таъсире бар коҳишангезии ҳунарҷӯён барои ширкат дар конкурс надоштааст.

Дар пажӯҳиши дигаре мизони коройии даруниву берунии шохаҳои фанниву берунии шохаҳои фанниву ҳарфаӣ баррасӣ гардид. Барои ҷамъоварии иттилоот ба сурати намунагирии тасодуфии табақаӣ ба ҳунаристонҳои фанниву ҳирфаӣ ва кишоварзӣ муроҷиа ва пурсишномае тавзеҳ гардид, ки барои баррасии коройии дарунии шохаҳои фанниву ҳирфаӣ дар барои имконоти физикиву имконоти омӯзишӣ ва ҳамчунин мӯҳтавои дурус, риёзат аз риштаи таҳсилӣ, ояндаи шуғлӣ ва муҳаррикҳои муассир дар интихоби ришта танзим шуда буд. Намунаи оморӣ дар ин бахш 14 00 нафар будааст, ки аз 5 дар сади ҷомеаи омории ҳунарҷӯён интихоб гардид.

Барои баррасии коройии берунӣ пурсишномае танзим гардид, ки дар барои улувиятҳои баъд аз таҳсил ва нигориши шуғливу нигориши таҳсилии фориғуттаҳсилон таҳия шуда буд ва ба сурати мусоҳибаи ҳузурӣ бо муроҷиа ба адреси (адрес) фориғуттаҳсилон иҷро ва ҳаҷми намунаи 150 нафар таъйин гардид.

Равишҳои омории мавриди назар шомили омори тавсифӣ (дар сад, фаровонӣ, миёнгин, намудорҳо ва ҷадвали марбута) ва омори истинботӣ (зариби ҳамбастагӣ, озмуни тафовути t – test, анализ) мебошад. Муҳитарин ёфтаҳои пажӯҳиш иборатанд аз:

1). Ҳунаристонҳо (дар устони Озорбойҷони шарқӣ) аз назари боздеҳи омӯзишӣ, бо таваҷҷӯҳ ба шохисҳои омӯзишӣ ва парваришӣ, болотар аз миёнгин мебошанд.

2). Риёзати ҳунарҷӯён аз риштаҳои таҳсилии мавҷуд мусбат аст.

3. Ҳадамоти мушовиравӣ ва алоқамандии донишомӯзон ба кору талош ба унвони муҳаррикҳои муассир дар интихоби риштаи таҳсилӣ нақши зиёде дар коройии дарунии ҳунаристонҳои устон дорад.

4. Нигориши таҳсиливу ҷинсияти фориғуттаҳсилон нисбат ба риштаҳои таҳсилӣ мутафовут аст.

5) Нигориши таҳсилии донишомӯзон ба риштаҳои фанниву ҳирфаӣ дар коройии дарунии ин шоха муассир аст.

6. Байни зарфияти бозори кори риштаҳои фанниву ҳирфаӣ ва коройии берунии шохаҳои фанниву ҳирфаӣ робитаи маънодор вуҷуд надорад.

Дар як таҳқиқи дигар мизони коройии берунии фориғуттаҳсилони ҳунаристонҳо ва омӯзишкадаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт ва натоиҷе ба шарҳи зер ба даст омад:

Ҷадвали (1) коройии берунӣ ба тафкики баъд дар ҳунаристонҳо ва омӯзишкадаҳо

| Дар сади коройии омӯзишкадаҳо | Дар сади коройии ҳунаристонҳо | Коройии берунӣ |
|---|---|---|
| 57% | 54% | баъди фардӣ |
| 54/85% | 52/5% | баъди иҷтимоӣ |
| 56% | 58/25% | баъди иқтисодӣ |

Дар ҳунаристонҳо коройии берунӣ дар баъди фардӣ 54 дар сад ва дар баъди иҷтимоӣ 52/5 дар сад ва дар баъди иқтисодӣ 58/25 дар сад аст. Ҳамчунин, дар омӯзишкада коройии берунӣ дар баъди фардӣ 57 дар сад ва дар баъди иқтисодӣ 56 дар сад аст. Метавон гуфт, талошу ангезаҳои фардиро омили он донист, на омӯзишҳои фанниву ҳирфаӣ. Аммо ба ҳар ҳол, бо таваҷҷӯҳ ба даст наомадани чиҳилу чанд дар сад аз коройии берунӣ натиҷа метавон гирифт, ки дар сади коройии берунӣ матлуб набуда ва чораҷӯӣ аз ин замина ба назар мерасад.

**Ҷадвали (2) коройии берунӣ ба тафкики риштаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ**

| Дар сади коройии риштаҳои ҳирфаӣ | Дар сади коройии риштаҳои фаннӣ | Коройии берунӣ |
|---|---|---|
| 23/5% | 57/75% | Дар баъди фардӣ |
| 52/5% | 54/75% | Баъди иҷтимоӣ |
| 53/5% | 63/25% | Баъди иқтисодӣ |

Коройии берунӣ дар баъди фардӣ барои риштаҳои фаннӣ ба мизони 57/75 дар сад, яъне ки баъди фардии коройии берунӣ таъмин шудааст. Ҳамчунин, дар риштаҳои ҳарфаӣ 53/5 нишон медиҳад, ки баъди фардии коройии берунӣ таъмин гаштааст. Озмуни оморӣ тафовути маънодоре байни риштаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ нишон медиҳад, ки ба ибораги дигар, метавон гуфт, коройии берунии баъди фардӣ дар риштаҳои фанниву ҳирфаӣ шабеҳи якдигар мебошад.

Коройии берунӣ дар баъди иҷтимоӣ ба мизони 54/85 дар сад барои риштаҳои фаннӣ нишон медиҳад, ки баъди иҷтимоии коройии берунӣ таъмин шудааст. Ҳамчунин, дар риштаҳои ҳирфаӣ мизони 52/5 нишон медиҳад, ки баъди иҷтимоии коройии берунӣ таъмин гаштааст.

Дар озмуни омори байни риштаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ тафовути маънодоре мушоҳида намешавад. Ба ибораги дигар, метавон баён дошт; коройии берунӣ дар баъди иҷтимоӣ дар риштаҳои фанниву ҳирфаӣ шабеҳи якдигар мебошанд.

Коройии берунӣ дар баъди иқтисодӣ барои риштаҳои фаннӣ ба мизони 63/25 дар сад ва дар риштаҳои ҳирфаӣ мизони 53/5 дар сад ҳокӣ аз таъмини коройии берунӣ мебошад.

Озмуни оморӣ бо итминони 99 дар сад тафовути маънодореро байни ин ду ришта нишон медиҳад. Ба ибораги дигар, метавон баён дошт: коройии берунӣ дар баъди иқтисодӣ дар риштаҳои фаннӣ ба таври маънодоре беҳтар аз риштаҳои ҳирфаӣ аст. Иллати он ба далели камбуди нерӯи инсонии мувлидро дар риштаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ дар марокизи саньатӣ ҷиҳати такмили чархаи тавлид донист.

**Ҷадвали (3) коройии берунӣ ба тафкики ҷинс дар ҳунаристонҳо ва омӯзишкадаҳо**

| Омӯзишкадаҳои духтарона | Омӯзишкадаҳои писарона | Ҳунаристонҳои духтарона | Ҳунаристонҳои писарона | Коройии берунӣ |
|---|---|---|---|---|
| 55% | 57/6% | 54% | | Дар баъди фардӣ |
| 52/7% | 55/4% | 2/7% | | Баъди иҷтимоӣ |
| 49/4% | 59% | 9/6% | | Баъди иқтисодӣ |

Коройии берунӣ дар баъди фардӣ барои писарон дар ҳунаристон 54% ва омӯзишкада 7,6% мебошад. Ҳамчунин, дар ҳунаристони духтарон 54/4% ва омӯзишкада 55% мебошад. Натоиҷи бадастомада аз озмуни оморӣ тафовути маънодоре байни таҳсил дар ҳунаристон ва омӯзишкадаро нишон медиҳад. Ба ибораги дигар, метавон баён дошт, ки муқоисаи коройии берунии писарон ва духатарони баъди фардӣ байни ҳунаристонҳо ва омӯзишкадаҳо шабеҳи якдигар мебошад.

Ба назар мерасад, ба далели ба даст наёмадани чиҳилу чанд дар сади коройии берунӣ дар баъди фардӣ ҳам дар ҳунаристонҳо ва дар омӯзишкадаҳо андешидани тадобири лозим зарурӣ ба назар мерасад.

Коройии берунӣ дар баъди иҷтимоии писарон низ дар ҳунаристон 52/7% ва омӯзишкада 55/4% мебошад. Ҳамчунин, дар ҳунаристони духтарон 53/1% ва омӯзишкада 52/7% мебошад. Натоиҷи бадастомада аз озмуни оморӣ тафовути маънодоре байни таҳсил дар ҳунаристон ва омӯзишкадаро нишон медиҳад. Ба ибораги дигар, муқоисаи коройии берунии писарон ва духтарон дар баъди иҷтимоӣ шабеҳи якдигар аст.

Коройии берунӣ дар баъди иқтисодии писарон низ дар ҳунаристон 59% ва дар омӯзишкада 59% мебошад. Ҳамчунин, дар ҳунаристони духтарон 51% будаву омӯзишкада 49/4% мебошад. Натоиҷи бадастомада аз озмуни оморӣ бо итминон 99% тафовути маънадоре байни мардон ва занон дар баъди иқтисодии коройии берунӣ нишон медиҳад. Ба иборати дигар, коройии берунии дар баъди иқтисодӣ дар мардон ба таври маънодоре беҳтар аз занон аст.

Пешниҳодҳо:

а) Риштаҳои ҳирфаӣ

1) Пешниҳодҳо дар баъди фардӣ:
- Афзоиши риштаҳои ҳирфаӣ барои занон;
- Афзоиши воҳидҳои амалӣ ва коргоҳӣ дар риштаҳои ҳирфаӣ барои занон;
-Афзоиши таҷҳизот барои анҷоми корҳои амалӣ дар риштаҳои ҳирфаӣ барои занон.

2) Пешниҳодҳо дар баъди иҷтимоӣ:
-Афзоиши воҳидҳои амалӣ ва коргоҳӣ дар риштаҳои ҳирфаӣ барои мардон;
- Таърифи риштаҳои ҳирфаии мавриди ниёзи занон ба таваҷҷӯҳ ба маҳалли сукуноти онҳо.

3) Пешниҳодҳо дар баъди иқтисодӣ:
- Дар ихтиёр қарор додани иттилооти фаннӣ ва таҷрибаи корӣ дар риштаҳои омӯзишкада барои ба даст овардани шуғл барои занон;
-Дар ихтиёр қарор додани иттилооти фаннӣ ва таҷрибаи корӣ дар риштаҳои ҳирфаӣ барои ба даст овардании шуғл барои занон;
-Ҳамоҳанг кардани шуғли муносиб дар риштаҳои ҳирфаӣ барои афзоиши ризояти шуғлӣ барои занон. Дар таҳқиқе таҳти унвони арзишёбӣ аз амалкарди таҳсилии клосҳо ва ҳунарҷӯёни риштаҳои мухталифи фаннӣ ва ҳирфаӣ амалкардаи келосҳо ва ҳунарҷӯёни риштаҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин таҳқиқ аз клоси дарс ва нумраи ҳунарҷӯён ба унвони кучактарин воҳиди иттилоотӣ истифода шудааст. Тамоми клосҳои омӯзишкадаҳои фаннӣ ва ҳирфаии кишвари ҷомеаи оморӣ ин баррасиро ташкил додаанд, ки дар маҷмӯъ 37 847 ба унвони ҷамъияти намунаи таҳқиқ интихоб шудаанд.

Дар арзишёбӣ аз нумуроти озмунҳои пешрафти таҳсилии (имтиҳонот) муаллимон дар ҳунаристонҳои саросарии кишвар ва нумраи фард натоиҷи ҳосил аз арзишёбӣ нишон додааст, ки:
-Дурусии забони катбӣ, риёзӣ, физик, ҳисоби фаннӣ ва шимӣ дар афтодани таҳсилии ришта мавриди баррасӣ муассир будааст;
- Омили ирфоқ дар нумраи бисёре аз дурус, минҷумла, дуруси шифоҳӣ ва дурус бо амалкарди заиф муассир аст.

Таҳқиқоти анҷомшуда дар хусуси мушкилоти мавҷуд дар омӯзишҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ:

Баъзе аз пажӯҳишҳои анҷомшуда дар заминаи омӯзишҳои кори дониш ва гузоришҳои китобӣ ва шифоҳӣ теъдоде аз дастандаркорони иҷрои ин омӯзишҳо мавориди зерро нишон медиҳанд:

1) Фориғуттаҳсилони ин омӯзишҳо исрори зиёде барои вуруд ба донишгоҳ доранд. Чизе ки ҳадди ақал ба унвони ҳадафи мавриди назар набудааст, дар ҳоли ҳозир бахши қобили таваҷҷӯҳе аз зарфияти давраҳои кордонии фаннӣ ва ҳирфаӣ, ки бо аҳдофи комилан мутамоиз аз кори дониш барои шохаи фанниву ҳирфаӣ ба манзури тарбият тарроҳӣ шуда, тавассути фориғуттаҳсилони кори дониш пур шудааст. Он чи тайии чанд сол гузаштааст, амалан дар шохаи кори дониш иттифоқ афтода, бо ҳадафи аслии ин шоха (тарбияти нерӯи инсонии сатӯҳи нимамоҳир ва моҳири мавриди ниёзи бахшҳои иқтисодии ҷомеа бар асоси ниёзҳои тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба наҳве, ки ҳар як аз афроди шоғил ё мутақозиёни иштиғол дар ҷомеа барои коре, ки анҷом медиҳанд, ё довталаби анҷоми он ҳастанд, дониш ва маҳорати кофӣ касб намоянд) ба ҳеҷ ваҷҳ созгорӣ надорад.

2. Иҷрои омӯзишҳои маҳоратӣ дар марокизи омӯзишӣ вобаста ба вазорати омӯзиш ва парвариш, бо вуҷуди хазинаҳои таҷҳиз ва роҳандозии ин мадорис ва дар натиҷаи ҷудоии маҳоратомӯзон аз муҳити воқеии кор сабаб мешавад, ки фориғуттаҳсилони ин шоха аз маҳорати таҷҳизот, вуҷуди таҷҳизот ва васоили коргоҳӣ баъзан мустаҳлак ва ё аз радаи хориҷ зиёд будани теъдоди донишомӯзон, одами вуҷуди маҳоратомӯзии воқеъ дар бисёре аз мадорис ва бераѓбатии бахше аз донишомӯзон ба риштаи таҳсилӣ низ дар ин руҳдод таъсир дорад.

3. Ҳидояти таҳсилии донишомӯзон барои вуруд ба риштаҳои ин шоха ба дурустӣ анҷом намегирад. Бахши қобили таваҷҷӯҳе аз вурудиҳои ин шоха бо далоиле аз ҷумлаи адами касби шароити вуруд ба дигар риштаҳо ва аз рӯйи икроҳ ва иҷбор вориди ин риштаҳо шудаанд.

4) Дар барномаҳои дарсии шохаи кори дониш низ ишколоте вуҷуд дорад. Ба назари теъдоде аз мудирон ва хунаромӯзон зиёд будани соати дуруси ихтиёрии коргоҳ ва дар муқобили теъдоди

воҳиди кам манзур шуда, барои онҳо сабаб шуда, то донишомӯзон ба рағми бефоида будани дуруси назарӣ онҳоро ба дуруси коргоҳӣ тарҷеҳ дода, интихоб намоянд.

5) Вазъияти нерӯи инсонии шохаи кори дониш аам аз ҳунаромӯзон дуруси маҳоратӣ, сарпараст, анбордор, мушовир ва ғайра аз муҳимтарин масоили ин шоха аст. Бахши умдае аз нерӯи инсонии шоғил дар воҳидҳои омӯзишии кори донишро нерӯҳои муваққат, ки ғолибан синхийате бо омӯзишҳои маҳоратӣ надоранд, ташкил медиҳад.

6) Ба эътиқоди мудирон ва ҳунаромӯзон эҷод ва тавсеаи риштаҳо мутаносиб бо ниёзҳои манотиқ ва бар асоси ниёзсанҷӣ нест. Баъзе аз афроде, ки дар манотиқ, ба истилоҳ ниёзсанҷиро анҷом медиҳанд, шинохти кофӣ аз минтақа надошта, ё тавоноии лозим барои ин кор надоранд. Баъзе аз риштаҳо таҳлилӣ аст. Дар бисёре аз манотиқ барои доир намудани баъзе аз риштаҳо хазинаҳои газофе сарф шудааст. Баъзе аз риштаҳо дар бештар ё ҳама мадориси як минтақа мавҷуд аст, бидуни он ки ниёзи минтақа ба он риштаҳо дар назар гирифта шуда бошад.

Дар пажӯҳише ба унвони "баррасии мушкилоти иҷрои ироаи омӯзишҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ ва кори дониш дар воҳидҳои омӯзишӣ аз дидгоҳи ҳунарҷӯён, ҳуаромӯзон ва мудирони шаҳри Исфаҳон баррасӣ ва таҳлил гардид".

Дар ин пажӯҳиш равиши намунагирии тасодуфии табақаӣ мутаносиб бо ҳаҷми ҷомеа аст. Намунаи омории ҳунарҷӯён як дар сади ҷомеаи оморӣ баробари 199 нафар аст, ки пас аз ҳазфи пурсишномаҳои маҳдӯш 196 пурсишнома марбут ба гурӯҳи ҳунарҷӯён таҷзия ва таҳлил гардидааст. Маҷмӯи ҳунаристонҳои шаҳри Исфаҳон 55 воҳиди омӯзишӣ аст, ки тамоми мудирон, ҳунаристонҳо мавриди назархоҳӣ қарор гирифтаанд, вале назар ба ин ки бо истифода аз озмуни Смирнов тавзеҳҳои намунагирӣ нормал (нормальный) будааст. Таъмими ёфтаҳо бо кулли ҷомеа имконпазир аст. Пурсишномаҳои мадҳӯш ва ноқис ҳазф шуда, аз гурӯҳи мудирон 32 пурсишнома мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифт, ки аз назари оморӣ аз эътибори он коста намешавад. Ҷомеаи омории муаллимони ҳунаристонҳо ё ҳунаромӯзон 1880 нафар будаанд ва бо истифода аз фурмул (формула) бароварди намунагарӣ дар мавриди мутағайирҳои табақаӣ 5% ҷомеа, яъне 94 донишомӯзу ҳунаромӯз мавриди назархоҳӣ қарор гирифтаанд ва пас аз ҳазфи пурсишномаҳои ноқис 80 пурсишнома мавриди таҷзияву таҳлил қарор гирифт. Гузиниши ҳунаромӯзон ва ҳунарҷӯён дар 5 ноҳия ба шеваи тасодуфӣ сурат гирифтааст ва ҳунаромӯзон дар ҳар ноҳия бар асоси ҷамъияти ҳунаромӯзони шоғили ҳар ноҳия интихоб шудаанд.

Абзори андозагирӣ дар ин пажӯҳиш иборат аз се пурсишнома муҳаққақ сохтааст, ки ҳар пурсишнома мушкилоти иҷрои омӯзишҳои фаннӣ, ҳирфаӣ ва кори донишро аз дидгоҳи як гурӯҳ аз се гурӯҳи мудирон, ҳунаромӯзон ва ҳунарҷӯён баррасӣ менамояд. Ҳар пурсишнома мураккаб аз сӣ саволи бастаи посух бо тайфи панҷгузинаӣ аст. Ҷиҳати тахмини нормал (нормальный) будани тавзеҳҳои намунагирӣ аз озмуни Смирнов дар сатҳи Р№0/05 истифода гардидааст. Пурсишномаҳои ҳунарҷӯён ё донишомӯзони ҳунаристонҳо, бо истифода аз озмуни маҷзури (Х2) таки мутағайира мавриди таҳлил қарор гирифт. Корбурди ин озмун дар мавриди пажӯҳишҳое аст, ки мизони тавофуқи афрод дар тавзеи фаровонӣ мақулаҳои мухталифи мавриди назар аст.Ҷиҳати баррасии шиддати робита аз озмун истифода шудааст. Вақте озмуданиҳои ду гурӯҳи мустақилро битавон бар ҳасби мутағайир мавриди мутолиа рутбабандӣ кард, ба манзури иҷрои озмун фарзияи адами тафовути байни гурӯҳҳо аз лиҳози мутағайири мазкур метавон аз озмуни (И) истифода кард. Дар ин пажӯҳиш дидгоҳҳои се гурӯҳи мустақил, дар мавриди мутағайири мушкилот иҷрое аз озмуни Карускол Волис истифода шудааст ва барои озмуни суолҳои марбут ба ҳар гурӯҳ аз ҳунарҷӯён, ҳунаромӯзон ва мудирон аз озмуни Т таки мутағайира истифода гардидааст.

Бахше аз ёфтаҳои пажӯҳиш ба шарҳи зер аст:

-Адами таносуби имконот ва таҷҳизоти ҳунаристонҳо аз назари ҳунарҷӯён таъйид гардид;

-Таносуби риштаҳои таҳсилӣ бо рағбатҳои ҳунарҷуён таъйид гардид;

- Адами таносуби барномаҳои дарсӣ, равишҳои тадрис ва равишҳои имтиҳони танаввуриву амалӣ бо ниёзҳои фарогирон таъйид шуд. Адами таносуби имконоти идомаи таҳсил дар давраҳои кордонӣ ва коршиносӣ бо ниёзҳои ҳунарҷӯён таъйиид гардид;

-Адами таносуби барномаҳои дарсӣ, равишҳои тадрис ва равишҳои имтиҳони танаввуриву амалӣ бо ниёзҳои фарогирон таъйид шуд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ҳамкорӣ, воҳидҳои санъатӣ, шохаҳои фанниву берунӣ, ҳунаристонҳои фанниву ҳирфаӣ, таҳлили мизон.

## АДАБИЁТ

1. Халлоқи Алӣ Асғар. Баррасии таҳлилии мизони муваффақияти ҳунаристонҳои фаннии ҷавори корхонаӣ ва авомили муассир дар он дар муқоиса бо ҳунаристонҳои фаннии мутаориф дар устони Теҳрон. Рисолаи коршиносии аршади Донишгоҳи Теҳрон: 1369, с. 83-95.

2. Боқирӣ Чархӣ, Бобак. Мизони коройии даруниву берунии шохаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ ва кори дониш дар Озорбойҷони шарқӣ. Табрез: 1382, с.111.
3. Ҷаъфарӣ Ризо. Баррасии фаннӣ ва ҳирфаии устони Исфаҳон. Исфаҳон: Шӯрои таҳқиқоти омӯзиш ва парвариши устони Исфаҳон: 1382, с. 16-156.
4. Муқанизода Мухаммад Ҳусайн. Арзишёбии барномаҳои дарсии омӯзишии фанниву ҳирфаии Эрон. Муассисаи пажӯҳиш ва барномарезии омӯзишӣ олӣ: 1380, с. 62-68.
5. Фатҳободӣ Муҳаммад Боқир. Баррасии вазъияти ишғоли донишомӯхтагони шохаи кори дониши устони Исфаҳон: 1380, с. 80-82.
6. Мирҳодӣ Сайид Маҳдӣ. Баррасии мизони иштиғоли фориғуттаҳсилони маҳоратҳои кори дониш дар машоғили муртабит дар устони Исфаҳон. Шӯрои таҳқиқоти омӯзиш ва парвариши устони Исфаҳон: 1380, с. 84-88.
7. Ланкаронӣ Маҳноз. Баррасии мушкилоти иҷроии ироаи омӯзишҳои фанниву ҳирфаӣ ва кори дониш дар воҳидҳои омӯзишӣ аз дидгоҳи ҳунарҷӯён, ҳунаромӯзон ва мудирони шаҳри Исфаҳон. Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии мутолиоти тарбиятиву равоншиносӣ. Давраи панҷум. Шумораи аввал. Соли 1383. с. 116-134.

## ИЗУЧЕНИЕ И АНАЛИЗ ДОСТИЖЕНИЙ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ И ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

Данная статья посвящена изучению и анализу достижений профессиональных и образовательных учреждений в Иране.

## STUDYING OF THE ANALYSIS OF ACHIEVEMENTS PROFESSIONAL AND EDUCATIONAL INSTITUTIONS

Given article is devoted studying of the analysis of achievements professional and educational institutions in Iran.

# СОҲАҲО ВА ШАКЛҲОИ СИФАТИ ЗИНДАГИИ КОРӢ

***Маҳваш Солӣ Чеганӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Созмонҳо дуввумини маҳали зиндагии инсонҳо ҳастанд, ҳарчанд бино ба гуфти алоқа банди инсон дар созмон мутаввалид мешавад, дар он Рушд мекунад; таҳти таълим қарор мегирад; бо кор дар он иштиғол меварзаду пас аз бознишастагӣ то поении умр дар даруни созмон ба сар мебарад. Инсонҳо бҳтарин лаҳазоти умру зиндагии худро дар созмонҳо мегузоранд. Ҳар рӯз бо тулӯи хуршед корро оғоз ва то ғуруби он идома медиҳанду бештарин энергия ва тавоноии худро дар муҳит масраф мекунанд ва дар изои он ҳуқуқу музоё дарёфт мекунанд.

Агар муҳити кор лаззатбахшу кору шуғл маънидор бошад ва афрод аз ҳуқуқу музоёи муносиб бархӯрдор бошанд, ризояти онон аз кор дар созмон бештар хоҳад шуд, аммо чунончи, ин шароит фароҳам нагардад, рихвату сустӣ ва камкорӣ падидор хоҳад гардид ва коройӣ беҳудавариии онон ба ҳадди ақал мерасад. Он чи дар ин байн аҳамияту зарурат дорад, таваҷҷӯҳ ба кайфияти зиндагии кори афрод аст, ки имрӯз беш аз гузашта маҷомеъ ва марказҳои омӯзишиву донишгоҳӣ, илмиву таҳқиқотӣ ва муассисаҳои санъатӣ мариди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст ва муҳимтарин далел аҳамияти он таъсири амиқ бар баҳравари дар созмонҳост.

Дар ин фасл мабонии назари марбут ба кайфияти зиндагии кориву баҳраварӣ шомили мафҳумҳо, урфҳо, таъвирҳо ва дидгоҳҳо матраҳ ҳастанд.

Шохисҳои зиёдеро барои кайфияти зиндагии корӣ ва вижагиҳо ва шароити мутафавити ҷомеаҳо дар ағлаби мавридҳо муштарак мебошанд.

Аз ҷумла, ин шохисҳо, ки дар мавориди бисёр ба онҳо ишора мешавад, метавон аз музду иловамузд, хадамоти дармонӣ-осоишӣ, бознишастагӣ ва мавридҳои аз ин қабил ном бурд.

Ин шохисҳо дар соҳаҳои гурӯҳбандии Волтун иборатанд аз:

1. Шароити кории эмину солим, монанди соати кории маъқул ва шароити корӣ, ки хисороту садамоту хатароти ҷониро ба ҳадди ақал бирасонад.
2. Ҷуброни (ё системаи ҳуқуқу дастмузд) муносибу мунсифона, албатта, муносиб будани амри нисбӣ ва интизоӣ аст.
3. Фурсату имкони рушди тавонмандиҳо ва истифода аз онҳо дар кор монанди дастрасӣ ба иттилоот, истиқлол дар кору ғанисозии шуғл.
4. Фурсату имкони рушд ва амнияти мудовим ва монанди амнияти шуғлӣ ва молӣ, рушд ва бо лундагии фардӣ ва имкони тараққӣ ва пешрафт.

5. Ҳамоҳангӣ ва инсиҷоми иҷтимоӣ дар созмони кор монанди гурӯҳҳои кори ҳимоятгар, эҳсоси ҷамъӣ, гушудагии байни фардӣ, фурсату имкон, таҳрику нубувад пеши доварӣ
6. Ҳифзи ҳуқуқи асосии фард монанди ҳақ, додхоҳӣ, озодгуфторӣ, ҳифзи маҳрамона будан, иттилооти шахсӣ.
7. Таодули муносиби байни кор ва соири ҷанбаҳои зиндагии хонаводагӣ ва эҳтимои фард монанди масъулиятҳои шуғл, кор ва масъулиятҳое, ки дар муқобили хонавода ва фарзандон дорад.
8. Шуғли муносиби итимоӣ монанди саҳму аҳамияти иҷтимоӣ, кор дар созмонкор (Баззози Ҷазоирӣ, 1385: 83).

Дар Улгуи Косио (1998: 215) кайфияти зиндагии корӣ даҳ ҷанбаъ аз ниёзҳои коркунон даҳ соҳаи мухталифро шомил мешавад, ки иборатанд аз:

- Мушорикати коркунон;
- Пешрафти шуғлии коркунон;
- Ҳаллу фасли мушкилоту тазодҳои коркунон;
- Иртиботи коркунон;
- Беҳдошту саломатӣ;
- Амнияти шуғли коркунон;
- Пардохти мунсифона;
- Ғуруру ифтихори шуғли коркунон;
- Эминӣ ва ҳифозати санъатӣ;
- Ҳуввияти созмонӣ.

Френч ва Бел (2003: 226) барномаҳои QWL дар ширкати ҷенерол мутурезро шомили мавридҳои зер шумурдаанд:

1. Мушорикати довталабонаи коркунон.
2. Мувофиқат ва мушорикати иттиҳодияҳо дар фароянд.
3. Тазмини амнияти шуғлӣ (адами коҳиши шуғлҳо ба далели QWL).
4. Барномаҳои омӯзишӣ.
5. Истифода аз ҳалқаҳои кайфият, ки ба василаи он коркунон битавонанд мушкилотеро, ки бар амл кардан ба корхона ва муҳити кориашон асар кунад.
6. Даргир шудан ва ширкатҳои тими корӣ, ниёзҳои коркунон дар барномаи корӣ ва дар интихоби даста ва раҳбари даста.
7. Нишастҳои давраҳои корхона ва тим ба манзури баҳс дар бораи мавзӯҳое монанди кайфияти замон, банди эминӣ, суфоришҳои муштариён .
8. Тарғиби чархаи шуғлӣ ва тавсияи маҳорат дар тими корӣ.
9. Фароҳам кардани омӯзиши маҳоратҳо.
10. Посухгӯйӣ ба дағдаға, хотиру нигаронихои коркунон.

Дар таҳқиқе, ки анҷумани мудирияти Амрико ба амал овардааст, коркунон 11 мавриди зайлро ба унвони аҷзои умдаи кайфияти зиндагии корӣ баён намудаанд:

1. Ҳуқуқу дастмузд.
2. Музоё, ба вижа музоёи хадамоти персоналӣ.
3. Амнияти шуғлӣ.
4. Доштани шонси интихоби шуғли дигар дар созмон.
5. Надоштани танишкорӣ.
6. Ширкат дар тасмимоте, ки ба сарнавишти афрод марбут мешавад.
7. Демократӣ дар маҳали кор.
8. Саҳим будан дар суд.
9. Вуҷуди низоми бима ва бознишастагӣ.
10. Вуҷуди имконот ва хадамоти рафоми.
11. Чаҳор рӯзгор дар ҳафта (Косию, 1998, 50).

Грий ва Исторк (1988) кайфияти зиндагии кориро дар ҳашт бахш тақсимбандӣ низ менамояд:

1. Пардохти кофӣ ва мунсифона.
2. Шароити корӣ эмин ва солим.
3. Тавсия ва рушди зарфиятҳои инсонӣ.
4. Рушд ва амният.
5. Ваҳдати иҷтимоӣ
6. Бунёдгароӣ.
7. Ҳимоят аз шароити зиндагии умумӣ.
8. Равобити иҷтимоии кор.

Назар ба ин ки дастовардҳои иҷрои барномаҳои кайфияти зиндагии корӣ тафовутҳои қобили таваҷҷӯҳе бо якдигар доранд, аммо ба таври куллӣ метавон онҳоро ба се даста тақсим кард:

1. Муҳимтарин дастоварди ин гуна барномаҳо, тарзи талаққии кокунон аз кору созмон ва афзоиши ризояти шуғлӣ мебошанд.

2. Яке дигар аз ин дастовардҳо, афзоиши баҳраварӣ аст. Албатта, асароти барномаҳои кайфиятии зиндагии корӣ аз асароти соири авомили созмон мушкил.

3. Саввумин мазияти иҷрои барномаҳои кайфияти зиндагии корӣ, афзоиши асарбахши созмон аз тариқи афзоиши баҳраварӣ мебошад. Дастоварди саввум ба таври мустақим аз ду дастоварди аввал ба даст меояд. (Косию, 1998, 58).

Бо вуҷуди ин ки барномаҳои кайфияти зиндагии корӣ муфид ҳастанд, аммо ба ақидаи Мурҳад ва Гурифин мушкилоти билқуввае низ барои созмон эҷод мекунанд, ки ба шарҳи зайл мебошанд:

1. Ҳамкории мудирият ва коркунон дар тарроҳӣ ва иҷрои барнома зарурӣ аст. Дар ғайри ин сурат мумкин аст ҳар як аз тарафайн барномаро фурсате дар ҷиҳати касби имтиёз аз тарафи дигар бидонад. Кумитаҳои коркунон ва мудирият метавонанд дар ҷиҳати афзоиши ҳамкорӣ ба наҳви муассире амал кунанд.

2. Барномаҳои амалӣ бояд то иҷрои комил дунбол шаванд. Тарҳҳо мумкин аст миёни анбӯҳи мушкилоти идора ва муҳити кор ба фаромӯшӣ супурда шаванд. Ҳар як аз аъзои созмонҳо шомили мудирият ва коркунон бояд дар назар дошта бошанд, ки дар тарҳҳои таҳияшуда ба таври комил пайравӣ кунанд.

3. Саввумин мушкили мавҷуд дар мавриди иҷрои барномаҳои беҳбуди кайфияти зиндагии корӣ адами пуштибонӣ аз мудирияти миёнӣ аст, ки барои иҷрои барнома таҳти фишори мудирияти олӣ ва коркунони хатти муқаддам қарор дорад.

4. Ҳамчунин, барномаҳои беҳбуди зиндагии корӣ бояд ба беҳбудии зиндагии корӣ ва ҳифзи кори созмон мутамарказ шаванд.

5. Ба таври доимӣ ҳеҷ гуна носозгорӣ байни манобеъ байни созмон вуҷуд надошта бошад.

1. **Нақши коркунон дар тасмимгирӣ**: Ҳангоме ки ба коркунон фурсати дахолат ва аъмоли нуфуз дар тасмимгириҳое, ки дар шуғли онҳо муассир аст, дода мешавад, эҳсос мекунад, ки ба сарнавишти худ контроли бештар доранд.

2. **Мушорикати коркунон дар ҳалли мушкилот**: Беҳудагирии мустамар аз назароти коркунон ва мушорикоти онҳо дар фароиндҳои ҳалли мушкилот, то ҳадди зиёде тавоноии коркунонро дар саҳим шудан дар умури созмон ва дастёбӣ ба ҳисси пешрафту арзиш иртиқо мебахшад.

3. **Саҳим шудан дар иттилоот**: Ҳангоме афрод нисбат ба созмон эҳсоси тааллуқи бештаре мекунанд, ки аз пешрафти кор дар созмон комилан матлаъ бошанд. Ироаи гузоришҳои солиёна ва фазлӣ ба танҳоии кофӣ нест. Саҳим шудан дар иттилоот, яъне муталеъ сохтани коркунон аз пешрафтҳои созмон.

4. **Кори гурӯҳӣ ва ташрики масоил**: Аксари афрод аз ин, ки узве аз як гурӯҳ бошанд, барои расидан ба ҳадафҳои муштарак бо дигар аъзои созмон кор кунанд, лаззат мебаранд.

5. **Мафҳумдор будан ва муборизаи талаби кор**: коркуноне, ки масъулияти тайфӣ аз вазоифро бар ӯҳда доранд ва аз истиқлолу озодии амали нисбӣ бархӯрдоранд, нисбат ба касоне, ки корашон такрорӣ ва хастакунанда аст, аз кори худ эҳсоси ризоияти бештаре мекунанд.

6. **Амнияти шуғлӣ**: Ба душворӣ метавон касеро, ки нигарони аз даст додани шуғлаш мебошанд, мутақоид сохт, ки аз кайфияти зиндагии кори болоӣ бархӯрдор бошад. Бидуни истисно ҳар навъи фаъолияти беҳбуд, масолеҳи амнияти шуғлӣ аз аҳамияти босазое бархӯрдор аст. (Қумизода, 1379, 28).

**КАЛИДВОЖАҲО**: шуғли корӣ, кайфияти зиндагии корӣ, амнияти шуғлӣ, бозхурди созанда, нақши коргарон дар тасмимгирӣ.

## АДАБИЁТ

1. Салмонӣ, Довуд, 1384 Кайфияти зиндагии корӣ ва беҳбуди рафтори созмонӣ, чопи аввал, Теҳрон: Интишороти Донишкадаи мудирияти Донишгоҳи Теҳрон.
2. Ҷамшедӣ, Олия, 1379, Баррасии кайфияти зиндаги кори коркунини марказҳои тавонбахшии рӯзонаи давлатии беҳзистии устони Теҳрон.
3. Комингаз, Тумос ва Ӯрлӣ, Кристофер, 1375, Тавсияи созмон ва таҳаввул, тарҷумаи Аббоси Муҳаммадзода, ҷилди аввал, Теҳрон, Маркази интишороти илмии донишгоҳи озод.

4. Миркамолӣ, Муҳаммад 1383, Афзоиши ризоияти шуғлӣ аз тариқи маънидорсозии пешаи муаллимӣ, Теҳрон: Фаслномаи мудирият дар омӯзишу парвариш, шумораи 37.
5. Диловар, Алӣ, 1380, Асосҳои назарӣ ва Амалии пажӯҳиш дар улуми инсонӣ ва иҷтимоӣ, Теҳрон нашри Рушд.
6. Хокӣ, Ғуломризо, 1378, Равиши таҳқиқ бо рӯйкарди бар поённоманависӣ, чопи аввал, Теҳрон: Маркази омӯзиши олии таҳқиқоти илмии кишвар.

**СФЕРЫ И ФОРМЫ КАЧЕСТВА ТРУДОВОЙ ЖИЗНЕДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В данной статье говорится о направлениях и моделях качества трудовой жизнедеятельности, также предлагается форма Косю. Разъясняются программы повышения качества трудовой жизнедеятельности с точки зрения Френджа и Белла.

**SPHERES AND FORMS OF QUALITY OF LAB OUR ABILITY TO LIVE**

In given article it is told about directions and models of quality of lab our ability to live and the form of Kosju is offered. Also programs of quality of lab our ability to live from the point of view of Friendships and Bell are explained.

# ДАРКУ ТАФОҲУМИ ВОЛИДАЙН ВА ФАРЗАНДОН (НАВҶАВОНОН) НИСБАТ БА ҲАМ (НАЗОРАТИ БЕРУНӢ ВА ДАРУНӢ)

***Ғулом Ҳасани Қонеъӣ Чиганӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Вақте ки фарзандон ба давраи навҷавонӣ мерасанд, тағйироти зиёде дар иртиботи байни онҳо ва волидайн ба вуҷуд меояд. Дар бисёре аз мавoрид, ин тағйирот мунҷар ба нигаронӣ дар волидайн ва фарзандон ва эҷоди фосила дар миёни онҳо мешавад. Волидайн фикр мекунанд, ки фарзанди навҷавонашон мисли гузашта мутеъ нест ва мутобиқи дастурҳо ё интизороти хонавода рафтор намекунад. Аз тарафи дигар, ба назари навҷавонон, волидайнашон онҳоро дарк намекунанд ва таваҷҷӯҳе ба хостҳо ва интизороти онон надоранд. Ба унвони мисл, як навҷавон дар ин иртибот чунин мегӯяд:

«Волидайни ман мавқеъияти синни маро дарк намекунанд ва бо ин ки бузург шудаам, ҳамчун як кӯдак бо ман рафтор мекунанд. Аз амр ва наҳиҳояшон дар ҳар кори кӯчак ва бузург хаста шудаам. Бояд ҳамеша монанди як работ аз дастурҳои онҳо итоат кунам.

Аз такрори иборотҳои: ту бачаӣ, ту ҳанӯз намефаҳмӣ, ҳар чи мегӯем, гӯш кун, ба салоҳи ту нест, намедонӣ, ҳоло зуд аст ки сар дарбиёварӣ ва…. Ба <u>**сутӯҳ омадҳам**</u> Ҳамеша иродаи худро ба ман таҳмил мекунанд. Ҳатто дар интихоби риштаи варзишӣ ё ҳунарӣ низ бояд мутобиқи алоқаи онҳо амал кунам. Сар зада ба утоқи ман меояд ва гоҳ эҳсос мекунам, дар ғайби ман ва соиламро мегарданд. Дар эътироз ба рафторҳо, гоҳе авқот қаҳр мекунам, ҳарф намезанам ё ғазо намехӯрам ва зуд ба рахти хоб меравам. Аммо ин корҳо чорасоз нест ва на танҳо аз дастурҳо ва ба куну накуни онҳо намекоҳад, балки гоҳ авзоъ вахимтар шуда, кор ба доду фарёд мерасад».

**Дар ин ҷо метавон ду суолро матраҳ кард:**

1. Чаро, вақте ки фарзандон ба давраи навҷавонӣ мерасанд, байни онҳо ва волидайнашон фосила эҷод мешавад ва дар робита миёни онҳо мушкилоте буруз мекунад?
2. Чӣ гуна метавон байни волидайн ва фарзандонашон тафоҳум ва дарки мутақобил эҷод кард?

Дар ин мақола бо матраҳ кардани зер ба суолоти фавқ посух дода мешавад:

- Мафҳуми **шикофати наслҳо;**
- Шинохти дурусти вижагиҳо ва хусусиятҳои давраи навҷавонӣ;
- Улгӯҳои фарзандпарварӣ;
- Интизороти дуруст ва воқеӣ аз фарзандони навҷавон.

Ба ақидаи баъзе аз мутахассисон, ихтилофи амиқи миёни арзишҳо ва нигаришҳои ду насли мухталиф, яке аз далоили муҳими таоруз байни волидайн ва навҷавонон аст. Мушаххас аст, ки навҷавон ва волидайн миёни насл арзишҳои мушобеҳе надорад. Тафовути миёни ду низоми арзишӣ-волидайн ва фарзандон то ҳудуди зиёде ба синни онҳо марбут мешавад. Як навҷавон бештар баояндаи худ фикр мекунад, дар сурате ки волидайни миёнсол даргири ҳаллу фасли мушкилоти ҷорӣ ва малмустари зиндагианд. Навҷавононояндаи ормониро таҷассум мекунанд, дар ҳоле ки волидайн бо мушкилоти воқеии зиндагӣ дастбагиребонанд. Ҳамчунин, тафаккури интизоӣ ва ормонгароӣ боис мешавад, ки навҷавонон аз арзишҳою, нигаришҳо ва рафторҳои волидайн интиқод кунанд ва мумкин аст ҳамчун амр байни волидайн ва фарзандон таниш ба мавҷуд овард.

Бо вуҷуди ин, ормонгароӣ ва интиқоди навҷавонон метавонад муфид воқеъ шавад. Вақте ки навҷавонон ёд мегирад, ба қувватҳо ва заъфҳои дигарон пай бурданд, беҳтар метавонанд барои тағйири шароити иҷтимоӣ ва бар қарори равобити муносиб ва бодавом иқдом кунанд. Волидайн метавонанд ба навҷавонон кӯмак кунанд, то байни ормон ва мавқеият мувозина барқарор намояд; ба ин сурат, ки бояд интиқоди онҳоро таҳаммул кунанд ва дар айни ҳол, ба онҳо ёдовар шаванд, ки ҳама афрод, аз ҷумлаи худи навҷавонон, омезае аз хислатҳои нек ва заъфҳо ҳастанд (Барг, 2001, тарҷумаи Саййид Муҳаммадӣ, 1383). Волидайн метавонанд бо дарки дурусти вижагиҳои давраи навҷавонӣ ва низ бо фароҳам кардани замина барои самимият ва барқарории таомул бо навҷавон, на танҳо мӯҷиби коҳишу танишҳо ва тазодҳо мешаванд, балки қудрати арзёбӣ ва тавоноии фикрии фарзандонро афзоиш медиҳанд ва дар ҷиҳати таҳаммули афкори мутафовут ва таодули созандатар бо дигарон, ба онҳо кӯмак мекунанд.

Адами шинохти дурусти волидайн аз фарзандон дар давраи навҷавонӣ аз авомили муҳиме аст, ки ба эҷоди фосила байни волидайн ва фарзандон кӯмак мекунад. Бисёре аз волидайн, дарк ва шинохти дурусте аз вижагиҳо ва масоили давраи навҷавонӣ надорад. Дар иртибот бо ин вижагиҳо ва масоил, метавон ба матлаби зиёде ишора кард. Ба ақидаи Латиф Ободӣ (1378), навҷавонон бо ду масъалаи асосӣ даргиранд:

- Бозингарӣ ва бозсозии иртибот бо волидайн ва бузургсолони ҷомеа;
- Бозшиносии худ ба унвони як фарди мустақил.

Ҳамчунин, тағйироти муҳиме дар абъоди мухталифи шинохтӣ, отифӣ, иҷтимоӣ, ҷисмӣ ва ахлоқӣ дар давраи навҷавонӣ ба вуҷуд меояд. Ҳувиятёбӣ, ниёз ба истиқлол, тасаввур аз худ, равобит бо ҷинси мухолиф ва ғайра, мавриди баҳсу баррасии бисёре аз назарияпардозон ва муҳаққиқон бо ин заминаҳо қарор гирифтааст. Камбуд ё набуди иттлоъ ва огоҳӣ, ё адами дарк ва шинохти дурусти мавориди мазкур метавонад мӯҷиби танишҳо ва эҷоди фосила байни волидайн ва навҷавонон шавад. Албатта, бисёре аз навҷавонон ҳам наметаонанд нигарониҳои волидайнро ба унвони падар ё модар дарк кунанд ва камтар ба ин матлаби муҳим таваҷҷӯҳ доранд, ки волидайн дар иртибот бо тарбият ва ояндаи фарзандонашон эҳсоси масъулият мекеунанд ва мехоҳанд вазоифи худашонро дар ин замина ба хубӣ анҷом диҳанд.

